**Зафар Мирзоён**

# Се шикасти ориёиҳо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

**ББК**
**УДК**

Муҳаррири китоб        Зайдуллоева Бахтиҷамол.

Рассом - рассоми халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаҳои Шӯрои вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷоизаи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Сабзаалӣ Шарифзода

**Нависандаи китоб аз Президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ барои дастгириҳояшон сипосгузор аст.**

Китоби «Се шикасти ориёиҳо», ки бо қалами ховаршинос ва журналисти шинохтаи тоҷик Зафар Мирзоён офарида шудааст, саросар ба саргузашти гузарои тоҷикон, шикастҳо ва худбохтагиҳои таърихии онҳо ишора дорад. Бисёре аз пажӯҳишгарон сабабҳои бохти таърихии тоҷиконро дар нотавонии низомӣ ва парокандагии ин мардумон дидаанд. Нависандаи китоб ҳуши хонандагонро бо ёдкарди  шикастҳои ёдшуда, ба фиребхӯриҳои тоҷикон дар боварҳои динии худ ва содаандешиҳояшон ҷалб кардааст. Нависанда барои исботи он бохтҳо дар фаслҳои ҷудогона унвонии «Чаро Ғарб пеш рафт, вале Шарқ - шарқи мусалмон вопас монд?», «Китобсӯзиҳои тоҷикон» ва раво донистани ситоишу арҷгузориҳои ҳамлаварони худ, намунаҳои зиёдеро аз дарёфтҳои пажӯҳишгарони дигари пуркор бозоварда, натиҷагириҳояшро бар пояи далелҳои мантиқӣ устувор гардондааст. Дар роҳи росту дурусти давлатсозиву миллатсозӣ, яъне поксозии андешаҳои иштибоҳгунаи мардум, ки обишхӯри хурофотпарастӣ мебошанд, бардоштҳояшро аз гуфтаҳои

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, рӯйи саҳифаҳо нигоштааст.

Китоб барои донишҷӯён ва пажӯҳишгарони риштаҳои гуногуни илмӣ аз аҳамияти шоиста бархурдор аст. Ҳар саҳифаи ин китоб биниши хонандаро ба аҳамияти беҳамтои хештаншиносии миллӣ ва худогоҳии таборӣ равона месозад

ISBN.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Феҳристи навишторҳо

Унвон Саҳифа
Сухане чанд дар бораи ин китоб ва нигорандаи он
Равшанфикре аз кӯҳистони тоҷик........................ 6
Шикастҳои ҳазорсола набояд такрор ёбанд....... 9
Сухани нигоранда................................................ 13
Сарсухан.............................................................. 21
Гуфторе фишурда дар бораи боварҳои бостонии тоҷиктаборон
(Зӯрвонӣ, Митроизм, Зартуштӣ).......................... 25
Монӣ ва Маздак – диноварони бостон................ 44
Шикасти нахуст.................................................. 62
Ашкониён, ё Портҳо........................................... 69
Шикасти дуюм..................................................... 73
Шикасти сеюм. (Шароити саросарии Эрону
Варорӯд пеш аз ҳамлаи муғул.)........................... 95
Сабабҳои асосии шикаст аз муғулон.................. 105
Давоми шикасти сеюм........................................ 117
Эрон, Турон ва туркон........................................ 123
Номҳои Эрон ва Турон....................................... 129
Ҷайҳун марзҳои Эрон ва Турон.......................... 131
Боварҳои динии эрониён ва турониён................ 137
Забони туронихо................................................. 140
Чеҳра ва либоси туронихо................................... 143
Номҳои турониён……………………………… 146
Масофаҳо миёни Эрон ва Турон……………….. 148
Турон ва Чин……………………………………. 151
Эрон ва Порс (Форс)........................................... 156
Озодсозии фалоти Эрон ва Хуросон - (Варорӯд
бахше аз он)........................................................ 159
Сакоиҳо ва тоҷикон............................................ 165
Сакоиҳо ва сагсорон............................................ 168
Эрон, Эронзамин, Эроншаҳр ва Хуросон.......... 171

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Сухани Меҳан пас аз Фирдавсӣ........................... 181
Ситоишҳои таҷовузгарони худ........................... 191
Искандар, ё Александр Македонский................ 193
Достони Анушервони одил................................ 218
Сухани дарӣ дар хидмати бофторҳои дурӯғини сӯфиён............................................................. 221
Андешаронии озодзодагон пас аз гирифторӣ ба доми муғулону туркон....................................... 230
Дурӯғи бегонагон бар боварҳои ниёкони мо..... 235
Дурӯғи бадбинон дар бозтоби Куруши Бузург ва Томириси бодиягард..................................... 240
Куруш раҳбаре хирадманду покманиш............... 240
Дурӯғ дар пиромуни Томириси бодиягард......... 243
Дурӯғҳо дар офариниши китоби бузурги тоҷикон «Шоҳнома»......................................... 249
Китобсӯзиҳои ишғолгарон................................. 257
Китобсӯзиҳои нахуст.......................................... 258
Китобсӯзиҳои дуввум......................................... 259
Китобсӯзиҳои сеюм............................................ 263
Китобсӯзиҳои чорум.......................................... 264
Хати арабӣ, ё хати форсӣ?!................................ 266
Давоми худбохтанҳои асолати ориёӣ - фаромушиҳои хотираи таърихӣ......................... 268
Сухани дарӣ пас аз таҷовузи забони ишғолгарон..................................................... 277
Сухани илму дониш пас аз чирамандии араб..... 296
Боззоии (Ренесанси) нокоми эронитаборон....... 314
Худбузургбиниҳои мо........................................ 324
Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, дар роҳи расидан ба марҳилаи Ренесанс................... 334
Чаро Шарқ вопас монду Ғарб пеш рафт?.......... 343
Хуросон – Афғонистон....................................... 352
Имрӯз чӣ гуна ҳастем?....................................... 369
Зиндагиномаи муаллифони бозовардаҳо.......... 397

*Ин китоб аз сомонаи [kitobkhon.net](http://kitobkhon.net) боргирӣ шудааст*

Амири Кабир...................................................... 397
Алии Мирфатрус.............................................. 399
Аҳмади Касравӣ............................................... 400
Бузург Алавӣ..................................................... 401
Козим Аламдорӣ............................................... 403
Маликушшуаро Баҳор...................................... 403
Насираддини Тусӣ............................................. 406
Поризӣ – Бостонӣ............................................. 407
Пури Довуд Иброҳим....................................... 408
Умар Замахшарӣ............................................... 409
Охирсухан......................................................... 410
Вожаҳо.............................................................. 418
Феҳристи сарчашмаҳо...................................... 423

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Се шикасти ориёиҳо

**Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯйи мо қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушояд. (Эмомалӣ Раҳмон)[1]**

## Сухане чанд дар бораи ин китоб ва нигорандаи он.
## Равшанфикре аз кӯҳистони тоҷик.

Барои як лаҳза агар тасаввур ва фарз кунем, ки мо дар даст пурбине фарҳангӣ дорем ва метавонем аз маркази Тоҷикистон ба ноҳияҳо ва вилоятҳои он назар афканем, чиро метавонем бубинем? Бешак дар ҳар ноҳияву вилояти кишвари мардхези тоҷик равшанфикрони фидоӣ ва содиқеро хоҳем дид, чун Лоиқ ва Бозор Собир, ҳам дар Зарафшону Ҳисор, Раштону Хатлон, Бадахшону Хуҷанд ва дар ҳама минтақаҳои гуногуни диёри азиз...

Дар ин навиштор сухан аз як равшанфикри кӯҳистонии Хатлон аст ва Зафар Мирзоён ном дорад. Пас Зафар Мирзоён кист? Ҳоло ки ман ин сатрҳоро менависам, дар Душанбе қарор дорам, Зафар Мирзоён дар Хатлон. Мо парвардагони замони шӯравӣ мебошем ва он замон дар донишгоҳҳои пойтахт таҳсил мекардем, вале касе аз каси дигар намепурсид, ки «ту аз кадом ноҳия ҳастӣ?». Имрӯзҳо инро аз фазилатҳои даврони шӯравӣ меҳисобанд, ки гоҳе

[1] Эмомалї Рањмон, Тољикон дар оинаи Таърих. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, 2009...

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ба он камтар аҳамият медиҳанд. Гуфтан лозим аст, ки ҷавҳари сиёсати шӯравӣ интернатсионализм буд. Баъд аз он шӯравимеҳварӣ ва сипас тақдис ва парастиши халқи ягонаи советӣ (шӯравӣ), ки бояд баъди соли 1980 ба авҷи камоли худ мерасид. Яъне бояд дар ин сол Коммунизм дар Иттифоқи Советӣ пурра ғалаба мекард. Шиори машҳури он замон, ки дар ҳама дару девор, кӯҳу биёбони кишвар ба намоиш гузошта мешуд ин буд: «Насли имрӯзаи одамони Советӣ (шӯравӣ) дар замони Коммунизм зиндагӣ хоҳанд кард». Насли ману Зафар Мирзоён ба ин шиор бовар мекардем ва ҳоло ҳам чанд нафаре, ки зиндаанд то ҳадде ба ростии ин шиор боварӣ доранд. Коммунизмхоҳии Маркс ва Маздак орзӯе буд барои бародариву баробарии инсонҳои ҷаҳон. Боварии имрӯзи мо ба ин шиор ба ин маъност, ки як низоми одилона фарогири саросари ҷаҳон бошад. Инсонҳо аз ҳамдигарситезӣ даст бишӯянд ва хирад раҳбару раҳнамоӣ онҳо бошад.

Бисёр мехостам, ки аз ҷузъиёти зиндагии шахсии Зафар Мирзоён барои хонандагони ин китоб чизе бинависам, вале мутаассифона мо якдигарро ба як маъно «ғоибона» мешиносем. Ҳарчанд ки дар вақташ ҳар ду дар як донишгоҳ (Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин) таҳсил мекардем ва дар як хобгоҳ (кӯчаи Айнӣ 37) зиндагӣ мекардем. Мо чанд курс аз Зафар ва дӯстонаш болотар будем. Шеваи рафтори «Гурӯҳи Зафар» таваҷҷӯҳи моро ба худ ҷалб кард: Зафар Мирзоев, Одил Исломов ва Хайрулло Афзалов. Мо дар байни худ онҳоро «тройкаи фарҳангӣ» меномидем. Ҳар се аз як вилоят (Хатлон), ҳар се филолог ва ҳар се дар як хобгоҳ зиндагӣ мекарданд. Ҳар се инсонҳои боодоб буданд. Ҳар се якҷоя ба ошхонаву китобхона мерафтанд. Ҳар се аъло мехонданд. Эҷодкор буданд. Мақолаву шеър менавиштанд. Аввал дар рӯзномаи девории «Шарқшинос» - и факултети таъриху филология мақолаҳо нашр мекарданд, сипас дар

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

рӯзномаҳои даврии ҷумҳурӣ. Ба ҷаҳон ба чашми як инсони хушбовар, романтик ва идеяпараст менигаристанд. Ин назари онҳо то охир бетағйир мондааст. Ҳанӯз аз ҳамон замон дар суҳбатҳо таваҷҷуҳи ҳамнишинонро ба идеяи худшиносии миллӣ, беҳсозии забони тоҷикӣ - аз провинсиализмҳо пок кардани забони адабии тоҷикӣ ҷалб мекарданд. Дар он рӯзгори фарогирии идеалҳои сиёсати ҳизби коммунистӣ ҳамроҳи мо ташаббускорони тақдиси ҷашни миллии Наврӯз буданд. (Дар он замон роҳбарият ба чунин ташаббусгарон хушбин набуданд.)

Зафар Мирзоёнро ҳоло ба сифати як фарҳангии фидоӣ ва пуштибон аз андешаҳои бостонии миллати хеш мешиносанд. Ман ки ин сатрҳоро ба сифати пешгуфтор ба китоби нави дӯстам Зафар Мирзоён, зери унвони «Се шикасти ориёиҳо» навиштаам. Дар сурате, ки ин китоб саросар муқаддима ва хулоса аст ва эҳтимол ба муқаддимаи дигаре эҳтиёҷ надошта бошад. Ин нуктаро ёдовар мешавам, ки муҳтавои китоби мазкур дар баробари нақл аз саргузашти мухтасари шикасти тоҷикон (ва умуман ориёиён) дар сайри таърихии якчандҳазорсолаи худ, иллатҳои қафомондагии ҷаҳони Шарқро аз Ғарб рӯи саҳифаҳои алоҳида дорад. Барои тасбит ва поядории андешаҳои худ кори зиёди пажӯҳишӣ карда, иқтибосҳои бешумор овардааст. Навиштаҳои ӯ хонандаро, бахусус ҷавононро водор мекунад, ки дар андешаҳояшон ба худнигарии миллӣ ва худсозӣ бартарии ҷиддӣ диҳанд.

Бовар дорам худи хонанда ба танҳоӣ аз муҳтавиёти китоб лаззати маънавӣ бурда, бардоштҳои наву нодире хоҳад дошт ва низ шояд бовар ҳам кунад, ки он чӣ дар ин хотираҳо навиштаам ба сурату сирати муаллиф мутобиқат доранд.

Инро низ гуфтаниам, ки чанде пеш мақолаи Зафар Мирзоёнро зери сарлавҳаи «Эрон, Турон ва туркон», дар маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» хондам ва порчаи

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

шеъре дар накди он навиштаам, ки каме ҳам бошад ба заҳматҳои ин дӯсти шарқшинос ишора дорад.

Давоми ин иқдом бар ӯҳдаи дӯстони дигар аст, ки баъди нашри китоб дар тақризҳои худ ин пешгуфтори нотамоми моро такмил намоянд.

Ва ин аст он порчаи шеърӣ:

Таассуроте аз мақолаи профессор Зафар Мирзоён дар маҷаллаи «Осиё ва Аврупо» (№4 (12), 2022, саҳ 7 - 30, бо номи «Эрон, Турон ва туркон».)

**Такдим ба профессор Зафар Мирзоён.**

Марзу буми мулки Эронро шинохт,
Саргузашти турку Туронро шинохт.
Ман чӣ гӯям аз назокатҳои ӯ,
«Номаи Шоҳона» - ву фарҳанги Сомонро шинохт.

**Комил Бекзода, доктори илмҳои фалсафа, Сарходими илмӣ дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.**

**19 январи соли 2023**

# Шикастҳои ҳазорсоларо ҳаргиз нагузорем такрор ёбанд.

Китоби нави устод Зафар Мирзоён унвонии «Се шикасти ориёиҳо» идомаи андешаҳои доимии ӯ мебошанд, ки дар китобҳову мақолаҳо ва суҳбату маърӯзаҳои хеш пайваста изҳор медоранд. Муаллифи ин китоб умре ба омӯзиши забон ва адабиёти форс - тоҷик машғул шуда, ҳар андешаи наву тозаи худро бидуни такя ба далелҳои мустанад ва дарёфтҳои мантиқӣ ба чоп намедиҳанд. Дар китоби нави худ низ дарёфтҳои хешро бо овардани намунаҳову иқтибосҳои бешумор далелнок кардаанд.

Ҳамин аст, ки дар поварақҳои 300 саҳифаи китоб, беш аз 280 иқтибос оварда, андешаҳояшонро бо ишора ба гуфтаҳои олимону адибони саршиноси ҷаҳон тақвият бахшидаанд.

Ва гуфтан лозим аст, ки дар шумори ин иқтибосҳо ба суханони заррини Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ тарҷеҳ додаанд. Устод Зафар Мирзоён дар андешаҳои худ «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсиро ба радаи шоҳасарҳои таърихӣ - бадеии ҷаҳон ва шиносномаи тоҷикону эронитаборон шоиста донистааст. Ва устураву афсона гуморидани сурудаҳои ин шоҳи китобҳои ҷаҳонро кам кардани арзиши миллӣ ва хира сохтани суханҳои осмонии он медонанд. Устод дар навҷавониамон моро дар маҳфили доир кардаашон бо номи «Шоҳнома» - хонон омӯзиш мегузарониданд ва муддати чор сол (ҳатто дар замони ниҳоят пуркориашон дар мансаби роҳбари дастгоҳи раиси шаҳри Кӯлоб), ҳафтае як бор, рӯзҳои якшанбе гирд меоварданд. Дар яке аз нишастҳо таъкид карда буданд, ҳар гоҳ ноточиконе, ки «Шоҳнома» - ро афсонаву устура хонда, Ҳаким Фирдавсиро Ҳомери (Гомери) эрониён мегӯянд, фирефтаи он тавсифҳои рӯякӣ нашавед, зеро қаҳрамонони Ҳомери юнонӣ худоёни онҳо буда, дар осмонҳо зиндагӣ мекарданд. Қаҳрамонони «Шоҳнома» бошанд, заминӣ буда, оташро кашф кардаанд, (мисли худои юноние бо номи Прометей дуздӣ накардаанд), аспҳо ва чорпоёнро аҳливу ром кардаанд, барои нигаҳбонии Ватани худ ҷон бохтаанд. Дар ин ҷо низ аз суханони Пешвои миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар китоби «Тоҷикон дар оинаи Таърих. Аз Ориён то Сомониён» омадааст ва дар саҳифаҳои китоби аллома Бобоҷон Ғафуров, ки дар китоби рӯимизии мо «Тоҷикон» дарҷ гардидааст, далелҳои қатъиеро иқтибос меоваранд.

Китоби «Се шикасти ориёиҳо» аслан ба таърихи ошуфтагиҳои мардумони мо бахшида шудааст, то ки мо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

иштибоҳҳои таърихиамонро такрор накунем. Ба иддао ва фиребҳои дингароёни ифротӣ бовар накунем, дар дили ҳар як ҳамватанамон меҳри бепоёни Тоҷикистони азизро бипарваронем. Ба истилоҳи устод душман нахуфтааст ва агар имрӯз нисбатан ором бошад, фардо метавонад камхондаҳову ба китоб бегонагонро ба ноорамиҳо таҳрик кунад. Бесабаб нест, ки Фирдавсии бузургвор дар «Шоҳнома» Заҳҳоки моронро накушта, дар Байтулмуқаддас пинҳон доштааст. Мо бояд дар пайкари миллат масъунияти миллиро (масъуният, бо забони русӣ прививка) - ро бикорем. Зеро шахсе, ки Ватанро парастиш кунад, дорои масъунияти миллӣ гашта, гирифтори бемории ватанфурӯшӣ ҳаргиз намегардад.

Муаллифи китоб таваҷҷуҳи хонандаро ба посдошти арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ба покӣ ва зебоии забони дарӣ низ ҷалб кардааст, зеро ба андешаи ӯ забони зебои тоҷикӣ аз арабизмҳо ва зӯрвожаҳои бо дасти ишғолгарон рӯи забонамон гузошта таровати худро каме аз даст дода, нерумандиашро ҳамчун забони илм коста гардондааст.

Устод Зафар Мирзоён тавсия медиҳанд, ки дар омӯзиши адабиёти классикӣ бештар ба паҳлӯҳои ватанпарварии офаридаҳои адибони тоҷику форс рӯ оварда, дар мавриди ситоиши лашкаркашони ҳамлавари марзу буми таърихии эронитаборон, аз ҷумла Искандари Макдунӣ, Саъди Ваққос, Чингизхони ҷаҳонсӯз, Темури ланг ва монанди онҳо ҳақиқати таърихиро шарҳу тафсир диҳанд. Ба шогирдон дар синфҳои болоӣ ва донишкадаҳо моҳияти тариқати тасаввуф ва бетафовутии сӯфиёна ва тан додан ба «қазову қадар» - ро зери интиқод қарор диҳанд. Ба назари мо ин дарёфтҳои меҳанпарваронаи устод Зафар Мирзоён дар тарбияи хонандагон, ба вижа ҷавонон, аҳамияти баланд хоҳанд дошт.

Муаллифи китоби «Се шикасти ориёиҳо» дар охири навишторҳояшон ба зиндагиномаи фишурдаи адибону

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

донишмандони дар кишвари мо номашҳур, фасли алоҳидаеро бахшидааст, ки хеле омӯзанда мебошад. Зеро дар ин ҷо на ҳама бо эҷодиёти Аҳмади Касравӣ, Алӣ Мирфатрус ва дигарон огоҳӣ доранд. Дар сурате, ки ин донишмандон оид ба сабабҳои вопасмонии Шарқ ва пешравиҳои фаннии мамлакатҳои Ғарб, асарҳо таълиф намуда, кофтуковҳои ҷолиберо анҷом додаанд.

Пас аз омӯзишу таҳлили китоби «Се шикасти ориёиҳо» мо натиҷагирӣ кардаем, ки ин навишторҳои пурарзиш дар амри хештаншиносии миллӣ ва тамиз кардани пиндори нек аз пиндору кирдори бад (ба иборои Ҳакими Тӯс ҷудо кардани пиндорҳои аҳуроӣ аз аҳриманӣ) аз аҳамияти баланд бархурдор аст. Шояд пас аз мутолиаи ин китоб хонандагон ба худогоҳию худшиносӣ расида, дастурҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин замина раҳнамои хеш қарор медиҳанд.

Дар поён шеъри ба устод Зафар Мирзоён бахшидаи шоири ҷавон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Сулаймон Султонро бозмеоварем, ки ин тақризро гӯётар месозад.

Дар ситоиши устод Зафар Мирзоён. (Сулаймон Султон)

Ситоиш мар худои меҳрубонро,
Ки овардаст шеди ҷовидонро.
Ситоиш рӯзрову ростиро,
Ки бинмояд каживу костиро.
Ситоиш к - офарид озода марде,
Яке некуравону некфарде.
Зи модар зода бо андешаи нек,
Биандешад ҳама аз пешаи нек.
Ҳамеша чашм сӯйи нур дорад,
Чу Рустам фарру дасту зӯр дорад.
Бувад дар чеҳрааш хуни Сиёвуш,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Чакан з - андешаҳояш гашта гулпӯш.
Ҳамеша бо бадӣ ӯ дар набард аст,
Ҳамеша некному некмард аст.
Аз ӯ дарёфтам ман хештанро,
Басе бишнидаам волосуханро.
Ба ҳар суҳбаташ Наврӯз дорад,
Хирадро мурғи дастомӯз дорад.
Шукӯҳи ориёӣ дар нигоҳаш,
Нигаҳ дорад худо андар паноҳаш.

**Рустам Наботӣ,**

**Сардори раёсати илми ДМТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ҳамзамон Раиси шӯрои олимони ҷавони Тоҷикистон.**

## Сухани нигоранда

Дар замони ҳозир ҳар миллате барои он ки худро ҳамчун як этноси (нажоди, халқияти) ташаккулёфта шиносонад ва дар хархашаҳои ҳувиятсозии миллатҳои беҳувият ва рақобатҳои ҷаҳонишавии ҷаҳон аз нобудӣ раҳоӣ ёбад, вайро мебояд бо бознигарии роҳи дарози фаротаърихии хеш ва гузаштаи фарҳанговарӣ пайванди равшан дошт. Донишмандони доно бар онанд, ки барои расидан ба худогоҳии миллӣ мардумонаш бояд бидонанд, онҳо киҳоянд, дар пеш кӣ буданд, чӣ гуна ва бо паймудани кадом роҳҳо то ба ин ҷо расидаанд. Ва муҳим низ он аст, ки бидонанд ҳоло дар кадом муҳит ва кадом шароите зиндагӣ доранд ва барои он ки пас аз дастёбӣ ба озодӣ ва истиқлолияти давлатӣ низ донистанашон ҳатмист, ки чӣ манишу рафторе дошта бошанд то корҳоеро анҷом

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бидиҳанд, ки аз миллатҳои дигар қафо намонда пеш бираванд, ояндаи худро бисозанд.

Ошкор аст тоҷикон бар асари таъсири забону фарҳанги ҳамлаварон, ки дар баробари соҳибӣ кардан ба сарватҳои беҳамтои сарзаминашон, ҳадафи бар сарашон ҳамчун ба мағлубон бор кардани (таҳмил намудани) забон ва фарҳанги худро низ доштанд, то андозае дар кӯрароҳи худбохтагии миллӣ вомонда буданд.

Инҷониб бар онам, ки дар ин марҳилаи ҳассоси садсолаи XXI, ки сиёсатпешамардум аз ҷаҳонишавии ҷаҳон сухан меронанд, танҳо соҳибдавлат будан басанда нест. Дар баробари доштани давлати мустақил ва шукр кардан аз ин дастовард, дорои ҳувияти миллӣ, ки бар пояи антропологӣ, забону фарҳанги миллӣ, этнографӣ ва соири вижагиҳои намоёнгари миллат устувор аст, лозимамон меояд мо мардуми дар иҳотаи ноточикон зиндагӣ доштаро, то расидан ба худогоҳӣ, боясти ҳарчи зудтар ба ҳамдигаршиносӣ расид. Яъне бояд донист, ки тоҷик дар кадом ҷое набошад барои якояки мо тоҷик аст ва гузашта аз ин касе забони дарӣ ва саргузашти пурифтихор ва ҳамзамон дардбори моро дар паҳнаи Хуросони Бузург (бостон) ва ҳарими ҳарами Авасто самимона пазируфтааст ва талош ба боззоии ҳофизаи абадии забону таърихи адаби тоҷикӣ - порсӣ дорад, ба ноогоҳон бирасонад, ки рӯҳи нокоми ҳазорсолагонамон то расидани дудааашон ба рӯзгорони ҳамсӯйиву ҳамгиройӣ хаставу нигарон хоҳад монд. Бояд донист; аз ин ки арабҳо пас аз шикасти Сосониён, садсолаҳо дар зодбуми мо ҳукумат карданд ва ҳазорон араб дар сояи дингустарӣ ва паноҳи давлатдории арабӣ, регзорони бесамари хешро тарк карда, ба сарзамини рӯдборону дарахтзорон сарозер шуданд (Ба монанди арабҳои ашъарӣ, ки дар замони имомҳо ба Эрону Вароруд даста – даста кӯч карданд) ва ҳар кадоме соҳиби чаҳор зан (ғолибан аз миёни занону духтарони шавҳар ва падари ба

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

қатл расида) ва хонаву ҳавлӣ гаштанд, аз ин ки тозиён пас аз шикасти Сосониён, осиёбҳоро бо хуни тоҷикон чархонда, аз фарёду додхоҳии занону духтарони гирифтори таҷовуз лаззат мебурданд, омезишҳои генетикии фаҷеҳе ба миён омад, ки чунин офатҳои пай дар пай, мардуми дигареро ба сони гард аз рӯйи замин саросар пок медошт. Аммо озодзодагон гарчи бахше аз эшон дар пайкар аз нутфаи бегонагон огандагӣ доштанд ва то андозае чеҳраи ростини ориёии хеш бохтанд, вале сиришти тоҷикии худро аз даст надода, аз ориёиҳо ҳам ориётар монданд.

Аммо сухан ин ҷост, ки тоҷик дар бисёре аз мавридҳо ба осонӣ фирефтори чеҳраву номҳои ба истилоҳ «шарқии» нотоҷикони фитнаангез гашта, дар шинохти худиву бегона ҳамвора ба иштибоҳ роҳ додааст ва аз паёмади ҳамдигарношиносиҳо ранҷу ошуфтагиҳои ҳангуфту камаршиканеро аз сар гузаронидааст. Саргузашти нангбори на чандон дури дар ду сангар ҷой гирифтану бо машварати нотоҷикони ҷӣ дохиливу чи хориҷӣ, баҳамситезиданҳои хунини ин мардум гувоҳи равшани он андеша аст. (Ишора ба солҳои 90 – ӯми асри XX аст, ки реша дар нохудогоҳии миллӣ ва тирашавии хотираи таърихӣ дорад.)

Дар ин бора гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ниҳоят расо мебошанд: «Миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро қадр намекунад, пояҳои истиқлолияташро низ пуштибонӣ карда наметавонад.

Ва то даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мову шумо падид наояд, то даме, ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси

*Ин китоб аз сомонаи [kitobkhon.net](http://kitobkhon.net) боргирӣ шудааст*

шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем».[2]

Ҳадаф аз гирдоварӣ ва ба чоп расондани навиштορҳои дар пеши рӯи шумо буда ба таври гузаро ба бознигарии саргузашти дури тоҷикон нигаронида шудаанд. Мо дар ин ҷо нахостаем, бо такя ба нигоштаҳои таърихнигорони пуркор шикастурехти ҳазорсолаҳои тоҷиконро як - як бознависӣ кунем, зеро ба ин кори душвор бузургони донишмандамон дар нимаи дуюми садсолаи гузашта килки заррини худро фарсудаанд.

Барои як меҳанпарасте, ки мехоҳад давлати миллӣ дошта бошад ва аз вопасмониҳои давлату миллати хеш нангаш ояд, аз таҳлилҳои худ дармеёбад, ки ҳамдиёронамон парастиши арзишҳои миллӣ ва нигаҳбонии ҳувияти тоҷикии худро дар пасманзари андешаҳову боварҳои худ гузошта буданд ва ҳоло низ як шумори чашмрас он арзишҳоро ночиз мегуморанд, ки ниҳоят дардовару хатарзо аст. Марди меҳри бепоёни Меҳан дар дил дареғ медорад, ки ин миллат аз шикасти ҳазорсолаҳои худ то ҳанӯз панде нагирифта, ба ҳар гуна бофторҳову пиндорҳои омиёнаи бо номи дин ороишёфта, бо содагӣ бовар мекунад. Мо дар мақолаҳову гуфторҳои худ борҳо ба пурсиши сарнавиштсозе ба гунаи «Динро боясти миллӣ кард ва ё давлатро мебояд диннӣ», рӯ оварда бидуни дудилагӣ бо овардани намунаҳо аз гузаштаи тоҷикон ва мардумони ному ҳувияташон аз саҳифаи таърих зудуда гуфтаем ва бозхоҳем гуфт, ки талошу кӯшиш барои давлатро диннӣ кардан ба инқироз ва сукуту пошхӯрии давлати тоҷикон хохад овард. Бояд бим дошт, ки мо дар куҷо қарор дорем ва панҷаи кадом ҷаҳонхорон бар фарқи

---

[2] Эмомалї Рањмон. Истиќлолият неъмати бебањост, Душанбе, Шарќи озод. 2001, с. 94

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

сари мо соя дорад. Бояд баррасӣ ва таҳлили сиёсӣ дошт ва дида тавонист, ки дастгоҳҳои ҷосусии ҷаҳонхорон, ғолибан ба ҳастаи ҳассостарини қавмҳои хурду аз нигоҳи низомӣ нотавонтар, аз ҷумла динпарастиашон нигаронида шудаанд. Ва бояд донист, ки арзишҳои динӣ чун бомби атомӣ мебошанд, ки набояд дар дасти бехирадон ва андакхондаҳо дода шаванд. Намехоҳам намунаҳои бешуморе аз рухдодҳои солхои ахири Ироқ, Сурия, Миср, Лубнон, Яман, Афғонистон, Судон ва соири кишвархои исломии оғушта ба хун ёдовар шавам.

Инҷониб дар ин навиштор ҳамдиёронро ба худшиносии миллӣ ва худогоҳии таборӣ даъват мекунам, то дарбираванд, ки набояд барои боварихои тафовут доштаи мазҳабӣ, ҳамтаборони худро маломат кунанд, яъне парастандагони мазҳаби суннӣ шиъиёну исмоилиёнро ва баръакс.

Мо дар ин навишторамон намунаҳои бешумор аз «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ овардаем, зеро ин офаридаи ҷовидонӣ пайваста дар миёни ҳуввиятҷӯёни тоҷику эрониҳои худогоҳ буда, василаи муҳим барои тарбияи андешаи миллӣ ва худогоҳиву таборшиносӣ мебошад.

«Шоҳнома» офтоби рӯшноибахши фарҳанги чандинҳазорсолаи тоҷикону эронитаборон аст. Ҳаким Фирдавсӣ ин нобиғаи беҳамтои Хуросон достони пурфарозу нишеби озодагонро бо ҳамаи хубиҳову бадиҳо, пирӯзиҳову шикастҳо, оину сунатҳояш бо сухани осмонии дарӣ офаридааст.

Ӯ бо ҷустуҷӯҳои дақиқу биниши равшани таърихи сарзамини ориёиён, бо забони поки ноолуда ҳувияти фарҳангӣ ва миллии моро боззой ва бозгуфта, ҷаҳони ормонҳои ниёкони ҳазорсолаамонро ҷилвагар мекунад.

Ва ҳамешаву пайваста бояд дар ёд дошта бошем, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар рӯзгоре, ки ҳувияти тоҷикӣ - эронии

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

гузаштагонамон дар ҳолати нобудӣ буд, монанди фарҳанги миллатҳои ба худфаромушӣ расида ва фарҳанги қавми ғолибро пазируфта, гузаштаи бошараф ва ғурури миллии ниёконамонро ба намоиш гузошт.

Дареғ, ки чанде аз кутаҳназарону худбохтагон достонҳои «Шоҳнома» - ро дур аз ҳақиқат ва афсонаву устура донистаанд ва бад - ин сон аз бузургиву аҳамияти он ғофил мондаанд..

Мо тоҷикон дар сангари дифоъи миллат қарор дорем ва раванди худбохтанҳои миллӣ маҳз бо баҳонаи динпарастӣ то ҳол босуръат давом дорад. Агар мо пушти боварҳои омиёнаи динӣ бигардем ва гузаштаи таърихии тоисломии худро нашиносему гузашта аз ин инкор кунем, нохудогоҳ хоҳем монд. Барои ояндаи худ ҳамчун як эгоист – худпараст шояд дар биҳишт ҷой пайдо кунем, вале дар умри рӯйи заминӣ дар хору ҳақирсозии миллат саҳм хоҳем гузошт.

Донишманди барҷастаи тоҷик доктори илмҳо, профессор, Саймумин Ятимов, ки давлатмарди донои риштаи дипломатӣ низ мебошанд ва новобаста ба пуркорӣ китобҳои бешумори фалсафӣ ва публитсистӣ ба чоп расондаанд, навишторҳояшон ҳамвора ба мо рӯҳбаландӣ мебахшанд, зеро зиёиёни ба ботлоқи дингароӣ дарафтода аз фарти дингароии бехирадона андешаҳои моро нороост арзёбӣ хоҳанд кард. Ва хушбахтона метавон бо овардани иқтибосҳо аз навишторҳои он донишманди дорои ғаризаи таҳлилӣ - аналитикӣ гуфтори худро поядор сохт: «Саволе ба миён меояд, ки барои чӣ, ҳадди ақал дар Осиёи Миёна ва умуман Осиёи Бузурги Марказӣ халқи тоҷик нисбат ба дигар халқияту миллатҳо майли зиёдтар ба таваккалу тақдирсолорӣ дорад? Ҳатто намояндагони аз лиҳози таҷрибаи зинадагӣ таҷрибадор варзида ва соҳибмаълумоти он тамоюл ба фарҳангу ҷаҳонбинии доранд, ки аз рӯи моҳият таъйиноти сиёсӣ ва идеологӣ наметавонанд, ба

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ормонҳои давлатдории миллӣ созгор бошанд. Дар ин ҷода бо ҳазорҳо ҷавонони гумроҳ, ки барои манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо дар хориҷи мамлакат ҷон медиҳанд, ҳамақидатии бунёдӣ ба намоиш мегузоранд. Агар он гурӯҳ (*ҷавонон*) хонахез ба «ҷиҳод» раванд, ин гурӯҳ *(зиёиёни миллӣ - мағзи миллат)* дар ҷабҳаи саҷда пешсафанд.

Дар мушкилоти миллии фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии сиёсӣ афтодани миллати тоҷик фақат ҷойи таассуф аст. Аммо онро мебояд аз лиҳози илми - таърихӣ дарк ва тавассути маърифатикунонӣ чорандешӣ кард».[3]

Сухан гуфтан ба забони тоҷикии пероста аз вожагони бегона, орзӯи ҳазорсолаи равшандилони тоҷику форс мебошад. Бо ёдоварӣ аз ин орзӯи нек, мо дар фасли ҷудогона ба ҷойгоҳ ва сайри таърихии забони модариамон, бозовардаҳоеро пешниҳод кардаем.

Донишманди барҷаста Мирҷалолуддин Каззозӣ суханро бистари фарҳанг ва созандаи маниш (характер) донистааст, зеро бо дарёфти ӯ мардуме то забони худро пос медоранд, чистии фарҳангӣ ва манишии хешро низ пос хоҳанд дошт.

Нуктаи дигаре, ки шояд дар зеҳни хонандаи гиромӣ пурсише ба миён оварад ин аст, ки аз чист нигоранда дар навиштаҳои худ барои устуворсозии далелҳо бештар ба дарёфтаҳои донишпажӯҳони кишварҳои ҳамзабон такя мекунад. Ба ростӣ мо як фасли навишторамонро ба пурсишҳои баҳсбарангезе ба гунаи «Чаро мо қафо мондаему Ғарб пеш рафтааст?», «Чаро Аврупо пеш рафтааст ва Шарқ вопас мондааст?», «Чаро Аврупо беш аз 500 сол аст мошинсоз аст, аммо Шарқи мусалмон не?» ва монанди он бахшидаем, ки биниши таҳлилии ҳамзабонони жарфнигарамон барои мо ниҳоят омӯзанда мебошанд.

---

[33] С. Ятимов, «Тавоно бувад, њар ки доно бувад», «Љумњурият» рўзномаи расмии давлатї, № 19 (24 630), 18 январи соли 2023

Дигар ин ки шеваи рӯзгордориву боварҳои динӣ ва фарҳангу шеъру адабамон ҳамсон ва дар баъзе мавридҳо ягона аст. Инчунин набояд аз дида дур дошт, ки ҳаракати маорифпарварии садсолаи XIX ва ибтидои садсолаи XX кишвари ҳамтаборони Эрон дар нисбат ба Хуросону Варорӯд мардумони тоҷиктаборро хубтар ба худнигариву бедории миллӣ водоштааст. (Мутаассифона таассуби динӣ ва муҳити сиёсии ғайритоҷикӣ - туркгароӣ дар Варорӯд ва паштугароӣ дар Афғонистон, садди роҳи ҷусторҳо дар мавриди сабабҳои асосии вопасмонии Шарқ гашта буд. )

Мехостам донишхоҳони гиромӣ, ки ин навишторо моро дар даст доранд, ба ҳангоми хондани оҳангҳои интиқодии мо ба адабиёти ҳазорсолаи тоҷик - форс, аз ҷумла ба ошиқонасароиҳову сӯфиёнахониҳо, суханпардозиҳои пурдавому аз фарти худбохтанҳо, ба фаромушӣ супоридани нангу номуси ҳувияти миллӣ ва дар зери фишори забони арабӣ аз даст додани овову нағмаи сухани дарӣ, моро бо гуноҳи ситезидану надидани ҷойгоҳи осори адибони бузург дар тарбияи мардум, гунаҳкор надонанд.

Беҳтар мебуд агар маънӣ бармедоштанд, ки гаҳе бузургони сухансарои мо бинобар сабаби худбохтанҳои миллӣ ва чирамандии забону фарҳанги бегонагон ба сарнавишти ҳамтоёни қавмии худ бепарвоӣ нишон дода, қотилони хешро, ба сони Александр Македонский, Саъди Ваққос, Қутайба ибни Муслим, халифаҳо Ҳорун - ур - рашид, Маъмун, Темури ланг ва дигарон меситоянд. Бинобар ин бояд донист, ки пас аз замони Исмоили Сомонӣ ва сухансароёне чун Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав арзишҳои миллӣ, ғурури миллӣ рӯ ба нестӣ ниҳода, оҳиста - оҳиста ба тамом аз байн бардошта шуда буд.

Ва дареғ, ки дар омӯзаҳои мактабиву донишгоҳӣ бештар ба сурудаҳои тасаввуфӣ, тавсифҳои дурударози

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

чеҳраву холу хату бадани душизаҳо, насиҳатҳои забонзад ва монанди он саҳифаҳо пур гашта, баррасии таърихи фарҳанги гузаштагонамон барои роҳгушоии зиндагии имрӯз ва роҳнамоии фарзандонамон ва насли оянда хеле кам ба чашм мехӯранд. Гарчи омӯзиш ва донистани росту дурусти гузашта ба биниши имрӯзаамон ёрӣ мерасонад ва ҳамон гуна ки донишманде гуфтааст «Зиндагӣ дар гузашта инсонро ба қабристони ёдбудҳо табдил мекунад». Яъне агар мо тақлид ба гузаштагонамон карда, ришмониву сатрпӯшии занонро шеваи зебоишиносӣ ва назарияи зиндагониамонро «Қазову қадар» бихонем, аз он костиҳои боздорандаи пешравиҳои гузаштаамон даст барнадорем, аз зиндони тангназарӣ озод нахоҳем гашт. Бинобар ин мо ба худ иҷоза додаем, ки гуфторҳои сарзанишгунаамонро рӯи чанд саҳифа оварда, бад - ин васила ҳуши муаллифони китобҳои дарсии ояндаро ба замони асолатбохтанҳо ва арабгароиҳо равона созем. Яъне муаллифони китобҳои дарсиро мебояд, ба ҳангоми таҳлили осори ҳатто бузургони адабиётамон ба шогирдон фаҳмонда тавонанд, ки чаро забони осори адабӣ бо забони арабӣ сахт омехта шуда, асолати дарии худро гум кардааст. Аз чист, ки дар баъзе аз он офаридаҳо сарони лашкари душман, чун Искандари Макдунӣ ба мартабаи паямбарӣ бардошта шудааст, гарчи ӯро дар китобҳои бузурги тоҷикон, ба сони «Авасто» ва «Шоҳнома» бо ишора ба хунхориҳояш «гуҷастик» (малъун) хондаанд.

Дар фароварди ин навиштор барои ошно кардани хонанда бо донишмандони доное, ки гуфтаҳояшонро бозовардаем, чанд саҳифаро бахшидаем. Ҳамчунон барои дуруст даррафтан ба бозовардаҳоямон (иқтибосҳо) аз навиштори замонаҳои пеш, чанде аз вожаҳои душворфаҳмро ба гунаи фарҳангнома бо забони тоҷикӣ баргардондаем.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Сарсухан

Ба гузаштаи дурударози миллати худ чашм афкандану сари нодониҳову нодонистаҳои худ андеша рондан, умреро мехоҳад гузаронд дар хонишу омӯзиши дарёфтаҳои таърихшиносони донову бекина. Ба ростӣ на ҳама таърихшиносони замонаҳо ба саргузашти тоҷикон, ҳамчун ба ориёиҳои зиндагисоз нигаристаанд. Чанде аз онҳо пайдоиши ориёиҳоро дар фалоти Аврупои имрӯза дида, аз овардани номи тоҷикон дар навиштаҳояшон суханро дареғ донистаанд. Ба пиндори онҳо зистгоҳи ориёиҳо Аврупои Ғарбӣ буда, аз он ҷо ба самти Шарқ паҳн шуда бо мардумони Осиё омезиш ёфтаанд.

Пиндори дигар чунин аст, ки зистгоҳи нахустини ориёиҳо сарзамини Қафқоз будааст ва аз он ҷо сӯи баҳри Хазар ва самтҳои дигар кӯчидаанд.

Як гурӯҳ пажӯҳишгарон бар онанд, ки ориёиҳо аз сарзамини Ҳинд муҳоҷират кардаанд ва ҳатто пойтахташонро шаҳри Мумбай донистаанд.

Аз рӯи пиндори дигар, ориёиҳо аз шимоли ғарбии сайёра, аз Сибиру Урал бинобар сардиҳои сахт, ба Аврупо, бахше ба сӯи Осиёи Миёна, бахши дигар ба сӯи Ҳинд ва низ то Ғарби Эрони имрӯзин кӯч бастаанд. Мо пушти овардани далелҳои зиёд намегардем, аммо андешаҳои аз Аврупо, Ҳинд ва Қафқоз сарозер шудани ориёиҳоро бепоя медонем, зеро дар кундуковҳои он пажӯҳандагон оҳангҳои худбузургбинӣ ва бартарихоҳиро пай бурда, ангезаи мантиқии кӯч бастани инсонҳои дар шароити дилхостаи иқлимӣ будубош доштаро намебинем. Чуноне ки ҳиндуҳоро кадом хатар таҳдид кард, ки сарзамини тропикии серобу сердарахту сермеваи худро тарк карда, ба самти Аврупо ва Сибиру Урали сард кӯч банданд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Чун дасти нопоки рӯзгор ва душманони ғаддор аз омезишҳои ночор бо тоифаҳои ҳамлавар шумора ва марзҳои ин мардумони некниҳодро коста гардонидааст, сабти номи «тоҷик» - ро дар навишторашон гаҳе раво надидаанд. Ва ҳамин аст, ки аллома Бобоҷон Ғафуров бо як ҷуръати рустамона (дар замони томгароии шӯравӣ) китоби худро «Тоҷикон» унвон дода, нигари ҳамаро ба саргузашти пурпечутоб ва ҳувияти этникии халқи тоҷик ҷалб намуд. Ва дар рӯзгори мо Пешвои пайкори худсозии миллӣ Эмомалӣ Раҳмон бо коргирӣ аз минбарҳои гуфтугӯҳои байналмилалӣ ҳамаро вомедорад, ки саҳми тоҷиконро дар сарчашмаи тамаддуни ориёӣ нодида нагиранд.

Ба гумони мо дарёфтҳои он донишмандоне мантиқӣ ва реша дар ҳақиқати таърихӣ доранд, ки дар доварихояшон ишора ба китоби куҳантарини ориёиҳо «Авасто» доранд. Ончуноне ки дар яке аз бахшҳои «Авасто» («Вандидод») пиромуни зистгоҳи ориёиҳо омадааст: «Аҳурамаздо ба Спинто Зартушт гуфт: Ман, ки Аҳурамаздоям аввалин шаҳре, ки офаридаам Ориёвиҷ буд ва хубу бо қоида буд. Аҳримани қаттол бар зидди он кор кард ва мори бузург ва сармои додаи Дева дар он халқ кард. Он ҷо даҳ моҳ сармост ва ду моҳ гарм. Дар он даҳ моҳ об сард аст, замин сард аст, гиёҳ сард аст. Дар он ҷо дар васати (миёни) зимистон борандагӣ мешавад ва мушкилоти сахте меоварад». Дар бораи чигунагии муҳоҷирати ориёиён, Вилям Дюрант (1885 - 1981) - нависанда, таърихшинос ва файласуфи овозаманди америкоӣ) дар китоби хеш зери унвони «Гаҳвораи маданият ва Осиёи Миёна» навиштааст: «Агар гуфтаҳои олимони заминшиносӣ, ки назариёташон пур аз ибҳом (пӯшида, печида) аст, бовар кунем бояд бидонем Осиёи Миёна, ки инак хушку беобу алаф аст, дар гузашта пуробу муътадил буда ва дарёчаҳои (кӯлҳои) бузургу рӯдхонаҳои

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

фаровон доштааст. Дар бозпасин ақибнишинии яхчолҳо (пиряххо), ин сарзаминҳо дучори хушкӣ шуда ва дар поёни кор ба ҷое расида, ки ба иллати камии борандагӣ, зиндагӣ дар он арозӣ (заминҳо) ғайримумкин шуда ва сокинон маҷбур ба муҳоҷират гардидаанд. Ҳамчунин Пирниё Машируддавла дар ҷилди аввали китоби «Эрони бостон» овардааст: «Ориёиҳои ҳиндуэронӣ, пас аз он ки муддатҳо ба ҳам зиндагӣ мекарданд ва муддати тӯлонӣ ба як забони воҳид такаллум мекарданд, аз Осиёи Миёна муҳоҷират карда ба Бохтар омаданд ва аз он пас ҷудо шуданд. Шуъбаи ҳиндӣ ба тарафи Ҳиндукушу дараи Панҷоб ва шуъбаи эронӣ ба тарафи ҷануб ва ғарби фалоти Эрон сарозер шуданд».[4] Дар ин навиштори донишманди эронӣ низ таркиби «ба тарафи ҷануб ва ғарби фалоти Эрон сарозер шудани» ориёиҳо гувоҳӣ медиҳад, ки кӯч бастани ориёиҳо ба самти Варорӯд нодида гирифта мешавад. (Мо ин ҷо аз иддаои дар Бошқирдистон будани зистгоҳи ориёиҳо худдорӣ мекунем, зеро чунин пиндорҳои хаёлгунаву бепоя зиёданд.)

Воқеан, дар пиромуни вожаи «тоҷик» гумонҳо зиёданд ва шоистаи гуфтан аст, ки гарчи соҳибони он гумонҳо аз унвонҳову мартабаҳои баланди илмӣ бархурдор бошанд ҳам, наметавон гуфтаҳояшонро сухани охир донист. Баҳси вожаи «тоҷик» (ё тажик) ҳамеша дар миён хоҳад монд.

Таърихи пурраи тоҷиконро ва умуман таърихи пайдоиши ин ё он миллатро танҳо метавон тахмин зад ва ба навиштаҳову ривоятҳои рӯзгорони бостон рӯ оварда танҳо наздик ба яқин метавон гуфт, ки пешинаи дар густараи ҷаҳон ном пайдо кардани ин ё он мардум обишхӯри кадом сарчашма аст. Меҳани таърихии тоҷикон, ки бистари оинҳои бостонии Зарвонӣ, Меҳр, ё Митро он ҷо

---

[4] Алиакбар Сарфароз, Баћман Фирўзмандї, «Мод, Њахоманишї, Ашконї, Сосонї», Т., 1373 (1994), с. 20

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

буда пешинаи ҳафтуним ҳазор сола дорад ва сипас оини Зартушт, ки омӯзаҳои он дар китоби «Авасто» нигошта шудааст, дар ҳамин сарзамини зистгоҳи тоҷикон шакл гирифтааст. Чун мо ин навишторро бо ёдкарди оини бостонии Меҳр, ё Митро оғоз кардем ва аз ноогоҳии бисёре аз ҳамвандонамон дар шинохти оину боварҳои фаротаърихии тоҷикон бохабарем, раво донистем, ки бо чанд сухане пешинаи таърихии он боварҳои динии ниёконамонро бозгӯ созем. Ногуфта нагузорем, ки ноогоҳӣ аз боварҳои динии фаротаърихӣ ба андешарабоёни мутаассиб фазои хӯрдагирӣ ва ночиз донистани фарҳанги ҳазорсолаҳои тоҷиконро фароҳам меоварад. Ҳамзамон чандин пажӯҳандагон дар пайдо кардани ҳувияти миллии хеш нокому бенасиб, барои ҳувиятсозиву худбузургбинии миллати худ гузаштаи таърихӣ ва офаридаҳои адабии тоҷиконро барои ҳувиятсозиашон ба кор мебаранд.

# Гуфторе фишурда дар бораи боварҳои бостонии тоҷиктаборон.

## (Зарвонӣ, Митроизм, Зартуштӣ)

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Донишманди донову пуркори тоҷик академик Юсуфшоҳ Яъқуб аз бинишварони чирамандe мебошанд, ки дар пиромуни боварҳои динии тоҷикони замонаҳои бостон ҷусторҳои густурдаи хешро дар китобҳои пурҳаҷм ба чоп расондаанд ва он дарёфтҳои арзишманд дар омӯзаҳо ва барномаҳои мактабу донишгоҳҳо чуноне мебояд роҳ наёфтаанд. Устод Юсуфшоҳ Яъқуб ба вижа дар китобҳояшон [5] ба пешинаи боварҳои динии тоҷикон таваҷҷуҳи басанда зоҳир намудаанд.

**Оини Зӯрвонӣ.** Бо такя ба дарёфтаҳои устод Юсуфшоҳ Яъқуб, ки натиҷагириҳои К. В. Треверро намуна овардаанд, боварҳои куҳантарини эрониён - Зарвонизм пеш аз оини зартуштӣ пайдо шуда, бо зуҳуриислоҳоти Зартушт дар пасманзари боварҳои динӣ ҷой гирифт. Дар ин маврид устод Юсуфшоҳ Яъқуб фармудаанд: «Зарвон ба пиндори бовармандонаш - ин худост, ки ҳам замон, ҳам осмон, ҳам офтоб, ҳам рӯшноӣ, ҳам торикӣ, ҳам зиндагӣ ва ҳам марг, ҳам некӣ ва ҳам бадӣ, ҳам Ҳурмуз ва ҳам Аҳриманро меофарад) ва ягонагии неруҳои баҳам зид мебошад. Дар бораи Зарвонизм метавон дар сарчашмаҳои суриёнӣ, арманӣ, паҳлавӣ маълумот пайдо кард. Аз рӯи ривоятҳо дар оғоз на замин буд, на осмон, на ягон ҷисми ҷондор, ба ҷуз аз худо Зарвон, ки дар ниҳод дуҷинса буд. Зарвон дар дарозои ҳазор сол назру хайр мекард, ки ба ӯ сарнавишт писар бидиҳад бо номи Ҳурмуз. Ӯ пайваста дар андешае буд, ки ин ҳама назру бахшишҳои ӯ паёмаде дошта бошад, ки соҳиби писар гардад. Зарвон дармеёбад, ки дар бахши занонаи ҷисми ӯ ду фарзанд нутфа гузоштааст. Ӯ савганд мехӯрад, ки агар кадоме аз онҳо пештар наздаш ояд, ҳамаро ба ӯ мебахшад. Ҳурмуз андешаҳои ӯро пай бурда, бо содалавҳӣ ин нияти Зарвонро

---

[5] Юсуфшоњ Яъќуб, «Дини Суѓди бостон» («Религия Древнего Согда», бо забони русї, Душанбе «Дониш», 1996, «Давлати каёниён», Душанбе ЭР - граф, 2012

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ба Аҳриман ошкор месозад. Аҳриман бачадонро даронда, назди падар омада чеҳраи манфури худро намоён месозад ва мегӯяд: «Ман писари ту Ҳурмуздам». Аммо Зарвон ӯро напазируфта рад кард, зеро вай бахше аз торикиву марг буда, дӯст медошт, ки бадкирдориҳо ба бор оварад. Зарвон ба гиря даромад, вале ҳангоми гуфтугӯи онҳо Ҳурмуз зода шуд. Ҳурмуз назди падар омад, ки бо худ рӯшноӣ ва накҳат оварда буд. Зарвон пай бурд, ки ин писари ӯ Ҳурмузд аст ва бо хурсандӣ гуфт, ҳамаро ба ӯ мебахшад. Аҳриман гуфт, ки ту савганди худро фаромуш кардаӣ, ки кадоме пештар зода шавад, фармонфармоиро ба ӯ медиҳӣ. Зарвон ӯро аз назди худ меронад, вале идоракунии ҳастӣ ҳанӯз ҳам дар дасти ҳар ду мебошад. Ҳар гоҳ Ҳурмуз некиву додхоҳиву ростӣ офарад, Аҳриман бадӣ ва торикиву норостӣ ба бор меоварад».[6]

Моро мебояд ёдовар шуд, ки андешаҳо дар бораи оини Зарвон гуногунанд ва иддае бар он пиндоранд, ки ин боварии динӣ ҳамзамон бо оини Зартушт ривоҷ дошта, дар Варорӯд тобишҳои бутпарастӣ низ доштааст.

**Оини Меҳрпарастӣ (Митроизм).** Оид ба оини Меҳр (Хуршедпарастӣ)- Митроизм дар баробари дарёфтаҳои донишпажӯҳони овозаманд, мо ба чунин пиндор ҷуръат мекунем, ки оини Меҳр - Меҳрпарастӣ (Митроизм) яке аз ойинҳо, дурусттараш динҳои куҳане буд, ки дар миёни мардумони ҳиндуориёӣ таъсири баланд дошта, онро ситоишу ниёиш мекарданд. Ин оини куҳан ба динҳои дигар таъсири баланде дошта, бисёре аз вижагиҳои онро дар расму оини динҳои дигар метавон дид. Аз ҷумла дар динҳои масеҳӣ ва зартуштӣ чандин расму одобҳои Митроизм (Меҳрпарасти) ро пай бурда метавонем. Дар Ригведо - китоби Ҳинди бостон Митро ҳамчун парвардигори рӯшноӣ ва фурӯғ ситоиш шудааст. Дар он

[6] Ю. Якубов, Религия древнего Согда, Душанбе Дониш, 1996, саҳ 143 - 144

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

китоб Митро аз кайҳон сарварӣ мекардааст ва ҳамчунон рисолати он миёни қавмҳо паймон бастан ба шумор меравад. Дар забони паҳлавӣ маънии номи Митро ростиву дурустӣ будааст ва бештар ба чашм мехӯрад, ки нахустин маънии Меҳр ҳамон Офтоб аст.

Ба номи Митро дар сангнабиштаҳои куҳантарини ориёӣ метавон дучор омад. Чуноне Артур Кристенсен дарёфтааст «Дар осор ва сангнабиштаҳои аввалияи Ҳахоманишӣ (Дориюш ва Хишоёршо) зикре аз Меҳр нест, вале дар катибаҳои марбут ба садаи чаҳоруми пеш аз мелод мутаалиқ ба Ардашери дуввуми Ҳахоманишӣ (354 - 404 пеш аз мелод) ва (338 - 359 пеш аз мелод), дар Ҳамадон, Шуш ва Персеполис панҷ бор номи Меҳр омадааст ва ба таври куллӣ номи Меҳр ва Ноҳид дар ин катибаҳо аз номи Аҳурамаздо бештар аст. Шояд ин таҳаввуле аз ҷониби Ардашери дуввуми Ҳахоманишӣ буда, ки дар дин анҷом гирифтааст».[7]

Устод Юсуфшоҳ Яъқуб барои бо далелҳои мантиқӣ таъйид намудани дарёфтҳои худ дар мавриди ҷойгоҳи Меҳрпарастӣ (Митроизм) будани зистгоҳи тоҷикони Варорӯд, дарёфтаҳои ховаршиносони номии ҷаҳон, аз ҷумла Александр Беленитский (1904 -1993), Иля Гершевич (1914 - 2001), Павел Рапопорт (1913 - 1988) ва чанде дигаронро пеши рӯ меоварад, ки далели қотеъ мнбошанд: «Бо такя ба ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ парастиши Митро дар Суғд ниҳоят ривоҷ дошт, чунончи ҷашни Меҳргон, шартномаи никоҳ - «меҳр», ки офтоб дар назар аст дар он ҷо ба таври густурда ривоҷ доштанд».[8]). Номҳои имрӯзаи тоҷикӣ Меҳрӣ, Меҳрзод, ҳамчунин ба офтоб пайвастаанд. Дарвозаи Меҳр дар Бухоро намоён месозад, ки дар ин ҷо маъбади худои Митро ҷойгир будааст. (Беленитский, 1954,

[7] Кристенсен Артур, Маздопарастї дар Эрони ќадим, тарљумаи доктор Муссафо, нашри Тењрон Чашма, с. 1380.

[8] Фарњанги забони тољикї, љ. 1 с. 685

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

с. 61). Ба андешаи Иля Гершевич Митро намоди офтобро дар Эрони шарқӣ, яъне Осиёи Марказӣ пайдо кардааст[9]. Митро худои асосии офтобситоӣ дар Хоразм будааст.[10] Иля Гершевич ҳамчунин навиштааст, ки «Новобаста бар он ки Митро дар китоби «Авасто» ҳамчун худои офтоб хонда нашудааст, вай вобастагӣ ба боварҳои парастиши офтоб дорад. Ба сони рӯшноӣ, фурӯғу дурахшандагӣ, ки вижагии асосии офтоб аст».[11]

Хеле росту дуруст ба таъкид овардааст, донишманди доно Шуҷоъуддини Шифо, ки оини Меҳр (Митро) аз андешаи ниёкони дури мо берун баромада фарогири саросари ҷаҳон гардид буд: «...оғози оини Митро дар Румро сад сол қабл аз таваллуди Масеҳ медонад ва менависад, ки оини Митро беш аз се қарн ба сурати оини расмии императории Рум буд. Ва менависад: парастиши «Меҳр», худои бузурги эронӣ монанди як фатилаи борут дар муддате кутоҳ аз Шарқ то Ғарби императории паҳновари Рум густариш ёфт.

Оини эронитаборони Митро (Меҳр) нақши дараҷаи аввалӣ дар шаклгирии масеҳият иҷро кард. Ҳамон гуна ки се садсола пас аз рӯзи растохез (рафтани Масеҳ ба арш), Шӯрои калисои католикҳо 25 декабрро, ки дар императории Рум ба унвони рӯзи Меҳр (таваллуди Митро) ҷашн гирифта мешуд, ба унвони рӯзи таваллуди Масеҳ (Рождество, ё Крисмоси имрӯз) интихоб ва эълон кард.

Ё рӯзи якшанбе, ки дар оини Митро рӯзи хуршед (son dey, воскресенье) буд, ҷои худро ба рӯзи муқаддаси масеҳӣ дод ва иди Наврӯз ҷои худро ба иди поки Масеҳӣ. Бокира будани Марям ва таваллуди Исо дар оғилхона ва афсонаи се подшоҳ (русиаш волхв), ки аз пайи ситора ба сӯйи ӯ

---

[9] (Gershevich, 1959, с. 38 - 42).

[10] Павел Рапопорт, 1971, с.83

[11] Gershevich, 1959, с. 38 - 42, Баргирифта аз китоби Ю. Яъќуб, Религия древнего Согда, Душанбе Дониш, 1996, с. 97

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

омаданд, бечунучаро достони таваллуди Меҳр аз модаре бокира дар даруни як ғор мебошад.

Худи донишмандони диншиноси Аврупо, аз ҷумла Франсис Куман дар китоби «Рози Митро» менависад: «Митро дар Эрони даврони пеш аз Зартушт худои бузурги ориёӣ буд, ки худои рӯшноӣ, додгустарӣ, вафо ба аҳду паймон, дӯстӣ, борварӣ ва пирӯзӣ шумурда мешуд.

Мо дар ин навиштори худ аз шарҳи муфассали оини Меҳр (Митро) худдорӣ мекунем, зеро пеши худ ҳадаф нагузоштаем, ки паҳлӯҳои гуногуни пешинаи таърихии боварҳои динии тоҷиконро сафҳагардонӣ кунем. Барои ҳамин ҳам ба таври гузаро аз оини Зартушт (Ба гумони мо хондани ин номвожа ба сурати «Зардушт» нодуруст аст, зеро он номвожа баргирифта аз номи ситора аст - «тиштра».)

**Оини Зартушт.** Решашиносон бар онанд, ки вожаи «Зартушт» аз ду вожаи форсӣ- авастоӣ; «ЗОР», «АСТРА» (ZOR-ASTRA), таркиб шудааст, ба маънии ҳадя ва қурбонӣ. Аммо файласуфони Юнони бостон, аз ҷумла Афлотун (Платон), вожаи «зартушт» (zor-aster)-ро бо вожаи юнонии «astra-a-star»- ситора яке дониста, ҳамчун «дӯстдори ситорагон», ё «нигаҳдорандаи ситорагон», таъбир кардаанд.

Аз рӯйи боварии зартуштӣ Худованд (Аҳурамаздо), фурӯғи беинтиҳо ва ҷовидон буда, аз роҳи ваҳй (суруш) ба Зартушт паём мерасонад. Дар си солагӣ ваҳйи нахустро фариштаи Ваҳуман аз осмон фуруд омада ба Зартушт расонид ва зарфи ду сол ӯ ба ваҳйи Худованд мушарраф мегардад. Аввалин одамоне, ки паямбарии Зартуштро пазируфта, ба худованди ягона имон овардаанд, шоҳ Кайгуштосп (Виштосп) ва ҳамсараш Ҳутус буданд. Чун паямбарони дигари динҳои ба худои ягона амри эътиқод фармуда (мисли Мусо алайҳи салом), Зартушт низ ба худо калом мефиристад. Аз ҷумла Зартушт аз Аҳурамаздо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

пурсидааст, ки «Дар ин ҷаҳони моддӣ нахустин беҳӣ ва дуввумину севвумин беҳӣ чист?». Аҳурамаздо посух медиҳад, ки нахустин беҳӣ «Маниши (андешаи) нек аст, дуввумин беҳӣ Гӯиши (гуфтори) нек аст ва севвумин беҳӣ Куниши (кирдори) нек аст» .

Дини Зартушт дар давраи шоҳаншаҳ Дориюши Кабир ба авҷи камол расида буд. Яке аз катибаҳои Дориюш, ки 2500 сол пеш нигошта шудааст, моро аз гузашти замонаҳои дур огаҳ месозад: «Худои бузургест Аҳурамаздо, ки осмонро офарида ва ин заминро офарида ва башарро офарида ва хуширо ба башар дода ва Дориюшро шоҳ карда ва ба шаҳаншоҳии кишваре расонида, ки бузург асту мардону аспони хуб дорад. Эй, инсон! Он чи Аҳурамаздо амр кард, ба ту мегӯям, аз роҳи рост магард, андешаи бад макун ва аз гуноҳ бипарҳез[12]

Дар бораи зиндагӣ ва диноварии Зартушт то замони мо низ баҳсу дудилагиҳои ба ҳам зид дар миёни донишмандони ховаршиносу таърихшинос ҷараён дорад. Бо вуҷуди пажӯҳишҳои бешумор ҳанӯз ҳам дар мавриди зистгоҳи ӯ, як идда бинишҳои фалсафӣ ва худошиносии ӯ андешаҳои зиду нақиз бешумор аст. Аммо он чӣ ба баҳсу дудилагиҳо ниёз надорад далелҳоест бар он, ки Зартушт ҳамчун шахсияти таърихӣ ва файласуфи бузург ҳастии воқеӣ доштааст ва пайравонаш дар Ҳарими ҳарами Авасто, аз Баҳри Миёназамин то Туркистони Чину Ҳинд зиндагӣ доштаанд. (Ҳанӯз ҳам пайравони оини Зартушт дар Эрон ва ба вижа дар Ҳиндустон зиёданд.) Ин нуктаро дар баробари донишмандони зиёд, ховаршиноси амрикоӣ Ричард Фрай чунин баён кардааст: «Ҷойи дудилагӣ нест, ки Зартушт мояи фантазияи (пиндорҳои хаёлии) одамон набуда, дар асл зиндагӣ доштааст.... Иддаое, ки Зартуштро барои он бофтаанд, ки паямбареро мухолифи паямбарони динҳои дигар намоён созанд ва китоби «Авасто» (ба шакли

---

[12] «Таърихи шоњаншоњии њахоманишї», Т.,1340 /1961, с.86-90

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Авесто навиштани ин ном нодуруст буда, баргирифта аз шакли русӣ аст; дар хати форсӣ «Ависто» наменависанд: - اویستا) китобе мебошад, ки баъдҳо барсохта шудааст, появу мояе надорад ва дар назди мо далелҳои таърихии фаровоне ҷой доранд, ки дурӯғ будани он бофтаҳоро бо мадрак нишон диҳем».[13]

Зартушт ҳамчун фиристодаи худои ягона - Аҳурамаздо дини беҳинро эълон карда, ҳамзамон ба ягонахудоӣ (арабиаш «тавҳид») даъват мекунад. Ин нуктаро бозгӯ мекунем, ки дар оини Митро бисёрхудоӣ ривоҷ дошт. Худоёни қадим (Худоёни Митроизм - ба пиндори нахуст худоёни сегона Меҳр, Ноҳид ва Баҳром (Митро, Аноҳито ва Варсарған), ба пиндори дигар Меҳр (Митра), Ноҳид (Ардви Сура Аноҳид), Арта (Ашо), Суруш ва дар ҷойи дигар дар навбати аввал худои Меҳр ҳамчун нигаҳбони меҳру пайванд ва соҳиби чарогоҳҳову парастори ростиву дурустӣ аст. Сипас худоёни бузурги дигарро низ мепарастиданд, ки аз ҷумлаи онҳо Аноҳид (Ноҳид - Аноҳито) - худобонуи обҳову ободонӣ ва сарвату шукӯҳ Ваҳуман (Wohumana - Баҳман), Индра - Тиштри (Tishtrya), Варсарған (Verethraghna - Баҳром), ба сурати фариштагон ба оини зартуштӣ омехта шуданд. Дар ин ҷо мебояд ба хирадмандии Зартушт ишора кард, ки бо гиромидошт ба боварҳои меҳрпарастон, худоёнашонро ба тамом инкор накарда, онҳоро эзадон, яъне фариштагони бузург унвон кардааст. (Бояд донист, ки дар мафҳумҳои «эзадон» ва «амшосипандон» тафовутҳо дар миён аст. Ин вожа дар паҳлавӣ «язд» - «yazt» ва дар форсӣ ба таври «эзад» шудааст, ба маънии «арзандаи ситоиш». Вожаи ёдшуда ба фариштагоне нисбат дода мешудааст, ки дар мартабаву манзалат аз «амшосипандон» болотаранд. Вале баъдҳо дар форсӣ Худоро низ бо номи «Изад» - «Эзид»,

---

[13] Ричард Фрай, Наследие Ирана, Издательская фирма «Восточная литература», РАН, М., 2002

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ном бурдаанд. Мисле, ки дар дини православӣ мафҳумҳои «ангел» ва ҳам «архангел», мавҷуд аст.)

Чуноне пажӯҳишгари барҷастаи динҳои эронитаборони бостон, Ҳошим Разӣ дар ин бора навиштааст: «Хишоёршоҳ дар ин бора таъкид мекунад, ки Артро низ биситоед ва гиромӣ доред ва хоҳиш кунед ва ба писараш бо ин шева хитоб мекунад: Эй, он ки аз паси ман зинда хоҳӣ буд…». Ва ин хитоб ба хотири супориш дар роҳи ситоиши Арта мебошад. Хишоёршо барои ҳамин гароиш аст, ки писарашро Арташер (Арта Хшатара - Arta-Khshathra) - малакути худованди ростӣ ном мениҳад. Аз гуфтори Хишоёршо бармеояд, ки Арт як эзади минуӣ (биҳиштӣ) аст, на худои бузург ва офаринанда, ба монанди Урмузд.

Ба гумони мо барои ҳар тоҷику эронитабори асил донистани гузаштаи диноварии аждодони худ муҳим ва ҳатмист, зеро гаҳ - гоҳе аз гуфтори андакхондаҳову нохондаҳо мешунавем, ки гузаштаи динхоҳии моро бо арабҳои бадавии замони қадим (онро фақеҳони дин «замони ҷоҳилият» номидаанд), ҳамсон мебошанд ва ин ҳақиқатро намехоҳанд бипазиранд, ки гузаштагони дури мо - тоҷикони бостон нахустин одамони рӯйи замин буданд, ки боварашон ба ягонахудоӣ будааст. Бештари тоҷикони мо огоҳ нестанд, ки тоҷикони мо «муғон», ё «маҷусон» (бад - он сон ки дар Қуръон низ омадааст), набуданд ва ҳар оину боварҳое, ки ба маҷусон нисбат дода мешаванд, ба тоҷикони бостон бегона буданд. Тоҷикон бутпараст низ набуданд ва санамҳо, ё бутҳое, ки дар кундуковҳои бостоншиносӣ аз қаламрави Варорӯд пайдо кардаанд бештар симоҳои сангину сафолини эзадони митроизм мебошанд, на бутҳои тибетӣ. Ба гуфтан меарзад, ки тақводорони тоҷикони навмусалмон, ки ҳамвора нохудогоҳони пешинаи таърихии қавми худ буданд, дар маҷусону бутпарастон ниёкони худро дида, хешро

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

сарсупурдаи тозиёни ишғолгар намоён месохтанд ва албатта аз сӯйи дигар бо амри дастгоҳи халифаҳои Бағдод, ҳар он чӣ ишора ба боввариву фарҳанги бостон дошт, бо ҳукми маҷусӣ бо обу оташ кашида мешуданд. Гузашта аз ин барои кареҳу бадкуниш нишон додани мардуми таҳҷоӣ, кеши падарону бобоёнашонро бо эҷоди бофторҳои норост, кирдори бехирадона менамоёндаанд.

Барсохтаҳову норостиҳое, ки бо бедодӣ ба оини зартуштӣ боровардаанд ба таври умда аз иддаое иборатанд, ки бархе аз онҳоро, чуноне дар миёни ҳамдиёронамон ривоҷ доранд, рӯйи ин саҳифа меоварем:

- Зартуштиҳо оташпараст буда, ба оташ саҷда мекарданд. Умуман худои онҳо оташ буд.

- Зартуштиҳо ду худо ва низ чор худо мепарастиданд. (Боварҳои Зартуштро ба духудоӣ - санавият печонда, бар ивази пазируфтани ягонахудоии онҳо, яъне худои ягона Аҳурамаздо, Аҳриманро ҳамчун худои дуюм бар сарашон бор кардаанд.)

- Зартуштиҳо амвотро (ҷасади мурдагонро) ба хок намесупориданд, зеро хокро муқаддас мешумориданд. Ин аст, ки ҷасадро болои теппа мегузоштанд, то паррандагону ҷонварони лошахор гӯштҳояшро бихӯранд, сипас устухонҳоро дар кӯза гирд оварда ба сағона мениҳоданд.

- Зартуштиҳо бинобар он ки обро муқаддас медонистанд, шустушӯ намекарданд.

- Зартуштиҳо бо хоҳару модари худ издивоҷ мекарданд.

Чун тозиён ба мардуми фалоти ишғол кардаашон, ба вижа ба эронинажодон, ҳамчун ғолибон бар мағлубони хеш, бо чашми ҳақорат менигаристанд, боввариҳои диннии онҳоро бо ченаки худ шарҳу варандоз карда, ҳамаи оинҳои мардуми паҳнаи густурдаи фалоти Эронро ҳамсону соддаву зишт мегумориданд. Бо пайравӣ ба онҳо, андакхондаҳову гаҳе донишиёни миллӣ низ дар баррасии

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

фалсафаи жарфи оини зартуштӣ, гузаштагони дури худро оташпараст гумон кардаанд. Оташпараст пиндоштани гузаштагони мо бад-он иллат буд, ки зартуштиён дар маъбад ҳамеша оташ фурӯзон дошта, ҳангоми суҷуду ниёиш рӯ ба самти оташи дар миҷмар фурӯзон мекарданд ва усулан оташро чун муъҷизаи худованд муқаддас медонистанд. Аксарияти ховаршиносону пажӯҳишгарони риштаи диншиносии Аврупо, ки вожаи «зороастризм»-ро сохтаанд, аз он оташпарастӣ (огнепоклонство) маънӣ бардоштаанд.

Ба пиндори иштибоҳбарангези дигаре метавон дучор омад, ки гӯё дар оини зартуштӣ духудоӣ расм будааст – яке худои некӣ, Аҳурамаздо ва дигар худои бадӣ, Аҳриман. Эътиқод ба вуҷуди ду худо, ки онро «санавият» ном ниҳодаанд (дар баробари гумонҳои норости дигар – Худои хайр ва Худои шар), мисли худо пиндоштани оташ, аз мазҳаби маҷусони модӣ ва габрҳо мебошад. Зартушт матлаби ду худоиро ба куллӣ инкор мекунад, вале танҳо ахлоқи санавият, яъне боварӣ ба ду асл-ба фалсафаи хайру шарро мепазирад ва ҳаргиз он дуро ба сурати ду худо нишон надодааст. Ҳамин тавр оташпарастӣ ихтиёр надоштани ниёконамонро зикр намуда, бо таъкид мебояд ишора кард, ки ниёиш дар баробари оташ ва барпову нигаҳдории оташкадаҳо (маъбадҳо) як расми куҳани ориёӣ будааст ва он ҳикматро ба тасвир овардани оташ чун Худо ғалати маҳз аст. Бояд ба таъкиду такрор бозгуфт, ки дар илоҳиёт ва худошиносӣ, оини зартуштӣ аввалин аз бовариҳои башар аст, ки ниёишу ситоиши Худои яккаву ягона-Аҳурамаздоро раво донистааст. Аҳурамаздо – офаринандаи олам ва худованди осмон мебошад. (Аҳура-ҳастибахш, Маздо-Mazda-хирадманд.) Дар ин маврид падари фалсафаи Юнони бостон Афлотун гуфтааст: «Зартушт донистаниҳои худро аз равони нек, ё хиради комил омӯхт ва дар си солагӣ ба Виштосп арза кард. Се

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

китоб аз вай боқӣ монда ва аз мутолааи он ошкор мешавад, ки дар риштаҳои фалсафаву пизишкӣ ва сиёсиву иқтисодӣ устод будааст».[14]

Дар бораи расмҳои вахшатбори ба лошахорон додани ҷасади мурдагон низ аз расму ойинҳое мебошад хоси муғон, ё маҷусиёну габрҳо, ки қасдан аз тариқи овоза ба боварҳои зартуштӣ бор шудааст. Дар ин маврид падари таърихшиносии Юнони бостон, Ҳеродот чунин навиштааст: «Мурдагонро лозим аст пеш аз дафн кардан дар ҷоҳое қарор диҳанд, ки ба василаи паррандагони лошахор, ё ҷонварони шикорӣ дарида шаванд, то гӯшту пӯст хӯрда шуда ва устухон бар ҷой монад. Роҷеъ ба муғон медонам, ки чунин мекунанд, чун ин расмро пинҳон накарда ва ошкоро анҷом медиҳанд. Аммо порсҳо, ҷасади мурдагонро, пеш аз ба хок супурдан, бо мум мепӯшонанд». [15] Овардаҳои Ҳеродотро файласуф ва таърихнигори дигари Юнони бостон, Страбон низ таъйид кардааст: «Он чи Ҳеродот мегӯяд дуруст аст, ки расми ниҳодани амвот(мурдагон) пеши ҷонварону паррандагон як расми модӣ (қабилаҳом мод) аст ва расми ба хок супурдану дафн кардан, як расми порсӣ аст».[16] Дар яке аз матнҳои дигари юнонӣ омадааст, ки ғуломи эронӣ ба соҳиби худ бо исми Филонус мегӯяд: «Вақте ки ман мурдам маро масӯзонед, чун оташу ҳаво олуда мешавад. Ман порсиам ва ниёконам низ порсӣ будаанд ва олудани оташ дар назди мо аз марги сахт гаронтар аст. Маро ба хок бисупор ва дар хок мадфун соз».[17] Далели мавҷуд будани гӯристонҳои замони бовариҳо ба оини зартуштӣ низ

---

[14] Њошим Разї, «Таърихи мутолеоти динњои эронї», Т. 1371 /1992м., сањ.138

[15] «Таърихи Њеродот», тарљумаи Вањид Мозандаронї, Т.1324 / 1945 м.. сањ.16

[16] «Таърихи Њеродот», тарљумаи Њодї Њидоят, Т.,1336 /1957, с.31

[17] Њошим Разї, «Таърихи мутолеоти динњои эронї», с.138

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

гувоҳи гуфтаҳои пешин мебошад. Чунончи бостоншиноси амрикоӣ, Е. Шмидт, соли 1939 дар Тахти Ҷамшед (Эрон), гӯристонеро кашф кард, ки ба садаи IV пеш аз мелод таалуқ дорад. Номбурда аз он ҳафриёт 31 ҷасад пайдо кард, ки 24 аз он дар тобутҳои сафолӣ ва ҳафт ҷасад дар қабрҳои маъмулӣ дафн шуда, рӯйҳояшон бо сангу хок пӯшида буд. Гумон меравад барои исботу рад намудани иддаои мурдаҳоро нагӯрондан ва ба ҷонварони лошахор додани ҷасадҳои амвот, далоили дар пеш зикр гардида кофӣ мебошанд.

Иддаои дигаре, ки бар кароҳатбор тафсир кардани бовариҳои диннии ниёкони мо далолат мекунад, ин аст, ки гӯё дар оини зартуштӣ, бинобар муқаддас донистани об, шустушӯ гунаҳ шуморида мешудааст. Дар ҳақиқат гузаштагони мо ба обҳои равон, рӯдхонаҳову дарёҳо муносибати вижа дошта намегузоштаанд, то сарчашмаҳо олуда шаванд. (Ин амр аз хиради ниёкони мо гувоҳӣ медиҳад ва онро далел ин аст, ки гузаштагони ҳушманди мо паёмади талхи беэҳтиромиро нисбат ба об дарк карда буданд.) Аҷдодони мо рӯдҳову дарёҳоро бо номи фариштагон унвонгузорӣ мекарданд, то ин тӯҳфаи худовандро гиромӣ доранд. Рӯдҳои Омӯ, Вахш, Яхсу бо номи фариштаи обҳо Бахшу муқаддас дониста шуда буданд. Дар оини зартуштӣ эзадбонуи Аноҳито (Ардви Сура Аноҳид), нигаҳбони обҳо мебошад. Дар оини зартуштӣ шустушӯи сару тан танҳо дар обҳои равон гунаҳ дониста мешуд, вале барои покии ҷисм берун аз обҳои равон амри маъмулӣ ва ҳатмӣ буд. Дар ин маврид нуктаи дигареро бояд ба ёд дошт, ки амри бино шудани олам тайи рӯзҳои муайяни ҳафта нахуст дар оини зартуштӣ ба зикр расидааст, вале бо тафовутҳо. Назар ба бовариҳои зартуштиён, тайи ҳафт рӯз ҳафт фариштагон (амшосипандон) ба назди Зартушт фуруд меоянд, то паёми Худовандро як-як бирасонанд. Дар рӯзи панҷум

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

амшосипанди Урдабиҳишт (Artavan cshta), дар канори рӯди Доятик - Дойити (Омӯ), ба назди паямбар фуруд омада, пиромуни ҳифз кардану накӯ доштани оташи Баҳром, паёми Аҳурамаздоро расонд. Дар рӯзи шашӯм амшосипанди Хурдод (Khurdat), ки қосиди обҳо буд, ба назди Зартушт фуруд омада, дар бораи некӯ доштану нигаҳбонии обҳо супоришҳо дод.

Доварии неросту нодурусти дигаре, ки ба норасоиву айби ҳазорсолагони мо ишора шудааст, издивоҷ ба модару хоҳари хеш мебошад. Ин довариҳо барсохтаҳои таблиғгарони тозӣ буданд, ки худ то дини ислом пазируфтан, духтарони навзодашонро зери регзори сӯзон зинда ба гӯр мекарданд, то бо ин барбарият шарафманду баномус пиндошта шаванд. Барои тасбити покниҳодиву ахлоқи баланди ниёкон аз овардани намунаҳо худдорӣ карда, дар ин ҷо мехоҳам достони Сиёвуш, аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ба ёд оварда шавад, ки Сиёвуши хуршедпарасту шояд зартуштӣ, талошҳои модарандари маккори аз қавм сомитиро (духтари шоҳи Ҳомоварон), барои ҳамхоба шудан қатъиян рад намуда, ба ӯ таъкид мекунад, ки чун модараш аст ва ба хотири исботи туҳмат ва намоиши покии хеш, аз миёни шӯълаи оташ мегузарад:

Сари бонувониву ҳам меҳтарӣ,
Ман эдун гумонам, ки ту модарӣ[18]

Ҳамин тавр барсохтаҳои дигар низ ба хотири зишту кароҳатбор бозтоб намудани оини зартуштӣ, муддатҳост ба андешаи худиву бегонагон ҷой кардаанд, бепояву бемоя буда, нахуст ҷиҳати тасбити бефарҳангиву бехирадии аҷдодони тоҷикон, ба таври умда эронитаборон нигаронида шудаанд. Аммо инро бояд донист, ки

[18] «Шоњнома», љ.III, с.32

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

сарзамини Варорӯд ва Эрону Хуросон бо тамаддуни куҳансоли худ, дар таърихи динҳои ҷаҳон, аз ҷумла дини ислом ҷойи арзанда дорад. Нукоти зиёди арзандаи динҳои бузурги дунё аз ҷаҳоншиносии гузаштагони дури мо гирифта шудаанд, ки мо бояд ба онҳо бинозем ва чун мероси гаронбаҳо ба ояндагони худ бисупорем. Дар ин маврид чун намуна ба чанд сунатҳои дар динҳои яҳудӣ, насронӣ ва ислом роиҷ буда ишора хоҳад шуд, ки ҳанӯз 5-6 ҳазор сол пеш аз динҳои номбурда, дар ёдкардҳои оини зартуштӣ ба сабт омадаанд. Яке аз ҳамсону ҳаммонандии сунатҳову қиссаҳо миёни динҳои Ислом, Масеҳиву Яҳудӣ бо оини Зартушт, қиссаи машҳури Оташи Намруд мебошад. Дар асноди авастоӣ омада, ки Зартушт дар кӯҳ манзили танҳоӣ барои тафаккур ихтиёр мекунад. Баногаҳ аз осмон як порча оташ ба он кӯҳ расида ба сӯхтан шурӯъ мекунад. Аммо Зартушт сиҳату саломат, дар миёни оташ оромона пиромуни шинохт ва парастиши худованди ягона ба мавъиза мепардозад. (Бар асоси ривоёт, чун кӯҳ оташ гирифт, хабар ба шоҳ бурданд. Шоҳ ва бузургони дарбор барои дидани ин оташи осмонӣ рафтанд. Аз миёни шӯълаи оташ Зартушт намудор шуда, мардумро ба шинохту ниёиши Худованд, ба ростиву дурустӣ даъват кард.) Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки баъзе пажӯҳандагон Зартушт ва Иброҳим (Авраам)-ро як тан мегуморанд.

Ҳаммонандии дигари динҳои ба истилоҳ «аҳли китоб» бо дини зартуштӣ дар он аст, ки ба сони «Қуръон»-и маҷид ва «Инҷилу» «Таврот», китоби «Авасто» низ аз осмон нузул шудааст. Ончуноне овардаанд, китоби «Авасто», дар рӯзи Ҳурмуз нозил шуд. Зартушт ба Балх рафта «Авасто»-ро ба шоҳ Гуштосп (Виштосп) нишон дода арза кард, ки он аз сӯйи худованд аст. Чуноне ки шоир овардааст:

Ба Гуштосп гуфт: эй, ҷаҳон кадхудой,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Расулам ба наздики ту аз худой.
Худое, ки ҳафт осмону замин,
Ба фармони ӯ шуд саросар чунин.
Падид оваридаст исторагон,
Бад-ин гуна аз пеш наззорагон.
Худое, ки ҷон доду рӯзӣ диҳад,
Абе он ки бар банда миннат ниҳад.

Монандии дигар, ки миёни оини зартуштӣ ва боварихои динҳои ягонахудоӣ ба дида мерасад, амри ба охир расидани дунё, рӯзи растохез, ҳамчунон биҳишт ва дӯзаху азоби он мебошад. Дар ин мавриди ба Зартушт ваҳй мерасад, ки ба ҷуз ин ҷаҳон, оламе дигар аст ва растагорон бояд аз андешаи он фориғ набошанд. Тавре, ки дар «Авасто» зикр шудааст «…ба ҳангоми растохез ҳама ба ин ойин бошанд, ҷуз Даҳҳок (арабиаш Заҳҳок), ки бе тавба бимирад». Ба маънии «дунёи бақо» дар «Авасто», вожаи «мину» омадааст, ки яке «спинта мину» (макони ҳиради поку муқаддас) ва дигаре «Ангра мину» (макони андешаи палид ва дурӯғ).

Ин буд муште аз хирвори ҳамсониву монандиҳое, ки дар динҳои ягонахудоӣ вуҷуд доранд, вале шаке нест, ки онҳо дар боварихои зартуштӣ ҳазорсолаҳо пеш ба сабт расидаанд.

Ончи ба таври умда дар миёни илоҳиёту худошиносӣ ва боварихои зартуштӣ муштарак аст ва метавон онҳоро ҷузви далоили андешаҳову зеҳни баланди гузаштагонамон ба шумор овард, ҳикмату фалсафае мебошад, ки бидуни шак пайдост маҳз ниёкони фарзонаи мо нахустин буданд, то онҳоро нек дарёбанд ва мавриди интишор қарор диҳанд. Ҳоло мехоҳам таваҷҷӯҳ бидиҳам ба шабоҳатҳои ҳикмату ахлоқи динҳои ягонахудоӣ бо оини зартуштӣ. Яке аз намунаҳои равшани ин шабоҳатҳо гуноҳ донистани куштани одам мебошад. Агар дар ислом ва динҳои

насрониву яҳудӣ одамкуш ба дӯзах гирифтор бошад, дар оини зартуштӣ, на танҳо кушандаи одаме, балки шахси касро ба куштан дода, ё сабабгори кушта шудани касе гардад, низ гунаҳкори ба гуноҳи ҷубронпазир дониста мешавад. Гузашта аз ин дар оини зартуштӣ ҳайвонотро бесабаб куштан ва ҳатто барои қурбонӣ хун рехтан, гуноҳ шуморида шудааст.

Дар дини зартуштӣ яке аз гуноҳҳои бузург ва палидтарин кор, ки комилан бахшоишнопазир аст, дурӯғ гуфтан аст. Дурӯғгӯӣ бо забони Аҳриман (шайтон) сухан гуфтан аст ва дурӯғ гуфтани кас аз дин ҷудо шудани ӯст. Дар «Авасто зикр гардидааст касоне, ки пӯёи роҳи «мину» (биҳишт) бошанд, ростӣ пеша карда, ба равшанӣ мераванд ва онон, ки дурӯғро мепазиранд, ба торикӣ омехтаанд. (Чуноне дар дини мубини ислом, ҳикматест, ки дурӯғгӯӣ торикии имон аст ва дурӯғгӯ аз ҷаннат дур ва ба дӯзах наздик аст.) Дар оини зартуштӣ ҳамчунон паймон шикастану қарзро барнагардондан гуноҳи кабир маҳсуб аст. Тибқи китоби «Авасто», амали паймон бастан ва вафодорӣ ба паймонро, махсус фариштаи (эзади) Меҳр – Митро назорат мекардааст.

Ҳикмати дигаре, ки дар илоҳиёту диншиносӣ мояи аҳамияти вижа аст, парҳезкорӣ ва идора кардани нафс мебошад. Дар мавриди парҳезкорӣ ва пешгирӣ аз тамаъ ҳикояте мавҷуд аст, ки назар ба он яке аз коҳинон (мисли мулло, рӯҳонӣ) ҷиҳати иҷрои маросими диннӣ, ба хонаи падари Зартушт-Пурушасп омад. Пурушасп дар назди он коҳин косаи шир ниҳод ва хоҳиш кард, ки бар иваз барояш дуое бихонад. Зартушти ҷавон он ҷо буд ва гуфт намегузорам, ки дуо бар ивази музд бихонанд. Аммо коҳин мехост барои хондани дуо аз соҳибони хона музде ситонад. Зартушт косаи ширро ба замин нагун кард ва гуфт: «Нагузорам чунин шавад. Ман ситоиш мекунам барои парҳезгорӣ ва ситоиш барои парҳезгорону

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

некмардону некзанон». Дар готҳо низ омада, аз ду гавҳари муҳим, ки хушкомӣ ёбанд, яке аз дурӯғкирдору каҷандеш пайравӣ накардан ва дигаре парҳезкориву ҷилави нафсро гирифтан аст.

Ба ин нукта лозим аст ишора шавад, ки ҳикматҳои баргирифта аз «Авасто» дар динҳои дигари ягонахудоӣ хеле зиёданд, ки муфассал рӯйи коғаз овардани онҳоро ин ҷо маҷол нест, бинобар ин гуфтаҳои болоро кофӣ донистa, дар замина бузургии фалсафаи зартуштиро назди мактаби фалсафаи Юнони бостон ёдовар мешавем.

Афлотун, Арасту, Диоген, Демокрит, Дионис, Пифагор, Плутарх, Порфири, Страбон, Хисонтус, Ҳеродот аз шумори ками файласуфону таърихнигорони Юнони бостон мебошад, ки бо вуҷуди ба фарҳанги форсу тоҷик бо чашми пурғараз нигаристани юнониён, фалсафаи Зартуштро жарфу фавқулодда ва пурмуҳтаво дарёфтаанд. Аз ҷумла яке аз бунёнгузорони фалсафа Арасту (Аристотель, асри IV пеш аз мелод), зуҳури Зартуштро ҳамчун паямбар 6000 сол пеш аз марги падари фалсафаи Юнон, Афлотун тахмин задаст. Аз рӯйи ин ҳисоб Зартушт 6347 сол пеш аз таваллуди Исои Масеҳ ва 6968 сол пеш аз ҳиҷрати Ҳазрати Муҳаммад зиндагӣ кардааст. Афлотун дар осори худ аз фалсафаи Зартушт пиромуни некиву бадӣ, дунёи бақо, сафари арвоҳ ёдовар шуда, аз арзишҳои он фалсафа баҳрагириҳо кардааст. Пайвастагиҳо миёни андешаҳои Афлотун ва Зартуштро мулоҳиза карда, баъзе шогирдони ӯ Зартуштро устоди Афлотун ва ё Афлотунро таҷассуми дубораи Зартушт арзёбӣ кардаанд. Ҳарчанд Арастуро яке аз бунёнгузорони мактаби фалсафа донанд ҳам, худи Арасту дар китоби машҳураш «Метафизика», ибтидои фалсафаро дар ақоиди Зартушт дарёфтааст.

Ин гуфтаро бозмегӯем, ки Зартушт шахси таърихӣ буд, дар ёдкарди на танҳо юнониён, балки фозилони барҷастаи форсу тоҷик ба сабт омадааст. Аз ҷумла

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Абурайҳон Берунӣ, дар асари машҳури худ, «Осор-ул-боқия», гуфтааст, ки интишори оини Зартушт аз шарқи Эрон, яъне Балх, ба марказ ва ғарбу ҷануб сурат гирифтааст. Ҳамон тавре ки дар пеш гуфта шуд, ба Зартушт дар соҳили рӯди Доятик (Дотик-Ому), ваҳй аз худованд расида буд. Ховаршиноси шинохтаи мағрибӣ, Ҳертсфелд (1879 — 1948) низ дар пажӯҳиши худ, зери унвони «Таърихи бостоншиносии Эрон», зикр кардааст, ки ҷойгоҳи анҷуман ва кохи нишастангоҳи амшосипандон (фариштагон), ба сӯи Ховар (Хуросон), дар Эронвиҷ буд, бар канори рӯди Доятик (Дотик). Хуллас, дар мавриди аз сарзамини тоҷикнишинон будани Зартушт ҷои баҳс нест. Ҳамчунон барои он ҳамдиёроне, ки таассуб бар хирадашон чира гаштааст, бояд гуфт, аз он чи дар ин навиштор зикр гардид, каҷандешона маънӣ набаранд, ки мо бо овардани дарёфтаҳои ҷустории худ иддаои бартарии оини зартуштиро бар дини мубини ислом дорем. Чунин гумон аблаҳие беш нест. Вале донистану бо эҳтиром қоил будан ба гузаштаи дури тоҷикон, пуштибонӣ аз сарватҳои маънавии миллат мебошад. Зикри ин нуктаро низ зарур медонам, ки дар садсолаҳои гузашта, новобаста аз он ки давлатдорӣ дар қаламрави Варорӯд даҳриву дунявӣ набуд, донишмандони барҷастаи эронитабор, чун Фозили Шаҳрӯзӣ, аллома Давонӣ, Мир Садруддин, Абурайҳони Берунӣ ва уламои дигар ӯро набӣ ва ҳакими комил донистаанд. Метавон натиҷагирӣ кард, ки донишмандони доно собит кардаанд, дини бостонии тоҷикон-дини зартуштӣ, дини тавҳид ва ахлоқи фозила буда, парастиши отashу ақоиди санавият (духудоӣ) аз он дин нест, балки аз бақоёи мазҳаби маҷусии модӣ аст, ки баъдҳо онҳо бо зартуштиён омехта шудаанд. Дар ин маврид барои тақвияти андешаҳои файласуфони Юнони бостон, ки дар пеш зикр намуда будем, гуфтаҳои Абурайҳони Бeруниро (таваҷҷӯҳ кунед, таваллудаш соли 973 м.), меоварем:

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

«Маҷусҳо онҳоеро гӯянд, ки пеш аз Зартушт буданд ва имрӯз шахсеро наметавон пайдо кард, ки ба гуфтаи Зартушт муътақид набошад».[19] Ҳамчунон бояд ба таъкид гуфт, ки иддае аз пажӯҳишгарон, бо овардани нукоти ҷолиб, муғонро эронинажод ва ҳатто ориёӣ намедонанд.

Ва бояд донист, ки исломи асил зартуштиёнро дар баробари насрониҳо ва бани Исроил «аҳли китоб» донистаанд.

Дар поёни ин бахши гуфтор дар пиромуни боварҳои динии эронитаборон, овардани иқтибосеро аз бинишҳои жарфи Авастошиноси фарҳехта, камёфттарин андешаманди замони муосир, Бобо Назар Ғафор ҳатмӣ медонам. Ӯ ниҳоят бинишварона гуфтааст: «Агар мо динпазирии бегона (religional tolerance - боварии бурдборонаи динӣ) дошта бошем ва бо чашми ҳақбин ба зардуштизм нигоҳ бикунем, бегумон метавонем саҳми ӯро дар таърихи башар дуруст - ба истилоҳи мо фарҳанги террестрӣ муқаррар бикунем ва ба ӯ сазовор арҷ бигузорем. Асрҳои дароз яке аз воситаҳои тарғибу ташвиқ ва росих гардонидани кешу мазҳаб пеши диндорон ҳатман доштани динбезории бегона буда буд, ки ин пеши касе пӯшида нест ва ҳолиё низ бисёр авомсаводон ин безории бегонаро аз «шартҳои» диндории хеш мепиндоранд. Бегумон авомсаводон барои ин рафтору кирдори хеш сабаб доранд, ки он пояи сусти огоҳии ишон аз дин аст. Ин аз баҳсҳои ба ҳар асру замон миёни диндорон хеле хуб рӯшан аст».[20]

Мо дар бораи боварҳои динии эронитаборон сухан гуфта, набояд аз боварҳои динии Монӣ ва Маздак хомуш бошем, зеро бисёре аз ниёкони дури мо пайравони ин боварҳо буда, ҳатто дар замони фарогирии оини Зартушт

---

[19] Абурайњони Берунї, «Осор-ул-боќия», Д. 1990, сањ.220

[20] Бобо - Назар Ѓафор, Кеши Зардуштї (маљмуаи маќолањо дар зардуштизм ва масоили марбути он, Душанбе Ирфон, 2011, с. 94)

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ва дини ислом андешаҳои инсондӯстонаи худро пос медоштанд.

## Монӣ ва Маздак – диноварони бостон.

Бисёриҳо огоҳанд, ки пеш аз ислом пазируфтан, гузаштагони дури мо худ диноварон буданд ва то пайдоиши боварии зартуштӣ ба Зарвонӣ ва меҳрпарастӣ (Митроизм) ихтиёр доштанд. Дар замони ривоҷи оини Зартушт, дар сарзамини эронитаборон, мардум динҳои дигареро низ парастанда буданд, ки бузургтарини онҳо яке дини Монӣ ва дигаре дини Маздак буданд. Аммо чун ин динҳо тобишҳои инқилобӣ ва талоши ҷирамандӣ бар ҳокимият доштанд, аз ҷониби шоҳон саркӯб гардида, сарваронашон ба нобудӣ супорида шуданд. Мо дар ин навиштор кушиш дорем то нигари хонандагони гаронмояро ба пешинаи боварҳои динии ниёконамон ҷалб намоем.

### Монӣ

Монӣ бунёдгузори оини монавӣ, писари Фотак ё Потак, зодаи Бобил ва модараш аз хонадони шоҳони Ашконӣ буд. Дар ҷавонӣ ба омӯхтани илмҳои замона, ҳамчунон ҳикмат ва мутолиа дар динҳои зартуштӣ, исавӣ ва дигар динҳои замони хеш пардохт. Ва дар синни 24 солагӣ даъвои паёмбарӣ кард ва худро «Форқлид», ки Масеҳ зуҳури ӯро ваъда дода буд, ба мардум оини худро ошкор сохт. Чанде дар Байнаннаҳрайн ба таблиғ ва густариши дини худ пардохт ва он гоҳ бо ҳамёрии Пирӯз, бародари Шопур, подшоҳи Сосонӣ, ки дини вайро пазируфта буд, ба Шопур шиносонида шуд ва Монӣ яке аз китобҳои худро ба номи «Шопургон» ба ӯ подош кард.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Шопури I дар оғоз бо Монӣ меҳрубонӣ мекард ва пайравонашро дар мазҳаби худ озод гузошт, вале баъдҳо зери фишори рӯҳониёни зартуштӣ қарор гирифт ва Шопур ӯро аз Эрон табъид кард.

Монӣ дар айёми оворагӣ ба Чин, Ҳинд ва Тибет сафар кард ва пас аз марги Шопур дар соли 272 - и мелодӣ ба Эрон бозгашт. Ҳурмуз ҷонишини Шопур аз Монӣ пазироӣ кард ва ӯро гиромӣ дошт ва иҷоза дод, ки оини худро озодона густариш диҳад. Монӣ дар ин замон бештар байни масеҳиёни Байнаннаҳрайн ба интишор ва таълими мазҳаби худ пардохт ва дар муддате кутоҳ пайравони бисёре ёфт. Аммо дере нагузашт, ки Баҳроми I, фарзанди Ҳурмуз ба подшоҳӣ расид ва зери фишори рӯҳониёни мутаассиби зартуштӣ Баҳроми I ӯ ва ёронашро дастгир кард ва Мониву ёронашро ноҷавонмардона ба қатл расонданд ва пӯсти Мониро канданд ва пур аз коҳ карданд ва ба яке аз дарвозаҳои шаҳри Ҷундишопур овехтанд ва дар ин амал 12000 нафар аз пайравони ӯ кушта шуданд.

Дар мавриди Монӣ ва боварҳои ӯ бояд гуфт, ки Монӣ барои ин ки усули оини худро ба мардуми бесавод биомӯзонад, онҳоро бо тасвирҳои зебо наққошӣ мекард ва ба ҳамин сабаб ӯро Монии наққош ҳам мегуфтанд. Бо аз байн рафтани Монӣ, пайравонаш дар давраҳои пасин дар ҷаҳон пароканда шуданд ва ба таблиғи дини ӯ пардохтанд ва ҳатто пас аз пайдоиши ислом оини ӯ дар Осиёи Марказӣ то ноҳияҳои Тибет ривоҷ дошт. Дар Аврупо низ оини монавӣ то ҷануби Фаронса нуфуз кард ва Сен Августин - кашиши шинохтаи масеҳӣ дар асри V мелодӣ ба муддати 10 сол аз пайравони мазҳаби Монӣ шуд ва ӯ низ зери фишори аҳли калисо дини мониро тарк кард. Мазҳаби Монӣ дар асл таркибе аз динҳои Зартуштӣ, Исавӣ, Буддоӣ ва Юнонӣ буд. Монӣ аз назари андешаи мазҳабӣ ва фалсафӣ бар он бовар буд, ки олам аз ду унсури рӯшноӣ ва торикӣ ба вуҷуд омада ва асоси он бар пояи хубӣ ва бадӣ

*Ин китоб аз сомонаи [kitobkhon.net](kitobkhon.net) боргирӣ шудааст*

устувор аст, вале дар поёни дунё рӯшноӣ аз торикӣ ҷудо хоҳад шуд ва сулҳи абадӣ ҳама ҷоро фаро хоҳад гирифт. Ин андеша баргирифта аз андеша ва оини Зартушт аст, яъне Аҳурамаздо (рӯшноӣ) ва Аҳриман (торикӣ) аст, ки саранҷом Рӯшноӣ бар Торикӣ пирӯз мешавад.

Монӣ дар ҳақиқат навъе ирфон ва нафскушии масеҳиятро дар дарунмояи бовариҳои худ ҷо дода буд ва ба навъе зуҳд ва бениёзӣ аз дунёро таблиғ мекард ва ин ки инсон бояд аз лаззатҳои дунявӣ, монанди издивоҷ, хӯрдани гӯшт, нӯшидани шароб ва гирдоварии мол ва сарват бипарҳезад ва пайравону руҳонияти монавӣ муаззаф буданд, ки беш аз хӯроки якрӯза ва либоси яксоларо андӯхта накунанд ва аз ҷамъоварии молу сарват бипарҳезанд.

Монӣ ба 5 асл, ки аз худованд содир шуда, яъне идрок, ақл, фикр, тааммул ва ирода таваҷҷӯҳи зиёд менамуд ва инҳо асоси таълимоти ӯ буданд. Монӣ рисолати Зартушт, Буддо, Масеҳро тасдиқ карда, мегӯяд «ҳар замоне паёмбаре ҳамчун Зартушт, Буддо, Масеҳ ва дигарон зуҳӯр кардаанд ва акнун ман низ ба паёмбарӣ расидаам». Дини Монӣ аз тариқи Шом ва Миср ба Аврупо роҳ ёфт ва махсусан дар Рум бо дини Исо баробарӣ мекард. Аз назари ахлоқӣ як фарди монавӣ мебоист се аслро, ки бо он се асл мӯҳр мегуфтанд, риоят кунад: 1. Мӯҳри даҳон (дурӣ аз гуфтори бад), 2. Мӯҳри даст (парҳез аз кори бад), 3. Мӯҳри дил (дурӣ аз пиндори бад), ки ин се асл баргирифта аз оини Зартушт - «гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек» мебошанд.

Ибодати монавиён содда ва ҳамроҳ бо нағмаҳои мусиқӣ буд. Пайравони Монӣ дар ҳар моҳ 7 рӯзро рӯза мегирифтанд ва муҳимтарин рӯз барои онҳо якшанбе буд. Дар моҳи март ҳам рӯза мегирифтанд ва охирин рӯзи ин моҳро ид мегирифтанд, ки «Бимо» ном дошт ва он ба ёди шаҳодати Монӣ баргузор мешуд, ки минбари холӣ

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мегузоштанд ба ёди Монӣ ва дар гӯиши юнонӣ минбарро «Бимо» мегуфтанд.

Пайравони Монӣ намоз ҳам ба ҷо меоварданд ва пеш аз он мебоист бо оби ҷорӣ вузӯ гирифта ва бадани худро маҳс кунанд ва агар об набуд, бо хок ё қум таяммум мекарданд. Намозро ба сӯи Офтоб ва Моҳ баргузор мекарданд, ки ёдовари мазҳаби Митроизм аст. Дар ҳар намоз ҳам 12 саҷда мекарданд. Пайравони Монӣ маҳалли ибодат ва риёзати худро дар Варорӯд «Хонгоҳ» мегуфтанд ва ин вожа баъдҳо дар адабиёти сӯфиёна бо номи «Хонқоҳ», ё Хонақоҳ маъруф шуд. Монӣ ба таносух бовар дошт. (Боззоии рӯҳ дар бадани дигар). Зоҳиран ақидаи таносухро аз буддоиёни Ҳинд гирифта буд ва дар забони буддоӣ таносух «Симсора» гуфта мешуд ва ҳамин андешаи таносух баъд аз ҳамлаи арабҳо дар миёни пайравони Абумуслими Хуросонӣ ривоҷ дошт, ки ба «Ҳулулия» маъруф буданд. Дар ҳақиқат ин таносух ба тафсири рӯҳию равонӣ навъе умед ва идомаи мубориза ва навъе диалектика аст, ки бо марги як нафар озодихоҳ ва мубориз, ки барои манфиатҳои халқ меҷангад, ҳарчанд ки ӯ кушта шавад, вале роҳу ёдкард ва муборизаи ӯ идома хоҳад дошт. Ва аз ин рӯ, ин андешаи Монӣ қобили аҳамият аст, ки бо боварӣ ба ҷовидонагии рӯҳ ҳамвора мубориза ва талошро ба шаклҳои гуногун ва дар чаҳорчӯби инсонҳои дигар таҷассум ва ҷилвагар мекунад. Таблиғ ва паҳни дини Монӣ илова бар Аврупо, ба вижа ҷануби Фаронса дар дигар кишварҳо ҳамчун Арманистон, Испания, Туркия, Муғулистон, Сурия, Алҷазоир, Арабистон, Ҳинд, Чин то Африқо ва Португалия, Императории Рум кашида шуд. Аз ҷумла осори Монӣ илова бар «Шопургон» Артанг ё Аржанг, Инҷили ҷовидонӣ ё кабир аст, ки бо забони суриёнӣ таълиф шудааст. Ҳамчунин «Сафар – ул – асрор» ва «Сафар – ул – ҷабобира» аз ҷумлаи осори ӯст. Монӣ мегуфт ман аз маркази олам ҳастам, хотами Расул (яъне

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

охирин расул) ва паёмбари тамоми ҷаҳонам. Ҷойи пойи маҳками монавиён дар Суғд, дар шаҳрҳои Самарқанд ва Тошканд барои боландагии монавия дар қаламрави Суғд дар замони Сосониён барои густариши Монавия дар Шарқ дорои аҳамияти бисёр буд. Аз рӯии биниши бартариноки Бобоҷон Ғафуров дар Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ Монавия хеле аз ҷиҳатҳои дини Буддоияро касб ва баъзе унсурҳои таълимот ва қисмати истилоҳоти онро пазируфт.[21] Ба ҳар ҳол дини Монӣ мутаносиб бо замони Сосонӣ ва ҷудоиҳое, ки дар дини Зартушт сурат гирифта буд, бо бахрагирӣ аз динҳои дигар мисли Исавӣ, Буддоӣ, ақидаҳои фалсафии Юнон мазҳаби наве бо ниёзи замон ба вуҷуд овард ва нисбат ба дини Зартуштии Сосонӣ навтару замонавитар буд ва ислоҳоти мазҳабӣ ва иқдомоти амалии Монӣ дар ҳақиқат навъе реформа ва ислоҳоти иҷтимоиву мазҳабӣ ба нафъи тудаҳои заҳматкаш буд. Ва ҳамин таваҷҷуҳ ба манфиатҳои тудаҳо боис шуд, ки ҳукумати вақти давраи Сосонӣ ва рӯҳониёни Зартуштӣ, ки манфиатҳои худро дар хатар медиданд, бо Монӣ ва андешаҳои халқии вай ба мубориза бархостанд ва дар фарҷом ӯ ва ёронашро ба қатл расонданд.

## Маздак

Маздак аҳли Истахри Форс буд ва номи падараш Бомдод. Ду садсола пеш аз Маздак марде ба номи Зартушт Будан ё Бундис писари Хургон, ки аз мардуми Фасо (Пасо) дар форс буд ва мазҳаби монавӣ дошт, оине бо номи Диристдин (Дини воқеӣ, дини дуруст) - ро пай афканд ва Маздак, ки аҳли амал буд, ин андешаро, ё оинро ривоҷ дод. Дини Маздак бозсозишудаи дини Монӣ буд. Дар ин оин ба 4 масъала таваҷҷуҳ мешуд: дарёфтан, ҳуш, ҳофиза ва шодмонӣ, ки ин 4 падида ҳамчун 4 неру номбар мешуданд.

[21] Б. Г. Гафуров, «Таджики», Москва, издательство «Наука», 1972, стр. 173

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дар оини Маздак аз ҳар чи алоқаи равонро ба модда зиёд кунад, бояд худдорӣ мешуд. Ба ин ҷиҳат, хӯрдани гӯшти ҳайвонот назди маздакиён ҳаром буд. Дар ҷомеаи монавиён бовамандони дараҷаи аввал маҷбур буданд, ки саросари зиндагониро бидуни зан бигзаронанд ва танҳо иҷоза доштанд хӯроки як рӯз ва либоси як солро молик бошанд. Вале бузургони кеши Маздак дарёфтанд, ки мардумони оддӣ наметавонанд аз лаззатҳои дунявӣ, яъне доро будан, хоста ва баҳравар шудан аз занон сарфи назар намоянд, магар вақте ки қодир бошанд майли худро амалӣ кунанд ва рӯи ҳамин асл афкор ва назарияи иҷтимоии Маздак падид омад.

Маздак боварманд буд, ки васоили зиндагиро рӯйи замин офарида то ҳама баробари якдигар аз он бархӯрдор шаванд. Чун ҳар кас мехоҳад беш аз дигаре аз ҷаҳон баҳраманд гардад, дар натиҷа ба хушунат ва бадрафторӣ даст мезанад ва нобаробарӣ ва беадолатӣ ва ихтилофоти табақотӣ аз ин ҷост, ки пеш меояд. Маздак бар он бовар буд, ки ҳеҷ кас дар ин дунё бархоста бо молу сарват бар дигарон бартарӣ надорад ва дар ин маврид ихтилоф ва истисморе набояд вуҷуд дошта бошад ва он чи асоси зиндагиро месозад, танҳо баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ аст. Ва бояд аз баҳрабарӣ ва истеъмору истисмори дигарон парҳез кард ва набояд табақаҳои заифу нодорро ҳамчун ғулом ва барда дар ихтиёр дошт.

Қубод – подшоҳи Сосонӣ тарафдори оини Маздак шуд, вале бар асари шӯриши наҷибзодагон ва феодалҳо, ки манфиатҳояшон ба хатар афтода буд, ба муқобили Маздак ва Қубод бархостанд. Қубод ба кишвари Ҳайтолиён паноҳ бурд ва чанде пас бо ёрии лашкариёни Хоқон дубора ба Эрон бозгашт ва тоҷу тахти худро ба даст овард. Дар ин бора Кристенсен таърихнигори данмаркӣ менависад: «Қубод низ ба оини маздакиён пайваст, аммо бо дасисаву таҳрики сарватмандону қудратмандону рӯҳониёни

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

зартуштӣ аз подшоҳӣ барканор шуд ва ба подшоҳи Ҳафтолиён паноҳ бурд, вале дере нагузашт, ки дубора ба Эрон бозгашт ва дар ниҳоят 42 сол подшоҳӣ кард».[22] Вале ин бор робитааш бо маздакиён сард шуд. Чанде пас ба ҳангоми тарҳи масъалаи ҷонишинии Қубод, ки Хусрави Анушервон ва Ковус, фарзандони Қубод номзад ба валиаҳдии Қубод шуданд, маҷлиси мубоҳисаи мазҳабӣ ташкил доданд ва дар ҳамин маҷлис бо ҳамдастии Усқуф ё Кашиши бузурги Исавиён (епископ) ва рӯҳониёни зартуштӣ Маздакро муҳокима карданд. Бинобар ривоятҳои гуногун, шумори 80000 то 150000 нафар аз маздакиёнро қатли ом карданд ва бад - ин тартиб ашроф, феодалҳо ва сарватмандон, ки хостори ҷомеаи табақотӣ ва истисмор ва баҳрагирӣ аз табақоти поён, бавижа кишоварзон буданд, осудахотир гаштанд ва ба истисмору зулму беадолатӣ пардохтанд ва аз хатари ислоҳоти пешравонаи маздакиён осуда гаштанд ва ба қавли Фирдавсӣ:

Бузургон шуданд эмин аз хоста,
Зану зодаву боғ ороста.

Дар як баррасии саросарӣ метавон гуфт ҷомеаи Сосонӣ ва ҳукумати Сосониён як ҷомеаи пуштибони ашрофӣ, бар пояи низомҳо ва қонунҳои ҷабрангезу золимона буд ва вижагии ин ҷомеа иборат буд аз гузори таърихӣ ва дардноки он аз низоми дудмонӣ (авлодӣ, наследственный) ва бардагӣ ба низоми феодалӣ ва ин амр дар ҳукуматҳои пешин низ ба чашм мехӯрд ва зиддиятҳои иҷтимоӣ ва табақотии ваҳшатноке вуҷуд дошт ва қударту сарват ва усулан оромишу осоиш ва зиндагии беҳтару бартар ҳамеша дар ихтиёри наҷибзодагону амирону шоҳзодагону дарбориёну вобастагони онҳо буд. Ва

[22] Артур Кристенсен, «Эрон дар замони Сосониён», тарљумаи Рашид Ёсумї, Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1367/1988, с.345

такягоҳи онҳо низ рӯҳоният ва мазҳаб буд. Яъне иттиҳоди давлат ва мазҳаб ва манофеи муштараки ҳар ду рончунон буд, ки қудрат ва ҳукуматро ҳар тавр, ки мехостанд, дар ихтиёри худ мегирифтанд ва ҳаргиз ба фикри осоиш ва зиндагии хуби мардум набуданд.

Мақоми салтанат аз рӯйи анъана меросӣ буд. Касони ба хонадони шоҳӣ ба бузургтарин амлокдорон табдил ёфта буданд ва табақаи сарватмандон ва рӯҳониён низ заминҳои зиёде дар ихтиёр доштанд ва дар ин миён деҳотиён ва кишоварзон зери фишорҳои сахте буданд ва андозҳои вазнину миёншикан ба ҳокимият медоданд ва натиҷаи заҳмату дастранҷашон насиби феодалҳо ва ашроф мешуд. Дар асл барда ва ғуломе буданд, ки барои қудратмандону зӯроварон кор мекарданд. Дар натиҷа онҳо пайвастагӣ ва шавқе барои кор кардан дар рустоҳо надоштанд ва гурӯҳ – гурӯҳ ба шаҳрҳо мерафтанд. Аммо кӯчидани онҳо ба шаҳрҳо вазъи зиндагиашонро тағйир намедод ва мушкилиҳои наврo барояшон эҷод мекард. Дар ҳақиқат ҳама чиз дар ихтиёри гурӯҳи мушаххас буд. Дар ҳалқаи шоҳ 7 ашрофи бузурги хонадони Сосонӣ ва асилзодагон ва мулозимони дарбор ва волиёни шаҳрҳо ва ноҳияҳои қаламрави Сосониён ва ашрофи рӯҳонӣ дар қолаби мубадони мубад ва ҳирбадони ҳирбад (ба монанди имомони аъзами дини ислом) гирд омада буданд ва ин гурӯҳҳо ҳар кадоме талош доштанд бо наздикии бештар ба подшоҳ қудрат, мансаб ва сарвати бештаре ба даст оранд. Дигар табақаҳои ҷомеа аз ҷумла ҳунармандон, пешаварон, кишоварзон, чорвопарварон зиндагии бардавор ва ғуломгунае доштанд ва аз ҳуқуқи камтар бархурдор буданд ва хурдтарин эътирози онҳо ваҳшиёна саркуб мешуд ва роҳи тараққӣ ва ҳатто донишандӯзӣ барои табақаҳои поён манъ буд ва ночор рӯ ба зиндагии фалокатбор ва марги тадриҷӣ буданд. Аз сӯйи дигар, ҷангҳои дарозмуддат миёни Эрону Рум ва ҷанг бо Ҳафтолиён фишорҳои

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

иқтисодӣ ва молиро ба рӯи табақаҳои нодор садчандон карда буд ва барои таъмини хароҷоти сипоҳиён ва нигаҳдории тоҷу тахт ва идомаи чаповул ва ғоратгарии худ андозҳои гуногун ва хароҷот аз мардум мегирифтанд. Дар чунин шароите буд, ки ҷунбиши Маздакия ва ибрози назарияи иштирокии (коллективии) моликият аз ҷониби Маздак шакл гирифт ва дарвоқеъ навъе инқилоби фикрӣ ва амалӣ ва сотсиалистӣ буд, ки Маздак нигаҳбон ва бунёдгузори он гардид ва дар натиҷа аз атроф ва тамоми ҷойҳои қаламрави Сосонӣ табақаи нодор ва ситамдида бахусус пешаварони нодор ва кишоварзон, чорвопарварон ва ба таври умумӣ халқи мазлум ба Маздак пайвастанд ва ҷунбиши ӯ тахминан саросари қаламрави Сосониро фаро гирифт ва пояҳои қудрат ва азамати золимонаи онҳоро суст гардонид. Дарвоқеъ бояд гуфт, ки наҳзати Маздакия, ки решаи он дар монавия аст ва монавия низ ки ба гунае дар Зартуштхургон ва ӯ низ таълимоташ баргирифта аз Зартушти паёмбари бузург аст, мутаносиб бо рӯҳ ва ниёзи замон ва шароити айнии ҷомеа даст ба ислоҳоте зад ва ба навъе боиси инқилоби иҷтимоӣ ва сотсиалистӣ шуд ва бо такя ба амал андешаҳои пешрафтаи худро ба миён гузошт ва таълимоти инсондӯстонаи Зартушти паёмбарро, ки аз камхирадӣ ва ҳавобаландии рӯҳониёни аз ҳақиқат ҷудо монда дини ӯ камранг шуда буд, ба таври илмӣ ва амалӣ зинда кард ва ба шарҳу тафсири иҷтимоии он таълимот пардохт ва дар ҳақиқат назария ва андешаҳои асил ва гиромии Зартуштро бар хилофи мухолифатҳои ашроф ва рӯҳониёни зартуштӣ дар амал татбиқ кард ва «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» ва ба вижа кирдори нек, ки ҳамон рафтори одилонаи зиндагии иҷтимоии бетабақа ва адолатхоҳона буд, ба якдигар гireҳ ва пайванд зад ва нишон дод, ки пиндори нек ва гуфтори нек замоне арзиш доранд ва маънию мӯҳтаво пайдо мекунанд, ки амалан ба сурати кирдори нек дар ҷомеа татбиқ шаванд. Ва кирдори

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

нек чизе ҷуз адолати иҷтимоӣ, баробарӣ ва адлу инсоф, додгустарӣ ва инсондӯстӣ ва озодии баёну забон ва демократия ва аҳамият додан ба шарофату шахсияти инсон чизи дигаре набуда ва нест ва ҳама андешамандон ва раҳаброни динӣ ва сиёсӣ барои дар ин маврид суханҳо гуфтаанд ва аз ин рӯ аст ва Маздак бо дарки дурусти ин маънӣ талош кард, ки гуфтор ва пиндори некро ба арсаи амалии ҷомеа бипайвандад ва суду манфиати ҷомеаро, ба вижа заҳматкашонро таъмин намояд, зеро таърих нишон додааст, ки табақаҳои заҳматкаш асос ва нигаҳбони фаъолият ва истеҳсолоти ҷомеа ҳастанд ва кору талоши ин табақа аст, ки ҷомеа метавонад ба истиқлоли иқтисодӣ ва худкифоии моддӣ ва бениёзӣ аз дигарон бирасад. Пас табиист, ки боясти ҳуқуқи ин табақа ва арзишу эътибор ба шахсияти онҳо муқаддас шумурда шавад ва дур аз таҷовузу дастдарозии қудратмандону зӯроварон бошад ва ҳамаи андешаҳои метафизикӣ ва фалсафии Зартушту Монию Буддо дарростои густариши ин маъно буданд. Мутаассифона, дар дарозои таърих бо иттиҳоди норавои дину давлат ва истибдоди динӣ, давлатӣ ва сиёсӣ ҳуқуқи табақаҳои заҳматкаш, кишоварзону коргарон поймол шудааст ва ба номи дину давлат қудратмандону зӯроварон бар шонаҳои мардум савор шудаанд. Ва ҳамвора фосилаи забон то амал бениҳоят дароз будааст ва ба қавли шоири эронӣ Ҳушанги Ибтиҳоҷ Соя:

Аз доду вадод ин ҳама гуфтанду накарданд,
Ё раб, чи қадар фосилаи дасту забон аст.

Ва ба ҳамин хотир, зуҳури Маздак ва рӯйи кор омадани андешаҳои илмӣ ва сотсиалистии ӯ, ки ҳатто баъдҳо баъзе аз мазҳабҳои илоҳӣ ва сиёсӣ, мактабҳои фалсафӣ ва сиёсӣ аз ҷумла сотсиализм ва коммунизм аз ҳамин андешаҳо баҳраҳо гирифта ва бо таваҷҷуҳ ба

шароити ҷомеа ва табақаҳои иҷтимоӣ ва истисмору баҳракашӣ аз мардуми ҷомеа, бахусус заҳматкашон, решаҳои онро идома додаанд ва илмитару амалитар онро ривоҷ додаанд. Чаро, ки Зартушт ва Маздак ба ин натиҷаи илмӣ расида буданд, ки нобаробарӣ ва беадолатӣ асоси кина ва адоват ва беадолатиҳо, ҷангҳо дар ҷомеаҳо будаанд ва зиндагии башарро ба вартаи нобудӣ кашондаанд. Ва ба ҷойи фарҳанг ваҳшигариро ривоҷ дода ва қонуни ҷангал, куштори заифон бо дасти зӯроварон ҳамеша маънои инсон ва инсонигариро то мартабаи ҳайвоният поин фаровардааст. Ва ҳамаи инро асосаш моликияти золимонаи фардӣ ва истисмор ва истеъмори кишварҳо будааст. Дарвоқеъ Маздак ҳамон ҷомеаи хаёлӣ (утопиявӣ) ва ормоншаҳри Афлотуну Форобиро пайравӣ мекард ва ба шакли амалӣ хостори густариши он буд. Ва ҳатто фалсафаи навафлотунӣ, ки ба иллати муҳоҷирати иддае файласуфони Отин дар замони Хусрави Анушервон ривоҷ дошт, реша дар андешаҳои Маздак дорад. Ба назари Маздак, адлу инсоф дар иҷтимоъ монанди нури худовандӣ аст, ки бояд ҳамеша барқарор бошад ва нобаробарӣ дар сурате ба вуҷуд хоҳад омад, ки иддае аз афроди ҷомеа ба воситаи ҷабру зӯр молу маноли дигаронро азхуд намоянд. Чунин амале ба фикри пайравони Маздак ба хусусиятҳои панҷгонаи зерини ахлоқи пасти инсон вобаста аст: **Рашк, Кина, Хашм, Ниёз, Тамаъ.**

Дарвоқеъ, ин ҳамон панҷ деви аҳриманӣи монавия аст, ки инсони азалиро дар олами зулмонӣ зиндонӣ карда буданд. Агар ба сифатҳои мазкур, ки сифатҳои аҳриманӣ ва зиддиинсонӣ ҳастанд, таассуб, душманӣ, бераҳмӣ ва ҳирс ба моликияти фардиро илова кунем, дарвоқеъ таълимоти иҷтимоии Маздак бо тамоми ҳастӣ, айнӣ ва воқеъӣ ҷилвагар мешаванд, зеро ӯ боварманд аст сифатҳои мазкур одамиро аз роҳи рост ва адлу додхоҳӣ ва инсофу

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

инсонигарӣ дур мекунад ва касе, ки аз ин балоҳо раҳоӣ ёбад, ба даргоҳи Аҳурамаздо роҳ хоҳад ёфт.

Маздак барои барҳам задани решаҳои нобаробарӣ ва ихтилофи табақотӣ дар ҷомеа, ки боиси кинаву рашку ҷангу хашму ситез мегарданд, адолат ва баробарии иҷтимоиро пешниҳод мекунад ва истифодаи баробар ва усулӣ аз неъматҳои моддиро асос ва пояи адолати иҷтимоӣ медонад, ки дар натиҷа сифатҳои манфӣ ва пасти ёдшуда ба бародарию меҳру муҳаббат табдил хоҳанд шуд. Ва ҷиҳод дар роҳи пирӯзии нур ҳамон талошу кӯшиш дар роҳи баробарӣ ва додгарӣ ва меҳрварзиву оштиву дӯстӣ аст. Ҳамаи инҳо дарвоқеъ намоду символи аҳуроӣ ва эзадӣ бар муқобили аҳримани беадолатӣ ва зулму ситами иҷтимоӣ аст.

Аммо масъалаи баробарии моликият ва иштироки одилонаи молу дороӣ ва зан ду рукни асосии таълимоти Маздакро ташкил медиҳанд. Маздак таъкид мекунад, ки ихтилофи мардум байни ду чиз аст: яке молу дороӣ ва дигаре зан, ки вуҷудаш давом ва бақои тавлиди фарзанд ва идомаи насли башар аст. Ҳоло ҷиҳати барқарорӣ ва баробарии ҳамин ду масъалаи муҳими иҷтимоӣ бояд робитаи одилона ва оқилона ва инсонӣ барои густариши ин ду амр барқарор кард. Дарвоқеъ Маздак мафҳуми иштироки моликиятро таблиғ ва ривоҷ мебахшид ва тақсимоти нобаробари онро боиси қаҳру ҷабр дар ҷомеа ва ривоҷи бандагӣ ва бардагӣ медонист. Аммо феодалҳо, ашроф ва рӯҳониёни Зартуштӣ, ки афкори Зартушт мухолифи манфиатҳои онҳо буд, суханон ва андешаҳои Маздакро, бахусус дар заминаи иштироки зан ба маънии дигар барои авомфиребии ҷомеа куфромез ва ривоҷи фоҳишагарӣ донистаанд ва Маздакро гунаҳкор ба фасоди иҷтимоӣ ва ахлоқӣ карданд ва мегуфтанд, ки Маздак мегӯяд зан низ бояд байни ҳама муштарак бошад ва ҳар марде метавонад ба занон таҷовуз кунад, чунон ки баъдҳо

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ин туҳмат ва бофтори хандаоварро ба равобити зану мард дар ҷомеаи коммунистӣ заданд. Бахусус рӯҳониён Маздакро гунаҳкор ба таблиғи фоҳишагарӣ донистанд. Ҳол он ки Маздак андешаи усулӣ ва дурусти иштироки занонро вобаста ба ҳарамсарои подшоҳон, амирон ва бузургону ашроф ба миён мегузошт, ки онҳо ҳамчунон ки соҳиби рустоҳо, заминҳо, коххо, ганҷҳо ва сарватҳои зиёд ҳастанд, соҳиби даҳҳо ва ҳатто садҳо зану каниз буданд ва мардуми бечизу бенаво ҳамчунон ки аз замину хонаву боғу маскану кошона бебаҳра буданд, аз аввалитарин ҳуқуқ, яъне доштани як зан ба иллати душвориҳои сахти иқтисодӣ ва моддӣ, бенасиб монда буданд ва тавони ташкили хонаву оиларо надоштанд. Пас, Маздак ба дурустӣ дарёфта буд, ки молу сарват ва зан ҳар ду зербинои ҷомеа ва зиндагӣ ва асосу бинои мавҷудият ва идомаи ҳастӣ ва зиндагӣ ҳастанд ва бояд шароити одилонае ба вуҷуд ояд, ки ҳама битавонанд аз мавқеияти иқтисодӣ баҳраманд шуда ва соҳиби зану фарзанд гарданд ва ҳамагон битавонанд як зиндагии содда ва шарофатмандона дошта бошанд ва на ин ки ба фасоди иҷтимоӣ тан диҳанд ва усулан аз рӯйи ҷӣ меъёри ақлӣ ва инсониву фалсафӣ ва ахлоқӣ ва мазҳабӣ ки инро гуфта бошад «зан соҳибихтиёр ва Маздаке, ки он ҳама фаҳму шууру илму андеша доштааст, қобили қабул аст, шавҳаре надошта бошад ва агар ҳам дошта бошад, ҳар марде метавонад онро ҳамчун лухтаке ба ҳисоб биёварад ва бо он бозӣ намояд». Дар ҳақиқат ин тафаккур зодаи низоми капиталистӣ ва дарборҳои шоҳони шаҳватнок ва занакабоз будааст, на андешаи мутафаккиронаи Маздак. Ва ҳамчунин бо пуштибонии диндорони зоҳирӣ ва тарафдорони шоҳони золим андешаҳои пешрафтаи Маздак дар ҳақиқат ба таври ғайривоқеӣ баён шудааст ва ҳар андешаи пешрафта ва озодихоҳонае дар дарозои таърих ба номи дин саркуб шудааст, чуноне Фирдавсӣ мегӯяд:

Зиёни касон аз пайи суди хеш,
Бичӯянду дин андар оранд пеш.
Бирезанд хун аз пайи хоста,
Шавад рӯзгори меҳон коста.[23]

Ба ин сурат аст, ки Анушервон пас аз куштори бераҳмонаи маздакиён эҳсоси амният мекунад ва лақаби «одил» мегирад ва ҳамчунин шоҳони пас аз ӯ ба истибдод идома медиҳанд ва дар натиҷа дар замони Яздигурди III арабҳо ба Эрон ва Варорӯд ҳамла мекунанд ва Яздигурд чуноне дар фаслҳои боло ёд шуда буд, бо ҳарамсарову занони зиёдаш ва ҳазор ромишгару ҳазор сагбону ҳазор ошпаз тан ба фирор медиҳад ва ба хотири беадолатиҳо ва ҷабру зулми Сосониён ба табақаҳои заҳматкаш ва раъият, араб тақрибан бо муқовиматҳои на чандон зӯр Эрону Варорӯдро фатҳ мекунанд ва ҳукуматҳои Бани Умавия ва Бани Аббос рӯйи кор меоянд. Ба ҳар ҳол, андешаи адолатхоҳона ва инсондӯстонаи Маздак, ҳарчанд дар давраи Сосонӣ саркӯб шуд, аммо ҳамчун оби ҷорӣ дар тамоми давраҳо ва асрҳо мояи таваҷҷӯҳи андешамандон, файласуфон ва сиёсатмадорони замон қарор гирифт. Ва низоми сотсиалистӣ дар ҷаҳон зодаи ҳамин андеша ва бозёфт буд. Андешаи баробарии моликият дар рӯзгори бостон ба василаи Маздак ба миён гузошта шуд ва шакли таовунии (коллективии) кишоварзӣ, ки дар адабиёти таърихӣ ҳамчун коммунаҳо ёд шуда, хостгоҳаш андешаҳои Маздак аст. Дар ҳақиқат Маздак аз вайронии зиндагии иқтисодии деҳқонону заҳматкашон пуштибонӣ мекунад ва моликияти муштарак ва адолати иҷтимоӣ ҷавҳар ва дарунмояи омӯзаҳо ва ислоҳоти Маздак аст. Пас, бояд гуфт гунаҳкориҳои зиддиахлоқӣ, ки дар мавриди занон ба Маздак мезананд, дар ҳақиқат реша дар авомфиребӣ

[23] Абулќосим Фирдавсї, «Шоњнома», Душанбе «Адиб», 1991, с.424 – 425

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

доранд ва ин дурӯғе буд, ки шоҳону қудратмандону рӯҳониёни зартуштӣ, ки бо Сосониён ҳамовоз буданд, ривоҷ доданд. Чуноне ки пас аз Маздак, шоҳ Хусрави Парвиз ду ҳазор зан ва шумори зиёди каниз ва раққоса доштааст ва агар гунаҳкориҳое, ки дар мавриди арзишҳои зиддиахлоқӣ ва занакабозӣ бошад, ба ин гуна шоҳону зӯроварону пуштибонони онҳо нигаронида шудааст, на ба Маздаку Монӣ. Ва ҳол он ки худи Маздак аз ҷумлаи ҷонибдорони оини Зартуштӣ буд ва ҳаргиз иҷозат намедод, ки масъалаҳои зиддиахлоқӣ ва зиддиинсониро таблиғу паҳн кунанд ва ба нангу номуси хонаводагӣ аҳамияти зиёд медод. Ӯ мегуфт зану мол бояд монанди обу оташу замину хок ба таври баробар дар ихтиёри ҳамагон бошад, ки ин аз таълимоти Зартушт буд. Ба ҳар ҳол бояд гуфт, ки талошҳои Маздакро метавон «коммунизми Маздакӣ», ё «коммунизми ибтидоӣ» донист, ки баъдҳо бо дасти Маркс ва Энгелс матраҳ мешавад ва ба василаи касоне ҳамчун Ленин ба таври амалӣ пиёда мешавад. Чуноне ки Маздак низ андешаҳои Хургони Зартуштро амалӣ сохт. Дар ҳақиқат, Зартушту Маздак ҳар ду таъкид мекарданд, ки инсон кафили амали хайр аст ва дар аслу шариати онон на танҳо қатлу куштор, балки зарар расондан ба дигарон ба пуррагӣ манъ аст. Дар меҳмоннавозӣ мегуфтанд, ки ҳеҷ чизро набояд аз меҳмон дареғ дошт, аз ҳар тоифае, ки бошанд. Ин чизе нест магар инсондӯстии Зартушту Маздак.

Ҳаким Фирдавсӣ дар мавриди Маздак мегӯяд:

Ҳамегуфт ҳар к – ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.
Набояд, ки бошад касе бар фузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.
Ҷаҳон рост бояд, ки бошад ба чиз,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Фузунӣ ҳарому нохуб низ.[24]

## Ва инак он се шикаст;

Пеш аз ёдкарди он се шикасти таърихии ориёиён, набояд аз ёд бурд (ва ба такрор мегӯем), ки «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ таърихномаи мо мебошад ва дарунмояи он аз гиромидошти меҳан, забон, ҳувияти миллӣ ва ҷоннисориҳои ватанпарастон барои нигаҳбонии асолати ориёӣ мебошад ва мо дар ин навишторамон борҳо ба сурудаҳои пурарзиши он рӯ хоҳем овард. **Б**ояд дар нигар дошт, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар Хуросон ба воя расидааст ва он маҳдро шоҳ Исмоили Сомонӣ бо курсинишинии Бухоро, аз таъсири хилофати араб берун кашида, давлати озодагон хонда буд ва «Шоҳнома» дар замони давлатдории Сомониён офарида шудааст.

Ва ин нуктаро ёдовар шуданиам, ки Ҳаким Фирдавсӣ «Шоҳнома» - и беҳамтои худро бо рӯйкард ба сарчашмаҳои хаттие чун «Таърихи Эрон», ки аз забони паҳлавӣ ба арабӣ баргардон шуда буд, офаридаҳое чун «Худойномак» ва дигар ривоятҳову сарчашмаҳои боварибахш, саргузашти мардумони ориёии эронитаборро аз нахустининсону нахустинподшоҳ Каюмарс то шикасти онҳо аз арабҳои таҷовузгар бо сухани осмонии тоҷикӣ - порсӣ бозҷуставу бозгуфтааст.

Кишварҳои бостонии Эрон ва Варорӯд (сарзамине, ки арабҳо бо лафзи худ онро Мовароуннаҳр, яъне он сӯи рӯд номидаанд) дар ҳассостарин минтақаи геополитикии ҷаҳон воқеъ шуда дар дарозои 23 садсолаи гузашта се бор аз дасти ҳамлаварони румӣ ва арабиву муғулӣ шикасти бузург хӯрдаанд.

Дар ҳар се шикасти таърихии Эрон (дар ин ҷо ва пас аз ин ҳар гоҳ мо ҷойноми Эронро пеши рӯ оварем,

---

[24] «Шоњнома» и Фирдавсї, (ба тасњењи Жул Мул), Тењрон интишороти «Мелод», 1379/ 2000 с, 653

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

сарзамини густурдаеро дар назар хоҳем дошт, ки аз халиҷи Форс то Ҳинд ва марзҳои Чин густара дошт ва он паҳна зистгоҳи тоҷикон, форсҳо, озариҳои порситабор, хоразмиёну суғдиёни тоҷиктабор, курдҳо, толишҳо, тотҳо, осетинҳо ва дигар мардумони ориёӣ буд. Пойтахти сарзамини Ориёно агар замоне Балх буд, замоне Персеполис (Тахти Ҷамшед), замоне шаҳри Нисо ва Марв (наздики Ашкободи Туркманистони имрӯза), замони дигаре Бухоро буд. Дар мавриди ҷойноми Эрон гуфтори ҷудогонаеро хоҳем бахшид). Ин мардуми ҷонсахту бурдбор (яъне тоҷикон; ибораи ховаршиноси бузурги данмаркӣ Артур Кристенсен) аз ҳамлаҳои бешумори бегонагону ҳамсоягони хуношоми бузургихоҳ, ҳар боре наздик ба партовгоҳи таърих афтодан буданд. Бо ангушт задан ба саҳифаҳои навишторҳои таърихнигорони юнониву арманиву худӣ, таҳлили замонҳои бунёди шоҳаншоҳии ҷаҳонгир - нахустин империяҳо дар ҷаҳон ва ба осонӣ шикаст хӯрдан аз дасти ҳамлаварони аз нигоҳи иқтисодиву иҷтимоиву лашкардорӣ суст, дар шигифти сахт мемонем, ки шароити ҷомеа, шеваи сарварии шоҳону амирони кишвар, сабабҳои шикасти давлатдорӣ дар бисёре аз мавридҳо бо масъулияти том метавон гуфт яксон будааст. Шигифтовар он аст, ки сарварону андешаварони кишвари озодагон аз гузаштаҳои пурфарозу нишеби худ панде нагирифта, он хатоҳоро чанд бор такрор кардаанд. Аз ҷумла дар ҳар се шикасти таърихӣ табақаи дингусарон, ба умури ҳукуматронӣ роҳ ёфтаву дахолат карданд ва таъсири худро дар миёни табақаҳои мартабадори ҳокимият афзуда, пояҳои давлатдориро суст гардондаанд. Дар ҳар се шикаст хиёнати дарбориён, ҳирси сарватандӯзӣ ва ба дасти дарбориёну ҳайати ҳокимон мардони коромадро бекор кардан ва дар умури дафтардориву кишвардорӣ нишондани шахсони нотавони зеҳнӣ, ононе ки манфиатҳои

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

шахсиву гурӯҳиро болотар медонистанд, қудрати давлатро суст гардондааст.

Дар ҳар се шикасти таърихӣ захираҳои молӣ ва хазинаи давлат дар сатҳи олӣ будааст, аммо он захираҳо барои пешгирии ҳамлаҳои эҳтимолии душманон ба кор бурда нашуда, ба ғаниматҳои ҳамлаварон афзуда шудаанд.

Ҳамчунон мехоҳам хонандаи гиромиро бохабар созам, ки мо пеши худ ҳадаф нагузоштаем аз ҷараёни ҳамлаҳои ишғолгарони сарзамини ориёиҳо саҳифаҳои бисёреро пур кунем, зеро пиромуни мавзӯи даст бурдаи мо ҷусторҳову пиндорҳои таърихнигорони форсинавис ва ховаршиносони бешумор бо забонҳои арабӣ, англисӣ, олмонӣ ва дигар забонҳои аврупоӣ чунон зиёданд, ки китобҳои онҳо метавонанд даҳҳо рафҳои китобхонаҳоро пур кунанд. Мо кӯшидаем дар ин навиштор нигари хонандаро ба ҳамсонии шикастҳои ин мардумони некманиш дар дарозои ҳазорсолаҳо ҷалб намоем ва агар он хонанда аз тоҷикон бошад, бохабараш созем, ки душманат ҳаргиз нахоҳад хуфт ва бо коргирӣ аз зудбоварии тоҷикона ва нохудогоҳии миллӣ боз ҳам метавонад парешонтару беватан созадат.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Шикасти нахуст

Ки нашнид, к- Искандар андар ҷаҳон,
Чӣ кард аз фурӯмоягони меҳон.
Ниёкони моро якояк бикушт,
Ба бедодӣ овард гетӣ ба мушт. [25]

Ориёиён аз қавмҳои модҳо, порсҳо, суғдиҳо, хоразмиён, балхиён - хуталониён, бадахшониён, бохтариён иборат буданд, ки бо гирдиҳам ҷамъ шудан як давлати бузурге сохтанд, дар замони нахуст зери парчами Ҳахоманишӣ.

Онҳо неруҳои табиатро ба номи обу хоку боду оташ ба унвони неруҳои эзадӣ медонистанд, вале албатта набояд пиндошт, ки он неруҳоро ҳамчун мояи парастиши худ донистаанд.

Дар «Авасто» аз чор унсури зиндагисоз - бод, об, оташ ва хок гуфта шуда ва ин ҳар чор арҷманд дониста шудаанд. Ба баъзе аз онҳо яшти вижа бахшида шуда, ҳар ориёӣ вазифадор гаштааст, ки пок нигаҳ доштан ва дуруст кор гирифтан аз ин чор унсурро посдорӣ кунанд.

Ориёиён бад - он сон бохираду оянданигар будаанд, ки ҳушдор медодаанд олуда кардани бод, яъне ҳаво паёмадҳои бади баргаштнопазир дар курраи замин дорад.

Об низ дар назди ориёиён арҷманду муқаддас будааст, ки оби равонро олуда намекарданд ва эзади алоҳидаро бо номи Ардвисура Аноҳид ситоишу ниёиш мекардаанд.

Дар бузургдошти хок, ё замин яшти вижаеро бо номи «Зомёд яшт» месурудаанд. Яке аз василаи нигаҳбонии замини падарон арҷманд доштан ва олуда накардани хок мебошад.

---

[25] Њаким Фирдавсї, «Шоњнома», љ. VII, с. 193

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Оташ низ монанди се унсури дигари зиндагисоз арҷманд дониста шудааст, зеро оташ аз байн барандаи нопокиҳост ва худ пок мемонад. Оташ равшанигари торикиҳо ва бахшандаи гармӣ дар рӯзгорони сард мебошад. Оташ дар пешравии зиндагии мардумон нақши вижае дошта, рӯзи кашфи оташро бо номи Сада, эронитаборон бо шеваи хосса ҷашн мегиранд.

Паҳнаи бузурги кишвари Ҳахоманишиён аз сӯйи Шарқ аз кӯҳҳои Парапомизод (Парапомис) ва рӯди Синд ва аз сӯйи шимол рӯди Сайҳун (Сир - Яксарт) ва баҳри Хазар (Каспий) ва баҳри Сиёҳ ва кӯҳҳои Қафқоз ва аз сӯйи Ҷануб баҳри Уммон ва халиҷи Форс буд. Вале сӯйи Ҷануб, ки то баҳри Эгейро дарбар мегирифт, бинобар сабаби кашмакашҳои бепоён миёни Юнону Эрон дар замони Ҳахоманишиён равшан набуд.

Хусусияти вижаи давлати ҳахоманишӣ эҳтиром ба озодии фардӣ ва қавмӣ, бузургдошти назму қонун ва ташвиқи бозаргонӣ ва ҳунар буд.

Замони кишвардории Ҳахоманишиён рӯзгоре буд, ки дар саросари кишвари паҳновар миёни вилоятҳо ва шаҳрҳову қасабаҳо роҳҳову пулҳо сохта шуда буданд ва дар бораи хубии роҳҳо гуфтаҳои Ҳеродотро Ксенофен, ки худаш ин роҳҳоро паймуда буд, шарҳ додааст. Ӯ ҳамчунон амнияти дар ин роҳҳо ҳукмрон бударо бозгӯ кардааст.

Дориюш яке аз шоҳони бузурги ҳахоманишиён буд, ки таърихи ҷаҳон ба ӯ низ ба сони бобозодааш Куруш унвони «Бузург» нисбат додааст.

Дориюши Бузург сарзамини Ҳиндро то Панҷоб тасхир намуда роҳи тиҷорати баҳриро аз сӯйи Уқёнуси Ҳинд кушод. Дориюш ҳамчунин сарзамини сакоиҳои Осиёи Марказӣ ва скифҳоро зери қудрати худ даровард.[26] Ҳамлаҳои Дориюш дар ин бора ҳамчунин рӯи сангнабиштаҳои Нақши Рустам тасвир ёфтаанд.

---

[26] Њеродот, ќисми IV, с. 83

Дориюши Бузург намунаи бурдборӣ ва таҳаммулпазирӣ буд. Ҳамин аст, ки дар китоби «Таврот» ҳунари давлатдорӣ ва ободсозиҳои ин шоҳи ориёӣ сутуда шудааст. Дар замони шоҳии ӯ андешаҳои муҳандисӣ ба сатҳи баландтарин расида буданд. Чунончи ҳама аз сохтмони канали Суэтси Миср огаҳӣ доранд, вале аз канали сохтаи ӯ, ки Баҳри Миёназаминро бо Баҳри Сурх мепайваст, на ҳар кас огоҳ аст. Таърихшинос Питер Велли мегӯяд, ки Дориюш сазовори унвони «Бузург» мебошад. Ӯ шахсан эҷодгари кандани каналҳои зеризаминӣ - корезҳо буд, ки бо сарпарастии ӯ аз баландии кӯҳҳо бо коргирӣ аз донишҳои муҳандисии риёзӣ ба масофаҳои 40 километр каналҳо канда шуда буданд. Дар замони шоҳии ӯ роҳҳо, каналҳо ва пулҳои бешуморе сохта шудаанд.

Аммо дар даҳаҳои ахири фармонравоии сулолаи ҳахоманишиён ба иллати ривоҷи фасод дар миёни аҳли дарбор, мудохилаи мӯбадони зартуштӣ ба умури давлатдорӣ ва ташкили ҳарамсароҳову нигаҳ доштани занони бешумор дар онҳо, ҷудоии ҳукумати марказӣ бо сатрапҳои худ, ҳукуматдорӣ суст гашта буд. Ҳамон гуна ки шумори занон дар ҳарамсарои Ардашери дуюм ба сесад тан мерасид.

Дар даҳсолаҳои ахир дигар аз таълимоти инсонсози Зартушт ба гунаи «Пиндори нек, Гуфтори нек, Кирдори нек», ки ахлоқи ҷомеаи озодагон бар пояи он устувор гашта буд, ҷуз сухан дигар чизе боқӣ намонда буд. Мӯбадону муғон ба умури ҳукумативу давлатӣ роҳ пайдо намуда, ба сарватандӯзӣ ва эҷоди дасисаҳои дарборӣ шуғл меварзиданд. Мубадону дабирон ва сарварони оташкадаҳо аз мақоми худ дар ҷомеа кор гирифта, бо соҳиб гаштани ҳазорон ҷирип (андозаи замини кишт, ба монанди таноб), восита гаштан барои ба ҳукумат ҷой додани ҷонибдорони худ, як паҳлӯи лаҷоми давлатдориро ба дасти худ гирифта буданд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дар даҳаи нахустини соли 330 пеш аз мелод вазъи дарбори Ҳахоманишиён ногувор буд. Соли 338 хоҷаи ҳарамсаро бо номи Богувас (Боғу) дар якҷоягӣ бо фармондеҳи посбонони дарбор ва бо ёрии табиби дарбор ба ҷоми шоҳ Ардашери сеюм заҳр рехта, ӯро кушт. Богувас ҳама фарзандони шоҳро яке аз паси дигар ба ҳалокат расонда, писари хурдсоли ӯро бо номи Аршак бар тахт нишонд. Гӯё бо амри шоҳ бародарони Ардашерро низ кушт, то ки шоҳи хурдсол дар ин ҳолат ба ихтиёри ӯ бошад.

Пас аз чанде Аршак аз ҷиноятҳои Богувос огоҳ шуда дар пайи боздошт ва қатли ӯ баромад, аммо хоҷаи маккор пешдастӣ намуда ӯро низ ба қатл расонд. Бад - ин тартиб чун дигар ягон шоҳзодае боқӣ намонд, то бар тахти салтанат нишинад, ночор писари Дориюши дуюмро, ки сатрапии Арманистонро ба уҳда дошта, аслан аз хонадони ҳахоманишиён набуд, бо унвони Дориюши сеюм - Дориюши Кудумон бар тахт нишонданд.

Ховаршиноси овозаманд Ричард Фрай аз тахти шоҳӣ барканор намудани Ардашерро чунин бозгӯ намудааст, ки дар нисбат ба пиндори пажӯҳишгарони дигари аврупоӣ яке аз сабабҳои асосии шикасти эрониён воқеъбинона менамояд: «Солҳои ахир шоҳигарии Ардашери III дар фазои муборизаи душвор бо Филиппи Макдунӣ, Афин ва форсҳо ҷараён дошт. Рухдодҳои таърихӣ шояд ба гунаи дигар сурат мегирифтанд, ба шарте, ки дар ҳолати муяссар гардидани Филипп ба пирӯзӣ дар муҳорибаи назди Хероне (тахминан соли 338 то м.) ва дар ҳолати гирди худ муттаҳид сохтани юнониҳо, агар Ардашер масмум намегардид. (заҳр хӯронда намешуд.)

Кушандаи Ардашер шахси тавоно ва ҳамзамон бемулоҳиза - хоҷаи ҳарамсаро бо номи Боғу (Богувос), ки худ тавоноии ишғоли тахти шоҳиро надошт ва пас аз қирсозии тамоми аъзои хонадони шоҳӣ ба тахт яке аз

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

одамони аз дудаи ҳахоманишиён дар дурӣ ҷой доштаро, бо номи Дориюши Кудумон нишонд».[27]

(Дар ин ҷо мебояд ба таъкид ёдовар шуд, ки дар адабиёти расмии аврупоиён ва на танҳо аврупоиён ин Дориюши ба дудаи ҳахоманишиён бегонаро Дориюши Кабир (Великий Дарий) унвон дода, бар ҳадафи ночиз бознамоёндани ҷойгоҳи салтанати ориёиён, воқеияти таърихро каж намоён кардаанд.)

Дар ин миён соли 336 пеш аз мелод Филиппи Макдунӣ дар ҳоле ки барои ҷангро фароҳам овардан омодагии пурра дошт, дар натиҷаи сӯиқасде, ки ба ҷони ӯ шуд, ба қатл расид ва фарзандаш Искандари бист сола тахтнишин гашт.

Сарчашмаҳои таърихӣ Искандарро кутоҳқад, вале хушрӯю далер, ҷоҳталабу ҳавобаланд, худписанду худбузургбин, тезфитрату ҳасуд ва аз ҳад беш майгусору шавҳатпараст, дар хунрезии занону мардон, кӯдакону пирсолон бераҳм, бознамоён кардаанд. Дар ҳақиқат вай шаҳрҳои бисёреро ба хок яксон карда зану марди он шаҳрҳоро то кӯдакон ба бардагӣ кашид. Искандар аз шоҳони замон 36 нафарро ба қатл расонда буд.

Дориюши сеюм (Кудмон) аслан марди далер ва размандаи диловар буд. Ҳамон гуна ки даҳ сол пеш аз ҳамлаи Искандар шоҳ Ардашери севвум ба сабаби диловариҳояш ӯро «Далертарин марди порсӣ» хонд ва сатрапии Арманистонро ба ӯ бахшида буд.

Аммо Дориюши сеюм, пас аз нишастан бар тахти подшоҳӣ, дар як муддати кутоҳе, зери таъсири фасод ва айшу ишратҳои дарбориён гирифтор гашта худ ҳарамсарои калон эҷод намуд ва аз шахсияти қаҳрамон ба марди айшпараст табдил ёфт, ки ҳатто ба ҳангоми ҷанг низ ҳарамсарои худро ҳамроҳаш мебурд. Чуноне таърихдонон

[27] Ричард Фрай, Наследие Ирана, Москва Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 2002, с. 172

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

хулоса кардаанд, Дориюши сеюм корҳову нерӯи сарварии Куруши Бузург ва Дориюши якумро надошт. Ба сони онҳо ӯ барои баланд кардани рӯҳияи нерӯҳои размандa дар майдони набард пешопеши лашкар ба ҳимояи марзу бум намерафт.

Марде, ки далертарину пурзӯртарин давлатмард дониста шуда буд, ба зудӣ қурбони дасисаҳои дарбориён ва мубадони зартуштӣ гардид.

Ҷанг беш аз 4 сол ҷараён ёфта, ба хубӣ нишон дод, ки Дориюши сеюм қудрати раҳбарӣ ва ҳунари лашкаркашӣ надорад. Дориюши сеюм бо нерӯҳои наздик ба 180 ҳазор нафар дар баробари 40 ҳазор неруҳои Искандар муқовимат карда натавониста, ҳарамсарову зану фарзандон, духтару писари худ ва занони подшоҳони пешинаро, ки бо ӯ буданд, раҳо карда аз майдони набард гурехт. Овозаи асир шудани хонавода ва ҳарамсарои ӯ дар атрофу акнофи кишвар паҳн гашта, на танҳо рӯҳияи мардум ва сипоҳиёнро шикаст, балки ҳама озодагони бо пирӯзиҳои Куруши Бузург ва Дориюши якум ифтихормандро аз сарварии Дориюши Кудмон ноумед кард. Ҳамин буд нахустин шикасти бузурги ориёиҳои наҷибу созанда, ки онро шикасти фарзандони Куруш номидаанд.

Искандар пас аз ишғоли кишвар шаҳрҳоро ба сарбозони худ месупурд, то ҳар чӣ бихоҳанд бо он ва мардумаш бикунанд ва чизеро битавонанд бибаранд. Искандар ду моҳ дар Тахти Ҷамшед монд ва сипас онро ба оташ нишонд. Аз он чизе намонд ба ҷуз як каф сангҳои сӯхта. Шаҳре, ки як рӯз гавҳари меъмории ҷаҳонӣ буд, пурра ба оташ кашида шуда аз ӯ танҳо хокистар боқӣ монд.

Искандар сарвати бебаҳои Истахр, хазинаҳои бепоёни Суғду Бохтарро ба ғорат ба Юнон бурд. Тахти Ҷамшедро бо китоби муқаддаси «Авасто», ки ёдгори беҳамтои фарҳанги ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама тоҷикону форсҳо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

буд, ба оташ меафканад. Донишманди нуктасанҷи Эрон, Ғуломҳусайни Бегдилӣ дар пайвастагӣ ба ин мавзӯъ, бо нуктабинии жарф гуфтааст, ки Искандар бо кирдори ноҷавонмардонаи худ чунон ба таъриху фарҳанг ва ҳайсияти миллии Эрон ва сарвати маънавии кишвар зарба мезанад, ки таъсири тоқатфарсои он то ҳанӯз идома дорад: « ... ва агар ин таҷовузи ваҳшиёна ба ҳарими фарҳангу забон ва истиқлоли Эрон набуд, заминаи шикастаҳои баъдии эрониён дар баробари ҳуҷуми аъроб, истилои салҷуқ, юриши муғул ва темуру афғону ғайра ҳам фароҳам намешуд».[28]

Искандари Макдунӣ дар соли 323 пеш аз мелод дар сини 32 солагӣ дар Байнуннаҳрайн дар соҳили рӯди Фурот даргузашт. Замони кутоҳе аз марги ӯ нагузашт, ки сипаҳсолорону наздиконаш барои ҷойи ӯро гирифтан ва тақсими сарзаминҳо ва кишвавархои забт намудааш ба задухӯрд пардохтанд ва дар натиҷа ҳама сарзаминҳои азхуд кардаро дарҳам рехтанд ва ба чандин давлатакҳои хурду калон тақсим шуданд.[29]

Ҳашт сол пас аз марги Искандари Макдунӣ, танҳо чор сардари макдунӣ тавонистанд сарзаминҳои ишғолкардаро зери сарварии худ нигаҳ доранд ва боқимондаҳо бошанд, аз саҳнаи муборизаҳои сиёсиву низомӣ барканор шуданд.

Селевкус дар соли 312 Бобулро ишғол карда ба тасарруфи худ даровард ва ин минтақаи ҳассосу стратегиро ба императории Порс дохил кард ва аз соли 319 давраи ҳукумати Селевкиён оғоз ёфт.

## Ашкониён, ё Портҳо

---

[28] Доктор Ѓуломњусайни Бегдилї, «Чењраи Искандар дар «Шоњнома» - и Фирдавсї ва «Искандарнома» -и Низомї, Т.1369 / 1991, с.67
[29] Њамон љо, с.195

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ва аммо давлатдории мардумони сарсахту бурдбори тоҷику эронӣ, бо шикаст аз Искандари Макдунӣ ба поён намерасад. Маҳз ба василаи ниёкони тоҷикон, қавмҳои ориёии шарқи Хазар, қудратро аз дасти селевкиён гирифта бо густариш бхшидани қаламрави подшоҳони ашконӣ, ба саҳнаи давлатдорӣ баромаданд. Салтанати Портҳо ва хонадони Ашконӣ, ки ба сурати мулукултавоифӣ (наздик ба ҳукуматронии конфедеративӣ) идора мешуд, оҳиста - оҳиста тамоми қаламрави Эрони бузургро, аз ҷумла қаламрави подшоҳии Порсро, бо пойтахташ шаҳри Нисо (наздики Ашкободи Туркманистони имрӯза) зери фармони худ даровард.

Номи Порт дар сангнабиштаҳо Парсува омада (Parthva) ва мардумоне дар назаранд, ки дар Хуросон зиндагӣ доштаанд. Сарзамини Порт, бо гузашти замон номҳои Парсува ва Паҳлавро гирифтааст, ки вожаи «паҳлавӣ» ё «паҳлавононӣ», баргирифта аз он аст. Чунин аст пиндори як зумра эроншиносони аврупоиву шӯравӣ. Ва бо дарёфти андешаварони нуктабин забони паҳлавиро шоҳони Сосонӣ дар садсолаҳои IV - V мелодӣ, пас аз тасхири қаламрави дар соҳили чапи рӯди Ому ҷой доштаи Кушониён (аз Ҳирот то Тахор), ҳамчун забони баргузида пазируфтанд. Ҳангоме ки ин забон дар садсолаҳои минбаъда ба самти ғарби Эрон, аз ҷумла то музофоти Форс - аз ҳама ноҳияҳои наздик ба арабҳо паҳн гашт, онҳо чун анъана он забонро «форсӣ» номиданд Дар асл ин забони «паҳлавӣ» (порсии миёна) - шеваи гуфтори балхиён, забони дарӣ - забони баргузидаи замонаҳои шоҳони пешдодӣ, каёнӣ, кушонӣ буд, ки дар Хуросони бузург зиндагӣ мекарданд. Забони паҳлавӣ - пхалавик вобаста ба номи (ҷойноми) шаҳри Балх (шакли бостонии он Пхалава, Пхалав, Пхала; (ҳамреша будани вожаи русии «похвал - ьный» - ро бо он метавон мушоҳида кард) мебошад, ки пас

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

аз паҳн гаштанаш мардумони Эрони ғарбӣ онро (пахлав + ик) чунин унвон гузошта буданд.[30]

Дар замони ҳукуматронии хонадони ашконӣ, дар қаламрави Портҳо ҳам оини ориёии бостонӣ, монанди оини Меҳр – Митроисм, ҳам оини Зарвонӣ ривоҷ дошт, ҳам оини Зартушт, ҳам оини будоиву масеҳӣ, ҳам яҳудиҳо ва юнониҳо боварҳои худро паҳн мекарданд. Ашкониҳо ба оини Зартушт пайвастагии худро нишон медоданд ва ба сони Куруши Бузург ба ягон дини расмӣ бартарӣ намедоданд ва бар боварҳои тамоми қавмҳои зери тобеъи худ кадом худбузургбиние нишон намедоданд. Аммо ин саҳлангории мазҳабӣ бо вуҷуди густариши бурдборӣ ба боварҳои дигарон, бо хосту назари муғон ва мубадони зартуштӣ созгор набуд ва аз ин рӯй боиси норизоӣ ва мухолифати пинҳонии ин табақаи пурнуфузро фароҳам оварда буд.

Салтанати ашконӣ ба дарозои 475 сол (наздик ба 5 сада), ки идома ёфта буд, саранҷом ба иллати пайдо шудани зиддият ва ҷангҳои хонагӣ бунёди ҳукуматро ба ларза даровард. Муғҳои мазҳабӣ, мубадон (раҳбарони олии мақоми мазҳабӣ) ва ҳирбадон (омӯзгорон ва мубаллиғони мазҳабӣ) низ дар табақаи дарбориён ҷой гирифтанд ва аз нуфузе боло бархурдор шуда, ҷангҳои хонагиро метезонданд. Ҳеҷ кас наметавонист бовар кунад, ки аз тарафи подшоҳи як давлати навхостаи тобеъи салтанат дар Порс, Ардашер (ё Артахшери Попакон,) аз сустии ҳукумати ашконӣ истифода бурда, пеш аз он ки Ардавон охирин подшоҳи ашконӣ фурсат пайдо кунад, якчанд минтақаҳои ҳамдевори худро ба қаламрави ҳукумати хеш дохил кард ва пас аз ҷангҳои пай дар пай, соли 226 мелодӣ Ардавонро кушта, худро подшоҳи Эрон эълон кард.

Ҳамин тавр Ардашер пас аз марги падараш Бобак аз роҳи қатлу барканор кардани бародарони худ, ба ҷои падар

---

[30] Хазрат Сабохи, Правда о Саманидах, sabohi@mail.ru

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

нишаст ва худро подшоҳ хонд. Ардашер низоми давлатдории мулукултавоифиро (конфедера-тивиро) сахт намепазируфт ва бар он бовар буд, ки бидуни барҳамзании он низом ва барпо намудани як ҳукумати марказӣ, эҳёи дубораи императорӣ ва бузургии бостонии Эрон барояш муяссар нахоҳад буд.

Ардашери Бобакон бунёди як дини расмӣ ва фароҳам овардани иттиҳод миёни дин ва ҳукуматро дар шахсияти подшоҳ барои густариш ва нуфузи қудрати марказӣ шарти лозим медонист, ки ин иштибоҳи бузурги ӯ буд, зеро борҳо дар дарозои ҳукумати сосониён боиси эҷоди бархӯрдҳои бузурги пошоҳони ин хонадон бо мӯбадон ва муғҳо ва яке аз сабабҳои сустии қудрати ҳукуматӣ ва барпо гардидани шӯришҳо ва дасисаҳои гуногун шуд.

Ардашери Бобакон ончунон дар зиндасозии дубора ва пурзӯр гардонидани рукнҳои дини Зартушт талош варзид, ки дар таърих пайваста аз ӯ бо номи «Ардашери зиндакунандаи дини пок» ном бурдаанд.

Рӯҳониёни дини Зартушт, мӯбадону ҳирбадон, дар мавриди ба қудрат расидани Ардашер афсонаҳои гуногун бофтанд ва ба шоҳӣ расидани ӯро натиҷаи лутфи Аҳурамаздо намоён карданд.

Пас аз он ки коҳинону рӯҳониён ҷузъи табақаи наҷибон шуданд, аз нигоҳи нуфуз ва қудрати ҳукуматӣ, пас аз низомиён ва сардорон қарор гирифтанд ва дар бештари умури давлатдорӣ, худро саҳмдор медо-нистанд. Намунаи равшани ин нуфузу қудрат шахсияти диние чун Кувотери ӯбад буд. Ӯ, ки дар умури давлатдорӣ таъсири баланд дошт, боиси мудохилаи рӯҳониён дар умури ҳукумат шуд ва дар асл давлат ба тобеъияти дин даромад.

Дар даврони подшоҳии Хусрави Парвиз, мубади мубадон, шахсияти рӯҳонии поксириште бо номи Рӯзбеҳ писари Марзбон, чуноне баъдҳо номашро ба Салмони Форсӣ тағйир доданд, дар миёни лояҳои гуногуни ҷомеа аз эҳтиром бархурдор буд, мекӯшид табақаи рӯҳониёнро аз

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

зарпарастиву ҷоҳталабӣ ва сарватандӯзӣ нигоҳ дорад, аммо ӯро аз мансаб барканор карданд. Чун вай аз ҷойгоҳи худ барканор шуд, нахуст бар оини тарсоӣ (масеҳӣ) даромад, пас аз он ба боварҳои яҳудӣ гароид ва сипас ба Шому Ҳиҷоз рафт ва дар ниҳоят дар Мадина ба ҷамъи ёрони Муҳаммади паямбар пайваст ва бо унвони Салмони Форсӣ дар зумраи наздиктарин мушовирони паёмбари ислом ҷой гирифт.

Чуноне дар боло ёдовар шудем дар замони ҳукмронии Хусрави Анушервон, ошӯбҳои Монӣ ва Маздак сар заданд ва пас аз қатли оми тарафдорони маздакиёну монавиён, мубадон ва низомиҳои боломартаба, ки ғарқи молғундорӣ ва ҷоҳталабӣ буданд, беш аз пеш бар зиндагии табақаҳои поёни ҷомеа фишор меоварданд.Табақаи омма ва рустоӣ ба қадре зери фишор буд, ки дигар пирӯзиҳо ва ё шикастҳои давлатдорон ба аҳволи фалокатбори онҳо хурдтарин таъсире надошт. Бо гузашти даҳсолаҳои пай дар пай ҳеҷ гуна тағйире дар шароити ноҳанҷор ва тоқатфарсои табақаи поёни ҷомеа ба амал намеомад. Пас аз даврони Хусрави Анушервон шоҳони дигари он сулола Ҳурмуз ва Хусрави Парвиз низ фишори гулӯгири табақаи поёни ҷомеа идома дошта, кӯшише барои аз байн бардоштани фалокатҳои иҷтимоӣ, сурат нагирифт ва умед ба пешрафту рушди ҷомеа пай бурда намешуд.

Нобасомониҳо ва фасоду канораҷӯии табақаи ҳоким аз мардумони оддӣ ва ба фасод омехта шудани мубадони зартуштӣ оммаро ба ҳолате оварда буд, ки мардум чун ҳамеша барои фидо кардани ҷони худ дар роҳи ҳифзи чунин низоми фосиде омодагӣ надошт.

Дар ду даҳаи охири ҳукумати Сосонӣ, табақаи омма ва рустоиён, ки аз зуҳури паёмбаре ба номи Муҳаммад огоҳии мухтасар ва нопурра доштанд ва бештар ба оятҳои пурҷозибае, ки пеш аз даврони ҳиҷрат дар Макка нозил шуда буданд (ишора ба сураҳое чун сураи Таквир ва Шамс) ва бештар меҳру муҳаббат ва беҳсозии мазҳабиро нишон медоданд, ҷалб шуда, дар зеҳни худ ҳаргиз аз ҷиноятҳо, қатлу ғоратҳо ва таҷовузҳое, ки баъдҳо тозиён

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ба номи ислом дар Эрон, Варорӯд ва минтақаҳои дигари ҷаҳон содир мекарданд, хурдтарин тасаввуроте надоштанд.

Новобаста бар он, ки дар он даврон ба сабаби набудани иртиботҳои зудамал, хабарҳо дер пахш мешуданду табақаҳои ҷомеа аз вазъияти кишвардории ҳамсоягон дер огоҳ мешуданд, бо ин ҳама 23 соли замони рисолати паёмбари ислом басанда буд, то хабарҳо аз кишвари ҳамсоя ба лояҳои гуногуни ҷомеаи эрониву варорӯдӣ бирасад. Мардум аз ҳамон замони зуҳури паёмбар шунида буданд, ки шахсе бо иддаои паёмбарии худо бархоста ва бо фиристодани нома Хусрави Парвизро ба пазируфтани дини нав даъват намуда ва Хисрав номаро пора кардааст. Онҳо роҷеъ ба муҳтавои дини нав низ гуфтаҳоеро шунида ва огоҳиҳое доштанд. Мардум шунида буданд, ки Салмони Форсӣ барои густариши дини нав дар канори Муҳаммад қарор гирифтааст ва мехоҳанд адолатро дар ҷаҳон ҷорӣ кунанд.

## Шикасти дуюм

**Дареғ он сари тоҷу он тахту дод,**
**Дареғ он бузургию фарру нажод.**
**К - аз ин пас шикаст ояд аз тозиён,**
**Ситора нагардад магар бар зиён.**[31]

[31] Њаким Фирдавсї, «Шоњнома», љ. IX, с. 429

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дар дарозои ҷангҳои Эрон ва араб, ки бо шоҳигарии Яздигурд (Яздгирд) ҳамзамон буд, чун пеш аз ҳамлаи Искандар, новобаста бар он ки хазинаҳои давлатӣ аз тилло ва ҷавоҳироту дирҳаму динор пур буд, ҳеҷ кунише барои ёрии молӣ ва ё барпо карданиислоҳоти иҷтимоӣ ба суди табақаҳои омма сурат нагирифт ва то охирин лаҳзаи шикаст, омодагириҳои мудофиавӣ дар фазои ҳамон низоми пӯсида сурат мегирифт.

Яздигурди севвум, фарзанди Шаҳриёр, яке аз набераҳои Хусрави Парвиз дар соли 634 мелодӣ бар тахти шоҳаншоҳӣ ҷой гирифт. Дар соли ба тахти каёнӣ нишастан Яздигурд ҳамагӣ 14 сола буд.

Таърихнигорон ҷангҳо ва таҷовузҳои сипоҳиёни арабро ба қаламрави императории Сосонӣ ва марзҳои Эрону Варорӯд ба ду марҳилаи мушаххас фасл намудаанд. Марҳилаи аввал дар замони хилофати Абӯбакр ва оғози хилофати Умар ба миён омад.

Марҳилаи дуввуми ҳуҷумҳои арабҳо дар замони хилофати Умар ибн Ал Хаттоб ва ба фармондеҳии Саъд ибни Аби Ваққос, сурат гирифт.

Паёмбари ислом Муҳаммад дар бисёре аз ҷангҳо фармондеҳии лашкари арабро шахсан бар ухда дошт ва бештар бо дастури ӯ неруҳое барои баъзе аз набардҳо сафарбар мешуданд, аммо дар баъзе набардҳои дигар худаш ҳузур надошт.

Набардҳое, ки бо иштироки паёмбар сурат мегирифт, «Ғазва» ном доштанд ва ба набардҳоеро, ки худ дар онҳо ҳузур надошт «Серия» унвон гузоштаанд.

Дар соли 633 мелодӣ, Абӯбакр ба Холид ибни Валид, чунин нома навишт: «Ба сӯйи Ироқ пешравӣ кун ва дар минтақаи Убола амалиёти низомиро оғоз кун. Бо эрониҳо ва мардуме, ки дар он ҷо сукунат доранд, биҷанг. Ҳадафи ту тасарруф ва ишғоли Ҳира аст».

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ин фармони Абӯбакр арабҳоро водошт бо қудратмандтарин императории ҷаҳон, шоҳаншоҳии Эрон ки беш аз ҳазор сол пешинаи фармонравоӣ дошт, ҳамлавар гашта, марзҳои ғарбии онро, аз ҷумла Ироқ ва Сурияро забт намоянд.

Ишғол ва азхуд кардани сарзаминҳои Ироқ ва Сурия барои Араб дар баробари фароҳам овардани мавқеи стратегӣ, барои ҳуҷумҳои калони баъдинаи худ курсӣ, ё ба истилоҳи ҳарбиён эҷоди платсдарми оянда ба сӯйи Эрон ва Варорӯд ба шумор мерафт. Сарлашкари Араб Холид дар ҳолати пешравӣ ба сӯйи ҳадафҳои ишғоли сарзаминҳои Эрон ва Варорӯд , номае ба Ҳурмузд, ҳокими эронии минтақа фиристод, ки дар он чунин омада буд: «Динро бипазир ва эмину солим бимон. Дар ғайри ин сурат ту ва мардумат хироҷро бипазиред, ки агар ту онро рад кунӣ, аз оқибати он бояд худро сарзаниш кунӣ. Мардуме ба сӯйи ту дар ҳоли ҳаракатанд, ки ба ҳамон андоза, ки ту зиндагиро дӯст дорӣ, маргро дӯст медоранд».

Дар соли 633 мелодӣ аввалин бархӯрди эрониён ва араб дар минтақаи Ҳафир, дар ҷануби Убола ва чанд километр поёнтар (ҷануби кишвари Кувайти имрӯзӣ), сурат гирифт, ки ин набард бо муваффақияти сипоҳи араб ва қатли Ҳурмузд ва куштору ғорати дороии эрониёни он минтақа ва ба даст овардани ғаниматҳои ҷангии бисёр ба поён расид. Ин ҷанг дар таърихи ҳамлаҳои Араб «Набарди Салосил» номида шуд. Ҳуҷумҳои дигари Араб дар марҳилаи аввал бо номҳои Набарди Валоҷа, Набарди Рӯдхона, Набарди Пул машҳур мебошанд, ки мо дар назди худ ҳадаф нагузоштем он набардҳоро як - як пурра шарҳ бидиҳем. Танҳо дар мавриди Набарди Пул гуфтанием, ки дар ин муқовиматҳои эронитаборон фармонравои саросари Хуросон, Рустами Фаррухзод буд.

Дар ин ҷанг артиши эронитаборон (яъне дар сафҳои ин артиш форсҳо, тоҷикон, алонҳо, арманҳо ва дигар

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

қавмҳои Эрони Бузург иштирок доштанд), ки 30 пили ҷангӣ дар ихтиёр дошт, шикасти сахте бар сипоҳи араб ворид карданд ва чуноне омадааст 4000 араб кушта ва 2000 нафар ба самти Мадина фирор карданд. Абу Убайда Сақфӣ, фармондеҳи сипоҳи ёрирасони араб низ дар зери пойи пил кушта шуд.

Ин шикасти арабҳоончунон сангин буд, ки агар сипоҳи араб бо қатъият таъқиб карда мешуд, ба яқин метавонистанд нерӯҳои арабро безарар карда, сарзаминро аз вуҷудашон пок кунанд. Вале дар ин ҳангом чун сипаҳбад Баҳман хабар ёфт, ки дар Тайсафун туғён ва шӯриши аҳолии маҳаллӣ (яъне аз бедодии заминдорону мубадони зартуштӣ фармонравоён) барпо шудааст, артишро ба фармондеҳи дигаре, ба номи Ҷобон супурда, бошитоб ба самти пойтахт ҳаракат кард.

Халифа Умар, фавран неруҳои ёрирасони худро ба ҷабҳа сафарбар намуда, дар он сӯи рӯди Фурот камин гирифт ва ба лашкари эрониён зарбаи сахт ворид кард.

Марҳилаи дуввуми ҷангҳои Эрон ва Араб дар соли 635 мелодӣ рух дод, ки халифа Умар як артиши си ҳазор нафарӣ омода ва муҷаҳҳаз карда, Саъд бинни Аби Ваққосро барои фармондеҳии он баргузид. Набардҳои калонтарин ва асосии марҳилаи дуввум дар таърихи ҳамлаи араб ба Эрону Варорӯд бо номҳои Набарди Қодисия, Тасхири Мадоин (Тайсафун), Набарди Ҷалуло, Набарди Наҳованд, Набарди Хуросони Бузург, аз ҷумла забти Нишопбур, Ҳирот, Марв, Балх ва Бухоро унвонгузорӣ шудаанд.

Шоҳ Яздигурд як артиши садубист ҳазор нафарӣ созмон дода бо фармондеҳии Рустами Фаррухзод ба ҷанг сафарбар кард. Бар пояи баъзе аз ривоятҳои таърихӣ, аз ҷумла «Шоҳнома» и Ҳаким Фирдавсӣ, артиши Эрон дар минтақае ба номи Қодисия (633), дар муқобили сипоҳи араб қарор гирифт ва муддати дароз, ба ривояте чаҳор моҳ

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ва ба ривояти дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ омада 30 моҳ, аз разму набард худдорӣ карданд ва ба фиристодани паём ва музокира аз тариқи фиристодагон пардохтанд, вале саранҷом Рустами Фаррухзод, ки дар минтақаи номуносиб ҷой гирифта буд, тасмим ба набард гирифт. Ба ин тартиб нерӯҳои худро аз канораи шарқии рӯди Фурот ба соҳили ғарбӣ бурда, дар дашти Қодисия набардро оғоз кард. Натиҷаи ин набарди хунин он буд, ки Рустами Фаррухзод кушта шуда артиши Эрон дар баробари зарарҳои ҷониву молии бисёр зиёде, дирафши коваёнӣ, парчами таърихии шоҳаншоҳии Эрон низ ҷузъи ғаниматҳо ба чанги арабҳо афтод. Ин талафоти ниҳоят калони рӯҳии эронитаборон буд. Ҳаким Фирдавсӣ дар бораи ҷоннисориҳои Рустами Фаррухзод бо дареғу дард дар «Шоҳнома» - и бемарги худ достоне сурудааст.

Чашми доно аз хиради андешаи Ҳаким Фирдавсӣ пай мебарад, ки қаҳрамони асосии номаи номвар, Сутуни Каён – тахтнишони шоҳону нигаҳбони Эрон, ки аз зӯри шефтагӣ бар Меҳан, фарзанди худ мекушад, номи баланди Рустамро дорад ва дар фароварди «Шоҳнома», ба ҳангоми вожгун гаштани тахти шоҳаншаҳӣ қаҳрамони корзори Эрон низ Рустам унвон дорад, вале Рустами дигар, ки хешро дар замона гунаҳкортар аз ҳама медонад, зеро хонаи дудаи худ, яъне Эронро аз подшаҳ тиҳӣ мебинад. Чун эрониёну сосониён ҳақ ва ҷойгоҳи худро аз даст дода буданд, ӯ чорае надошт ҷуз ба ҳолашон зор гирён шудан:

Гунаҳкортар дар замона манам,
Аз эро гирифтори Оҳарманам.
Бар эрониён зор гирён шудам,
Зи Сосониён низ бирён шудам.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Пас аз пирӯзӣ дар набарди Қодисия (636), Саъд фармондеҳи сипоҳи араб, бинобар дастури Умар, ду моҳ ба сипоҳ истироҳат дод, то артишро азнав ороста кунад.

Саъд бинни Ваққос Мадоинро зери муҳосираи сахт гирифт ва муҳосираи шаҳр чандин моҳ давом кард, ки ба гуфтаи баъзе таърихдонон муҳосираи Мадоин чунон дароз буд, ки арабҳо ду бор хурмои тоза хӯрданд ва кори мардуми Мадоин ба он ҷое расид, ки бо иҳотаи шаҳр хӯрдани гӯшти сагу гурба кори муқаррарӣ гашт ва сарони шаҳр ба ҳамлаварони араб пешниҳоди сулҳу оштӣ карданд. Яздигурд (ё Яздгирд), ки дар ин даврон дар Мадоин буд, марзбонону бузургонро назди худ бихонд ва бахше аз ганҷу сарватеро, ки дар хазинаҳои хеш дошт, ба онҳо бахшид. Пас аз он Фаррухи Ҳурмузд, ки бародари Рустам буд, ба фармондеҳии артиш мансуб гардид ва Тайсафунро ба ӯ супурд ва он гоҳ касону ёрони хешро бардошт ва роҳи Ҳалвонро пеш гирифт. Саъд бо ёрии одамони хоини шаҳр, ки гузаргоҳи рӯди Даҷларо ба ӯ нишон дода буданд, ба Мадоин ҳамла кард.

Хурзод, сипаҳсолори артиши Эрон бо дастае аз лашкариёни хеш аз шаҳр берун баромада бо ҳамлаварон даргири набард шуд, аммо шикаст хӯрд ва арабҳо аз дарвозаи шаҳр ворид шуданд. Хурзод, ки дигар тавони набардро надошт, нимашаб бо лашкари хеш аз дарвозаи шарқии Мадоин берун омад ва роҳи Ҷалулоро пеш гирифт ва ба ин тартиб Тайсафун ва коххои шоҳаншоҳӣ ва ганҷҳои гаронбаҳои чаҳорсадсолаи хонадони Сосонӣ, ба ривояте сесад ҳазор дирам, ки ниме аз он ба ҷой монда буд, ба дасти арабҳо афтод. Сипоҳи 30 ҳазор нафараи араб пас аз ишғоли Ҷалуло ба самти Наҳованд ҳаракат кард. Лашкари Эрон бо вуҷуди бартарӣ дар шумора аз ҳамла худдорӣ кард ва арабҳо Наҳовандро муҳосира намуданд. Онҳо чун пай бурданд, ки тавоноии ишғоли дежи Наҳовандро надоранд, ба ҳила пардохта, овоза карданд, ки

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

халифа Умар дар Мадина мурдааст ва ба сарзамини худ баргаштанианд. Сарлашкари эрониён, ки Пирӯзон ном дошт, ба ҳилаи арабҳо фирефта шуда бо артиши худ онҳоро таъқиб кард ва дар минтақае, ки Нуъмон онро барои набард муносиб дарёфта буд, бо арабҳо ба ҷанг даромад. Ҳамлаи бисёр сахти арабҳо боиси гурези эрониён ва ҳатто марги Нуъмон шуд. Артиши Эрон дар дараҳои тангу борики минтақаи набард, дар вазъияти номуносиб қарор гирифтанд ва бо иҳота ба қатлиом гирифтор шуданд. Таърихнигорон шумораи кушташудагони артиши Эронро дар ин набард 100 ҳазор нафар шумоеридаанд. Ин шикасти лашкари Эрон метавон гуфт муқовиматҳои сахтро поён дод ва бо назардошти моҳияташ арабҳо он набардро «Фатҳ – ул - футӯҳ», яъне «пирӯзии ҳама пирӯзиҳо» номиданд.

Баъзе таҳлилгарони таърихи шикасти ориёиҳо дар асри VII мелодӣ чунин натиҷагирӣ низ кардаанд, ки Яздигурд метавонист бо хазинаҳои пур аз тиллову ҷавоҳироти кишвар артиши бузургу тавонои омода ба размкунад, аммо чунин накард ва дар натиҷаи бохтани неруи ҷангӣ молу сарвате, ки дар Тайсафун ба чанги аъроб афтод, боиси қудрати ниҳоят пурзӯри арабҳои ғортагар ва ташвиқу тарғиби онҳо ҳамчун бозоварандагони дини адолатпарвар ва зиндагибахш барои ҳамлаҳои бештар дар самти минтақаҳои дохиливу марказии Эрон ва сипас Варорӯд шуд.

Иллати дигари шикасти кишвари озодагон ва дар зери юғи араб гузоштани мардумони қаламрави сулолаи Сосониён он буд, ки лояҳои оммаи ҷомеа, аз ҷумла кишоварзон ва пешаварон, ки чандсад сол гирифтори фишори бузургону дороён ва мубадон буданд, дигар ба ҳукуматдорони маҳаллӣ ва мубадони зартуштӣ бовар надоштанд.

Таҳлилгарон ҳамчунон иллати дигари шикасти Эронро дар ҳамсарҳадӣ қарор доштани пойтахти

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

императории сосонӣ, шаҳри Тайсафун бо сарзаминҳои арабӣ донистаанд. Онҳо натиҷагирӣ кардаанд, ки агар пойтахти Эрон дар минтақаҳои шарқӣ ва ё марказӣ ҷой медошт, барои дарк кардани мавқеъи хатар ва мутамарказ намудани неруҳои лозим, фурсат фароҳам мегардид. Шоҳаншоҳони Сосонӣ гарчи даҳҳо сол боз сарзаминҳои Сурия ва бахше аз Арманистонро зери тасарруфи худ гирифта буданд, дар пиромуни хатари аз сӯи арабҳо таҳдидкунанда андешаеро ба сари худ роҳ надода, пойтахти кишварро ба маркази императорӣ накӯчонданд.

Бад - ин тартиб аз рӯйи дарёфтҳои таҳлилгарони баландҷойгоҳ метавон натиҷагирӣ кард, ки сабабҳои асосии шикасти императории Эронро пеш аз ҳама беш дар мудохилаи рӯҳониён ва мубадони зартуштӣ дар умури давлатдорӣ, фасод ва ихтилофоти дарунии дарбори Сосонӣ, эҷоди ҷангҳои дурудароз бо давлати Рум (Византия), фишори сахт ва бор кардани андозҳои вазнин бар сари мардум ва низ қаҳтиву хуруҷи бемории вогири вабо, ихтилоф байни лашкариёни Хуросон ва Ироқи Аҷам, худсарии охирин шоҳон ва бадбиниву таҳқир нисбат ба сардорони лоиқу фидокор (монанди Бахроми Чӯбина, Хури Хусрав, Мардоншоҳ ва дигарон), кушта шудани Хусрави Парвиз ва ошуфтагиҳои сиёсӣ, низомӣ, хусусан ҳамкориву хиёнати баъзе афроди оддиву баъзе сардорони сипоҳи сосонӣ (монанди сипоҳи Дайламӣ ва Шерӯя) дидаанд. Ин рухдоди фоҷеабор ҳатто аз ҳуҷҷатҳо ва пешбиниҳои баъзе аз сардорони Сосонӣ низ пайдост.

Шикасти хунину ҷонкоҳи Эронро аз арабон яке аз таҳлилгарони дигар чунин арзёбӣ кардааст: «Дар он рӯзҳо дин ҷуз маросимҳо чизе набуд ва рӯҳониён ба андозаи қудрати Қубоди I қудрати зиёде ба даст оварда буданд ва талошҳои подшоҳон ба монанди Шопури III, Яздгирди I ва Қубод барои пешгирии рӯҳониён аз қудрат барбод рафтанд. Рӯҳониён, ки ба оилаҳои сарватманд таалуқ

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

дoштaнд, илoвa бap ҳукмpoнии динӣ, илoвa бap capвaти фapoвoн, ҳукмpoнии ҷaҳoнӣ низ дoштaнд. Ин қудpaт вa capвaт, aлбaттa, oнҳopo бa cӯйи фacoд буpд вa нaтиҷa дap oн буд, ки дap oнҳo нишoнaи мaънaвӣ нaбуд.

Умумaн, дap ин дaвpaи тиpa тaнҳo тaғйиpи ҳукумaт мeтaвoниcт ин вaзъpo тaғйиp диҳaд вa мутaaccифoнa, бa ҷoи oн ки ҳукумaти нaв aз дoхили Эpoн бoлo paвaд, oн aз бepун вa бepун aз мapзҳoи Эpoн пaйдo шуд. Дap ҳoдиcaи aҷиб вa бузуpги cуқут вa cуқути Эpoни Cocoниён, дapвoқeъ, вaзъи aхлoқии дин бa дapaҷae бaд шудa буд, ки бa ҷуз фуpӯпoшӣ, шикacт вa хapoбӣ чизepo интизop нaбуд».[32]

Ин шикacтpo cипaҳбaди бoиpoдaи лaшкapи Эpoн, ки дap бoлo ёд шуд, Руcтaми Фappухзoд пeшбинӣ кapдaacт. Ҳaким Фиpдaвcӣ дap бopaи ҷoннucopиҳoи Руcтaми Фappухзoд бo дapeғу дapд дap «Шoҳнoмa» - и бeмapги худ дocтoнe cуpудaacт.

Дapeғ, ки мутaaccибoни зaмoни тapғиби aндeшaҳoи apaбгapoӣ вa бoвapмaндoни импӯзaи oнҳo дap мaвpиди пeшвoзи эpoниён aз aъpoб вa иcтиқбoли мapдум aз иcлoм дуpӯғбoфиҳoи бeшумope кapдa, муқoвимaтҳoи caхти мapдуми эpoнитaбoppo дap pӯ бa pӯи aъpoб пaнaҳ кapдaaнд. Аммo capчaшмaҳo гувoҳaнд, ки дap aкcapи шaҳpҳo пoйдopӣ вa муқoвимaти эpoниён бepaҳмoнa capкӯб гapдид. Чунoнe ки дap cуқути Мaдoин вa хуcуcaн муқoвимaти мapдум дap ҷaнги пeштap бa ёд oвapдaи Ҷaлулo (636 м.) aъpoби муcaлмoн хушунaти биcёpe aз худ нишoн дoдaнд. Ончунoнe ки тaъpихнигopoн aз oн бa нoми «Вoқeaи ҳaвлнoки Ҷулo» ёд кapдaaнд, дap ин ҷaнг caдҳaзop тaн aз эpoниён куштa шудaнд вa тeъдoди фapoвoнe aз зaнoну кӯдaкoни эpoнӣ бa acopaт paфтaнд вa биcёp куштaҳo дaштpo пӯшoнидa буд. Ҷaнги caхт бaйни

[32] http://mehdirahbari.blogfa.com/post/40

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

сипоҳиёни араб ва Эрон дар канори рӯде, ки ба сабаби ҳамин ҷанг баъдҳо ба «Рӯди хун» маъруф гардид, гувоҳи гуфтаҳои болост. Дар баробари пойдории сарсахтонаи эрониён Холид ибни Валид, (ки бераҳматрин саркардагони лашкари араб буд) қавл дод, ки агар бар эрониён пирӯз гардад, «Чандон аз онҳо бикушам, ки хунҳошонро дар рӯдашон равон кунам» ва чун порсиён мағлуб шуданд, ба дастури Холид «гурӯҳ – гурӯҳ аз онҳоеро, ки ба асорат гирифта буданд меоварданд ва дар рӯд гардан мезаданд». Таърихнигори араб Муғайра мегӯяд, ки «Бар рӯд осиёбҳо буд ва се рӯз паёпай бо оби хунолуд қуввати сипоҳро, ки ҳаждаҳ ҳазор кас, ё бештар буданд, орд карданд. Куштагони душман (яъне порсиён) дар ҷанги Наҳованд (642 м.) низ зиёд буд, эрониён муқовимати бисёр ва аъроб хушунати бисёр нишон доданд.» Ба тавре ки Арват бинни Зайд (шоири араб) аз ҷанги Наҳованд низ ба унвони «Пайкори Ҳавлнок» ном мебарад, Муқаддисӣ дар бораи ҷанги Наҳованд ва муқовимати эрониён менависад: «Ва дастаҳои эронӣ, ки гӯянд чаҳорсад ҳазор нафар буданд, дар он ҷо буданду бо шикебоӣ ва пойдорӣ савганд ёд карда буданд ва аъроб аз эшон (эрониён) чандон куштанд, ки худо донад.. ва аз амволу ғаниматҳо чандон насиби аъроби мусалмон гардид, ки дар ҳеҷ китобе андозаи он зикр нашудааст».[33]

Ба қавли Ҷарир ат - Табарӣ «аъроби мусалмон куштори бузург карданд. Бо ин ҳол мардум аз пазируфтани ислом худдорӣ карданд, балки бо ҳифзи оини худ, ба пардохти ҷизя (молиёт, андоз) гардан ниҳоданд».[34]

Ба гуфтан меарзад, ки пойдориҳои мардумони ориёӣ, ба вижа тоҷикони Хуросон дар муқобили ҳамлаварони

---

[33] Матњар бинни Тоњири Муќаддисї, Офариниш ва таърих, (бо тарљумаи Муњаммадризо Шафеъии Кадканї), Т., 1390/2011, љ. 5 с. 192.

[34] Муњаммад ибн Љарир ат-Табарї,Таърихи Табарї, љ. 5 с. 2009

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

араб дар саросари даврони ҳукуматронии онҳо, аз ҷумла дар замони халифаҳои уммавию аббосӣ хомӯш нагашта буд. Дар замони Муовия хуросониён рӯи по бархоста бар зидди фармонравоёни аббосӣ ҷангида, онҳоро аз шаҳрҳои худ берун карданд. Дар ин маврид Наршахӣ дар бораи шӯриши мардумони Бухоро менависад: «Муъовия Убайдуллоҳ бинни Зиёдро барои саркӯбии мардум ба сӯйи Бухоро фиристод ва Убайдуллоҳ пас аз набарди сахт он ҷоро бори дигар тасарруф кард. Убайдуллоҳ фармуд то дарахтон меканданд ва деҳҳоро хароб мекарданд ва шаҳр (и Бухоро) - ро низ хатар буд, хотун (ҳокими Бухоро) кас фиристод ва амон хост. Сулҳ афтод ба ҳазор ҳазор (як миллиён) бо чаҳор ҳазор барда. Аммо ба зудӣ мардуми Бухоро бори дигар аз паймони сулҳи худ сар боз заданд. Саъид бинни Усмон (омили Муъовия) дар соли 56 ҳиҷрӣ (675 мелодӣ) ба сӯйи Бухоро шитофт ва дар он ҷо кушторе азим кард. Саъид бинни Усмон бо 30 ҳазор барда ва моли бисёр аз Бухоро баргашт». Гурӯҳе аз бузургзодагони Бухоро низ ба унвони гаравгон дар шумори ин асирон буданд, ки мавриди шиканҷа, тавҳину таҳқири фотеҳони араб буданд. Наршахӣ менависад, ки асирони бухороӣ «бағоят тангдил шуданд ва гуфтанд: Ин мард (Саъид бинни Усмон) - ро чӣ хорӣ монд, ки бо мо накард? Чун дар истихфоф (хорӣ) хоҳем ҳалок шудан, боре ба фоида ҳалок шавем. Пас ба сарои Саъид андар омаданд, дарро бастанд ва Саъид (сардори араб) - ро бикуштанд ва хештанро ба куштан доданд». Дар замони Язид бинни Муъовия низ мардуми Бухоро шӯриш карданд, ки Язид зидди онҳо лашкариёни зиёди худро фиристод.

Дар соли 90 ҳиҷрӣ (709 мелодӣ) ба истилоҳи таърихнигорони исломӣ мардуми Бухоро бори дигар кофир шуданд ва ин бор Қутайба бинни Муслим ба сӯйи Бухоро ҳамлавар гашт. Мардуми Бухоро муқовимати сахт нишон дода ин бор лашкариёни исломро шикаст доданд ва

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ба урдугоҳи Қутайба даромада ӯро гурезонданд ва дар фарҷом Қутайба ёрӣ хоста шӯришиёнро саркӯб намуд.[35]

Дар бораи давоми шикасти ориёиёни Хуросону Варорӯд мебояд таъкид дошт, ки сарзамини як замон маҳди Зартушт ва сарчашмаи забони дарӣ то ҳамлаи хунини араб бо қабилаҳои гуногуни туркон дар ситезу гирудорҳо буда, ягонагии худро аз даст дода буд. Барои забти алафчарҳои фаровон ва ғорати сарватҳои бешумор, туркони аз кӯҳҳои Олой ва бодияҳои Гоби сарозер шуда, нахуст давлати ҳайтолиёнро барҳам зада як ҷомеаи давлатмонанди турконро ташкил дода буданд. Чун дар ин ҷо аз таркиби «ҷомеаи давлатмонанди туркон» кор гирифтем, моро мебояд исботе дошт, барои вуҷуд доштан, ё надоштани чунин ягонагии сиёсии қабилаҳои турктабор. Шумори зиёде аз пажӯҳшгарони турктабор иддао доранд, ки гӯё қабилаҳои кӯчии дар саҳроҳои Қипчоқ ҷой гирифта ҳамчун суперэтнос дар садаҳои X мелодӣ империяи худро бунёд карда будаанд. Ин пиндорро туркшиноси овозаманд Лев Гумилёв бо инкор тасбит намудаст, ки иддаои ягонагии қабилаҳои кӯчанда афсона (миф) аст, зеро «задухӯрдҳои доимӣ ба хотири азхуд кардани алафчарҳо, бар замми оини талаби хунбаҳо (қассос гирифтан), на танҳо ба сулҳҷӯӣ ҷойе намегузошт, гузашта аз он ба иттиҳоди қавмҳо роҳ намедод».[36]

Ҳамин аст ки дере нагузашта, дар натиҷаи зиддиятҳои дохилӣ, ҷомеаи давлатмонанди туркон ба ду шохаи ба ҳам муқобилу оштинопазир - туркҳои ғарбӣ ва туркҳои шарқӣ тақсим шуданд. Дар он замон сарзаминҳои Варорӯд , аз ҷумла Бухоро, Самарқанд, Чоч, Фарғона,

---

[35] Наршахї Абубакр Муњаммад, Таърихи Бухоро, Тењрон, 1387/ 2008., с. 52 - 54

[36] Лев Николаевич Гумилёв, Древняя Русь и Кипчакская степь в 945 - 1225 гг., Тезисы докладов и сообщений географической конференции - Алма Ата, 1980, с. 38 - 71.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Тахористон, Усурушана, то Қошғару Хутан ба зери тасаллути туркони ғарбӣ даромада буданд. Албатта ин сарзаминҳоро туркон ба осонӣ азхуд накарда буданд. Ҳамон гуна ки соли 630 роҳиби хитоӣ Сюан - тсзан дар сафараш ба Самарқанд мушоҳида кардааст, «тамоми шаҳрҳои он (Тахористон), беодам ва солҳо боз валангору хароб буда, дар ҷойи он ободиҳо алафҳои бегона рӯида буданд».[37]

Бо вуҷуди ин туркҳо тарзи кӯчнишинии худро давом дода, ба шаҳрнишинӣ ва киштварзӣ бо як бепарвоӣ менигаристанд ва дар алафчарҳои Варорӯд рамачаронӣ карда, аз мардумони таҳҷоӣ боҷу хироҷ гирд меоварданд.

Ҳамчунон, агар ба пиндори баъзе таърихшиносон бовар кунем, дар сарзамини Хуросон ва Варорӯд , пеш аз ҳамлаи араб гароиш ба дини буддоӣ падидаи оддӣ ба нигар мерасид. Таърихшинос Ғолиб Ғоибов бо омӯзиши сарчашмаҳои арабӣ, чунин бардошт дорад, ки «... дар асри VII мардуми Тахористон ва аз он ҷумла Хатлон дини буддоиро қабул карда буданд».[38]

Ин дарёфти донишманди пуркор, ки бар пояи сарчашмаҳои арабӣ такя дошта, мардумони Тахористон, аз ҷумла хатлониёнро саросар бутпараст пиндоштааст, баҳсбарангез менамояд. Пеш аз ҳама гароиши саросарии мардумони Тахористон ба дини будоӣ дар дарозои сад сол то андозае аз воқеъият дур аст, зеро мардумони сарзамини тоҷиктаборон, ки беш аз ҳама ба ойинҳои зартуштӣ ва зарвонӣ бовар доштанд, наметавонистанд кеши аз ниёкон ба мерос гирифтаашонро ба якборагӣ тарк намуда, оини будоии тибетиро бипарастанд. Дур нест, ки сайёҳони чинӣ ва таърихнигорони бегонатабор, бо мушоҳидаи

[37] Ѓолиб Ѓоибов, Таърихи Хатлон. Аз оѓоз то имрўз, Душанбе Дониш, 2006, с. 128
[38]Ѓолиб Ѓоибов, Таърихи Хатлон. Аз оѓоз то имрўз, Душанбе Дониш, 2006, с. 129

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

намозгузории тахористониҳо ба сӯйи тандисҳои вобаста ба оини Митро, гумон бурдаанд, ки он мардумон дини будоиро пазируфтаанд. Боясти донист, ки (ончуноне дар боло гуфта шуд) мардумони сарзамини Варорӯд у Эрону Хуросон, пеш аз кеши Зартушт ба худоёни оини Митроисм, аз ҷумла ба тандисҳои Митра, Аноҳид, Агни, Арта, Варахран, Сурӯш, Аштод ва чанде дигар саҷда мекарданд. Дар ин бора устоди фарҳехта Юсуфшоҳ Яъқубов ҷустори росту дуруст дорад, ки наметавон далелҳои ин бинишвари нуктабинро ба нигар нагирифт.[39]

Ҳамзамон натиҷагириҳои донишманди барҷаста Ричард Фрайро дар мавриди боварҳои дар Варорӯд ҷойдошта бояд оқилонаву поядор донист. Аз пажӯҳишҳои ӯ метавон натиҷагирӣ кард, ки «Вазъи динӣ дар Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ бо тақсимоти сиёсии ин минтақаҳо ва ҷудоихоҳии маҳаллӣ мувофиқ буд; дар ин ҷо на танҳо дини зардуштия (дар навъҳои гуногуни маҳаллӣ), балки монигароӣ, масеҳияти несторианӣ, буддоӣ, парастиши аҷдодони маҳаллӣ, инчунин парастиши худои қаҳрамон Сиёвуш, парастиши баъзе олиҳаи маҳаллӣ ва ғайра вуҷуд доштанд. Вазъият дар Форс дигар хел буд».[40]

Дар мавриди боварҳои динии тоҷикони замони пеш аз ҳамлаи араб, дар миёни гуфтаҳои гуногуну зидду нақизи пажӯҳишгарони худиву хориҷӣ мебояд худро гум накард. Ба вижа ба ҳангоме ки ҳамлаварони араб китобҳои моро ба оташ афканда таърих ва пешинаи динварии моро бо хостаи худ бознавиштаанд.

Мо ба хотири нишон додани поядории сӯзондани китобҳои тоҷикон, намунаҳоеро аз навишторҳои

---

[39] Юсуфшоњ Яъќубов, Религия древнего Согда, Душанбе Дониш 1996, с. 46 - 49

[40] А.Љалилов, Суѓд дар арафаи њамлаи арабњо, Сталинобод, 1960, сањ. 73-81

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

донишмандони тоҷику ғайритоҷик дар зерфасли алоҳидаи хоҳем ёдовар шуд.

Бо вуҷуди аз паёмади задухӯрдҳои пайдарпай бо туркони гуногунқабила хароб гаштани кишвар, гирифтори парокандагиҳои сиёсӣ, даромехтагиҳо бо қабилаҳои кӯчандаи беватан, бегонагии арзишҳои динӣ ба ҳувияти ориёии мардумон, баландсарони Хуросону Варорӯд , ватани худро бо осонӣ ба дасти арабҳо надоданд. Муқовиматҳои ҷавонмардонаи ватанхоҳони Хуросону Варорӯдро дар ҷоннисориҳои мардумони Хуталон, ки вилояте аз Тахористон буд ва дар сарчашмаҳои таърихӣ бозгӯ шудаанд, метавон намуна овард. Чуноне ишора кардем дар замони ҳамлаи араб парокандагии сахте фарогири мардумони Варорӯд буд ва душманон аз ин парокандагӣ дар торуморсозии онҳо моҳирона кор мегирифтанд. Ҳанӯз соли 704 волии Ироқ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф барои забти Варорӯд ва Хуросон Қутайба ибни Муслимро мефиристад, ки ӯ бо ҳилаю найранг бо сарварони давлатҳои хурд алоқаҳо пайдо карда, аз роҳи корбурди зиддиятҳои байнашон ҷой дошта, ҳар кадомеро дар алоҳидагӣ аз байн мебарад. Ҳамон гуна ки Низаки сарбаландро бо 12 ҳазор нафар хешовандону ҳамкешонаш ба қатл мерасонад.[41] Соли 709 Қутайба ибни Муслим давлатаки хурдеро бо номи Шуммон (Ҳисори Шодмон) ишғол карда, онро нишемангоҳ - форпости худ қарор дода буд.

Арабҳо пас аз он ки Фосро тасхир намуданд, соли 675 ба кишварҳои Варорӯд роҳ пайдо карда, дар байни аҳолӣ корҳои таблиғотӣ мебурданд. Аз занону духтарони маҳаллӣ, зан мегирифтанд ва хешу табор мешуданд. Таърихнигорон шумори Варорӯдиёни ислом пазируфтаро 40 ҳазор нафар тахмин задаанд.

[41] Балъамї, Таърихи Табарї, тањияи. М.Умаров, Ф. Бобоев, Д. Ќаноатов, Душанбе «Паёми ошно», с. 2001, љ. II, сањ. 38

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Яке аз ҳилаҳои ишғолгарони араб он буд, ки касони ислом пазируфтаро аз ҷизя - андози вазнин озод сохта, пас аз гузашти як - ду соле аз онҳо дубора пардохти ҷизя талаб мекарданд. Ҳамон гуна ки дар сарчашмаҳо омадааст Халифа Умар ибни Абдулазиз ба волии Хуросон Ал Ҷарроҳ дастур медиҳад: «Ҳар ки ба сӯи қибла намоз мегузорад ҷизяро аз гардани ӯ соқит кун! Пас аз расидани ин амр мардум ба пазируфтани ислом шитофтанд». Дар бораи ситондани молиёт ва дигар андозҳо пажӯҳишгарони овозаманди таърихи Эрону Варорӯд, Н.В. Пигулевская, А. Ю Якубовский, И.П. Петрушевский, А. М. Беленитский, навишторҳои пурдалел овардаанд: «Тибқи усули ислом ҷизия, ё молиёти сарона фақат аз «куффор» ахз мегардид ва онон, ки ислом оварда буданд аз пардохти он маъоф буданд. Дар зарфи 20- 30 соли аввал, баъд аз фатҳи Эрон хироҷ низ аз «куффор» ахз мешуд, яъне зартуштиён, масеҳиёну яҳудиёне, ки замин зироат мекарданд ва мусалмононе, ки дорои замин буданд фақат ушр, яъне молиёти арзии камтаре мепардохтанд, яъне эрониён. Вале дар соли 700 мелодӣ Ҳуҷҷоҷи ҳокими сарзаминҳои шарқии хилофати исломӣ, ки марде ҳарису хунхору бениҳоят бераҳм буд фармоне содир кард, ки ҷумлагӣ навмусалмонон, яъне эрониён ва соири афроди ғайриараб, ки ислом оварда буданд, аз пардохти хироҷ маъоф намебошанд».[42]

Арабҳо байни солҳои 699, 718, 726 ба Хуталон ҳамла бурда, дар юриши соли 727 бо сардории Асад бинни Абдуллоҳ шикасти сахт хӯрда ба сӯйи Балх рӯ ба гурез ниҳоданд. Чуноне ҳама аз китоби Адабиёти тоҷик огоҳанд аҳолии Балх дар тамасхури лашкари Асад ин сатрҳоро сурудаанд:

---

[42] Н.В. Пигулевская, А. Ю Якубовский, И.П. Петрушевский, А. М.Беленитский, Таърихи Эрон, тарљумаи Карими кишоварз, Тењрон, 1363/1984, с. 161

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Обор боз омадия.
Хашанг, низор омадия.

Қабилаҳои кӯчандаи аз кӯҳҳои Олой ва саҳроҳои Гоби ба Варорӯд сарозер шуда, ки мо онҳоро беватан номидем, ҷуз ғорати мардуми таҳҷоӣ ва соҳиб шудан ба алафчарҳои сарсабз, дар сар камтарин хаёле вобаста ба арзишҳои меҳанӣ надоштанд. Гузашта аз ин онҳо бо ҳамлаварони нави аз биёбонҳои Арабистон ба сарзамини озодагон пойи нопок гузошта, барои анбоштани сарвати бештар дар талошу ҳамдигаркушӣ қарор доштанд. Шӯрбахтӣ дар он буд, ки ҳам туркон ва ҳам тозиён аз ҳисоби асирони тоҷик ва ориёитабор дастаҳои размандаи нав дуруст карда, барои куштани ҳамдигар равона мекарданд. Дар мавриди исботи гуруснаҷашмӣ ва ҳамсон будани ҳадафҳои асосии ҳамлаварони турку тозӣ, таърихшиноси пуркор Ғолиб Ғоибов бо бардошт аз «Таърихи Табарӣ» иқтибоси ҷолибе овардааст, ки мо онро ба хотири тасбити гуфтаи хеш пурра рӯнавис кардаем: «Асад чун ба соҳили дарё расид, хабар омад, ки ба баромадани хоқон аз Суёб 17 рӯз пур шудааст ва бояд ба Хуттал расида бошад. Ду нафар аз лашкариёнаш ба ӯ маслиҳат доданд, ки ту хуб ғазо кардӣ, ғанимат ба даст овардӣ, акнун мебояд ҳарчи зудтар аз дарё гузашт. Асад ба хотири он ки лашкар ба воҳима наафтад, фармуд то он ду нафарро бикӯбанд ва он рӯз бо лашкар дар соҳили дарё бимонд. Рӯзи дигараш фармуд, ки аскарон ҳар кадом бо худ як гӯсфандӣ, савора дар пеши зин ва пиёда дар гарданаш бо худ гирифта аз дарё гузаранд. Мардум аз 23 ҷои дарёи Панҷ ҳар кадом бо худ гӯсфанде аз рамаҳои ғораткардаи хутталиён гирифта, ба гузаштан аз он шурӯъ карданд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Маълумоти дурусти ат - Табарӣ дар хусуси он ки Асад аз наздики Кӯҳи намак (-и Хоҷамӯмин) гузашта ба соҳили дарё (- и Панҷ) рафт, аз он дарак медиҳад, ки Асад бо лашкари худ аз деҳаи ҳозираи Чӯбаки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз дарё гузаштааст.

Лашкариёни араб ҳар кадоме бо худ гӯсфандеро гирифта ба об медаромаданд. Худи Асад низ бо худ гӯсфандеро гирифта ба дарё даромад.

Яке аз лашкариёни бонуфуз бо номи Усмон ибни Абдулло ба Асад гуфт: «Ин фармони ту дар хусуси бо худ гирифтани гӯсфандон хатои маҳз аст, зеро мардум акнун аз ҳам ҷудо шуда ба гирифтани гӯсфандон машғул гаштаанд, душманат хоқон бошад, ҳозир мумкин расида биёяд.... Бигзор ин гӯсфандонро лаънати худо бар онҳо бод ва фармо мардум ба ҷанг тайёр шаванд!» Аммо Асад гуфт: «ба худо қасам, агар ягон лашкарӣ бегӯсфанд аз об гузарад, мефармоям то дасташро бибурранд».

Азбаски оби дарё баланду тез буд ва то зини аспон мерасид, баъзе саворахо аз асп меафтиданд ва об онҳоро мебурд. Инро дида Асад фармуд то гӯсфандонро ба об раҳо намоянд.

Дар ин ҳол ҳанӯз убури дарё ба охир нарасида, дастаи пешрави калони туркҳо дарраcид ва касонеро, ки аз дарё нагузашта буданд, нест кард. Зиндамондагон зуд худро ба дарё партофтанд. Дар ҳамин вақт қувваҳои асосии лашкари хоқон аз ҷониби Хуттал расида омаданд. Навбатдорон ва он даста аз хоқон шикаст хӯрда гурехтанд. Асад низ гурехта ба қароргоҳи худ рафт.

Шабона Асад аскарони худро барои муқобилият бо хоқон омода кард, вале вақте ки рӯз шуд, аз туркҳо хабаре набуд. Ӯ сарони аскарро даъват намуда ба машварат пардохт. Онҳо ба ӯ гуфтанд: «Офият пеш омад». Асад гуфт: «Ин на офият, балки балоест. Дирӯз хоқон бар мо ғолиб омада, аскарону аслиҳаҳои моро гирифта бо худ

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

бурд. Ӯ ба он хотир имрӯз ба мо ҳуҷум накард, ки аскарони дирӯз аз мо асир гирифтааш хабари мулку маноли пештар фиристодаамонро ба ӯ гуфтаанд. Ва хоқон дар тамаъи он мол ба мо ҳуҷум накарда, ба он тараф ҳаракат намудааст». Вазъ дар ҳақиқат ҳамнн тавр буд ва хоқон ба иштибоҳи калоне роҳ дод. Хоқон дар тамаъи он мол пеш мерафт..... Гумон меравад туркони хоқон дар ин ҷанг ғанимати хеле калон ба даст оварда буданд, чунончи ат - Табарӣ суханони яке аз сарлашкарони турк - Курмуғонунро чунин овардааст: «Дар умрам чунин ҷанги марғуб чун рӯзи ҷанги асқол (молу манол) - ро надида будам». Гуфтанд: Он чи хел буд? Гуфт: Дар он рӯз амволи азиме ба даст даровардам»....

Табарӣ инчунин нақли шоҳидеро овардааст, ки туркҳо баъди аз арабҳо шикаст хӯрдан аввал ба Хуттал гурехта, баъд аз он ҷо ба ватани худ рафта буданд».[43]

Бад - ин тартиб метавон ба натиҷае расид, ки дар шикасти дуюми ориёиёни тоҷиктабор, нақши туркони барояшон сарзамини Варорӯд бегона ниҳоят чашмрас буд.

Албатта паёмади шикасти маргбори ориёитаборон аз дасти ҳамлаварони араб рӯҳу пайкари ориёии онҳоро пурра аз байн бурда натавонист. Давлатҳое дар дохили императорӣ, ё хилофати Араб пайдо шуданд, ки гарчи аз хондани хутба ба номи халифаҳои Бағдод даст кашида бошанд ҳам, дастгоҳи идеологӣ ва ҷосӯсии хилофат аз роҳи ҷорӣ кардани шариати ислом ва коштани боварии динӣ, ба василаҳои гуногун ба сони захр хӯрондани сарварони бумӣ, барангехтани туркони ҳамҷавор ва хидматгузор бар зидди истиқлолиятхоҳони тоҷик оҳиста - оҳиста рӯҳияи ориёии ин мардумони эҷодгару фарҳангсоз аз миён бардошта шуд. Ногуфта нагузорем, ки он

---

[43] Ѓолиб Ѓоибов, Таърихи Хатлон. Аз оѓоз то имрўз, Душанбе Дониш, 2006, с. 149, 150, 151, 152, бо такя ба китоби Ат - Табарї, Таърих ар - русул вал мулук, љ. VII, с. 113-122

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

давлатҳои хурди дар рӯи шикастпораҳои кишвари Ориёно пайдо шуда аз 30 то 60 сол ҳукуматронӣ карда, чун зуғолҳои аз ҳам дур хокистар гаштанд. Чунин буд давлатдории Тоҳириён (823 - 873), Саффориён (873 - 899), Ғуриён (1149 - 1215), Куртҳои Ҳирот (1245 - 1381), Сарбадорон (1337 - 1381).

Ин нуктаро бояд муҳим донист, ки халифаҳои Бағдод дар шикасти минбаъдаи тоҷикон ва дигар эронитаборон аз неруҳои туркони гуногунқабила зиёд кор мегирифтанд. Мо ҳаракатҳо ва дастёбии шоҳ Исмоили Сомониро ба истиқлоли нисбӣ ёдовар намешавем, зеро ба симои ин тоҷики бонангу номус таърихнигорон аҳамияти басанда додаанд. Аммо шикасти давлатдории Сомониёнро бо дасти туркони бодиянишин ва ҳамёрии моливу раҳнамоии халифаҳои Бағдод, мебояд ҳамеша пеши рӯ овард. Ҳама медонанд, ки дар қаламрави Сомониён фазои ғайриарабӣ, ба сони озодандешӣ, гуфтору навиштори расмӣ бо забони тоҷикӣ, ифтихор аз гузаштаҳои тоарабӣ густариш дошт, ки аз ин нафрати аҳолии таҳҷоӣ ба тозиён пай бурда мешуд ва намояндагони халифаҳои Бағдод низ наметавонистанд нафрати худро дар нисбат ба тоҷикон пинҳон бидоранд. Ба сабабҳои шикасти таърихии Сомониён аз дасти Қарохониён дар соли 1010 таърихнигорон аҳамияти боиста насдодаанд. Мебояд пеш аз ҳама гуфт, ки халифаҳо бо роҳи бахшидани маблағҳои ҳангуфт ва ваъдаҳои бепоён, туркони қарохонӣ ва илхониро ба пазириши ислом водоштанд. Сипас таҳрикоти туркон, ба вижа дар рӯзгори ҳукмронии халифаи мутаассиби фашистмаоб Алқодир Биллоҳ (1002) авҷ гирифт. Чанде пештар фақеҳони Бухоро ва ғуломони туркон бар зидди амир Наср ибни Аҳмад бархоста, соли 952 ӯро аз тахт барканор карданд. Чуноне донишманди бузург Муҳаммадамини Риёҳӣ дар мақолаи худ навиштаи Саъолебиро ёдовар шудааст «Абӯмуҳаммад Абдуллоҳи Восиқӣ, аз бозмондагони Восиқ - халифаи Аббосӣ, ки ба назди туркон рафта буд ва дар Буғрохон

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

нуфуз ёфта буд, соли 1003 хони туркро ба ташвиқ ба лашкаркашӣ ба Бухоро кард. Агарчи Буғрохон дар Бухоро бемор шуду баъд аз тарки он ҷо дар миёни роҳ даргузашт, аммо дигар умеде ба бақои хонадони Сомонӣ набуд. Вақте ки туркони хатоӣ ба Бухоро ҳамла карданд, фақеҳони Бухоро фатво доданд, ки «чун муҳоҷимон мусалмон шудаанд, бо онҳо набояд ҷангид» ва бад ин сурат, мӯҷиботи суқути давлати эронии Сомониро фароҳам оварданд».[44]

Бад - ин тартиб туркони қарохонӣ Бухороро гирифтанд ва чашмони охирин амири сомонӣ Абдумалик ва бародараш Мансурро кӯр карданд. Ва турки дигар дар Ғазна - Маҳмуди Сабуктегин Хуросонро гирифт.

Ҳамин буд шикасти дуюми сарзамини ориёиҳо, ки дар нисбат ба шикасти аввал, ки аз макдуниҳо гирифта буданд, бештар вайронгару ранҷбортар буд. Вайронсозии сахти сарзамини ориёиҳо аз ин шикаст дар он буд, ки ин мардумони фарҳанговар дар ҳазорсолаҳои инсонсозии одамон, андешаи фитрӣ ва боварӣ ба худро аз даст дод.

Гузашта аз ин оҳиста - оҳиста шикасти дуввуми ориёиҳо ба он оварда расонд, ки дигар ориёиҳо ҳар таҳқире ки ғолибони (арабҳои) худро сокинони ҳарамайн дониста барояшон раво медиданд, чун аз гирифторӣ ба ҳукми ширку зандиқа бим доштанд, бо сари хам мепазируфтанд.

Ибни Ҳавкал (асри X) ва Истахрӣ (850 - 957) се садсола пас аз ҳамлаи арабҳо ба Эрони бузург навиштаанд: «Арабҳо эрониёнро «Аҷам», (яъне гунгу безабон) ва ё «Мавлӣ» (бандагони - ғуломони озод карда) медонистанд ва онҳоро ба пасттарин корҳо маҷбур мекарданд. Арабҳои фотеҳ дар ҳар мавриде ба эрониён иҳонат ва озор

---

[44] Муњаммадамини Риёњї, Рўзи Фирдавсї ва «Шоњнома», рўзномаи «Иттилоот», №№24, 25, исфанди с. 1376 / 15- 17 марти с. 1998,баргардони Дорои Дўст.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

менамуданд. Ба тавре ки дар кӯчаву хиёбон ҳар гоҳ арабе бо бор бо эронии номусалмоне бархурд мекард, эронӣ маҷбур буд то бори аъробиро бе аҷру музд то манзили вай ҳамл кунад ва агар шахси араб пиёда буду ӯ савора, маҷбур буд араби мусалмонро бар асби худ савор кунад ва ба мақсад бирасонад. Агар ғайрмусалмон мусалмонеро дашном медод, шиканҷа мешуд ва чунончи ӯро мезад, ба қатл мерасонд. Маъмурони молиётӣ ва масъулини ҷамъоварии хироҷ (андози замин) ва ҷизия (андоз аз ислом напазируфтан) мардуми ғайримусалмонро таҳти фишору шиканҷа қарор медоданд. «Аҳли замма» (масеҳиҳо ва яҳудиҳо) низ, ки бо қабули пардохти ҷизия, зоҳиран таҳти ҳимояти ҳукумати исломӣ даромада буданд, монанди зартуштиҳо бо озорҳову шиканҷаҳо ва таҳқирҳои фаровон рӯбарӯ буданд. Ибни Ахува (ки худ коргузори ҳукумат ва масъули муҳтасиби хироҷ буд) дар мавриди чигунагии вусули ҷизия аз «аҳли замма ёдовар мешавад: Чун муҳтасиб барои ахзи (гирифтани) ҷизия назди заммӣ ояд, ӯро пеши худ биистонад ва ба ӯ пасгарданӣ занад ва гӯяд: ҷизияро бипардоз, эй кофир!»[45]

Илова бар хироҷу ҷизия ҳар сол, ба ҳангоми Наврӯз ва ҷашни Меҳргон андозе ба номи «Идӣ» низ аз мардум ахз мекарданд, ба тавре ки дар замони Муовия ин «Идӣ» ба даҳ миллион дирҳам мерасид. (Ҳамон ҷо, с. 145, с. 280). (Албатта ин «идиситонӣ» ҳадафи дигар низ дошт; даст кашидан аз ойинҳои бостонии эронитаборон)

Аммо шикасти ориёиён бо ин ба поён намерасад. Дар пеш ориёиёнро шикасти дигари нобудсоз интизор буд.

[45] Ањмад бинни аби Яъќуб, Таърихи Яъќубї, Т.,1341/1962, баргардони Муњаммад Иброњими Оятї, љ. 2, с. 117

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

# Шикасти сеюм

**Дареғ аст, ки Эрон вайрон шавад,**
**Куноми палангону шерон шавад.**[46]

## Шароити саросарии Эрону Варорӯд пеш аз ҳамлаи муғул.

Ҳуҷуми муғулон дар таърихи тоҷикон ва эронитаборон яке аз ҳодисаҳои мудҳиши таърихие дониста шудааст, ки он ба тамоми пояҳои сиёсӣ, иҷтимоъӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардумони ориёитабор таъсири бебаргашт гузоштааст. Ба гуфтаи дигар ин ҳодисаи мудҳиш захме бар пайкари тоҷикон гузошт, ки ҷароҳати он то ҳанӯз дармони пурра наёфтааст.

Ҳама медонем, ки дар ҳудуди асри даҳӯми мелодӣ, муддати ду садсола, бо суст гаштани салтанати халифаҳои араби Бағдод, қиёмҳои пайдарпаи мардони бонангу номуси тоҷику форс ва рӯйи кор омадани мардони бузургу меҳанпараст, чун Яъқуб Лайси Саффорӣ ва Исмоили Сомонӣ ва бунёди хукуматҳои маҳаллӣ, сарзамини ориёиён оҳиста - оҳиста таъсири пешинаи худро барқарор намуда, даврони навини ривоҷу равнақи худро дубора оғоз кард. Ҳама огоҳем, ки дар зиндасозии ҳувияти ориёии мардумони Хуросон, бо курсинишинӣ дар Бухоро, шоҳ Исмоили Сомонӣ чӣ нақши бузурге дошт. Пас аз пошхӯрии сулолаи сомониён қабилаҳои турктабори қарахонӣ, қарахитоӣ ва сабуктегинӣ - ғазнавӣ (бо раҳнамоии халифаҳои Бағдод), ба тахти каёнӣ нишаста, дар баробари итоат ба Бағдод, қаламрави ҳукумати худро

[46] Њаким Фирдавсї, «Шоњнома», љ. II, с. 134

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

аз Ҳинду марзҳои Чин то Бағдод ва аз кӯли Арал то халиҷи Форс ва Хузистонро дарбар гирифта буд.

Дар замони фармонравоии Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки тахту тоҷро ба зӯри низомиён соҳиб шуда буд, дар Осиёи Ғарбӣ ҷуз туркони салҷуқӣ ва ҷуз давлати навсози мамлакатҳои Миср, давлати дигаре берун аз итоати Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ набуд. Дар байни ду садсола фарҳангу илму адаби тоҷиктаборон ба боззоӣ пардохт.

Аммо мизони ин зиндашавии дубора ба андозае набуд, ки ориёиёни дарҳамшикаста ва беҷону рамақи Эрону Варорӯдро ончунон бедор кунад, ки битавонад рӯйи пойи миллии худ воистад.

Дар дарозои чандин садсолаҳо ҳукуматронии ваҳшиёнаи тозиёни вайронгар, халифаҳои Бағдод кирдору кунишҳои хушунатбор ва кушту кушторро роҳи нигаҳдории императории худ дониста, бар миллатҳои тахти ситаму истисмори хеш қарор дошта, фишору гулӯгириҳояшро идома бахшида буд.

Пешгирӣ аз саводомӯзӣ (танҳо қориазёд кардани ояҳои Қуръон), талоши ҳокимону аҳли масҷидҳо барои аз байн бурдани гузаштаи пурифтихори таърихӣ ва фарҳанги баланди ориёӣ, аз байн бурдани забони порсӣ - тоҷикӣ, дар сархати барномаҳои императории араб ҷой гирифта буд. Сиёсати зиддиориёии арабҳои ишғолгар бад - он сон коро буд, ки озодагон ба тадриҷ гузаштаи пурифтихори худ, кистии худро аз ёдҳо рабуданд.

Доноёни таърих бар онанд, ки ҳифзи забони порсӣ - тоҷикӣ, баёнгари яке аз муқовиматҳо ва истодгариҳои бемонанди миллӣ ва худшиносии эронитаборон, дар муқобили расму одоб ва фарҳанги арабони таҷовузгар аст, зеро тамоми қавмҳои гирифтори ҳамла ва забти арабзодагон, аз Ховари Миёна то соҳилҳои уқёнуси Атлантик, ба монанди мардумони Миср, Ироқ, Сурия, Фаластин, Лубнон ва саросари кишварҳои шимоли Африқо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

зери фишори қавми араб забонҳои модарии худро фаромуш карда, дар ҷойи он забони арабиро пазируфтанд.

Новобаста бар он ки дар асрҳои XI -XII мелодӣ (ҷуз Исмоили Сомонӣ) подшоҳону амирони маҳаллӣ, ки бештар турктаборони қарахониву сабуктегинӣ буданд ва низ салтанати халифаҳои Бағдод суст шуда буд, дар масҷидҳо ҳанӯз хутба ба номи халифаҳои Бағдод хонда мешуд ва хатибони масҷидҳову роҳбарони динӣ ва муфтиёну муҳтасибону дастнишондагони халифаҳо иртиботи худро бо Бағдод наканда, барои карру фари худ, хуни мардумро чун шулӯк мемакиданд ва динро василаи ҳукмронӣ бар қавмҳо ва гирдоварии сарват ва тамаъкориҳову шавҳатрониҳои худ карда буданд, ки мардум аз ин ҳама риёкорӣ ва аз ин ситамгарон хаста шуда, дар интизори наҷотдиҳандае буданд.

Дар садсолаи сездаҳуми мелодӣ сарзамини Эрон ва Варорӯд, ки ба ҷойгоҳи рӯҳониёни мазҳабӣ ва дастнишондагони халифаи Бағдод табдил ёфта буд, на танҳо дар он сарзамин, балки дар бештари кишварҳои исломӣ, рӯҳонияти мазҳабӣ ва кирдору рафтори дастнишондеҳи халифаи Бағдод ба фасод кашида шуда ва динро василаи ҳукуматронӣ бар миллатҳо ва моландӯзӣ ва тамаъкориҳои худ карда буданд ва мардум аз ин ҳама рангу риё ва аз ин ки ҳокимони ситамгари дар канорашон рӯҳониёни арабгаро ҷой гирифта хуни онҳоро мемакиданд ва ба номи халифаи Бағдод хутба мехонданд, хаста шуда, бо тамоми майлу хоҳиш дар интизори наҷотдиҳандае бузург буданд. Ҳамин буд, ки донишманди беҳамто ва шоири бузурги тоҷику форс Ҳаким Умари Хайём ва Ҳофизи бузург сӯфиёну муҳтасибон ва зоҳидонро «хунхор» унвон додаанд:

Эй муфтии шаҳр аз ту диндортарем,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Бо ин ҳама мастӣ зи ту ҳушёртарем.

..............

Ту хуни касон хурию мо хуни разон,
Инсоф бидеҳ кадом хунхортарем. (Хайём)

Рӯза яксӯ шуду ид омаду дилҳо бархост,
Май зи хумхона ба ҷӯш омад, май бояд хост.

....... ........ ......

Чӣ шавад гар ману ту чанд қадаҳ бода хӯрем,
Бода аз хуни разон аст, на аз хуни шумост.

(Ҳофиз)

Қаламрави ҳукумати Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки тахту тоҷро бо неруи низомӣ соҳиб шуда буд, аз Ҳинд то Бағдод ва аз кӯли Арал то халиҷи Форсро дарбар гирифта буд. Дар Осиёи Ғарбӣ ҷуз туркони салҷуқӣ ва ҷуз давлати навини мамлакатҳои Миср, ҳеҷ давлате аз итоати Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ хориҷ набуд.

Пеш аз он ки аз ҳамлаи муғул ба сарзамини Эрону Варорӯд ёдовар шавем, дар бораи кистиву чистии муғулони он замон чанд сатре рӯи ин саҳифа меоварем. Мо дар ин ҷо асосан бо такя ба саёҳатномаҳои гардишгарони бузурги Аврупо, аз ҷумла Иоанна де Плано Карпини (солҳои саёҳаташ 1245 - 1247), Гилом (Гиём) де Рубрук (солҳои саёҳаташ 1253 - 1256) ва Марко Поло (солҳои саёҳаташ 1271 - 1295), ки дар нимаҳои асри XIII дар қаламрави муғулҳо зиста, рӯзгори онҳоро бинишварона варандоз кардаанд, ва баъзе кирдору рафтор ва оини зиндагии саҳронавардони муғулро дар навишторҳои худ сабт кардаанд, ба таври гузаро ёдовар мешавем.

Чуноне Иоанна де Плано Карпини менависад «Сарзамини Монгал нахуст аз чаҳор қавм иборат будааст, ки онҳоро «якка монгалҳо», яъне муғулҳои бузург, «сӯ

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

монгалҳо», яъне муғулҳои обӣ (барои он «обӣ» номида шудаанд, ки аз миёни заминҳояшон рӯде мегузаштааст). Ин қавм аслан худро «татар» меномиданд. Қавмҳои сеюм «меркитҳо» ва чаҳорӯм «мекритҳо» ном доштанд. Дар сарзамини Якка монгалҳо шахсе бо номи Чингиз зиндагӣ дошт, ки ҳамқавмони хешро ҳунари куздӣ ва ғоратгарӣ меомӯзонд. Чингиз ҳамқавмони худро ба сӯи худ ҷалб карда, онҳоеро ки мухолифат нишон медоданд бо зӯрӣ ба худ тобеъ мекард. Аз ҷумла сӯ монгалҳо, меркитҳо ва мекритҳоро бо зӯри силоҳ тасхир карда, рӯ ба забти найманҳо, қарахитоиҳо ва даҳҳо қабилаҳои дигар оварда, онҳоеро ки ба осонӣ бардагиро намепазируфтанд, кушта доройяшонро ғорат мекарданд.[47]

Чингиз дар як замони кутоҳ аз ҳамлаварони саҳроӣ лашкари анбӯҳе орост, ки бо коргирӣ аз усулҳои ҷангии вижае бахши зиёди Аврупо ва Осиёро забт намуд. Чуноне сайёҳони номбурда ишора кардаанд, муғулҳо дар ҷараёни кишваркушоиҳо як идда қабилаҳоеро бо лашкариёни худ омехтанд, ки барбарони одамхор буда, бахше аз онҳо гӯшти падару модарони ҷонбохтаи худро мехӯрданд, аз равғани ҷисми одамон моеъи оташафрӯзи хомушнашаванда таҳия мекарданд, ки ҳангоми ба дежи душман партоб шудан, ба осонӣ наметавонистанд он оташро хомӯш созанд. Онҳо аз косахонаҳои сари падару модари худ ҷоми майнӯшӣ (қумизнӯшӣ) дуруст мекарданд. Чингизхон низ аз косахонаи сари Унгхон, ки аввалҳо сарпараст, ё падархонди ӯ буд ва сипас душманаш гашт, ҷоми майи давродавраш заркорӣ сохта буд. [48]

Лашкариёни муғул дар баробари корбурди густурдаи ҷосӯсӣ, ҳамлаҳои ногаҳонӣ, ҳилаҳои зиёди ҷангӣ - тактикиро ба кор мебурданд. Чунончи нахуст ба самти

[47] Баргирифта аз китоби Иоанна де Плано Карпини, История Монгалов, Москва «Мысль», 1997, с. 47

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

душман ҳамла бурда, дар баробари вокуниш нишон додани онҳо, ҷилави аспҳоро баргардонда, рӯ ба гурез мениҳоданд. Ҳамин ки душман аз паси онҳо масофаеро тай кард, аз каминҳо найзаварони нишонзан бархоста, таъқибгаронро торумор мекарданд.

Муаллифони дар боло ёд шудаи аврупоӣ дурӯғгӯиҳо ва аҳдшиканиҳову фиребгариҳои муғулонро бозгӯ намуда, нигоштаанд, ки чун шаҳр ё деҳаеро иҳота мекарданд, бо нармӣ масалан мегуфтанд, ки «... берун бароед, мо бояд одамонро ба ҳисоб гирем, зеро шеваи кори мо чунин аст. Мардумони берун баромадаро мепурсиданд, ки кадоме аз онҳо чӣ ҳунаре дорад. Онҳоеро ки ҳунари сохтани чизеро доранд, ба ғуломӣ гирифта, дигаронро бо табар мекуштанд. Гирифторони қатлро даҳ нафарӣ ба дасти сардори ҷузвитоми саднафара месупориданд, то ки ӯ онҳоро табаркуш кунад. Сардор дар навбати худ асиронро барои куштан ба дасти ғуломони худ медоданд».[49]

Плано Карпини дар сайёҳатномаи худ овардааст, ки муғулҳо заминро кишт намекунанд ва хӯроки онҳо аслан аз ҳисоби парвариши чорпоён мебошад. Онҳо хона намесохтанд ва зистгоҳашон хаймаҳо буд.

Ҳамон гунае Гилом (Гиём) де Рубрук навиштааст муғулҳо низомномае доранд ба унвони «Дастури абадӣ», ки аз рӯи он дар осмон Худои яккаву абадӣ ҷой дорад ва дар замин писари ӯ Сарвари ягонаи ҷаҳон - Темучин (ба маънии садои занги оҳан) ҷойгузин аст.

Чуноне дида мешавад ҳадафи Чингизхон аз рӯзи нахустини ташкил кардани давлати худ зери по афкандани қавмҳои ҷаҳон буд ва барои ҳамин ҳам давлати худро ба шеваи ҳарбӣ - маъмурӣ созмон дода буд. Ҳадафи аслии муғулонро таърихшиноси Британиёӣ Девид Морган чунин тафсир кардааст: «Муғулон, баъд аз ҳаракат аз Муғулистон

---

[49] Иоанна де Плано Карпини, История Монгалов, Москва «Мысль», 1997, с. 57 - 58

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ба қасди тасарруфи мамлакатҳо, нахуст се кишвари бузургро дар пеш гирифтанд; Чин, Эрон ва Сибири. Дар ҳама ҷо низ камобеш яксон амал карданд; ба сурате, ки куштори бераҳмона, вайронии густурда ва тороҷи ҳамаҷониба ваҷҳи муштараки ин ҳамлаҳо буд».[50]

Гуфтан ба маврид аст баъзе таърихнигорон, аз ҷумла баъзе таърихшиносони исломӣ заминаҳо ва сабаби ҳамлаи муғулро ба сарзаминҳои Эрону Варорӯд ва қатли оми мардумони он сарзаминҳоро дар муносибати нодурусти хоразмшоҳиён бо сафирони муғул, ки гӯё ҳадафи аслии муғулон ба роҳ андохтани тиҷорат ва муносибатҳои ҳасана байни кишварҳо будааст, пиндоштаанд. Гӯё аз қатли корвониёни тиҷоратии муғул дар шаҳри Утрор (Ҷамбул - Қазоқистони имрӯз) бо дастури Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ, муғулон дар ғазаб омада ба Варорӯд лашкар кашидаанд, вагарна ба касе кордор набуданд, ки пайдост он иддаои содалавҳона ва аз воқеиъят дур мебошад.

Таърихи ҳамлаи муғулро ба Варорӯд у Эрон Атомалики Ҷувайнӣ чунин бозгӯ намудааст: «Чингизхон пас аз тасбити қудрати худ барои шурӯъи боби тиҷорат ва дӯстӣ бо Эрон иддае бозаргон ба Эрон фиристод, вале ҳангоме ки сафирони Чингиз вориди шаҳри Утрор шуданд, то паёми ӯро таслим кунанд, Ғоирхон ҳокими он ҷо дар молашон тамаъ карда, ба баҳонаи ҷосӯсӣ онҳоро зиндонӣ кард ва аз Султон Муҳаммад дархости катли онҳоро кард.

Султон бидуни тафаккур дастури мусодираи амвол ва қатли ононро содир кард. Чун хабар ба Чингиз расид, дархости Чингизхон ҳамроҳи умаро ва писаронаш озими ҷанг шуд. Ӯ Утрорро тасарруф ва амволи мардум ғорат ва Ғоирхонро кушт. Сипас шаҳрҳои Мовароуннаҳр, мисли Бухоро, Самарқанд, Термез, Хуҷанд......яке пас аз дигаре бо қатлу ғорат кушуд ва ҷавононро бо сипоҳ ва аҳли ҳирфаву

---

[50] Морган Девид, Эрон дар ќуруни вусто, тарљумаи Аббоси Мухбир, Тењрон, Тарњи нав, 1373/1994

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

санъатро ба Муғулистон фиристод. Бештари шаҳрҳо, ободиҳо, мазореъ, амокин, роҳҳо, бозорҳо тахриб ва дар натиҷа тиҷорат, кишоварзӣ ва санъат нобуд шуд. Амволу дороиҳои Эрон ғорат шуд, бар асари кушта шудани мардон, бисёре аз манотиқ холӣ аз сакана шуда, уламои бисёре кушта шуданд.

Пас дар таъқиби Султон Муҳаммад озими Хуросон шуданд ва Марв, Тӯс, Балх, Ҳирот, Нишопурро тасарруф карданд. Султон Муҳаммад аз тариқи Мозандарон ба ҷазираи Абескуния гурехт. Муғулон манотиқи дигари Эронро тасарруф ва озими фатҳи Хоразм ва таъқиби Султон Ҷалолиддин шуд, вале Ҷалолиддин аз оби Синд гузашт ва ба Ҳинд рафт, лизо Чингизхон ба Ғазнин баргашт ва қатлу ғорату вайронии бисёр кард ва сипас ба Муғулистон рафт.

Ҷалолиддин ду сол баъд аз Ҳинд баргашт, то онҳоро шикаст диҳад, аммо халифа ӯро ҳамроҳӣ накард ва дар соли 628 кушта шуд».[51]

Таърихшиносони аврупоӣ дар баробари таҳлили сабабҳои сар задани ин ё он ҷанге, ҳамзамон бо таҳлили сабабҳои сар задани ҷанг, ба баҳонаҳои пешовардаи ҷангҷӯён низ таваҷҷуҳи вижа кардаанд. Ҳамин аст, ки фиристодани намояндагони худ барои ба роҳ даровардани тиҷорат дасисаҳои муғулон беш набуд, яъне баҳонае буд барои ҳамла ба Варорӯд ва Форс.

Аммо бо таассуф бозгуфтани ин воқеъиятро муҳим медонем, ки иддаи зиёде аз таърихнигорони ҳувиятбохтаи мо низ сабабҳои асосии сар задани ҳамлаи муғулро, бар души эронитаборон бор мекунанд, ки тоҷирони бегуноҳи муғулро боздошта ба куштан доданд.

Дар мавриди паёмади ҳамлаи муғул ба сарзамини озодагон пажӯҳандагони ин бахши таърих саҳифаҳои

---

[51] Атомалики Љувайнї, Љањонкушой, тасњењи Муњаммади Ќазвинї, Тењрон Дунёи китоб, с. 1385/2006

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

зиёдеро пур кардаанд ва намехоҳем он саҳнаҳои ваҳшатнокро дар ин ҷо бозгӯ кунем. Вале ёдоварии як - ду намуна, ки баёнгари кушту кушторҳои ваҳшиёнаи садҳо ҳазорон мардону занон, пирсолону кӯдакони бегуноҳ, вайронкориву нобудсозии саросарии заминҳои сарсабзу киштзорон, боғҳову рӯдхонаҳо, шаҳрҳову деҳоти обод ба таври умда шикасти пайкари генофонди тоҷикону эронитаборон мебошанд, зарур донистем.

Барои ин гумон меравад бознависии навишторҳои ду - се таърихшиноси чиранманд басанда мебошад. Аз ҷумла таърихшиноси пуркор Муҳаммад Форуқи Фарқонӣ навиштааст: «Кишваркушоиҳои Чингиз ва фарзандонаш ин вижагиро дошт, ки ба равиши ҳамешагӣ нахуст аз мардуми навоҳии ҳамлашуда тақозои таслими беқайду шарт мекарданд ва мардум ҳам дар сурати муқовимат ёғиву шӯришӣ маҳсуб мешуданд ва барои тасарруфи шаҳр бо гирдовардани сокинони шикастхӯрда дар саҳро ононро тақсим мекарданд. Ибтидо лашкариёнро ҷудо мекарданд ва ба қатл мерасонданд ва хонаводаҳояшонро асир ва сипас духтарону занони ҷавонро дар миёни бузургон ва сарони сипоҳ тақсим мекарданд ва бо санъатгарону (ҳунармандону) устодон ҳам ҳамин корро мекарданд. Агар аз мардум афроде боқӣ мемонд, онҳоро мекуштанд».[52]

Ховаршиноси овозаманди шӯравӣ Иля Павлович Петрушевский нигошатааст, ки «Дар замони ҳамлаи муғул Хуросон беш аз билоди дигар осеб дид. Ҳама шаҳрҳову қалъаҳои он вайрон шуданд ва бахши аъзами ҷамъияти он

[52] Муњаммад Форуќи Фарќонї, Муќоисаи авзоъи шањрњои Хуросон дар ќабл ва баъд аз њамлаи муѓул, Тењрон Донишгоњи Шањид Бињиштї 1379/1990, с. 87

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дар шаҳрҳо ва манотиқи рустоӣ ё кушта шуданд ва ё ба бардагӣ гирифта шуданд».[53]

Ҷувайнӣ дар «Таърихи ҷаҳонкушой» овардааст: «Шаҳри Нисо яке аз шаҳрҳои Хуросон буд, ки дар баробари муғулон истодагии фидокоронае нишон дод ва сарбозони қалъаи Нисо фармондагони муғулонро аз пой дароварданд ва муғулон ин шаҳрро бо душворӣ фатҳ карданд ва 70 000 нафар аз мардуми ин шаҳрро муғулон қатл карданд. Пас аз ҳамлаи муғул ба Марв яке аз бузургони содот (баландмартаба), ки аз марг раҳоӣ ёфта буд, барои шумориши кушташудагон замонеро, ки гузашт сездаҳ шабонарӯз ба ин кор машғул буд».[54] Яъне танҳо барои шуморидани кушташудагон сездаҳ шабонарӯз лозим омад.

Сироҷи Ҷузҷонӣ навиштааст, ки «Рафтори муғулон бо асирон бисёр хашену таҳқиромез буд. Дар ҳангоми фатҳи Хоразм аҳолиро аз шаҳр ба саҳро ронданд ва пас аз гузиниши афроди мавриди назарашон, занони боқимондаро ба ду гурӯҳ тақсим ва комилан бараҳна (лучу урён) карданд ва ба ин занони ваҳшатзада, ки бо шамшерҳои охта (аз ғилоф бароварда) муҳосира шуда буданд, дастур доданд, ки ҷанги мушт кунанд. (Муштзанӣ кунанд). Он аворати мусалмонон бо унон фазиҳате мушт дарҳам мегардониданд, ки як поси рӯз ҳама мушт мезадандy мушт мехӯрданд, то ба оқибат шамшер дар миёни эшон гирифтанд ва ҷумларо шаҳид карданд».[55]

Академик Бартолд китоберо ба таърихи ҳамлаи муғул ба Эрон таълиф намуда менависад, ки «… дар мавориде гӯшти бадани маҳкумро ҷудо карда дар даҳонаш ҷо

---

[53] И. П. Петрушевский, Наҳзати Сарбадорони Хуросон, баргардони Карими Кишоварз, Аҳмади Касравӣ, Сӯфигарӣ, Теҳрон, 1366/1987, с. 458

[54] Атомалики Ҷувайнӣ, «Таърихи ҷаҳонкушой», Т. 1385, 126 -127

[55] Сироҷи Ҷузҷонӣ, Теҳрон, с.1363/1984м., ҷ. 2, саҳ. 149 - 150

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

медоданд, ё вайро ҷилави ҳайвоноти дарранда меандохтанд. Гоҳе афродро барои муҷозот ба андозае дар офтоби сӯзон нигаҳ медоштанд, ки баданашон кирм бигзорад».[56]

Бад - ин тартиб бо пеши рӯ овардани ҳамлаи беамони муғул бояд ба якборагӣ гуфт, ки истилои муғул фоҷеаи ваҳшатбори таърихи ҷаҳон аст, ки аз паёмади он беш аз ҳама аҳолии таҳҷоии Варорӯду Хуросон ранҷу талафоти ҳангуфт бурданд. Ин мардумони гирифтори қатлиомҳо, ягона роҳи раҳоии худро дар кӯҳсорон паноҳ бурдан ва ба Ҳинду Осиёи Хурд кӯч бастан дидаанд. Заминҳои аз аҳолӣ холӣ шударо ба алафчарҳо табдил дода, дастури қатъии Чингизхонро ба гунаи «танҳову танҳо мебояд кӯчӣ - кӯчманчӣ» будан иҷро мекарданд, зеро муғулеро, ки ба зиндагии бумӣ шуғл меварзид, вайронгари анъанаҳои миллӣ дониста, ба ҷазо ҳукмаш мекарданд. Дар натиҷаи ҳукмронии муғулон зиндагии шаҳрнишнӣ пурра аз байн бурда шуд.[57]

## Сабабҳои асосии шикаст аз муғулон

Акнун бо овардани сабабҳои ҳамлаи муғул ба Эрону Варорӯд ва баҳонаҳои сар задани қатлиомҳои ваҳшиёна, дар мавриди иллатҳои асосии шикасти мардумони ориёии Эрону Варорӯд низ мебояд андешаронӣ кард. Дар ин ҷо пурсише мебояд ба миён гузошт чӣ шуд кишвареро, ки дар синаи худ шоҳаншоҳони меҳанпарастеро чун Куруши Бузург, Дориюши Бузург, Хусрави Парвиз, Исмоили Сомонӣ диловарсарони силаҳшӯреро чун Спитамон, Абӯмуслими Хуросонӣ, Ҳошим бинни Ҳакими Балхӣ бо

[56] Бартолд, Таърихи муѓул дар Эрон, тарљумаи Маьмуди Мирофтоб, Теьрони илмї ва фарьангї, чопи 9, соли 1376/1997, с. 379

[57]Хакназар Назаров, К истории происхождения и расселения племён и народов Центральной Азии, Душанбе 2004, с. 12

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

«сапедҷомагон» ва садҳо ҳазорон сарсупурдагони дигарро парварда буд ва то замони Сомониён тоҷикони бонанг даст аз шамшер барнамедоштанд, акнун бо дасти лашкари дар шумора ва таъминоти аслиҳа камтари муғул ба лонаи чуғд табдил гардид.

Атомалики Ҷувайнӣ ва таърихшиносони замони ӯ яке аз сабабҳои асосии шикасти фоҷеабори озодагонро дар душманиии дерина байни хилофати Аббосӣ ва Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ донистаанд. Ба пиндори онҳо «... халифаи араб боис шуд, ки Чингизхонро алайҳи Султон таҳрик кунад».[58]

Баъзе аз таърихшиносони имрӯзи кишварҳои исломӣ сабаби асосии шикасти Эронро аз ҳамлаи муғул дар эҷоди гурӯҳбозӣ байни мусалмонон, дасисачинӣ, хиёнат ба кишвар, ришват ва дурӯғбофӣ шуморидаанд.[59]

Ошкор аст, ки дар ҳудуди асри даҳӯми мелодӣ, муддати ду садсола, бо суст гаштани салтанати халифаҳои араби Бағдод, қиёмҳои пайдарпаи мардони бонангу номуси тоҷику форс ва рӯи кор омадани мардони бузургу меҳанпараст, чун Яъқуб Лайси Саффорӣ ва Исмоили Сомонӣ ва бунёди хукуматҳои маҳаллӣ, сарзамини ориёиён оҳиста - оҳиста таъсири худро барқарор намуда, даврони навини ривоҷу равнақи худро дубора оғоз кард. Ҳама огоҳем, ки дар зиндасозии ҳувияти ориёии мардумони Хуросон, бо курсинишинӣ дар Бухоро, шоҳ Исмоили Сомонӣ чӣ нақши бузурге дошт. Пас аз пошхӯрии сулолаи сомониён қабилаҳои турктабори қарахонӣ ва сабуктегинӣ - ғазнавӣ (бо раҳнамоии халифаҳои Бағдод), ба тахти каёнӣ нишаста, дар баробари итоат ба Бағдод, қаламрави ҳукумати худро аз Ҳинду

[58] Љувайнї Атомалик, Љањонкушой, тасњењи Муњаммади Ќазвинї, Тењрон Дунёи китоб, с. 1385/2006
[59] Вилоятї Алиакбар, 1392/2013, с. 319 - 320

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

марзҳои Чин то Бағдод ва аз кӯли Арал то халиҷи Форсу Хузистонро дарбар гирифта буданд.

Дар замони фармонравоии Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки тахту тоҷро ба зӯри низомиён соҳиб шуда буд, дар Осиёи Ғарбӣ ҷуз туркони салҷуқӣ ва ҷуз давлати навсози мамлакатҳои Миср, давлати дигаре берун аз итоати Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ набуд. Дар байни ду садсола фарҳангу илму адаби тоҷиктаборон то андозае рӯ ба боззоӣ ниҳод. Аммо мизони ин зиндашавии дубора ба андозае набуд, ки ориёиёни дарҳамшикаста ва беҷону рамақи Эрону Варорӯдро ончунон бедор кунад, ки битавонанд рӯи пойи миллии худ бозистанд.

Дар дарозои чандин садсолаҳо ҳукуматронии ваҳшиёнаи тозиёни вайронгар, халифаҳои Бағдод кирдору кунишҳои хушунатбор ва кушту кушторро роҳи нигаҳдории императории худ дониста, бар миллатҳои тахти ситаму истисмори хеш қарор дошта, фишору гулӯгириҳояшонро идома бахшида буданд.

Новобаста бар он ки дар асрҳои XI -XII мелодӣ (ҷуз Сомониён) подшоҳону амирони маҳаллӣ, ки бештар турктаборони қарахониву сабуктегинӣ буданд ва низ салтанати халифаҳои Бағдод суст шуда буд, дар масҷидҳо ҳанӯз хутба ба номи халифаҳои Бағдод хонда мешуд ва хатибони масҷидҳову роҳбарони динӣ ва муфтиёну муҳтасибону дастнишондагони халифаҳо иртиботи худро бо Бағдод наканда, барои карру фари худ, хуни мардумро чун шулӯк мемакиданд ва динро василаи ҳукмронӣ бар қавмҳо ва гирдоварии сарват ва тамаъкориҳову шавҳатрониҳои худ карда буданд, ки мардум аз ин ҳама риёкорӣ ва аз ин ситамгарон хаста шуда, дар интизори наҷотдиҳандае буданд.

Пешгирӣ аз саводомӯзӣ (танҳо қориазёд кардани ояҳои Қуръон), талоши ҳокимону аҳли масҷидҳо барои аз байн бурдани гузаштаи пурифтихори таърихӣ ва фарҳанги

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

баланди ориёӣ, аз байн бурдани тафаккури миллӣ ва забони порсӣ - тоҷикӣ, дар сархати барномаҳои императории араб ҷой гирифта буд. Сиёсати зиддиориёии арабҳои ишғолгар бад - он сон коро буд, ки озодагон оҳиста - оҳиста гузаштаи пурифтихори худ, кистии худро аз ёдҳо рабуданд.

Аз ёдҳо рабудани огоҳии миллӣ ва таърихии зери фишори ҳокимони араб ва дастнишондагони онҳо боис шуда буд, ки аксарияти тӯдаҳои мардум бештар музофоти зистгоҳи худро пайваста бо номи Хуросон, Варорӯд ва ё сарзамини бузурги Эрон намедиданд ва ошноиву шинохт ва ё ҳассосияту таваҷҷуҳи боистаро бо номҳои «порс», «тоҷик», «ориёитабор» ва монанди он надоштанд.

Бо густариши исломи хурофотӣ ва ё беҳтар бигӯем хурофоти исломӣ, дар солҳои ахири ҳукумати салҷуқӣ ва хоразмшоҳиён, дигар чизе ба номи рӯҳи миллигароӣ ва ватанпарастӣ дар Эрону Варорӯд боқӣ намонда буд ва ҳокимакони зархариди маҳаллӣ ва боҷгирони араби Бағдод охирин тавону рамақи рӯҳӣ, худшиносӣ ва моддии ҷомеаи таҳти ситамро аз байн бурда буданд.

Аксаран огоҳӣ ва шинохти мардуми маҳаллӣ, аз чаҳорчӯби шариати исломӣ ва маҳдудаи сарзаминии амирнишин таҷовуз намекард. Шӯру шавқ ва эҳсоси ватанпарастӣ ва дарки масъалаҳои сарзаминӣ дар миқёси милливу меҳанӣ вуҷуд надошт.

Рӯҳияи таслим ва ризо ба қазову қадар ва бурдбории зулму ситами араб ба сурати як куниши комилан оддӣ ва табиъӣ даромада буд. Суст гаштани эҳсоси миллӣ ва меҳанӣ ва дур нигаҳ доштани мардум аз ҳамбастагиҳои миллӣ ва миллатро воҳиди динӣ донистан (миллати динӣ - 72 шеваи динпарастӣ), ки ба табъи бисёре аз ҳокимон ва фармонравоёни бемояи маҳаллӣ низ хушоянд буд, вожаҳое ба номи Ватан ва Миллату Меҳанро ба пуррагӣ аз байн бурда буд ва рӯҳияи силаҳшӯриву размандагӣ то он ҷо

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

коҳиш ёфта буд, ки барои дарки он бетафовутиҳо ва сархӯрдагиҳо беҳтар аст ба гуфтае, ки танзолуду масхараомез менамояд ва эҳтимолан дар он рӯзгорони худбохтагиҳо ва ба қазову қадар бовар карданҳои тасаввуфӣ (яке аз шаҳрҳои ишқи тасаввуфӣ Таваккул мебошад) воқеъият дошта бошад. Дар ин гуфтори танзомез чунин омадааст: «Дар муносибати фатҳи яке аз шаҳрҳои бузурги Хуросон, ки фармондеҳи сипоҳи муғулон дастури қатли ом содир карда буд, яке аз сарбозони муғул, ки зоҳиран аз мизоне инсоният ва раҳму шафқат бархӯрдор буда, ҳангоми ба асорат гирифтани гурӯҳе аз мардони шаҳр, шояд ба манзури тафра рафтан (фосила гирифтан) аз қатли онҳо ва додани фурсате барои фирор, тазоҳуре мекунад, ки корди худро фаромуш карда ва аз ин рӯ бо санг, ё гач хате ба даври онҳо мекашад ва хитоб ба онҳо мегӯяд: «то ман биравам ва корде барои буридани сари шумо биёварам, поятонро аз маҳдудаи хат берун нагузоред». Ва онҳоро озод мегузораду меравад. Соате баъд, ки бозмегардад ва онҳоро ҳанӯз дар дохили хат мебинад, рӯ ба онҳо оварда мегӯяд: «Алҳақ, ки шоистаи марг ҳастед ва онҳоро яке пас аз дигаре сар мебуррад.

Дар ин бора Ҳамдуллоҳи Муставфӣ гуфтааст: «Бадбахтии эрониён дар замони муғул худ достони дарозест, ки бояд китобҳо дар бораш навишт. Пастии андешаҳо то ба ҷойе буда, ки Чингизро барангехтаи худо, барангехтаи хашми худо месутудаанд ва бо муғулон кина наменварзидаанд...... Дар замони муғулон буд, ки силсилаҳои бузургтаре дар кишварҳо падид омаданд ва сӯфиён ҳар чи фузунтар гардиданд».[60]

Ин пешинаи пурашку хуни тоҷиконро донишманди бузург Аҳмади Касравӣ дар пажӯҳиши бебаҳои худ «Сӯфигарӣ» чунин бозгӯ намудааст: «Чун Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ чанд сол пеш аз достони муғул

---

[60] Њамдуллоњи Муставфї, Таърихи гузида, Тењрон, 1387/2008, с. 582

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Шайх Маҷдуддини Бағдодии номиро, ки аз бузургони суфия мебуда, ба гуноҳи он ки бо модари ӯ Туркон хотун даромехта буд, дар Хоразм ба об андохт. Замоне, ки достони дилгудози муғул рух дод, суфиён унвон ба даст оварда чунин гуфтанд: «Худо Чингизхонро барои гирифтани хуни Шайх Маҷдуддин фиристод». Чунин гуфтанд: «Чун Маҷдуддин кушта шуд дарёи хашми худо ба ҷӯш омад ва муғулонро ба хостани кинаи ӯ фиристод:

То дили марди худо н – омад ба дард,
Ҳеҷ қавмеро худо расво накард».[61]

Таърихнигори барҷастаи тоҷику форс Истахрӣ, ки фоҷеаҳои он замонро бо чашми худ дидааст, аз беҷуръатии мардумони Варорӯд дар шигифт монда навиштааст: «Ман дар Мовароуннаҳр ба хонаи ҳар деҳгоне, ки рафтам, асберо дар истабл (тавила) баста, шамшереро аз девор овехта дидам».[62]

Ҷувайнӣ дар китоби хеш дар баробари овардани суханҳои машҳураш ба гунаи «омаданду канданду сӯхтанду куштанду бурданду рафтанд», менависад, ки муғулҳо ба ҳангоми иҳотаи Самарқанд, «... теъдоде аз мудофеъин аз шаҳр берун омада ва бо сипоҳи муғул ба муқобила пардохтанд ва дар ин байн теъдоде аз ҳар ду тараф кушта шуданд. Муғулон бо истодан бар дарвоза назми низомро барҳам заданд. Гурӯҳе барои ҳифзи ҷони худ бо сарварии шайхулислом ва қозии шаҳр назди Чингиз рафта пешниҳод карданд, ки бар ивази ҳифзи ҷонашон дарвозаро ба рӯи муғулон боз мекунанд. Бо боз шудани дарвоза қувваҳои Чингиз ба қатлу ғорату вайрон кардани

---

[61] Аҳмади Касравї, «Сўфигарї»,Теҳрон 1323 / 1944 с. 53
[62] Абуисҳоќ Иброҳим ибни ал - Истахрї, «Китоб ал-масолик ва-л-мамолик», ба эҳтимоми Эраљ Афшор, Т.,1368 /1989, саҳ. 217

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

девори шаҳр пардохтанд ва ҳар киро ёфтанд куштанд ва ба сағиру кабир раҳм накарданд».[63]

Урдуи муғул ҳар он чӣ дар пеш медиданд, бераҳмона нобуд мекарданд; мусалмон, зартуштӣ, яҳудӣ ва насронӣ ва дигареро саросар бидуни мулоҳиза мекуштанд. Бо амри қатъиву бечуночарои Чингизхон аҳолии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Термиз, Балх, Бомиён Ҳирот, Марв, Нишопур ва соири шаҳрҳои тоҷикнишин ба қатли саросарӣ гирифтор гардид, ки бо кундукову дарёфти таърихшиноси тоҷик Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ[64],шумори кушташудагон афзун аз 10 миллион нафар буд. Аз ҷумла чуноне сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, дар билоди Ҳирот аз 2 миллион аҳолӣ танҳо 40 нафар зинда мондаанд. Муғулҳо барои ба пуррагӣ нест кардани тоҷикон ва маҳрум сохтанашон аз бозсозии шаҳру деҳоти худ, аз тамоми василаҳои барбарони одамхор кор мегирифтанд. Ончуноне ки яке аз лашкардорони муғул ба хони бузургашон Буюкхон чунин маслиҳат додааст: «Агар бихоҳӣ, ки тахти сарварӣ ва лашкардорӣ барои ҳамеша пойдор бимонад, ё ҳама мусалмононро сар бибур, ё таваллуду паҳншавии онҳоро қатъ бикун. Дар ҳамон ҷамъомад тасмим гирифта шуд, ки ҳама мардону ҷавонону наврасони мусалмонон, яъне тоҷикон хунсо (ахта) карда шаванд».[65]

Рӯзи одина дар моҳи ҷимодию - л - аввал аз қазои раббонӣ ва тақдири яздонӣ Илчикдой - нӯйини лаъин аз ҷониби бурҷи «Хокбарсар», ки халқаш ба ғалатӣ бурҷи «Хокистар» мехонданд, шаҳри Ҳиротро бигирифт ва бифармуд то халқашро аз зану мард ба қатл расониданд. Ба

---

[63] Љувайнї Атомалик, Љањонкушой, тасњењи Муњаммади Ќазвинї, Тењрон Дунёи китоб, с. 1385/2006

[64] Нурмуњаммади Амиршоњї Давлатдории тољикон дар асрњои IX - XIV, «Амри илм», 1999, сањ. 602

[65] Њаќназар Назаров, К истории происхождения и расселения племён и народов Центральной Азии, Душанбе 2004, с. 11

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ҳукми Илчикдой - нӯйини лаъин лашкариён ҷӯйҳои хун аз даруну берун равон карданд ва халқро аз ҷавону пир ва сағиру кабир ба қатл расонид ва ҳеҷ сареро бар тан ва баданеро бо сар нагузоштанд. Ва тамомати биноҳову сароҳои шаҳрро фурӯ кӯфтанд ва хандақро биянбоштанд ва шурафоту аброҷу боруро хароб карданд.

Ҳафт рӯз ҷуз ба куштану сӯхтан ва кандану хун рехтан ба кори дигар қиём нанамуданд. Алқисса, бад - ин сон шаҳри Ҳирот аз офоти замон ва оҳоти даврон вайрон гашт. Ва афзун аз ҳазор ҳазору шашсад ҳазор (яъне як миллиону шашсад ҳазор ва касре аз халқи Ҳисор шаҳид шуданд.)[66]

Албатта набояд пиндошт, ки тоҷикону эрониён дар баробари худбохтанҳои меҳанӣ ва талафоти фаҷеҳтарин нангу номуси миллии худро аз даст дода, саросар хешро ба дасти қазову қадар супорида буданд. Новобаста аз сустии давлатдории Муҳаммад Хоразмшоҳ ва халифаҳои Бағдод, дар гӯшаву канорҳои Хуросони Бузурги ба хун оғушта, тоҷикону эронитаборон сар баланд карда, бар зидди ғоратгарону таҷовузгарони турку муғул бо усулҳои гуногун бархостанд. Дар ин миён қиёмҳои баландсарони Бухоро бо сарварии Маҳмуди Туробӣ ва сарбадорон бо сарварии Яҳёи Карробӣ кохи ғоратгарии Илхонони муғулро ба вайрона табдил доданд. Ҳамлаи сарбадорон боиси сарнагун гаштани бисоти Туғай Темур дар Хуросон гашт. Сарбадорон соли 1353 ба салтанати Ҳалокуёни Эрон хотима дод. Қиёми сарбадорон дар садсолаи 14 аз нигоҳи густариш ва фарогирии саросари мардумони Хуросон муҳимтарин ва калонтарин ҳаракати озодихоҳӣ дар Ховари Миёна буд. Мебояд ёдовар шуд, ки ба ин қиёми мардумӣ намояндагони ҳама лояҳои иҷтимоӣ, чӣ заминдорон ва чӣ

---

[66] Минњољиддин Усмон бинни Сирољи Љузљонї, «Табаќоти Носирї», баргирифта аз китоби Нурмуњаммади Амиршоњї, Давлатдории тољикон дар асрњои IX - XIV, «Амри илм», 1999, сањ. 602

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

пешаварон ҳамроҳӣ доштанд, зеро аз дуздиву ғоратгариҳои чодарнишинон ва аъёну ашрофи маҳаллӣ ҳама ба дод омада буданд. Донишманди овозаманд Петрушевский Иля Павлович менависад, ки «Дар ин миён буғзу нафрати қиёмкунандагон танҳо мутаввачеҳи муғулону туркон набуд, балки алайҳи сарону бузургони исконёфтаи эронӣ бо моликону муставфиён ва рӯҳониён ҳам, ки аз дербоз ба хидмати фотеҳон камар баста, тобеъи ёсои Чингиз гардида буданд, ҳамкина меварзиданд, дар ҳамлаи Чағатойи муғул он маҳал ғорат шуд.........»[67]

Бо ёдоварӣ аз ҷоннисориҳои сарбадорон дар ин ҷо овардани оғози қиёми он диловарсарон зарур дониста мешавад. Нахустин қиёми сарбадорон дар вилояти Байҳақи Хуросон (Афғонистони имрӯзин) сар задааст. Чуноне таърихдонон гуфтаанд, 5 тан сарбози муғул ба хонаи Ҳасани Ҳамза ва Ҳусайни Ҳамза ворид шуда хостанд, ки онҳо барояшон шаробу зан биёранд. Муғулҳо аз шароб маст шуда, хостанд ба хоҳарони соҳибхонаҳо дастдарозӣ кунанд. Ҳар ду бародарон шамшер аз ғилоф бароварда гуфтанд, ки сар ба дор медиҳем, вале номус нигаҳ медорем ва он 5 тан муғули хунхорро ҳалок мекунанд. Дере нагузашта мардумони рустоҳои дуру наздик ба онҳо пайвастанд ва оҳиста - оҳиста ҳама силоҳдор шуданд. Мардумон Абдураззоқро ба сардорӣ интихоб намуда бо сарварии ӯ чандин дастаҳои туркону муғулонро шикаст доданд ва саранҷом ҳаракати озодихоҳии Сарбадоронро созмон доданд. Сарбадорон шаҳри Сабзаворро аз таҷовузгарон холӣ карда онро пойтахти худ ва Абдураззоқро амир хонданд. Дар натиҷаи муборизаҳои хунин муғулону туркони саҳронишин ва феодалону рӯҳониёни маҳаллиро, ки бо ишғолгарон пайваста буданд торумор карданд. Сарбадорон дар як рӯз бо лашкари

---

[67] Петрушевский И.П., Наьзати сарбадорони Хуросон, тарљумаи Карими Кишоварз,Теьрон, 1351/1972, с. 143

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

даҳҳазораи худ 70 ҳазор сипоҳи таҷовузгарони Хуросонро нобуд карданд ва дар соли 741 Исфароин, Ҷом, Бистом, Домғон, Симнон ва як идда вилоятҳои Эрони Ғарбиро аз душман озод карданд. Аммо пасон сарбадорон ба ду тоифа тақсим шуданд, ки яке ҷонибдорони шайх Ҳасан, бо номи «шайхиён» ва дигаре тарафдорони Амир Масъудро «Сарбадор» мехонданд. Дар байни ин ду гурӯҳ ихтилофи андешаҳо пайдо шуда, ба ҷанги дохилӣ печид ва боиси шикасту торумори озодагон гардид. Ихтилофҳои дохилии сарбадорон, ки яке шайхиву дарвешӣ ва дигаре сарбадорӣ буд аз чашми душманон дур намонд. Ин ихтилофҳо чунон шиддат гирифтанд, ки душманон аз онҳо бо хушнудӣ кор гирифта, бо ёрии Темурланг сарбадоронро саркӯб карданд ва аз пайкари 2000 нафари онҳо зиндабагӯр лойдевор сохтанд.

Дар мавриди кушту кушторҳо, сӯхтану бурдану таҷовузҳо ва дигар фоҷеаҳои мардуми тоҷик сухан бисёр гуфта шудааст, аммо моро мебояд дар пиромуни зарарҳои маънавии ин мардуми сарсахту бурдбор чанд сухане гуфт ва нахуст боясти ҳушдор дод, ки дареғу дард, ки ин мардуми содаандешу худбохта дар ивази идомаи муқовиматҳо (масалан чун муқовиматҳои русҳо дар ҳамон замони ҳамлаи муғул ва ё ҷангҳои партизанӣ бо фошистҳои олмонӣ), ба гӯшагирӣ, сӯфигарӣ пардохт, ки гӯёи аз миён рафтани сармояҳои фикрӣ ва илмии кишвар буд. Дар ин росто донишманди донои Эрон Яздон Ҳамид, чунин натиҷагирии дуруст кардааст: «Гузашта аз ин ҳама авомили (омилҳои) ҳамлаи онҳо мавҷиби тағйири равиш ва улгуи фикрии эрониён дар замони муғул ва гароиш ба умури хурофотӣ ва ҷудо шудан аз сайри афкори инсонҳо, ки мавҷиби измҳилоли (нестунобуд шудани) мабонии (бинои) илмии кишварро суръат бахшид, то қабл аз ҳамлаи муғул шоҳид будем, ки бо пайгириҳои равшани фикрӣ донишмандони эронӣ равишҳои фикрии комилан илмӣ

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

миёни онҳо ривоҷ дошт, ки бар таҷриба муттакӣ буд (такя дошт), аммо ҳамлаи муғул хати сайри фикрии иҷтимоиро дигаргун кард. Ҳатто бархе аз уламо таҳоҷуми муғулро хост ва такдири илоҳӣ медонистанд; Ба ҳамин ҷиҳат ҳам гурӯҳе аз онҳо гӯшанишинӣ ва инзиворо дар пеш гирифтанд».[68]

Ҳамон гуна ки Эдвард Брауни (1862 – 1926) овозаманд гуфтори яке аз шоҳидони он воқеаҳои ваҳшатборро овардааст «Талафоте, ки илми эрониён ба он мувоҷеҳ шуд ҳеҷ вақт сатҳи пешинаашро баргардонда наметавонад ва тасвирнопазиру тасаввурнопазир аст; на танҳо ҳазорон офаридаҳои илмӣ ба несту нобудӣ афканда шуданд, балки шумори зиёди донишмандон кушта шуда, анъанаи донишварзиву донишандӯзӣ ба тамом аз байн бурда шуд».[69]

Ним садсола пас аз ин рӯйдодҳои фаҷеҳ хони муғул Газанхон (солҳои ҳукмронӣ 1295 - 1304), дини исломро пазируфта, аз ҳисоби ҳамразмандагони худ сафи мусалмонони кушташудаи худро барқарор намуд. Аммо зартуштиён, ки бар сарашон ранҷҳову кушторҳо афзуданд, ба вилоятҳои Язду Кирмон ҳиҷрат намуда, дар паноҳи ҳокими он ҷо Абӯбакр ибни Саъди Зангӣ, аз нестшавӣ эмин монданд.

Пас аз омӯзишу баррасии навишторҳои доноёни таърих метавонем натиҷагирӣ намоем, ки дар бисёре аз мавридҳо иллатҳои ҳар се шикасти дар боло ба таври фишурда ёдшудаи ориёиҳои эронитабор яксон будааст. Чунончи:

---

[68] Яздонпараст Њамид, Фарљом ва паёмади ийлѓори муѓул, Маљаллаи «Кайњони сиёсї - иќтисодї», 1390 / 2001, с. 122

[69] Эдвард Браун Таърихи адабиётиЭрон аз Сафавия то њозир, љ. IV, Тењрон Марворид, 1375 /1996, с. 463

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

- Дар ҳар се шикаст фасод ва мудохилаи табақаи рӯҳоният ба ҳокимон ва мартабадорони ҳукуматӣ, то ба наздикону гумоштагони подшоҳ таъсирбахш ва корсоз буда, дахолатҳои нобаҷои рӯҳониёни баландмартабаву худбузургбин дар умури ҳукумат, пояҳои қудрати кишварро суст гардондааст.
- Дар ҳар се шикасти миллӣ дар дарбор ва ҳайати ҳокима фасоду хиёнату гурӯҳбозӣ вуҷуд доштааст ва дасисабозиҳои зидди ҳамдигар эҷод кардаи онҳо боиси суст гаштани ҳукумат гаштааст.
- Дар ҳар се шикаст фасод, бепарвоӣ ва хушунату ситам дар нисбат ба табақаи поёнии ҷомеа боиси норизоият, нобоварӣ ба зимомодорони маҳаллӣ ва вуҷуд надоштани ҳамкории мардум бо ҳукумати маҳаллӣ будааст, ки дар натиҷа душмани ҳукуматро душмани худашон надониста, неруҳои ҳамлаварро наҷотдиҳандаи худ пиндоштаанд. Гузашта аз ин аз сабаби чирамандии хурофоти динӣ бар зеҳнҳои мардумро дар намунаи ҳамлаи Чингиз ва қатлиоми ӯ, ҷазои илоҳӣ ба ҳокимони ситамкори вақт донистаанд, ки мо сари ин мавзӯъ гуфтугӯро идома хоҳем дод.
- Дар ҳар се шикаст аз паёмади саркӯбиҳои сахту пайдарпаи мардум, дахолатҳои дарбориён ба умури лашкардорӣ, ҳурмати артиш коҳиш ёфта хосияти размовариву ҷангҷӯии худро аз даст дода буд.
- Дар ҳар се шикаст мардони донову коромад бо дасти дарбориён ва ҳайати ҳокима аз мақомҳову ҷойгоҳи идорӣ барканор гашта, бо ашхоси нокора, дурӯғбофи хушомадгӯ иваз шуда буданд.
- Дар бораи шикасти сеюми ориёиёни Варорӯд мебояд афзуд, ки пеш аз ҳамлаи араб дар ин

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

сарзамин туркони гуногунқабила ҷой гирифта буданд, ки барояшон арзишҳои ориёиву меҳанӣ камтарин арзише надошт. Ин қавми аз кӯҳҳои Олой сарозер шуда танҳо дар пайи анбоштани сарват буда, агар бар зидди тозиён муқобилае нишон медоданд, он ҳам ба хотири ғорат буд.

## Давоми шикасти сеюм

Набояд ин нуктаи муҳимро аз ёд бурд, ки шиддати шикасти сеюми ориёиҳо бо суст гаштани сулолаи муғулҳо то андозае паст фаромад, вале пурра анҷом напазируфт. Зеро пас аз чингизиёни одамхор қатлиомҳои Варорӯд ва Хуросонро хунхори дигаре аз барбарони таърих Темури ланги Курагонӣ идома бахшид. Мо дар бораи кирдорҳои ваҳшиёнаи Темурланг якчанд навишторҳои худро дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ба чоп расонда будем ва зимнан ёдкардҳо доштем, ки набояд ҳаргиз ба нигоштаҳои пантуркистону пантуронистҳои худбузургбин, ки турктозиҳои Темурлангро фарҳанговариву шаҳрсозиҳо бозтоб намудаанд, бовар кард.

Ва хоҳиш меравад, ки бо бозгуии кирдорҳои фаҷеҳи Темури Курагонӣ, ҳаргиз гумон наравад, ки мо камтарин ишорае ба гузаштаи таърихии бародарону хоҳарони ӯзбеки худ дорем ва чуноне далелҳои таърихии ростин ошкор кардаанд, дар калламанораҳои сохтаи он ҷаллод сарҳои садҳо ҳазорон ӯзбекону, туркони Измир ва дигар тоифаҳои осиёии бегуноҳ, ҷой доштанд.

Мо дар навишторҳоямон далелҳои хешро бар пояи пажӯҳишҳои донишмандони баландандеша ва жарфбини фаронсавӣ Рене Гроссе, англисӣ Сэр Денис Росс, Брус Бусвелл, русӣ А.А. Семёнов, эронӣ Аббос Иқбол, Абулғозӣ Баҳодур, Шарафиддини Яздӣ, Ҳақназар Назарови тоҷик ва дигар донишмандони бузурги ҷаҳон

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бозгӯ намудаем. Нахуст ин нуктаро аз пажӯҳиши туркшиноси овозаманди ҷаҳонӣ, Рене Гроссе (1885 – 1952), иқтибос овардаем, ки нақши Темури лангро, дар шӯрбахтиву фоҷеаҳои эронитаборон бозгӯ кардааст. (Воқеан дар яке аз ин гуфтаҳо Рене Гроссе форсизабононро «тоҷикон» унвон кардааст): «Ба муҷарради ин ки Амир Темур салтанати худро дар Мовароуннаҳр таъсис намуд (салтанате асосан турк, вале бар ҳасби хоноте чингизхонӣ), дар Эрон ҷанги турку муғул алайҳи тоҷикҳоро аз сар гирифт”. «Аҳроме, ки (пирамидаҳое, ки) бо калла ва сари мардум бино намуда бо камоли сароҳату вузӯҳ тарзи рафтори ӯро ошкор месозад. Маъҳазо (бинобар ин) касоне, ки аз ин қатли омҳо ҷоне ба саломат ба дар мебурданд, дарси ваҳшатеро ки дода шуда буд фаромӯш мекарданд».[70]

Рене Гроссе (1885 - 1952), зимни бозгӯии қатли оми Темурланг, аз китоби «Зафарнома» - и Шарафиддини Яздӣ (таърихнигори дарбори темурӣ), ки онро куфргӯёна «Шоҳномаи Темурӣ» номидаанд, чунин сатрҳоро иқтибос овардааст: «Дар шаҳри Заранҷ, пойтахти Сиистон ба амри Амир Темур аҳолиро аз марду зан ва хурду калон ва пиру ҷавон, аз ашхоси садсола то атфоле, ки дар гаҳвора буданд, аз дами теғ гузаронидand......

Амир Темур дастур дод, - идома медиҳад Рене Гроссе, - тамоми қанавот (каналҳои зеризаминӣ ва корезҳои Сиистонро баргардонданд ва об ба тарафи саҳроҳову шинзорҳо (регзорҳо) равон шуд ва чун ба соҳили наҳри Ҳилманд расиданд, садди онро ки мавсум ба «Садди Рустам » буд чунон хароб намуданд, ки асаре аз ин бинои (иншооти) қадимӣ бар ҷой намонд. Сарзамини куҳансол ва таърихии Сиистон чунон вайрону хароб шуд ва қатли омҳову харобкориҳои Амир Темур он хитаро чунон боиру хушку фақир кард, ки имрӯз низ таваҷҷуҳи

[70] Р. Гроссе, «Императории саҳронавардон», Т. 1368/1989, с.688 - 700

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ҳар мусофирро ба худ ҷалб менамояд. Темур кори муғулони чингизиро ба поён расонд».[71]

Таърихнигори барҷаста бо таҳлили куштору харобкориҳои Темурланг ва ба биёбонҳо табдил додани заминҳои сарсабзу киштзорон, манишу сиришти биёбонгардии темуриёнро хеле воқеъбинона дарёфтааст. Дар ин замина ӯ нигоштааст: «Чи аъмоли чингизӣ ва чи аъмоли темурӣ, хоҳ дар натиҷаи хислати саҳронавардиву биёбонгардӣ, ки дар зоташон мухаммир (хамирмояашон) буд ва хоҳ дар натиҷаи майл ба тахрибу вайронӣ, ки бо барандохтани ароизи мазрӯъ (заминҳои киштбоб) ва эҷоди шинзорҳо (регзорҳо) ва саҳро, ин қабоили фотеҳ бо Аҳримани марг муовинат ва ҳамкорӣ намуданд..... Ҳар ҷо ки ин биёбонгардон расиданд, дарахтро кананд, басотин (бӯстонҳоро) хушконданд, мухтасар обе, ки буд ба ботлоқҳо равона намуданд ва арозии (заминҳои) қобили дарахткориро ба саҳро мубаддал сохтанд».[72]

Дар пиромуни қатлиомҳои Темурланг Шарафиддини Яздӣ менависад, ки «... ҳар сарбозе маъмур буд, ки бо як сари бурида бозояд », вале Ибни Арабшоҳ овардааст, ки «....ҳар як сарбоз маъмур буд бо ду сари бурида бозояд». Дар ин маврид навиштаҳое аз китоби “Зафарнома” иқтибос мегардад, ки ба сурати зайл аст: «.... бозори сиёсат чунон тез гашт, ки даллоли аҷал пири ҳаштод сола ва тифли ҳашт соларо ба як нарх мефурӯхт. Аз он сарҳо манораҳо барафрохтанд ва ибрати омиён сохтанд....... Чун оби Даҷла аз бисёрии хуни куштагон, гунаи сиришки ошиқон маҳҷур гирифт ва ҳавои Бағдод аз уфунати (бадбӯйии) ҷифаҳои (ҷасадҳои) мурдагон..... ».[73]

Мебояд ёдовар шуд, ки пешинаи таърихии туркон ва пайдоиши онҳоро дар Варорӯд ба гунаи гуногун намоён

---

[71] «Таърихи Осиёи Марказӣ», Т.1369/1990, с. 345
[72] Таърихи Осиёи Марказӣ, Т.1369/1990, с.700
[73] Шарафиддини Яздӣ, “Зафарнома”, љ. II, Т.1381/2002, с. 369

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

месозанд ва ин аст, ки то ҳанӯз як идда донишмандони турктабор талош меварзанд ниёкони худро ба Чингизхону Темури Ланг бипайванданд. Ҳатто як таърихчии қазоқ (Кайрат Закирянов), ки дар ҷашни бошукӯҳи ҷаллоди замонаҳо Чингизхон даъватӣ будааст, бо таассуф мегӯяд: «Чанде пеш дар Улан Батор 800 - солагии империяи Чингизхон бо тантанаву шукӯҳи хосса ҷашн гиифта шуд (соли 2007) ва ман лозим медонам, ки гиромидошти ӯ нахуст дар Остона ва сипас дар Қазон, Анқара, Тошканд, Бишкек ва монанди он кишварҳои туркӣ доир гардад, зеро он давлатро фарзанди бузурги халқи қазоқ Чингизхон бунёд намудааст».[74]

Ҷиноятҳои Темури лангро намешавад дар рӯйи якчанд саҳифа бозгӯ кард, вале бо овардани гуфтаҳои дар боло ёдшудаи таърихдонони бузург, ишора бар он дорем, ки ин ҳама идомаи шикасти ориёиҳо буд.

Пас аз Темур набераи Шайбон, Муҳаммадхони Шайбонӣ - писари Шоҳбудоқ ба Бухорову Самарқанд лашкар кашида, силсилаи темуриёнро аз байн бурд ва ба зудӣ Хоразм, ё сарзамини Хеваро, ки ба Султон Ҳусайни Бойқаро тааллуқ дошт, забт кард. Пас аз он ба таърихи 27 майи соли 1507 Ҳирот - охирин пойтахти темуриёнро азхуд кард ва бад – ин тартиб Муҳаммадхони Шайбонӣ соҳиби Туркистони ғарбӣ ва Мовароуннаҳру Фарғонаву Хуросон шуда буд. Бо ин ҳама ҳамдигаркушиҳову ҳамдигарситезиҳои боқимондаҳои мардумони ориёӣ ва турктаборон ба поён нарасида, дар пардаи кешҳои мазҳабии шиъа ва суннӣ идома пазируфт.

Чуноне ки дар китоби «Императории саҳронавардон» омадааст, «бояд дар назар овард, ки дар тамоми шууни зиндагӣ сафавия ва узбек бо якдигар муғойират

[74] К. Закирянов, Чингисхан был не монгол, а казах найман. Яъне Чингизхон муѓул набуд, балки ќазоќ буд, аз ќабилаи найман., www.centrasia.ru/new

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

(мухолифат) доштанд. Сафавия эронӣ буданд, узбекҳо муғулӣ. Сафавиҳо шиамазҳаби мутаассиб буданд ва узбекҳо суннимазҳаби мутаассиб».[75]

**Мо дар ин ҷо аз давлатдории нимбодиянишинии сулолаҳои дигари нооориёӣ, ки такя бар тахти каёнӣ доштанд, чӣ шайбониёну манғитиёну дигарон намехоҳем суханронӣ дошта бошем. Моро мебояд аз паёмади он тохтутозҳои пайдарҳами ҳазорсола - аз юришҳои араб то ҳамлаи қабилаҳои рамагарди гуногун андешаронихое дошта бошем, то имрӯзиёну ояндагонамон дарбираванд, ки мо давлати миллии худро дар садсолаи 20 - 21 аз ҳазорон пораҳои чун шиша шикастаи таърих пайванд мекунем ва ҳаргиз фаромуш насозем, ки дар ин дарозои таърих арзишҳои бешумори ориёии худро аз даст додаем ва бозёфтани онҳоро чӣ дар бахши андешаронихои солим, боззоии забони зебову гӯёву шевои дарӣ - тоҷикӣ, ба таври умда бозёбии се асли хиради ориёӣ - пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек, мароми асосии зиндагиамон бидонем.**

Шоистаи ёдоварист, ки нависандаи ин сатрҳо чанде пеш дар нашрияҳо навишторерo зери унвонҳои «Эрон, Турон ва туркон» ва «Марзҳои Эрон ва Турон дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ» ба чоп расонда будам, ки он ба ҷустори марзҳои Эрону Турон бар пояи биниши як идда донишмандон ва бозгӯии Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», навишта шудааст. Гумон мекунам бозовардани нуктаҳои калидии он навиштор метавонад то андозае гуфтори моро пурра созад ва беҳтар дониста шуд, ки он дарёфтаҳоро дар поёни ин навиштор бознависӣ кунем. Он гуфтаҳо бо чунин суханон оғоз ёфтаанд:

Дар пайи кундуковҳои дудаҳсола, барои бартараф сохтани дудилагиҳои хеш, пиромуни шинохти дурусти зистгоҳи туроииёни бостон ва бозёбии марзҳои Турон ва

[75] Рене Гроссе, «Императории саҳронавардон», с. 787

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Эрони замони дур, даст ба ин навиштор бурдаам. Гумонҳои пеши дидор оварда, барои азизоне пешниҳод мегарданд, ки «Шоҳнома» – и Ҳаким Фирдавсиро бо дидаи як тоҷики дил ба китоб додаву худогоҳ, омӯхтаанд. Ҳадаф аз чопи ин гуфтаҳо танҳо барои бозгӯии ду - се нукта аст, ки обишхӯри худнигариву худогоҳии таборин ҳаммеҳанон мебошад:

- Дарк намудани воқеъияте, ки давлатмандони ҷаҳонхори бегона ва худиҳои ноогоҳ бо қалами таърихнигорону ховаршиносони худ бар ҳадафи аз ҳам ҷудо бознамоёндану дарҳамомехтани гузаштаву имрӯзаи эронитаборон, бештар ба таркиби ба ҳам мухолифи Эрону Турон такя бурда, он чиро мехостанд, ба даст овардаанд.
- Паёмади дарк накардани бонги ҳушдорҳои пайвастаи Ҳаким Фирдавсӣ ва ҳечу пӯч донистани таъкидҳои пай дар пайи паямбаронаи ӯ ва ҳанӯз ҳам дарнарафтан ба нукоте, ки паёмади гурез аз худии худ ва пайвастан бо бегонагон моро то куҷо метавонад оварад; куҷост Марву Хоразм, куҷост Самарқанду Бухорову Балхи Бомӣ, шаҳристонҳои мардхезу нобиғазои тоҷикон.
- Ҳамзамон бозгӯии ин нуктаро низ зарур медонам, ки ҳар гоҳ мо ҷойноми (топоними) таърихии «Эрон» ро ба кор мебарем, Эрони Бузургро дар нигар дорем, ки марзҳояш аз Баҳри Миёназамин оғоз дошта, то сарҳади Чин паҳна дошт ва пойтахташ гаҳе дар Балх, гаҳе дар Исфаҳон ва гаҳе дар Бухоро буд, на Эрони имрӯзин, бо пойтахти Теҳрон.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Эрон, Турон ва туркон

Идомаи гуфтори мо, ки ба вoковии марзҳои Эрон ва Турон нигаронида шудааст, яке аз мавзӯъҳои баҳсбарангез дар миёни пажӯҳандагон мебошад. Пиромуни ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои Эрон ва Турон ва вобаста будан, ё набудани қавмҳои турктабор ба топоними Турон таълифоти бешумор берун оварда шудааст ва пас аз мутолиаи онҳо чунин ба нигар мерасад, ки пажӯҳишгарони доно дар бозёфти марзҳои ҷуғрофиёии Эрони бостон ва Турон ба натиҷаи ниҳоӣ расидаанд ва гӯё ин мавзӯъ дигар ба баҳсу бознигарӣ ниёз надорад. Дар ҳақиқат пас аз натиҷагириҳои донишиёни овозаманде, чун В.В. Бартолд, Н.Я. Бичурин, А.М. Беленитски, Л.Н.Гумилёв, Р. Гроссе, Е.М. Дяконов, А. Кристенсен, А.Л. Колесников, И. Николсон, И. Маркварт, Н.В. Пигулевская, А.А. Стариков, Муҳаммадамини Риёҳӣ, Фаридун Ҷунайдӣ, Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ (Бежан), Бостонӣ Поризӣ, Иноятулло Ризо, Манучеҳри Муртазавӣ Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ, Юсуфшоҳ Яъқуб ва дигарон андешаи мухолифе ба миён овардан ҳадди густохист. Аммо чуноне бархе аз ин бузургон худ фармудаанд, дар бозгӯии андешаҳои худовандагори шиносномаи миллии эронитаборон, Фирдавсии озармин, ҳанӯз касе сухани ниҳоиро нагуфтааст, аз ҷумла дар мавриди бозёбии

марзҳои Эрон ва Турон ва ҷойгоҳи туркон дар ин китоби осмонӣ.

Ғолибан пажӯҳишгарон барои исботи далоили дар кадом густара ҷойгир будани Турон ба нигоштаҳои таърихнигорони бостон, чун Ҳеродот, Страбон, Мусо Хуранӣ (Мовсес Хоренатси), ёдкардҳо аз «Худойномак», «Гаршосбнома», «Осор – ул – боқия», «Таърихи Табарӣ», «Таърихи Гардезӣ», «Шоҳнома» рӯ оварда, ба натиҷаҳои гуногун ва дар бисёре аз мавридҳо, ба ҳам мухолиф расидаанд. Иддае аз онҳо ҷойгоҳи зисти турониёнро дар ғарби Ҳарирӯд, бархе дар миёни Кобулистону Зобулистон то Сиистон, дигаре дар Балучистон, чанде аз эшон байни рӯдҳои Омӯ ва Сир, яъне Варорӯд (Мовароуннаҳр), дигарон дар фаросӯи рӯди Сир ва кӯли Арал то соҳили баҳри Сиёҳ ва ҳатто дар ҳудуди марзҳои Озарбойҷон ва Арманистони кунунӣ донистаанд. Доноёни баста ба кундукови саргузашти ориёиҳо дар бозшинохти қабилаҳои сокини сарзамини Турон низ ба натиҷаи ягона нарасида, бархе Туронро ҷойгоҳи зисти сакоиҳо, сарматҳо, масагетҳо, тахориҳо, олонҳо, осҳо гуморида бошанд, дигарон паҳнаи Туронро зодбуми бостонии тоҷикон пиндоштаанд. Донишманди пуркори тоҷик, Муҳтарам Ҳотам, дар ҷараёни таҳлили дарёфтҳои бостоншиносон, рӯи китоби пурарзиши хеш, зери номи «Эрони гумшуда», натиҷагирӣ кардааст, ки шумори зиёди номҳои ҷуғрофиёии (ҷойномҳои - топонимҳои) Эрони имрӯзин баргирифта аз номи зистгоҳҳои аждодони эронитаборон, аз Ориёнвиҷи дар Варорӯд қарор дошта, мебошанд. Яъне ориёиҳо аз фарози кӯҳҳои Помир, Фарғона ва дигар зистгоҳҳои Варорӯд ба паҳнаи имрӯзи Эрон сарозер шуда, ба ёди сарзамини тарк кардаи хеш, бошишгоҳҳои навинашонро номҳои ориёӣ гузоштанд. Ин дарёфтҳо арзиши баланд дошта, усулан гузаштаи нахустмеҳани ориёиёнро бознамоёндаанд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Аммо дар пайи ин ҷусторҳо мо нигоҳи худро бештар ба пайвастагии тоҷикон ба кишвари Турони бостон барафканда, биниши дигаргунеро бар пояи розҳои дар «Шоҳнома» нуҳуфта пешниҳод хоҳем дошт ва дар ин ҷо ба ҳеҷ кадом аз он мақолаву китобҳо коре надорем. Ҳамзамон дар мавриди дуруст будани дурии турониён аз табори тоҷикон нигари хонанда ба дарёфтҳои пурмояи донишмандони доно, аз ҷумла донишманди фарҳехта, Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ равона мегардад.

Пас аз мутолиа ва таҳлили ҷусторҳои ҷӯяндагони марзҳои Эрон ва Турон, ба назари мо чунин менамояд, ки биниши онҳоро усулан метавон ба чунин натиҷагириҳои ба ҳам мухолиф фасл кард;

**Нахуст**, Турон сарзамини эронитаборони кӯчии саҳронавард буда, турониён бинобар напазируфтани шеваи зиндагии деҳнишиниву шаҳрнишинӣ, барои чираманд гаштан ба алафчарҳои обшори Эрон, бо юришу тохтутозҳои худ ҳамвора ободиҳоро вайрон мекарданду деҳнишинонро ба бардагӣ мебурданд. Бад – ин тартиб:

- Рӯди Омӯ марзҳои Эрон ва Туронро муайян мекардааст. (Ба якборагӣ бояд гуфт, ки ин пиндор касро вомедорад бар он гумони тираву хира бошад, ки сарзаминҳои имрӯзини Эрон ва Афғонистон ҷузви Эрон, аммо Варорӯд – Осиёи Миёна бахше аз Турон будааст ва аз ин рӯ беш аз нисфи қавми тоҷик дар Эрон ва нисфи дигараш дар Турон зистгоҳ дошта будааст.)
- Сарзамини Варорӯд  (Осиёи Миёна, арабиаш Мовароуннаҳр) дар замони дур, Турон ном дошта, дар баробари суғдиҳо, бештар ҷойгоҳи сакоиҳо будааст.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

**Дуввум**, Эрониёну турониён ҳамнажоданд ва марзҳои Турон аз фаросӯи рӯди Сир ибтидо гирифта, сарзаминҳои имрӯзини Қазоқистон, шимоли Каспий (Хазар), Сибирияи ҷануби шарқӣ ва Уралро дарбар мегирифт. (Дарёфтагони ин андеша Рене Гроссе - ховаршинос ва туркшиноси барҷастаи Фаронса, Фаридун Ҷунайдӣ, Муҳаммадамин Риёҳӣ, Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ - фарҳехтагони Эрон, Юсуфшоҳ Яъқуб, Сафар Абдулло, Муҳтарам Ҳотам, Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ – Тоҷикистон мебошанд.)

Ҷойи гуфтан аст, ки бинобар сабаби ҳечу пӯчу бемояву бепоя будани иддаои бархе таърихнигорони туркгумон ва яксилсила пажӯҳишгарони русиву шӯрав пантуронистону пантуркистони кишварҳои бартарихоҳи туркманиш, ки ҷойноми (топоними) «Турон» ро ба вожаи «турк» нисбат медиҳанд ва Турони хаёлиро маҳди падарони худ медонанд, дар маврид овардани ҳар гуфтаниеро, ёвагӯйӣ ва дареғ дониста, дар ин навиштор бештар ба шиносномаи эронитаборон, «Шоҳнома» и Ҳаким Фирдавсӣ рӯ меоварам. Дар нигари мо «Шоҳнома», аз рӯи биниши адабиётшиносии аврупоиву русӣ, шоҳкори таърихи – бадеӣ (художественно – историческая эпопея) мебошад, ки усулан дар чунин асарҳо ҳама воқеъаҳои таърихӣ айнан бозгӯ нашуда, нигоранда ҳадафу ормонҳои худро бо ороишҳову пироишҳои бадеӣ, бо бозтоби саҳнаҳои ҷолибу дилчасп баён мекунад. Фирдавсии бузургвор дар шоҳкори худ таърихи беш аз ҳашт ҳазорсолаи мардумони эронитаборро ба қалам оварда, пеши худ вазифа нагузоштааст, то ин таърихи дарозро пайдарҳам, ба сони хронологӣ бозгӯ намояд. Ҳакими Тӯс замонро ба ихтиёри худ гирифта, гаҳе онро шикастааст, гаҳе як замони тӯлониро шоистаи ёдоварӣ надонистааст, замони дигареро ба дарозо кашида, аз пиндори воқеъият берун ва гаҳе афсонагун сохтааст. Бад – он гуна ки таърихи

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

садсолаҳои сулолаи ҳахоманишиён ва ашкониёнро барои тасвир раво надида, замони подшоҳии Ҷамшедро ҳафтсад сол тахмин задааст. Ва ба таъкид ёдовар шудааст, ки «ту инро дурӯғу фасона мадон» ва «ба раҳи рамз маънӣ бибар». Ҳадафи 700 сол нишон додани подшоҳии Ҷамшед, бознамоёндани ҳазорсолаи тамаддунофаринии эронитаборон буд; аз кашфи оташ, либоспӯшӣ ва пизишкиву «зи кӯҳ оҳану аз санг гавҳар берун овардан», то талоши ба осмон парвоз кардани эрониҳои фарҳанговар. (Дар намоди шоҳ Ковус)

Ҳаким Фирдавсӣ бар пояи таърихи воқеии мардуми тоҷиктабор, дастуре эҷод кардааст, ҳовии ёдкарди гузаштаи пурифтихори ин мардум, ки шаҳрсозу бунёдкор буданд, бар хилофи душманони ғаддори он, ба шумули турку тозиву румӣ, ки бо тохтутозҳои пайвастаи худ ободиҳоро вайрон карда, дар пайкор барои аз байн бурдани ҳуввияти ориёӣ – тоҷикии онҳо мебошанд. Дар рӯзгори Фирдавсӣ таҳдиди туркон на танҳо ба марзҳои Эрон, балки хатари рабудани ҳувияти миллии мардумони эронитабор сахт дар миён буда, ин мавзӯъро ҳама донишиёни нангмангд, сарнавиштсоз медонистанд. Замоне буд, ки набераҳои Исмоили Сомонӣ қудратро ба дасти туркони сабуктегинӣ ва қарахонӣ дода буданд ва бо таҳрику ҷонибдории халифаҳои Бағдод қарахониҳо, «тагинон» (туркони дар Ғазна такя зада) ва ғузон ба Варорӯду Хуросон роҳ ёфта буданд.

Бархе донишпажӯҳон, бо назардошти ин воқеъияти таърихӣ гумон бурданд, ки аз рӯи дарнарафтан ба сарнавишти туроиён ва он рӯзгорон дар Варорӯд ривоҷ ёфтани забони туркӣ, Ҳаким Фирдавсӣ пиндоштааст, ки туроиёну туркон аз як решаву нажоданд. Чунин гумонро мутаассифона донишманди тавоно, Иноятуллоҳ Ризо бо суханони зер баён кардааст: «Дар бораи туроиён бояд гуфт, ки Фирдавсӣ рӯзгори худро маллоки доварӣ қарор

додааст. Дар рӯзгори Фирдавсӣ ғузон ва қипчоқҳо, ки аз қабоили туркзкбон буданд, дар Мовароуннаҳр саканӣ (зистгоҳ) доштанд. Пеш аз он низ туркон дар аҳди сосониён ва нимаи дуввуми садаи шашуми мелодӣ, ба ин сарзамин раҳ ёфта буданд ва мардуми Суғду Хоразмро тобеъи худ карда буданд.[76] Чун ҷуз аз сарзаминҳои порсизабонони аҳди сомонӣ дар даштҳои Осиёи Миёна забони туркӣ низ ривоҷ ёфта буд, Фирдавсӣ чунин пиндошт, ки турону туркон аз як тираву аз як нажоданд»[77]. Ба нигар мерасад бардоште, ки гӯё Фирдавсии бузургвор ба иштибоҳ Туронро бо Турк ҳамнажод пиндоштааст, дур аз мантиқ буда, ба дидаи жарфбину хаёли нозуки муноддии аслу насаби ориёӣ, Ҳакими ҳакимони замонаҳо шак овардан, шигифтангез низ ҳаст. Ба пиндори мо дар рӯзгори худованди «Шоҳнома», сарзамини Турон, ки паҳнаи имрӯзини Қазоқистон, Туркманистон (ба ҷуз Марву Чорҷӯ), Қароқалпоқистон, Қирғизистон, Сибирияи ҷануби ғарбӣ, Урал ва Туркистони Чин (Уйғуристон) ро дар бар мегирифт, рӯ ба холӣ гаштан аз турониёни ориёитабор ниҳода буд. Дар он рӯзгор дигар сакоиҳову сарматҳо, олонҳову осҳову масагетҳо кушониҳо, парфянҳову эфтолитҳо ба савоҳили Баҳри Сиёҳ, Қафқоз, Ҳиндустон, Хуросон ва Аврупои имрӯз кӯч намуда, дар он ҷойҳо бо мардуми бумӣ даромехта, ақвоми наверо, аз қабили роксоланҳо, олонҳо, язигҳо, росомонҳо, элурҳо, кангювҳо, аланорсҳо, кушониҳо, сиракҳо ва як идда ақвоми дигарро бунёд намуда буданд ва дар миёни бахше аз турониёни дар сарзамини обоии худ бозмонда, раванди бо қабилаҳои

---

[76]Туркон њанўз се сада пеш аз рўзгори Њаким Фирдавсї, дар асри VI мелодї давлати бадавии хешро таъсис дода буданд, ки аз Муѓулистону сарњади шимолии Чин, то Бањри Сиёњ имтидод доштааст. (Бурњони ќотеъ)

[77]Иноятуллоњ Ризо, «Эрон ва туркон дар рўзгори сосониён», Т.1381/2002, с. 58

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

туркнкажоди ғуз, оғӯз, утурғуз ва монанди он даромехтан ва симову қомати зардпӯстони омадаро тағйир додан ва ба маниши кӯчнишиниву тохтутозу ғорату вайронкории хеш нерӯ бахшидан, дар ҷараён буд. Дар бораи табдили (ассимилятсияи) туроииён бо туркон, ки ба воқеъаҳои таърихии қаламрави Утрор ва Варорӯд ро ишғол кардани қабилаҳои гуногуни туркон рост меояд, донишманди доно, Манучеҳри Муртазавӣ чунин навиштааст: «Агарчи табдили таърихӣ ва ҷонишинии туркон ба ҷойи туроииён аз давраи сосониён ва шояд пеш аз он ибтидо гирифта бошад, вале шигифто ки интибоқи ин ҳамосаи куҳан дар шакли ҷадиди он бо масоили давраи сомонӣ ва оғози давраи ғазнавӣ маҳсустар ва муҳимтар аст ва шояд такяи бештари Фирдавсӣ бар рӯйи туркон ва хоқони Чин (ки зоҳиран аз Туркистони аслӣ ва қабоили биёбонии турку туркманон ва аҳёнан Ҳиндустон ҳикоят мекунад), мутаассир аз ҳамин воқеъияти муосир бошад.»[78]

Дар ин ҷо ёдоварии нуктае арзиши нигариш дорад ва он ин аст, ки туркгумонони таърихнигор, дар мақолаҳову китобҳои дарсии зоҳиран илмгунаи худ, пиромуни туроииёни ориёитабор гуморидани қазоқҳо, ноогоҳонро ба раҳгумӣ ҳидоят намуда, ҳақиқати таърихии танҳо дар садаи VI мелодӣ (аз рӯйии дарёфтаҳои В.Бартольд, соли 558 мелодӣ), ба Қазоқистони имрӯзин, Ҳафтрӯд ва Хазар сарозер шудани аждодони худро инкор мекунанд ва мехоҳанд бар ҳадафи ҳувиятсозии хеш, гузаштагонашонро аз нажоди сакоиҳо вонамуд созанд. (Пиромуни ҷойгоҳи сакоиҳо дар поён чанд сатре оварда мешавад.)

Ҳамин омезиши туроииён бо туркон буда, ки дар миёни номҳои хонадони ориёии Турон ному лақабҳои туркӣ пайдо шуданд. Ончуноне ки дар «Шоҳнома» и Ҳаким Фирдавсӣ хондаем, сарзамини Турон ҷойгоҳи

---

[78] Манучењри Муртазавї, «Фирдавсї ва «Шоњнома», Т.1382/2003, с.127

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

мардумоне будааст, ки ҷуз аз бодияпаймоиву хайманишинӣ, бо як силсила вижагиҳо дар манишу куниш, бовариҳову довариҳо, аз эронитаборон тафовути комил дошта будастанд, ки мо то ҷое тавон дорем, онҳоро пеши дидор меоварем;

## 13.1.Номҳои Эрон ва Турон.

**Н**оми Эронро ба шакли маъмулии имрӯза, беш аз ҳама Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» и ҷовидонаш, ёдовар шудааст ва ҷамъан 1069 – як ҳазору шастунуҳ бор ин ҷойномро (топонимро) ба такрор ном бурдааст. То Ҳаким Фирдавсӣ Эронзаминро ба гунаҳои гунагун, аз ҷумла «Айриёнам», «Ойриён», «Ориёно», «Ариянама вайҷа(ҳ)» ва монанди он номида будаанд. Ин номро дар аҳди ҳахоманишиён (550—327 пеш аз мелод), ба шакли «Aryānem Xšaθram» (давлати ориёиҳо) ва дар аҳди сосонӣ (250 пеш аз мелод— 224 мелодӣ), **«**Aryānšaθr / Aryānšahr», Эроншаҳр (аз **«**Erānšahr» **«**паҳлавӣ» *’yr’nštr»*), мегуфтанд.

Номи Туронро низ ба шакли гӯиши ҳоло нахустин бор Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» зикр намудааст ва аз Турон дар саросари шоҳкори беҳамто 316 – сесаду шонздаҳ бор ном бурда шудааст. Номи Турон дар «Авасто» (Яштҳои 5, 54, 57) ба гунаи «tuirianam» ва дар ҷойи дигар «Tuiriianam Dahyunam» ва дар забони паҳлавӣ наздик ба номи «Шоҳнома», ба гунаи Tūrān омада, пойтахти он шаҳри Канг дониста шудааст. Бархе ҷӯяндагон гумон бурдаанд, ки номи сарзамини Турон вобаста ба исми Тур, фарзанди Фаридун мебошад. Ҳамон достони машҳуре, ки Фаридун ҷаҳонро (дар ҷойи дигар қаламрави зери фармонравоии хешро) миёни се писар тақсим мекунд ва ин бахшбандӣ боиси низоъ байни писарон – Эраҷ, Тур ва Салм мегардад:

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дигар Турро дод Туронзамин,
Варо кард солори туркону Чин.[79]

Тур аз ин бахшбандии падар дар шигифт омада, бухлу норизоияти худро ба Эраҷ чунин изҳор менамояд:

Туро бояд Эрону тахти меҳон,
Маро бар дари турк баста миён.[80]

Сатрҳои боло гувоҳ бар онанд, ки то тақсиму бахшбандии Фаридун, ин сарзамин бо номи Турон ёд мешудааст. Аммо маҳз аз ҳамин байт ва байтҳои дигар низ бармеояд, ки он сарзамин ба номи Тур пайвастагие надорад, зеро то бахшидан ба писари Фаридун, он макон ба худии худ Турон ном дошта будааст ва гузашта аз ин вожаи «тур», «Турон», бо калимаи «турк» ва табори туркон хурдтарин пайванде надорад.

Ба гуфтан меарзад, ки Канг - Кангю (ва дар «Шоҳнома» Гангдиж) курсинишинии сарзамини турконе буд, ки онро Ҳаким Фирдавсӣ Турон номидааст. Пажӯҳишгарони таърихи ба Варорӯд сарозер шудани қабилаҳои туркӣ бо бардошт аз сарчашмаҳои чинӣ низ бар онанд, ки туркон мардумони Усун (қабилаҳои сармат ва олонҳо) - ро аз бошишгоҳашон ронда, он маконро зистгоҳи худ сохтанд. Устод Х. Н. Назаров барои пурдалел сохтани биниши худ чунин дарёфти таърихшиноси Русияро овардааст: «Таърихшинос И. Бичурин чунин огоҳ месозад, ки қаламрави Кангю фарогири даштҳои фаросӯи самти шимоли рӯди Сир будааст, ки ҳамакнун қазоқҳо (қазоқистониҳо) дар он ҷо кӯчигарӣ мекунанд».[81]

---

[79]«Шоњнома», љ. I, сањ.147

[80]«Шоњнома», љ. I, сањ.163

[81] Х. Н. Назаров, От древних арийцев до нашествия турок, журнал «Ирано - славика», М. 2005, №2(6), с. 14

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

## 13.2. Ҷайҳун марзҳои Эрон ва Турон.

Дар оғоз ёд шуд, аксарияти ҷӯяндагони марзҳои Эрон ва Турон, рӯди Омӯро ҳадди ин ду сарзамин дониста, Варорӯд ро ҷузви Турон гуморидаанд. Аммо бояд боз ҳам пурсид, ки чи гуна метавон ва чи моро водоштааст, ки ниёи тоҷикони сарзамини паҳновари Хуросони бостон, як бахши Эрони Бузургро эронӣ ва тоҷикони фаросӯи рӯди Омӯро туронӣ бишуморем?!

Чуноне аз дидҳои бархе пажӯҳишгарон бармеояд, яке аз сабабҳои асосии аз ҳам ҷудо сохтани мардумони тоҷик, рӯди Омӯ будааст ва бояд баррасӣ намуд, ки то чи андоза ин гумон рост ва ё нораст аст. Ба якборагӣ бояд гуфт, ки яке аз иддаои рӯди Омӯро марзи Эрону Турон пиндоштан бар пояи дарнарафтан ба тобишҳои гуногуни вожаи «ҷайҳун» устувор аст. Нукта ин аст, ки вожаи «ҷайҳун» исми хос набуда, танҳо ба рӯди Омӯ нисбат дода нашудааст. Ин вожа ҳамчун исми ҷинс барои бозгуфтани ҳар кадом рӯди серобу паҳновару пурхурӯш ба кор бурда мешавад ва ҷӯяндагони марзҳои Эрон ва Турон ҳар гоҳ дар осори таърихии гузаштагон, ба вижа дар «Шоҳнома» и Ҳаким Фирдавсӣ чашм ба вожаи «ҷайҳун» дӯхтаанд, пиндоштаанд, ки баёнгари рӯди Омӯ ва нишонгари марзҳои ин ду кишвари бо ҳам дар ҷангҳои доимӣ қарор дошта, мебошад. Аммо бо жарфнигарӣ ба сатрҳои «Шоҳнома» ва осори таърихии гузаштагон, ба хубӣ метавон дарёфт, ки бо вожаи «ҷайҳун» гаҳе Омӯ, гаҳе Нил, гаҳе Отил (Волга) ва хеле афзун Сирдарёро дар нигар гирифтаанд. Барои равшан шудани матлаб ин сатрҳоро пеши дидори хонандагон меоварем:

Аз Саъдии Шерозӣ:

Бидор эй фурӯмоя з – ин хишт даст,
Ки ҷайҳун нашояд ба як хишт баст.

Ҳофизи Абрӯ гуфтааст: «Дилҳо пурхуну чашмҳо ҷайҳун.»

Дар «Ҷаҳоннамо» и Наҷиби Букрон омадааст: «….. аз ҳеҷ дарё (баҳр) ҷайҳун берун наояд, ки ҳама ҷайҳунҳо ба сӯйи дарё (баҳр) шавад ва аз он ҷо муҷтамаъ гардад.»

Дар «Зайн – ул – ахбор» и Гардезӣ мехонем: «….. ва ин ҷайҳунро оби Отил (Волга З.М.) хонанд ва ӯ миёни Хазар ва Сақлоб аст»[82]

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» вожаи «ҷайҳун» ро бештар ба маънии рӯди паҳновару пурхурӯш ба кор бурдааст:

Чу ту созӣ ҷангу шабехун кунӣ,
Зи хоки сияҳ рӯди ҷайҳун кунӣ[83]

Ва

Зи дилҳо ҳама тарс берун кунед,
Заминро зи хун рӯди ҷайҳун кунед.[84]

Ин нукта шоистаи ёдоварист, ки дар «Шоҳнома» ба ҳангоми кор гирифтан аз вожаи «ҷайҳун», дар бозтоби марзҳои Эрон ва Турон, ба таври фаровон ба Гулзариюн (рӯди Сирдарё) ишора шудааст. Чунончи дар мавриди разми хоқони Чин бо эрониён ишора мегардад, ки марзи Турон дар Гулзариюн, аз он сӯйи Чоч (Тошканд) қарор дорад:

---

[82]Баргирифта аз китоби Њусайн Шањиди Мозандаронї, «Марзњои Эрон ва Турон», Т.1376/1997
[83] «Шоњнома», љ. III, сањ.74
[84] Њамон љо сањ.251

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ҳама то лаби рӯди Ҷайҳун зи Чин,
Бар – ӯ хондандӣ ба додофарин.
Сипаҳдор бо лашкару ганҷу тоҷ,
Ба Гулзариюн буд аз он сӯйи Чоҷ.[85]

Дар фасли «Рой задани Афросиёб бо меҳтарон», Афросиёб аз марзҳои густурдаи фармонравоии хеш лоф зада, қаламрави Туронро «зи Чин то лаби рӯди Ҷайҳун» дониста, Суғдро подшоҳии аз худ ҷудо гуфтааст:

Зи Чин то лаби рӯди Ҷайҳун марост,
Ба Суғдем ин подшоҳӣ ҷудост.[86]

Фарҳехтаи Шоҳномашинос, Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ, аз достони Сиёвуш чунин маънӣ бардошт кардааст, ки Фаромурз – писари Рустам ва пешрави сипоҳи Рустам барои хунхоҳии Сиёвуш, аз рӯди Гулзариюн гузашта, ба марзи Турон мерасад ва шаҳри сохтаи Сиёвуш, Кангдиж дар наздики Исиққул (Қирғизистони имрӯзин З.М.), дар шимоли Гулзариюн ҷой гирифта будааст.[87]

Дар фаросӯи рӯдхонаи Сир ҷой доштани сарзамини Туронро гуфтаи таърихшиноси донои фаронсавӣ, Рене Гроссе таъйид мекунад. Ин донишманди нуктасанҷ, ки барояш сиёсати замона ва худхоҳии аврупоӣ бегона буд, ҳангоми бозтоб намудани хати сайри Курӯши Бузург, Сайҳунро (Сирдарёро) марзи шимоли шарқии Эрон донистааст: «Куруш аз Ҷайҳун убур кард ва ба Сайҳун, ки сарҳади шимоли шарқи кишварро ташкил медод расид ва

---

[85]«Шоњнома», љ. VIII, сањ. 219
[86] Њамон љо, љ. III, сањ.74
[87] Бардошт аз китоби Њусайн Шањиди Мозандаронї, «Марзњои Эрон ва Турон», Т.1376/1997, с.101

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дар он ҷо шаҳрҳое мустаҳакам ба манзури дифоъ аз хадамоти қабоили Осиёи Марказӣ бино кард»[88]

Ин нуктаро низ набояд аз дида дур дошт, ки замонҳое рӯди Омӯ марзи сиёсӣ миёни Эрону Варорӯд гашта буд. Чуноне ки Ҳакими Тӯс ҳангоми бозтоб аз фарҷоми тохтутозҳои ҳазорсолаи турониён ба сарзамини Эрон ва нишон додани симои таърихии туркони ба Варорӯд роҳ ёфта, дар намоди Совашоҳ, марзҳои Эрон ва Туронро рӯди Омӯ донистааст. Ин ном дар «Шоҳнома» ба гунаи Сова ва номи писараш ба шакли Пармуда омадааст, вале ончуноне дар сарчашмаҳои дигари таърихӣ, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ» ва «Ахбор – ул – таввол» дида мешавад, номи аслии ӯ Шоба ва номи писараш Бӯйруқхон, бо унвони Ийлтегин ба сабт расидааст. Туркон дар Ҳирот шикасти сахт мехӯранд ва Совашоҳ бо дасти Баҳроми Чӯбина кушта мешавад. Лашкари туркон ба Варорӯд ақиб менишинад ва эрониён аз таъқиби писари Шоба (Совашоҳ), Бӯйруқхон даст кашида бо назардошти мушкилиҳои дар дохили кишвар ба миён омада, дарёи Омӯро ба унвони марзи сиёсӣ миёни туркон ва Эрон мепазиранд. Бад – ин тартиб шояд хонандаи хушзеҳн дарёфта бошад, ки рӯди Омӯ дар он рӯзгороне марзи Эрон ва Турон дониста шуда буд, ки туркон дигар акнун ба сарзамини Варорӯд чираманд гашта буданд.

Аммо бад – он сон ки Фирдавсии бузург гӯёву равшан ба таъкид нигоштааст, марзи Турон аз саҳрои Қипчоқ оғоз шуда то «пеши дарёи Чин» густура доштааст. Ин воқеъиятро дар достони «Бозгаштани Кайхусрав аз Турон ба Эронзамин», мехонем:

Ба Густаҳми Нӯзар супурд он замин,
Зи Қипчоқ то пеши дарёи Чин.[89]

---

[88]Рене Гроссе, «Императории саҳронавардон», с.159
[89]«Шоҳнома», ҷ. V, с.388

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Ёдкарди ин нукта лозим дониста мешавад, ки вожаи «дарё», дар гӯиши тоҷикзабонони имрӯзи Варорӯд, ба маънии рӯд (дар забони русӣ «река») мебошад, аммо дар «Шоҳнома» ва адабиёти классикии форс – тоҷик (дар осори адибони чи зодаи Эрону Хуросон ва чи Варорӯд ва дар гӯиши имрӯзаи кишвари Эрон), вожаи «дарё» – ро маънӣ баҳр (дар забони русӣ «море») мебошад. Ба мушоҳида мерасад, ки ба сабаби надонистани ин нукта, гаҳе адабиётдӯстон ва ба вижа шоҳномахонҳои мо ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Ногуфта нагузорем, ки дар осори гузаштагонамон ҳамчун истисно ба се рӯди пуршӯр, ки дар замонаҳои пеш рӯйи онҳо киштиронӣ ҳам сурат мегирифт, номи «дарё» бахшида шудааст: Нил, Омӯ ва Сир.

Гаҳе пеши хонандаи ноогоҳ метавонад чунин пурсиш ба миён ояд, ки магар худованди «Шоҳнома», ба ҳангоми бозтоби дарё, иғроқ намудааст, ки рӯи он киштиҳои бодбондорро ба тасвир оварда, паймудани масофаи оби дарёро «яксола роҳ», донистааст. Чуноне ки Кайхусрав ба ҳангоми бозгаштан аз Гангдиж, ба наздики дарё расида бодбонҳо мебинад ва барои ҳар чи зудтар расидан ба Сиёвашгирд, роҳи яксоларо дар ҳафт моҳ мепаймояд:

Бифармуд то бодбон баркашид,
Ба дарёи бепоя андар кашид.
Ҳамон оби дарёи яксола роҳ,
Чунон тез шуд бод дар ҳафт моҳ[90]

Донишманди рус, В. Шуховцев бо мутолиа ва баррасии жарфи «Шоҳнома», росту дуруст дарёфтааст, ки оид ба ҷойгоҳ ва паҳнаи Турон дар «Шоҳнома» – и Ҳаким Фирдавсӣ, иттилооти хеле мушаххас дида мешавад. Ба ҳангоми тасвири сафари Сиёваш ба назди Афросиёб ва

[90]«Шоњнома», љ. V, с.383

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

юриши Тӯс ба Турон, хати сайри онҳо аз Балх то Канг – пойтахти Турон, бозгӯ шудааст. Ин хати сайр аз Термиз, Суғд, Самарқанд, Чоҷ гузашта, бархӯрди нахустин бо турониён, пас аз гузаштан аз ағбаи байни Чоҷ ва Испиҷоб (Чимкенти кунунӣ З.М.), бо сипаҳбади турониён, Варозод сурат мегирад. Бад – ин тартиб аз Испиҷоб гузашта, ба пойтахти Турон, шаҳри Канг расидан мумкин буд.[91]

### 3. Боварҳои динии эрониён ва турониён.

Бахши зиёди пажӯҳандагон дарёфтаанд, ки яке аз сабабҳои асосии даргириҳо миёни Эрон ва Турон дар баробари биёбонгардиву яғмогарии турониён ва ҳамвора ба деҳоти кишоварзони эронӣ ҳамла кардан, ҳамчунон ихтилоф дар бовариҳои диннӣ низ будааст. Ба ин тафовути чашмрас бисёре аз донишмандон ишораҳо доранд, вале чуноне ба чашм мерасад бахши зиёде аз онҳо гузаштагони тоҷиконро ҳамчун туронӣ ба оини Зартушт бегона арзёбӣ кардаанд. Ин пиндорро пеш аз ҳама бо далеле метавон нодуруст шуморид, ки чуноне аз «Авасто» медонем, Зартушт ба бори нахуст дар оби Доятик - Дотик (рӯди Омӯ) обтанӣ карда, фариштаи Ваҳуман ба ӯ ваҳйи Аҳурамаздоро расондааст. Фирдавсии озармин дар ҳикояти «Зуҳури Зартушт ба дарбори Гуштосб», Балхро Эрон ва ҷойгоҳи пайдоиши Зартушт дониста, чунин гуфтааст:

Аз айвони Гуштосб то пеши кох,
Дарахти гашанбеху бисёршох.
Ҳама барги вай панду бораш хирад,
Касе к – ӯ чунон бархӯрад, кай мурад.
Хуҷастапаю номи ӯ Зардуҳушт,

---

[91]В. Шуховцев, «Туран» (К вопросу о локализации и содержании топонима.), Сойти итернетї: «Литературный словарь»

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ки Оҳармани бадкунишро бикушт.
Ба шоҳи ҷаҳон гуфт пайғамбарам,
Туро сӯйи яздон ҳаме раҳбарам.[92]

Воқеан, дар «Авасто» сухан бештар дар пиромуни вилоятҳои шарқи фалоти Эрони Бузург, яъне Хуросон (Балх ва Осиёи Марказӣ) ба миён омадааст ва ёдкардҳо аз қисмати ғарби Эрон (яъне Эрони имрӯзин), гоҳ – гаҳе ба нигар мерасад. Ҳамин аст ки сарчашмаи пайдоиши бовариҳои дини Зартушт, ба истилоҳ «Маккаи зартуштиён», Балхи Бомӣ буд.

Дар тафовут бо эрониён, аксари турониён яздонпараст набуда, бутпараст буданд. Дар «Авасто», ёдкарду ситоиш аз «фуруҳарҳои турониён», бар он далолат мекунад, ки дар ибтидо бахши зиёди турониён боварманди кеши Зартушт будаанд, вале сипас онҳо бутпарастӣ (идолопоклонство, язычество), ё ба истилоҳи Ҳаким Фирдавсӣ, девпарастӣ ихтиёр мекунанд.

Ту мар девро мардуми бад шинос,
Касе к – ӯ надорад зи яздон сипос.

Барои исботи боварманд будани мардуми Варорӯд ба оини Зартушт ва бар хилофи онҳо бутпараст будани турониён, метавон намунаҳои зиёде аз «Шоҳнома» овард:

Ба нерӯи яздон биёбем даст,
Бад – он бадкуниш мардуми бутпараст.[93]

Шоҳаншоҳ Кайхусрав, пас аз тасхири Чину Хутан ба Эрон бозомада, дар шаҳрҳои бузурги масири роҳ аз як ҳафта то ду ҳафта мемонад ва дар оташкадаҳои он шаҳрҳо

---

[92]«Шоњнома», љ. VI, с.83
[93]«Шоњнома», љ. VI 239

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

намоз мегузорад, ки ин баёнгари ривоҷ доштани оини Зартушт дар Хуросону Варорӯд мебошад. Аз ҷумла дар Суғд ба оташкадаи Бухоро рафтани шоҳаншоҳ чунин бозгӯ шудааст:

Ба Суғд андарун буд як ҳафта пеш,
Талимону Хузон ҳаме рафт пеш.
В – аз он ҷо ба шаҳри Бухоро кашид,
Зи лашкар замин шуд ҳаме нопадид.
Бихӯрду биёсуду як ҳафта буд,
Дуввум ҳафта бо ҷомаи нобисуд.
Ғамӣ шуд аз он рӯзҳои шуда,
Биёмад хурӯшон ба оташкада.
Бигустурд бар мӯбадон симу зар,
Бар оташ пароканд чанде гуҳар.[94]

Ин андеша дар лаҳзаи тасвири ҳамлаи арабҳо ба Бухоро, ки ба пурсиши «дар Бухоро аз номдорон ҳеҷ фарзанде мондааст?», посух меояд, ки «дар ин шаҳрҳо аз оташпарастон касе намондааст»:

Бар он шаҳрҳо тозиёнрост даст,
Ки на шоҳ монду на оташпараст.[95]

Зартуштӣ будани тоҷиконро то замони ислом пазируфтан, далели дигаре низ исбот аст, ки оини Зартушт кеши кишоварзон буд ва воқеъияти деҳнишину киштманд будани гузаштагони дури тоҷикон, нодурустии пиндори он пажӯҳишгаронеро ки тоҷиконро «кӯчиҳои эронӣ» номидаанд, ба равшанӣ намоён месозад. Тоҷикон нахустин деҳнишинон, ромкунандагони ҳайвонот ва домпарвароне буданд, ки ғизояшон асосан аз маводи ширӣ, меваву

[94]«Шоњнома», љ. V, с.389
[95]«Шоњнома», љ. IX, с.483

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

гиёҳҳо буд, на монанди кӯчиҳо ғолибан аз гӯшт ва бо тавaҷҷуҳи андаке ба осонӣ метавон пай бурд, ки дар манишу куниши тоҷикон ҳатто ишорае ба рамачорониву кӯчнишинӣ нест. Агар ба хазинаи забони тоҷикӣ бингарем, ягон вожае ба чашм намехӯрад, ки тобиши кӯчнишинӣ дошта бошад. Ҳама вомвожаҳои баёнгари шеваи парвариши чорво аз забони туркӣ мебошанд. Монанди: айлоқ, қишлоқ, тайлоқ, учоқ, кудуқ, юрт, қуш (ҳам маънии ҷуфт, ҳам қишла – истгоҳ; «қуш партофтан»), қайла, қаймоқ, қатиқ, қумиз, айрон, қурма – хӯрданиву ошомиданиҳои кӯчиён.

Андешаи зартуштӣ будани бовариҳои динии тоҷикони бостонро ёдкарди дигаре аз «Шоҳнома» низ таъйид мекунад, ки мабни бар он мардумони сарзамини Марв (Мары- и имрӯзаи дар Туркманистон ҷой дошта), парасторони оини Зартушт буданд. Ҳамон гуна ки дар «Шоҳнома» хондаем шоҳаншоҳ Анушервон (арабиаш Кисро) мефармояд, то ҷаҳонро (ба маънии қаламрави зери фармонашро) бигарданд ва донишманди доноеро пайдо кунанд, шоистаи мақоми вазирӣ. Паҳлавон Озодсарв ба Марв омада, бо мӯбаде вомехӯрад, бо номи Бузургмеҳр, донандаи Авастову Занд, ки рӯзгорашро ба омӯзиши шогирдон бахшида буд ва мо аз омӯзаҳои таърихиву достонҳои мардумӣ дар мавриди бинишу дониши Бузургмеҳр дар роҳи густариши додгустарии Анушервон ҳикоятҳо медонем:

Яке аз радон номаш Озодсарв,
Зи даргоҳи Кисро биёмад ба Марв.

……. ……. ……. ……. …….

Биёмад ҳаме гирди Марву биҷуст,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Яке мӯбаде дид бо Занду Уст.[96]

## 13.4. Забони турониҳо.

Забоншиносон бар онанд, ки ҳамсону ҳамгун будани бахше аз вожаҳои гӯиши мардуми ориёитабор реша дар ягонагии макони зисти ибтидоиашон, яъне Ориёнвич доранд ва пайдост, ки забони мардуми Турон низ дар оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ҷой дорад. Аммо бояд донист, ки Фирдавсии бузургвор дар «Шоҳнома» гӯиши турониҳоро бар эрониён бегона ва номафҳум бозгӯ намуда, гуфтушуниди қаҳрамонони достонҳоро бо ёрии тарҷумонҳо бознамоёндааст.

Ба гуфтан меарзад, ки дар оғоз (дар ҷилдҳои нахустини «Шоҳнома») забони мардуми Туронро «турӣ» номидааст ва аз чунин сатрҳо бармеояд, ки эрониён ба гуфтори турӣ ошно будаанд:

Ба дигар, ки Ҳумон ба туризабон,
Сухан гуфт аз ин бора бо паҳлавон.[97]

Аммо дар бозтоби аксари рӯйдодҳову танишҳо миёни эрониёну турониён, бинобар дарнарафтан ба гуфтори ҳамдигар ғолибан аз тарҷумаи забондонон кор гирифтаанд. Чунончи:

Ба назди Фарибурз бо тарҷумон,
Биёмад ба кирдори пили дамон.[98]

Ва ё:

[96]«Шоњнома», љ. VIII, с.155
[97]«Шоњнома», љ.IV, с.33
[98]«Шоњнома», љ.IV, с.45

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Яке тарҷумонро зи лашкар биҷуст,
Ки гуфтори туркон бидонад дуруст[99]

Чун сарони туронӣ огоҳ буданд, ки забони эрониён барояшон бегона аст, барои гуфтушунуфт бо онҳо, тарҷумонро ҳамроҳ мегирифтанд:

Сарафроз Тархон биёмад давон,
Бад – ин рӯи диж бо яке тарҷумон.[100]

Аммо ҷолиб аст, ки Ҳаким Фирдавсӣ гуфтори яке аз чеҳраҳои асосии аҳримангунаи шоҳкори худ, Афросиёбро туркӣ нишон додааст. Забони Афросиёби аз дудаи Фаридун, набераи Тур ба воя расида, яъне забони хонаводагиаш порсӣ – паҳлавӣ буд, вале ба ҳангоми гуфтумонҳо бо гумоштагони хеш, бо турӣ гап мегуфтааст. Чунин аст, ки Афросиёб ба ҳангоми гурез аз эрониён ва дар ғор пинҳон будан, дар хоб ба туркӣ нола мекунад, ки онро «некмарде аз тухмаи Фаридун» шунида, вайро аз ғор берун кашида, ба шоҳаншоҳ Кайхусрав месупорад:

Ба туркӣ чу он нола бишнид Ҳум,
Парастиш раҳо карду бугзошт бум.
Чунин гуфт, к – ин нола ҳангоми хоб,
Набошад магар бонги Афросиёб.[101]

Бар пояи сатрҳои дар боло ёдшудаи «Шоҳнома» и Ҳаким Фирдавсӣ метавон ба ин гумон буд, ки ҳанӯз то замони он бузургвор, туркон ба сарзамини Турон роҳ ёфта, дар умури лашкардориву ҳукуматронӣ нақши асосӣ доштаанд. Ба ҳамин нишонаҳо пай бурда, пажӯҳандагони

---

[99]«Шоњнома», љ.IV, с.62
[100]«Шоњнома», љ. VI, с.258
[101]«Шоњнома», љ.V, с.398

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

туркгумони дучори бардоштҳои нобаҷо, табори турониён ва турконро яке донистаанд. Донишманде чун Муҳаммад Алии Саҷодия ҳатто забонҳои порсӣ ва туркиро ҳамреша пиндоштааст. Ин пажӯҳанда вожаҳои зиёди туркиро бо забонҳои ҳиндуаврупоӣ, аз ҷумла порсӣ муқоиса намуда, ҳамгун ва ҳамреша будани онҳоро хостааст тасбит кунад. Номбурда ҳатто замирҳои (ҷонишинҳои) «ман», «ӯ» - ро намуна оварда, табори эрониён ва турконро муштарак гуморидааст. Чунончи ба гуфти вай «ман» - авастоӣ, «ман» - паҳлавӣ, «маним» - туркии озарӣ, «мин» - туркӣ, «mon» - фаронсавӣ, «mein» - олмонӣ, mine – англисӣ, мен – узбекӣ, ё «онҳо» - «унҳо» (uno), ӯлар (olar), туркӣ ва ё замири мулкии (бандакҷонишини) «ам» дар порсӣ ва туркӣ муштарак аст. Монанди «дафтарам» - дар порсӣ, «дафтарим», дар туркӣ….[102]

Албатта ҷойи гумон нест, ки чунин далелҳо наметавонанд пиндори ҳамреша будани забонҳои туркӣ ва ҳиндуаврупоиро исбот намоянд. Аммо ин овардаҳои пажӯҳишгари номбурда намунаи гӯёву равшане мебошанд, ки забони туркии дар ибтидо ниҳоят фақиру нотавон, танҳо пас аз омезиши гӯишгаронаш бо турониёни дар фалоти Турон бозмонда, анбӯҳи вожаҳоеро аз забони ориёӣ вом гирифта, бад – ин васила ба хазинаи худ то андозае тавоноӣ бахшид.

## 13. 5. Чеҳра ва либоси туронҳо.

Дар «Шоҳнома» мехонем, ки дар баробари бегонагии ойину манишу куниши турониён, ба шумули ғоратгариву вайронкорӣ, чеҳраву шеваи либоспӯшии мардуми Турон низ дар муқоиса бо эронинажодон тафовутҳои чашмгир доштa будааст. Ба чеҳрашиносон (антропологҳо) равшан

[102]Муњаммад Алии Саљодия, «Пажўњише дар табори муштараки эрониён ва турониён», Т.1378 /1999

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

аст, ки чеҳраи туркон (аз ҷумла туркони қипчоқу оғуз, қарлуқу утузғуз ва ғолибан ҳама туркони бо ориёинажодон омезиш наёфта), муғулӣ (монголоид) мебошанд. Ва аз ин ки турониҳо ориёинажод буданд, ҷойи дудилагӣ нест ва чеҳраи эронӣ (аврупоӣ) доштанашон воқеъист. Вале дар «Шоҳнома» туронӣ, ба вижа туроние, ки муродифи турк омадааст, ғолибан бо чеҳраҳои зишт, чун девон пурпашм ва чашмони рез бозтоб шудаанд. Бад – он сон ки Кайхусрав чеҳраи сипаҳдори туронӣ, Гурӯйи Зиреҳро дарёфтааст:

Нигаҳ кард Хусрав бар он зиштрӯй,
Чу девон ба сар бар фурӯ ҳишта мӯй.[103]

Чунин нигаришро ба чеҳраи туркон нависандаи армании садаи X мелодӣ, Мусо (Моисей) Хуранӣ, бад – ин сон тасвир кардааст: «У хатари даҳшатборе, ки аз сӯйи мардуми палид ва ғаддоре, ки суратҳои паҳн доштанд ва шабеҳу ҳаммонанди занон буданд, мушоҳида кард. (Яъне кӯсариш буданд) Мӯйҳои дарози онон аз сар ба чеҳраву баданашон фурӯ рехта буд. Онҳо найза ва тиру камон дар даст доштанд ва ҳаммонанди гургҳои ваҳшӣ ҳамла мекарданд. Камтарин асаре аз шарму ҳаё дар чеҳраи онон машҳуд набуд.» [104] Тангчашм будани турконро, Ҳаким Фирдавсӣ бо вожаи «гурбачашм», баён доштааст:

Або сурхтурки баде гурбачашм,
Ки гуфтӣ дил озурда дорад ба хашм.[105]

Дар пиромуни тафовути чашмгир доштани чеҳраи турониён (ки дар нигари Ҳакими Тӯс туркони таҳдидгар ба

---

[103]«Шоњнома», љ.V, с.204

[104]Бардошт аз асари Рене Гроссе, «Императории сањронавардон», Т. 1368/1989, с.269

[105]«Шоњнома», љ.VIII, с.525

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

марзҳои Меҳани ӯ буданд) нисбат ба эрониён, метавон аз достонҳои «Шоҳнома» намунаҳои фаровон овард, аммо он чи дархӯри биниш аст, ин мебошад, ки Ҳаким Фирдавсӣ ба ҳангоми бархӯрди Суҳроб бо Гурдофарид, бо ишора ба сурату қомат, Гурдофариди эронӣ пай мебарад, ки паҳлавони ҷавон аз нажод туронӣ нест:

Намонӣ ба туркон бад – ин болу суфт,
Ба Эрон надонам туро низ ҷуфт.[106]

Дар «Шоҳнома» чеҳраи тоҷиктаборон, ба гунаи Баҳроми Чӯбина баландболо, бо устухону бинии бузург, намоён гаштааст:

Ба боло бузургу ба андом хушк,
Ба гирди сараш ҷаъдмӯе чу мушк,
Қавӣ устухонҳову бинӣ бузург,
Сияҳчардаву тундгӯву сутург.[107]

Афзун бар ин, чун шеваи либоспӯшӣ равшангари тафовутҳои кулли миёни ойину суннатҳои қавмҳо мебошад, офаридгори «Шоҳнома», ба вижагиҳои сарулибоси туроиён, аз ҷумла бо овардани таркибҳои «қабои турӣ», «кулоҳи турӣ», ё «ҷомаи турквор», ишораҳои фаровон дорад:

Бипӯшид Ҷомосб турӣ қабой,
Фуруд омад аз кӯҳ бе роҳнамой.[108]

Дар ҷойи дигар кулоҳи турониён бо шакли вижа, ки онро «кулоҳи дупар» номидаанд ва камари баста, чун

[106]«Шоњнома», љ. II, с.98
[107]«Шоњнома», љ.VIII, с.480
[108]«Шоњнома», љ.VI, с.179

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

шеваи либоспӯшӣ, тафовути эронихҳоро аз туронихҳо нишонгар аст:

Чу Ҷомосбро дид, к – омад ба роҳ,
Ба сар бар яке нағз турӣ кулоҳ.

….. …… …… ……..

Ба сар барниҳода кулоҳи дупар,
Ба оини туркон бубасташ камар.[109]

Дархӯри нигариш аст, ки эрониён ба ҳангоми пинҳонӣ рафтан ба хайли (лагери) турониён, кулоҳу либоси туронӣ (туркӣ) мепӯшиданд. Бад – он гуна ки Рустами Дастон ҷомаи туркӣ ба бар карда, ба бошишгоҳи турониён меравад:

Таҳамтан яке ҷомаи турквор,
Бипӯшиду омад ниҳон то ҳисор.[110]

## 13.6. Номҳои турониён.

Нуктаи дигаре, ки дар бозҷӯии турониён шоёни аҳамият аст, номҳои мардуми Турон мебошад. Ҳама пажӯҳишгарон ба ин вижагӣ таваҷҷуҳ доштаанд, ки номҳои туронихҳо порсиву тоҷикӣ буда, ба туркӣ пайвастагие надоранд. Дар таъйиди ин далел номҳои порсиву тоҷикии Афросиёб, Гарсеваз, Фарангис, Арҷосб, Виса, Ҳумон, Пилсам, Вуроз, Аржанг, Пурон, Ағриғас ва монанди онро чун намуна ёдовар мешаванд, ки дуруст аст. Аммо чуноне дар «Шоҳнома» мехонем, ҳамзамон дар миёни сипаҳбадони туронӣ номҳои туркӣ фаровон ба чашм

[109]«Шоњнома», љ.VI, с.179 - 180
[110]«Шоњнома», љ.II, с.247

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

мехӯранд. Монанди Қарохон, Қулун, Тархон, Тувург, Дамур (Дамир), Мақотура, Курухон:

Яке турк буд пир, номаш Қулун,
Ки туркон варо доштандӣ забун.[111]

Бинобар ин ки номҳои сокинони сарзамини Турон порсӣ – тоҷикӣ мебошанд, ба пиндори бархе донандагони таърих, туронихо аз дудаи тоҷикҳо буда, танҳо бо шеваи зиндагӣ, яъне рамачарониву кӯчнишинӣ аз эрониён тафовут доштанд. Аммо Фирдавсии бузургро чун ҳадаф аз офариниши «Шоҳнома», зинда кардани хотираи фаромушшудаи таърихии эронитаборон буд, рухдодҳои гузаштаи дурро ба замони зиндагии худ наздик оварда, бад – ин васила таваҷҷуҳи тоҷикону эрониёнро ба хатари маргбори аз ду ҷониб – аз сӯйи турку араб омада ҷалб намудааст. Ва аз ин ки дар замони Фирдавсӣ турку араб дар сарзамини Эрон ҳукмронӣ мекарданд, эрониёнро барои рӯ ба виждон ва ғурури миллӣ ниҳодан ва бад – ин васила ҳувияти ориёии хешро аз даст надодан, турониву туркро огоҳона, яке бознамоёндааст. Дигар акнун дар замони ҳамлаи беамони араб ба сарзамини аҳуроии Эрон, туроиҳои ориёӣ – ҳамон масагетҳо, олонҳо, осҳо, роксаланҳо, сарматҳо ба хонаҳои алоҳидаи худ ҷой гирифта, аз дур тамошо мекарданд, ки чи сон лашкари беамони аз биёбонҳои араб сарозер шуда, эронинажодонро ба қатл мерасонанд.

Ҳама огоҳанд, ки номи Афросиёб ва бародаронаш Гарсеваз ва Ағриғас порсиву тоҷикӣ мебошанд ва чуноне ки гуфта шуд бо такя бар ин нишон туронихо эронитабор дониста шудаанд. Аммо дар ин ҷо пурсише дар миён аст, ки чаро Ҳаким Фирдавсӣ ба писари Афросиёб, абераи Фаридун, набераи Тур, номи туркии Қарохон раво

[111]«Шоњнома», љ.IX, с.215

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

дидааст?! Мо дар оғози ин навиштор ба таври гузаро ба ёд овардем, ки дар рӯзгори Фирдавсӣ туркони қарохониву тагинон ва андешарабоёни Бағдод ба рабудани ҳувияти миллии озодзодагон пардохта буданд. Ҳамин аст, ки ишораи муноддии аслу насаби ориёӣ барои андешидан рӯи мавзӯи ҳамлаи хунини туркон, ба вижа туркони қарохонӣ, дар аҳди Сомониён нигаронида шудааст. Равшан аст, ки туркони қарохонӣ бо сарварии Ийликхони қарохонӣ Бухорову Самарқанро ишғол карда, заминҳои киштбобу рамачаронҳои миёни рӯдҳои Сир ва Омӯро азхуд карда буданд ва саросари сарзамини Эронро, ки пас аз истилои араб заъифу нотавон гашта буд, турктозиҳои маргбор таҳдид дошт.

Қарохониён худро Оли Афросиёб ва бо роҳнамоии халифаи Бағдод, Ал – Қодирулбиллоҳ, хешро Амир – ул – муъминин хонда, дар либоси ислом ба турктозиҳои хунин пардохтанд. Ҳамзамон турки сабуктегинӣ, Маҳмуд, дар Хуросон худро «валии Амир – ул – муъминин» номида, низ ба ҳидояти халифаи Бағдод, ки ӯро бо лақаби Яминуддавла ва Аминулмилла мушарраф гардонда буд, дар пайи ситезидани тоҷиктаборон шамшери хунолуд тезонда буд. Чуноне ки академик Бартолд (1869 - 1930) навиштааст : «замони ҳукуматронии сулолаи Қарахониҳо барои Мовароуннаҳр асри фурӯрафтанҳои фарҳангӣ ва фишорҳои хонигариҳо дониста шудааст» (Эпоха владычества династии Караханидов была для Моваренахра эпохой культурного регресса и ханских притеснений.) [112]

Бад – ин тартиб гӯё дар «Шоҳнома» ба таъкид омадааст, ки агар душмани ғаддори Эрон – Афросиёбро нобуд карда бошанд ҳам, авлодонашон дар симои Қарохон ва «тагинон» (Маҳмуди Сабуктегин, набераи Алптегин),

---

[112]Бартолд В. В. «Обёрї дар Туркистон», тарљумаи Карими Кишоварз, Т.1350/1971, с. 78

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

фазои тираи Эронро боз ҳам тиратар гардонда, ба сарзамини аҳуроии озодагон зиён хоҳад овард.

## 13.7. Масофаҳо миёни Эрон ва Турон.

Шоёни ёдоварист, ки донои Тус ҳангоми бозтоби замину арзҳои Эроншаҳр ва роҳпаймоии радону шоҳаншаҳон масофаҳоро миёни маконҳо афсонагуна (монанди «ҳафт шабу ҳафт рӯз», «чил шабу чил рӯз») тахмин назада, талош доштааст барои бозшинохти марзҳои кишвар фосилаҳоро наздик ба воқеъият тасвир намояд.

Масофаҳо дар «Шоҳнома» ғолибан бо «фарсанг» («фарсах»), «манзил» ва гаҳе чанд рӯз (чанд ҳафта, чанд моҳ) андоза шудаанд ва ин роҳпаймоиҳо аз Варорӯд дар дуриҳо ҷойгир будани Туронро равшан месозанд. Ҳамон гуна ки фосила аз маркази Эрон то Туронро роҳи якмоҳа, ё 1000 фарсанг донистааст. Мебояд ба ёд овард, ки як фарсанг наздик ба шаш километр (5558 метр.) аст ва дар «Шоҳнома» ба ишораҳое дучор меоем, ки фосила миёни Эрону Турон 1000 фарсанг тахмин шудааст. Бад – ин тартиб агар марзи Эрон ва Турон рӯди Омӯ мебуд, аз он ҷо то Истахр, курсинишини Эрон 2500 – 3000 километр беш набуд. Аммо аз Туркистони Чин ва шимоли Қазоқистони имрӯзин, ё Урал дарозии роҳ метавонад 5500 – 6000 километр бошад. Ва боясти дар назар дошт, ки дар замони бостон, бинобар набудани пулҳову гузарогоҳҳо, убур аз биёбону кӯҳу шаху рӯдҳо, роҳпаймоён бо роҳҷӯйиҳои душвору сангин чунин масофаҳои дарозро мепаймуданд:

Ҳамоно, ки фарсанг аз Эрон ҳазор,  
Бувад то ба Ганг андар эй, шаҳриёр.  
Зи кӯҳу биёбону аз регу шах,  
Ду лашкар бад – ин сон чу мӯру малах.[113]

---

[113]«Шоњнома», љ.V, с.399

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ё:

Фиристода омад ба наздики шоҳ,
Ба як моҳ камтар бипаймуд роҳ.[114]

Ва ё чуноне ки дар достони «Овардани Рустам Кайқубодро аз кӯҳи Албурз» пай бурда мешавад, аз Зобул то Албурзкӯҳ ду ҳафта роҳ будааст ва ин дурӣ паҳноварии сарзамини Эронро аз марказ ба сӯйи шимол баёнгар аст:

Ба ду ҳафта бояд, ки эдар бавӣ,
Гаҳу бегаҳ аз тохтан нағнавӣ.[115]

Масофа аз Канг (и Сиёвуш) то Чин (Туркистони Чин) 120 фарсах, баробар ба 720 км. ва то марзи Эрон 340 фарсах, баробар ба 2040 км. мебошад ва агар марзи Эрону Турон рӯди Гулзариюн (Суғд) бошад, пас то курсинишинии он кишвар шаҳри Истахр 3000 – 3500 километрро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр масофа миёни Турон ва пойтахти Эрон беш аз 1000 фарсангро ташкил медиҳад:

Саду бист фарсанг аз эдар ба Чин,
Ҳамон сесаду чил ба Эронзамин.[116]

Дар бозтоби замони аз тарафи Рустами Дастон вайрон кардани Туронзамин низ марзи Эрону Турон беш аз ҳазор фарсанг андоза шудааст:

Баромад зи кишвар саросар димор,

[114]«Шоҳнома», љ. IX, с.206
[115]«Шоҳнома», љ. I, с.464
[116]«Шоҳнома», љ. III, с.267

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Бар ин гуна фарсанг беш аз ҳазор.[117]

Дар «Шоҳнома» масофаҳо ҳамчунин бо вожаи «манзил» (як рӯза роҳ), андозагирӣ шудаанд. Аз ҷараёни бозтоби роҳпаймоии радону сипаҳсолорон бармеояд, ки як манзил то 35 – 40 километрро ташкил медиҳад, ки роҳпаймоён ғолибан пас аз паймудани ин масофа барои осоиш ва иваз кардани аспҳо таваққуф менамуданд. Боясти ишора кард, ки шоҳаншоҳ Куруши Бузург ин шеваи паймудани роҳҳои дарозро ҷорӣ намуда буд, ки дар сари ҳар 35 – 40 км. меҳмонсаро ва тавила (саисхона) бунёд намуда буд. (Воқеан, ин шеваи созмондеҳии роҳпаймоиро сипас аврупоиён ва русҳо бо пайравӣ аз замони Куруш пазируфтанд. Русҳо дар пеш, бо шеваи роҳҳои замони фармонравоии Куруш, «столбовая дорога» доштанд.) Дар «Шоҳнома» мехонем, ки Кайхусрав ба Тус нома нигошта, вайро назди худ мехонад ва дар нома таъкид мекунад, ки шабу рӯз нахуфта, дар ҳар манзил бо иваз кардани асп ба Эрон баргардад:

Маёсо зи рафтан шабу рӯз ҳеч,
Ба ҳар манзиле аспи дигар бисеч.[118]

## 13.8. Турон ва Чин

Дар мавриди пайвастагии Турон бо Чин, ҳамзамон турониёну туркону чиниёнро ҳамсон дидани Ҳаким Фирдавсӣ, хештанёбони фарзона, Манучеҳри Муртазавӣ, Фаридун Ҷунайдӣ, Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ, Мустафо Мусавӣ ҷусторҳои арзишманд берун овардаанд ва мо мекӯшем бар пояи гуфтаҳои пурмояи он фарҳехтагон, чанд намуна аз мушоҳидаҳои хешро низ ба

[117]«Шоњнома», љ. III, с.284
[118]«Шоњнома», љ. III, с.487

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ёд оварем. Чунон ки дар пеш гуфта шуд, бархе аз шоҳномашиносон бар ин андеша афтодаанд, ки Ҳаким Фирдавсӣ бо иштибоҳ Турону туркро дарҳам омехтааст ва ҳамрадиф овардани топонимҳои «Турон» ва «Чин» низ пайваста бар он гумон аст. Вале ҳаргиз набояд аз дида дур дошт, ки Фирдавсии озармин, ки ҳакими ҳакимон дониста шудааст, (ҳамон гуна ки боре ишора шуда буд, дар адабу дониши ҳазорсолаи тоҷику форс чор фарҳехтагон шоистаи унвони «ҳаким» буданд; Ҳаким Носири Хусрав, Ҳаким Умари Хайём, Ҳаким Саноии Марвазӣ ва фарзонаи онҳо Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ) [119] , ба масобаи доиратулмаорифи (энтсиклопедисти) бемонанд, ба ҳама донишҳои замона чираманд буда, дар офариниши шоҳкори бемарги хеш, аз устураҳои Ҳинду Чин, то андӯхтаҳои кишвардориву лашкаророй ва таърихху ҷуғрофияи кишварҳо фаровон кор гирифтааст. Албатта пурсише ба миён меояд, ки чаро Ҳаким Фирдавсӣ бо ин нобиғаи бемонанди худ Турку Чинро дарҳам омехта, онҳоро ҳамрадифи Турон бознамоёндааст. Нахуст бояд ёдовар шуд, ки сарзамини Турон дар ҳамсоягии хиргоҳҳои туркон ва кишвари Чин ҷойгир будааст ва чиниён дар сарнавишти мардуми Эрон, ба вижа Хуросон (Варорӯд ) нақши намоён доштаанд. Дуввум ин ки Донои Тус ҳар гоҳ ҳамлаҳои турониёнро ба сӯйи марзҳои шимоли шарқи Эрон бозтоб намудааст, ба гунагунии қабилаҳои туркнажод ишораҳо дорад. Ба сони «турки Халлух» (ки ҳамон қарлуқонанд), «турки Хутан», «турки Чигил», «турки Хито», «турки Чин». Чуноне ки дар Самангон барои Рустам зи туркони чинӣ қадаҳ хостанд:

Яке базми хуррам биёростанд,

---

[119]Хушбинон гаҷе Кисоии Марвазї ва Низомии Ганљавиро низ ба унвони «њаким» шоиста донистаанд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Зи туркони чинӣ қадаҳ хостанд.[120]

Се дигар он ки, чуноне устод Иноятулло Ризо навиштааст «… чиниён кишвари худро бад – ин ном, (яъне Чин) наменоманд. Гумони бисёр меравад ин ном чандон қадимӣ набошад. Мардуми Чин сарзамини худро Тунгу меноманд. Шояд эрониён низ дар гузаштаи бисёр дур кишвари мазкурро бо номи «Чин» наменомидаанд Мо дар навиштаҳои порсӣ – тоҷикӣ ба ду номи машҳур «Хито» ва «Хутан» бармехӯрем. Чунин бармеояд, ки «Хито» номи Чини шимолу шарқӣ ва «Хутан» Чини ғарбӣ будааст. Шояд Чин шакли дигаргун шудаи номи «тсин» бошад. Тсин дудмоне буд, ки аз садаи шашуми пеш аз мелод то садаи севвуми мелодӣ бар бахше аз Чин фармонравоӣ доштанд.»[121] Ончуноне ҳама медонанд русҳо ҳанӯз ҳам номи Хиторо ба гунаи «Китай» мехонанд ва тоҷикон аз баргирифтаи русҳо, такя бар шеваи гуфтори бархе донишиёни классик, ин кишварро Хитой номидаанд. Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар китоби «Ҷавомеъ – ут – таворих», хангоми аз девори Чин сухан гуфтан, онро «Садди Хитой» номидааст. Аммо лозим ба ёдоварист, ки дар рӯзгори Ҳаким Фирдавсӣ ва пас аз он порсигӯён ин кишварро Чин номидаанд. Низомии Ганҷавӣ низ мардуми ин кишварро чинӣ номидааст: «Зи чинӣ маҷӯ ҷуз чини абрӯ.»

Чунин ба нигар мерасад, ки Фирдавсӣ бо кор гирифтан аз таркибҳои «марзи Чин», «турки Чин», «Турону Чин», «хоқони Чин», ғолибан ба сарзамин ва мардумони Қошғар, Муғулистон ва Туркистони Хитойи имрӯзин ишора доштааст ва дар он замон ин марзҳо бахше аз Турон будаанд. Ҳамон гуна ки дар «Шоҳнома» мехонем,

---

120«Шоњнома», љ. II, с.195

121Иноятулло Ризо, «Эрон ва туркон дар рўзгори сосониён», Т.1381/2002, с.67

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Рустами Дастон, пас аз мағлуб сохтани Афросиёб, ҳафт сол дар Турон подшоҳӣ мекунад ва марзҳои Чин бо Хутану Хито шомили Турон буданд:

Сипаҳбад гави пилтан бо сипоҳ,
Сӯйи Чину Мочин даромад зи роҳ.
Ҳама марзи Чин бо Хитову Хутан,
Гирифташ ба бозӯи шамшерзан.[122]

Афзун бар ин набояд аз дида дур дошт, ки Ҳаким Фирдавсӣ аз туркони чин ва газанди онҳо ба марзҳои Эрон пайваста ёдовар гашта, ба хатари аз он самт таҳдид дошта, ҳушдор медиҳад:

Агар пойи ту накардӣ ба банд,
Зи туркони Чин кай будӣ ин газанд.[123]

Ва ё:

В – аз он ҷойгаҳ бархурӯшиду гуфт,
Ки бо турки Чин Аҳриман бод ҷуфт.[124]

Ҷолиб аст, ки дар поёни шоҳии Ҳурмузд ба Эрон аз чаҳор самт – тозиёну румиён, аз Хазару Армония ва аз роҳи Хуросон душманон ҳамлавар мешаванд. Мӯбадон шоҳро ҳушдор медиҳанд, ки бояд аз ҳамлаи туркон, аз ҷумла туркони Чин бохабар бошад:

Чу турк андар омад зи Ҷайҳун ба ҷанг,
Набояд бад – ин кор кардан диранг.
Агар нашнавад панд шоҳи замин,

[122]«Шоњнома», љ.VI, с.279
[123]«Шоњнома», љ.VI, с.190
[124]«Шоњнома», љ.IV, с.198

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Басе ранҷ бинад зи туркони Чин.[125]

Ин ҳама таъкиди паёмбари аслу насаби ориёӣ бар шоҳони Хуросон (аз ҷумла Сомониён) буд, ки бояд аз ҳамлаи туркони Чин дар эҳтиёт бошанд ва мо аз таърихи вайрон шудани Хуросону Варорӯд  медонем, ки паёмади ин бепарвоиву осудахотирӣ ва гӯш фаро надодан ба донишиёни доно, ба кушту кушторҳои ҳангуфт, талафи сарзамини падарон ва хору нотавониву худбохтагии озодагон мебошад.

Чуноне ба шумор гирифта шуд, Ҳакими Тус ҳама душманони аз самти шимоли шарқ бар шикасти марзҳои меҳани аҳуроии Эрон таҳдид доштаро, дар 357 маврид (маротиба) бо вожаи аҳримангунаи «турк» ва сифатҳои «баднажод», «бадпеша», «хунхорамаст», «бадгавҳар», «дижам», дар 37 маврид бо таркиби «Турку Чин « ва 15 бор «Турону Чин», тавсиф кардааст. Аз ин рӯ ҳатто Афросиёбро, ки реша бар нажоди Фаридун дорад, «турки баднажод» ва «бадпеша» номидааст:

Ки он турк бадпешаву риман аст
Ки ҳам баднажоду Аҳриман аст.[126]

Набояд фаромуш кард, ки лашкари туроиён дар ҳамлаҳои пай дар пай ба Эрон аз сипоҳиёни Чин, Сақлоб ва ҳатто аз марзҳои ишғол кардаашон, чун Хатлону Чағониёну Шакинон низ омехта будааст. Бад – он гуна ки яке аз сипаҳсолорони шинохтаи Афросиёб, Пирони Виса, ки худ аз озодагон буд, лашкаре ороста буд шомил аз сипоҳиёни хушкигарду дарёии сарзаминҳои ҳамҷавори Турон – Чин, Сақлоб ва Хатлон:

---

[125]«Шоњнома», љ.VIII, с.474 – 475
[126] «Шоњнома», љ. III, с. 65

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Сипоҳе бад – ин сон биёмад зи Чин,
Зи Сақлобу Хатлону Туронзамин.
Куҷо оштӣ хоҳад Афросиёб,
Ки чандин сипоҳ орад аз хушку об.[127]

Гувоҳи равшани ин вижагии лашкаркашии турониён шикаст хӯрдани урдуи туркону чиниён бо дасти Баҳроми Чӯбина мебошад, ки дар миёни сипоҳиён саворони Чин низ буданд:

В –аз он рӯй туркон ҳама барҳана,
Бирафтанд бесозу аспу буна.
Расиданд яксар ба Туронзамин,
Саворони турку саворони Чин.[128]

Ин нукта низ ба гуфтан меарзад, ки Ҳаким Фирдавсӣ ба ҳангоми тасвири Чин (Чинистон), паҳнаи онро гаҳе чунон густурда нишон додааст, ки ба миқёси имрӯзини Хитой рост меояд. Ба вижа ҳангоми бознамоёндани паҳноварии дарёи (баҳри) Чин, ки гузаштан аз он ба як моҳ анҷом ёфта буд:

Ба як моҳ з – он рӯи дарёи Чин,
Ки бе ном буд он замону замин.
Биёбон бибояд чу дарё гузашт,
Бубинӣ яке паҳн бе оби дашт.[129]

## 13. 9. Эрон ва Порс (Форс)

Дар «Шоҳнома» сарзамини Порс бахше, ё вилояте аз Эрони Бузург аст ва ҳамчунон ба сурати қароргоҳи

[127]«Шоњнома», љ.IV, с.182
[128]«Шоњнома», љ.VIII, с.529
[129]«Шоњнома», љ. IX, с.164

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

шоҳаншоҳони Эрон, аз ҷумла Кайковус, Доро омадааст ва ҳамин аст, ки гоҳе ҷойноми (топоними) Порс кишвари Эронро фарогир мебошад:

Аз он ҷо сӯйи Порс андар кашид,
Ки дар Порс буд ганҷҳоро калид.
Нишастангаҳ он гаҳ ба Истахр буд,
Каёнро бад – он ҷойгаҳ фахр буд.[130]

Замони дароз курсинишини шоҳон шаҳри Балх буд ва муддатҳо Истахри Порс пойтахти Эрон гашт ва Қубод нишастангаҳи шоҳонро ба Тайсафун кӯчонд. Ва ҷолиб он аст, ки замоне Марв (Мары, ки имрӯз дар Туркманистон аст), ҳам пойтахти Эрон будааст:

Аз ин ду ниёбат ба Эраҷ расид,
Марвро падаршаҳри Эрон гузид.[131]

Ҷо дорад гуфта шавад, ки аз рӯи шеваи давлатдории Эрони Бузург ҳама кишварҳои (устонҳои) Эрон шоҳони худро доштанд ва усули давлатдории имрӯзини Аврупо (ки шояд чунин шеваи ҳукуматдориро аврупоиён аз шоҳаншоҳии Куруш баргирифта бошанд.), Эрони он замони дур, ба истилоҳи кунунии аврупоӣ, давлати конфедеративӣ буда, шоҳони кишварҳо (устонҳо) зери итоати шоҳаншоҳ буданд. Чуноне ки дар «Шоҳнома мехонем:»

Яке шоҳи Гелон, яке шоҳи Рай,
Ки бифшордандӣ гаҳи ҷанг пай.
Дигар Додбарзини размозмой,
Куҷо Зобулистон бад – ӯ буд ба пой.[132]

---

[130]«Шоњнома», љ.IV, с.234
[131]«Шоњнома», љ. II, с.113
[132]«Шоњнома», љ.VII, с.552

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Ва ё:

Яке шоҳи Хатлон, яке шоҳи Чин,
Зи бегона мардум туро нест кин.[133]

Дар мавриди яке аз устонҳои Эрон будани Форс донишманди Эрон Мансур Растагори Фасоӣ ин намунаро аз «Шоҳнома» пеши дидор овардааст: «Анушервон чун мамлакатро ба чор устон тақсим кард, Порс яке аз ин чаҳор устони Эрон буд, ки бо Аҳвоз ва марзи Хазар севвумин устони кишвар ба ҳисоб меомад:

Ҷаҳонро бубахшид бар чор бахр,
В – аз ӯ номзад кард ободшаҳр.
Нахустин Хуросон аз ӯ ёд кард,
Дили номдорон бад – ӯ шод кард.
Дигар баҳра з – он буд Қуму Исфаҳон,
Ниҳод бузургону ҷойи Меҳон.
В – аз ин баҳра буд Озарободагон,
Ки бахшиш ниҳоданд озодагон.
В- аз Армания то дари Ардабил,
Бипаймуд бинодилу бумгусел.
Севвум Порсу Аҳвозу марзи Хазар,
Зи Ховар варо буд то Бохтар.
Чаҳорум Ироқ омаду буми Рум,
Чунин подшоҳиву ободбум.»[134]

Абӯмансур Абдулмалик бинни Муҳаммад бинни Исмоил Ас- Саъолебӣ (Саъолабӣ ....) низ дар китоби

[133]«Шоњнома», љ.IV, с.200
[134]Мансур Растагори Фасої, «Фирдавсї ва њуввиятшиносии эронї», Тењрон 1381/2002, с. 246

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

«Ғарарахбор мулук– ул – Фурс» ба тақсими кишвар ба ин чор бахш ишора карда, навиштааст, ки «Анушервон кишварро ба чаҳор минтақа тақсим кард: қисмати аввал шомили Хуросон ва музофоти он мешуд, ки иборат аз Тахористон ва Зобулистону Сиистон буд. Қисмати дуввум шомили мадде, ки иборат аз Рай ва Ҳамадон ва Наҳованду Динвар ва Кирмоншоҳу Исфаҳон ва Қуму Кошон ва Абҳару Занҷон ва Арманистон, Озарбойҷон ва Ҷурҷону Табаристон буд. Қисмати севвум иборат буд аз Форсу Аҳвоз ва қисмати чаҳорум Ироқ то Яман ва ҳудуди Шому сарҳадоти Рум»[135]

## 13 -10. Озодсозии фалоти Эрон, ки Хуросон (Варорӯд ) бахше аз он буд.

Ҳамон гуна ки аз «Авасто» ва «Шоҳнома» бармояд, Турон сарзамини тозандагону чаповулгарон буда, турониён ҳамвора бо тохтутоз ба кишвари Эрон, шаҳристонҳоро ғорат ва ба коми оташ афканда, киштзорҳоро вайрону хароб мекардаанд. Турониёнро, ки густараи хушбоду ҳаво ва алафчарҳои сарсабзи фаровони Эрон ба худ ҷалб карда буд, бо баҳонаи нописандӣ ба боварихои динӣ ва шеваи зиндагии киштварзиву шаҳрнишинии эрониён, талош доштанд ин паҳнаи барои зиндагӣ мусоидро азхуд кунанд. Ҳамин аст, ки кӯчандагон ба шаҳрҳои нахустини эрониён, чун Балх, Бухоро, Марв, Чоҷ ва Самарқанд пай дар пай лашкар кашида, ба ибораи

---

[135]Саъолебї, «Ѓарар ахбор мулук– ул – фурс», аз тарљумаи форсии «Шоњнома» и Саъолебї, с. 293. (Ногуфта нагузорем, номи Саъолибї дар кишвари мо ба ин шакл гуфта мешавад, ки аз чирамандии нопурра ба дабираи форсї ба миён омадааст. Аслан ин ном ба сурати Саъолабї аст, ки донишманди зиндаёди тољик Аълохон Афсањзод низ онро дуруст ба кор бурдааст. Нигаред ба Аълохон Афсањзод, Низомии Ганљавї, Душанбе Маориф, 1995, с. 208)

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ҳакими Тус, Суғдро чу дарёи об, пур аз нажоду дудаҳои худ мекунанд:

Зи хешони Арҷосбу Афросиёб,
Шуда Суғд яксар чу дарёи об.[136]

Дар достони «Бозгаштани хоқон ва лашкар кашидани Нӯшинравон сӯйи Тайсафун», Ҳаким Фирдавсӣ ҷузви Эрон будани Суғду Самарқанду Чоч, Чағониёну Хатлону Бомиёну Балх, Бухорову Хоразму Омӯйиро то Хутан, ба равшанӣ баён кардааст. Дар ин достон зимни аз банди Оли Афросиёб ва хоқоннажодон озод будану зери сарварии шоҳони додгустари эронитаборон, чун Анушервон, Шопури Ҳурмузд, Яздигурд ва Баҳроми Гӯр, дар оромӣ зистан, ба тафсил ёдоварӣ шудааст:

Бипардахт Суғду Самарқанду Чоч,
Ба Кӯчғорбошӣ фиристод тоҷ.
Ҷаҳон нав шуд аз доди Нӯшинравон,
Бихуфтанд бар пушт пиру ҷавон.
Якояк ҳаме хонданд офарин,
Ба ҳар ҷой бар шоҳи Эронзамин.[137]

Лозим ба ёдкард аст, ки аз рӯйи ишораҳои дар «Шоҳнома» омада, бунёди нахустин шаҳрҳои бузург ба шоҳаншоҳони пешдодӣ нисбат доранд. Ҳанӯз шоҳаншоҳ Ковус дар навҷавонии Сиёваш, то ба Туронзамин рафтанаш замини кӯҳистон, ки «кунун Мовароуннаҳр хонандаш», ба Сиёваш дода буд:

Замини Кӯҳистон варо дод шоҳ,

[136]«Шоњнома» ,љ. III, с.232
[137]«Шоњнома», љ.VIII, с.261

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Ки буд ӯ сазои бузургиву гоҳ.
Чунин хондандаш ҳаме пештар,
Ки хонӣ кунун Мовароуннаҳр.[138]

Яқин аст меҳри мардуми Самарқанд ба Сиёваш ва эҷоди сӯгчомаи (марсияи) машҳур бар марги Сиёваш, аз тарафи мардуми Самарқанд, реша дар сарварии Сиёваш бар сарзамини Вароруд доштааст.

Дар «Шоҳнома» сатрҳои зиёде пеши дидор меоянд, ки лашкаркашии шоҳаншаҳону гурдон ба фаросӯйи рӯдхонаи Омӯ барои озодсозии фалоти Эрон, ба вижа шимоли шарқи он, аз банди тозандагони хайманишин нигаронида шудаанд. Дар китоби китобҳо мехонем, ки чи гуна мардуми Балху Вароруд аз бедодиву зиндагии талхи дар асорати бегонагон ранҷ бурда, аз оромиву хоб бебаҳраанд:

Чағониву Бомиву Хатлону Балх,
Шуда рӯз бар ҳар касе тору талх,
Бухорову Омӯю Хоразму Зам,
Басе ёд дорем бо дарду ғам,
Зи бедод аз ранҷи Афросиёб,
Касеро набуд ҷойи орому хоб.[139]

Давраи озодсозии Вароруд аз турониёну туркон ба замони шоҳаншаҳии Кайхусрав рост меояд. Бад – он сон ки аз пажӯҳишҳои пурарзиши донишманди доно, Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ (Бежан) дарёфтаем, «давраи Кайхусрав давраи ягонагӣ ва якпорчагии ҳама мардумони эронӣ буд ва «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ беш аз ҳар сарчашмаи дигар моро ба бархе огоҳиҳои пурарзиши

---

[138]«Шоњнома», љ.III, с.17
[139]«Шоњнома», љ.VIII, с.264

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ҷуғрофиёӣ ошно мекунад, ки аз онҳо наметавон бад – он гуна дар сарчашмаҳои дигар нишоне ёфт.»[140]

Дар достони «Номаи Пирон ба Гударзи Кашвод», Ҳаким Фирдавсӣ нигоштааст, ки сабаби асосии ҳамлаҳои эрониён ба Турон барқарор намудани додхоҳӣ, бозпас гирифтани заминҳои ишғолгаштаи Варорӯд ба Эрон мебошад, ки биступанҷ шаҳр ба унвони шаҳрҳои Эрон, барои холӣ кардан аз сипоҳи турониён ёдовар шудааст. Дар ин достон мехонем, ки бузургон аз Омӯй то Чоҷу Хутан анҷуман ороста ба шоҳ арз менамоянд, ки аз бедодиву ранҷи Афросиёб ҳама шаҳристонҳо вайрону хароб гашта, касеро орому хоб нест:

В – аз он пас бузургон шуданд анҷуман,
Зи Омӯй то шаҳри Чоҷу Хутан.
Бигуфтанд к – ин шаҳрҳои фарох,
Пур аз боғу майдону айвону кох.
Зи Чоҷу Тарак то Самарқанду Суғд,
Басе буд вайрону ороми чуғд.
Чағониву Бомиву Хатлону Балх,
Шуда рӯз бар ҳар касе тору талх,
Бухорову Хоразму Омӯю Зам,
Басе ёд дорем бо дарду ғам.
Зи бедоду аз ранҷи Афросиёб,
Касеро набуд ҷойи орму хоб.[141]

Танҳо пас аз омадани Кайхусрав ва Баҳроми Гӯр мардум аз ранҷу бандагӣ раҳо ёфта, осуда шуданд:

Чу Кайхусрав омад бирастем аз ӯй,
Ҷаҳоне шуд осуда аз гуфтугӯй.

---

[140]Њусайн Шањиди Мозандаронї, «Марзњои Эрон ва Турон», Т., 1376 /1997, с.24
[141]«Шоњнома», љ.V, с.97 – 256

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

**………..**

Биёмад ҷаҳондор Баҳроми Гӯр,
Аз ӯ гашт Хоқон пур аз дарду шӯр.[142]

Бо жарфнигарӣ ба ин порча аз достони ёдшуда, ба кас пӯшида нахоҳад монд, ки ҳадафи аслии лашкаркашии эрониён ба Варорӯд озодсозии бахши шимолу шарқии фалоти Эрони Бузург мебошад ва ҳамин аст, ки Пирони Виса чун пай мебарад эрониён бо сипоҳи тавоно аз «баҳри буми Эрон омадаанд» , «бо банду фиреб» изҳор медорад, ки марзҳои ишғол кардаро аз туркон тиҳӣ хоҳанд кард:

Ҳар он шаҳр к – аз марзи Эрон ниҳӣ,
Бигӯ то кунемаш зи туркон тиҳӣ.
В – аз ободу вайрону ҳар буму бар,
Ки туркон бароварда буданд сар. [143]

Ва Пирон сарзаминҳоеро, ки барои тиҳӣ кардан аз туркон ваъда медиҳад ва дар зимни якояк номбар кардани онҳо, сарзаминҳои Буст, Толиқон, Фориёб, Андароб, Бомиён, Гузгонон, Балх, Бадахшон, Хатлон, Шингон, Тирмиз, Висагирд, Бухоро ва Суғдро ёдовар мешавад:

Зи Шингону чун Тирмизу Висагирд,
Бухорову шаҳре, ки ҳасташ ба гирд.
Ҳамедун бирав то дари Суғд низ.
Наҷӯяд касе он подшоҳӣ ба чиз.[144]

---

[142]«Шоњнома», љ.VIII, с.263 – 269
[143]«Шоњнома», љ.V, с.97
[144]Њамон љо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Шоҳаншоҳ Кайхусрав, пас аз шикаст овардан ба лашкари Турон, сарзаминҳои Чоч (Тошканд) ва Суғдро аз туркон, ки сипаҳдоронаш Қарохон, писари Афросиёб ва Тувург буданд, озод мекунад ва аз паёмади ситами истилогарон Суғдро чун лонаи чуғд дармеёбад:

В – аз он ҷо биёмад сӯйи марзи Суғд,
Яке навҷавҳон дид ороми чуғд.[145]

Шоҳаншоҳ ба як моҳ дар Суғд монда, вайронаҳоро обод месозад ва суғдиён некхоҳи шоҳ мегарданд:

Ба Суғд андарун буд як моҳ шоҳ,
Ҳама Суғд шуд шоҳро некхоҳ.[146]

Кайхусрав сафҳои сипоҳи худро аз ҷавонони суғдӣ пурра карда, ба озодсозии марзҳои дигари Эрон идома медиҳад:

Зи Суғду Кашонӣ сипаҳ баргирифт,
Ҷаҳоне бад – ӯ монда андар шигифт.[147]

Ногуфта нагузорем, ки мавзӯи тиҳисозии марзҳои Эрон аз турониён пеш аз давраи Кайхусрав низ мавзӯи сарнавиштсоз буд. Дар замони подшоҳии Ковус турониён бахше аз шаҳрҳои Хуросон ва Варорӯд ро ишғол мекунанд ва шоҳ бо сардории Сиёваш барои озодсозии он марзҳо лашкар мефиристад. Турониён Балхро раҳо карда, ба Варорӯд бозпас менишинанд. Туронихо нотавонии худро дар рӯёрӯи эрониён пай бурда, пешниҳоди оштӣ мекунанд, вале Сиёваш пешниҳоди онҳоро ба шароите мепазирад, ки

[145]«Шоњнома», љ.V, с.288
[146]Њамон љо
[147]Њамон љо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

шаҳрҳои ишғолкардаи Эронро тиҳӣ сохта, ба марзҳои Турон бозгардонанд:

Бифармуд то кӯс бо карраной,
Заданду фурӯ ҳишт пардасарой.
Сапеҷобу он кишвари тахти оҷ,
Бухорову Суғду Самарқанду Чоҷ.
Тиҳӣ карду бо сипаҳ сӯйи Канг,
Баҳона наҷусту фиребу диранг.[148]

Пиромуни мавзӯи тиҳӣ сохтани шаҳристонҳои Варорӯд аз вайронгарони туронӣ, аз достонҳои «Шоҳнома» метавон намунаҳои фаровон овард, вале ба гуфтумони ин саҳифа беҳтар аст бо суханони гӯёву баҳснопазири устоди фарҳехта, Фаридун Ҷунайдӣ анҷом пазирем: «Ин сухан бад – он рӯй гуфта шуд, ки турониён ҳеҷ гоҳ аз ҳеҷ гузори дигар аз Сирдарё, ё Омӯя нагузашта буданд. Агар гоҳ – гоҳ ради пойи ононро дар гузар аз сӯи рости Гулзариюн ба сӯи шаҳрҳои Хуросонии Кашмир ва Балх низ мебинем, чунон ки дар набарди Сиёваш сипоҳиёни Турон дар дари шаҳри Балх дида мешаванд, аммо бештар гоҳҳо юриши растохез аз ин сӯй будааст, зеро ки гузар аз Сирдарё ва сарзаминҳову шаҳрҳои фаровони Эронвиҷи Тоҷикистони имрӯз нерӯи ононро медиҳад ва тавонашонро мешикаст ва беҳтар ҳамон медиданд, ки дар рӯзгори хуши баҳорон, бе огоҳии пешин шоду осуда, якбора ба дарвозаи Эрон бирасанд.»[149]

## 13 -11. Сакоиҳо ва тоҷикон.

[148]«Шоњнома», љ.IV, с.326
[149]Аз сухани оѓозини Фаридун Љунайдї, дар китоби устод Бежан, унвонии «Марзњои Эрон ва Турон», Т., 1476/1997, с.12

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Дар бораи ҷойгоҳи сакоиҳо ва пайвастагии онҳо бо тоҷикон низ сухан бисёр гуфта шудааст ва ҷилдҳои фаровони корҳои пажӯҳишӣ дар кишварҳои гуногун ба интишор расидаанд. Донандагони таърих бар онанд, ки қавмҳои сакоӣ ба якчанд тираҳо фасл шудаанд ва онҳо иборатанд аз: сакоиҳои хаомаварга, яъне пазандагони нӯшокии хуморкунандаи «хаома», ки дар водии Мурғоб маскан доштанд, сакоиҳои тиграхауда, ки кулоҳҳои нӯгтез доранд (бад – он гуна ки дар сангнабиштаҳои Дориюши Бузург сабт аст), дар назди кӯҳҳои Тиён Шон иқомат доштаанд ва онҳоро масагетҳо низ гуморидаанд, сакоиҳои парадарайя, онҳое ки дар фаросӯйи дарё (яъне баҳр) зиндагӣ доранд, сакоиҳои парасугуда, яъне дар он тарафи Суғд, ки дар поёни дарёчаи (кӯли) Арал ҷойгоҳ доштаанд.

Мутаассифона бархе пажӯҳишгарони тоҷик, ки шогирдони мактаби таърихнигории шӯравӣ мебошанд, бо такя бар довариҳои ховаршиносони ҷудоиандоз, сакоиҳоро аҷдодони тоҷикон донистаанд. Мо дар ёдкарди сакоиҳо гуфтем, ки бо такя бар пояи ҷусторҳои бархе донишпажӯҳони равшанбин, ба нигар мерасад, ки гарчи сакоиҳо аз тираи ориёинажодон буданд, аммо онҳоро наметавон тоҷиктабор донист. Бад – он сон ки славянҳои шарқӣ (восточнославянские), аз ҷумла русҳои имрӯзин – меросбарони сакоиву сарматӣ, осетинҳо – посталанҳо, набераҳои мустақими турониҳо, олмониҳо, фаронсавиҳо, украинҳо ва монанди онҳо ҳамчун яке аз шохаи ақвоми ориёӣ бо мо ҳамрешаанд, аммо онҳоро наметавон аз табори эрониву тоҷик гуморид. Ҳанӯз дар сангнабиштаҳои кӯҳи Бесутун , Дориюши Бузург сабт кардааст, ки ӯ Дориюш – шоҳи шоҳон ба кишвари сакоиҳо рафта, сакоиҳои кулоҳи нӯгтез доштаро таъқиб кардааст. Ин воқеъияти таърихӣ дар кундуковҳои ховаршиносон В. В. Струве чунин тарҷума шудааст: «Говорит Дарий царь: затем я отправился с войском в страну саков, преследуя

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

саков, которые носят остроконечные шапки (тиграхауда)»[150] (Шоҳ Доро мегӯяд: сипас ман бо лашкари худ ба кишвари сакоиҳо рафтам, ки он сакоиҳои ба сар кулоҳи нӯктезро (тиграхуда) таъқиб намудам.) Барои таъйиди андешаи аз Варорӯд фаротар ҷой доштани сакоиҳо идомаи сангнабиштаи Дориюшро дар тарҷумаи Б. А. Литвинский (1923 - 2010) меоварем: «Говорит Дарий – царь: Это держава, которой я владел, начиная от саков, которые за Согдом, вплоть до Эфиопии…»[151] (Шоҳ Доро мегӯяд: Ин салтанатест, ки ман аз сакоиҳои он тарафи Суғд оғоз шуда то ба Эфиопия (Ҳабашистон) фармонфармоӣ кардаам.)

Лозим ба гуфтан аст, ки порсҳо ҳанӯз пеш аз замони шоҳаншаҳии Дориюши Бузург, дар замони ташаккулёбии сарзамини Порс, худро аз тохтутозҳои сакоиҳои ваҳшӣ дар амон нигаҳ медоштанд. Ҳеродот таърихи ҳамлаҳои сакоиёнро ба сарзамини Мод ба замони подшоҳии Ҳухштра (625 – 575 пеш аз мелод) медонад. Дар китоби «Ҷуғрофиёи таърихии Эрон» чунин сатрҳо ба чашм мехӯранд: «Замоне, ки сакоҳо ба кишваре, ки Хаштрита, фармонравои шаҳри Коркошӣ миёни солҳои 655 – 653 пеш аз мелод ҳуҷум бурданд, Чиш Пиш, шоҳи Порсумош, ки аз тохтутози ин қавми ваҳшӣ дар амон буд, ба сӯйи ҷануби ғарбӣ тохта ва дар Порс ноҳияи Посоргодро тасхир кард ва сипас Ориёромана ҷонишини ӯ шуд ва худро «Шоҳи Бузург – шоҳи сарзамини Порса» хонд.[152] «Чуноне дар пеш гуфтем сакоиён аз қабилаҳои гуногуни саҳронишин ташкил ёфтанд ва ҳамин аст, ки таърихнигорон онҳоро дар

---

[150]Струве В. В., «Поход Дария на саков - масагетов», М, 1959, стр.242 – 244

[151]Литвинский Б. А. «Саки, которые за Согдом», Труды А.Н. Тадж. ССР, 1960, том 120, стр. 91 - 96

[152]Муњаммад Љаводи Машкур, «Љуѓрофиёи таърихии Эрон», Т.,1371/1992, с.138/

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

гурӯҳҳои гуногун бознамоён месозанд. Бахши зиёде аз сакоиён дар Осиёи Ғарбӣ, дар шимоли Баҳри Сиёҳ ва Қафқози Шимолӣ ҷойгоҳ доштаанд. Бинобар он ки сакоиҳо аз нажоди ориёӣ буданд, эронитаборон ҳамаи онҳоро «сакоӣ» меномиданд. Бобулиён ононро «киммери» (Gimirri), юнониён ҳамаи сакоиҳоро «скитҳо» ва русҳо сакоҳо – скифҳо мехондаанд. Дархӯри нигариш аст, ки бархе донишпажӯҳон ҷойи зисти сакоиҳоро сарзаминҳои миёни рӯди Кура, ноҳияи шимоли Ганҷа (Озарбойҷон) ва ҷануби рӯди Аракс (Арманистон) донистаанд. Страбон менависад: «Сакоҳо дар Арманистон беҳтарин заминҳоро тасарруф карданд ва ба номи хеш – «Сакосно» хонданд. Номи ин ноҳия дар навиштаи арманӣ «Шокошан» омадааст ва шояд дар канори рӯди Кура будааст.»[153]

Воқеан, гурӯҳе аз сакоиҳо ба Бадахшон кӯч карда, заминҳои Ишкошимро зистгоҳи хеш қарор доданд ва ин аст, ки ин сарзамин дар гӯиши ишкошимӣ ба гунаи «Шикамиш» ёд мешавад. Ва низ мехоҳам пеши рӯ оварам, ки дар вилояти Тахори Афғонистони имрӯзин ноҳияе ҷойгир аст унвонии Ишкамиш.

Сакоиҳо дар миёни садсолаҳои дуввуми пеш аз мелод, муҳоҷирати худро густариш бахшида, аз кӯҳҳои Хангай (дар Муғулистони Марказӣ) то поёноби Дунай, кӯч бастанд. Гузашта аз ин чанде аз онҳо (дар садсолаи чаҳоруми пеш аз мелод), дар Маҷористон (Венгрия) зистгоҳ гузиданд.

Дар миёнаҳо ва авохири асри III пеш аз мелод гурӯҳе аз қабилаҳои сакоӣ ба Дрангиана ворид шуда, он сарзаминро Сакистон (Сиистони имрӯзини Эрон) номиданд ва ба зудӣ тағйири манишу куниши бодиягардӣ намуданд. Дар замони Ардавони II ашконӣ (128 – 136 п.аз

---

[153]М. Љавод, «Тањќиќе дар бораи номњои асотирии Испирўз ва Сагсори Мозандарон», Сойти интернетї, 1:12-1391 پنجشنبه 7 اردیبهشت

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мелод) гурӯҳе аз онон ба сарзамини Заранг(ҷ) раҳсипор гардида, бо бумиёни он ҷойҳо низ даромехтанд.

Ҳамин аст, ки гумон меравад танҳо сакоиҳои парасогда, ки дар шарқи Суғд маскан доштанд бо сарзамини тоҷикони бостон ҳаммарз будаанд. Бад – ин тартиб метавон ба пиндоре расид, ки бархе қабилаҳои сакоӣ дар фаросӯи Суғд ҷойгоҳ доштанд ва марзи Турон аз он ҷо ибтидо мегирифтааст ва яке аз шаҳрҳои эронитаборони дуртарин аз маркази Эрони Бузург шаҳри Сируполис (Усурушана – Истаравшан) ба шумор мерафт.

## 13 -12. Сакоиҳо ва сагсорон.

Боясти ёдовар шуд, бахши зиёди ҷӯяндагони ҷойгоҳи сакоиҳо, номи топонимҳои «сакистон» ро бо «сагсорон» яке донистаанд, ки дуруст наменамояд. Дар «Шоҳнома», номи «Сагсор», дар пайвастагӣ бо Соми Наримон ба сарзамини Мозандарон ишора шудааст. Чуноне ки дар маврид Рустами дастон мегӯяд:

На Сагсор монад, на Мозандарон,
Бикӯбам сарашро бо гурзи гарон.

Сарзамини Сагсорон дар наздики дарёи Фарохкарт - Мозандарон ҷой дошта, дар асл сарзамини Каспиёна будааст, ба маънии «каспи» – сагон ва «ёна» – ҷой, ки дар он ҷо сагҳои ваҳшии ҷангалӣ – бабрҳои Мозандарон ҷойгоҳ доштаанд.

Пажӯҳандаи эронии муқими кишвари Шветсия, Ҷаводи Муфрад, дар бораи номҳои асотирии «Испирӯз» ва «Сагсор», бар хилофи он чи то кунун дигарон навиштаанд, чунин дарёфтааст: Далеле ин ки Рустами Ҳафтхони

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Мозандарон, аҳли Сагистон ба шумор рафтааст, ин аст ки вай аҳли Каспиёна (ба луғати авастоӣ, яъне сарзамини сагпарастон – сагсористон) будааст, ки баъдан ба сабаби ҳамшакл шудан бо номи Сиистон (Сагистон, сарзамини сакоҳои Заранҷ), бо он муштабеҳ шуда ва Рустаму хонаводаааш, ба саҳв аҳли Сиистон (Заранҷ) ба шумор рафтааст.»[154] Воқеан, бо такя бар ин иштибоҳ осетинҳо ва бархе қавмҳои аз Турон кӯч баста, Рустамро қаҳрамони милии худ медонанд. Шояд реша дар ин иштибоҳ будааст, ки шумори зиёди Шоҳномашиносон пиндоштаанд, бадбинон Рустами Дастонро бад – он сабаб ба ҳангоми носазогӯиву раҷазхонӣ, ба ҳақорат «сагзӣ» хондаанд, ки Таҳамтан зодаи Сакистон аст. Нобаҷо будани ин гумонро аз гуфторҳои соҳиби «Шоҳнома» метавон пайдо кард. Ҳамон гуна ки Афросиёб барои изҳори нафрин, Рустамро «сагзӣ» меномад ва дар сурате ки худ сарвари сакоиён аст, бо ин ном ба ҳамтои худ таън фиристодан, норосту нодуруст менамояд:

Саропои худро надонанд ҳеҷ,
Туро ҷуз ба «Сагзӣ» нахонанд ҳеҷ.[155]

Дар ҷойи дигар Рустам аз гуфтори Шангули туронӣ дар ғазаб омада, чунин мегӯяд:

Маро ном Рустам кунад золи Зар,
Ту «Сагзӣ» чаро хонӣ эй бадгуҳар.
Нигаҳ кун, ки сагзӣ кунун марги туст,
Кафан бегумон ҷавшану тарги туст.[156]

---

[154] М. Љавод, «Тањќиќе дар бораи номњои асотирии Испирўз ва Сагсори Мозандарон», Сойти интернетї, -1391 پنجشنبه 7 ارديبهشت 1:12
[155] «Шоњнома», љ.IV, с.187
[156] Њамон љо

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Нигорандаи ин навиштор наздик ба яқин медонад, ки вожаи сифатии «сагзӣ» ишора ба сахтҷону намиранда будани Рустам аст. (Воқеан дар гӯиши мардуми тоҷик вожаи «сагҷон» ривоҷ дорад, ба маънии пурзӯру аз осебҳо намиранда.)

Пас аз таҳлилу бознигариҳои пай дар пай, натиҷагириҳои борҳо гуфтаро мехоҳам бозгӯ намоям, ки бархе аз пажӯҳандагони мағрибӣ дар бозшинохти гузаштаи дури тоҷикон касро ба раҳгумӣ низ ҳидоят мекунанд. Онҳо на танҳо дар шинохти марзҳои Эрон ва Турон, қавмҳои сакоӣ ва эронӣ – тоҷикӣ), сипас Хуросон ва Варорӯд (Мовароуннаҳр), балки дар бознамоёндани марзҳои Бохтар ва Суғд гаҳе рӯ ба гуфтаҳои ҷуғрофиёнигорони Руми бостон оварда, натиҷагириҳои зидду нақизро пеши дидори хонандагон меоваранд. Дар ҳама далелҳои пешниҳод намудаи он ховаршиносон оҳанги дар ҷудоӣ ва муқобили ҳам бознамоён сохтани зистгоҳи тоҷикони Афғонистони кунунӣ ва тоҷиктаборони кишвари Эрони имрӯзин, шунида мешавад. Набояд аз дида дур дошт, ки чун як схематизме хоси нақшанигорони (картографҳои) Руму Юнони бостон буд, онҳо маъмулан дарёҳо (рӯдҳоро) марзҳои кишварҳо медонистанд. Ҳамин аст, ки онҳо марзи Бохтар (Бактрия) – ро аз Суғд (Согдиана), рӯдхонаи Омӯ пиндоштаанд. Равшан аст, ки дар умури кишвардории шоҳаншаҳони Эрон, (чи дар замони ҳахоманишиён ва чи дар замони сосониён, кишвари Эрон ба чаҳор бахши бузург – шимол, ҷануб, шарқ ва ғарб ба гунаи «Апохтарон», «Хурбарон», «Хуросон» ва «Нимрӯз», фасл мешуд. Бохтар, ки румиён онро «Бактрия» номидаанд, ҳамон Апохтарон, яъне самти офтоббаромади Эрони Бузург буда, Суғд (Согда), ҷузве аз Бохтар будааст. Чуноне ки дар сарчашмаҳои замони Искандари Макдунӣ ва пеш аз он низ ба чашм мехӯрад, марзи Бохтар (Бактрия) он сӯи рӯдхонаи Сир дониста шудааст. Дар ин бора ховаршиноси

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

номӣ И. В. Пьянков (1936 - 2020,) навиштааст: «В качестве ещё одного рубежа Бактрии в источниках времени Александра и несколько более ранних выступает Сырдарья под именем Танаиса»[157] (Ҳамчун боз як марзи дигари Бохтар, дар сарчашмаҳои замони Александр ва чанде пеш аз он Сирдарё бо номи Танаис бознамоён гаштааст.) Бархе ховаршиносони мағрибӣ ғолибан ҷузви шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён будани Бохтару Суғдро ночор мепазиранд, вале ба ҳар ҳол ба худ иҷоза дода наметавонанд, ки сарзамини Варорӯд бо бошандагони Балху Бомиёну Тусу Исфаҳон аз нигоҳи этнокултурӣ ҳамтову ҳамсон дониста шаванд. Ин густараҳои тоҷикнишинро танҳо ба масобаи воҳиди маъмурии (административная единица) давлати Ҳахоманишиён, ба сони сатрапҳои Порс намоён месозанд. Аз ҷумла Пьянков И.В., Бохтар (Бактрия) – ро ҳамзамон бо давлати алоҳида донистан, сатрапи (ҳамон ҷо, саҳ.11) Эрон намоён сохта ва низ шарҳ додааст, ки «Бактрия моҳияти гидрономӣ доштааст, на этникӣ».[158] Яъне мардумони кишвари Бохтар, гарчи ҷузви Эрон ҳам бошанд, аз нигоҳи этникӣ – миллият дигаранд. Албатта онҳо ҳаргиз нахоҳанд пазируфт, ки ақибнишинии Дорои Кудмон, аз ҳамлаи лашкари Искандари Макдунӣ ба самти Бохтар, ҳадафи пайвастан бо сарсупурдагони Спитамони аз Усурушана бархостаро дошт. Агар он ховаршиносон ва таърихнигорони порсиношинос ин воқеъияти таърихиро мепазируфтанд, ҳилаву макрҳои худро дар қасди азҳам ҷудо бознамоёндани эронитаборон, яъне гузаштаи Эрону Афғонистону Тоҷикистони имрӯзин, ошкор мекарданд.

Бояд ёдовар шуд, ки императории Эрони Бузург, сипас Хуросон (бо курсинишинӣ дар Персеполис, замоне дар Балху замоне дар Марву Бухоро), ҳанӯз пас аз давлатдории хирадмандонаи Куруши Бузург ва писарамуи

---

[157] Пьянков И. В., «Бактрия в античной традиции», Д. 1982, стр.54

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ӯ Дориюши Бузург то фаросӯи рӯди Сир пахна дошт. Дар ин бора донишманди фарҳехта Бостонии Поризӣ (1925 - 2014), баргардонандаи китоби пурбаҳои Абулкаломи Озод унвонии «Куруши кабир - Зулқарнайн», ба ҳангоми бозовардани сангнабиштаи Дориюш ишора кардааст, ки «..... ҳам Сайҳунро марзи шарқӣ қарор дод ва рӯди Кӯрро дар моварои Арас».[159]

Сухани поёни ин гуфтор он аст, ки ҳамвандони гаронмоя ҳангоми ба марзҳои гумшудаи Эрони бузурги бостон нигари хаёлии хешро афкандан, боясти бомулоҳиза бошанд, то гузаштаи ҳазорсолаи ниёконро аз сарзамини аҳуроии Эрон дар ҷудоӣ ва фосилаҳо нагиранд ва хештани хешро бо ақвоми аз бобоён дар дуриҳои дур қарор дошта, напайванданд.

## Эрон, Эронзамин, Эроншаҳр ва Хуросон.

Дар оғози ин навиштор гуфтаем, ки дар пиромуни ҷойномҳои Эрон, Эроншаҳр, Эронзамин ва Хуросон чанд сухане ба таври гузаро хоҳем гуфт, зеро бо иваз кардани номи кишвари Форс ба Эрон ва бунёди марзҳои сиёсии садсолаҳои ахир дар ҳарими ҳарами Авасто, гуногунандешиҳо ба миён омадаанд, ки гаҳе ба кажандешӣ низ кашида шудаанд.

Дар номаи муқаддаси тоҷикон - эронитаборон «Авасто», ки 6000 сол пеш офарида шуда дар замони Сосониҳо ба шакли китоб даромадааст, ба унвони «Ориё» - «Aira», ба маънии наҷибон, ё ашрофзодагон рӯ ба ӯ мешавем. Дар «Авасто» ориёиҳо гурӯҳи мардумонеанд, ки қабилаҳои дигарро an - Airya, Анориёӣ, яъне ғайриориёӣ меномиданд. Ҳахоманишиён низ, ки нахустин

[159] Абулкаломи Озод, «Куруши кабир - Зулќарнайн» - аз сарсухан ва баргардони Бостонї Поризї (ба хати тољикї баргардони профессор Рањмоналї Мирализода), Душанбе Адиб, 2019, сањ. 91

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

шоҳаншоҳиро бунёд ниҳоданд, ба худашон чунин унвоне додаанд. Ва ин унвон ҳамон номи мардумонест, ки Сосониён панҷсад сол пас онро ба кор бурдаанд.

Дар «Шоҳнома» ва баъзе асарҳои таърихиву адабӣ ҷойномҳои Эрон, Эроншаҳр ва Эронзамин фаровон ба чашм мерасанд ва дар нигари нахуст он ҳама ба сарзамини куҳане, ки имрӯз Эрон ном гирифтааст, ишора доранд, аммо бо таҳлилҳои таърихӣ ва бардоштҳои решашиносӣ, аз ҷумла ҷуғрофиёи таърихӣ ва пешинаи унвонгузории он, тафовут байни ин ҷойномҳо, ошкор мегардад.

Номи Эрон дар «Шоҳнома» 1069 – як ҳазору шастунуҳ бор дар осори Убайди Зоконӣ 400 бор, дар офаридаҳои Фаррухии Сиистонӣ , Саноии Ғазнавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз 2- 4 то 6 бор, ба кор рафтааст. Абӯшакури Балхӣ Нӯҳи Сомониро подшоҳи Эрон хондааст:

Худованди мо Нӯҳи фаррухнажод,
Ки бар шаҳри Эрон бигустурд дод.

Низомии Ганҷавӣ аз номи Эрон хеле кам кор гирифтааст, вале бояд гуфт ин сатрҳои дурахшон бечунучаро аз сириштри эронии ӯ бо тамоми ҳастиаш гувоҳӣ медиҳад.

Ҳама олам тан асту Эрон дил,
Нест гӯянда з - ин қиёс хиҷил.
Чунки Эрон дили замин бошад,
Дил зи тан беҳ бувад, яқин бошад.

Мавзӯи зистгоҳҳои фаротаърихии қавмҳои ориёӣ ва замони паҳн шудани онҳо то Ҳиндустон, Осиёи Хурд ва Аврупо ҳанӯз ҳам баҳсбарангез буда, ховаршиносону таърихдонон дар ин росто пиндорҳои гуногун доранд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Шумори зиёди донишмандон бар он боваранд, ки нахустин фармонравои қаламрави худро Эрон (Eran) номида дар оғози садсолаи севвуми мелодӣ, бунёдгузори хонадони Сосонӣ, шоҳаншоҳ Ардашери Бобакон мебошад. Аммо таърихдонон огоҳ нестанд, ки чаро Ардашери Бобакон бо - мӯбадони зартуштии машваратгараш қаламрави худро Эрон номиданд. Ҳаким Фирдавсӣ ба хубӣ ин ҷойномҳоро медонистааст ва дар «Шоҳнома» онро фаровон ба кор бурдааст. (Баъзе донишмандон бар онанд нахустин адибе, ки дар навиштораш ҷойноми Эронро ба шакли имрӯзааш ба кор бурдааст, Ҳаким Фирдавсии Хуросонии Тусӣ мебошад). Бинобар ин моро мебояд донист, ки ин нобиғаи замонаҳо дар корбурди ҷойноми Эрон, Эронзамин (Эрон) кадом паҳнаро дар нигар доштааст. Ва чаро дар рӯёрӯи кишвари Эрон, ки он ҷо ҳам зодбуми ориёитаборон мебошад Туронро ҳамчун зистгоҳи туркон гузоштааст.

Ба огаҳон ошкор аст, ки сарзамини Айранам вайҷаҳ (Ориёнвиҷ), ё «Ориё» - «Aira», паҳнаи фарохе будааст, ки густараи он саросари Осиёи Марказӣ, марзҳои имрӯзаи Қазоқистон ва Тибет, ҳамчунон кӯлҳои Балхашу Иссиққӯл, кӯҳҳои Олтой ва рӯдхонаи Енисейро фаро мегирифтааст. Аз рӯи сарчашмаҳои чиноӣ дар ин паҳна қабилаҳои эронии усуни, юэйҷи (бо гӯиши аниронӣ) ва дигарон зиндагӣ доштаанд ва дар ин сарзаминҳо ҳанӯз қабилаҳои ноориёӣ будубош надоштанд.[160]

Ба гуфтан меарзад, ки яке аз бахшҳои китоби қадимтарини ҳиндиҳо, «Ведо», унвонии «Ригведо» дар садсолае суруда шудааст, ки ориёиҳои ҳиндӣ ва эронӣ бо ҳам мезистаанд. Дар «Ригведо» оид ба зистгоҳи якҷояи ин ду бахши Эронвиҷ (Ariyavarta), яъне «чарогоҳҳои ориёиҳо», ишораҳо омадааст.

---

[160] Нигаред ба навиштори Х. Н. Назаров, От древних арийцев до нашествия турок, журнал «Ирано - славика», М. 2005, №2(6), с. 13 - 16

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Донишманди тавоно, доктор Муҳаммад Ҷаводи Машкур дар китоби пурмуҳтавои худ ба исбот расондааст, ки Ватани асосии ориёиҳо Осиёи Миёна будааст ва забони авастоӣ - ориёӣ низ аз ин сарзамин ба самти Форс паҳн гаштааст: «Дар сарзамини Мод аз қарни IX то VII қабл аз мелод, чи аз рӯи истилоҳоти ҷуғрофиёӣ ва чи исомии хоси пешрафти унсури инсонии эронӣ аз машриқ ба тарафи ғарб ошкоро машҳуд мебошад. Бо дар назар гирифтани робитаи забони мод бо забонҳои ориёии Осиёи Миёна шакке наметавон дошт, ки маншаи нажоди ориёиҳо аз Осиёи Миёна будааст».[161]

Акнун бояд посухе дошт, ки бо ёдкарди Эроншаҳр куҷоро бояд дар нигар дошт. Эроншаҳр дар замони Сосониён сарзамини густурдаи Эронро меномиданд, ки марзҳояш аз кӯҳҳои Қафқоз оғоз шуда то баҳри Уммону Ҳинд ва аз рӯди Фурот то фаросӯи Сайҳунро дарбар мегирифт. Шоҳаншоҳони Сосонӣ ин паҳнаро ба чаҳор сӯ бахш кардаанд; Хуросон (шарқӣ), Хурбарон (ғарбӣ), Апохтарон (шимолӣ), Нимрӯз (ҷанубӣ).

Эроншаҳр - Эрони таърихӣ (Бузург) аз устонҳои (кишварҳои - ба истилоҳи русӣ Край) зерин иборат буд: Хуросону Сиистон, Кирмон, Форс, Аҳвоз, Ҷабал ва Озарбойҷон, Арманистон, Мувасил, Ҷазира, Шом ва Суристон (Ироқ).

Ҳар «сӯ» ба самтҳои ҷуғрофиёӣ ишора дошта, дархӯри «хура» - ҳо, яъне устонҳо (крайҳо) буданд: Хӯраҳои Хуросон иборатанд аз Қаҳистону Ҳирот, Пушанҷ, Бодғис, Толиқон, Фориёб, Ҷузҷон, Тахористон, Кобул, Балх (Афғонистони имрӯз), Сарахс, Абевард, Марврӯд (Туркманистони имрӯз), Нисо, Термиз, Бухоро, Пайканд (Байканд), Самарқанд, Кеш, Насаф, Шош (Чоч), Фарғона (Узбекистони имрӯз), Усурушана, Суғд ( бо курсинишинии

---

[161] Муњаммад Љаводи Машкур, Љуѓрофиёи Таърихии Эрони бостон, Тењрон Дунёи китоб, соли 1371/1992, с. 136

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Самарқанд), Бадахшон, Хуталон (Тоҷикистони имрӯз). Ва бад - ин тартиб хӯраҳои зиёди дигаре дар сарзамини имрӯзаи Форс, Армения, Сурия, Озарбойҷон, Ироқ ва ғайра ҷой доштанд.

Дугонии (байти) зерин аз достони «Вис ва Ромин» - и Фахриддини Гургонӣ ба маънии ҷойноми Хуросон равшанӣ мебахшад:

Хуросонро бувад маънӣ хуроён,
Куҷо з - ӯ хур барояд сӯи Эрон

Донишманди Эрон Эҳсон Ёршотир бо таҳлилҳои мӯбинона фалоти Ориёнои бузургро чунин дарёфтааст: «Ҳар гоҳе, ки Ориёнои Кабир аз нигоҳи сиёсӣ ба ду қисмат - Шарқӣ ва Ғарбӣ тақсим мешуд, номи Эрон насиби қисмати Шарқӣ мегардид ва номи Порсро чӣ дар Таврот ва чӣ дар кутуби Юнониву Румӣ «Шаҳаншоҳии Порс» навиштаанд, махсуси Эрони Ҷанубӣ мебуд».[162]

Мебояд донист, ки ҳар гоҳ вожаи ҷуғрофиёии (топонимикии) «Эрон» пеши рӯ оварда мешавад, бояд даррафт, ки кишвари «Эрон» - и борҳо дар «Шоҳнома» омада, он кишвари имрӯза, бо номи Ҷумҳурии Исломии Эрон, бо пойтахти Теҳрон намебошад. Ҳаким Фирдавсӣ бо ёдкарди Эрон, ҳамон сарзамини Ориёнои бузургро дар назар дорад, ки аз халиҷи Форс то марзҳои Чин паҳна дошт ва пойтахташ замоне Истахр – Персеполис (Тахти Ҷамшед - Эрони имрӯз), замоне Балх (Афғонистони имрӯз), замоне Сипоҳон (Исфаҳон - Эрони имрӯз) ва замоне Бухоро (Варорӯд) буд. Дар ин густараи паҳновар аксаран аҷдодони тоҷикон ва форсҳо зинадагӣ мекарданд. Кишвари Эрони имрӯзаро, ки пештар бо номи Форс

[162] Эњсон Ёршотир, «Сарзамини моро «Форс биномед, на Эрон», баргардон ба забони форсї Муњаммадсолими Спартак, «Торнамои Ховарон»

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дониста мешуд, шоҳи он кишвар, Ризошоҳи Паҳлавӣ, 22 марти соли 1935 Эрон ном ниҳод. Бисёре аз ҳодисаҳои дар «Шоҳнома» нақл гардида, дар марзҳои таърихии Хуросон (Афғонистони кунунӣ), Варорӯд (Мовароуннаҳр, Тоҷикистон), ба миён омадаанд. Чунинанд он ҷойномҳое, ки ҳодисаҳои Номаи бостон дар он ҷо гузаштаанд: Зобул, Кобул, Нимрӯз, Самангон, Балх, Бомиён, Бодғис, Буст, Бағлон, Хуст, Тахор, Заранҷ, Фориёб, Ғазна, Ҳарӣ (Ҳирот), Андароб, Андхӯ, Ҷузҷон (Гузгонон), Фархор, Бухоро, Самарқанд, Суғд, Бадахшон, Хатлон, Усурушана (Истаравшан), Хоразм, Испиҷоб (Ҷамбул - Қазоқистони имрӯз), Чоч (Тошканд), Марв, Омӯя, Омӯл, Хуҷанд, Термиз, Чағониён, Шакинон, Талимон, Фороб, Абивард, Сарахс, Хутан, Кошғар...

Дар пиромуни ба кишвари Форс бахшидани ҷойноми «Эрон», чи дар Эрон ва чи дар кишварҳои дигари эронитаборон донишмандони кишваршинос оҳангҳои эътирозии зиёде баровардаанд. Яке аз онҳо шоир ва пажӯҳишгари барҷастаи эронитабор, профессори Донишгоҳи Колумбияи Амрико, Эҳсон Ёршотир (1920 - 2018) мебошад, ки дар нашрияи «Мероси Эрон», соли 1955 мақолае навишта, ин иқдоми сарони кишвари Эронро иштибоҳ донистааст. Бо ибтикори Эҳсон Ёршотир соли 1959 кумитае оид ба пешниҳоди як идда фарҳангиёну давлатмардони эронӣ пиромуни баргардони дубораи номи Эрон ба Форс (Персия, Порша) созмон ёфт ва ин кумита ба ҳама сафоратҳои кишварҳои ҷаҳон мурочиа карданд, то пешниҳоди онҳоро бипазиранд. Саранҷом вазорати умури хориҷаи Эрон ба кишварҳои ҷаҳон нома фиристод, ки корбурди ҳар ду ҷойномро, яъне Эрон ва Форсро дар ихтиёр доранд. Аммо чуноне огоҳем, корбурди номи Эрон дар нисбат ба Форс бештар аст. Дар ин бора профессор Расули Раҳин донишманди тоҷики (Афғонистон) дар Шветсия зиндагӣ дошта, ки низ номгузории кишвари

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Форсро ба Эрон нодуруст мешуморад, пиндори хешро бо далелҳои воқеӣ баён намудааст, ки онҳоро мо низ мепазирем. Росту дуруст аст, ки номи ба кишвари Форс гузошта шуда ба сони Эрон, наметавонад бори сангини таъриху фарҳанг ва умуман ҷуғрофияи таърихии даҳҳо миллияту қавмҳои дар паҳнаи Ориёно (Эрони бузург) ба дарозои чандин садсолаҳо зиндагӣ доштаро бардорад. Ҳангоме ки гӯянд «Эрон» набояд танҳо кишвари имрӯзини Эронро бо пойтахти Теҳрон дар нигар гиранд. Эрон дар нисбат ба Форс паҳнаи густурдаеро фарогир аст, ки дар он Суғд, Хоразм, Бухоро, Афғонистону Балучистон, Курдистону Узбекистон ва Туркманистони имрӯзин ва монанди он шомиланд. Ва ин ном дар замонаҳои бостон фарогири ҷойномҳои Суғд, Хоразм, Порт ва монанди он низ буда, акнун байни мардумони ҷаҳон сардаргармиҳоро эҷод мекунад. Профессор Расули Раҳин бо овардани чандин далелҳои дигар пешниҳоди мушаххас менамояд:

«Акнун, ки шароити фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷуғрофиёии кишварҳои ҳавзаи Хуросони шарқӣ тағйир ёфтааст, иҷоб мекунад, ки ҳукумати Форс аз ҳама ҷаҳониён тақозои расмии ҷиддитар бикунад, то дар мавриди кишвари Форс ва забони форсӣ ҳамон номҳои анъанавии собиқро истеъмол кунанд. Мухолифони номи «Форс», «Порс» бояд бидонанд, ки «Порс» ба маънои оми он, иборат аст аз мамлакати кунунии Эрон. Дар собиқ ва ба таври хос номи яке аз муҳимтарин аёлати он кишвар будааст. Профессор Расули Раҳин идома медиҳад, ки «... калимаи «ориёно», «ориёнӣ», «ориён» (ва ҳам «Эрон», «эронитабор», «эронизабон», З. М.), дарбаргирандаи ҳувияти миллионҳо инсоне мебошанд, ки дар Порси қадим, ё Эрони кунунӣ зиндагӣ надоранд, вале дорои фарҳанги эронӣ ё ориёӣ ҳастанд. Фарҳангиён ва донишмандону пажӯҳишгарони

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ҳамаи ин кишварҳо ифтихороти Ориёно ва ё Эрони қадимро аз они худ мешуморанд».[163]

Дигар акнун мехоҳем як пурсиши ҳамеша дар андаруни хаёламон ҷой доштаро, ки то ҳанӯз натавонистаем бараяш посухи дилхоҳ пайдо кунем, пеши рӯ оварда, дар пиромунаш андешаронӣ кунем. Он пурсиш ин аст, ки аз чӣ бошад тоҷикони мо (эрониёну тоҷикони Афғонистон ва Самарқанду Бухоро низ) ҳар он сарлашкари ба сарзаминашон ҳамла оварда ва анбӯҳи одамонро куштаву ба бардагӣ бурда ва занонро гирифтори таҷовуз кардаро, ё ҳамчун паямбар бозгӯ намудаанд, ё сабаби фоҷеаи ба сарашон омадаро хости худо нишон дода, бештар худиҳои осиву бепарво ба динро гунаҳкори бадбахтиҳояшон гуморидаанд.

Ба ёдоварӣ меарзад, ки фарҳанги тоҷикону эрониён бештар ба сухан (арабиаш калом) такя дорад. Дар кишвари Хуросон – Варорӯд и пеш аз ислом фарҳанг аз роҳи шохаҳои дигари ҳунар, ба монанди мусиқӣ, наққошӣ, пайкартарошӣ ва монанди он берун меомадааст. Пас аз воридшавии дини ислом ба сарзамини аждодони мо фарҳанги тоҷиктаборон, бештар фарҳанги гуфторӣ (сухан) мебошад. Дар ҳарими ҳарами «Авасто», пас аз чирамандии ислом ба иллати носавоб дониста шудани ҳунари наққошӣ ва мусиқиву пайкартарошӣ, дар тафовут бо кишварҳои аврупоӣ тамоми завқу ҳунари ориёӣ ва фаъолиятҳои зеҳниву фикрӣ, дар чаҳорчӯбаи сухан ба кор бурда шуда, гузашта аз ин сухан бештар бо забони шеър баён гашт. Чуноне ки пажӯҳишгари овозаманд Шоҳрухи Максуб аз Авасто овардааст: «Ҳурмузд аз равшании бекарон тани бекаронро офарид ва аз он «Аҳун вайирия» падид омад, ки оғози офариниш ва фарҷоми офаридагон аз ӯ ошкор

---

[163] Расули Рањин, Ягонагии забони форсї дар дењкадаи љањонї, Стокњолм (Шветсия), Шўрои фарњангии Афѓонистон, соли 1389 /2010, с. 100 - 102

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

шавад; бошад, ки дин (хонанд). Чун дин ба ҳангоми офариниш офарида шуд. (Бундаҳиш с. 37) Бинобар ин нахуст он ки аз сакронагӣ (равшании бекарон) шуд каронмандӣ (оғоз ва фарҷом) падид омад, зеро пайдоиши дин (дониш) ногузир дар сухан (дуо) аст. Бе сухан чи гуна метавон донист. В – он гаҳе барои донистани дин бояд худоро шинохт ва барои шинохтани худо ҷуз сухан «роҳи дигаре нест. Ӯ бо худ дар сухан таҷалли мекунад (ваҳй)». Гӯйи дар сухан сеҳрест, ки чизе пинҳон, нопайдо ва дарнаёфтанӣ (чизе, ки ночиз буд) - ро пайдо, ошкор ва дарёфтанӣ мекунад; меофаринад.[164]

Аслан дар андешаи гузаштагони дури мо мо сухан ҳамчун беҳтарин подош ба одамон аз ҷаҳони боло фуруд омадааст то ӯ бифаҳмад, ки худо вуҷуд дорад. Ҳамон гуна ки дар китоби «Авасто» мехонем нахустин паямбар Зартушт аз Аҳурамаздо (Худо) мепурсад: «Эй, Аҳурамаздо! Пеш аз офариниши осмон, об, замин, оташ, ҷонвар, гиёҳ, Ашунмард (ба сони Одам), саросари ин зиндагӣ, пеш аз табаҳкорону девон чиро офаридӣ?» Он гоҳ Аҳурамаздо гуфт: «Эй, Спитамони Зартушт! Он Аҳун буд, ки туро дар дил афкандам».[165]

Ин дарёфти гузаштагони дури ориёиҳоро Ҳаким Фирдавсӣ чунин баён намудааст:

Агар беҳ набудӣ сухан аз худой,
Набӣ кай будӣ назди мо раҳнамой.

(Дар ин байт Ҳакими бузургвор гуфтааст, ки нахуст сухан пайдо шуд, ки одамон худоро шинохтанд. Дар боварии тарсоӣ нахуст аз курсии барин сухан (слово) фурӯд омад.)

[164] Шоњрухи Максуб, Њамосаи дод, Т., 1384/2005, с. 42
[165] Авасто, тарљума ва пажўњиши Њошим Разї, Тењрон, интишороти Бењљат, соли 1388/2009, с. 176

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Вожаи «сухун» - сухан, аз «Аҳун» баргирифта шудааст, ки бархе бо иштибоҳ пиндоштаанд ҷамъи арабии «сухан» аст.

## Сухани Меҳан пас аз Фирдавсӣ

Ба пиндори мо ҳар гоҳ сухан аз «Шоҳнома» ба миён ояд, мебояд ҳатман сухан аз меҳан низ ба миён овард ва ҳар гоҳ аз меҳри Меҳан гуфторе буд, боясти аз «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ ёд кард.

Адабиётшиносони шӯравии тоҷик, ки дар банди қоидаҳои замони идеологияи коммунистӣ буданд, аз бозтоби ҷанбаҳои милливу меҳании «Шоҳнома» худдорӣ мекарданд, зеро бим доштанд, ки эшонро бо гуноҳи эронигарой (панэронистӣ) гирифтори ҷазо месозанд. Чун афсонаи бофтаву тофтаи дар «Чаҳор мақола» - и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (1110 - 1161м.) омада созгори адабиётшиносии шӯравӣ низ буд (интиқод аз шоҳони золиму бефарҳанг ва дар муқобили он шоири нодору хори эътирознома навишта), он афсонаро бо чанд байт аз васфи дониш, паҳлавонӣ, муборизаи некӣ бо бадӣ, дарунмояи асосии шоҳномашиносӣ медонистанд. Тазкиранависон, ки низ маконашон сарзамини ишғолшудаи арабу турку муғул буд, ба «Шоҳнома» бад-он сон менигаристанд, ки хонҳову султонҳои туркнажод ва ҳомиёнашон халифаҳои Бағдод, аз ҷавҳари аслии он, яъне даъват ба мубориза бар зидди истилогарон, ҳифзи марзу бум, забон ва асолати нажодӣ пай набаранд. Нуктасанҷони гузашта натавонистаанд пиромуни барсохта будани достонҳои Фирдавсӣ ва Маҳмуд сухане рӯйи коғаз оваранд ва бо далелҳои устувор дурӯғ будани онҳоро тасбит кунанд, зеро пас аз марги соҳиби «Шоҳнома», дигар беш аз ҳазор сол бар тахти каёнӣ туркону муғулон нишаста буданд ва касе ҷуръат надошт ба сони Ҳаким Фирдавсӣ, аз фарри каёниву ориёӣ,

аз шукӯҳи Эрони Бузург сухансароӣ кунад. Ончуноне дар саросари «Шоҳнома» мехонем, шеъри Фирдавсӣ хори чашми ситамгарон буда, онҳоро бо танаффур «турки шӯридаи баднажод», «турки хунхорамаст», «турки бадгавҳари хираҳуш», «хунхорамард» ва монанди он номидааст ва яке аз далели дурӯғ будани достони номбурда ҳамин аст, ки ин шоҳкор наметавонист ба ҳафт пушт турки ғаддорро (яъне Маҳмуди Сабуктегинро) туҳфа бошад: (Султон Маҳмуд - Носир-уд-давла бинни Сабуктегин, бинни Саранг, бинни Ағмано, бинни Чавқон, бинни Ғӯй, бинни Қаробкуҳим, бинни Қизил Арслон ..)

Чунин ҳам баровард Бежан хурӯш,
Ки «Эй, турки бадгавҳари хираҳуш»

Ва ҳатто аз ин рамагардон ба тоҷу тахт нишастанро нанг донистаааст:

Фиғон кард, к – эй турки шӯридабахт,
Ки нанги ту бар кишвару тоҷу тахт.

Ба вижа дар он рӯзгоре, ки туркони хатоӣ бо сардории Илекхони Қарахонӣ аз ҷониби шимоли кишвар ва Маҳмуди Ғазнавӣ аз ҷануб лашкар кашида дудмони сомониро ба тамом аз байн бурданд ва Хуросону Варорӯд куноми сулолаи турк гардид. Фирдавсӣ – ситоишгари аслу насаби ориёҳо, дарди худро аз ситами азим, мазлумияти ҳангуфт ва ғорати ҷаҳонхорон ногуфта наметавонист. Бинобар ин дар сатр - сатри достонҳои размии эрониёну турониён бар Маҳмуди Сабуктегин ва насаби он – «тагинон», (яъне падараш Сабуктегин ва падарбузургаш Алптегин) бо хашму хурӯш ва ҳаяҷон соя меандозад:

В – аз он ҷо диловар ба ҳомун шитофт,
Бикушт аз тагинон касеро, ки ёфт.

Ҳар гоҳ сухан аз Номаи бостон равад, гуфтаҳои донишманди фарҳехта, Шоҳномашиноси беҳамто, Сайид Муҳаммад Дабир Сиёқиро мехоҳам пеши дидор оварам: «Шоҳнома» - ро бояд хонд ва ба диққат ҳам бояд хонд ва судҳо бурд. Ҳар эроние - тоҷике, ки дил дар гарави Эрон (Тоҷикистон, Хуросон) дорад, бояд ин китобро бихонад, то фарҳанги воқеии ин сарзаминро бишносад. Беҳуда нест, ки ин китобро бо сухани аз осмон ба замин омада баробар донистаанд ва кори бунёнгузори ӯро боз боло бурдани сухан ва бар курсӣ нишондани он донистаанд.[166]

Яқин аст, ки устод Дабир Сиёқӣ ин сурудаҳои сухнсарои бузурги дигари адабиёти форс - тоҷик, Ибни Ямини Фарюмадиро дар нигар дорад:

Сиккае к - андар сухан Фирдавсии Тусӣ нишонд,
Кофарам гар ҳеҷ кас аз мардуми фурсӣ нишонд.
Аввал аз болои Курсӣ бар Замин омад сухан,
Ӯ суханро боз боло бурду бар Курсӣ нишонд.

Дар борои замони офариниши «Шоҳнома» ва ҳадафи асосии офаридгори ин шоҳкор суханҳои фаровон гуфтаанд ва мо на ба ҳама он дарёфтҳову пиндорҳо бо чашми боварӣ нигаристаем. Мо ҳаргиз нахоҳем он гуфтаҳоро пазируфт, ки Ҳаким Фирдавсӣ «Шоҳнома» - ро бо фармоиши касе ва ё барои гирдоварии симу зар офаридааст. Мо ҳаргиз ҳамандешаи онҳое нахоҳем буд, ки «Шоҳнома» - ро афсона ва ҳатто устура мегуморанд. Мо бар он болидаем, ки пиндори мо бо дарёфтаҳои донишмандони бузурге чун

[166] Доктор Сайид Муњаммад Дабир Сиёќї, Зиндагиномаи Фирдавсї ва саргузашти «Шоњнома», Тењрон Нашри Ќатра, соли. 1383/2014, с. 429

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дабир Сиёқӣ, Бузург Алавӣ, Фаридун Ҷунайдӣ, Маҳмуди Бахтиёрӣ ва чанде дигарон рост меоянд, ки «Шоҳнома» фарҳанги мост, афсонаву устура нест. «Афсонасухан бад - ин дарозӣ нашавад».[167]

Ва ба пиндори мо бо онҳое, ки «Шоҳнома» - ро ба се бахш ҷудо кардаанд - бахши таърихӣ, бахши адабӣ ва бахши устуравӣ наметавонем дар жарфои дил розӣ бошем, зеро «Шоҳнома» - ро набояд бо тарозуи адабиётшиносии аврупоӣ баркашид. Дар ин китоби муқаддаси эронитаборон набояд ҳамгуниҳоеро бо устураҳои Юнон ва Руми бостон ҷустуҷӯ кард. Албатта бархе ҳамсониҳое бо устура (мифология) - ро метавон дид, аммо ҷуз ҳамсониҳо на чизи дигареро. «Шоҳнома» - ро бо шеваи адабиётшиносони аврупоӣ метавон асари таърихӣ - бадеӣ (Историко – художественное произведение / эпопея) номид. Ҳаким Фирдавсӣ дар чаҳорчӯбаи бозгӯии саргузашти шоҳони сулолаҳои ориёӣ, нахостааст, ки таърихро саросар аз ривоятҳо ва китобҳои таърихӣ бардошт кунад. Гаҳе бардоштҳоеро аз саргузашти Куруши бузург бо Фаридун, гаҳе бо Кайхусрав пайванд сохта, номи Курушро дар силсилаи шоҳони ориёӣ ҷой надодааст. Мардумони Мозандаронро ба сурати девон намоёндааст. Пурсишҳои бепосухи зиёде дар зеҳнҳо ҷой доранд, ки онҳоро танҳо метавон тахмин зад ва далелҳое наздик ба яқин пайдо кард. Чунончи: Чаро дар ҷое Золи Зар Симурғро ба сони «Худованди Меҳр» ном гирифтааст? Аз чист Золро душманон «Дастони ҷодупараст» ном додаанд: (Дастон номе, ки Симурғ ба Зол дода буд. Гаҳе адабпарварони мо бинобар дарнарафтан ба маънӣ, ин номро Достон мепиндоранд. Ба сони Рустами достон.) Аммо:

---

[167] Дабир Сиёќї, Зиндагиномаи Фирдавсї ва саргузашти «Шоњнома», Т., с. 1383/2004, с.439

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Шунидам, ки Дастони ҷодупараст,
Ба ҳар кор ёзад ба хуршед даст.[168]

****

Бад - ӯ гуфт Зол «Эй худованди меҳр,
Чу акнун намудӣ ба мо пок чеҳр».[169]

Ва дар нусхаи асли «Шоҳнома» шояд болои номи Симурғ, ташдиде буда бошад, ҳамсони Симмурғ, яъне мурғи симин.

Чаро мо дар пиромуни фарзияи (гипотезаи) аз сайёраҳои дигари Кайҳон ба Замин фуруд омадани иншооти парвозгари номуаяйн (НЛО) тахминеро ба сар роҳ надиҳем? (пиндорҳои уфологҳо) Ончуноне ки кайҳоншиносони астронавт аз фарози кайҳон дар рӯи Замин хатҳои парвози сафинаҳои кайҳонии фаротаърихиро (взлётная полоса) кашф кардаанд. Ё ҷангҳои метеорологии имрӯза ва ҷодугарии туркону шаманҳоро дар «Шоҳнома», ки бориши барфро барои ба нестӣ расондани шоҳ Кайхусрав ба миён меоварад ва шоҳ ба абад нопадид мешаваду лашкари ӯро як ҳафта ҷустуҷӯ карда, пайкари якеро аз онҳо наметавонанд пайдо кунанд:

Ҳамон гаҳ баромад яке боду абр,
Ҳаво гашт бар сони чарми ҳижабр.
Чу барф аз замин бодбон баркашид,
Набуд найзаи номдорон падид.
Агар шоҳ гашт аз ҷаҳон нопадид,
Чу боди ҳаво аз миён бардамид.
Дигар номдорон куҷо рафтаанд,

[168] «Шоњнома», љ. VI, сањ.392
[169] Њамон љо

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Магар панди Хусрав напазруфтаанд. [170]

Ва ё зоиши дигаргунаи Рустам, ки онро «Зоиши Рустамиёна» гӯянд ва онро аврупоиён «Зоиши қайсариёна» (Кейсерово сеченеие) унвон кардаанд. Ҳамон гуна ки дар «Шоҳнома» мехонем, ниёкони мо нахустин шуда дар аҳди Ҷамшед пизишкӣ омӯхтанд ва ба бори нахуст амали ҷарроҳӣ сурат гирифта, Рустами Дастон аз шиками модар бо амали «таваллуди Рустамиёна» (русиаш «Кейсерово сечение») зода шудааст. Нахустин кӯшиши инсон барои ба осмон парвоз кардан дар рӯзгори шоҳии Ҷамшед ба амал омадааст.

Ҳакими фарзона ҳар гоҳ агар кирдори деву аждаҳо, симурғу ҷодугаронро бозгӯ карда бошад, бо сухане аз рамзӣ буданашон ишораҳо дорад. Ба сони:

Ту инро дурӯғу фасона мадон,
Ба яксон равиш дар замона мадон.
Аз ӯ ҳар чӣ андар хурад бо хирад,
Магар бар раҳи рамз маънӣ барад.
Ҳар он ки гузашт аз раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар, машмараш - одамӣ.
Ва ё:

Ту мар девро мардум бад шинос,
Касе к - ӯ надорад зи яздон сипос.

Боре суҳбате доштем бо шоир ва андешаманди фарҳехта, муаллифи шеъри овозаманди «Ман ориёиям», устод Масъуди Сипанд дар пиромуни «Шоҳнома» ва замони Ҳаким Фирдавсӣ. Сухан аз он буд, ки агар Сомониён намебуданд ва як ҳаракати худогоҳии милливу

[170] «Шоњнома», љ. V с. 481

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

таборӣ дар миён намебуд, ҷаҳолати арабгароӣ ва дастгоҳи таассуби динии дар қаламрави Эрону Варорӯд ҳукмрон намегузошт то ин шоҳкори бузург суруда шавад. Ҳакими Тӯс, ки худ аз Хуросон буд, аз ин фазои истиқлол ва худогоҳӣ кор гирифта, шиносномаи Эрони Бузург, яъне «Шоҳнома» - ро офарид. Дар рӯзгорони офариниши «Шоҳнома» Маҳмуди Ғазнавӣ ҳанӯз ба бозӣ шуғл меварзид. Бинобар ин агар Исмоили Сомонӣ намебуд, «Шоҳнома» ҳам ба мо арзонӣ намегардид. Устод Масъуди Сипанд ин гуфтаҳои моро таъйид карда, фармуданд, ки «Шумо боз чӣ чизҳоеро дарёфтаед, ки дигарон ба он нуктаҳо аҳамият надодаанд?». Гуфтам: « 5 - 10 чизи дигарро».

Ҷоннисориҳои Ҳаким Фирдавсӣ - заҳматҳои 35 - солаи сароиши «Шоҳнома», ки танҳо барои донистани саргузашти пурифтихори ҳазорсолаҳои озодагони тахтнишину фарҳангофарин, дар ин замина гум нашудан дар кӯрароҳи арабгароӣ, ба худнигарӣ расонидани мардумон ва нигаҳдошти асолати забони дарӣ сарф кард, ба халифаҳову фақеҳони Бағдод сахт нохушоянд буд. Он чӣ халифаҳои империясоз мехостанд ба даст оваранд, яъне аз ҳуши ориёитаборон берун кашидани худогоҳӣ, забону фарҳанги миллӣ, ба фаромушӣ супурдани меҳандӯстӣ ва дигар арзишҳои ватандорӣ, сухансарое ба майдон баромада, озодагонро ба худашон мешиносонд. Гумон ба яқин аст, ки Ҳаким Фирдавсӣ чун достонеро ба поён мерасонд, шогирдони доно аз он нусха бардошта, дар байни мардум паҳн мекарданд. (Чунин пиндоре ба андеша мерасад, ки дар гирди Ҳакими фарзона, гурӯҳе аз донишмандону шогирдони доно гирд омада буданд ва ҳар саҳифаи офаридаро рӯйи даҳҳо варақ рӯнависӣ карда, бо дасти корвониёни самти Бухорову Самарқанд, Балху Марву Ҳирот ва Исфаҳону Аҳвозу Шероз ва дигар марказҳои донишсароӣ пахш мекарданд.) Достонҳо,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

суханҳои бедорсози «Шоҳнома» аз даҳон ба даҳон, аз сина ба сина байни озодзодагон паҳн мешуд.

Кас агар бо чашми некбину жарфбини як тоҷиктабори ориёӣ, сатрҳои «Шоҳнома» - ро бихонад ва заҳматҳои шабонарӯзии Ҳаким Фирдавсиро аз дили доғ - доғи меҳанпарастии худ бигузаронад, дархоҳад ёфт, ки ин шоҳи китобҳо танҳову танҳо бар ҳадафи бедор сохтани худшиносии милливу таборении ориёиён офарида шудааст. Аз шикастҳои фоҷеавӣ бо дарду ғам сурудааст, ба ҳамлаварони истилогар лаънат фиристодааст, вале рӯҳияи миллии ориёиҳоро баланд бардоштааст, то меҳанпарвариву суханварӣ, кирдору рафтори ориёии худро дубора баргардонанд, барои ин бояд ба кӯҳсорон паноҳ бибаранд то рӯзгоре бозгарданд ба хештани хеш. Ҳамин ангеза буд, ки пас аз чирамандии араб, Ҳаким Фирдавсӣ дар поёни шоҳкори худ, аз номи шоҳи охирини сосониён, Яздигурд, рӯйи ду саҳифаи «Шоҳнома» паёми вопасини хешро баён мекунад, ки аз он ин маъниро мебиниву дармеёбӣ: «Барои аз газанди ду нерӯи аҳриманнажоди гетӣ – яке тозиён, дигаре туркон эмин мондан, мебояд ба роғу кӯҳи баланд панаҳ бурд»:

Ҳамоно зи роғу кӯҳи баланд,
Зи турку зи тозӣ наёяд газанд.[171]

Дастур дода мешавад, ки аз хӯрданиҳову пӯшиданиҳо «ҳама ҳар чи ҳаст», «зарринаву ҷомаи набурид» (яъне матоъ), «аз хӯрданиҳову ҳар гуна соз», «зи говони гардункашон чил ҳазор (говони аробакаш), «гурунҷу дувоздаҳ ҳазор хирвор гандум, арзану пиставу нордон, рӯи ҳазор ароба намак, шакар, ангубин гӯшти намакхӯрда, ба сесад шутур нафти сиёҳ бор карда, ба ганҷурҳои кӯҳҳо бикашонанд»:

[171] «Шоњнома», љ.IX, с.451

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Зи говони гардункашон чил ҳазор,
Гурунҷ оваранд он ки ояд ба кор.
Ба хирвор аз он пас даҳу ду ҳазор,
Ба хӯша дарун гандум оранд бор.
Ҳамон арзану персаву нордон,
Биёрад яке мӯбади кордон.
Ҳамон говгардун ҳазор аз намак,
Биёранд то бар чӣ гардад фалак.
Намакхӯрда ҳар гӯшт чун чил ҳазор,
Зи ҳар сӯ ба дежҳо кашад пешкор.
Шутурвор сесад зи нафти сиёҳ,
Биёранд бар борҳо то ду моҳ.[172]

Яқин аст, ки эронинажодон, ба вижа тоҷикон, ба пайравӣ аз паёми вопасини, муноддии аслу насаби тоҷикӣ, аз куштору фишори саҳронишинони биёбонгард, ки талошу задухӯрд барои замини чарогоҳ доштанд, сабзазорони худро гузошта, пушти кӯҳҳои баланд ва рӯдҳои хурӯшон паноҳ бурданд. Ҳамин аст, ки тоҷикони мо ғолибан дар кӯҳҳои баланд макони зист ихтиёр карда, ночор даштҳои ҳамворро ба турку тозӣ вогузоштаанд.

Достонҳоеро ба сони Ҳушанг ва кашфи оташ, шоҳ Ҷамшед ва ҳазораи фарҳанговарии ӯ - кашфи пизишкӣ, кашфи оҳан ва аз он сохтани афзорҳои кишту разм, Ораш ва бахш кардани марзҳои Эрону Турон, достонҳои дилангезе барои ҷавонон чун «Зол ва Симурғ», «Коваи оҳангар», «Сиёвуш», «Баҳроми Гӯр ва Ланбаки обкаш», Тӯс ва писарони ӯ, Кабрӯ ва паёмади майнӯшии бехирадонаи ӯ, нахустин бозии шатранҷ, нахустин бозии чавгон, Шоҳ Шопур ва ба ғанимат бурдани дори - чалипои (салиби) Исои Масеҳ ва зории рӯмиён барои бозпас додани дор ва достонҳои бешумори ба нигаҳбонии замини

[172] «Шоњнома», љ.IX, с.450

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

падарон, ҳимояи нангу номуси миллӣ, сар нафаровардан дар пеши тозиёну туркони ҳамлавар ва монанди онҳоро наметавон бо достонҳои аз маниши қабиласолории биёбонгардони бефарҳанг бархоста, дар як радиф гузошт. Гаҳе ба андешае меравам, ки охир устод ба шогирдон дар чараёни ба онҳо накл кардани нолаву зориҳои гаштаю баргаштаи Мачнун аз фироқи Лайлӣ, дар ишқи Юсуф ба пирӣ расидану дубора душизаи зебо гаштани Зулайхо, кадом ормону орзуҳои инсониву меҳаниро, кадом манишу кунишу гӯиши ориёиро меомӯзонад?! Чиро хоҳад омӯхт аз донистани сайри ҳафт шаҳри ишқи соликони тариқати тасаввуф, ё сӯфиро ошиқу худоро маъшуқ пиндоштан як навраси дар оғози донишомӯзӣ қарор дошта?!

Дигар бузургони адаби дарӣ сухане пурарч аз Меҳани худ намегуфтанд. Пас аз Фирдавсӣ дигар сухансарое набуд, ки бо дарду ранч аз ҳамлаи туркону тозиён ба Меҳанаш бигӯяд:

Чу Эрон набошад тани ман мабод!
Ё:
Чаҳон пур зи бадхоҳу пурдушман аст,
Ҳама марзи мо чойи Оҳарман аст.
Ё:
Ки Эрон биҳиштест ё бӯстон,
Ҳаме бӯйи гул ояд аз бӯстон,
Ё
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Кас бо омӯзиши «Шоҳнома» - и бемарг аз часурӣ ва сарсупурдагии Ҳаким Фирдавсӣ дар шигифт мемонад. Ин суханони ӯ дар баробари бозгӯ намудани саргузашти пуршебу фарози ҳамвандонаш ба ҳамлаварони тозӣ бо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

чашми ҳақорат нигариста паёмади ҳамлаи онҳоро чунин мебинад:

Чу бо тахт минбар баробар шавад,
Ҳама номи Усмону Умар шавад.
Табаҳ гардад ин ранҷҳои дароз,
Шавад носазо шоҳи гарданфароз.
На тахту на дайҳим бинӣ, на шаҳр,
Зи ахтар ҳама тозиёнрост баҳр.
Чу рӯз андар ояд ба рӯзи дароз,
Нишеби дароз аст пеши фароз.
Бипӯшанд аз эшон гурӯҳе сиёҳ,
Зи дебо ниҳанд аз бари сар кулоҳ.
На тахту на тоҷу на зарринакафш,
На гавҳар, на афсар, на бар сар дурафш.[173]

## Ситоишҳои таҷовузгарони таърихи тоҷикон.

Суратгари шинохтаи рус, Александр Шилов (1943) дуруст гуфтааст, ки «Санъат - ҳунар ин бехатарии кишвар аст». Дар ҳақиқат муқаддастарин эҳсоси инсон - ҳимоя ва нигаҳбонии Ватан аст ва беҳтарин осори бузургон он офаридаҳое мебошанд, ки ба нигаҳбонии Меҳан бахшида шудаанд. «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавӣ ҳамон шоҳкорест, ки дар нигаҳбонии забони тоҷикӣ, пешгирии пурра аз нестшавии хотираи таърихӣ ва ҳувияти миллии тоҷикону эронитаборон нақши бузурге дошта, имрӯзу фардо на камтар аз гузаштаҳо дар нигаҳдошти забон ва парвариши рӯҳияи ватандорӣ метавонад хидмати шоиста дошта бошад.

Дареғ, ки таърих оморе надорад то шумораи кушташудагон ва ба бардагӣ бурдагони ориёиҳои тоҷику

---

[173] «Шоњнома», љ.IX, с.416

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

форсро аз ҳамлаҳои бераҳми макдуниҳо, арабҳо, муғулон ва туркҳои бодиягард рақам зада бошад. Ҳамин тавр аз шумору вазни сарватҳои ба яғмо бурдаи ҳамлаварон, дар китобҳои таърихнигорон бо вазни корвонҳои филҳову шутурҳои пурбор ба тахмин суханҳои умумӣ гуфта шудааст. Ба пиндори мо сарватҳои ҳангуфти ин сарзаминро бурдану, аз садҳо ҳазорон ҳунармандону пешаварони донову ворастаи миллат сохтани бардагону канизони худ, як паҳлӯи шӯрбахтии тоҷикон бошад, аз миён рафтани сармояҳои фикрӣ ва нобудии зербинои илмии кишвар фаҷеҳтар аз он мебошад. Ва фаҷеҳтару дардноктар аз он ҳама ба худноогоҳӣ ва худбохтагӣ расондани тоҷикон мебошад.

Ишғолгарон ба он комёб гаштанд, ки дар замони кутоҳе ориёиҳо кистиву чистии худро аз даст бидиҳанд. Чуноне ки юнониҳо дар дуртарин деҳоти кишвари ориёиҳо кӯшидаанд, забони мардумони маҳаллиро маҳв карда, ба ривоҷи забону фарҳанги юнонӣ даст зананд. Осори хаттии авастоӣ, аз ҷумла китоби ҳотҳои зартуштиро, ки дар ду нусха навишта шуда буд, якеро оташ зада, нусхаи дуюмро бо худ бурданд.

Дастрасӣ надоштан ба мероси гузаштаи ниёкон, ки дар асари ҳамлаи юнониҳову арабҳову муғулону туркҳои муғултабор эҷод шуда буд, боис гашт ба сайри фикрӣ ва фарҳангии ориёиён зарбаи сахт ворид гарад.

Ҳамон гуна ки адибони гузаштаи форс - тоҷик ҳамлаварони ваҳшисифати вайронгари сарзаминашон, кушандагони пирону кӯдакон, таҷовузгарони занону духтаронашонро бо як некбинии бегонавор тавсиф намуда, онҳоро дар асарҳои назмиву насрии худ хирадманд, додхоҳ, ободсозу некманиш бозтоб намоёндаанд. Барои исботи андешаи боло аз ҳар шикасти бар сари тоҷикон омада, як - ду намунаеро аз адабиёти форс - тоҷик пеши рӯ меоварем ва шоиста ба гуфтан аст, ки зеҳни он

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бузургонамон бар асари таблиғҳои чандсадсолаи дастгоҳи пурзӯри идеологии Бағдод, аз ҳувият ва ғурури ориёӣ холӣ гашта буд.

## Искандар, ё Александр Македонский.

Дар мавриди кӣ будани Искандари Макдунӣ (Александр Македонский) он қадар китоб навиштаанд, ки шояд чун ӯ чеҳраи дигари таърихӣ бад – он сон дарҳӯри таваҷҷӯҳи таърихнигорону адибони замонаҳо нагашта бошад. Баъзеҳо бар онанд, ки бахшида ба Искандари Макдунӣ дар Ғарб беш аз 30 000 китоб ба чоп расидааст. Ба вижа таърихнигорон, адибону синамогарони Аврупо ҷузъиёти зиндагии Искандари Макдуниро бозтоб намуда, намоди нерӯи созандаву фарҳангпарвари аврупоиеро дар муқобили тамаддуни Эрони Бузург (ки дар филмномаҳову навиштоҳо «барбарон» унвонашон кардаанд), барсохтаанд.

Чунончи Плутарх - таърихнигори юнонӣ (с. 45 – 127 м.), навиштааст, ки «Искандар омили дигаргунии ҷаҳон гаштааст. Ӯ аз тариқи барпо сохтани заношӯйӣ байни эрониёну юнониён насли нави мардумеро ба дунё овард, ки ба фарҳанги элинӣ дилбастагӣ пайдо карданд. Ӯ ҳамчунон менависад, ки ӯ роҳи дурусти зиндагиро ба воситаи ҷалб кардани аҳолии Арахосия (Қандаҳор) ба кишоварзӣ, нишон дод. Гӯйи Искандар ба суғдиҳо омӯхт, ки падару модари худро ба ҷойи нобуд кардан, гиромӣ доранд. Ӯ ба эрониҳо ёд дод, ки қадри модарони худро бидонанд….

Бубинед, Плутарх то чӣ андоза дурӯғбофӣ карда, ҳамванди худ Искандари таҷовузгарро додхоҳу хирадманд бознамоёнда, эронитаборон, аз ҷумла Суғдиёнро чун барбарон (ба сони масагетиҳои одамхор) нишон додааст. Ба пиндошти Плутарх Искандар ва юнониён

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

порситаборонро кишоварзӣ омӯзонда будастаанд. Донишмандони Авастошинос ва пажӯҳишгарони таърих ба исботи қатъӣ расидаанд, ки дар нахусткитоби ориёиҳо «Авасто» дар мавриди кишоварзӣ суханони бешуморе гуфта шудааст ва оини Зартушт худ оини кишоварзӣ мебошад. Китоби «Авасто» пеш аз Плутарх навишта шудааст, ки оини зиндагии кишоварзон мебошад.

Новобаста ба чопи китобҳои бешумор, намоишҳои театриву синамоӣ ва дурӯғгӯйиҳои таҳқиромез дар пиромуни ҳамлаҳои хуношоми Искандар, ҳанӯз нуктаҳои камгуфта ҷой доранд, ки сабаби асосии юришҳои юнониёнро равшантар месозанд. Ончуноне, ки дар осори сухангустар (оратор), нависанда ва публитсисти овозаманди Юнони бостон, яке аз мухолифони бинишҳои демократӣ, Исократ (436 - 338 п. аз м.) паҳлӯҳои гуногуни сиёсӣ ва давлатдории кишвари Юнонро таҳлил карда, дар китоби худ зери унвони «Панегирика» (Ситоишнома - Мадҳия) даъват кардааст, ки «... ҳама давлатҳои юнонӣ гирдиҳам омада, ба юриши ҳамакаса ба сӯйи Шарқ, бар зидди форсҳо ҳамла кунанд». Дар охири умри худ, зимни суханрониаш бо номи «Филиппика», Исократ шоҳи кишвари Македония, Филиппи II - ро мехоҳад водорад, ки ҳамлаи макдуниҳову юнониҳоро бар зидди форсҳо сарварӣ кунад.[174] Ҳамон гуна ки пайдост фйласуфон ва лояи ашрофзодагони Юнон пеш аз таваллуди Искандар императоронро ба торумори Эрони Бостон, пеш аз ҳама аз худ кардани сарватҳои ҳангуфти он ва надодани боҷу хироҷи транзитӣ, барои аз марзҳои Форс бурдани абрешим ба Юнон (чун роҳи ягонаи абрешим аз марзҳои Варорӯду Форс мегузашт.)

Бо омӯзиши зиёди навишторҳои таърихнигорону адибон гумон дорам, ки пас аз нигоштаи донишманди

[174] Вольдемар Балязин, Мудрость тысячалетий, Энциклопедия, М., 2001, стр. 88

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бузурги тоҷик Абурайҳони Берунӣ - ҳамсуҳбати Ибни Синои ҷавон дар китоби пурбаҳои «Осор - ул - боқия», рӯ овардан ба мавзӯи кистиву чистии Искандари Макдунӣ ниёзе набуд. Абурайҳони Берунӣ, ҳанӯз дар замони зиндагии худ ба пиндорҳои росту нороcти чеҳраи Искандар, ба вижа пайвастани Зулқарнайн ба Искандари Макдунӣ - писари Файлақус (Филипп) андешида, ҷудо кардани фасли алоҳидаи китоби худро унвонии «Ҳақиқати Зулқарнайн», ногузир шуморидааст. Берунӣ дар оғози он фасл навиштааст: «Ногузир ҳастем, ки ҳақиқати ин исмро ки Зулқарнайн бошад, дар фасли ҷудогона баён кунем, зеро агар барои ин фасле ба танҳоӣ тартиб намедодам ва дар дунболи таърихҳои собиқулзикр эрод менамудам, он тартиберо, ки таърихҳо бояд доро бошанд, қатъ карда будам. Аз қиссаҳои Зулқарнайн ва корҳои ӯ дар Қуръон ҳикоят шуда, ки ҳар кас оёти махсус ва ахбори ӯро бихонад, хоҳад донист. Ва он чи аз ин оёт бармеояд ин аст, ки ӯ марди қавӣ ва солеҳу шуҷоъ буд. Ва худованд ба ӯ қудратеву салтанати бузург бахшида буд ва ӯро аз мақосиде, ки дар Шарқу Ғарбзамин дошт, ки иборат аз фатҳи шаҳрҳо ва раёсату фармонравоӣ бар ибод бошад, оламгир карда буд...»[175]

Аммо огаҳон медонанд, ки пас аз ин ба чеҳраи Искандар он қадар шоххҳои додхоҳиву адолатпарварӣ, ободсозиву пайғамбарӣ рост кардаанд, ки касро вомедорад ҳувияти ориёии худро ба фаромушӣ супорида, худро юнониву макдунӣ бигуморад.

Мутаассифона, то кунун дар адабиёт ва пиндоштҳои мардуми эронинажод, ба вижа тоҷикон ба чунин андеша рӯ ба рӯ мешавем, ки аз Александр Македонскии золиму қотилу ғоратгару харобсоз, Искандари Зулқарнайни худойгуна додгустару башардӯсту растагору раъиятпарвар,

---

[175] Абурайњони Берунї, «Осор - ул - боќия», Душанбе «Ирфон», 1990, сањ. 57

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

мубориз бо ситамгарон тасвир мекунанд. Искандаре, ки сарвати бебаҳои Истахр, хазинаҳои бепоёни Суғду Бохтарро ба ғорат ба Юнон мебарад. Тахти Ҷамшедро бо китоби муқаддаси «Авасто», ки ёдгори беҳамтои фарҳанги ҷаҳонӣ буд, ба оташ меафканад.

Донишманди нуктасанҷи Эрон, Ғуломҳусайн Бегдилӣ дар иртибот ба ин мавзӯъ, бо дақиқназарӣ гуфтааст, ки Искандар бо кирдори ноҷавонмардонаи худ чунон ба таъриху фарҳанг ва ҳайсияти миллии Эрон ва сарвати маънавии кишвар зарба мезанад, ки таъсири тоқатфарсои он то ҳанӯз идома дорад: « ... ва агар ин таҷовузи ваҳшиёна ба ҳарими фарҳангу забон ва истиқлоли Эрон набуд, заминаи шикастҳои баъдии эрониён дар баробари ҳуҷуми аъроб, истилои салҷуқ, юриши муғул ва темуру афғону ғайра ҳам фароҳам намешуд».[176]

Вале чеҳраи Искандар дар адабиёти классикии форс - тоҷик ба гунаи гуногун бозтоб гардидааст ва ҷойи шигифтест, ки барои ҳеҷ шахсияти устураӣ ва таърихӣ то кунун ба андозаи Искандар асари вижа ба забони форсӣ (тоҷикӣ) таълиф нашудааст. Ҳашт асар ба достони зиндагии Искандар бахшида шудааст, ки аз ин шумор се асар ба наср нигошта шуда ва панҷ асар дар қолаби шеър суруда шудааст.

Достони Искандар дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, «Искандарнома» («Шарафнома») - и Низомии Ганҷавӣ, «Ойинаи Искандарӣ» - и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Хираднома Искандарӣ» - и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Доробнома ва Искандарнома» - и Манучеҳри Ҳаким, Қиссаи Зулқарнайн - и Бадриддини Абдусалом Ҳусайнии Кашмирӣ (Бадрӣ) ва чанде дигарон афзун ба

---

[176] Ѓуломњусайн Бегдилї, «Чењраи Искандар дар «Шоњнома» и Фирдавсї ва «Искандарнома» и Низомї, Т.1369/ 1991, с.67

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

гуфтаҳои таърихнигорон кӯшидаанд ба гунаи муфассал зиндагӣ ва шахсияти Искандарро бознамоён созанд.

Бо вуҷуди ин то ҳанӯз касе бар пояи устувори рӯйи мантиқ нагуфтааст, ки Искандари Қуръон ҳамон Александри юнонӣ - макдунӣ, фарзанди Файлақус - Филипиус мебошад, ё хайр. Агар Искандари Зулқарнайн (яъне душоха) ҳамон Александр Македонский бошад, аз чӣ ӯро шахсияти додхоҳ ва кушторҳои ӯро нек дарёфтаанд. Агар Искандари дар китоби осмонӣ ёдшуда ҳамон писари Файлақус бошад, ӯ ки ба ислом хурдтарин пайвастагие надошт.

Мо наздик ба ду даҳсола пеш, пас аз ошноӣ бо як силсила ҷусторҳои донишмандони аврупоӣ ва пиндорҳои зидду нақизи гузаштагони худӣ, чашм ба дарёфтҳои ҷолиби Мавлоно Абулкаломи Озод, дар баргардони донишманди доно Бостонии Поризӣ ва пешгуфтори устоди фарҳехта Саид Нафисӣ бурда, бардоштҳои хешро унвонии «Искандар, ё Куруши Бузург», «Рухшона магар қаҳрамони тоҷикон буд?», дар ҳафтаномаҳои «Фараж» ва «Нигоҳ», ба чоп расонда будем. Соле пеш бо кӯшишҳои донишманди мо Раҳмоналӣ Мирализода нашрияи «Адиб» зери таҳрири шоиру китобпарасти тоҷик Давлат Сафар китоби Мавлоно Абулкаломи Озод бо унвони «Куруши Кабир - Зулқарнайн» - ро, ба чоп расонд.

Мавлоно Абулкаломи Озод дар ҷустори мӯшикофонаи хеш гумонҳову дарёфтҳои ҷӯяндагони таърихи дури Юнону Эрон ва пиндорҳои тозиён, эрониён ва дигаронро пайваста ба зиндагӣ ва юришҳои Искандари Макдунӣ, сабаби душоха - Зулқарнайн унвон ёфтан ва ҳамгуниҳои Искандари Зулқарнайни Қуръон бо Куруши Бузургро бозбиниву баррасӣ карда, ба натиҷае нек расидааст, ки Искандари Зулқарнайни Қуръон ҳамон Куруши Бузург аст.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ҳамзамон пиндорҳои гунагуне ба сони Фаридун, Кайковус, Кайхусрав, ё Заҳҳоки дар «Шоҳнома» бозтоб шуда, Саъб бинни Ҳаммоли Ҳимярӣ, Абӯбакр Шаммар Юръиш бинни Ифриқис, Иброҳим алайҳисалом, Сулаймон алайҳураҳма ва боз чандин чеҳраҳои устураиву таърихиро ба Зулқарнайни Қуръон ва ё Искандари фарзанди Файлақуси Макдунӣ яке донистан, адибону таърихнигорони форс - тоҷикро ба натиҷагириҳои росту нораст бурдаанд.

Дар таълифоти динӣ ба андешае дучор меоем, ки Зулқарнайнро тахаллус «Айёш» будааст: « Номи аслии Зулқарнайн «Айёш» мебошад ва баъд аз Нӯҳ аввалин подшоҳест, ки бар Шарқу Ғарби замин ҳукм ронд. Қуръон он маъниро чунин фармудааст:

ویسألونک عن ذی القرنین قل سأتلو علیکم منه ذکراً. انا مکناله فی الارض و آتیناه من کل شی سبباً فاتبع سبباً. حتی اذا بلغ مغرب الشمس و جدها تغرب فی عین خمیه و وجد عندها قوماً قلنا یا ذی القرنین إما آن تعذب و إما آن تتخذ فیهم حسناً. قال اما ظلم فسوف نعذبه ثم یرد إلی ربه فیعذبه عذابا نکراً وأما من آمن و عمل صالحا فله جزاء الحسنی و سنقول له من أمرنا یسرا.....

(Сураи Каҳф, ояи 83 то 88)

Дар китобҳои фақеҳон мехонем, ки «... Аввалин иқдоми Зулқарнайн ин буд, ки мардумро ба ислом ва тавҳид фаро хонд. Ӯ ба қавмаш фармон дод масҷиде бисозанд, ки тӯли он чорсад зироъ (андоза аз оринҷ то сарангушти мард) ва арзи саҳнаш бисту ду зироъ ва иртифоъаш сад зироъ буд». «Худованд ба Зулқарнайн вайҳ фиристод, ки ман туро ҳоким бар Шарқ ва Ғарби замин гардонидам.». «Эмом Боқир мефармоянд: Ҳеҷ як аз анбиё, баъд аз Нӯҳ ба мақоми подшоҳӣ нарасиданд, магар чор нафар аз онҳо, ки иборатанд: Зулқарнайн, ки номаш Айёш аст, Довуд, Сулаймон ва Юсуф». «... Ба Зулқарнайн ду зарба фурӯд омад яке дар рӯзи ҷанги Хандақ ва дигаре

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

зарбаи Ибни Мулҷам, ки мунҷар ба шаҳодати он вуҷуди нуронӣ гардид.»[177]

Чуноне дида мешавад, ин Искандар дар ҳамлаи араб ба сарзамини падарони мо иштирок дошта дар рӯзи ҷанги Хандақ зарба хӯрда ва бо зарбаи дуввум аз Ибни Мулҷам кушта шудааст. Пас чунин бошад ӯ ҳазор сол пас аз Искандари Макдунӣ зистааст.

Мавлоно Абдукаломи Озод навиштаҳои Байҳақиро ба сони «…. Искандар марде будааст бо тӯлу арз ва бонгу барқ ва соиқа чунон ки дар баҳору тобистон абр бошад, ки ба подшоҳони рӯйи замин бигзаштааст бозоварда ва биборидаву бозшуда….» ёдовар шуда пиндори дурусти хешро чунин меоварад: «… танҳо аз инҷимод (бастагӣ) дар маорифи Шарқ сабғаи (ранги) ҷовидонӣ гирифт ва аз либоси ҷаҳонгириву одамкушӣ баромад ва дар ҷустҷӯи Чашмаи ҳаёти ҷовидонии маърифат аз зулумоти ҷаҳл халосӣ ёфт ва сурату ҳолати Зулқарнайн пазируфт ва ҳарчанд афсона буд, вале ба ҳар ҳол зебу зинати маънавият омехта , бо рӯҳоният ороста шуд. Яъне дуруст аз он лаҳза, ки унвони Зулқарнайн бад - ӯ итлоқ шуд, на танҳо қабули омм ёфт, балки ҳатто дар мавориде аз Куруш ҳам пешӣ гирифт. Чунон ки масалан, дар давраи тамаддуни исломӣ фақат ба далели он ки унвони Зулқарнайн бар номи Искандар изофа шуда, ба гунае ҷанбаи маънавию мазҳабӣ низ ба Искандар дода шуд, ки дар органҳои адабии мо ҳатто дар маорифи исломӣ низ дар Шарқ ҷойи пое ёфтааст.» (Ва ҳама «Искандарнома» - ҳои мо ва таърифу тамҷидҳое, ки аз Искандар шуда, аз ин сарчашмаи оби ҳаёт об мехӯранд.

Беҳуда набуд, ки мардуми рӯзгори қадим тасаввур мекарданд, ки модари Зулқарнайн аз нажоди чин будааст,

---

[177] Баргирифта аз китоби Сайид Неъматуллоњи Љазоирї, Достонњои паёмбарон, ё Ќиссањои Ќуръон аз њазрати Одам, то њазрати Муњаммад - Ќиссас - ул - анбиё, Т., 1380/2001, с. 250 - 268

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

чунон ки модари Билқисро ҳам аз париён медонистанд ва дар бораи Абдуллоҳ бини Ҳилоли шуъбадабоз ҳам муътақид буданд, ки ӯ духтари шайтонро хостгорӣ кардааст.

Афсонаҳои омиёна ҳамеша ҳолаҳое (аураҳое - хирмани моҳтоб) ҳастанд, ки бар гирди шахсиятҳои қаҳрамонони таърих метананд. Дуруст мисли моҳ, ки пеш дар шабҳои қабл аз боронӣ «хирман мебандад», яъне ҳолае бар гирди он пайдо мешавад ва халқ мутмаин мешавад, ки борон дар пеш аст.)[178]

Хуб, мо пиндорҳои зиду нақизро мегузорем канор, хаёли адабӣ як офарандаи асареро ба ҳар сӯ мебарад, вале моро мебояд андешаронӣ дошт, ки аз чӣ сарояндагони ниҳоят бузурги достонҳои форсӣ - тоҷикӣ ин золими даҳрро нексиришту накӯкор хондаанд. Онҳо Искандари Қуръонро дар нигар надоштанд, асосан Искандари писари Файлақусро мепиндоштанд. Ва ҳатто фикри куфргунае ба сар меояд, ки шояд иддае аз бузургони адабиёти бостонии мо ба иштибоҳ роҳ дода, Зулқарнайни Қуръонро Искандари Макдунӣ дида бошанд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар ибтидои достони ба Искандар бахшидааш, хостааст вайро хушбин нишон бидиҳад. Он нобиғаи нотакрори меҳри Меҳан, чун намехост ба хаёли худ роҳ бидиҳад, ки маҳди ниёкон, Ориёнвиҷро бегонагон шикаст дода, бар тахти каёнӣ такя задаанд, Искандарро аз нажоди каён, фарзанди Дороб, (бародари Доро), аз зани румиаш ба исми Ноҳид бозтоб намудааст. Аз рӯйи тасвири Ҳакими Тӯс, пас аз чирамандӣ бар Юнон, Дороб духтари қайсари Рум, Ноҳидро ба занӣ мегирад. Вале чун аз даҳони шоҳдухтари Рум бӯйи бад ба димоғ мерасид, шоҳаншоҳ ӯро ба хонаи падар пас мегардонад. Пизишкҳо тадбири аз

178 Абулкаломи Озод, «Куруши кабир - Зулќарнайн» - аз сарсухан ва баргардони Бостонї Поризї (ба хати тоъикї баргардони профессор Рањмоналї Мирализода), Душанбе Адиб, 2019, сањ. 92

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

байн бурдани бӯйи нохуши даҳони Ноҳидро наметавонанд пайдо кунанд. Пизишке ба шоҳдухтар тавсия медиҳад, ки гиёҳеро бо номи «искандар», истеъмол намояд. Ноҳид аз нутфаи Дороб обистан буданашро аз шавҳару дигарон пинҳон медорад ва чун писар таваллуд мешавад, ба хотири гиёҳи рабояндаи бӯйи нохуш, Искандараш ном мениҳанд. Дар «Бурҳони қотеъ» омадааст, ки он гиёҳ ба румӣ «искандарус» ном дошта, ба забони форсӣ «сир» гӯяндаш. Яъне дар тасвири Ҳаким Фирдавсӣ Искандари Макдунӣ аз нажоди падарӣ ҳахоманишӣ ва аз модар юнонӣ будааст.

Ин достон ба ҷуз аз «Шоҳнома», дар офаридаҳои куҳани осори таърихии пас аз ислом, монанди «Маҷмаъ - ут - таворих ва - л қиссас» - и Таърихи Табарӣ, «Таърихи Яъқубӣ», «Таърихи Саъолебӣ» ва «Таърихи Гардезӣ», «Осор-ул-боқия» - и Абурайҳони Берунӣ низ ёдрас шудааст.

Мебояд ба якборагӣ ёдовар шуд, ки таърихнигорону достонсароёни форс - тоҷик, ки мардумони кишварҳои тасхиршуда буданд, аз Искандар чеҳраи писандида ва паёмбаргуна тарошидаанд.

Оини Зартушт ба Искандар лақаби «гуҷастик» (малъун) - ро додааст, яъне лақабе, ки Искандар дар доштани он бо Аҳриман шарик аст.

Дар сарчашмаҳои ғайрипаҳлавӣ монанди сурёнӣ ва ҳатто юнонӣ Искандар ҳама ҷо марде ситамкор, вайронгар ва аҳриманӣ васф шудааст. Дар ин гуна сарчашмаҳо аз шоҳи макдунӣ бо унвони «гуҷастик» (нопок) ва ҳамрадифи золимоне чун Заҳҳоки бедодгар ва Афросиёби бадандеш ёд шудааст. Нависандаи таърихи «Ҳабиб - ус - сияр» ба ихтилофи дидгоҳҳои таърихнигорони дигари эронитабор дар ин бора чунин ишора мекунад:

«Ин воқеиятҳои талхи таърихӣ боис шуд, ки симои Искандар дар мутуни паҳлавӣ, монанди Динкард, Бундаҳиш, Корномаи Ардашери Бобакон манфӣ бошад.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ӯро як унсури бегона ва барҳамзанандаи дину оин ва парешонкунандаи кутуби динӣ дониста ва аз вай сахт мазаммат намуда ва номашро ба баду зиштӣ ёд кардаанд, ба тавре ки ҳар ҷо исме аз вай бурда шуда, сифати гуҷаста (малъун) бо номаш ҳамроҳ аст».[179]

Дар «Хираднномаи Искандарӣ» - и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ беш аз ҳар чиз аз ҳикматандӯзӣ ва хирадварзии Искандар таъкид шудааст. Чун Искандаре, ки аз ҳакимони барҷастаи замони худ мехоҳад барояш хираднномае тадвин кунанд, то худ ва дигарон аз он баҳра гиранд. Ба таври кулли тасвири Искандар дар ин достон тасвири ҳакиме донишдӯст ва меҳрварз аст, то подшоҳе кишваркушо ва одил.

Амир Хусрав ба далели эронӣ набудани Искандар, воқеияти таърихии кӯшишҳои ӯро барои аз байн бурдани Зартуштиён пуробуранг ба назм кашидааст ва Ҷомӣ бидуни пардохтан ба мавзӯъҳое монанди эронӣ будан, ё набудани Искандар ва аз миён рафтани Зартуштиён андешаҳои мавриди назари худро дар қолаби хираднномаҳои гуногун ва хитоб ба Искандар ба назм кашидааст ва аз ҳамин рӯ Искандар дар достони ӯ чеҳраи донишдӯст ва хирадварзро пайдо кардааст:

Ки шоҳо Сикандар ҳама бихрадист,
Дилаш равшан аз партави эзадист.

Аммо сухан ин ҷост, ки чаро шоирони бузурги адабиёти форс - тоҷик осори адабиро аз намоди Искандар пур карда он кушандаи 36 подшоҳ, ба оташ афканандаи китоби нахустини ҷаҳониён - китоби тоҷикон «Авасто» - ро хирадманд (Хираднномаи Искандарӣ), шарафманд (Шарафнома) номидаанд. Мо бештару бештар дар шигифт

---

[179] Хондамир, Таърихи Њабиб - ус - сияр, Зери назари доктор Дабир Сиёќї, Тењрон, Интишороти Хайём, љ. II сањ.548

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мемонем, ба вижа ҳангоме ки «Искандарнома» - «Шарафнома» - и Низомии Ганҷавиро сафҳагардон мекунем ва аз хештану аз донандагони адабиёт мепурсем, ки кадом ангеза шоири хушсухану бузурги форсигуро водоштааст то золими даҳрро ба чунин арҷу ситоишҳо шоиста бигуморад. Албатта адабиётшиносони нуктасанҷе чун устоди зиндаёд Аълохон Афсаҳзод пас аз ҷусторҳои зиёд ба пиндоре расидааст, ки ҳадаф аз нексиришту некманиш хондани чеҳраи Искандар, дарёфт ва симои шоҳи идеалиро бознамоён сохтан мебошад: «Дар Хирадномаи Искандарӣ, Ҷомӣ нисбат ба гузаштагон шоҳи идеалиро мукаммалтару мусалламтар ба тасвир кашидааст». Устоди зиндаёд барои шоҳи одил намоёндани Искандар, ин сатрҳоро намуна овардаанд:

Наҷуста ба бад ҳаргиз озори ҳам,
Ба ҳар кори некӯ мададгори ҳам.
На з -эшон тавонгар касе, не фақир,
Бар эшон на султон касе, не амир.
Баробар ба ҳам қисмати молашон,
Мувофиқ ба ҳам сурати ҳолашон.
На аз меҳнати қаҳташон сол танг,
На бар сафҳаи сулҳашон ҳарфи ҷанг.
Зи як хона ҳар як шуда баҳраманд,
На дар бари хонаҳошон, на банд.[180]

Равони устод Афсаҳзоди пуркору донишманди фарҳехта ба биҳишт бод, охир кадом ангезаву андеша Ҷомии бузургворро водоштааст, ки аз як ғосиби малъуни қотил симои шоҳи идеалӣ бисозад. Аз чӣ нахостааст, ки ояндагон аз шикастҳои падаронашон панд бигиранд, то дигар он шикастҳои маргбор такрор нашаванд? Кош, номи

---

[180] Аълохон Афсањзод, Абдурањмони Љомї, Душанбе «Маориф», 1978, с. 142

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ин хунхору баччабози дар таърих машҳурро ба канор гузошта, қаҳрамонашро Куруш, ё Дориюш ном мемонд.

Шигифт он низ аст, ки Низомии Ганҷавӣ ин ҷаллоди даҳрро дар баробари паямбаргуна нишон додан, насабашро то Иброҳими халилуллоҳ мерасонад ва бо пайравӣ ба ӯ чандин шоирони дигар низ ин нуктаро такрор кардаанд. Дар он сурате, ки Искандар худро фарзанди сарвари худоёни юнонӣ - Зевс мехонд. Дар китобҳои аврупоиён омадааст, ки Модари Александр Олимпия овозаеро паҳн карда буд, ки гӯё ӯ аз Зевс – подшоҳи худоён, ки дар намоди мор пайдо шуда буд, ҳомиладор шудааст. Александрро дар тамоми зиндагӣ андешае фарогир буд, ки ӯ аз як бандаи муранда фаротар аст. Александр хонаи падариро тарк кард, то ки дар назди Арасту дарс биомӯзад. Ҳангоме ки вай аз назди Арасту баргашт, падараш зани дигар гирифта буд ва аз он ҳам бадтар модарандараш писар зоида буд, ки метавонист рақиби ӯ дар соҳибӣ ба мероси тахти подшоҳӣ гардад. Ин ҳама боиси барангехтани ранҷу озурдагӣ шуд. Писару падар миёни худ пархошҳои сахт доштаанд. Душманӣ миёни Филипп ва Александр то ҷое тезутунд гашт, ки ӯро ба дарбадарӣ водошт. Дар фарҷом онҳо баҳам омаданд, аммо ин оштӣ дер давом накард. Соли 336 п. м. ба пайкари шоҳ Филипп ханҷар халиданд. Вале касе огоҳӣ пайдо карда натавонист, ки дар пушти он куштор чӣ касе қарор дорад. Албатта буданд дудилагоне, ки куштори Филиппро ба хотири нишасти Искандар ба тахти шоҳӣ тахмин мезаданд.

Маснавии Искандар дар «Панҷ ганҷ» - и Низомии Ганҷавӣ аз ду бахш бо унвонҳои «Шарафнома» ва «Иқболнома, ё Хираднома» иборат аст. Низомӣ дар бахши «Иқболнома, ё Хираднома» - и маснавии худ Искандарро аз ҳадди подшоҳӣ фаротар бурда марди ҳакиму донишманд ва дар фарҷом паямбари динпарвари худойгуна месозад:

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ба пайғамбарӣ кӯбам он гаҳ дараш,
Ки хонад худо низ пайғамбараш.

Донишманди доно Саид Ҳасани Сафавӣ бар он бовар аст, ки мисраъи дуввуми байти дар боло оварда ишора ба сураи Каҳф, ояи 85 дорад, ки гуфта шудааст: «Аммо ан таазуб ва аммо ан татаххуз фаҳим ҳасано» (ки хонд худо низ пайғамбараш).[181]

Ин далел гувоҳ бар он аст, ки танҳо ангезаи бовари динии исломӣ саабабгори ситоиши Искандар дар достонҳои офаридаи пас аз вуруди ислом ба сарзамини озодагон гаштааст. Ва Низомӣ бо пайравонаш ӯро то рисолатдори паямбарӣ боло бурдаанд.

Таърихнигорони аврупоӣ бар онанд, ки чун императории Форс аз Туркияи имрӯза то Покистон густара дошт ва саду панҷоҳ сол пеш аз Искандар форсҳо шаҳри Афина - пойтахти Юнонро сӯхта буданд, инро ҳамчун ҷинояти низомӣ аз ёдҳо фаромӯш накарда буданд. Акнун ба Александр Македонский, ки фурсати муносиби интиқомгирӣ фароҳам омада буд, ба Форс ҳамла оварда, онро тасхир намуд.

Пас бо вуҷуди худро писари шоҳи худои юнониён - Зевс шумурдан, ба хотири интиқоми пойтахти сӯхтааш ва дар зимн талафоти ҳамқавмонаш, ба маҳди падарони эронитаборон ҳамлавар гашта ниёконро якояк куштану марзу буми Эронро вайрон кардан, беҳтарин сухансароёни адабиёти форс - тоҷик Искандарро бо даҳҳо ҳазор суханони аҳуроии порсӣ сутуданҳоро чӣ биномем? Ба ҷавонони донишёб чӣ гуна бифаҳмонем, ки гузаштагони дури мо ба маъбадҳои зартуштӣ рафта, дар мавриди омӯзаҳои беҳтарини инсонӣ - пиндори нек, гуфтори нек,

---

181 Савфаві Саид Њасан, Искандар ва адабиёти Эрон, Теьрон нашрияи Амири Кабир, соли 1364/1985, с. 100

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

кирдори нек сухангустарӣ мекарданд? Ва агар он гуфтаҳои Низомии Ганҷавиро зери пурсиш бигзоранд, чӣ посухе бидиҳем?

Ҷойи дудилагӣ нест, ки хушбинии Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон ки аз чеҳраи Искандари воқеӣ, Искандари афсонавӣ бозтоб намудаанд, ҷанбаи динӣ доштааст, зеро Искандар бунёди фарҳанги тоисломии тоҷикону форсиён, ба шумули китоби «Авасто» ва маъбадҳои зартуштиёнро ба оташ кашидаву дарҳам рехта буд ва шояд аз он ҷо низ ношӣ шудааст, ки дар «Қуръон» и маҷид аз Искандари Зулқарнайн, ба масобаи давлатмарди созандаи садди оҳанини маъруф, ёдрас шудааст. Баъзе донишмандон бар чунин ақидаанд, ки Искандари дар «Қуръон» - и маҷид зикр гардида лашкаркаши юнонӣ набуда, Фаридун - шоҳаншоҳи Эрон дар назар аст.[182] Чуноне гуфта шуд бархе бар онанд, ки Куруши Кабир ҳамон Искандари дар «Қуръон» - и маҷид ишора шуда аст. Абурайҳони Берунӣ бо ишора ба гуногунии андешаҳо, дар мавриди Искандари «Қуръон», аз аҳли араб буданашро низ эҳтимол задааст: «Қисме гуфтаанд, ки Зулқарнайн Саъб бинни Ҳаммоли Ҳимярӣ аст».[183]

Ва чуноне ба чашм мехӯрад он чӣ таърихнигорони ғарбӣ навиштаанд, таърихнигорони эронитабор ҳам каму беш онро пазируфтаанд, вале ҳамзамон аз як юнонии худро писари шоҳи худоён - Зевс номида, ҳоҷии Каъба, диновар, оташзанандаи намозгоҳҳои зартуштиён ва ҳам пайғамбар тарошиданҳо басанда медонем, ки рӯ ба «Искандарнома» - и Низомии Ганҷавӣ оварем. Аммо ин воқеиятро мебояд дар хотир дошт, ки бо пайравӣ ба Низомӣ шоирони барҷаста Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони

---

182 «Ѓиёс-ул-луѓот»

183 Абурайњони Берунї, «Осор-ул-боќия», Д., 1991., сањ. 57

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Ҷомӣ ва искандарпарастони дигаре низ вайронгари сарзамини Ориёноро ба сутуданҳо сазовор донистаанд.

Низомии Ганчавӣ дар «Искандарнома» ба ситоиши ин лашкаркаши интиқомҷӯ ва вайронгари марзу буми Эрони Бузург, таҷовузгар, наздик ба 11 000 байтро бахшдааст. Ва ситоишҳои Низомӣ ба чунин хислатҳо ва кирдорҳои бофтаву тофтаи лашкаркаши Макдунӣ равона гардидаанд, ки каси бо таърих каме ошноӣ доштаро дар шигифт мемонад:

- Искандар шоҳи ҷаҳонгард аст, на ишғолгар:

Сикандар, ки шоҳи ҷаҳонгард буд,
Ба кори сафар тӯшапарвард буд. [184]

- Искандар бо падараш чунон додгар буданд, ки думи гургро ба пои гӯсфанд мебастанд, вале гург ба гӯсфанд камтарин осебе намерасонд:

Чунон додгар буд, к - аз доди хеш,
Думи гургро баст бар пои меш.[185]

- Искандар шаҳрҳоро вайрон намекард (Гӯё Истахру Персеполисро ӯ насӯхта буд), ӯ шаҳрсоз буд:

Ба ҳар гардише гирди паргори даҳр,
Бино кард чандин гаронмоя шаҳр.[186]

- Шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Ҳирот ва ҳатто аз Ҳиндустон то ба ақсои Румро ӯ сохта буд:

Зи Ҳиндустон то ба ақсои Рум,

---

[184] Низомии Ганљавї, Хамса, Душанбе «Адиб», 2012, с.36
[185] Њамон љо с.37
[186] Њамон љо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Барангехт шаҳре ба ҳар марзу бум.
Ҳам ӯ дод зевар Самарқандро,
Самарқанд не, к - ончунон чандро.
Бино кард шаҳре чу шаҳри Ҳарӣ.... (ва ғайра)[187]

Дар ин ҷо боясти ёдовар шуд, ки шаҳрсозии Искандарро норост бозтоб кардаанд, зеро ӯ дар масири юришҳои худ, на шаҳристонҳо, балки дежҳое (форпостҳое) бунёд мекард, барои баргардони ҳамлаҳои эҳтимолии душманонаш. Ҳамчунон «Ойинаи Искандариро» набояд бозтобсози ҷаҳон донист, зеро он ойина (Александрийский маяк) форпосте буд дар баландии назди халиҷ, ки ҳамчун дидбон барои дарёфти ҳаракати киштиҳои душманонаш хизмат мекард.)

- Искандар ончунон парҳезкор буд, ки ба арӯсон нимнигоҳе ҳам намекард:

Яке он ки худ буд парҳезкор,
Дигар, дар ҳарам натвон кард шикор.[188]

- Оне ки оташкадаҳоро бисӯхт, нисфи китоби тоҷикону эронитаборон, нахустини китоби ҷаҳониён «Авасто» - ро ба оташ кашида, нисфи дигарашро, ки дархӯри мавзӯъҳои созандагӣ ва фаннӣ буд бо худ ба ватанаш бурд, зарба ба фарҳангу андешаи эрониён набуд, озодсозии ин камақлон аз оини Зартуштияшон буд:

Ҷаҳонро зи динҳои олуда шуст,
Нигаҳ дошт бар халқ динҳои дуруст.[189]

---

[187] Њамон љо
[188] Њамон љо, с. 166
[189] Низомии Ганљавї, Хамса, Душанбе «Адиб», 2012 с. 128

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

- Искандари масеҳӣ ҳазор сол пеш аз пайғамбари ислом, ба Каъба рафта, дари онро мебӯсад:

Нахустин дари Каъбаро бӯса дод,
Паноҳандаи хешро кард ёд.[190]

Магар Низомӣ «дини дуруст», дини насрониро дар назар дошт, ки Сикандар чунин савганд мехӯрд:

Ба дини Масеҳову гуфтори рост,
Ба донанда, к - ӯ бар забонам гувост.
Ба ойину дини салиби бузург,
Ба ҷону сари шаҳриёри сутург.[191]

- Бояд аз худ пурсид, Низомии Ганҷавӣ чӣ бадие дида буд аз Хуросону хуросониён, ки онҳоро бо дасти Искандари Мақдунӣ ҷазо дода, аз он баҳра мебарад:

Ба Балх омаду оташи Зардуҳушт,
Ба тӯфони шамшер чу об кушт.
Ба мағзи Хуросон дарафканд ҷӯш,
Хуросониёнро бимолид гӯш.[192]

Аз таърихи динҳо медонем, ки ҳамбоварони як дин барои таҳмилу интишори дини худ, пеш аз ҳама бартарии боварҳо ва расму ойинҳои хешро неку росту дуруст тафсир карда, боварҳои динии мардумони таҳҷойиро ночиз, бехирадӣ ва бадомӯзӣ бознамоён мекунанд. Фақеҳон ва лашкардорони араб низ садди асосии интишори дини исломро дар боварҳои оини Зартушт ва ҳирбадони он

---

[190] Њамон љо, с. 149
[191] Њамон љо, с. 87
[192] Њамон љо, с. 194

*Ин китоб аз сомонаи [kitobkhon.net](kitobkhon.net) боргирӣ шудааст*

медиданд. Ҳамин буд, ки пеш аз ҳама оташкадаҳоро вайрон карда, ҳирбадони зартуштиро аз байн мебурданд. Ин нуктаро набояд аз ёд бурд, ки фақеҳони дини ислом аз калимаи дар Қуръон омадаи «маҷус» бар зидди зартуштиён ва ба таври умда тоҷикону форсҳо қасдан корбурди нодуруст бурда, ҳатто адибону андешамандони таҳҷоии ислом пазируфтаро бар зидди боварҳои чандҳазорсолаи ориёиҳо равона сохтанд. Аммо донишмандони доно собит кардаанд, дини бостонии тоҷикон-дини зартуштӣ, дини тавҳид ва ахлоқи фозила буда, парастиши оташу ақидаҳои санавият (духудоӣ) аз он дин нест, балки аз боқимондаҳои мазҳаби маҷусии модӣ аст, ки баъдҳо онҳо оини худро тарк карда, бо зартуштиён омехта шудаанд. Дар ин маврид барои тақвияти андешаҳое, ки пажӯҳишгарони доно, бо овардани нукоти ҷолиб, муғонро эронинажод ва ҳатто ориёӣ намедонанд, гуфтаҳои Абурайҳон Беруниро (таваҷҷӯҳ кунед, таваллудаш соли 973 м.), меоварем: «Маҷусҳо онҳоеро гӯянд, ки пеш аз Зартушт буданд ва имрӯз шахсеро наметавон пайдо кард, ки ба гуфтаи Зартушт муътақид набошад»[193]

Афзун бар ин амиралмӯъминин Алӣ бини Абитолиб фармудааст: «Ман медонам зартуштиён шариате доранд, ки ба - дон рафтор мекунанд ва китобе, ки ба он имон доранд. Бинобар он бо онон ҳамон муомилаи аҳли китобро раво доред». («Инни аъламу мо алайҳил маҷусӣ, индаҳум шариъату яъмилуна биҳо ва китобун юъминуна биҳи фаъомилуҳум муъомалата аҳлал китоби».)

Аз ин рӯ сатрҳои зиёди (як бахши алоҳидаи Искандарнома) зартуштситезӣ ва мусалмоннамоии Низомии Ганҷавиро пеши рӯ оварда, натиҷагирӣ карда метавон, ки шоир намоди Искандари Зулқарнайни

[193] Абурайњони Берунї, «Осор-ул-боќия», Д. 1990, сањ.220

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

(Александр Македонски) - и юнониро барои як сухансарои ба ислом содиқ нишон додани хеш ба кор бурдааст:

Ба Эронзамин аз чунон пуштие,
Намонд оташи ҳеҷ Зартуштие.[194]

Гузашта аз ин Искандари дар садсолаи пеш аз мелод ба Эрони Бузург чираманд гашта, пас аз сӯхтани оташкадаҳо, ҳамаро водошт то ба оини ҳанифӣ паноҳ баранд:

Ба дини ҳанифӣ паноҳ оваранд,
Ҳама пушт бар меҳру моҳ оваранд.[195]

Пай бурдан душвор нест ва як андешавари оддӣ метавонад дар шигифт бимонад, ки Искандари худро писари Зевс дониста ва ба салиби Масеҳо имон оварда, ҳамаро вомедорад, ки «ба дини ҳанифӣ паноҳ оваранд», дар сурате ки Абу Ҳанифа пас аз чандин садсола аз марги Искандар чашм ба ҷаҳон кушодааст. Дар ин ҷо мебояд ёдовар шуд, ки зартуштиён аслан оташ намепарастиданд, онҳо оташро дар оташкадаҳо шабу рӯз фурӯзон нигоҳ медоштанд барои рӯшноиву гармӣ ва ба самти оташ, ҳамчун меҳроб саҷда карда, худои ягона Аҳурамаздоро ниёиш мекарданд. Ин назокати оини зартуштиро сарчашмаҳои бешумор, аз ҷумла чунин сатрҳои Ҳаким Фирдавсӣ исбот мекунанд:

Ба як ҳафта бар пеши яздон буданд,
Мапиндор к - оташпарастон буданд.
К - оташ бад - он гоҳ меҳроб буд,
Парастандаро дида пуроб буд.[196]

---

194 Низомии Ганљавї, Хамса, Душанбе «Адиб», 2012, с.176
195 Њамон љо, с. 177

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Чуноне дар боло гуфта шуд Ҳаким Фирдавсӣ, ситоишгари нангу номуси эрониаслон дар оғози достон Искандарро аз дудаи ҳахоманишиён бозгӯ карда бошад, зимни баёни воқеот, чеҳраи ӯро кареҳу зишт, золиму шаҳватпараст нишон дода, аз рафтору кирдораш изҳори нафрат кардааст. Дар ин ҷо ба хотири тасбити фикри худ чанд порча аз «Шоҳнома» пешниҳод менамоем:

Зану кӯдаку пирмардон ба роҳ,
Бирафтанд гирён ба наздики шоҳ.
Сикандар бар ишон наёвард меҳр,
Бар он хастагон ҳеҷ нанмуд чеҳр.
Гирифтанд аз эшон фаровон асир,
Зану кӯдаки хурду барнову пир.[197]

Ҳаким Фирдавсӣ дар мавриди дигар, аз забони Ардашери ҷавон – шоҳаншоҳи ояндаи Эрон, ишорат ба ҳарисиву шаҳватпарастӣ ва бераҳмиву хуношомии Искандар, ки ҷаҳонеро ба хоку хун кашид ва кишварҳоро ба вайрона табдил дод, мегӯяд:

Кӣ нашнид, к – Искандар андар ҷаҳон,
Чӣ кард аз фурӯмоягону меҳон?
Ниёкони моро якояк бикушт,
Ба бедодӣ овард гетӣ ба мушт. [198]

Ҳамчунон яке аз чеҳраҳои равшани «Шоҳнома», Баҳроми Гӯр, ки солҳо ба баъд бар тахти шоҳаншаҳӣ нишастааст, ноҷавонмардии Искандари Румиро, аз ҷумла дар куштани 36 подшоҳони ҷаҳон чунин ёдовар шудааст:

---

[196] «Шоњнома», љ. V, с. 395
[197] «Шоњнома», љ.VII, с. 193
[198] «Шоњнома», љ.VII, с. 145

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Бад-он гаҳ, ки Искандар омад зи Рум,
Ба Эрону вайрон шуд ин марзу бум.
Гар ӯ ноҷавонмард буду дурушт,
Ки сиву шаш аз шаҳриёрон бикушт.
Лаби хусравон пур зи нафрини ӯст,
Ҳама рӯи гетӣ пур аз кини ӯст.[199]

Гуфтан ба маврид аст, ки куштани шоҳ, кӣ агар ҳатто душман ҳам бошад дар миёни ҳама миллатҳо бехирадиву ноҷавонмардӣ дониста мешавад. Ва Фирдавсии бузургвор ин кирдори ваҳшиёнаи Искандарро бозгуфтааст.

Ҳаким Фирдавсӣ дар ҷойҳои дигари достон низ Искандарро бо унвонҳои «бадандеш», «бадгумон», «тираравон», ишора мекунад. Чунончи дар номаи Хусрави Парвиз ба қайсари Рум ӯро бо Салм муқоиса карда мегӯяд:

Нахуст андар оям ба Салми бузург,
Зи Искандар он кинавари пиргург.

Он чӣ мехоҳам ба такрор бигӯям ин аст, ки ҳар гоҳ ба саргузашти чандинҳазорсолаи худ бознигарӣ мекунем, таҳлилу варандоз кардани бештару жарфтари биниши таърихнигор, умуман пажӯҳишгари худиву бегона ҳатмӣ дониста шавад. Набояд фирефтаи унвону мақом, ҷилд - ҷилд навишторҳои пурҳаҷми он пажӯҳанда, ё адиб гашт, зеро мебояд дар нигар дошт, ки он заҳматкаши кундуковҳои таърихӣ баста ба боварҳои диниест, ки барои каж нишон додани мухолифони динаш, гоҳе ҳамсони оне бошанд, ки ба косаи шир муште мурч партоянд. Борҳо чашмонамон ба навишторҳое дӯхта шудаанд, ки иддае аз ноогоҳӣ ба таърих, гирифтори фиреби бегонагон гаштаанд

[199] «Шоњнома», љ.VII, с. 537

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ва ё аз хотири гиромидошти саҳфаҳои Қуръон, сайри фикрашон аз масири мантиқ берун шудаанд.

Ва ё аз фарти бузургбинӣ ва ё ҳувиятсозӣ барои миллати худ сатрҳои зиёдеро дар варақҳои китобе ҷой додаанд, ки бар пояи ноустувор ҷой доранд.

Дар мавриди Искандари Макдунӣ, ки бо шамшери хунрез ба сарзамини падарони мо омад, беҳтар аз ҳама Ҳаким Фирдавсӣ сухани шоиста гуфтааст, зеро вайро дар паҳлӯи Заҳҳоки тозӣ ва Афросиёби туркманиш гузошта, моро огоҳондааст, ки инҳо ҳаргиз аз миён нахоҳанд рафт ва ҳамеша хостҳои нопоки он аждаҳоманишонро аз ёд нахоҳад бурд:

Зи Заҳҳоки тозӣ нахуст андар ой,
Ки бедодгар буду нопокрой.
Ки Ҷамшеди бартарманишро бикушт,
Ба бедод бигрифт гетӣ ба мушт.
Пур аз дард шуд мардуми порсо,
Ки андар ҷаҳон дев шуд подшо.
Дигар он ки бадгавҳар Афросиёб,
Зи Турон ба - дин сӯй бугзошт об.
Ба зори сари Нӯзари номдор,
Ба шамшер бибриду баргашт кор.
Се дигар, ки омад Сикандар зи Рум,
Ба Эрону вайрон шуд ин марзу бум.
Чу Дорои шамшерзанро бикушт,
Хуру хоби эрониён гашт дурушт.[200]

Гаҳе нависандаи ин гуфтор ба шигифт меояд, ки соҳибони «Шарафномаҳову» «Хирадномаҳо» - и адабиёти форс - тоҷик дар пайғамбартарошӣ аз чеҳраи Искандар, дар бозгуфтани воқеиятҳои таърихии ба занакабозиҳову баччабозиҳо ҳассосият доштани он ҳоҷии валади Зевс ба

[200] «Шоњнома», љ. IX, с. 75.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

чӣ сабабе тамкин меҷӯянд?! Ва таърихнигорони аврупоӣ ин чирамандии қаҳрамонашонро бо як хуррамиву сарбаландӣ ба ёд меоранд. Чунончи: «Во время одного из пиров красавица - гетера Таис Афинская подстрекнула Александара сжечь знаменитый дворец Персеполис - якобы для того, чтобы отомстить за Афины, некогда сжённые Ксерксом. Обратив в пепель символ персидского государства, царь двинул в Мидию». (Ба ҳангоми яке аз зиёфатҳои бошукӯҳ Таиси Афинӣ зани зеборух - шавҳатбахш Искандарро вомедорад, ки қасри овозаманди Персеполисро оташ занад. Гӯё барои қассоси шаҳри Афинае, ки боре бо дасти Куруш ба оташ дода шуда буд. Шоҳ мояи давлатдории форсҳоро ба хокистар табдил дода, ба самти Мод ҳаракат кард.) Шоири тавонои садсолаи XX он зани ҷодуро бо суханҳои зер ба ёд овардааст:

Оҳ, эй Тоис, эй бонуи маст!
Эй зани ҷодуи Искандарпараст.

Ва ҳамлаи хунини Искандарро ба Эрони Бузург, юнониён чунин ҷашн гирифтанд;

Окончание похода было отпраздновано грандиозно, свадьбой царя и 10 тысяч его воинов на персиянках; Александр уже женатый, на красавице Роксана, ввёл в свой гарем сразу двух персидских принцесс Статиру и Парисатиду.

(Ба поён расидани юриши макдуниҳо бо шукӯҳи касношунид, бо маросими издивоҷи шоҳ ва 10 ҳазор ҷанговарони ӯ бо душизаҳои порсӣ ҷашн гирифта шуд. Искандари ҳамакнун бо зеборухи Равшанак издивоҷ карда, ба ҳарамсарои худ якбора ду шоҳдухтарони порсӣ Статира ва Парисатидаро ворид сохт.)

Ҳамчунон мехоҳам ёдовар шавам, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар достони Искандари «Шоҳнома» бар хилофи

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дигар сурудаҳо аз вомвожаҳои арабӣ фаровон кор гирифтааст, ки ба пиндори бархе пажӯҳандагон инро сабаб аз сарчашмаҳои арабӣ ба форсӣ баргардон шудани он достон мебошад. Аммо дар нигоҳи дигар ин достон ва ё бештари сатрҳои он ва ҳамчунон сатрҳои зиёде дар достонҳои дигар ба «Шоҳнома» афзуда шудаанд ва мо бо адабиётшиноси барҷастаи Эрон устод Фаридун Ҷунайдӣ дар ин росто ҳамандеша мебошем.[201]

Ва равшантарин гувоҳи барсохта (илҳоқӣ) будани достони Искандар дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ бахши ҷустани Искандар оби ҳайвонро мебошад. Ҳакими бузургвор ҳаргиз чунин бофтори мистикиро ба шоҳкораш роҳ намедод:

Чу лашкар сӯйи оби ҳайвон гузашт,
Хурӯш омад , «Аллоҳу акбар», зи дашт. [202]

Ва сарояндаи Номаи бостон, меҳансарои гарданбаланд ба худ иҷоза дода наметавонист, ки Искандари вайронгари гуҷастикро «паямбар» бихонад:

Паямбар сӯйи оби ҳайвон кашид,
Сари зиндагонӣ ба Кайвон кашид.[203]

Бояд сари ин нукта андеша кард, ки пас аз давлати Сомониён ва сухансароёне чун Ҳаким Фирдавсӣ дигар рӯҳияи миллӣ оҳиста - оҳиста хомуш шуд. Ҳамин бохти рӯҳияи миллӣ буд, ки дигар шоирон дар хидмати арабону туркону муғулон, қиссаҳои паямбарони бани Исроил, ошиқону маъшуқаҳои арабро ба назм мекашиданд, ки ба

---

[201] Фирдавсї Абулќосим, «Шоњнома», вироиши Фаридун Љунайдї, Тењрон нашри Балх, 1387/2008, с. 257 - 271

[203] «Шоњнома», љ. VII, с.121

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

фарҳанги тоисломии тоҷиктаборон пайвастагие надоштанд. Достони аз ҳама беш нақл шудаи «Юсуф ва Зулайхо» достони яҳудиён мебошад (номҳои яҳудияшон Иосиф ва Пентефрия), ки аз китоби муқаддаси онҳо «Таврот» бардошт шудааст ва дар Қуръон иқтибос аз он китоби яҳудиён мебошад. Сухансароёни адабиёти форс - тоҷик достонҳое ба монанди «Лайлӣ ва Маҷнун» месуруданд, ки аз маниши қабиласолории арабони биёбонгард ҳикоят мекарданд ва ё Искандари зинокори гуҷастикро ҳамчун мусалмони ҳоҷӣ менамоёнданд. Достони «Хусрав ва Ширин» - ро аз «Шоҳнома» бардошта, тобиши динӣ мебахшиданд. Шӯрбахтӣ он аст, ки шоирони зиёде ба навиштани «Хамса» - ҳо шуғл варзида, Искандари писари Файлақусро хирадманду зиндагисоз намоёндаанд. Аз ҷумлаи шоирони Хуросону Варорӯд Котибӣ, Доъӣ, Ашраф, Мавлоно Алии Оҳӣ, Хоҷа Ҳасани Хизршоҳ, Салимӣ, Фасеҳи Румӣ, Суҳайлӣ, Ҳотифӣ ва чанде дигарон, ситоишҳои Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро бо шеваҳои гуногун ба такрор овардаанд.

Гумон мекунам пиромуни чуну чароҳо ва кистиву кардаҳои Искандари Макдунӣ мо намунаҳои басандаеро пеши рӯ овардем, вале чун пай бурдаем, ки ғолибан тафсиргарони асолатбохта Искандари Макдуниро аз садсолаҳои пеш аз мелод берун бароварда, ба замони густариш дини ислом омехтаанд ва ин гувоҳи ихтироъкории кӯр - кӯронаи иддае аз фақеҳони асри миёна мебошад, ки бо бофторҳои соддаву омиёна, зеҳнҳои мардумро ба хотири шикасти рӯҳи ориёӣ, аз воқеиятҳои таърихӣ ва ҳикматҳои Қуръон ба канор бибаранд.

**Барои пуррасозии гуфтаи боло чанд сухан аз шеваи андешаронии сухансароёни эронитабор пас аз чирамандии араб ба сарзамини аждодии онҳо, пеши рӯ оварда мешавад.**

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Достони Анушервони одил

Як идда аз адибони форс - тоҷик, ки пас аз чирамандии араб ва ба фаромушӣ супоридани манишу биниши ориёии худ, на танҳо аз душмани Меҳани худ - Искандари Макдунии бедодгар чеҳраи нексиришту некманиш тарошидаанд, балки гаҳе аз бедодгарони худӣ низ шоҳони додгари беҳамто оростаанд. Ҳамон гуна ки ба шоҳ Хусрав (ки арабҳо онро Кисро унвон дода буданд), кушандаи Маздак ва 150 000 тарафдоронаш лақаби «Анушервони одил» - ро бахшида, дар борааш силсиладостонҳои дурӯғини додгустарӣ бофтаанд. Мо дар ин ҷо яке аз достонҳоеро ба ёд меоварем, ки якчанд шоири номӣ онро аз самими дил офаридаанд.

Анушервони одил пас аз қатли ом ва саркӯби маздакиён, барои хидматаш ба ашрофон ва мӯбадони зартуштӣ ӯро «Анушагравон», яъне равони ҷовид номиданд. Ҳоло он лақабро Анушервон мехонанд. Ҷолиб он аст дар осори таърихӣ омадааст, ки пас аз қатли оми маздакиён, мӯбадони зартуштӣ ҳама китобҳову китобхонаҳои маздакиро ба оташ афкаданд, то ҳама донишу ҳадафҳои созандаи Маздаку оини вайро, ба нобудӣ супоранд. Мубадони зартуштӣ пас аз ин китобсӯзӣ, ҳар чӣ тавонистанд кӯшиш намуданд то омӯзаҳои Маздакро кажу кареҳ бознамоён созанд. Мо дар пиромуни омӯзаҳои Мониву Маздак, дар боло бештар ёдовар шудем ва ҳоло аз бозовардани он матлаб худдорӣ карда, танҳо афзуданием, ки Маздак писари Бомдод бар зидди Ҳукумати Қубод - падари Анушервон, ки низоми ҳукуматронии золимонаи табақотие дошт, қиём намуд. Андешаҳо ва мароми вайро, пажӯҳишгарони имрӯз ҳамсони таълимоти сотсиалистии садаи XX арзёбӣ намудаанд. Ва дар фарҷом Маздак ва

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

пайравонашро бо фармони писари Қубод - Анушервон қатли ом карданд.

Афсонаву барсохта набудани достони куштори Маздаку маздакиён ба дасти Анӯшервон дар сарчашмаҳои эронӣ, арабӣ ва румӣ ба равшанӣ бозгӯ шудааст. Дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавси низ оварда шудааст, ки Қубод дар оғоз ба Маздак эҳтиром дошта, андешаҳояшро дуруст мегуморид, аммо сипас ба боварҳои ӯ нафрат пайдо карда, Маздакро ба дасти писараш Анӯшервон дод, то ки ӯ ва пайравонашро нобуд созад. Сарчашмаҳои таърихии тоҷикӣ ошкор сохтаанд, ки танҳо дар нисфе аз рӯз афзун бар 80 ҳазор маздакиён, ки «Зандиқ номида мешуданд, қатли ом шуданд ва Маздак низ пӯст канда шуд».[204]

Ҳаким Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» шумори кушташудагони маздакиро беш аз сад ҳазор нафар донистааст:

Бад - ӯ гуфт ҳар к - ӯ бар ин дини ӯст,
Мабодо якеро ба тан мағзу пӯст.
Бад - он роҳ бад номвар садҳазор
Ба фарзанд гуфт он замон шаҳриёр.

*****

Бикуштандашон ҳам ба сони дарахт,
Зи бар пою зераш сар оганда сахт.

Аммо нуктаи ин бахши гуфторамон чунин аст, ки иддае аз суханварони дар чоҳи таассуб афтода, бо бофторҳои ҳарзаи хеш аз як шоҳи бедодгару, кушандаи 150 ҳазор одамони некхоҳ ва пӯст кандани пайкари

[204] Абусаиди Гардезї, «Зайн - ул- ахбор, тарљума ва тасњењи Абдулњай Њабибї, Тењрон Дунёи китоб 1363/1984, с. 84

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Маздаки адолатхоҳ - пешвои андешавару донишманд, ҷӯяндаву дарёфтаи роҳи рости оромиши мардум, шоҳи додгустаре бо унвони Анушервони одил барсохтаанд. Шӯрбахтӣ он аст, ки мардумони тираандеша то имрӯз ба он достони хандадор бовар мекунанд. Бофтори он тираравонон чунин аст, ки гӯё Анушервон ҳар рӯз дар нишемангоҳи худ корафтодагону шиквагарон ва бенавоёнро ба ҳузури хеш мепазируфтааст ва баҳри бароварда сохтани душвориҳои мардум, чораҳои фаврӣ меандешидааст. Барои ин зангулае дар зери болин гузошта, занҷири ба он зангула пайвастаро бар дарахти назди дарвозаи қаср бастааст, то ҳар гоҳ касе хоҳиши арзи шикоят ба шоҳ дошта бошад, он занҷирро бикашад, ки садои занг барояд. Рӯзҳои ахир касе ба шикоят намеомад ва шоҳ осуда гашт, ки мардумон ба рӯзгори осуда расидаанд. Аммо як рӯз овози занг бадар меояд ва шоҳ фармон медиҳад, ки бубинанд чӣ касе ба шикоят омадааст. Корбарони шоҳ хабар медиҳанд, ки касеро дар зери он дарахт пайдо накардаанд. Вале чун танини занг чанд бори дигар ба гӯши Анушервон мерасад, фармон медиҳад, ки сабаби ба ҳаракат омадани занҷирро ошкор кунанд. Надимони шоҳ  пай мебаранд, ки хари пиру лоғаре занҷирро бо гарданаш меҷунбонад, ки сабаби овоз баровардани зангулаи зери болини шоҳ мегардад. Шоҳ шахсан пойин фаромада, хари пиру лоғарро мебинад ва фармон медиҳад, ки соҳиби онро пайдо карда, ба ҳузураш биёранд. Идомаи ин достонро аз қалами пажӯҳандаи Эрон Сабзаворӣ бозмеоварем: «Муҳаққиқи барҷаста Сабзаворӣ воқеънигар буда мефармояд Анушервон бифармуд соҳиби харро биёваранд ва дар пеши тахти адаб карданд ва нидо дардоданд, ки ҳар кас дар ҷавонӣ харро кор фармояд ва дар пирӣ ғам нахӯрад, сазояш ин буд ва фармуд, ки ҳар рӯз ду

ман ҷав ва даҳ ман коҳ ба вай (яъне хар албатта) диҳанд ва асари адли ӯ оламиёнро зоҳир шуд. Иллати оламгир шудани достон ҳам ин аст, ки он рӯз иттифоқан гӯё сафири Рум ҳам ҳозир буда ва ӯ савол карда, ки ин занҷир чист? Ва моҷароро дар Ғарб пахш кардааст. Саъдӣ ҳам ин достонро хеле сарбаста якҷо оварда ва гӯяд «ки Анушервони одил занҷире ҷарасҳо (зангулаҳо) бар он баста дошт, то агар касе муҳиме дошта, силсиларо (занҷирро) биҷунбонанд ва он силсиларо тарафе зери болин ва тарафе дар майдон бар дарахте баста дошт». Дар ин ҷо ду нукта ба зеҳни одам мерасад; аввал он ки қавли Саъдӣ дуруст аст, ки сари занҷирро ба дарахте дар майдон баста буданд ва хари бенаво омада ва гардани худро, ки хориш дошта ба дарахт молидааст, вагарна хар ба ақидаи одам он қадарҳо ҳам хар нест, ки умеде аз занҷири адли Анушервон дошта бошад ва худро ба занҷир бимолад. Мо одамҳои нотиқ аз занҷирҳои адл чӣ дидаем, ки чорпои алкун (безабон) аз он бубинад».

Шоири тавонои Эрон Фаридун Таваллулӣ (1919 - 1985) ишора ба додхоҳиву адолатпарварии барсохтаи Хусрави Анушервон ва ба зудбовариву соддаандешии мо тоҷиктаборон бо чунин суханони танзомез писханд задааст:

Тарсам зи фарти шуъбада чандон харат кунанд,
То достони ишқи ватан боварат кунанд.
Занҷири адли Хусраву он хар, ки шиква кард,
Овардаанд то ба ҳақиқат харат кунанд.

Барои боз ҳам ошкорсозии беадолатиҳои «Анушервони одил», далели таърихии гӯётареро аз сарчашмаҳо ба ёд меоварем, ки чунин аст: Хусрави

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Анушервон пас аз куштори фаҷеҳи Маздак ва маздакиён дар шеваи давлатдории худ як силсила дигаргуниҳо ба миён овард, ки онҳо дар нигоҳи нахуст пешрафта ба чашм мехӯрданд. Ва яке аз навгониҳои падид овардаи ӯ дар системаи идорӣ ворид кардани шӯро мебошад, ки ин воқеъият аз назари ситоишгарони додхоҳиву адолатпарварии ӯ дур мондааст. Оид ба шеваи корбарӣ аз шӯро, дар «Таърихи Табарӣ» достони ҷолибе ба чашм мерасад, ки чун дигарон ба он аҳамият надодаанд онро пурра бознавис мекунем: «Шоҳаншоҳ (яъне император) дар раъси ҳама табақот ва нерӯҳои иҷтимоиву давлатӣ қарор дошт, вале ба ҳангоми бурузи душвориҳои бузург шӯро ташкил мешуд. Хусрави Анушервон дар пазириши назари шӯро мухтор буд. Ба унвони намуна метавон аз моҷарои ҷаласаи шӯро дар мавриди ахзи молиёт (андозситонӣ), ки ба ҳангоми шоҳаншоҳии Хусрави Анушервон ташкил шуда буд, ёд кард. Дар ин маҷлис яке аз дабирон ба сухан пардохт ва бо назари шоҳаншоҳ мухолифат варзид ва гуфт: «чӣ гуна бар токе, ки бимурад ва киште, ки бихушкад ва наҳре, ки фурӯ равад ва чашма, ё қуноте (канале), ки оби он бибурд, хироҷи доим тавон ниҳод»?! Кисро (Анушервон) гуфт: « Эй марди шӯм, аз чӣ табақа мардумӣ? Посух гирифт: «Аз табақаи дабиронам». Амр кард: «Ӯро бо давотҳо (қаламҳо) бизанед, то бимурад». Ва дабирҳо бахусус ӯро бизаданд, ки дар пеши Кисро аз райъи ӯ безорӣ карда бошанд».[205] Мебояд гуфт, ки ин моҷаро нақши шӯро ва ноодилии Анушервони одилро гувоҳӣ медиҳад.

## Сухани дарӣ дар хидмати бофторҳои дурӯғини сӯфиён

[205] Муњаммад бинни Љарири Табарї, «Таърихи Табарї», љ. II, аз арабї баргардони Абулќосими Поянда, интишороти Бунёди фарњанги Эрон, Тењрон, 1352 /1973, с. 702

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Халифаҳои Бағдод, ки ҳадафашон андешарабоӣ ва бор кардани фарҳанги худ бар сари озодзодагон буд, талош меварзиданд, ки бар ивази достонҳои ватанхоҳиву меҳанпарастӣ афсонаҳову саргузаштҳои сомӣ, бештар саргузаштҳои паямбарони яҳудитабор дар байни мардум интишор гарданд.

Пайдост, ки шоирону адибони форс - тоҷик, рухдодҳои истилои араб, бедодиҳои лашкари биёбонгардон ва усулҳои заҷрбори ҳукуматронии бегонагонро, дар офаридаҳои худ ҷой надодаанд. Дар осори Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар бузургони назму насри форс - тоҷик дар бознамоёндани ориёиҳои сарсупурдаи нангу номуси миллӣ на танҳо достоне насурудаанд, балки сатре ба қалам наовардаанд. Чаро? Зеро рӯҳи миллӣ аз андешаҳои суханварон бад - он сон рабуда шуда буд, ки то имрӯз дар миёни ҳатто иддае аз равшангарон (зиёиён) ин норасоиҳои миллатсозӣ пай бурда мешавад.

Касе гуфта метавонад, ки дар бораи сарсупурдагони озодии Меҳан, ки бар баҳои сари ҷавони худ шамшер ба даст рӯёрӯи ҳамлаварони истилогар бархостааст, сухансарое кутоҳтарин сухане нигошта бошад?!

Медонем, ки ягон сухансарои тоҷику эронитабор дар тавсифи шаҳидони роҳи озодӣ (ба ҷуз Муқаннаъ), ба ёди дигар диловарсарони сарсупурдае чун Синдбод (с.756), Бӯ Осими Бустӣ (с.757), Сайид Ҷулоҳ (с.757), Ҳазини Рико (с.758), Озарӯя, Марзбон, Муҳаммади Шаддод (с.767), Юсуфи Барам (с.776) ва садҳо ҷавонмардони дар муборизаи ватанхоҳӣ ҷон бохта қалам бар нигоштани сатре набурдаанд. Ошкор аст, ки дастгоҳи давлатдории халифаҳои Бағдод бад - он сон ба мағзҳои мардумони таҳҷоӣ, ба вижа тоҷикону форсҳо сару кор доштанд, ки ба

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

хурдтарин дигарандешиҳои он мардумон вокунишҳои сахт нишон медоданд.

Дар ин бора Аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» навиштааст: «Дар шаҳрҳое чун Марв, Самарқанд, Бухоро ва монади он лашкариёни араб нисфе аз ҳар хонаву ҳавлии мардумони таҳҷоиро барои истифодаи худ ишғол карда буданд. Гарчи онҳо чуноне дар Бухоро баҳона пеш оварда буданд, хонаҳои мардуми таҳҷоиро ба хотири зери назорати доимӣ гирифтани ҷараёни риояи аркони дини ислом ишғол кардаанд, вале дар асл ин амр шакли дигари ғорат кардани аҳолии маҳаллӣ буд, ба вижа дар сурате, ки соҳибони пешинаи хонаро маҷбур мекарданд, ки хизматашонро ба ҷо оваранд». [206] Араб дар баробари истилои кишвари эронитаборон ҷуз ғорату ишғоли заминҳои кишту алафчарҳо ба коштани маниши биёбонгардӣ ва хурофотпарастии хоси тозиён пардохтанд.

Пас аз чирамандии араб ба сарзамини озодзодагон дар усули андешаронии суханофарони адабиёти форс - тоҷик андешаҳои тасаввуфӣ ва ирфони исломӣ ҷой гирифт.

«Шеър, ки дар Эрони Бузургривоҷи бисёр медошт, сӯфиён онро афзори кори худ гардонида, ба бофандагиҳои дарозе пардохта ва пиндорҳои зиёнманди худро дар қолаби шеър берун рехта, аз ҳамон роҳ дар мағзҳо ҷо додаанд. Дар ин ҳазор сол қофиябофони бузурге дар Эрон дар миёни сӯфиён падид омадаанд. Аз Саноӣ ва Абӯсаъид ва Аттору Мавлавӣ ва Авҳадиву Ҷомӣ ва Шабистариву дигарон, ки ҳар кадом шеърҳои бисёре аз маснавӣ ва ғазалу дубайтӣ ба ёдгор гузордаанд. Гузашта аз ин китобҳои бисёре, ки бо наср навиштаанд.

Аз ин бадтар он буда, ки шоирони дигар, ки дар пайи мазмун мегардидаанд, то шеъре гардонанд, бадомӯзиҳои сӯфигарӣ сармояе барояшон буда, ки гирифта ва ба кор

---

[206] Б.Г. Гафуров, Таджики, Москва «Наука», с. 1972, с. 317

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

бурдаанд. Достонҳоеро аз пешравони сӯфӣ (аз Шиблӣ - Шайх Абубакр Далаф бинни Ҷаҳдари Шиблӣ; 861 - 946 м.) ва Боязиду (Боязид Тайфур ибни Исо Бастомӣ; 804 - 874 м.), Иброҳими Адҳам (Абу Исҳоқ Иброҳим ибни Адҳам ал Иҷлӣ; 718 - 777 м.) ва дигарон ба даст оварда, бо обу тоб ба риштаи шеър кашидаанд.

Инҳо натиҷаи онро дода, ки пиндорҳои бепоя ва бадомӯзиҳои заҳролуди сӯфиён ҳамагонӣ гардида, ки на танҳо сӯфиёну пайравонаш, дигарон низ олудаи онҳо шудаанд», - навиштааст Аҳмади Касравӣ.[207]

Ба адабиёти форс - тоҷик даҳҳо достонҳои шомили ҳазорон байтҳо ворид гашт, ки паёпай корҳои натавонистанӣ (ё ба гуфтаи худашон «каромот») аз пирону бузургони шайххои суфӣ (аҳли тасаввуф) ёд мекунанд ва чунин мерасонанд, ки пирони суфӣ ба «оини сипеҳр» чира мебудаанд, ки метавонистаанд онро баҳам зананд ва ба корҳои берун аз он оин – аз роҳ рафтан бар рӯйи об, сухан гуфтан бо ҷонварону гиёҳон ва огоҳӣ додан аз нопайдо, зар гардонидани хок, гавҳар гардонидани санг, беҳбуд додан ба беморон, зинда гардонидани мурда ва монанди инҳо, бархезанд. Ин як чизи бечунучарое дар назди онон мебудааст ва садҳо достон аз ин гуна навиштаанд. Достонҳои шигифт, достонҳое, ки мебояд ба гуфтаи омиён «дурӯғҳои шохдор» ном дод. Инак ман барои намуна ин навишторҳои сухансароёнро ёд мекунам: «Овардаанд, ки вақте дар Майҳана ҷамоати суфиён чанд рӯз буд, ки гӯшт нахӯрда буданд ва як ҳафта зиёд бигузашт, ки Ҳасанро гӯшт муяссар нагашт ва ҷамъро тақозои гӯшт мебуда ва зоҳир намекарданд. Рӯзе шайх бархосту ҷамъ дар хидмати ӯ бирафтанд то аз дарвозаи роҳи Марв берун шуданд ва бар болои Заъқал, ки бар сари биёбони Марв ҳаст ва ҳар вақт, ки шайхро қабзе будӣ он ҷо рафтӣ. Чун шайх бар он боло шуд ва биистод ва соате таваққуф кард, оҳуе аз саҳро

---

[207] Аьмади Касравї, Сўфигарї, Т. 1323/1944, с.44

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

падид омад ва рӯ ба сӯи шайх кард то пеши шайх омад ва дар замин афтод ва дар замин мегашту шайхро об аз чашм мечакид ва мегуфт: набояд, набояд. Оҳу ҳамчунон дар хок меғалтид. Пас шайх рӯ ба ҷамъ карду гуфт: Донед, ки ин оҳу чӣ мегӯяд? Мегӯяд, ки ман омадаам, то ки худ фидои асҳобунно кунам, то фароғати дили шумо ҳосил гардад ва мо мегӯем, ки набояд, ки фарзандон дорӣ. Ва шайх бисёр бигирист ва асҳобунно наъра заданд ва ҳолатҳо рафту он оҳу ҳамчунон дар хок меғалтид. Пас шайх ба Ҳасан ишорат кард, гуфт «инро ба дукони Саъди қассоб бар ва бигӯ, ки ба корде тез сари ин оҳуякро бисмил кун ва имшаб суфиёнро чизе бисоз. Ҳасан чунон ки ишорат карда буд ба ҷой овард ва он шаб ҷамоат аз гӯшти оҳу биёсуданд».[208]

«Нақл аст, ки рӯзе марде даромад обе зард дид. Истода гуфт: Ё шайх, ин чист? Шайх (Боязид) гуфт яке аз дар даромад ва саволе аз Ҳаё кард ва ман ҷавоб додам, тоқат надошт, чунин об шуд аз шарм».[209]

«Вақте Робиаи Адавӣ ба азми ҳаҷ дар бодия мерафт, дар миёни бодия хар бимуронд. Гуфт: Мардумон гуфтанд: Ин бори ту мо бардорем. Гуфт: Шумо биравед, ки ман ба таваккули шумо наёмадаам. Мардумон бирафтанд. Робиа танҳо бимонд. Гуфт: Илоҳи, подшоҳон чунин кунанд, бо аврате ғариб?.. Оҷиз маро ба хонаи худ хондӣ, пас дар миёни роҳ хари маро марг додӣ ва маро ба биёбон танҳо бигзоштӣ. Ҳанӯз ин муноҷот тамом накарда буд, ки хар биҷунбиду бархост ва Робиа бор ба рӯи ӯ ниҳод ӯ бирафт».[210]

---

[208] Аз «Асрор – ул – тавњид фи маќомот ашшайх Абисаъид Муњаммад бини Мунаввар, Т. 1342/1963, с.448

[209] Шайх Фарид-ад-дин Муњаммад бинни Иброњим Аттор «Тазкират – ул – авлиё», Т. 1395/2016, с. 168

[210] Аз «Тазкират – ул – авлиё»- и Шайх Фарид-ад-дин Муњаммад бинни Иброњим Аттор

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Нақл аст, ки вақте дигар Робиа ба Макка мерафт, дар миёни роҳ Каъбаро дид, ки ба истиқболи ӯ омад. Робиа гуфт: «Маро раб – ул – байт мебояд, чӣ кунам».[211]

«Нақл аст аз Иброҳими Адҳам, ки рӯзе бар лаби Даҷла нишаста буд ва бар хирқаи ҷандаи худ пора медӯхт. Сӯзанаш дар дарё афтод. Касе аз ӯ пурсид, мулке чунон аз даст бидодӣ, чӣ ёфтӣ?... Ишорат кард ба дарё, ки: Сӯзанам боздиҳед. Ҳазор моҳӣ аз дарё баромад, ки ҳар як сӯзане заррин ба даҳон гирифта. Иброҳим гуфт: Сӯзани хеш хоҳам. Моҳияке заъиф баромад, сӯзани ӯ ба даҳон гирифта. Гуфт: Камтарин чизе, ки ёфтам ба мондани мулки Балх ин аст. Дигарҳоро ту надонӣ». («Аз Тазкират – ул – авлиё».)

Дар солҳои пеш китобе ба арабӣ дар бораи Шайх Абулқодири Гелонӣ хондаам, ки бархе навиштаҳояш ба ёдам монда: «Каъба ҳамеша ба гирди сари шайх мегардида, хуршед аз шайх иҷозат металабида ва берун меомада, 12 моҳ ҳар яке аз шайх дастур мегирифта ва фаро мерасида. Наводдааш гуфта: «Ман борҳо моҳро дидаме, ки ба рӯи ҷавоне, ё пире пеши шайх омадӣ ва иҷоза талабидӣ».

«Рӯзе ба шайх огаҳӣ доданд, ки фалон пир мурда. Шайх дар хашм шуд, ки Азроил бе иҷоза хостан аз ӯ ҷони пайравашро гирифта. Дар замон ба осмон парид ва ҷулави Азроилро гирифт ва бо хашм лагаде андохт, ки ба он шишаи равонҳо, ки дар дасти Азроил мебуд, хурд ва он шиша шикаста, ҳама равонҳо озод шуданд, ки касоне, ки дар он рӯз мурда буданд, ҳама зинда гардиданд».[212]

Дар кишвари мо бахше аз донишиён эҳтироми вижа ба фалсафаи Имом Муҳаммад Ғазолӣ (соли вафоташ

[211] «Тазкират – ул – авлиё»- и Шайх Фарид-ад-дин Муњаммад бинни Иброњим Аттор.
[212] «Тазкират – ул – авлиё»- и Шайх Фарид-ад-дин Муњаммад бинни Иброњим Аттор.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

505/1126) доранд, аммо нависандаи ин сатрҳо, пас аз хондани чунин нақлҳое аз саргузашти ӯ ба ростӣ шигифтзада шудаам; «Муҳаммад Ғазолӣ мегӯяд, Устод Сарӣ, раҳматуллоҳи алайҳ (Сарӣ ибни Муғаллас ас - Сақатӣ, вафоташ соли 245/459) мариз шуд. Бавли ӯро назди табибе бурданд. Табиб гуфт: - Чунин мефаҳмам, ки бавли ошиқест. Ҷунайди Бағдодӣ (вафот 297/909) гуфт: - Шигифтзада шудам ва шиша аз дастам биафтод. Ҳангоме ки моҷароро ба Сарӣ гуфтам, ӯ гуфт: - Худояш бикушад, ки чӣ бинише дорад! Гуфтам: Эй устод, оё муҳаббат аз бавл ошкор мешавад? Гуфт: - Бале!»[213]

Аҳмади Касравӣ навиштааст: «Як ришта аз дурӯғҳои онон дар ин замина аст, ки чун касе ба подшоҳӣ ё ҷойгоҳи баланди дигаре мерасида, достоне барояш месохтаанд, ки «чун ба фалон шайх иродат меварзид, шайхон мулк ба ӯ дода».[214]

Дар бораи худи шайх Аттор низ дурӯғ сохта чунин гуфтааст: «Муғуле, ки сар бурида ӯро кушт, чун шамшер ронд ва сараш ба зер афтод, шайх бо он тани бесар наъракашон давидан гирифт ва ним фарсанг давид ва он гоҳ афтод».[215] Охир эй азизон, тани бесар магар метавонад наъра бикашад?! Кош менавишт, ки он сари бетан наъракашон мегуфт, ки эй нокаси қотили бодиягард! Ҳоло хоҳӣ дид, ки ҳамватанони ман чӣ гуна қассоси маро аз туву ҳамраҳонат мегиранд!

Набояд пиндошт, ки донишмандони доно дар он рӯзгорони чирамандии бегонагон шайхону дингароёни мутаассибу хурофотиро зери интиқод қарор намедоданд. Гумон меравад, агар мо рӯйи ин саҳифаҳо гуфторҳои танзомезу безорангези шоирони бузург чун Ҳофиз, Саъдӣ, Хайём, Ҷалолиддини Балхӣ ва дигаронро ба гунаи

[213] «Тазкират – ул – авлиё»- и Шайх Аттор, с.309
[214] Аҳмади Касравӣ, «Сӯфигарӣ», Т. 1323/1944, с. 53
[215] Баргирифтаҳо аз «Тазкират - ул - авлиё» - и Шайх Аттор.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

«шайхони ҷоҳилу гумроҳ», «сӯфиёни таблхори луқмаҷӯ», бозоварем, барои андешаҳои дигар ҷой намемонад. Аммо ба ҳар сурат ин сатрҳои бузургонро барои устувории гуфтори боло ёдовар мешавем:

Моро ба мастӣ афсона карданд,
Шайхони ҷоҳил пирони гумроҳ.

(Ибни Сино)

Сӯфиёни таблхори луқмаҷӯ,
Сангдилону ҳамчу гурба рӯйшӯ.

(Ҷалолуддини Балхӣ)

Сӯфии шаҳрро бубин, луқмаи шубҳа мехӯрад,
Пордумаш дароз бод ин ҳаявони хушалаф!

(Ҳофиз)

Зоҳид ба карам туро чу ман нашносад,
Бегона маро чу ошно нашносад.
Гуфтӣ, ки гунаҳ кунӣ ба дӯзах барамат,
Инро ба касе гӯй, ки туро нашносад.

(Хайём)

Ҳамчунон як - ду намуна аз гуфтаҳои бузургон меоварем, ки норостиву каҷравиҳои ифротгароёни диниро далел мебошанд:

«Дар Бағдод ҳар рӯз бисёр хабарҳо мерасид аз дуздӣ, қатл ва таҷовуз ба занон, дар билоди мусалмонон, ки ҳама аз ҷониби мусалмонон буд. Рӯзе Хоҷа (Насираддини Тусӣ дар назар аст. З.М.), ки ҷамоати мусалмон аз ҳар ҷамоати дигар бештар гунаҳ мекунанд, бо он ки дини худро бисёр ахлоқӣ медонанд. Ва Насираддин маро гуфт: «медонӣ аз баҳри чист худро бузургманиш медонанд?» «Ман бад – ӯ

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

гуфтам: Бузургворо, ҳамоно ман шогирди туам ва бисёр шодмон хоҳам шуд, агар надонистаро бидонам». Хоҷа Насираддини Тусӣ фармуд: «Ман бисёр сафарҳо кардаам аз Шарқ то Ғарби олам. Динҳову оинҳо дидаам. Аз Будо дар Ховарзамин, то Монии эронӣ. Дар Бохтарзамин, ки ҳамоно пайравонаш чи некӯ мезиянд ва ҳаргиз ба душманиву адоват нестанд, онҳо ҳаргиз чун мусалмонон дар ахлоқашон фаръу асли худро бедор кардаанд ва ниёзе ба ҷузъиёти ахлоқӣ ҳамчун нест ва танҳо бунёди ахлоқро худшиносӣ медонанд ва муътақиданд он ки худ бишносад ваҷҳ дорад. Дар ислом туро мегӯянд: дурӯғ нагӯ.... аммо дурӯғ ба душманони исломро боке нест. Ғайбат макун...., аммо ғайбати инсони бадкорро боке нест. Қатл макун......, аммо қатли номусалмонро боке нест. Таҷовуз макун......., аммо таҷовуз ба номусалмононро боке нест. Ва ин «аммо» - ҳо мусалмононро гумроҳ карда ва ҳар мусалмоне ба гумони худ дигареро нобакору номусалмон медонад ва иҷозаи ҳар пастиро ба худ медиҳад ва худоро низ аз худ розиву шодмон мебинад. Ва рози нобихрадии мусалмонон дар ҳамин аст, эй шайх!»[216]

Ва достони дигар:

«Духтаре зебо буд, асири падаре айёш, ки даромадаш фурӯши шабонаи духтараш буд. Духтарак рӯзе гирён аз манзили падарӣ назди ҳоким паноҳ гирифт ва қиссаи худ бозгӯ кард. Ҳоким духтарро назди зоҳиди шаҳр амонат супурд, ки дар амон бошад, аммо ҷаноби зоҳид ҳам ҳамон шаби аввал духтарро.......... Нимашаб духтар нимабараҳна ба ҷангал гурехт ва чаҳор писари маст ӯро атрофи кулбаи худ ёфтанд ва пурсиданд бо ин вазъ, ин замон, дар ин сармо ин ҷо чӣ мекунӣ??!! Духтар аз тарси ҳайвоноти беша ва ҷонаш гуфт, ки «оре, падарам он буду зоҳид аз хайри ҳоким чунон, бепаноҳ мондам». Писарҳо бо каме фикру макс ва дидани духтари нимабараҳна, ӯро гуфтанд: «ту

[216] www.dastansora.blogfa.com/tag

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

бирав дар манзили мо бихоб, мо низ меоем». Духтар тарсон аз ин ки бо ин чаҳор писари маст то субҳ чи гуна бигзаронад, дар кулба хобаш бурд. Субҳ, ки бедор шуд бар зеру бараш чаҳор пӯстин барои ҳифзи сармо ҳаст ва чаҳор писар беруни кулба аз сармо мурданд. Бозгашт ва бар дари дарвозаи шаҳр дод зад, ки: «Аз қазо рӯзе агар ҳокими ин шаҳр шудам, хуни сад шайх ба як маст фидо хоҳам кард, васати Каъба ду майхона бино хоҳам кард, то нагӯянд мастон зи худо бехабаранд».[217]

Аммо сӯфиён ҳар бузурги дар сухансароӣ овозаманд ва ё кашфкунандаи асрореро аз ҳамкешони худ бознамоён сохта, офаридаҳои онҳоро хоҳ шеър бошад, хоҳ офариниши дигаре ба тасаввуф нисбат медоданд. Дуруст будани ин гуфтаро достони зерин метавонад гувоҳ бошад: « Яке аз шогирдони Охунд Мулло Алии Нӯрӣ аз маонии ин байти Ҳофиз пурсид аз Охунд:

Майи дусолаву маҳбуби чордаҳсола,
Ҳамин бас аст маро сӯҳбати сағиру кабир.

Зеро шунида буд, ки баъзе урафо (орифон) мегӯянд, ки «муроди Ҳофиз аз маҳбуби чордаҳсола паямбари ислом аст, ки дар чиҳилсолагӣ мабъус (барангехта) шуда ва чаҳор то даҳ сол низ чиҳил аст ва муродаш аз майи дусола, «Қуръон» аст, ки дар ду сол амри нузули оёташ бар паёмбар сомон гирифта. Охунд Мулло Алӣ дар ҷавоб навишт: Эй, нури ҳар ду чашми ман! Маънии майи дусола он шаробест, ки ду сол монда бошад ва аҳли нишоти бода гӯянд таъсири чунин шаробе барои мастӣ бештар аз шаробҳои дигар аст ва мурод аз маҳбуби чордаҳсола низ душизаест, ки ба синни чаҳордаҳ бошад. Ҳамин асту бас ва Ҳофиз ғайр аз ин маънӣ иродат накардааст. Он чи урафо тавҷеҳ ва таъвил (таъбир) мекунанд, ашҳадду биллоҳ,

[217] www.dastansora.blogfa.com/tag

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

воллоҳу таоллоҳ, ки хилоф аст ва муроди Ҳофиз набуда, набуда ва набуда аст. Вассалому нома тамом»[218]

## Андешаронии озодзодагон пас аз гирифторӣ ба доми муғулону туркон.

Мо намехоҳем аз ситоишҳову хушомадгӯиҳои адибони форс - тоҷик бахшида ба ҳамлаварони сарзамини худ саҳифаҳоро пур кунем. Гарчи онҳо аз Искандари малъун ва Ҳалокуи хунхор то Қизил Арслону Алп Арслон, Маҳмуди Сабуктегину Темури лангу дигар хунхорону барбарони таърих гаҳе ночору гаҳе бо хоҳиши дил сухани поки дариро дар рӯйи ҳазорон саҳифаҳо дареғ надоштаанд. Басанда медонем ин нуктаро ба ёд оварем, ки бархе сухангустарон сухани форсиро дар бозтоби чеҳраҳои аҳриманий онҳо олуда сохта гаҳе он хунхорони даҳрро бо таркибҳои «Рустами Дастон», «Анушервони одил», «Хусрави замон», ном гирифтаанд. Гузашта аз ин ҳатто осори ба кушту кушторҳои бахшидаашонро куфргӯёна «Шоҳнома» унвон кардаанд. Ончуноне Шарафиддини Яздӣ (таърихнигори дарбори темурӣ, ки аслан эронитабори Язд буд), китоби «Зафарнома» - и худро «Шоҳномаи Темурӣ» ном ниҳодааст.

Аз ин ки Шарафиддини Яздӣ дар дарбори темуриён хидмат мекард, ба ҳангоми навиштани таърихи Темури Ланг, қатлу барбарияти ӯро лашкаркашиву қаҳрамониҳо бозгӯ намуда, гумон накардааст, ки пас аз гузашти замонаҳо, навишторҳояш мадраки ҷиноятҳои фаҷеҳи он ҷаллод хоҳанд гашт. Ва мо тоҷикон дар садаи 21 низ ба чунин таърихнигорӣ, Шарафиддини Яздиро бо дидаи нек нахоҳем нигарист.

---

[218]«Ќиссас-ул-уламо»., Ќисмате наќл ба айни иборат, Т.,Ширкати интишороти илмї ва фарњангї, 1386/2007.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Нигорандаи ин сатрҳо дар яке аз навишторҳои худ оварда буд, ки инҷониб ҳаргиз нахоҳам пазируфт, ки хунхортарин ҷаллоди таърих, қотили миллионҳо тифлону занону пирсолон ва ба оташ дардиҳандаи ҳазорон шаҳру деҳот, ба бодияву биёбон табдилдиҳандаи ҳазорон ҳазор боғистону чаманистонҳо, аз сари пиру ҷавон бунёдкунандаи садҳо манораҳо, кушандаи садҳо сарварону подшаҳони қавмҳои дигарро фарҳанговар, озодихоҳ, адолатпарвар, бунёнгузори давлати додхоҳон, ҳаётбахш, ҷаннатмакон, зоти шариф, ҳазрати Амир Темур ва боз бо даҳҳо маъниҳои аҳуроӣ ном оваранд. Магар рӯҳи нооромӣ миллионҳо тифлону ҷавонони ҷавонмарг, дар фазои Самарқанду Бухоро, Балху Марву Исфаҳон, Сиистону Табрезу Шерозу Измир, Еревану Бағдоду Мисру Ҳинд, ноумед рӯ ба хирадмардони рӯйи замин наовардаанд?! Магар рӯҳи онҳо чун рӯҳи садҳо ҳазор армании ибтидои асри XX , 40 миллион мардуми шӯравӣ, табъидшудагони урдугоҳҳои сталинии Сибирия ва бо каланд куштагони кхмерҳои сурх, бар вассофони он ҷаллодҳо нафрин намефиристанд?!

Аҳмади Касравӣ низ биниши таҳлилии худро аз ҷиноятҳои таърихии Темури ланг дареғ надошта, навиштааст: «Марде ба номи Мавлавӣ, ки шогирди Сафиалишоҳ буда як маснавӣ дар таърих ба номи «Одам ва олам» сурудааст, ки дар рӯзгори мо ба чоп расидааст, шеъре аз он ба ёд медорам, ки дар ситоиши Темури ланг аст:

Роъияти Темур шаҳи Гуркон,
Чун ба ҷаҳон шуд алами достон.
Ҳукмаш аз айвонгаҳи кайҳон гузашт,
Маъдалаташ з – Одаму ҳайвон гузашт.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Касе, ки чунин суханонро навиштааст ин шеър намунае аз тирагии равони ӯст, ки ба Темури хунхор, пас аз шашсад сол чоплусӣ мекунад. Темуре, ки дар аспҳо ба баҳонаи нофармонии чанд тан, фармони куштор дод ва ҳафтод ҳазор сар хост ва дар Бағдод аз сарҳои куштагон манораҳо афрошт, ин аз «маъдалати»[219] ӯ сухан меронад ва онро аз «одаму ҳайвон» мегузаронад».

Ва шӯрбахтӣ он аст, ки дар рӯзгорони мо он достонҳои барсохтаи ба ҳувиятшиносии тоҷикон зарароварро дар байни ҷавонон пахш мекунанд ва ҳатто аз он дурӯғсароиҳо асарҳои саҳнавӣ офарида пеши рӯйи тамошобинон мегузоранд. Ҳамон гуна ки чандин сол пеш дар саҳнаи театр намоишномаи «Амир Темур ва Ҳофиз» - ро ба намоиш гузошта, аз телевизион низ онро бознамоён сохта буданд. Намедонам ин сафсатанигорӣ маҳсули сари пурбоди кист, вале ин боди аз мағзи сари он драмнавис ба саҳна роҳ пайдо карда, таърихро кажу воруна нишон дода, ақаллан ҳамчун як тоҷик Ҳофизи ҳамнишини доимии Шоҳ Шуҷоъро жандапӯшу қаландар бозтоб намекард. Сухан сари ғазали машҳури Ҳофиз меравад, ки матлаъи он ба турки шерозӣ ишора дорад:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

Драмнавис пурсиши аблаҳонаеро аз забони Темури ланг меоварад: «Ту турки шерозиро дидаӣ?» Дар ҳоле ки дар Шероз як туркро ҳам пайдо кардан муҳол буд. Ва Ҳофиз ҳангоми дӯстдоштаи худро «турки шерозӣ» хондан, на қавми туркро дар нигар доштааст, балки дар паси ибораи «турк» ишора ба бераҳмиву хунхории турки шамшерзан дорад. Ва воқеан, «холи ҳинду» - ро на ба маънии холи ҷабини душизаҳои ҳинд, балки ба сиёҳии

[219] Маъдалат, яъне адолатарварї, аз адл, одилї

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

холи душизаи шерозӣ ишора кардааст. (Ончуноне ки шаби торикро «ҳиндуи шаб» мегӯянд.) Инҷониб ба асолатбохтагии тоҷикони саҳнаоро дар шигифтам: Темури ланг, тахтариши тоҷикона дошт ба Ҳофизи тоҷики бузриш - кӯса мегӯяд, ки «ман шаҳри Самарқандро сохтаам», аммо Ҳофиз аз тарс наметавонад бигӯяд, ки дар бораи Самарқанд, ҳанӯз бобоёни ману шумо зода нашуда буданд, ки шоири тоҷик гуфта буд:

Самарканд канд ман,
Бад - инат кӣ афканд?
Аз Шош та беҳӣ,
Ҳамеша та хубӣ.

Самарканд (канд, яъне шаҳр; «Самарканд канд ман», яъне Самарканд шаҳри ман, бад - инат, яъне чунинат. Ба ёд овардан хуб аст, ки дар замони офариниши сатрҳои боло, ҳанӯз тозиён овои «Қ» - ро ба забони мо ворид накарда буданд. Бинобар ин ифодаи ҷойноми боло ба гунаи «Самар**қ**анд» иштибоҳ аст.)

Ва дарднок оне низ буд, ки гӯё Ҳофиз Темурро «шаҳриёр» ва «шоҳаншоҳ» мехонд.

Ба ҳангоме ки мадҳияҳои шоирони тавоноеро чун Анварӣ, Манучеҳрӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Масъуди Саъди Салмон, Заҳири Фориёбӣ, Асираддини Асхикатӣ, Сайфи Фарғонӣ, Амъақи Бухорой, Рашиди Ватвот, Алии Сӯфӣ, Алии Шатранҷӣ ва даҳҳо дигаронро дар ситоиши хонҳову амирони ғазнавӣ, қарахонӣ, салҷуқӣ, темурӣ пеши рӯ меоварӣ ба зеҳн дудилагие пеш меояд, ки ин чирасуханони фарҳехта сирф бар ҳадафи подошу мартаба гирифтан дар ситоиши он хунхорони турктоз сурудаҳо офариаанд, ё ҳадафҳои дигаре дар миён буд, ки то ҳанӯз аз андешаи адабиётшиносон дар канор мондааст?!

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Чунин байтеро аз мадҳияи Заҳири Фориёбӣ (1156 - 1201) меоварем, ки бегумон ба осмон бароварданҳои Қизил Арслон, дар чашми огаҳон, баробар ба хок ҳамсон кардани ин хони мағруру худхоҳ мебошад (яъне дар пушти пардаи тавсиф тамасхурро метавон пай бурд:

Нӯҳ курсии фалак ниҳад андеша зери пой,
То бӯса бар рикоби Қизил Арслон занад.

Ва ё ин байте, ки Манучеҳрӣ ба Масъуди Ғазнавии камхирад бахшидаст, гувоҳи гуфтаҳои боло хоҳад буд, зеро сарояндаи он аз ҳисоби мероси падар сармояи ҳангуфт дошта ба дурӯғсароӣ ниёзе надошт:

Эй, мири чаҳон, эзид биспурд ба ту кайҳон,
Кайҳон ба ситамгарон донам, ки наспарӣ.

(Яъне дар пушти мадҳиясароӣ танзе ниҳон аст ишора ба камхирадӣ ва дӯст доштани хонҳои бехирад суханони иғроқи шоиронро.)

## Дурӯғи бегонагон бар боварҳои ниёкони мо

Пеш аз ин ки диди худро дар пиромуни дурӯғбофиҳои бегонагон ва ё воруна нишон додани пиндору гуфтору рафтори ориёиён аз тарафи нооориёиён пеши рӯ оварем, мебояд ёдовар шавем, ки гузаштагони дури мо дар нисбат ба дурӯғу дурӯғбофон нафрат доштанд ва дурӯғгӯиро гуноҳи бузург донистаанд. Дурӯғро бо таркибҳои «деви дурӯғ» ва «аҳримани дурӯғ» унвон додаанд.

Деви дурӯғ, ки Буити (Buiti) низ ном дорад, аз рӯзҳои нахустини падидор гаштани Зартушт, бо супориши деви девон Аҳриман, дар пайи куштани паёмбар мегардад.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Назар ба ривоят, Зартушт чун ба дунё омад Дурогон (Duragan), дев ва афсунгари бузургро сахт торикиву зулмот фаро гирифт ва аз ҳарос ба худ ларзид, чун дарёфт паёмбарест, ки ҷодуву афсуну дурӯғро аз бунён бархоҳад афканд ва ҷумлаи ҷодувону бадкоронро аз хиттаи замин бархоҳад андохт, пас ба чораҷӯӣ андар шуд.[220]

Дар «Авасто» бобҳои алоҳида дар бораи рафтор бо дурӯғпарастон бахшида шудаанд. Дар баробари ба оини ростӣ гароидан, одамонро таъкид мекунад, ки ба дурӯғпарастон ситеза кунанд ва оноро миёни худ роҳ надиҳанд. Ва ончуноне дар модари китобҳо омадааст, худованд Зартуштро барои некиву ростӣ ихтиёр доштан ва душмани дурӯғ будан, ба паёмбарӣ пазируфтааст. Фариштаи Баҳман (Ваҳуман) ба назди Зартушт фуруд омада мепурсад кистиву чӣ таборе дорӣ ва кому орзӯят чист? Зартушт мегӯяд, ки «ман Зартуштам, душмани дурӯғ, дӯсти нерӯманде аз барои пайравони ростӣ ҳастам». Ва дар ҷойи дигар таъкид мекунад, он ки дурванду дурӯғкирдору каҷандеш аст, аз Анграмайну (Аҳриман) ва коми хуш наёбад ва сарнавишти табоҳ дошта бошад. Дар «Авасто», дар муқобили «хиради поку муқаддас» – Спинта майну (Spenta mainuy), аз «хиради палиду дурӯғ» - Анграмайну (Angra mainuy), гуфтаҳои зиёде мавҷуд аст, ки мардумонро аз роҳи Аҳриман – роҳи дурӯғу торикӣ, ҳазар карданро таъкид мекунанд.

Таърихнигорон ба ҳангоми ситоиши рафтори нахустини подшоҳони Эрон бо душманони мағлубу шикастхӯрдаи худ яке аз паҳлӯҳои асосии тарбияти эрониёни қадимро ростгӯӣ ва эҳтиром ба ростӣ донистаанд.

Дар замоне, ки юнониён душмани хунии эрониён буданд, таърихнигори бузурги онҳо Ҳеродот гуфтааст:

---

[220] Њошими Разї, «Зартушт ва таъолими ў», Т.,1360 /1981, с.46

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

«Чизе, ки орониён аз ҳама беш қабеҳу кареҳ медонанд, ҳеҷ чиз шармангезтар аз дурӯғ гуфтан нест...»

Ҳеродот навиштааст, ки «дурӯғ гуфтан дар оини Зартушт гуноҳи кабир аст ва дар назди эрониён палидтарин кор даниста шудааст». Ин гуфтаи Ҳеродот баргирифта аз чунин сангнабиштаи Дориюши Бузург аст, ки ба ин маънӣ ишора гардидааст: «Ту ки рӯзе шоҳ хоҳӣ шуд, аз дурӯғ бипарҳез ва касеро ки дурӯғ мегӯяд, сахт ҷазо бидеҳ». Дар ҳақиқат гузаштагони мо бад-он сон ба дурӯғ кароҳати беш ва ба дурӯғгӯ нафрат доштаанд, ки онро бо офатҳое чун хушксолӣ ва ҷанг ҳамгун мегуморидаанд. Шоҳаншоҳ Дориюш, ба ҳангоми дуо, аз худованд мехоҳад кишварашро нахуст аз сипоҳи душман (ишора ба ҷанг), сипас аз хушксолӣ (ишора бар табақаи кишоварзу пешавар) ва севвум аз дурӯғ нигоҳ дорад.

Таърихнигори дигари Юнони бостон, Плутарх (45 - 127 м.) аз омӯзиши «Авасто» дарёфтааст, ки дар ин китоби муқаддаси эронинажодон аз шаш дев ёд мешавад. Аммо дар - «Гота» ҳо, дар бораи се деви дар муқобили амшосипандон (фариштаҳо) қарор дошта сухан рафтааст; нахуст «Ак – мана» (Ака мана), ба маънии маниши бад, дар муқобили Ваҳумана – маниши нек, дуввум Друҷ (Drug) – дурӯғ дар муқобили «Аша» (Asha) – ростӣ ва севвум деви Айешма (Aeshma) – хашм, дар муқобили Шаҳривар.

Ниёкони мо ба дурӯғгӯён кайфару ҷазои сахт раво медидаанд. Агар шахсе ба гуфтани сухани дурӯғ гунаҳкор дониста мешуд, дар назди мардум «савганд мехӯрд». Ин амали ниёконамон аз савганд ёд карданҳои ҳамзамононамон тафовутҳои қатъӣ дошт, зеро ки савганд хӯрдан на танҳо ба забон овардани сухан буд, балки барои исботи сухани рости худ амалеро анҷом медод, ки дар бисёре аз мавридҳо ба марги дурӯғгӯ анҷом мепазируфт.

Дар «Авасто» вожаи «Савганд» (SAOKENTA VANT, яъне дорои гӯгирд), ба маънии гӯгирд аст ва таркиби

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

«савганд хӯрдан» ро маънӣ оби гӯгирд хӯрдан аст, ки ҳангоми муҳокимаҳои печдарпечу мубҳам аз роҳи имтиҳону озмоиши гунаҳкорӣ, ё бегуноҳии шахси гумонбар вайро микдори гӯгирди бо об омехтаро мехӯронданд ва дар вуҷудаш пайдо мегашт, ки гунаҳкор аст, ё на.

Таркиби «қасам хӯрдан», баргирифта аз амали савганд, яъне оби гӯгирд хӯрдан мебошад, зеро равшан аст, ки қасамро хӯрда намешавад. Дар ин ҷо баъдҳо калимаи арабии «қасам», ҷойи вожаи форсӣ – тоҷикии «савганд» ро гирифта, ҷузъи таркиби феълии «хӯрдан» и тоҷикӣ боқӣ мондааст. Дар он замон ҳамчунон барои исботи ростӣ ва дурӯғ будани даъвои рақибе, кас мебоист аз миёни оташ гузарад. Дар ин маврид достони Сиёвуш аз «Шоҳнома» и Ҳаким Фирдавсӣ намунаи кароҳати сахт доштани аждодони порсиён ба дурӯғгӯӣ мебошад. (Сиёвуш аз майли модарандараш Судоба, ки ҳамхоба гаштан бо ӯ буд, бо нафрат мегурезад, аммо ба дасисаи модарандар бо туҳмат ба дастдарозӣ ба номуси Судоба, гирифтор мешавад. Бо раъйи мӯъбадон барои исботи бегуноҳии худ, Сиёвуш аз миёни оташ бегазанд берун меояд). Ва гумон меравад дар миёни мардуми оддӣ ривоҷ доштани таркибе ба сони «агар дурӯғ гуфта бошам, дар оташ бисӯзам», обишхӯр аз он оини бостон аст. Тоҷикон дар гузашта дуввумин зиштиву бадӣ бидеҳкориро (қарздориро) донистаанд ва бад-он буданд, ки ҳар ки бидеҳкор, яъне қарздор шуд, ночор дурӯғ мегӯяд. Дар бораи русуми порсиён, аз бидеҳкорӣ кароҳат доштан, падари таърихнигорони ҷаҳон, Ҳеродот нақл кардааст.

Он чи ки беш аз ҳама дар чашм мезанад ин аст, ки дар «Авасто» (бахши Девясно – гуфтор пиромуни девон), дар бораи турониён омадааст. Онҳо гарчи аз гавҳари инсонанд, вале дар дину одоб ғайриориёӣ будаанд. Устод Пури Довуд, бо ишора ба яштҳо овардааст, ки «Дар Авасто

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ғолибан Девясно аз барои тирониён омадааст ва басо бо сифати дурӯғпарастанда як ҷо истеъмол шудааст». (Ҷойгоҳи туркон дар «Авасто» баробар ба ҷойгоҳи яҳудон дар «Қуръон» аст).

Чунончи Зарир дар канори рӯди Дойити, Доятик, Дотик (Омӯ) маросими ниёиш ба ҷо оварда, аз худованд хоҳиш мекунад, то дар майдони ҷанг ба Арҷоспи туронӣ, ки аз дурӯғпарастон ва душмани дини маздоӣ мебошанд, пирӯзӣ ба даст оварад. [221]

Акнун бубинем, ки чӣ гуна бегонагон мову андешаҳои бобоёну ҳафт пушти моро норост намоён кардаанд ва моро ба мову бадхоҳони мо кажнигару кажрафтор нишон додаанд. Нахуст ориёитаборонро бад - он сон нодон бозтоб кардаанд, ки гӯё онҳо оббозӣ намекардаанд, оташпараст буда, оташро худо мепиндоштаанд, ба модару хоҳари худ ҳамхоба мешудаанд, ҷасади мурдагони худро ба лошахорон медодаанд, то лошахорон гӯшти баданашонро бихӯранд ва пасмондаи устухонҳои падару модару азизонашонро дар кӯза ва сипас дар сағонаҳо нигоҳ медоштаанд.

Чун тозиён ба мардуми фалоти ишғол кардаашон, ба вижа ба эронинажодон, ба сурати ғолибон бар мағлубони хеш, бо чашми ҳақорат менигаристанд, бовариҳои динии онҳоро бо ченаки худ варандоз карда, ҳамаи ойинҳои мардуми паҳнаи густурдаи фалоти Эронро ҳамсону соддаву зишт вогӯ мекарданд. Бо пайравӣ ба онҳо, андакхондаҳову гаҳе донишиёни миллӣ ва бештар ховаршиносони аврупоии камогоҳ низ дар баррасии фалсафаи жарфи оини зартуштӣ, гузаштагони дури моро оташпараст гумон кардаанд. Оташпараст пиндоштани гузаштагони мо бад-он иллат буд, ки зартуштиён дар маъбад ҳамеша оташ фурӯзон дошта, ҳангоми суҷуду ниёиш рӯ ба самти оташи дар миҷмар фурӯзон мекарданд

[221] Њусайн Каримон, «Пажўњише дар «Шоњнома», Т.,1379/1990, с.184

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ва усулан оташро чун муъҷизаи худованд, дар баробари хок (замин), об, бод (ҳаво) муқаддас медонистанд. Бештари ховаршиносону пажӯҳишгарони риштаи диншиносии Аврупо, ки вожаи «зороастризм» ро сохтаанд, аз он оташпарастӣ (огнепоклонство) маънӣ бардоштаанд, зеро бардошти онҳо ғолибан аз пиндорҳову боварҳои тозиёну юнониёни ҳамлавар мебошад.

Ҳаким Фирдавсӣ - нобиғаи беҳамто дар гирдоварии саргузашти эронитаборон, оташпараст набудани зартуштиёнро дар достони Кайхусрав чунин бозгӯ кардааст:

Чу Хусрав ба оби мижа рух бишуст,
Барафшод динор бар Занду Уст.
Ба як ҳафта бар пеши яздон буданд,
Мапиндор к - оташпарастон буданд,
Ки оташ бад - он гоҳ меҳроб буд,
Парастандаро дида пуроб буд.[222]

Яъне Зартуштиён рӯ ба оташ чун мусалмонон ба меҳроб саҷда мекарданд, вале худои ягонаашон Аҳурмаздо буд.

Метавон ба натиҷае расид, ҳадафи дурӯғбофиҳои "Девони дурӯғ", аз ҷумла юнониёну арабҳо ва бо пайравӣ ба онҳо бархе ховаршиносони аврупоӣ, нишон додани камхирадии эронитаборон, кареҳу бадсиголии онҳо буд; яъне ориёиҳои камхирад, ки се асли ориёии худро ба гунаи «пиндори нек», «гуфтори нек», «кирдори нек», дастури зиндагии хеш қарор дода, ҳамзамон оташро худо пиндошта онро мепарастанд, бо модару хоҳари худ ҳамхоба мешаванд, ҷасади мурдагони хешро ба лошахорон медиҳанд, пайкарашонро бо об намешӯянд, зеро оташу обу

[222] «Шоњнома», љ. V, с. 395

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

хок барояшон муқаддас буда, онҳоро олуда намесохтанд. Ва мутаассифона ба ин дурӯғҳои шохдор на танҳо касони оддии аз донишу андешаварзӣ дур, балки донишмандони номдор бовар кардаанд.

## Дурӯғи бадбинон ба ҳангоми бозтоби Куруши Бузург ва Томириси бодиягард.

### Куруш раҳбаре хирадманду покманиш.

Куруш, (бо забони рӯсӣ Кир, юнонӣ Кирус, яҳудӣ Кореш, инглисӣ Курус, Круз, итолиёӣ, испонӣ Крузо), яке аз симоҳои барҷастатарини таърихи башар мебошад.Тавре ки донишманди шинохтаи Эрон, Ҳошим Разӣ дар пажӯҳиши пурарзиши худ овардааст «Куруш аз сарчашмаи ахлоқии нерӯманде баҳра ёфта буд ва шак нест, ки ин сарчашма ҳамон таолими олии ахлоқии зартушт буд».[223]Яъне пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек.

Адибону таърихнигорон ба бозтоби чеҳраи хориқулоддаи ахлоқиву сиёсӣ ва давлатмардиву кишваркушоии Куруш, ҳанӯз аз замони падари таърихнигорони Аврупо-Ҳеродот таваҷҷуҳи вижа зоҳир кардаанд.

---

[223] Њошими Разї, «Таърихи мутолеоти динњои эронї», Т.1371/1993, с.92.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Нахустин адибе, ки кӯшидааст чеҳраи нотакрори ин шахсияти бузурги таърихи башарро рӯйи коғаз оварад, нависандаи Фаронса Скюдери мебошад. Скюдери дар солҳои ҷанги байнихудии Фаронса (солҳои 1648-1653), китоби даҳҷилдае зери унвони «Артамон, ё Куруши Бузург» таълиф намуда, хостааст аз лашкаркашиҳои шоҳаншоҳи эрониҳо ҳикоят кунад. (Мо дар овардани тахаллуси Куруш вомвожаи арабии «Кабир» - ро написандидаем, балки аз гӯиши тоҷикӣ - форсии ин маънӣ «Бузург» кор мегирем.) Пеш аз нависандаи Фаронса, ҳанӯз Ксенофонт дар асри V ва IV то мелод, дар мобайни китоби «Таърихи Машриқу Юнон»-и худ достоне ба унвони «Курушнома» иншо намуда, дар зимн чигунагии тарбияти Курушро тавсиф карда, ӯро намоди раҳбариву фармондорӣ ва зербинои ахлоқии ҷангро ба сулҳ табдилдиҳанда медонад

Ҳамчунон Ктезиос 7 ҷилд аз китоби 23 ҷилдаи худро ба таърихи сулолаи ҳахоманишиён ва аз ҷумла Куруши Бузург бахшида буд.

Эрониён Курушро «Падари Эрон», ошӯриҳо ӯро «Озодибахш» ва юнониён ӯро «Сарвар» ва «Оварандаи қонун» меномиданд ва ба вай ба чашми як фармонравои ормонӣ менигаристанд. Яҳудиён ин подшоҳро то ба мартабаи Масеҳи парвардигор ба шумор меоварданд, зимни он ки бобулиён ӯро баробари Мардук (худо) медонистанд.

Куруш Бобулистонро фатҳ намуд ва 40 000 яҳудиро аз асорату бардагӣ раҳо кард. Бобулиҳо ягона қавме набуданд, ки Курушро бо оғӯш пешвоз гирифта бошанд. Модҳо, ки аз беадолатӣ ва номардии диктатори Экбатон ба дод омада буданд, ҳамчунон пирӯзии Курушро ҷашн гирифтанд. Дар Таврот Куруш ягона шахсияти ғайрияҳудие аст, ки ба ӯ унвони Машиаҳ, яъне Маҳдӣ дода шудааст. Халқҳо ӯро падар унвон карда буданд ва

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мардумони ба ӯ мутеъ гашта, аз ҷумла юнониҳо ӯро фармонравои додгар ва накӯрой медонистанд.

Донишманди бузург Вилямс Дюрант (1885 - 1981) мегӯяд: Куруш роҳбари афвкунандаву бахшанда буд ва бар ин бовар буд, ки «мазҳаб» дар ҳайсияти инсон муҳим нест. Бо ҳамин бова̄ри дастур дод, ки миллатҳои таҳти императории ӯ метавонанд озодона ибодат кунанд ва маросими мазҳабии хешро анҷом диҳанд. Ҳеродот менависад: Сардиниҳо қасд доштанд Красиюсро зинда дар оташ бисӯзонанд. Куруш Красиюсро наҷот дод ва бо худ ба Эрон бурд. Красиюс аз мушовирони бисёр наздик ва арзишманди Куруш шуд.

Биниши раҳбарии Куруш тайи даврони роҳнамоии дигар бузургону роҳбарон, аз ҷумла поягузорону падарони демократия дар Амрико, аз тариқи Таврот бо Куруш ва андешааш дар мавриди озодии динҳо ва бурдбориву таҳаммули дигарандешӣ ошно буданд. Се тан аз падарони озодии Амрико, Томас Ҷеферсон, Ҷеймс Медисон ва Бениямин Франклин барои ошноии бештар ва шинохти беҳтари Куруш, китоби зиндагии Куруш навиштаи дар боло ёдшудаи Ксенофонти юнониро хонда буданд. Ҷеферсон зери бархе аз ҷумлаҳои он китоб хат кашида буд ва дар ҳошияи китоб ҷумлаҳоеро сабт карда буд. Яке аз бардоштҳои Ҷеферсон аз андешаи Куруш ки дар Қонуни асосии Амрико ба сабт расидааст, нақши мазҳаб мебошад. Дар ИМА мазҳаби расмӣ вуҷуд надорад. Қонуни асосии Амрико на густаришбахши мазҳабе мебошад ва на ягон зиддияте бо мазҳабу рӯҳоният дорад. Нил Магргор мудири музейи Британияи Бузург мегӯяд, ки падарону бунёнгузорони Амрико дар талош буданд, ки чигунагии нақши мазҳаб дар Қонуни асосиро муайян кунанд. Намоде, ки ба он пайравӣ карданд, андешаи Куруш дар мавриди озодии мазҳаб ва бурдбориву таҳаммули дигарандешӣ буд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ин буд дарёфтаҳои пешиниёни мо дар бораи Куруши Бузург - ифтихори ориёиёни тоҷиктабор.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар рӯзгори мо низ барои бозгӯ намудани чеҳраи аслии шоҳ Куруш китобҳои зиёд ба чоп расидаанд, аммо аксаран фарҷоми саргузашти лашкаркаши додхоҳу муаллифи нахустин эъломияи ҳуқуқи башарро таҳқиромезу ношоиста ба қалам овардаанд.

Донишманди барҷаста Ҳошим Разӣ, пас аз ҷусторҳои зиёд дар осори таърихнигорони юнониёни бостон, маросими ба хок супоридани Куруши Бузургро муфассал навиштааст.

«Ҳамроҳони ҷаноза барои даромадан ба оромгоҳ, ҷулуви дари кутоҳи чӯбнамо, ки 31 бар 154 инч[224] буд, хам шуданд ва дари сангии чархонро пас заданд ва чун барои боз кардани дари дуввум боясти ҷой дошта бошанд ва дари аввалро бибанданд, даруни оромгоҳ худро дар торикии маҳз ёфтанд. Даруни оромгоҳ бепанҷара 10, 5 бар 5, 5 по ва ба баландии 8 по, то сақфи ҳамвори он. Аз рӯйи дарёфтҳои онҳо пайкари Курушро дар тобуте аз зар гузошта бар тахте хобонда шуда буд, ки пояҳояш аз зар сохта шуда. Дар болои мизе шамшерҳои кутоҳи порсӣ, гарданбандҳо ва гӯшвораҳое аз сангҳои гаронбаҳо дар зар нишонда шуда буданд. (Баъдҳо ин ҳамаро Искандар бо худ ба Юнон бурд.) Хонаи хурде дар наздикӣ барои нигоҳбонони мақбара сохта шуд. Ба нигоҳбонони мақбара рӯзе як гӯсфанд ва орду бода медоданд. Гирдогирди оромгоҳро пардиз (боғ) фаро гирифта буд ва ҷӯйҳояш чаманҳои марғзор ва дарахтони аз ҳама навъро, ки рӯйи оромгоҳи бозпасини Куруш мавҷ мезаданд, обёрӣ мекард.[225]

---

[224] инљ - аз англисї inch, дюйм, воњиди ченаки дарозї, баробар ба 2, 54 сантиметр

[225] Њошими Разї, Таърихи мутолиоти динњои эронї,Т., Интишороти Бењљат, с. 1371/ 1992, с..28 - 29, 30 - 31

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Дурӯғ дар пиромуни Томириси бодиягард

Дар мавриди Томирис ва достони бо дасти ин зани масагетӣ кушта шудани Куруши Бузург ва сари буридаи вайро дар ташти пурхун гузоштан ва монанди он бофторҳо гуфтанием, ки ҳанӯз дар замони донишҷӯйӣ ин достонро холӣ аз мантиқ дарёфта будам ва пас аз мутолиаи мақолаҳову кундуковҳои донишиёни доно натиҷагирӣ кардам, ки чунин сафсатаҳо, ончуноне дар боло ёдовар шудем, бофторҳои нооериёиёни бадбини эронтаборон беш нестанд. Бар аҳли китоб равшан аст, ки турониёни саҳронаварду хайманишин дар нисбат ба эрониёни шаҳрсозу бунёдкор, бефарҳанг ва бахше аз онҳо нимваҳшӣ буданд. Ва бесабаб нест, ки Фирдавсии бузург онҳоро девзод хонда, бар ин поя турониёни ориёинажодро «турки хунхорамаст», «турки Чин» номидааст. Девзод номидани онҳо бар он поя устувор аст, ки чуноне аз навиштаи падари таърихнигории аврупоӣ, Ҳеродот бармеояд, масагетҳо ойине доштаанд, ки аз рӯйи он падару модари пирсоли худро кушта, гӯшташонро мехӯрдаанд: «Номи мардуми одамхор ишора ба мардуми масагет аст, ки пирмарду пирзанонро кушта мехӯрданд, ки аз он дар «Таърих» – и Ҳеродот ёд шудааст».[226] Наздик ба яқин аст Куруши Бузург, ки ҳамлаҳояш ба сарзаминҳои дигарон ҳадафи коштани адолат буд, ба кишвари масагетиён, барои аз байн бардоштани оини барбарии онҳо буд.

Бадбинони эронитаборҳо чун намехостанд бо тамоми ҳастии худ кашфиётҳо, офаринишҳо ва дастовардҳои ориёиёнро бо чашми нек бингаранд, пешинаи таърихии ин мардумони некандешро кӯшидаанд дигаргуна, воруна ва каж бозтоб намоянд. Юнониҳо ҳаргиз аз ёд фаромуш намекарданд, ки шоҳаншоҳи Эрон яке аз муқаддасоти

---

[226] Машируддавла Њасан Пирниё, «Эрони бостон», љ.1. Т., 1395/2016, с. 484

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

вижаи масеҳиён дори (чалипои) дар он Исои Масеҳ чормехшударо ҳамчун ғанимат бо худ ба Эрон бурда буданд ва танҳо бо хоҳишҳои зиёди қайсарашон (император) бо дастури Хусрави Парвиз онро баргардондаанд.

Гузаштаи баргардондани дори Масеҳоро Ҳаким Фирдавсӣ аз забони Хусрави Парвиз чунин бозгӯ кардааст:

Ҳамон дори Исо наярзад ба ранҷ,
Ки шоҳон ниҳоданд онро ба ганҷ.
Аз Эрон чу чӯбе фиристам ба Рум,
Биханддад бари мо ҳама марзу бум.
Ба мӯбад фармояд, ки тарсо шудам,
Ки аз баҳри Марям сакӯбо шудам.[227]

Эрон, ки дар сари роҳи абрешими овозаманд ҷой дошт, барои аз марзҳояш гузаронидани корвонҳои абрешим, наздик ба сад сол аз Юнон хироҷ меситонд ва яке аз сабабҳои ҷангҳои садсолаи Эрону Юнон дар ҳамин саддгузории шоҳони Эрон ҷой дошт. Барои ҳамин ҳам баъзе таърихнигорони худпарасти юнонӣ эрониёни фарҳанговару андешагаро ва некбинро «барбарон», яъне ваҳшиён меномиданд. Гуфта шуд ва бозхоҳем гуфт, ки араби биёбонгард барои бартарии худро дар нисбат ба эрониён нишон додан ва андешаҳояшонро палидиву нобихрадӣ намоёндан, кӯшидаанд онҳоро ҳақиру нотавону бадкуниш ба тасвир расонанд. Барои паҳн кардани боварҳои динии бо худ овардаашон, биниши илмӣ ва дарёфтҳои фаннии эрониёнро норосту нодуруст арзёбӣ карда буданд. Ҳамон гуна ки дар Хоразм ҳар он касеро ки бо хати авастоӣ менавишту мехонд, аз дами теғ гузаронданд. Ин кори хунини фарҳанграбоиро чингизиёну туркони бодиягард низ такрор кардаанд. Ин буд, ки дар

---

[227] «Шоњнома», љ. IX, с. 282

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бораи саргузашти Куруши Бузург, ин раҳобахши як миллати донишгарои ҷаҳон - яҳудиён аз банди бардагии якумра, пазирандаи ҳама боварҳои динии дигарон, эҷодгари эъломияи ҳуқуқи башар достони бехирадонае бофта, ба ӯ марги ҳақоратомези дурӯғинро печондаанд. (Дар сурате, ки дар Таврот, китоби муқаддаси яҳудиён, фасли Ойзиёни Дуввум навишта шудааст: парвардигор ба Куруш қудрати шикастнопазире ато кард, ки Бобилро фатҳ кунад ва яҳудиёнро аз занҷири бардагиву асорат наҷот диҳад.)

Бегонагони ҳамкеши Деви дурӯғ рӯзгори вопасини Куруши Бузургро - сарвару лашкаркаши беҳамтои таърихро чунин содда нишон додаанд, ки аз баёнашон бӯйи бади дурӯғ, пас аз ҳазорсолаҳо ҳам димоғро олуда месозад. Чунин аст яке аз он ҳарзаофаринихо; Томирис метавонист пеши роҳи убури қӯшуни душманро аз дарёи Окс бигирад, аммо вай ин тавр накард, ба гузаштани душман имкон дод. Зеро малика (таваҷҷуҳ кунед, биёбонгардон малика надоштанд) ба чунин мулоҳизае расида буд, ки дар ҳудуди давлати худ бо душман ҷанг кардан барояш осонтар аст, вале барои душман, ки дарё пеши роҳашро бастааст, гурехта ҷон ба саломат бурдан амри муҳол хоҳад шуд. Куруш артиши худро аз дарё гузаронид ва чанд фарсах ба даруntари мамлакати скифҳо даромада, дар ҷое таваққуф намуд. Рӯзи дигар мисли ин ки аз тарс фирор мекарда бошад, дафъатан ӯрдугоҳро тарк кард ва гӯё аз саросемагӣ ба қадри фаровон май ва тамоми асбоби зиёфатро партофта рафт. Вақте ки инро ба малика гуфтанд, вай писари ҳанӯз ҷавони худро бо сеяк ҳиссаи лашкари скифҳо барои таъқиби (бубинед дар ин ҷо Куруши нисфи ҷаҳонро тасхир намуда, ба таъқиби як зани бодиягард гирифтор гашта будааст), душман фиристод.

Ҷавони кори ҳарбро наозмуда, ҳамин ки қадам ба ӯрдугоҳи душман ниҳод, худро на дар майдони разм, балки

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дар саҳни базм дарёфт, душманро фаромӯш кард ва гузошт, ки сарбозони барбарии шаробнадида аз майхӯрӣ масти лояъқил шаванд ва май онҳоро пештар аз силоҳи адӯ ба мағлубият дучор гардонид. Чун Куруш аз ин ҳол воқиф шуд, шабонгаҳ пас гашт ва ин сарбозони масти афтода ва оҷизу нотавонро ҳамроҳи писари малика сар аз тан ҷудо кард. (Бубинед ноҷавонмард нишон додани Куруши дар додхоҳӣ овозамандро). Томирис ин қадар қӯшунро ва аз ҳама аламноктар ягона фарзанди дилбанди худро аз даст дода, тасаллои дили пурдарди худро на дар ашкҳои сӯзон, балки дар интиқоми ҷонситон дид ва мисли ҳамон тадбири душмани маккор, ки ҳоло дар нишоти барори дирӯза кайфу сафо дорад, тадбир андешид. Вай чунон вонамуд кард, ки гӯё пас аз ин зарбаи сахт ба неруи худ бовар надорад ва роҳи гурезро пеш гирифта, Курушро бо ҳила аз дунболи худ ба тангнои кӯҳ кашид, ки пешакӣ дар камарҳои он сарбозони худро ба камин нишонда буд. Томирис дар ин ҷо артиши 200 000 - нафараи форсро ҳамроҳи подшоҳашон маҳв намуд. (Танҳо аблаҳ ба ин гуфтор метавонад бовар кунад; лашкари дусад ҳазора аз дастаҳои боқимондаи шикастхӯрдагон торумор гардад.) Ҳатто ягон пайке ё ҷондоре, ки форсҳоро аз ин шикасти даҳшатангез огоҳ мекарда бошад, боқӣ намонд. Малика амр кард, ки сари буридаи Курушро ба машки бо хуни одамӣ пур кардашуда андозанд ва худ бо чунин суханон бераҳмии ӯро маҳкум намуд: «Инак сер шав аз хуне, ки ту ҳамеша ташнаи он будӣ ва ҳеҷ гоҳ аз он сер намешудӣ».[228]

Нигорандаи дилу забон пур аз захр - Юстин (450 - 527 м.) гумон накардааст, ки бофтори дурӯғаш пас аз ҳазорсолаҳо низ рӯйи об баромада ӯро шарманда менамоёнад. Дар китобҳои таърихии худи ҳамон юнониён, аз ҷумла Ксенофонт ( 430 п.м. - 354 п.м.) омадааст, ки Куруши Бузург аз масофаи дур тир мехӯрад ва писараш

---

[228] Юстин, I - 8, 1-13.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

пайкари захмии ӯро рӯйи гардуна то Посоргод мебарад ва пас аз марг вайро дар дахма гӯронда, дари онро бо санги гарони хоро мепӯшонад.

Вале бофтори дурӯғини сари буридаи Курушро дар ташти (тағораи) пурхун ба эрониён баргардондан, мутаассифона дар омӯзаҳои дарсии мо тоҷикон нигошта шудааст.

Борҳо гуфтаем ва бори дигар мегӯем, ки набояд як таърихшиноси тоҷик, ба ҳангоми пажӯҳиши саргузашти дурударози тоҷикон, ба ҳар як сатри нигоштаҳои ховаршиносону таърихнигорони ғайритоҷик бо чашми боварӣ бингарад. Равшан аст, ки дар бисёре аз мавридҳо, бинобар сабаби гароиши таърихнигори бегона ба мазҳабе, худбузургбинии миллати худ, баҳо додан ба тоҷикон аз рӯйи марзҳои имрӯзаи ҷуғрофиёӣ ва ҳеҷ донистани ҷуғрофиёи таърихиамон, дар чаҳорчӯбаи ҷойноми Осиёи Миёна, ё Мовароуннаҳр ва ё Туркистону Турону Эрон гузаштаи моро аслан дигаргуна ва берун аз марзҳои имрӯзини Эрону Афғонистон ва Ӯзбекистону Туркманистон намоёндан, ҳамаро ба иштибоҳ меоваранд.

Ҳамон гуна ки ба ҳангоми бозтоби сарнавишти Куруши Бузург бофтори барсохтаи дар боло ёдшударо таърихнигори юнонии душмани императории Эрони бостон, пахш карда, то андозае ба ҳадафи хеш ноил гардидааст.

Ҳамон гуна ки аз телевизион ба ҳангоми бознамоёндани расмигузашти (паради) низомӣ дар яке аз ноҳияҳои вилояти Хатлон, бахшида ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сухангӯи барнома мегуфт: «зане чун малика Томирис бар зидди душманон меҷангид....». Яъне барандаи ноогоҳу камхонда Курушро душман ва Томирисро маликаи тоҷик пиндоштааст.

Дар сарчашмаҳои юнонӣ низ омадааст, ки соли 530 Куруши Бузург, чун Юлий Сезар дар ҷанг захмӣ гашта, ҳалок мешавад. Ӯ ҳаргиз аз пайи шухрат нагаштааст.

Дурӯғнависон пай набурдаанд, ки Куруши аз тири душман захмдорро писараш Камбуҷия рӯйи гардуна

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

(ароба) се рӯз ба самти Посоргоди дар масофаҳои дур ҷойдошта мебарад ва шоҳ дар роҳ ҷон медиҳад. Дар роҳ Камбуҷия васиятҳои ӯро рӯйи коғаз навиштааст ва он нигоштаҳо то рӯзгори мо расидааст. Чунончи бахши хурде аз васияти Курушро ин ҷо нақл мекунем:

«Тавсияи дигари ман ба ту ин аст, ки ҳаргиз дурӯғгӯ ва хушомадгӯро ба худ роҳ надеҳ, чун ҳар дуи онҳо офати салтанатанд ва бидуни тарраҳум дурӯғгӯро аз худ бирон. Ҳамвора ҳомии кеши яздонпарастӣ бош, аммо ҳеҷ қавмеро маҷбур накун, ки аз кеши ту пайравӣ намояд ва пайваставу ҳамеша дар хотир дошта бош, ки ҳар касе бояд озод бошад, то аз ҳар кеше пайравӣ кунад. Ва дуо мекунад: Худовандо! Сарзамини маро аз ҳамлаи бегона, хушксолӣ ва дурӯғ дар амон бидор!»

Дар омӯзаҳои мактабӣ таърихи бостонии моро гаҳе воруна нишон дода, бофторҳоеро ҷой медиҳанд, ки дар онҳо эронитаборони Варорӯдро душмани эрониаслони Эрону Афғонистони имрӯза бознамоён месозанд. Чунончи аз худ Шеракеро бофта дар китобҳо ҷой кардаанд, ки лашкари ҳахоманишиёнро қасдан ба кӯрароҳ бурда, худ ва эрониёнро ба куштан медиҳад.

## Дурӯғҳо дар саҳифаҳои китоби бузурги тоҷикон «Шоҳнома».

**Асли туро зи риштаи фарҳанг офаридаанд,**

**Ё аз гили маонию дониш сириштаанд.**

**«Шаҳнома» - ву ҳикоятат аз мағз-мағзи он,**

**«Шаҳнома» - ро барои ту гӯё навиштаанд.**

**(Гурез Сафар)**

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Бояд донист, ки ҳамлаварони бар тахти каёнӣ сикка зада, аз Искандар то арабу турку муғул кӯшидаанд дар баробари нотавону худбохта намоён кардани шоҳону сипаҳсолорони бостонии мо, ҳар чӣ тавонистанд офаридаҳои бузургонамонро, ки ба арзишҳои меҳаниву худогоҳӣ бахшида шуда, бозгӯкунандаи саргузашти пурифтихору саршори кашфиётӣ, илмиву фарҳангиамон мебошанд, дигаргуна созанд. Ба он офаридаҳо ё тобишҳои динии худро афзудаанд, ё достонҳои давлатсозии шоҳони эронитаборро афсонагуна ва бештар ба халифаҳову хонҳои ҳамтабори худ вобаста кардаанд.

Чи ҳилаҳое накардаанд бадбинони тоҷикону эронитаборон, то нагузоранд ин мардумон корҳои ҷаҳонсозиашонро пеш бибаранд. Ба - дон сон ки дар баробари ошуфтасозии забони дарӣ, «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсиро дар чашми мардум дигаргуна бознамоён созанд. Чун пай бурданд, ки наметавонанд комёб бошанд, бадону нокасонро хуб ва радону диловарсаронро нохуб нишон диҳанд, «Шоҳнома» - ро ба ягон шоҳи турктабори ғаддор, ба сони Маҳмуди Сабуктегин пайвастаанд.

Чун ин ҳам коро нашуд, ба «Шоҳнома» сарсуханҳо навишта, дар он бофторҳои асосгунаи худро ҷой додаанд.

Бойсунқаре, ки қар - қараш аз бегонагии ӯ бо «Шоҳнома» гувоҳ аст ва рашки бартарии эронитаборон меҳӯрдаш супориш дод то ба ин шоҳкори бузург муқаддима навишта, Ҳаким Фирдавсиро вомдори Маҳмуди Сабуктегин ва ин шоҳи хунхори даҳрро сабабгори офариниши шиносномаи ориёиён намоён созанд. Ва ҳатто имрӯз пажӯҳишгарони бегона ва худиҳои зиёди асолатбохта, ё андакхонда нусхаи Бойсунқар (Бойсунқур) - ро намунаи «Шоҳнома» - и асил арзёбӣ мекунанд.

Чун нотавонбинони мо медонистанду медонанд, ки «Шоҳнома» барои хештаншиносӣ ва донишёбии

эронитаборон чӣ ҷойгоҳи бузурге дорад, беш аз ҳазор сол кӯшидаанд ин китоби муқаддас дар шинохти гузашта ва сохтани фардои мо нақше надошта бошад.

Барои гуфтаҳои болоро равшан сохтан чанд навишторео аз муқаддимаҳои «Шоҳнома», ки бо дастури бегонагон нигошта шудаанд, пеши рӯйи хонандаи нуктабин меоварем. Муаллифи муқаддимаи Бойсунқур, ки бо дастури шоҳзодаи муғултабор Бойсунқар Мирзо, «Шоҳнома» - ро рӯнавис кардааст таърихи офариниши ин шоҳкори бузургро кажу воруна нишон дода, хостааст дар пушти пардаи баланд нишон додани табъу завқи Ҳаким Фирдавсӣ, он паямбари сухани форсиро дар назди Маҳмуди Сабуктегини туркнажод ҳақиру нотавон намоён созад. Дар ин ҷо порчаҳоеро аз он муқаддима меоварем, ки як шахси каме огоҳ аз таърихи адабиёти форс - тоҷик ва бо рӯҳи Ҳаким Фирдавсӣ ошно, ба он дурӯғҳову бофторҳо ришханду писханд хоҳад зад. Муаллифи он муқаддима навиштааст, ки шоҳони Сосонӣ, аз ҷумла шоҳи «мулуки Аҷам» Анушервони Одил донишиёни худро ба атрофу акнофи олам барои гирдоварии достонҳои шоҳони Аҷам, мефиристад ва онҳо «таҳқиқу таҳаффус» карда ахбороти лозимаро меовардаанд ва он чӣ пурра равшан набуд аз мӯбадону адибон мепурсанд. То замоне, ки бар тахти шоҳӣ «Яздиҷурд» менишинад. Яздиҷурд донишвари деҳқонеро хост, ки таърихи шоҳонро аз Каюмарс то Хусрави Парвиз дар феҳристе ҷо кунад. Ва таърих ҷамъ шуду дар ғояти камол буд, ки Саъд бинни аби Ваққос он навиштаҳоро ба ғанимат гирифт. Он таърих дар миёни дигар ғаниматҳо буд ва он ҳамаро назди «Амир - ал мӯъминин Умар разиаллоҳу анҳа» бурданд. Мутарҷимеро фармуд, ки аз мазмуни ин китоб хабар диҳад. Муаллифи муқаддимаи Бойсунқар менависад: «Баъзе аз он китоб чун қавоиди адлу дод бештари адён ва ғайри он аз оини мулук ва тадбиру райъи эшон бозгуфт ниҳоят марзӣ ва мустаҳсин афтод ва фармуд,

ки онро ба забони тозӣ тарҷума карданд ва аммо баъзе дигар аз суханҳои номаъқул ва нописандида буд, чун муътақидони абадулшамс (яъне меҳрпарастон - митроиён) ва оташпарастон ва қавоиди собиён ва ҳикояти Золу Симурғ ва амсоли он бишнид, фармуд ки ин китоб шоистаи мулоҳиза ва мутолиа нест, чаро ки мушобиҳати тамом ба дунё дорад ва дунё сазовори илтифот ва таваҷҷуҳ натавон буд. Пурсиданд аз чӣ ҷиҳат ба дунё монад? Аз ҳазрати рисолат шунидам «Азбаски дунё пеши Парвардигор бемиқдор аст ҳалолу ҳаромро дар вай мухталит (омехта) гардонида ва дар ин китоб низ ҳалолу ҳаром дарҳам омехтааст». «Ва чун ғаноим дар байни ғазв қисмат карданд ин китоб ба мардуми ҳабаша расид...»; «Кутоҳи сухан ин ки малики ҳабаша фармуд онро тарҷума карданд ва ӯ ба ин китоб унсу алоқа гирифт ва байни мардумони мулуки Ҳинду Ҳабаша мутадовил шуд, то он замоне, ки Яъқуб бинни Лайси Сaффорӣ ба тахт нишаст ва ба Ҳабашистон кас фиристод, китобро биоваранд. Лайси Саффорӣ амр кард, ки онро аз паҳлавӣ ба форсӣ баргардонда, аз замони Яздиҷурд то он рӯзгор ҳар чӣ рух дода буд илова кунанд... (дурӯғи шохдор - Ҳаким Фирдавсӣ шоҳкорашро ба форсӣ навишта буд). Чун навбат аз Лайсиён ба Сомониён расид, Оли Сомонро ба мутолиаи он эҳтимоми тамом буд, чунон ки дар замони давлати Оли Сомон Дақиқии шоирро фармуданд, ки онро назм кунад ва Дақиқӣ як - ду ҳазор байт аз он гуфта буд, ки ногоҳ бар дасти ғуломи худ кушта шуд ва он ҳамчунон бимонд то замоне, ки давлати эшон мунқатеъ шуд ва мулк дасти Султон Маҳмуди Сабуктегин афтод ва чун ӯ дар замони Сомониён нашвунамо ёфта буд, дар маҷмӯъ умури иқтидо ба тариқи эшон кардӣ ва аксари авқот ба музокираи улуму ҳикам иштиғол намудӣ. Филҷумла бар мутолиаи таърихи мулуки Аҷам ҳирси тамом дошт ва хост дар он тасарруфе кунад, ки ҳеҷ кас аз Лайсиён ва Сомониён накарда бошад

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

фармуд, ки онро манзум гардонанд ва баъзе сабаби афтодани ин китобро пеши Султон Маҳмуд чунин гӯянд, ки яке аз мулукзодагони Форс, аз нажоди Нӯширвон, Хӯри Фирӯз ном бар мавҷиби қазияе аз Форс, ки масқатулраъси ӯ ҷило намуд ва гардиши гардуну ҷаври даври замон ва толеъи воруну бахти шӯри нофармон ӯро ба шаҳри Ғазни, ки мақари салтанати он шоҳи бododу дин буд, фурӯд овард. Шахсеро дид чун пайкари моҳ нӯронӣ, ки имоми султон буд, нексират, поксарират, муборактаъбиятнафс, маймуни ҳадис, шаммае аз парешонии ҳол ва тафриқаву ташвиши моли худ бар ӯ арз кард.

Имоми некном чунон ки одати киром бувад мутаъаҳид шуд ва таққабул намуд, ки гоҳе аҳволи ӯ ба бандагии ҳазрат чунон маърӯз гардонад, ки рӯзгор боз рақами иқбол бар сафҳаи толеъи воруни ӯ нигорад. Чун Хӯри Фирӯз шарҳи аҳвол ба баёни фасеҳу ибороти малеҳ арзадошт кард, то ба василаи имом маърӯз гардонад. Рӯзе рӯ ба даргоҳи Султон ниҳод, чун бирасид, шуароро дид, ки шеъри исфат шурӯъ карда буданд ва сурайёвор бар остони мулки иқтидор муҷтамаъ гашта.

Хӯри Фирӯз аз таҳайюр чеҳра чун хур барафрӯхт ва то ба ҳақиқати ин ҳол фирӯз шавад дар оташи фикрат бисӯхт, ки оё ин чӣ китоб бошад, ки қоил ҳанӯз ба мақоли он иштиғол нанамуда, мустаҳақи ин тарбия мешавад ва Унсурӣ ҳанӯз бино бар аркони ӯ наниҳода мустааҳли чандин навозиш мегардад? ....... Пас султон аз ин сайрулмулук ҳафт достон интихоб фармуд, ба ҳафт шоир дод, ки ҳар як достоне назм кунанд. Дар аснои ин ҳол, ки Асҷад табъи шуаро бар маҳаки имтиҳони камияти айёри худ арз мекард ва унсури пайкари он булаҷо дар маҷлиси султон гавҳари хеш менамуд. Деҳқонписаре, ки сарчашмаи дониш аз зиҳҳоби чеҳраи ӯ барӯманд буд, ниҳоли вуҷудаш дар маъоази таҳсили камол борвар гашта, номи ӯ Абулқосим равзаи баҳеҷи зоҳираш ба бокураи бадоеъи

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

манзумот ва ҳадиқаи зоти бухҷаи хотираш ба навбоваи ғароиб ва наводири мавзунот борвар шуда..... Ба сабаби таъадии аҳли ватан аз он ҷо ҷило карда ва ба Ғазни омада то ба мусоидати бозӯи адли султон, сарпанҷаи татовули удвон бартобад ва ашъаи анвори офтоби интисофи зулаллоҳ бар саропои самумзадаи бедодии зулмати бепоён тобад.

Ва ин низ гуфтаанд, ки чун хабари валӯъи Султон Маҳмуд ба ҷамъ кардани ин китоб дар мамолик шоеъ шуд, малики Кирмон, толиби дӯстии Султон Маҳмуд буд ва доим туҳаф ва ҳадоё фиристодӣ. Ҳам дар он айём дар Кирмон аз нажоди Шопури Зулкатоф яке буд Озарбарзин ном, ки доим ҷамъи ахбори мулук кардӣ. Малики Кирмон аз ин маонӣ бишнид, ҷамъи ӯро пеши Султон Маҳмуд фиристод ва Султон орандаро силлоти некӯ дод ва туҳафи бисёр ҷиҳати малики Кирмон фиристод ва бинои муҳаббати эшон мустаҳакам шуд. Ва дигар дар Марв Сарви Озод ном шахсе аз Оли Соми Наримон буд ва ахбори Сом ва Золу Рустам забт дошт ва ин маҷмӯъ ба Маҳмуд бурд. Алқисса аз ин маҷмӯъ мавозеъи таърихи мулуки Аҷам ҷамъ шуд».[229]

Он нависандаи муқаддима дар боби алоҳидае унвонии «Шарҳи аҳволи Ҳаким Фирдавсӣ раҳматуллоҳа алайҳ», дурӯғбофиҳояшро афзуда, навиштани шоҳкори ориёиҳоро вобаста ба дуои истимдодгари (ёрибахши) Шайх Муҳаммад Маъшуқи Тусӣ алайҳураҳма, ки аз ҷумлаи авлиёуллоҳ буд, донистааст. Дар дурӯғнигориҳои он хушомадгӯ мехонем, ки Фирдавсӣ дар Ҳирот будааст, ки ӯро Султон Маҳмуд ба назди худ даъват мекунад ва дабири муншӣ ҳазрату соҳибдевон Бадеъуддин ҳатто бо Унсурӣ ва Рӯдакӣ машварат мекунад. Унсурӣ ва Рӯдакӣ бо иттифоқи якдигар мактубе ба Фирдавсӣ навиштаанд ва

[229] Доктор Сайид Муњаммад Дабир Сиёќї, Зиндагиномаи Фирдавсї ва саргузашти «Шоњнома», Тењрон Нашри Ќатра, соли 1383/2004, с. 435

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

омадани ӯро ба ҳузури Султон Маҳмуд вочиб надонистанд. Фирдавсӣ аз Ҳирот ба Тӯс бозмегардад ва муаллифи муқаддима инро сабаб « ҳасади атбоъи ғараз», арзёбӣ кардааст.

Мо дар ин ҷо фурсате надорем ба ҳар дурӯғи шохдори дар муқаддимаи Бойсунқар оварда, ки пеши як шахси «Шоҳнома» - ро бо чашми тоҷикона хонда ба сони афсонаи пиразанон менамояд, дар пайи овардани далелҳо бошем. Дар поёни ин гуфтор матнеро аз он муқаддима меоварем, ки баёнгари талошҳои бадсиголони бегона барои ночиз бознамоёндани шоҳи номаҳои ориёиён, гаҳе афсонаву устура (мифология) гуморидани он ва офаридгори он номаи заррин - Фирдавсии сарбаланди ҳар тори мӯяш синону сипари худёбии миллиро дар назди қотили миллионҳо эронитаборону ҳиндуҳои ориёӣ ва косалеси халифаҳои Бағдод, Маҳмуди Сабуктегин ибни Ағмано, ибни Ғӯй, ибни Саранг, ибни Қаробкӯҳим, ғарибу зор нишон диҳад:

«Абулқосимро ба маҷлиси Султон ҳозир гардониданд ва Султон аз ҳақиқати ҳоли нозими ин достон истикшоф намуд. Абулқосим бархост ва баъд аз иқомати вазоифи дуои Султон тақрир кард, ки марди ғарибам аз вилояти Тӯс ва аз зарби зулми аҳли ватан ба зилли адли навоби Султон паноҳандаам ва дар сояи раҳмат ва рафъату марҳамати подшоҳи ислом аз осеби даҳри нофарҷом орамида, чун ин қазия маълум кардам, ин достон ба назм овардам. Султонро хуш омад ва аҳволи Тӯс ва аҳолии он ҷо пурсид.....».[230]

Посухи ниҳоят расову гӯё ба ҳама афсонаҳои тофтаву бофта, ки дар бораи ҳадафу ғаразшон гуфта шуд, аз тарафи фозили фарзона устод Сайид Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, гуфта шудааст: «Барои нишон додани ағрози (ғаразҳои)

[230] Доктор Сайид Муњаммад Дабир Сиёќї, Зиндагиномаи Фирдавсї ва саргузашти «Шоњнома», Тењрон Нашри Ќатра, соли 1383/2004, с. 436

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ҳосидон (ҳасадбарон) ва муғризону (ғараздорон) кутаҳназарон аз сӯйе ва назароти дӯстони нодони батар аз душман аз сӯйи дигар, нақли мундариҷоти тамоми ва осореро, ки аз Фирдавсӣ ёд кардаанд ва ё баҳсе дар бораи ӯ ва «Шоҳнома» доранд, то он ҷо ки дастрас ёфтааст, зарурӣ ва судманд донистааст, то ба далоили бепоя ва асос будани онҳо бипардозад ва пардаҳои тираи афсонаҳои норавоиро, ки чеҳраи тобноки устоди Тӯсро пӯшондааст, ба як сӯ занад, то орифу омӣ аз такрор кардани он нисбатҳо якбора тан зананд ва шоири озодаро чунон ки будааст ва кори боарҷи ӯро despite ончунон ки сазовор аст бишносанд... «Шоҳнома» фарҳанги мост. Афсона ва устура нест. Афсонасухан бад - ин дарозӣ нашавад».[231]

Диди фаротаърихии Фирдавсии паямбар – ин муаллими фарҳанг ва ҳофизаи сарнавишти мо, инсони комили тоҷиктабореро бознамоён месозад, ки ҳама вуҷудашро ба Меҳан ва сарбаландии он, тавоноиҳояш бахшида, обурӯи Меҳанро шаъну шарафи хеш медонад ва бо як ҷаҳонбинии густурдаву номовар, муборизаи хунини мардумашро барои вуҷуд доштани миллату давлаташ пеши дидор мегузорад: «Шоҳнома аз оғоз то поён ва ба вижа афсӯси Фирдавсӣ аз пирӯзии арабҳо, фурӯпошии сосониён ва вайронии Эрон ҳаргиз хушоянди андешае бастаи муъминони мутаассиб набуду нест.

Донишманди фарзонаи замони мо устод Фаридун Ҷунайдӣ бо як бинишварии вижаи худ, гуфтааст: «Шоҳнома аз ибтидо то салтанати Эраҷ таърихи ориёиён аст ва пас аз Эраҷ ва барнишастани Манучеҳр ба салтанат таърихи Эрони Бузург аст».[232]

Ҳуҷҷат - ул - ислом Имом Муҳаммад Ғазолӣ, муаллифи «Эҳёи улуми дин» ва ҳамшаҳрии Фирдавсӣ,

---

[231] Њамон љо, с. 158 - 172
[232] Фаридун Љунайдї, Зиндагї ва муњољирати нажоди ориё, Т. Нашрияи Балх,1390/2011, с. 16

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ҳатто Наврӯзро аз осори габргони маҷус ва хариду фурӯши созу барги ин ҷашнро ҳаром медонист, то чӣ расад ба достонсолорӣ ва сарварии «габргон» ва таърихи подшоҳӣ ва ҷаҳондории онон. Дар даврони Сафавия ва Шайбониён ва пас аз он низ касоне ҳамин нағмаро соз мекарданд. Дар нахустин даврони солҳои ахир худ шоҳиди ҳамин мухолифат бо Наврӯз ва ҷашнҳои пайваста ба он, монанди «Чаҳоршанбеи сурӣ», будаем. Ҳамеша навъе нафй ва инкори тамаддун ва таърихи Эрони Бостон аз ҷониби гурӯҳе аз уламо таблиғ мешуд, ки дар миён «Шоҳнома» беш аз ҳар чиз дар маърази безорӣ буд, ё дасткам нодида гирифта мешуд. Бо вуҷуди пажӯҳишҳои арзишманди садсолаи ахир, аз сӯйи касоне дар китоби сипаҳбад Фирдавсӣ, шоирро ифтихори фармондеҳии ҷангӣ мебахшиданд ва касони дигаре ҳам имрӯз мекӯшанд то аз Ҳаким Фирдавсӣ, «Шайх Абулқосим» бисозанд ва ё аз сари нодонӣ ва буғз ба «Мирзо Абулқосим» битозанд».[233]

## Китобсӯзиҳои ишғолгарон

**Сухан гар аз дили доно нахост зебо нест,**
**Гараш қавофи матбӯъу лафзҳо зебост.[234]**
**(Маликушшуаро Баҳор)**

Таърих гувоҳ аст, ки арабҳо аз нахустин рӯзҳои ҳуҷум овардан ба сарзаминҳои бегона раванди бегонасозии мардумонро бо фарҳангу забони худ оғоз мекарданд. Пас аз даромадани ислом ба кишварҳои ҳамсояи Миср, Лубнон, Сурия, Фаластин, Ироқ, онҳо фарҳанги бошукӯҳи финиқӣ ва бобулии худро аз даст доданд. Дар ин кишварҳо дигар ҳеҷ нишонае аз фарҳанги бостонии худ, аз расму

---

[233]Сайид Муњаммад Дабир Сиёќї, Зиндагиномаи Фирдавсї ва саргузашти «Шоњнома», Т., 1383/2004, с.201

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

одобу забону хати миллӣ боқӣ намонд. Забон, фарҳанг ва шеваи андешаронӣ танҳову танҳо арабӣ гашта буд.

Сарнавишти тоҷикону тоҷиктаборон низ ба сони он кишварҳо ба ивазшавии забону фарҳанг ва ҳувияти миллӣ рӯ оварда буд. Арабҳои таҷовузгар, бо коргирӣ аз рӯҳияи ғолиби худ, ворид кардани ҷосусон ба хонаводаҳо, сафарбар кардани олимони асолатбохтае чун Имом Муҳаммад Ғазолӣ ва сохтмони масҷидҳо дар ҳар кӯю барзан, барои бурдани назорати сахт аз рафтори мардум ва шарик шудан ба зиндагии рӯзмарраи ориёиён, то ба бегона кардани онҳо аз фарҳанги миллӣ, комёб шуданд. Кор то ба ҷойе расид, ки дар шаҳрҳо донишмандону адибони тоҷику эроние пайдо мешуданд, ки асарҳои худро бо забони арабӣ навишта, бо ифтихори баланд фарҳанги арабро бар фарҳанги тоҷикӣ - ориёӣ тарҷеҳ медоданд. Ҳамин буд ки «бо гузашти чанд садсола замина барои андешаронии ақлонӣ сусттар гашт ва фарҳанги хурофот ҷойгузини неруи тафаккур гашт».[235]

Чун василаи асосии пойдор мондану баояндагон ба мерос гузоштани сухан китоб аст ва ҳамлаварони искандариву арабӣ ва муғуливу туркӣ дар баробари пойи нопок ба сарзамини ниёкони мо ниҳодан, бо хунрезиҳои барбаронаи худ, даст ба китобсӯзӣ бурданд ва аз ин ки ҳадафи асосии ҳамлаварон ба худбегонагиву худфаромушӣ супоридани тоҷиктаборон буд, мо дар пиромуни китобсӯзиҳои онҳо, чанд намунае аз бозгуфтаҳои таърихнигорони он замонаҳоро меоварем.

**Китобсӯзиҳои нахуст**; Дар нахустин фоҷеаи китобсӯзӣ, ба гузориши Динкард, ки ба забони паҳлавии миёна нигошта шудааст, Искандар тамоми китобҳои ниёкони моро, ба ҷуз онон, ки дар робита бо пизишкӣ ва ситорашиносӣ буд, сӯзонд ва боқимондаро ба забони юнонӣ баргардонд ва ба китобхонаи Искандария бурд.

---

[235] Аьмади Касраві, Сўфигарї, Т. 1323/1944, с.64

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дар китоби Ардовироф дар садсолаи севвуми мелодӣ номае ба паҳлавӣ нигошта шудааст, ки нусхаи хаттии дар китобхонаи подшоҳӣ нигоҳдорӣ мешуда ва ҳамчунин Авасто ва Занд, ки саросар бо оби тилло бар пӯсти гов навишта шуда буданд, бо дасти Искандар ба нобудии тамом расидааст.

Дар садсолаи севвуми пеш аз мелод ба гуфтаи таърихнигори машҳури юнонӣ Плиний файласуфони юнонӣ аз рӯи навиштаҳои худи Зартушт, ки беш аз 2 миллион сатр, ё микдори 800 баста будаанд ва дар китобхонаи Искандария нигаҳдорӣ мешуданд, кор мебурданд ва ба пиндори ӯ андешаҳои юнониён реша дар донишу оинҳои зартуштиён дорад.

Донишманди Эрон Алии Мирфатрус бо ёдрасӣ аз иқтибосҳои дар боло оварда гуфтореро ба сабт расондааст, ки пиндори моро дар мавриди ба ростӣ ҳам гуҷастик будани Искандари Макдунӣ, устувор месозад:

«Ҳар вакт, ки ба вожаи «кабир» дар муқобили номи Искандар мерасам, агар подшоҳи эронӣ се қарн пеш аз мелод тамоми китобҳои баҷо монда то Афлотунро аз миён мебурд ва танҳо гузидаҳоеро бо худ мебурд, ҷаҳони Ғарб аз он фотеҳ ба чӣ номе ёд мекард?»[236]

**Китобсӯзиҳои дуввум**; Ба оташ афкандани китобҳои тоҷикону эронитаборон дар замони ҳамлаи макдуниҳо анҷом напазируфт, балки дар замони ҳуҷуми араб ба сатҳи баланд расид. Ба вижа ҳангоме ки хонҳову амирони турк аз Бағдод фармонравоӣ мешуданд.

Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» чунин менигорад:

«Иллати ин ки мо аз ахбор бехабар мондаем, ин аст, ки Қутайба бини Муслим бо ҳамла нависандагон ва ҳирбадони Хоразмро аз дами шамшер гузаронид ва он чӣ мактубот (хоразмиён) аз китобу дафтар доштанд, ҳамаро

[236] Алии Мирфатрус, Мулоњизоте дар таърихи Эрон, Париж, 1988

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

тӯъмаи оташ кард (солҳои 712 мелодӣ - 90 ҳиҷрӣ) ва аз он вақт хоразмиён уммӣ (авом) ва бесавод мондаанд».[237]

Ҳамчунин Абурайҳони Берунӣ дар саҳифаи дигари китоби худ чунин менависад: «Вақте Қутайба ибни Муслим сардори Ҳуҷҷоҷ бори дуввум ба Хоразм рафт ва онро бозкушуд, ҳар касро, ки хати хоразмӣ менавишт ва аз таъриху улум ва ахбори гузашта огоҳӣ дошт, аз дами теғи бедареғ гузаронд ва мӯбадону ҳирбадони қавмро яксара ҳалок намуд ва китобҳошон ҳама бисӯзонид ва табоҳ кард».[238]

Яке аз бузургтарин китобхонаҳои Эрон дар шаҳри Рай бо дасти Маҳмуди Ғазнавӣ дар соли 1041 вайрон гашт. Маҳмуди Ғазнавӣ пас аз ба бор овардани зарарҳои фаровон ба ин шаҳри кӯҳану фарҳангии эронӣ ҳама китобҳои фалсафӣ ва ситорашиносии онро ба оташ кашид, сипас бо ғурур ва ифтихор номае ба халифа Алқодир Биллоҳ навишта ва мегӯяд: «тоифаи бузурге аз бадтинатонро ба дор кашидаам».

Қазвинӣ мегӯяд дар Рай китобхонае буд, ки 114 ҳазор ҷилд китоб дошт, ки танҳо феҳристи он фарогири 10 ҷилди тамом будааст.

Ба унвони мисол, китобхонаҳо ва марокизи фарҳангӣ ва илмии Марв, Балх, Нишопур ва Бухоро аз бузургтарин ва муҳимтарин китобхонаҳои асри худ буданд. Алӣ Мирфатрус пажӯҳишгари барҷастаи таърихи Эрон ва ҷаҳон дар мақолае пажӯҳишӣ чунин менависад:

«Танҳо дар яке аз 10-12 китобхонаи шаҳри Марв ҳазор ҷилд китоб аз анвоъ ва ақсоми улум (риёзиёт, табиъиёт, ҳандаса, нуҷум, адабиёт ва ...) вуҷуд дошт. Ба тавре, ки Ёқути Ҳамавӣ (1179 - 1229 м.) - сайёҳи маъруфи араб тавонист 200 ҷилд китоб аз китобхонаи Марв ба

---

[237] Абурайњони Берунї, «Осор-ул-боќия», Душанбе «Ирфон», 1990, с.263

[238] Њамон љо, с. 45, 46, 47)

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

амонат бигирад. Ин дар ҳоле аст, ки дар ҳамон замон (садаи сездаҳуми мелодӣ) ба гуфтаи Адам Митс (1869 - 1917) бузургтарин китобхонаи Гамбурги Олмон дар хазинаи худ танҳо наваду шаш ҷилд китоб дошт[239]

На танҳо китобхонаи Марв, балки аксари китобхонаҳои Эрон ва Варорӯд дар садсолаҳои X - XII мелодӣ (севвум то панҷуми ҳиҷрӣ) дар ҷиргаи бузургтарин китобхонаҳои асри худ ба шумор мерафтанд.

Ба унвони мисол, китобхонаҳо ва марказҳои фарҳангӣ ва илмии Марв, Балх, Нишопур ва Бухоро аз бузургтарин ва муҳимтарин китобхонаҳои асри худ буданд.

Бешак аз осебҳои маънавии ҳамлаи араб ҳар чӣ навиштаву гуфта шавад кам аст. Пиромуни куштору чаповули эрониён дар замони ҳамлаи араб худи таърихнигорони маъруфи арабӣ ва низ эронӣ монанди Ибни Халдун (1332 - 1406), Ал Балозарӣ (ваф. 892), Ал Масъудӣ (896 - 956), Ибни Ҳушшом (ваф. 828, ё 833 м. ), Ас-Саъолебӣ (961 - 1038) ва дигарон дар китобҳои таърих навиштаанд; яке аз таъсиргузортарини ин осебҳо ба забон ва фарҳанги Эрон буд.

Доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби «Ду қарни сукут» бо таҳлили мантиқӣ ба баррасии китобсӯзии арабҳо чунин пардохтааст: «Шак нест, ки дар ҳуҷуми тозиён бисёре аз китобҳо ва китобхонаҳои Эрон дастхуши осеби фано гаштааст. Ин даъвиро аз таърихҳо метавон ҳуҷҷат овард ва қароини бисёр низ аз хориҷи онро таъйид мекунад. Бо ин ҳама баъзе аз аҳли таҳқиқ дар ин боб тардид (дудилагӣ) доранд ва ин тардид чӣ лозим аст?! Барои араб, ки ҷуз Қуръон ҳиҷ суханро, қадр намедонист китобҳоеро, ки аз они маҷус буд ва албатта назди вай

---

[239] Алї Мирфатрус, Мулоњизоте дар таърихи Эрон, Париж, 1988, с.67

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дасткам мояи зулол буд, чӣ фоида дошт, ки ба ҳифзи онҳо иноят кунад?!»[240]

Муртазо Ровандӣ (1913 - 1999) дар китоби «Таърихи иҷтимоии Эрон менависад, ки яке аз осори шуму зиёнбахши ҳамлаи аъроб ба Эрон маҳви осори илмиву адабии ин марзу бум буд. Онҳо куллияи кутуби илмиву адабиро ба унвони осору ёдгорҳои куфру зандиқа аз миён бурданд. Вай дар дунбол меафзояд: Саъди Ваққос ва дигарон ҳосили садҳо соли мутолиа ва таҳқиқи милали Шарқи Наздикро ба дасти обу оташ супурданд…. Сипас ин гуфтаи Ҷалолуддин Ҳумоиро меоварад, ки ҳамон кореро, ки қабл аз ислом Искандар бо китобхонаи Истахр ва бо амри Умар ба китобхонаи Искандария ва Саъд бини Аби Ваққос бо китобхонаҳои Аҷам кард». Ва яке аз қазияҳои китобсӯзии Саъд бинни Ваққос чунин буд: «Вақте Саъд бинни Абулваққос бар Мадоин даст ёфт, дар он ҷо китобҳои бисёр дид. Нома ба Умар бинни Хаттоб навишт ва дар боби ин китобҳо дастуре хост. Умар дар посух навишт, ки он ҳамаро ба об афкан, ки агар он чӣ дар он китобҳо ҳаст, сабаби раҳнамоӣ аст, худованд барои мо Қуръон фиристодааст, ки аз онҳо роҳнамояндатар аст. Ва агар дар он китобҳо ҷуз мояи гумроҳӣ нест, Худованд моро аз шарри онҳо дар амон доштааст. Аз ин сабаб он ҳама китобҳоро дар об ё оташ афканданд».[241]

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар китоби «Тазкират - уш - шуаро», ба яке аз дигар моҷароҳои китобсӯзӣ бо дасти арабҳо дар давраи хилофати Аббосиён мепардозад: «Низомулмулк дар «Сайр - ул - мулук» ҳикоят кунад, ки аз замони хулафои рошиддин ризвоналлдоҳу алаҳум аҷмаъин то ба вақти Султон Маҳмуди Ғазнавӣ қонун ва дафотиру амсала ва маношир аз даргоҳи салотин ба арабӣ

---

[240] Доктор Абдулњусайни Зарринкўб, Ду ќарни сукут, Тењрон Интишороти Амири Кабир, Т., 1330/1951, с. 95, 96

[241] Доктор Абдулњусайни Зарринкўб, Ду ќарни сукут, Тењрон Интишороти Амири Кабир, 1330/1951, с. 101

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

менавиштаанд ва ба форсӣ аз даргоҳи салотин навиштан айб буд..... Абдуллоҳ бини Тоҳир ба рӯзгори хулафои Аббосӣ амири Хуросон буд. Рӯзе дар Нишобур (бар маснад нишаста буд), шахсе китобе оварду ба тухфа пеши ӯ ниҳод. Амир пурсид: ин чи китобе аст? Мард гуфт: Ин қиссаи Вомиқу Узро аст ва хуб ҳикоятест, ки ҳукамо ба номи шоҳ Анушервон ҷамъ кардаанд. Амир фармуд: Мо мардум Қуръон хонем ва ба ғайр аз Қуръону Ҳадиси пайғамбар чизе намехонем ва моро аз ин навъ китоб даркор нест. Ин китоб таълифи зартуштиҳо аст ва пеши мо мардуд аст. Пас фармуд то он китобро дар об андохтанд ва ҳукм кард, ки дар қаламрави ӯ ба ҳар ҷо аз тасонифи Аҷаму муғон китобе бошад, ҷумларо бисӯзонад. Боре бад - ин гуна буд, ки китобҳое, ки дар замони худ дар заминаҳои пизишкӣ, ситорашиносӣ, иҷтимоӣ ва динӣ беҳамто буданд, ки ба дасти ин сабукмағзон афтод, ки аз ҷаҳаннами ҳавлноки саҳрои Араб, по ба биҳишти Эрон гузорда буданд ва онҳо низ он ҷӣ карданд, ки дар андозаи фаҳму шуурашон буд».[242]

**Китобсӯзиҳои севвум**; Ҳамон гуна, ки дар пеш гуфта шуд, бахше аз таърихнгорони кишварҳои эронитабор хонҳову амирони турктабори ғазнавӣ, салҷуқӣ, сафавӣ ва шайбониву манғитиро, аз ҷумла Маҳмуди Ғазнавӣ ва Исмоили Сафавӣ ва ҳатто Темури лангро фарҳанговару адабпарвар бозтоб кардаанд. Аммо аз далелҳои таърихӣ ошкор аст, ки дар дарбори хеш гирд овардани шоирону адибон барои мадеҳасароиву суханбозӣ буда, онҳо ҳамчун дастнишондеҳони халифахои Бағдод барои аз байн рафтани раванди бегонасозии ориёитаборон бо фарҳангу забони худ, корҳои зиёдеро анҷом медоданд ва аз кирдори худ ба халифаҳо бо як ифтихор хабар медоданд. Ҳамон гуна ки яке аз бузургтарин китобхонаҳои Эрон дар шаҳри

---

[242] Давлатшоњи Самарќандї, «Тазкиратушшуаро»,Тењрон Чопхонаи Ховар, 1338/1959, с. 26

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Рай бо дасти Маҳмуди Ғазнавӣ дар соли 1042 вайрон гашт. Мо намунаи он барбариятро барои дар зеҳни хонанда нақш бастан ва ба оянадагон бозгуфтан, дар ин ҷо бознависӣ мекунем: «Маҳмуди Ғазнавӣ пас аз ба бор овардани осебҳои ҳангуфт ба ин шаҳри кӯҳан ва мутамаддини тоҷикӣ - эронӣ тамоми кутуби фалсафӣ ва кайҳоншиносии онро ба оташ кашид, сипас номае ба халифаи Бағдод Алқодир Биллоҳ навишта бо як ғурури қаҳрамонӣ ва ифтихор арз медорад, ки тоифаи бузурге аз бадтинатонро (яъне фарҳангиёни тоҷиктаборро) ба дор кашидааст. Қазвинӣ мегӯяд дар Рай китобхонаи бузурге 114 ҳазор ҷилд китоб дошт, ки танҳо феҳристи он 10 ҷилди тамом будааст».

**Китобсӯзиҳои чорум;** Китобсӯзии тоҷикон дар рӯзгори чирамандии туркон ривоҷ пайдо карда, пас аз Инқилоби Октябр (аз солҳои 1925 то солҳои 1957) идома ёфт ва метавон гуфт ба поён расид. Русҳо ва коммунистони Шӯравӣ пас аз барпо кардани ҷумҳуриҳои сусиёлистӣ, бо дингаройӣ муборизаи сахт мебурданд. Ҳар гоҳ огоҳ мешуданд, ки фалон одам дар хонааш китобҳои бо хати арабӣ таълифшударо нигоҳ медорад, фавран хонаашро кофтуков карда, китобҳояшро ба оташ меафкананд. Барояшон тафовуте надошт, ки он китобҳо девони Ҳофиз буданд, «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавӣ ва ё «Ал Қонун» - и Абӯалӣ ибни Сино.

Нигорандаи ин навиштор боре бо пирмарде вохӯрдам (Бо номи Муллои Лавова, ки дар Кӯлоб овозадор буд), ки фарзанди кӣ буданамро пурсид ва чун гуфтам писари фалон касам, ки ходими милитсия буду деҳоти шумо дар назораташон буд ва шояд бо амри мансабаш Шуморо ранҷ дода бошанд. Пирамард гуфт: «Не, баръакс худо раҳматашон кунад, маро пешакӣ огоҳ карданд, китобҳоятонро пинҳон кунед, ки фардо хонаатонро кофтуков карданианд. Ман китобҳоямро дар ду маркаб бор карда, шабонгоҳ дар ғоре пинҳон кардам. Авохири фасли

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

зимистон буд ва баҳори ҳамон сол замин ярч рафта, он ғорро пӯшонд». Дар посух ба пурсишам, чӣ китобҳоеро доштед? Гуфт: Ба ҷуз аз ду нусха Қуръон, чанд тафсири он, «Маснавиии маънавӣ» - ро доштам, «Шоҳнома», дастхатҳои девонҳои Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил, «Гулистон» - и Саъдӣ, «Таърихи Гардезӣ» ва дастхатҳои дигари камёб.

Бори дигар бо пирмарди дигаре бо чашмони айнакпӯш вохӯрдам, ки аз куҷо ва писари ки буданамро пурсид. Гуфтамаш писари фалонии милиса, ки шояд Шумои китобпарастро барои китобдориятон ранҷ дода бошад. Ин пирамард низ гуфт: «Не, баръакс ӯ ёрӣ расонд то китобҳоямро ҳамраҳонаш пайдо накунанд. Воқеа бад - ин сон буд, ки баробари ба ҳавлиамон ворид шудани се нафар кормандони милиса, падари Шумо бо сар ишора карданд, ки китобҳоятро куҷо пинҳон кардаӣ? Ман, ки ӯро мешинохтам ва медонистам, ки бо вуҷуди чеҳраи ҷиддӣ ва абрӯвони дарҳамкашидаву пешонии қавоқӣ, касеро озор намедод, бо чашмон ишора кардам, ки дар андаруни танӯр (чакдон). Падари Шумо дар рӯйи сандалии болои чакдон нишаста, ба маъмурони зердасташон амр кард, ки болохона ва оғилро ҷустуҷӯ кунанд. Чун чизеро дар он ҷо пайдо накарданд, аз ҳавлии мо берун шуданд».

Ва гоҳе андеша мекунам шояд он наҷотбахшии падарам китобҳову китобдоронро буд, ки инҷониб рӯ ба китоб овардаам.

## Хати арабӣ, ё хати форсӣ?!

Ин ки ҳанӯз ҳам аксари тоҷикони мо аз пешинаи хати форсӣ огаҳии дуруст надоранд ва онро гаҳе «хати арабӣ», «хати арабиасоси тоҷикӣ», «хати классикӣ» ва монанди он

унвон мегузоранд, равшан асту баҳс кардан дар пиромуни ин мавзӯе, ки садсолаҳо ба мағз андар мағзи ҳамтаборон таъсир гузоштааст, беҳуда менамояд.

Чандин сол пеш дар саҳифаи иҷтимоии фейсбукӣ, зери номи «Забони адабии тоҷикӣ», донишхоҳе бархурдор аз унвони «доктори илмҳои филологӣ», ки гумон меравад дар кишвари Русия зистгоҳ дошта, дар конуни ховаршиносии он ҷо пажӯҳишгар аст, гуфтумоне ба миён гузошта буд, ки ба пиндорам пеши рӯ овардани надонистаҳои он номдори риштаи таъриху адабиётшиносӣ, гувоҳ аз ноогоҳии насле аз андешаварзон аз саргузашти росту дурусти хати ниёкони мо мебошад.

Ангезаи баҳси фейсбукии ёдшуда гуфтори чандин сол пешинаи банда аз пушти оинаи телевизони миллии Эрон мебошад, ки дар саҳифаи интернетии хеш бозпахш намуда будем. Дар он суҳбати телевизионии шабакаи миллии Эрон сухане дар пиромуни хати форсӣ рафта буд, ки гуфта будам «ин хатро арабӣ номидан нодуруст аст, зеро он реша дар хати паҳлавӣ дорад...». Доктори филологӣ бо оҳанги истеҳзову тамасхур аз таркиботе ба сони «кашфиёти нав дар олами шарқшиносӣ», кор гирифта, шигифтзадаву шӯридагии худро нишон дод, ки мо дар рӯбарӯи эрониён хати аз араб бозгирифтаро «форсӣ» номидем. Ва аз ин ки як доктори бахши забони тоҷикӣ ва ҳатто ховаршиносӣ гуфтаҳои моро бидуни камтарин дудилагӣ нораст баровардааст, шигифтовар нахоҳад буд, зеро ин кажандешӣ гуноҳи ӯ нест, гуноҳ дар конуни ховаршиносии русӣ мебошад, ки номбурда дар он ҷо ба воя расидааст. Ва шӯрбахтии мо тоҷикон низ дар он аст, ки ҳар рӯз аз рӯзгорони побанди сиёсати ғайримиллӣ будан, дуртар меравем, вале андешаҳои таърихшиносону ховаршиносони бегонаро саросар росту дуруст ва дарёфти ниҳоӣ мегуморем.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Нигорандаи ин навишторро ҳамеша пурсиши бепосухе дар сар буд, ки магар хати классикии форсҳову тоҷикон ба ростӣ ҳам дар пеш арабӣ буд? Қавми биёбонгарде, ки то ҳамла ба кишварҳои аз нигоҳи илм пешрафта, аз ҷумла ба сарзаминҳои эронитаборон ва мисриёну суриёниҳо, як ҷилд китобе ҳам наофарида, тавони кашфи хати баёнгари андешаҳои илмиро дошт? Ва ба ростӣ дудилагии маро ин нукта низ афзоиш медод, ки ба ҳангоми баргирифтани хати бегонагон, ғолибан кӯшиш мекунанд овоҳои хоси забони худро дар хати пазируфтаашон бо илова кардани хатча ва ё нуқта биафзоянд. Чуноне ки ҳангоми пазируфтани хати кириллӣ, мо тоҷикон (ва чанде аз халқҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ) ба ҳарфҳои «ч», «к», «х» аз роҳи пайвастани нохунаке ҳарфҳои «ҷ», «қ», «ҳ» ва бо афзудани хатчае ба ҳарфҳои «г», «у», «и», ҳарфҳои «ғ», «ӯ», «ӣ» - ро сохтаем. Ба ҳамин тартиб ба навиштори арабӣ аз роҳи афзудани як, ё ду - се нуқта овозҳои хоси арабиро намоён кардаанд.

Дар ин маврид пурсише ба миён меояд, ки китоби муқаддаси Қуръон чӣ гуна бо хат, нигошта шуд. Донишмандон бар он нигаранд, ки нахустин Қуръони хаттӣ дар ҳангоми Усмон ва ба фармони вай навишта шудааст ва равшан аст, ки он бо хати форсии миёнаи ашконӣ, бо дасти хуросониҳо нигошта шудааст. Устод Фаридун Ҷунайдӣ дар ин бора навиштааст: «Араб ҳар чӣ дорад марбут ба пас аз ислом мешавад. Аз араби пеш аз ислом танҳо ду катиба боқӣ монда. Он ҳам як профессори фаронсавӣ 20 сол заҳмат кашида то муваффақ шавад онҳоро бихонад ва шумо метавонед ин ду навиштаро дар дафтари нахусти сабкшиносии равоншод Маликушшуаро Баҳор ба чашми худ бубинед. Бинобар ин араб хат надошт, ки мо онро бихоҳем аз арабӣ бигирем. Мо ин хатро аз хати арабӣ нагирифтаем, чаро ки аз хати авастоӣ гирифтаем. Забони арабӣ хат надошта ва бо хатҳое чун сурёнӣ

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

менавиштааст. Мо аз ҳассосиятҳои нобаҷо ростиҳои таърихиро аз дидагонамон дур медорем. Агар хати паҳлавиро бишиносед, мебинед, ки вокаҳои (овоҳои) хати кунунии порсӣ аз паҳлавӣ гирифта шудааст. Арабҳо ҳам хаташонро аз форсӣ гирифтаанд ва вокаҳое (овоҳое) чун ع айн, ва ظ зо ва ط то - ро, ки ҳам моли худашон буда, дабираҳои эронӣ барои онҳо сохтаанд.»[243]

Устод Фаридун Ҷунайдӣ бар он аст, ки бояд ба кӯдакон хати паҳлавиро омӯзиш бидиҳанд то бидонанд, ки хати кунуниашон аз паҳлавӣ гирифта шудааст ва ин хат аз он ҷо ки намунаҳои шаш ҳазорсолааш вуҷуд дорад, куҳантарин хати ҷаҳон аст.

Ошкор аст, ки дар садсолаҳои зери бори фарҳанги арабӣ қарор доштан ва пиндори арабӣ будани хат, аврупоиён имрӯз илму кашфиёти тоҷикону эронитаборонро бо таркибҳои «олимони араб», «ҷаҳони илми араб», «фарҳанги арабиву исломӣ» ва монанди он баён мекунанд.

## Давоми худбохтанҳои асолати ориёӣ - Фаромушиҳои хотираи таърихӣ

Ҳамон гуна ки дар боло гуфтем аз ёдҳо рабудани огоҳии миллӣ ва таърихии эронитаборон зери фишори ҳокимони араб ва дастнишондагони онҳо боис шуда буд,

---

[243] Аббос Муњибалї, Муњаммад Соъидї, Гуфтугў бо Фаридун Љунайдї, «Устура дурўѓи таърихї аст», баргирифта аз сайти фейсбукии Сафар Абдуллоњ.

*Ин китоб аз сомонаи [kitobkhon.net](http://kitobkhon.net) боргирӣ шудааст*

ки аксарияти тӯдаҳои мардум бештар музофоти зистгоҳи худро пайваста бо номи Хуросон, Варорӯд ва ё сарзамини Эрони Бузург намедиданд ва ошноиву шинохт ва ё ҳассосияту таваҷҷуҳи боистаро бо номҳои «порс», «тоҷик», «ориёитабор» ва монанди он надоштанд.

Пас аз истилои араб, як силсила шоироне пайдо шуданд, ки суханашон беарзиш ва бештар аз такроргӯиҳо ва тақлиднигориҳои бемоя иборат буданд. Чуноне ёдовар шудем афсонаи бодиягардони қабиласолори арабро, ки ишқи Лайлӣ ва Маҷнунро намунаи вафодорӣ ва сарсупурдагӣ ба аҳд мешуморанд 62 шоири классикии форс -тоҷик ба назм кашидаанд ва агар ба ҳисоби миёна ҳар достоне аз 10 000 байт иборат бошад, дар маҷмӯъ 620 000 байт, ё як миллиону дусаду чиҳил ҳазор мисраъ ба ин афсонаи аз зиндагии қабилаҳои бодиягард гирифта, бахшидаанд. Ҷуз аз Низомии Ганҷавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳотифӣ дар садсолаҳои XV - XVI шоирони зиёде чун Ҳилолӣ, Замирӣ, Қосимии Гулободӣ, Мавҷии Бадахшӣ, Саноӣ, Навидӣ, Айёнӣ, Лоҳурӣ, Шуълаи Исфаҳонӣ, Фавқии Яздӣ, Мулломурод Замонии Яздӣ, Рӯҳуламини Исфаҳонӣ, Ҳидоятуллоҳи Ройӣ, Муҳаммадсодиқи Мусавӣ, Кошифи Шерозӣ, Тойибии Ҳиротӣ, боз 48 шоири дигар Лайлию Маҷнунсароӣ карда, ҳазорон саҳифаҳоро, танҳову танҳо барои суханбозӣ пур кардаанд. Муиннидини Ҷувайнӣ дар боби IV китоби худ унвонии «Нигористон» (соли таълифаш 1334 м.), ки «Дар ишқу муҳаббат» номида шудааст, ҳикояҳои зеринро меоварад, ки мо дар ин ҷо вақтро дареғ надониста яке аз онҳоро меоварем, ки ба гумони мо девонагии он қаҳрамони дар осори 62 шоири форс - тоҷик бо як миллиону дусад мисраъ бозгӯ шударо исбот мекунад; «Чун зикри Маҷнун ва қиссаи Лайлӣ дар афвоҳ (даҳонҳо) афтод, яке аз халифаҳои Аббос фармуд, то Лайлиро ҳозир карданд ва дар баъзе ҳуҷарот (ҷамъи ҳуҷра) биншонданд ва

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Маҷнунро талаб дошту гуфт: - Чӣ гуна дидаӣ, то туро аз ҳарами худ канизаке бахшам, ки аз парӣ бартарӣ ҷӯяд ва ба моҳ баробарӣ кунад? Маҷнун гуфт:

- Маро чашм бахш, ки ғайри Лайлӣ дар назарам хуб намояд. Халифа гуфт:
- Агар беҳтар аз Лайлӣ бинӣ, ӯро нахоҳӣ? Маҷнун гуфт:
- Ман худ ғайри ӯ касеро набинам. Халифа гуфт:
- Ҳеҷ донистӣ, ки Лайлӣ бо ту чун аст? Маҷнун гуфт:
- Маро ба чигунагии ӯ чӣ кор. Ин қадар донам, ки то ба ҳоли ман назаре накард ман рабудаи ишқ ва мубталои ҷафои ӯ нашудам. Халифа гуфт:
- Агар хоҳӣ ақрабои Лайлиро ҳозир созам ва бифармоям, ки ӯро дар акди ҳиболаи (дом, қайд, ҳиболаи никоҳ, заношӯӣ) ту дароваранд». Гуфт:
- Ман намехоҳам, ки олудаи табиат шавам, ӯ бе такаллуфи (ба худ ранҷ додан) васоат (васеъ) дар мазҳаби покбозӣ бар ман ҳалол аст. Халифа гуфт:
- Мехоҳӣ, ки то Лайлиро бубинӣ? Гуфт:
- Куҷо бинамаш? Гуфт:
- Дар он хилватхона.

Маҷнунро яке аз ғуломон даст гирифта, ба дари ҳуҷрае, ки Лайлӣ буд, бурд. Чун ҳузури Лайлиро эҳсос кард, рукӯе (латтакуҳнае А. Афсаҳзод) дошт, бар чашми худ баст. Ғулом гуфт: «Эй девона, имрӯз сад чашм ном бояд кард, то ҷамоли дилдор бинӣ ва ту парда ба чашм мебандӣ». Гуфт:

- Маро он бас, ки аз дур менигарам.
- Хабар бар халифа бурданд, ки Маҷнун ба Лайлӣ наменигарад. Маҷнунро талаб дошт ва гуфт:
- Чун маҷлиси хос буд ва ҳиҷоб муртафеъ ва иштиёқ муставлӣ, чаро аз мушоҳидаи сурати маҳбуб таматуъ ҳосил накардӣ? Гуфт:

- Ғайрати ишқ раҳо накард, ки ҷамоли маъшуқ чашмзадаи ошиқ гардад ва нолон раҳи саҳро гирифт.[244]

Он сон ки дида мешавад, Лайлӣ дар ҷомеаи бодиягардони арабӣ ба воя расидааст, ки ошиқ шудан ва дилбастагии зану мард оғози фаҳш ониста мешуд. Дар он муҳите, ки як лабханди духтар ба сӯйи писаре «гуноҳи кабир» шуморида мешуд, метавонист на танҳо хонавода, балки қабиларо доғдору фасодкор нишон диҳад. Аммо дар фазои форсиву тоҷикӣ, чуноне ки аз достонҳои Хусрав ва Ширин, Бежан ва Манижа дигар достонҳои ишқӣ ҳувайдост, духтарон боҳам ва бо писарон ба гардишу шикор меравand ва суҳбати марду зан кареҳ дониста намешавад. Хеле зиёд дида мешавад, ки зан, чун Таҳмина, ё Манижа худ ибтикорманди зану шавҳарӣ мегарданд. Аммо шароити Лайлӣ чунин нест ва пайдост, ки бознамоёндани шеваи зиндагии арабон ба воситаи достони Лайлӣ ва Маҷнун бошад. Чуноне ки дар достонҳои Лайлӣ ва Маҷнун ягон боре падару модари Лайлиро шоирон мазаммат намекунанд. Гузашта аз ин ба тамом сухане дар бораи муҳити нодурусти муносибати ҷомеа бо занон ёдрас намешавад. Гуноҳи Лайлӣ зебоӣ ва зиндагӣ дар муҳитест, ки ба ҷойи тарбияти мардон, ки ба занон эҳтиром биварзанд, онҳоро дар доми фиреби худ наяфкананд, барои он ки кори ошиқӣ ба расвоӣ накашад, Лайлиро аз дарсу мадраса маҳрум мекунанд, то чашми мард ба ҷамолаш наяфтад. Гумон меравад ин андешаи ваҳшиёнаи арабӣ то замони мо дар миёни иддае аз ҳамвандонамон боқӣ мондааст. Ва мебояд дар омӯзиши адабиёти классикӣ ин оини ваҳшиёнаи тозиёнро дар тафовут бо ишқварзиҳои тоҷикон ба шогирдони дабистонҳову донишсароҳо фаҳмонд.

---

[244] Аълохон Афсањзод, Достони «Лайлї ва Маљнун» - и Абдурањмони Љомї, Душанбе «Дониш» , 1970, с. 35-36

Мо ба ин ёвасароиҳо шарҳеро раво намедорем, зеро ба худии худ равшан аст, ки дар замони чирамандии бегонагон ба сарзамини озодзодагон, суханваронаш ғами дили мардумро ба канор гузошта, аз ишқи биёбонгардон беҳудасарой мекарданд.

Шоири бузурги Эрон Фурӯғ Фаррухзод бевафоии Лайлиро бар ишқи Маҷнун ёдовар шуда, чунин писхандро раво донистааст:

Ман он занам, ки сабук по ниҳам,
Бар гӯри сарди Лайлии бевафо.

Арабҳои таҷовузгар, бо коргирӣ аз рӯҳияи ғолиби худ, ворид кардани ҷосусон ба хонаводаҳо, сафарбар кардани олимони асолатбохта ва сохтмони масҷидҳо дар ҳар кӯю барзан, барои бурдани назорати сахт аз рафтори мардум ва шарик шудан ба зиндагии рӯзмарраи ориёиён то ба ҷойи бегона кардани онҳо аз фарҳанги миллӣ комёб шуданд. Чуноне дар пеш гуфта шуд, кор то ба ҷойе расид, ки дар шаҳрҳо донишмандону адибони тоҷику эроние пайдо мешуданд, ки асарҳои худро бо забони арабӣ навишта, чуноне дар боло гуфта шуд, бо ифтихори баланд фарҳанги арабро бар фарҳанги тоҷикӣ - ориёӣ тарҷеҳ медоданд. Ҳамин буд ки бо гузашти чанд садсола замина барои андешаронии ақлонӣ сусттар гашт ва фарҳанги хурофот ҷойгузини неруи тафаккур гашт.

Шикасти нанговари тоҷикон аз дасти арабу муғулону турктаборон, дингароии аз ҳад беш ва таблиғи фарҳангу забони арабӣ дар паҳнаи Ориёно як фазоеро фароҳам овард, ки бархе сухангустарон чун аз қавмҳо сухан мегуфтанд ва ё ташбеҳотеро бо вожаи «тоҷик» рӯйи коғаз меоварданд, ғолибан дар баёни тарсу (тарсончак), аз андоза беш нарм ва қурбонии турк будан ба кор мебурданд. Ҳамон гуна ки «турки ту бирехт хуни тоҷик»

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

(Саъдии Шерозӣ), «туркӣ куну тундӣ кун, не нармиву тоҷикӣ» (Ҷалолиддини Балхӣ)

Бепарвоӣ ба асолати ориёӣ ва гум шудани ифтихор аз ҳувияти тоҷикиву эронии хеш, аз ҳама беш дар замони ривоҷу густариши тасаввуф ва паҳн гаштани ирфони исломӣ дар зеҳнҳои хосагону омиён сурат гирифт. Метавон гуфт ин осеби сахти гум кардани хештаншиносии миллӣ то замони мо, то рӯзгорони рӯ овардани Сарвари давлати навини тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин рукни муҳими ташаккули миллат идома дошт ва ҳанӯз ҳам зиёданд донишпажӯҳоне, ки фирефтаи фалсафагароӣ гашта, мехоҳанд дар миститсизми исломӣ андешаҳои жарфи шинохти ҳастӣ ва худогоҳии миллиро пайдо кунанд.

Ва аммо донишмандони нуктабин дар мавриди ошуфтагиҳое, ки тасаввуф ба андешаи худшиносии миллии тоҷикону эронитаборон ба бор овардааст, гуфтаҳои зиёдеро ба қалам даровардаанд. Аз ҷумла донишманди бузурги Эрон, донандаи 7 забони зиндаи ҷаҳон (фаронсавӣ, англисӣ, олмонӣ, итолиёвӣ, испанӣ, русӣ, арманӣ, туркӣ) ва 3 забони мурда (хоразмӣ, озарӣ, паҳлавӣ), Аҳмади Касравӣ, ки бо дасти мутаассибин кушта шуда буд, навиштааст: «То оғози қарни ҳафтум (XIII мелодӣ), ки замони чирагии муғул аст, сӯфигарӣ чӣ дар Эрон ва чӣ дар Ҳинду Хоразму Бухоро ва Туркистону Осиёи Хурд ва Ироқу Сурияву Миср ва дигар ҷоҳо пеш рафта ва дар ҳама ҷо хонақоҳҳо барпо гардида буд ва чунон ки хоҳем дид яке аз шавандҳои чирагии муғулон ҳамин будааст. Сипас дар замони муғул ривоҷи он ҳар чӣ бештар гардид, зеро бо он достоне, ки муғулон миллион мардҳоро кушта, миллион занону духтаронро ба бардагӣ бурда, саросари кишварро тороҷу вайрон карда буданд, эрониҳо ё боясти домани мардонагӣ ба камар зананд ва ғайратмандона аз ҷон гузашта ба ҳамдастии якдигар ба як

ришта кӯшишҳои бузурги таърихӣ бархезанд ва ба душманон фирӯз даромада, кинаи гузаштаро бозҷӯянд ва ё аз ҳама чиз чашм пӯшида ва кишварро ба душманон супурда ва аз зиндагонӣ танҳо ба хӯрдану хобидан ва рӯз гузордан бас кунанд ва барои оромиши дил худро ба домани сӯфигарӣ, ё харothиtигарӣ андозанд, ё он боясти буд, ё ин. Эрониён чун пешравони кордон ва ғайратманде намедоштанд, ин якеро баргузиданд ва ин буд суфигарӣ (ва ҳамчунин харобoтигарӣ ва монанди он) дигар фузунӣ ёфт.

Ба вижа ки муғулон низ онро мехостанд ва ин ба суди эшон мебуд, ки эрониён як бор чашм аз кишвару кишвардорӣ пӯшанд ва худро бо сӯфигарӣ ё монандҳои он саргарм гардонанд. Замони муғул баҳори ин гуна гумроҳиҳо ва бадомӯзиҳо мебуд. Дар ҳамон замон муғул ва пас аз он замонаст, ки дар Эрон ва дигар ҷоҳо дастаҳои бисёр бузурге падид омада ва бархе аз онон ба корҳои шигифте аз рафтан ба даруни оташ ва бозӣ кардан бо афъӣ ва монанди инҳо бархостаанд. Як даста ба номи қаландарон падид омадаанд, ки мӯйи сару ришу абрӯ ҳамаро метарошидаанд ва ба корҳои шигифте мепардохтаанд»[245].

Пажӯҳишгари тавоно Абдулалии Дастғайб, дар таълифоти худ нигоштааст: «Тасаввуф бо андешаи ин ки ҳамлаи муғул тақдири илоҳӣ аст, мардумро маҷбур ба таслим дар муқобили муғулон карданд ва заминаеро барои тасхири Эрон фароҳам оварданд»[246].

Як чизи бисёр бади дар Эрону Варорӯд ривоҷи густурда дошта шеър, яъне сухани оростае буд, ки сӯфиён онро афзори кори худ гардонида, пиндорҳои зиёнбори худро ба воситаи он ба мағзҳои одамон ҷой мекарданд.

---

[245] Аҳмади Касравї, Сўфигарї, Т. 1323/1944, с.14)

[246] Дастѓайб Абдулалї, Њуљуми урдуи муѓул ба Эрон, Теҳрон Илм, с. 1367/1988, с. 203

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Халифаҳои Бағдод аз роҳи бунёди мадрасаи бузурги Бағдод, ҳар сол садҳо ташвиқгарони фарҳанги ба тоҷикону эронитаборон бегонаро дар заминаи боварҳои дини ислом, омода сохта, ба марказҳои фарҳангии Варорӯд мефиристоданд.

Дар адабиёт пас аз Фирдавсӣ дигар бозтоби рӯҳияи миллӣ оҳиста - оҳиста хомуш шуд. Дигар шоирон дар хидмати арабону туркону муғулон, қиссаҳои паямбарони бани Исроил, ошиқону маъшуқаҳои арабро ба назм мекашиданд, ки ба фарҳанги тоисломии тоҷиктаборон пайвастагие надоштанд. Достони аз ҳама беш нақл шудаи «Юсуф ва Зулайхо»[247] достони яҳудиён мебошад, ки аз китоби муқаддаси онҳо «Таврот» бардошт шудааст (дар «Таврот» номи онҳо Иосиф ва Пентефрия омадааст) ва дар Қуръон иқтибос аз он китоби яҳудиён мебошад. Сухансароёни адабиёти форс - тоҷик достонҳое ба монанди «Лайлӣ ва Маҷнун», месуруданд, ки аз маниши қабиласолории арабони биёбонгард ҳикоят мекарданд ва ё Искандари зинокори гуҷастикро ҳамчун мусалмони ҳоҷӣ менамоёнданд.

Кажнигорони таърих ҳатто пас аз реҳлати Ҳакими Тӯс, ба шоҳкори ӯ на танҳо байтҳои бешумори писанди хостҳои ғазнавиёну салҷуқиён ва халифаҳои Бағдодро ворид намуданд, балки достоне унвонии «Юсуф ва Зулайхо» ро моли он бузургвор бознамоёнда, байтҳое афзудаанд, ишора ба пушаймонии Фирдавсӣ аз сароиши «Шоҳнома»:

Зи ҳар гунае назм оростам,

---

[247] Чандест мехостам нигоњи пажўњишгарони адабиёти форс - тољикро ба иштибоње љалб кунам ва он ин аст, ки номи ќањрамони китоби Таврот дар шакли гуфтору навиштори имрўзаи мо, яъне Юсуф нодуруст аст. Ин ном ба гунаи Юсиф - Jusef (бо хати форсї يسف - пас аз син аломати «зер» гузошта мешавад, на замма)

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Бигуфтам дар он ҳар чи худ хостам.
Агарчи дилам буд аз он бомазза,
Ҳамекоштам тухму бехи база.
Аз он тухм коштан пушаймон шудам,
Забонрову дилро гаравгон шудам.
Ки он достонҳо дурӯғ аст пок,
Дусад з – он наярзад ба як мушти хок.[248]

Донишманди тавоно, доктор Маҳмудии Бахтиёрӣ ба ин мисраъҳои дурӯғин баҳои воқеъӣ додааст, ки ба он гуфтаҳо чизе илова карданро раво намебинам: «… ростӣ хирад касе меписандад, ки чунин байтҳои «бемазза» ва аблаҳонаро ба бузургворе чун Фирдавсӣ нисбат диҳанд?»[249]

Дурӯғи шохдори дигаре низ паҳн карда буданд, ки гӯё Ҳакими бузургвор «Шоҳнома» - ро (дар ҷойи дигар достони барғалат ба ӯ нисбат додаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро) ба халифаи Бағдод ба подош бурда, бархурдор аз эҳтироми зиёди халифа, 60 ҳазор динори заррин мегардад. Ҳамчунон гӯё шоир аз халифа дастуре хоста, нахуст сафари Ҳинд карда, аз фармонравои Деҳлӣ аспу ҷома тӯҳфа мегирад ва сипас ба ватани хеш бармегардад.

Бесабаб нест, ки ин барсохтаи ноҳанҷор ба бори аввал дар муқаддимае омадааст, ки он ба фармони шоҳзодаи машҳури темурӣ, Бойсунқари муғултабор, писари Шоҳрух, таълиф шудааст. Маҳз дар он муқаддима сабт шудааст, ки гӯё Ҳаким Фирдавсӣ аз навиштани шоҳкори яктои беҳамтои худ изҳори пушаймонӣ кардааст. Ва чоплусони дарбори шоҳзодаи муғултабор он сатрҳоро сохта, ба Ҳакими Тӯс нисбат додаанд.

---

[248]Мањмудии Бахтиёрї, «Шоњнома» обишхўри орифон, Т.1377/1999, с.61
[249] Њамон љо

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Чуноне дида мешавад, заҳматҳои сивупанҷсолаи сарояндаи саргузашти пур аз ифтихори тоҷикону эронитаборонро бо пул варандоз карда, хостанд халифаҳову туркони беҳувияти худро фарҳангиву донишпараст бознамоёнанд.

## Сухани дарӣ пас аз таҷовузи забони ишғолгарон.

Паямбари сухани порсӣ Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ метавон гуфт ягона сарсупурдаи ориёӣ буд, ки на танҳо аз хатари арабисозии забони тоҷикӣ - форсӣ рӯйи по бархост, балки ҳамчун душмани ҷараёни олудасозии забони аҳуроии модарӣ дар 60 ҳазор дугониҳои (байтҳои) «Шоҳнома» - и ҷовидонии худ вожаҳои бегонагонро роҳ надод.

Яъне бо коргирӣ аз сели вожаҳои форсӣ - тоҷикӣ бознамоён сохт, ки онҳое ба забони мардуми шикастхӯрда шеваи гӯиши пирӯзмандони бефарҳангро ворид месозанд, забони модариро хормоя медоранд. Ва ҳатто бо дард гуфтааст, ки аз паёмади омезиши деҳқон (тоҷику форс) ва тозиёну турк, нажоде падид хоҳад омад, ки суханронӣ барояшон арзише надошта, ба сони бозӣ хоҳад буд:

Зи Эрону турк в- аз тозиён,
Нажоде падид ояд андар миён.
На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.

Ҳаким Фирдавсии бузургвор дар шоҳкори бемарги худ 3 ҳазор бор аз вожаи «сухан» кор гирифтааст ва дар дарозои ҳазорсолаи сухангустарӣ бо забони тоҷикӣ - форсӣ сухансарои дигареро наметавон пайдо кард, ки баёни андешаро чун ӯ бо гуфтори расо, зебо, ноолуда ва

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бошукӯҳу гӯёву шево ороставу пероста сохта бошад. Ҳаким Фирдавсӣ дар он рӯзгорони чирамандии тозиёни ҳамлавар ба сарзамини эронитаборон ва талошҳои андешарабоии онҳо, барои нигаҳдории забон аз осебҳои замон, дар 60 000 дугониҳои «Шоҳнома», камтар аз 500 вожаи арабиро ба кор бурдааст, ки бахше аз онҳоро арабон аз забони порсӣ вом гирифта пардози арабӣ додаанд. (Ба сони ҳамин вожаи «дин», ки онро бо қоидаҳои худ ҷамъбандӣ карда «адён» ва «муттадайин» сохтаанд.)

Оид ба шумори вожаҳои арабии ба кор бурдаи хеш Ҳаким Фирдавсӣ чунин гуфтааст:

Агар бозҷӯйӣ дар ӯ байти бад,
Ҳамоно, ки камтар бошад аз понсад.

Фирдавсӣ дар нигар дорад он байтҳоеро, ки бо вожаҳои арабӣ олуда шудаанд. Аммо баъзе Шоҳномашиносон гумон бурдаанд, ки Фирдавсӣ ба байтҳои сусти худ ишора дорад, ки дур аз хирад аст.

Он нобиғаи беҳамто бо як равшании чашмгир бознамоёндааст, ки забони порсӣ - тоҷикӣ ончунон тавоно мебошад, ки метавонад ҳар гуна андешаву биниши илмиву иҷтимоии инсонҳоро бидуни коргирӣ аз забонҳои дигар, ба вижа забони арабӣ бозгӯ намояд. Мо дар бораи ноолудагии забон ва покии сухани тоҷикӣ - форсӣ дар «Шоҳнома» ва гурез аз вожаҳои дурушту ношоиставу ба навои сухани дарӣ бегона, навишторҳоеро ба чоп расонда будем. (Навишторҳои «Покии забон ва иффати баён дар «Шоҳнома», «Навои сухан дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ», дар китобҳои нависандаи ин сатрҳо ба чоп расидаанд.[250]

[250]Зафар Мирзоён, «Худовандагори сухани порсӣ», Душанбе «Адабиёти бачагона», 2015, с. 116 ва «Офаридгори сухан», Душанбе ТоРус, 2018, с. 106, 112.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Ҳаким Фирдавсӣ шоҳкори беҳамтои худ «Шоҳнома» - ро барои ҳунарнамоӣ ва ороишу пироиши сухан наофаридааст. Дар сароиши ӯ аз бозии сухан ва гуфтор барои зебогӯйӣ нишоне намебинем. Нобиғаи сухангустарии Ҳаким Фирдавсӣ дар он аст, ки тавоноӣ, навои сухан ва оростагиву пайвастагии ҳар овои дариро барои баёни маънӣ тавонистааст ҳунармандона ба кор бибарад.

Шоистаи гуфтан аст, ки забони дарӣ (тоҷикӣ - форсӣ) дар пайкари худ бо хушачиниҳо аз забонҳои ориёии авастоӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, озарӣ чунон вожаҳоро сара кардаву ҷойгузин карда буд, ки овову оҳангҳои ҳар сухан баёнгари маънӣ бошанд.

Забони дарӣ навое (колорите) дорад, ки гӯишгар (буруноварандаи раво) ба ягон бахши пайкари хеш фишор намеоварад. Гузашта аз ин вожаҳо ба гунае офарида шудаанд, ки садонокҳо (вокҳо) ва бахши зиёди ҳамсадоҳо дар баёни маънии он вожа коро бошанд.

Чунончи агар гӯишгари дарӣ эҳсоси ошуфтагӣ, дард, ё ниёишу ситоиши худоро ба забон меоварад, аз вожае кор мегирифт, ки бештар овои «О» нишонгари маънӣ бошад. Ба сони «дод», «мабод», «бодо», «худо», «осмон», «офтоб», «дардо», «фарёд», «дареғо», «додор», «кирдигор», «офаридгор». Чунончи:

Бар он офарин, к- офарин офарид,
Макону замону замин офарид.
Ҳамором аз ӯясту ҳам ком аз ӯй,
Ҳам оғоз аз ӯясту фарҷом аз ӯй.

Ва ё дар ин байти «Шоҳнома», Рустами Дастон дар куштани фарзанди худ, Суҳроб фарёди ҷонкоҳ мекашад:

Ки Рустам манам к - ам мам**о**н**о**д н**о**м,

Нишинод бар мотамам пури Сом![251]

Ва дар он ҷое бозтоби ҷангу разм аст ва ё сухан барои ситезидан, ранҷурӣ, изҳори бадхоҳӣ бошад, вожаҳое ба кор бурда мешаванд, ки бештар дорои ҳамсадоҳои «Ж», «Р», «Ш», «З», «Ғ» мебошанд. Ба монанди «кажж», «ғурриш», «бибуррам», «душман», «жандапил», «нажанд», «дижам», «жиён», «гурз» ва ғайра:

Бубинӣ кунун теғи мардони мард,
К- аз ин пас ба ёдат наёяд набард.
Бад - ин теғи ҳиндӣ бибуррам сарат,
Бигиряд ба ту ҷавшану миғфарат.[252]

Гумон мекунам барои баёни зебои андеша бо забони тоҷикӣ - форсии ноолуда ва хароб нагашта (дарӣ) ниёзе ба оростани сухан нест, зеро ҳар вожаи худи забон чун дурри ноёб суфта шуда дархӯри маъние мебошад. Бубинед, ҳангоми аз забон берун баровардани вожаи «бӯса», лабҳо андаке бо ҳам меоянд, ки гӯё ба амали гузоштани ҷузви болоии лаб бар лаби зери дандонҳо ишора дорад. Ва низ ҳамсадои «б» вожаи «лаб» - ро ишорасози ҳамон узве мекунад, ки бояд баёнаш созад.

Пас аз Ҳаким Фирдавсӣ дар забони шеъри дарӣ вожаҳои арабӣ ба зудӣ афзоиш пайдо кард. Аз роҳи воридшавии вожаҳои бешумори арабӣ, душворгӯйӣ ва дарозгӯии хоси арабӣ, забони тоҷикӣ гирифтори ошуфтагиҳое гардид, ба гӯишгаронаш бегонаву ноошно.

Чуноне ошкор аст забони арабиро диноварони тозӣ бо худ ба Форсу Хуросон оварданд ва таъсири рӯзафзуни вайро забони тавонову зебои форсӣ - тоҷикӣ натавонист нигаҳ дорад ва вожаҳои забони арабӣ бо вуҷуди гӯиши

---

[251] «Шоҳнома», ҷ. II, с. 291
[252] «Шоҳнома», ҷ. II, с.177

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

хашену (дағалу) бегона вожаҳои гӯёи форсӣ - тоҷикиро танг карда ҷояшро мегирифт. Шӯрбахтии забони форсӣ - тоҷикӣ дар он буд, ки на танҳо вожаҳову таркибот, балки сарфу наҳви забони тозӣ барои худ роҳ кушода, дар синаи забони форсӣ - тоҷикӣ барои худ ҷой пайдо карданд. Дар баробари шоирони донои замони истилои араб, як силсила шоироне пайдо шуданд, ки суханашон беарзиш ва бештар аз такроргӯиҳо ва тақлиднигориҳои бемоя иборат буданд.

Пайдост, ки дигар на ҳама шоирони солҳои пасин кӯшидаанд аз корбурди зиёди арабизмҳо бипарҳезанд. Чунончи агар Адиб Собири Термизӣ (1078 - 1143), ки 127 сол пас аз Фирдавсӣ даргузаштааст, аз вожаҳои арабӣ ягон - ягон кор гирифта бошад, Ҳофизи Шерозӣ - ин бузургвори назми дарӣ бо ин суханварии беҳамто ва нубуғи нотакрори худ то ба 30 - 40 дар сади бисёре аз ғазалҳояш фарогири вожаҳои арабӣ шуданд. Аммо ин нобиғаи даҳр маҷбур буд сухани тозиро ҷилои дарӣ бахшида, бо як ҳунари осмонӣ суханофаринӣ кунад, ки арабӣ будани онҳо ба осонӣ ҳувайдо намебошад. Бо вуҷуди ин дар замони Лисон - ул - ғайб касе парвое надошт, ки ҳатто ҷирамандони сухан ба арабсозии забони модарӣ ноогоҳона ҳамёрӣ мекунанд. Ба монанде, ки дар мисраи нахустини ин байт ҳама 5 вожа аз арабӣ вом гирифта шудаанд:

**Сокинони ҳарами сатру афофи малакут,**[253]
Бо мани роҳнишин соғари мастона заданд.

Ва ё дар баъзе аз офаридаҳои Ҷомии ба истилоҳи адабиётшиносони Аврупо «хотимушшуаро», яъне охирин шоири адабиёти форс - тоҷик, дар ин дубайтӣ аз 14 вожа танҳо се тояш бо сухани дарӣ баён гардидааст ва дигаронаш вомвожаҳову зӯрвожаҳои арабӣ мебошанд:

---

[253] Дар ин љо ва аз ин ба баъд вомвожањо ва зўрвожањои арабї бо хати сиёњ ишора мешаванд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

**Муштамир** бар **макорими ахлоқ**,
**Муштаҳир** дар **маҷомеи офоқ**.
**Тибби анфосашон мурравиҳи рӯҳ**,
Ҷунбиши килкашон калиди **футӯҳ**.

Дар он замоне, ки забони арабӣ ҷойи забони тоҷикӣ - форсиро мегирифт, бештари сухансароён дар пайи ҷустуҷӯи қофияву радиф, бо як бетафовутӣ забони аҳуроии дариро, қурбони суханбозиҳову фазлфурӯшиҳо, аз ҷумла насиҳатфурӯшиҳои худ кардаанд. Дар ин ҷо гумон дорам адабпарварони мо, аз ҷумла парасторони сурудаҳои бузургони фарҳехта Ҳофизу Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхиву Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар сухансароёни бузурги порсигӯ моро ба яксӯнигарӣ гунаҳкор намегуморанд ва намепиндоранд, ки ишораҳои мо ба олудасозии забони тоҷикӣ - форсӣ аз паёмади надонистани дастурҳову назарияҳои забоншиносӣ, ё ноогоҳӣ аз рӯйдодҳои табиие, ба сони «бойшавии забони тоҷикӣ аз ҳисоби забонҳои арабӣ ва русӣ», сар задааст, ки ин гирдовардаҳоро пеши рӯ овардаем.

Садсолаи Фирдавсӣ замони соданависӣ дар назму наср буд. Вале ҳанӯз дар ҳамон замон адибони форсинавису арабидоне буданд, ки корбурди вожаву ибораҳои пурпечутоби арабиро фасоҳату балоғат ва мояи донишмандии худ мепиндоштанд. Чуноне донишманди доно Шафеъи Кадканӣ гуфтааст «Ҳадафи аслии он форсинависони арабидон албатта фазлфурӯшӣ буд, на беҳтар расондани матлаб».[254]

Ба ростӣ ҳам донишманди нуктабин Куруши Ҷаннатӣ ба мақолааш унвони гӯё гузоштааст - Вомвожаҳо ва зӯрвожаҳо. Мо аз забони арабӣ як силсила вожаҳоро бо

---

[254] Куруши Љаннатї, Вомвожањо ва зўрвожањо, azdaa@parsianjoman.org, 2014/11/06

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

талаботи замон вом гирифтаем, ки ин табиист, вале бо амри халифаҳои Бағдод ҳазорон вожаҳои арабиро ба зурӣ бар пайкари зебои забони дарӣ коштаанд.

Албатта ин нуктаро бояд ба ёд овард, ки асри XI ҳамлаи ҳарчи бештари вожаҳои арабӣ (ба истилоҳи забоншиносон империализми забонӣ) ба забони форсӣ - тоҷикӣ ва оғози тақлид ба саҷъпардозиҳои арабӣ буд ва адибону донишмандон, ки дар натиҷаи бохти рӯҳияи ориёӣ забону фарҳанги худро ҷузъи дини ислом медонистанд ва бештар рӯ ба пиндорҳову офаридаҳои арабиву сомӣ овардаанд.

Равшан аст, ки Ҳофизу Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхиву Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар сухансароёни бузург, ба ростӣ ҳам шоҳкориҳои хешро дар рӯзгорони арабгароии саросарӣ, ки баёни андеша ва офариниши сухани донишварӣ (илмӣ) аз ҷониби гумоштагони хилофати Бағдод бо забони арабӣ раво descended шуда буд ва чуноне имрӯз гӯянд, «забони расмии давлативу илмиву динӣ» забони арабӣ шуморида мешуд, пазируфтани вожаҳову иборaҳои пирӯзмандони тозӣ оддӣ менамуд. Ба вижа ҳангоме ки бар тахти каёнӣ туркони қарахониву сабуктегинӣ такя зада, бо дастури халифаҳои Бағдод сухани худоро бо забони арабӣ мехонданд. (Ба ёд оварда шавад гуфтае, ки чун шоҳ Исмоили Сомонӣ дар Хуросон хутбаро ба номи худ хонда, дирафши озодиро барафрохт, халифаҳои Бағдод барои бозгардонидани салтанати арабии худ дар пайи шикасти сомониён, туркони сабуктегинӣ ва қарахонӣ ва қарахитоиро бар зидди мардумони таҳҷоӣ барангехта, турктаборони бадавии бедавлатро тахтнишин карданд).

Ҳанӯз дар рӯзгороне, ки Ҳаким Фирдасӣ шоҳкори худро меофарид, барои ворид кардани вожаҳои арабӣ аз Бағдод дастур расида буд ва корбурди забони ғолибони араб дар ҷойи забони мағлубони форсизабон зери назорати

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

гумоштагони халифа буд. Аҳмад бинни Ҳасани Маймандӣ, вазири Султон Маҳмуд ва писари Маҳмуди Сабуктегин - Масъуд фармон медиҳанд, ки «... номаҳои девони расоилро, ки дар замони Абулаббоси Исфароинии вазир ба порсӣ менивиштанд, ба арабӣ бинвисанд».

Ин дастури аз Бағдод расида дар «Таърихи Байҳақӣ», чунин навишта шудааст: «Ва чун **вазорат** ба **фазлу фазоили** Шайх Ҷалил ороста шуд, **кавкаби китобат** аз **маҳовии ҳубут** ба авҷи **шараф** расид ва гули **фазоил** ва **маъсир** ба боди **қабул** шукуфта шуд ва рухсораи **фазлу адаб** ба **макони тарбияти** ӯ барафрӯхт ва бифармуд, то **куттоби давлат** аз порсӣ **иҷтиноб** намоянд ва бар **қоъидаи маъҳуди маноширу амсила** ва **мухотабот** ба тозӣ нивисанд, магар ҷое ки **мухотаб** аз **маърифати арабият** ва **фаҳми** он **қосир** ва **оҷиз** бошад. Ва **амсилаву тавқеъоти** ӯ дар **ақтори** ҷаҳон чун **наводири амсол** ва **шавориди ашъор мунташир** шуд ва забонҳо ба **таҳсини ибороту тазйини ишороти** ӯ равон гашт ва **афозили олам** ба **назму наср** дар **итроъи мадҳ** ва **шукри аворифу мавоҳиби** ӯ дебочаи **саҳоиф** бингоштанд ва чун **андалеб** дар **равзаи аёдии** ӯ ба наво даромаданд».

Ончуноне дида мешавад, котиби номаи боло барои бознамоёндани вафодории худ ба ҳокимони Бағдод аз 123 калима, ки 36 - калимаҳои рабт - пайвандакҳо ва 87 калимаи асосӣ мебошад, 54 - вожаҳои баргирифта аз арабиро кор бурдааст (вожаҳои арабӣ бо ранги сиёҳ ишора шудаанд), яъне 58 % вожаҳо арабӣ мебошанд.

Яке аз ҷиноятҳои арабгароён дар он буд, ки феълҳои таркибии ноҳанҷорро барои харобсозӣ ба забони дарӣ ворид карда ба навои гуфтори дарӣ осеб расонданд. Яъне феълҳоеро чун вирус барсохта ба забони форсӣ - тоҷикӣ кориданд, ки метавон гуфт ба устухони забони дарӣ осеб расонданд. (Барои бахши тоҷикии он феълҳои барсохта масдари худсохтаи «намудан» - ро ба кор бурданд, ки то он

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

замон дар тоҷикиву форсӣ вуҷуд надошт.) Чунончи: **саъй намудан, икдом намудан, тарҳиб намудан, маҳзур доштан, мулотафат намудан, таваққуф намудан, тақоъуд кардан, мусораъат намудан, таҳайюр кардан, тафаҳҳус намудан, мутақассими хотир шудан, истиноъ намудан, тафарруҷ кардан, таҷаннуб намудан, талаққӣ намудан, тақарруб ҷустан, истихфоф раво доштан, мунқатеъ шудан, мустазид гаштан, маъдуд гаштан муболағат рафтан, ва таркибҳои изофӣ, монанди латоифи ҳиял, бадоеъи тамвиҳот, мазҳаби ҳамият** ва ......

Маҳмуди Ғазнавӣ барои иҷрои бечунучарои амри халифаи Бағдод, дар арабисозии забони дарӣ, ибтикор нишон медиҳад.

Абулфазл, шогирди Абӯмансури Мушкон, дабири Султон Маҳмуд, дастур медиҳад, ки вожаҳои порсиро бо шеваи зер ба арабӣ бинависанд:

**Ба ҷои шӯридагӣ - изтироб, ёрӣ хостан - истиғоса, андеша - таамул, орзумандӣ - таманно**, **ёрӣ додан - иъонат**, **оҳистагӣ - тааннӣ, устуворӣ - сикка**, **хонагиён - аҳли байт**, **нерӯманд кардан - тақвият додан, шитобидан - таъҷилан, хешовандон - ақориб**, **бегонагон - абоъид**, **бисёрӣ - изъоф**, **дӯстӣ - мусодақат, порсоӣ - афоф, донистан - маълум кардан** ва монанди он вожаҳои зиёди тоҷикиро бо ибораи нависандаи ин сатрҳо, ба «зиндони ҷаҳолати арабӣ меафкананд».

Албатта барои қофиябандӣ ва суханбозии сарояндагони сухани равон (шеър), корбурди вожаҳои гуногуни арабии ҳамрадифи форсӣ созгор буд, аммо аз ҷониби дигар забони тоҷикӣ - форсӣ бад - он сон бо арабӣ олуда гашт, ки бо вуҷуди суфтаву бо шеваи форсӣ ҳамгунсозии овои арабии вожаҳо, оҳангҳои сомӣ (арабӣ) сухани дариро бенаво сохт. Сухангустарони худбохта барои илмгунаву орифона баён кардани андешаҳои

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

пурпечутобу дарунковоки худ аз вожаҳову таркибҳое кор мегирифтанд, ки барои араб ҳам ноошно буданд. Ба монанди **алаттаволӣ, алосуръулҳол**, **марфуъуттабъ, маслубуляд, баъдулявм**, **суъуди буқоъ**, **ҳубути фано** ва ....

Ҳамин олудагиҳои забони тоҷикӣ - форсиро дар нигар дошта шоири бузургамон Носири Хусрави Қубодиёнӣ ин суханони овозамандро гуфтааст:

Сифат чанд гӯӣ зи шамшоду лола,
Чун маҳу зулфаки анбариро?
Ба илму ба гавҳар кунӣ мидҳати[255] онро,
Ки моя́ст мар ҷаҳлу бадгавҳариро.
Ба назм андар орӣ дурӯғу тамаъро,
Дурӯғ аст сармоя мар кофариро....
Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам,
Мар ин қимате дурри лафзи дариро.

Ба забони дарӣ - тоҷикӣ ворид гаштани овоҳои хашени «Қ», «Ъ», «Ҳ» (ҳ - и ҳуттии аз ҳалқ бурун омада), ба сони «қарн», «муҳаққиқ», «таълим», «қаноъат» ва монанди он, овои забони дариро шикаста, ба он гуфтори забони хашени арабиро даромехтааст. Дар ин ҷо ба забоншиносоне, ки равиши вомгирии вожаҳоро аз забонҳои дигар қонунӣ арзёбӣ мекунанд, боясти гуфт: «бале, забон наметавонад аз забонҳои дигар вожаҳои ниёзманди худро вом нагирад». Ҳамон гуна ки забони бузурги русӣ мавҷи вожаҳои англисӣ, олмонӣ ва фаронсавиро вом гирифта, ба шеваи гуфтори русӣ созгор намудааст. Дуруст аст ва хуб ҳам кардаанд, аммо забони русӣ он вожаҳоро аз забони хешовандони худ (гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ) вом гирифта, ба шеваи русӣ

[255]Мидњат - он чї бо он касеро биситоянд - ситоиш ( مدح мадњ)

даровардааст. Айбе надорад, ки пасванди англисии «ейшен», ва фаронсавии «исиюн» ва монанди онро баргирифта, ба шеваи русӣ «итсия», дуруст кардаанд. (revolution - англисӣ, la revolution- фаронсавӣ; революция). Аммо **«иъонат», «изъоф», «муҳаққиқ»**, **«қарн»** ва ҳазорон вожаҳои бегонае, ки аз нӯги қалам ва лабони забондонони тоҷику эронӣ берун мебароянд, ёди моро ба замонаҳои зери юғи бегонагон будан мебаранд. Мебояд ба ганҷурхонаи забони тоҷикӣ чашм бурд, зеро дар он ҷо шумори ниҳоят зиёди вожаҳо ҷой доранд, ки онҳоро ҳатто занги таърих нахӯрдааст ва бо як каме ангезаи худогоҳӣ доштану тарки танбалӣ кардан, метавон онҳоро ба кор бурд.

Забони тоҷикӣ - дарӣ ҳама неруи баёни андешаҳои фалсафӣ ва илмиву фаниро дорост ва ниёзе ба вомгириҳои ноҷо надорад. Албатта як силсила вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ суфта шудаанд, ки арабияти худро гум кардаанд ва овои хашени арабии он аз байн бурда шудааст ва мо дар рӯзгори коргириҳои бешумор аз дарёфтаҳои технологии кишварҳои Ғарб, бо воридоти афзору олатҳои нав, аз вожаҳои техникии онҳо хоҳ - нохоҳ кор мегирем. Як идда вожаҳои фаниеро, ки вожасозони забони форсии Эрон равшанбинона дарёфтаанд, метавонем бипазирем, аммо дар ин росто набояд ба тоҷикисозии саросарӣ роҳ дода, ҳама вожаҳои хориҷиро тарҷумаи таҳтуллафзӣ намоем. Ба монанди телевизор - оинаи нилгун, ё симо; эксковатор - ҷари сақил ва ғайра. Аммо ба ҳангоми баёни андешаҳои оддии ғайрифанӣ гӯёндагони забони тоҷикӣ имкони фарох доранд, ки бо вожаҳои бегона забони зебои тоҷикиро олуда насозанд.

Барои намуна порчаеро аз ниёиши хуросониён меоварем, ки дар ҳамон замони арабисозии забон бо як гӯиши дарии зебо нигошта шудааст:

«Эзади тавоноро дуруд!

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

На барои он ки гом ба бероҳа бигзорем, на барои ин ки донишу тавониши худро дар роҳи табоҳии ҷаҳон ба кор бандем! На барои ин ки пайки андӯҳу паёмварони марг бошем, барои ин ки заминро ҷашнгоҳи бузург барои мардумон созем. Барои ин ки пайрави хирад бошем, аз хурофабоварӣ, ки дастомади Аҳриман аст, рӯй баргардонем. Барои ин ки решаи дурӯғ барканем ва оини ниёконамонро, ки ҳамсоз бо ҳанҷори офариниш аст барпо дорем, шоиста бошад, ки онро ҷогузини тозиши тозиён бигардонем. Пас эй додори бузург, ки чархаи ҳастӣ ба фармони ту мечархад, ба мо дониши бештар арзонӣ кун, то иродаи туро дар зиндагонии худ ба кирдор дароварем. Гардиши рӯзгор эйдун бод!»[256]

Аммо бубинед, пас аз чирамандии араб агар ҳатто номҳои осори адибону донишмандони тоҷику форсро бихонем, дархоҳем ёфт, ки дигар акнун лояи аз ҳама беш ба андешаҳои миллии ҳамвандон пайваста, яъне равшанандешони миллат покии забони дариро бо ними ҷаве намехаридаанд, зеро онҳо пештар зери асари худбохтагони динӣ, хештани хешро бохта буданд. Чунин буд унвонгузории корҳои пажӯҳишии он адибон: «Сафинат - ул - биҳор», «Тазкират - ул - авлиё», «Ал муъҷам фи маъоир - ул - ашъор - ул - аҷам», «Риёз - ул - орифин», «Маҷмаъ - ул - фусаҳо», «Лисон - ул - қалам фи шарҳ - ул - алфоз - ул аҷам», «Бадоеъ - ул - афкор фи саноеъ - ул - ашъор», «Салвонулматоъ фи адвонулатбоъ», «Лавомеъулишроқ фи макоримулах-лоқ», «Риёзулмулук фи риёзотуссулук» ва садҳое монанди он.

Гузашта аз ин бисёре аз шоирони фарҳехтаи мо чун Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Саъдии Шерозӣ бад - он сон ифтихори ориёии худро аз даст дода буданд, ки бо ин

---

[256] Паёми Пироншоњ, бардошта аз китоби профессор Расули Рањин, Ягонагии забони форсї дар дењкадаи љањонї, Интишороти Шифо, 1389/ 2010.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бузургӣ ҳатто забони модарии худ форсӣ - тоҷикиро дар нисбат ба забони арабӣ дар сатҳи паст шуморида, ин бовари нinfoрости худро ҳатто бо забони арабӣ бозгӯ кардаанд:

**Уқтулуни, уқтулуни, ё сиқот,**
**Инна фи қатли ҳаётан фи ҳаёт.**
Ва мегӯяд: Порсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,
Ишқро худ сад забони дигар аст.

Саъдӣ дар боби панҷуми «Гулистон» бо як ҷавони кошғарӣ, ки «Муқаддимаи наҳв» - и Замахшарӣ (1075 - 1144) мехондааст, ҳикояте, ба сурати муҳовара офаридааст. Дар он ҳикоят аз забони форсӣ ва арабӣ чунон ёд мекунад, ки ба пиндори ӯ забони форсӣ забони мардуми авом аст ва забони арабӣ забони аҳли фазлу дониш.

Ҳофиз низ дар ғазали маъруфи худ мегӯяд:

Агарчи арзи ҳунар пеши ёр беадабист,
Забон хамӯш, валекин даҳон пур аз арабӣ[257]

Ҷойи шигифт нест, ки Ҳофизи лисонулғайб девони беҳамтои худро бо ғазале оғоз кардааст, ки матлаъу мақтаъи он бо забони арабӣ офарида шудаанд:

«Ало ё аюҳассоқӣ, адир кавсан ва новилҳо», «Мато мо талқа ман таҳвӣ даъиддунё ва аҳмилҳо». Ва гумон ба яқин аст Ҳофизи бузургвор ҳамчун фарзанди замони худ - замоне, ки дигар арабӣ забони бечунучарои сарзамини мағлубон буд, на танҳо вожаҳои бешумори арабӣ, балки бо ин ҳама нозукхаёлиҳо ва чирасуханиҳо якчанд ғазалашро ба истилоҳ бо шеваи «ширу шакар» офаридааст. Чунончи:

---

[257] Баргирифта аз навиштори Муртазо Мутањњарї, Хадамоти мутаќобили Ислом ва Эрон, Душанбе Пайванд. соли. 2007, с.75

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Аз хуни дил навиштам наздики ёр нома,
Инни раайту даҳран ман ҳаҷрика - л - қиёма,
Дорам ман аз фироқаш дар дида сад аломат,
Лайсат думуъу айнӣ ҳозо лана - л - алома.
Ҳарчанд к - озмудам, аз вай набуд судам,
Ман ҷарраба-л-муҷарраб,ҳаллат биҳи-н- надома.

Пурсидам аз табибе аҳволи дӯст, гуфто:
Фӣ буъдиҳо азобун, фӣ қурбиҳа - с - салома!
Гуфтам маломатояд, гар гирди дӯст гардам,
Валлоҳи мо раайно ҳуббан било малома.
Ҳофиз чу толиб омад, ҷоме ба ҷони ширин,
Ҳатто язуқу минҳо каъсан мина - л - карома.[258]

Шӯрбахтӣ он аст, ки бо ривоҷ ёфтани дингароӣ гӯишгарони забони тоҷикӣ ва форсии Эрону Афғонистон ва ҳатто Тоҷикистони дунявӣ бештар аз пеш ба корбурди вожаҳои арабӣ рӯ меоваранд. Олимони диншиноси ин кишварҳо нақши забони арабиро бархилофи нақши ошуфтасозӣ доштан нисбат ба забони форсӣ, дар болангагии он мебинанд. Барои исботи ин хостаи худ, шахсияти сирф мазҳабие аз гуфтаҳои мистер Ричард Фрай бо як қаноатмандиву хушнудӣ чунин навиштааст: «Дар бархе фарҳангҳо забон бештар аз дин ё ҷомеа дар идома ёфтан ё бар ҷой мондани он фарҳанг аҳамият дорад. Ин асл ба фарҳанги Эрон рост меояд, зеро ки бешак дар пайвастагии забони форсии миёна (форсии аҳди Сосонӣ) ва форсии навин (форсии давраи исломӣ) наметавон тардид раво дошт, бо ин ҳама ин ҳар ду яке нестанд. Бузургтарин фарқ миёни ин ду забон роҳ ёфтани бисёри вожаҳои арабист. Дар форсии навин, ки ин забонро аз нигоҳи адабиёт **неруе бахшида ва онро ҷаҳонгир**

[258] Њофизи Шерозї, Куллиёт, Т., 1379 / 2001

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

**кардааст** ин бартариро дар забони паҳлавӣ наметавон ёфт. Ба **ростӣ, ки арабӣ форсии навинро тавонгар сохт** ва онро тавонои падид овардани адабиёти шукуфон, ба вижа дар таҳияи шеър сохт. Чунон ки шеъри форсӣ дар поёни қуруни вусто (воқеан, ҳамин таркиби «қуруни вусто» кучҷои забони форсиро тавонову зебо сохтааст, дар сурате ки он «вусто» - ро мешавад миёна ва «қурун» - ро садсолаҳо гуфт. З. М.) ба авҷи зебоӣ ва лутф расид. Форсии навин роҳи дигар пеш гирифт, ки қофиласолори он гурӯҳи мусалмонони эронӣ буданд, ки дар адабиёти араб даст доштанд ва низ ба забони модарии хеш бисёр дилбаста буданд. Форсии навин, ки бо алифбои арабӣ навишта мешуд, дар садаи нуҳуми милодӣ дар машриқи Эрон равнақ гирифт ва дар Бухоро, пойтахти дудмони Сомонӣ гул кард».[259]

Чӣ кунем чун ба офаридаҳои адибони садсолаҳои XI -XII милодӣ даст ба суханофаринӣ бурда менигарем, дар шигифт мемонем ва аз худу аз адабиётшиносон мепурсем, ки магар аҳли адабу эҷоди сухани аҳуроии порсӣ бад - он сон нангу номуси ориёӣ ва меҳру боландагӣ аз фарҳанги инсонсози ниёкони хешро бохтаанд, ки бидуни коргирӣ аз вожаҳои тозиёни бодиягарди аз андешаи илму фарҳанги ҷаҳони пешрафта дур, наметавонанд андешаи худро бо забони модарӣ, рӯи коғаз бозоваранд. Ҳамон гуна ки Саноии ҳазорон ҳазор фарсах дур аз регзорҳои Африқои шимолӣ дар боғистонҳои Ғазна ба воя расида, дарди парастиши Худоро бо чунин забони бо арабӣ олуда сурудааст:

Ба **ахмосу** ба **аъшору** ба **идғому амолат** кай,
Туро раҳбар бувад Қуръон ба сӯи сирри яздонӣ.

---

259 Муртазо Мутаһһарї, Хадамоти мутақобили Ислом ва Эрон, Ройзании фарһанги сафорати ЉИ Эрон дар Тољикистон, Душанбе Пайванд. С. 2007, с. 81 (Дар бораи арабї будан, ё набудани хати форсї мо дар боло гуфтугўи фишурдае доштем.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ё:

Дар **нахви вазни аҳвал лоянсараф** бувад,
Номи ту **Аҳмад** аст ба мизони **афъалӣ**.

Бузургвори забону адаби порсӣ Маликушшаро Баҳор (1886 - 1951) забони осебхӯрдаву ошуфтаи форсиро чунин баҳо додааст:

Нисфи забонро араб аз байн бурд,
Ними дигар лаҳҷа ба туркон супурд.

Дар боло гуфта шуд, ки Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба шоҳкори худ танҳо 500 вожаи арабиро роҳ додааст ва пайдост, ки бо парҳези ҳушмандона ба ҷойи вожаҳои аз арабӣ ворид гашта ҳамтову ҳамвазни форсии онҳоро ба кор бурдааст. Пурсида мешавад, ки «Чаро?». Зеро андешаи маркази Ҳаким Фирдавсӣ дар мавриди баёни сухани дарӣ, «хормоя» насохтани он ва нагузоштани бегонагони кӯчӣ барои сарзамини гӯяндагонашро «куноми», яъне зистгоҳи даррандагони ваҳшӣ, кардан аст.

Чунончи, имрӯз мо аз таркиби «ба мисли, ё мисли» фаровон кор мегирем, аммо Ҳаким Фирдавсӣ гарчи ба оҳанги сурудааш газанд ҳам нарасад, ҳамвазни форсии онро ба шакли «ба сони - ҳамсони» ба кор мебарад ва ё ба ҷойи «тибқи» аз рӯйи, ба ҷойи «муқаррарот» - ба оини ва монанди он.

Чуноне ки дар ин порчаи шеър дида мешавад, бузургвор ба ҷойи таркиби «ба мисли», аз ҳамвазни форсии он «ба сони» кор гирифтааст:

Ба сони дарахти тануманд бош,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Падар бош, гоҳе чу фарзанд бош.
Ба сони зиреҳ бар гули арғавон,
Барафканда буд моҳрух гесӯвон.

Аммо имрӯз ҳамзамонони мо бад- он сон арабгуфториро хуш доранд, ки аз минбарҳои олимон, аз пушти пардаи телевизион, дар мақолаҳои илмии ҳатто ба забоншиносӣ бахшидаашон, дӯст доранд, ки чун тозигуфторон гулӯ даронда, аз байни ҳалқ таркиш бароварда «муҳаққиқ», «баъдан», қарн», «қаблан», «тачаддуд», «таъаҳуд» ва монанди он вожаҳои душворифодаро ба кор баранд.

Гуфта шуд, ки вожаҳои арабӣ бештар бо фишори афзуни тозиён, ҳамчун забони империалистон бар забони шикастхӯрдагон ҳамлавар гашта онро аз асолати хеш дур кард. Ин падидаи ошуфтаборро донишмандон чунин дарёфтаанд: «Бо ин ки қарни панҷум оғози нуфузи ҳарчи бештари вожаҳои арабӣ дар форсӣ ва шурӯъи тақлид аз саҷъпардозиҳои арабӣ аст, душворгӯӣ ва дарозгӯӣ дар насри форсӣ писандида набудааст.

Ва аммо забони насри форсӣ - тоҷикӣ дигар ба ҷуз вожаҳои рабти дарӣ (пайвандакҳо) дигар ҳамвора аз калимаҳои арабӣ иборат буд. Чуноне гуфтаанд: Насри форсӣ, ки дар қарни IV чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷум V, яъне асрҳои XI - XII садӣ панҷ (панҷ дарсад 5%) луғати тозӣ надошт, дар нимаи дуввуми қарни XII аз садӣ панҷоҳ (панҷоҳ дар сад 50%), низ таҷовуз кард ва дар қуруни шашуму ҳафтум ва ҳаштум - XIII – XIV – XV мелодӣ то садӣ ҳаштод (ҳаштод дар сад 80%) низ кашид». (Ва бозгуфтани ин нуктаро боиста медонем, ки агар шумори вожаҳои бегона дар як забон аз 51% афзоиш ёбад, он забон харобгашта ва аз аслаш дуру ба марг наздик דониста мешавад.) Дар ин ҷо ҳамчун намуна порчаи насриеро меоварем, ки чӣ гуна таърихнигор барои баёни

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

матлаби «фулонӣ, яъне Муъизуддин Ҳусайни Курт мурд», суханпардозиҳояшро саршор бо вожаҳои арабӣ сохтааст: «Дар **шуҳури санаи иҳдо** ва **сабъин** ва **сабъумиа малик Ҳусайн** дар **маъразн оризаи саъб** афтод ва чунончи дасти **табибони ҳозиқ** аз домони **мудовои** он кӯтоҳ гашт ва **осори заъфу аломоти иртиҳол** дар **носияи аҳволи** хеш **мушоҳада** карда донист, ки мурғи **рӯҳаш аз қафаси қолаб** ба **кунгураи арш** парвоз хоҳад кард, **лоҷарам машоҳири мулк ва аъёни давлати** худро **ҳозир** сохта гуфт: Акнун, ки замони **давлат ба инқизо ва даврони давлат ба интиҳо** расид, чунон хоҳам кард, ки **раъоё дар заҳмату кулфат** нарасанд ва **ҳаққ** дар маркази **истеҳқоқ қарор** гирад......»

Ва ҳоло низ дар кишварҳои ҳамсоягонамон, бар асари чирамандии забони дин бар забони илм, калимаҳои арабӣ, фарогири забони форсӣ мебошанд. Барои равшании гуфтаамон, ин намунаро аз саҳифаи нашрияе меоварем, ки 90% вожаҳо арабианд: **Ҳикмати зуҳур** ва **суқути** ҳар **давлат** ва **ҳукумате** дар ҳар **давра** аз **таърих** ба **таҳқиқи аҳволу афкори милалу амам** бозмегардад ва бидуни **лиҳози илал**, **шароит** ва **собиқаи фикри** фарҳангӣ ва **иҷтимоӣ** наметавон ба **куннаи матлаб** роҳ ёфт.[260]

Чунин арабгароиро дар забони миллиамон дида андешае фарогирамон мегардад, ки накунад забоншиносони нотавонбини бегона 51 дар сади вожаҳои забони зебои тоҷикиро зӯрвожаҳои забони арабӣ бипиндоранд.

Ба таҳлилгарони забоншинос равшан аст, ки забонҳо кунду заъифу бемор ва нобуд мешаванд (кушта мешаванд, ба тадриҷ мемиранд) Аз рӯйи баъзе ҷусторҳо дар ҷаҳон 4500 ва аз рӯйи ривоятҳои дигар 6700 забон вуҷуд дорад ва ҳар сол якчанд забон мемирад. Забоншиносони Аврупо дар ин боваранд, ки дар Австралияи охири садсолаи XVIII

---

[260] Шабакаи иттилоърасонии «Субҳи Машриқ», 3 апрели соли 2018

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

шумори 250 забон вуҷуд дошт, дар ҳоле ки имрӯз шумораашон то 25 адад (забон) коста шудааст. Октавия, нависандаи кишвари Мексика, барандаи ҷоизаи Нобел пешбинӣ кардааст, ки дар 100 соли оянда сеяки забонҳои мавҷуда аз байн мераванд.

Ҳароси нобудии забони модарии хешро донишмандон, давлатмардон ва умуман соҳибони забонҳои гуногун, ҳатто англисҳо, фаронсавиҳо, чиниҳо ва русҳо низ доранд. Соҳибони забонҳои мамлакатҳои пурзӯре чун Британияи Кабир, Русия, Фаронса ва Чин бо доир кардани семинарҳову конфронсҳо, тадвини қонунҳо ва муқаррароти нигаҳбонии забон, ҳамчунон интишори дастурҳо ва мақолаҳо кӯшиш мекунанд хатари марги забони модарии хешро бартараф кунанд. Барои ин дар саҳифаҳои хабарии ИМА мақолаҳои бешумор зери унвони «Забони англисӣ дар хатар аст» ба табъ расидаанд. Аз ҷумла дар мақолае омадааст, ки «Интернет бо бакоргирии вожаҳои бадеъ, забони англисиро дигаргун сохтааст». Муаллиф далел овардааст дар паёмҳои электронии Интернет (беш аз 750 миллиард паём) вожаҳои нав ба қадре зиёд аст, ки дар нигориш бо забони англисӣ шеваи навине ба вуҷуд омадааст.

Донишварони пуркор бар он пиндоранд, ки фарҳангҳо ва қавмҳои аз нигоҳи иқтисодиву фаннӣ қафомонда, дар муқобили фарҳангу арзишҳои тамаддуни қавмҳои пешрафтаи саноативу иқтисодӣ муқовимат карда натавониста, нобуд мешаванд. (Ин ақидаро забоншиноси шинохтаи ҷаҳон, Волфганг Дреслер бо далелҳои қотеъ тасбит кардааст ва аз диди ӯ дар ҷомеаҳои дузабона забони ақаллият рафта-рафта ҷоий худро ба забони аксарият медиҳад.

Инро низ бояд гуфт, ки дар солҳои 1950 -1975 бар ҳадафи бартараф сохтани забони порсӣ ҷамъе аз адибону равшанандешони Эрон ҳаракатеро сарварӣ мекарданд, ки

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

забони форсиро аз арабизмҳо пок карда, ба ҷойи вожаҳои душворифодаи арабӣ, рӯ ба гӯиши форсии ноолуда ниҳода буданд. Бузургоне чун аллома Оқо Бузург Алавӣ, Содиқ Ҳидоят, Аҳмади Касравӣ, Саид Ҷамолзода бо ҳамроҳии садҳо порсигӯёни донишманди баномус кӯшидаанд дар офаридаҳо ва гуфторҳои худ ҳар чӣ камтар аз вожаҳои хашену душворифодаи арабӣ кор бигиранд. Оқо Бузург Алавӣ дар он солҳо аз хатари дар ҳастии забони порсӣ ҷой дошта ғам мехӯрд. Ғами ӯ аз омехтагӣ бо забони тозӣ буд. Ӯ арабгаройӣ ва омехтагиро бо забони арабӣ яке аз иллатҳои асосие медонист, ки агар мо он айбро аз забон назудоем, бо забони имрӯзаамон наметавонем ҳамаи андешаҳоямонро ба гуфтору навиштор оварем.[261]

Устод Бузург Алавӣ бар он бовар аст, ки ин хатар забони порсиро дар оянда ба рӯзгороне хоҳад овард, ки порсӣ бо забонҳои бегона бештар таҳлил шуда (омехта, об шуда) истиқлолияти худро аз даст медиҳад.[262] Ва ба таъкид мегӯяд, ки ӯ намехоҳад ҳама вожаҳои арабиро аз забон канора кард. Пешниҳод мекунад, ки яке аз роҳҳои сохтмони вожагони нав аз ганҷинаи худи забони порсӣ баргирифтани вожаҳои фаромушшуда мебошад ва роҳи дигар аз ҳисоби пешвандҳо ва пасвандҳои порсӣ сохтани вожаҳои нав аст.

## Сухани илму дониш пас аз чирамандии араб.

**Ирфонситойӣ бароямон чӣ дод?** Вожаи «Ирфон» арабӣ буда, маънаиш худошиносӣ мебошад ва «Ориф», ки фоили ирфон аст, яъне худошинос. Ин вожаҳо пас аз чирамандии араб бар сарзамини мо ба забони форсӣ - тоҷикӣ ворид гаштанд. Аз ин вожаҳо бештар дар замони

[261] Бузург Алавї, Таърих ва тањаввули адабиёти љадиди Эрон, Т., Муассисаи интишороти Нигоњ 1386/2007, с. 291
[262] Њамон љо

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

пайдоиш ва густариши сӯфигарӣ, кор гирифта мешуд. Пайравони сӯфигарӣ боварҳояшонро ба сони як илми хосса «тасаввуф» - унвон гузоштаанд.

Дар бораи ирфон ва тасаввуф аз ибтидо то ҳоло ончунон гуфтаанду навиштаанд, ки танҳо дар бозовардан ва шарҳу рӯнависии пиндорҳои орифони замонаҳо умреро мебояд сарф кард. Бе ин ҳам орифони бешумор бад - он сон дар пиромуни мавзӯъҳои «Худо кист - нур аст, ё на?», «Инсон агар роҳи сайру сулуки ирфониро бипаймояд, метавонад худаш бо Худо яке шавад» ва иддаи зиёде натиҷагирӣ мекунанд, ки «тавҳиди ирфонӣ иборат аст аз ваҳдати вуҷуд ва ин ки ҷуз Худо ва шууну асмоу сифоту таҷаллиёти ӯ чизе вуҷуд надорад» ва гурӯҳе бар он аст, ки «ирфон мояҳои аввалини худро, чӣ дар мавриди ирфони амалӣ ва чӣ дар мавриди ирфони назарӣ аз худи ислом гирифтааст....»

Ирфон тафовути байни ориф аз зоҳид (тақводори парҳезкор)- ро чашмрас мешуморад, зеро зоҳид доимо дар бораи қиёмат фикр карда, ҳама аъмоли худро барои расидан ба биҳишт сарф мекунад, аммо ориф, ки талоши васл ба ҳақ (Худо) дорад, ин висолро иди худ медонад. Ориф доим дар ҳоли пуррашавиву азнавшавӣ (таҳаввулу таҷаддуд) мебошад.

Донишмандони риштаи ислом бар онанд, ки «ирфон яке аз улумест дар домани фарҳанги исломӣ зода шуд ва рушд ёфту такомул пайдо кард. Дар бораи ирфон аз ду ҷанба метавон баҳсу таҳқиқ кард: яке аз ҷанбаи иҷтимоъӣ ва дигар аз ҷанбаи фарҳангӣ. Урафо ба соири табақоти фарҳангии исломӣ, аз қабили муфассирин, муҳаддисин, фуқаҳо, мутакаллимин, фалосифа, удабо, шуъаро....... иборатанд». [263] Ирфонро бо забони русӣ миститсизм тарҷума кардаанд. (симбиотическое явление) Калимаҳои

---

[263] Муртазо Мутањаррї, Хадамоти мутаќобили Ислом ва Эрон, Душанбе, 2007, с.609

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

«ишқ», «ошиқ» ва «маъшуқ», «талаб», «толиб» ва «матлуб» ва монанди онҳо дар гуфтори орифон бисёр дида мешаванд ва дар пардаи тамсил гоҳ ишқ, ошиқ ва маъшуқ ҳама Худост.

Бояд донист, ки фалсафаи саросар ирфонии фақеҳоне ба монанди Суҳравардӣ, Ғазолӣ ва Мулло Садро, пеши роҳи андешаҳои фарҳехтагонеро чун Умари Хайём, Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ гирифта, ҳаргиз намегузошт ба монанди Аврупо дар Эрону Варорӯд пешравиҳо ба вуҷуд ояд. Ғазолӣ мубоpизаи сахт бо ҷараёнҳои фалсафӣ ва андешмандони асил мебурд. Ғазолӣ китоби худро зери унвони «Таҳофут – ул - фалосифа» (تهافت الفلاسفة), барои инкори фалсафа навишт ва фалсафаи ақлиро куфр эълом дошт. Зиддияти Ғазолӣ бо илму фалсафа чунон сахт буд, **ки бозии шатранҷ ва илмҳои ҳисобу ҳандаса ва риёзиётро зараровар хонд** ва гуфт омӯхтани риёзиёт ба дин зарба меоварад ва бо ин иддаои худ хилофати аббосӣ ва ҳокимияти диниро ҷонибдорӣ кард. Ғазолӣ ҳамчунон ҷашни Наврӯзро иди маҷусон эълон карда, гиромидошти онро куфр донист.

Имрӯз ҳам китобҳои Имом Ғазолиеро, ки кашфиёти Абуалӣ ибни Синоро куфр ва он бузургворро кофир эълон кардааст бозчоп намуда, ӯро ба ҷавонону камхондаҳову касони рӯ ба таассубгароӣ ниҳода орифу алломаву нобиға намоён месозем. Чунончи нашрияи «Ирфон» соли 2011, китоби «Насиҳат - ул - мулук» - и Ғазолиро бо нусхаҳои (тиражи) зиёд бозчоп кардааст, ки мо иқтибосе аз он китобро дар ин ҷо бознависӣ мекунем ва дармеёбем, ки насиҳатҳои муаллиф то чӣ андоза ҷавононро аз шинохти фании ҷаҳон ба канор бурда, ҷойе барои кашфи асрори табиат ва андешаҳои дунявӣ намемонад: «Бидон, ки вай (худо) доност, ба ҳар чӣ донистанӣ ҳаст. Ва илми вай ба ҳама чизҳо муҳит аст (фарогир аст З. М.) ва аз улво то саро ҳеҷ чиз бе дониши вай наравад..... Балки адади реги биёбон

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ва қатраи борон ва барги дарахтон ва андешаи дилҳо ва зарраи ҳаво дар илми ӯ ҳамчунон макшуф аст, ки адади осмон...»[264] Пас чунин ки бошад дигар ҳоҷати ҷустору омӯзиши қонунҳои табиат аз байн меравад. Он ҳамаро аз омӯзаҳои динӣ метавон пайдо кард ва омӯзиши дарёфтаҳои дигарон лозим нестанд. Ба якборагӣ мехоҳам хонандаро бохабар созам, ки агар мо ба гуфтаҳои Имом Ғазолӣ пайравӣ кунем, пас дастурҳои давлатсозии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чӣ гуна татбиқ хоҳем кард?!

Дар асарҳои бешумори орифон гаҳе ба достонҳое дучор меоем, ба илм комилан бегона буда бештар аз бофторҳои хурофотгуна иборатанд.

Бад - он сон, ки дар пиромуни зиндагии Абулҳасани Харақонӣ достонҳо пардохтаанд саршор аз намунаҳои кароматҳо. Дар ҳикояҳои зиндагиномаи ӯ мехонем, ки вай шерро боркаши хеш мекардааст, морро тозиёнаи худ карда ва дар суҳбати Абуабдуллоҳи Достонӣ аз танури тафта моҳии зиндаи тоза бадар меовардааст. Суханонеро ба забон меовардааст, ки танҳо дар хаёли касони беморгуна пайдо шуда метавонанд. Чунончи: «Чун ба гирди Арш расидем, саф - саф малоика пешбоз меомаданд ва мубоҳот мекарданд, ки мо карруби ёнем ва мо рӯҳониёнем ва мо маъсумиёнем». Ман гуфтам «Ман ҳуаллоҳ ниёем».[265] Эшон хиҷил гаштанд.

Аммо мо имрӯз чӣ мехоҳем аз ин бофторҳову баҳсҳои ҳазорсолаи орифону суфиён? Ба кадом дарди ҷомеаи мо дармон бахшида буд ва ҳоло моро ба куҷо мебарад ин тасаввуфшиносӣ ва ирфонгароии саросарӣ?

Кадом одами миллатсозу давлатсозро ба воя мерасонем аз ин мутахассисони «сайри ҳафт шаҳри ишқ»

---

[264]Ѓазолї, «Насињат - ул - мулук», Душанбе «Ирфон», 2011, с.69
[265] Шафеъи Кадканї Муњаммад Ризо, Навишта бар дарё. Аз мероси ирфонии Абулњасани Хараќонї, Тењрон Сухан, 1384/2005, с. 65

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ва талошгарони ба Худо пайвастан? Ба вижа исбот шудааст, ки поёни фалсафаи ирфон пазирутфтани ҳамон ҳикмати Афлотунии «Ҷуз Худо дигар чизе нест», мебошад.

Инҷониб наметавонам дарбиравам ба ҳадафи онҳое, ки донишгоҳҳо ва умури маорифро пойгоҳи донишандӯзию донишёрии худ кардаанд, вале дар ниҳод сӯфӣ ва омӯзгорони кеши ирфонситоӣ мебошанд. Чуноне ки соле пеш Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Саноии Ғазнавӣ ва таҳаввули адабиёти тасаввуф», конференсияи ҷумҳуриявӣ гузаронд. Дар он конференсия сӯфишиносони рӯз ба мавзӯъҳое даст бурдаанд, ки гӯё пас аз гузаронидани якчанд аз ин конфронсҳо тоҷикони мо ба тасхир намудани кайҳон оғоз мекунанд. Чунончи: «Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ва ташаккули адабиёти тасаввуф», «Ҳаким Саноӣ бунёдгузори маснавиҳои тасаввуфӣ», «Ғазалҳои сӯфиёнаи Саноӣ ва вижагиҳои онҳо» ва монанди онҳо. Ҳамин меҳри бепоёни адабиётшиносони тоҷик дар асри XXI ба илми гӯшанишинӣ ва хурофотгароӣ мебошад, ки дар даҳсолаи ахир даҳҳо корҳои илмӣ барои сазовор гаштан ба унвонҳои «номзади илмҳои филологӣ ва педагогӣ» ва «доктори илмҳои филологӣ ва педагогӣ» навишта ва ҳимоя шудаанд. Ҳатто дар яке аз муассисаҳои илмии кишвар дар баробари таҳлилу тавсифи осори мистикии «Қиссас - ул - анбиё» (Метавон муқоиса кард, бо китобҳои «Библейские истории», «Сказание Евангелистов») ва «Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ», барои дарёфти унвони илмӣ Иван Бунини ҳама тору пудаш ғарқи кеши православиро ситоишгари дини ислом бознамоёндаанд. Ва огаҳон медонанд, ки И. А. Бунинро пажӯҳишгарони адабиёти классикии рус, аз ҷумла аъзо - корреспонденти Академияи Илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, П. А. Николаев, «Душа православия» (Рӯҳи насроният) номида буданд.[266]

[266] И. А. Бунин, Поэзия и Проза, Москва «Просвещение», 1986, с.19

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Мо аз ҳама беш ба норасову хунсо будани андешаи сиёсии бархе донишмандони имрӯза шигифтзада мебошем, ки ҳангоми таъкиди бузургии шахсе, вайро «ориф» мехонанд, дар сурате ки ирфон яке аз илмҳое мебошад, дар домани фарҳанги исломӣ зодаву рушд ёфтаву такомул пайдо карда. Яъне чуноне дар боло иқтибос оварда шуд, ирфон илмест аз дини ислом ва орифон бо табақоти дигари фарҳангии исломӣ, аз қабили муфассирин, муҳадиссин, фуқаҳо, мутакаллимин, (бо дастаи бешумори шуаро ва удабо) барои густариш ва фарогирии ҳамагонии шариати ислом кор мекарданд ва ҳатто сахт мубориза мебурданд. Инҳо узви он лояи фарҳангии давлатдорони исломӣ буданд, ки ҳамаро танҳо дар тарозуи шариати ислом баркашида, хурдтарин андешаи даҳриву дунявӣ, ҳамчунон кашфиёти асрори физикиву кимиёии ҳастиро ширк эълом мекарданд.

Мо дар ин ҷо номҳои шумори каме аз орифони гузаштаи форс - тоҷикро рӯнавис мекунем, ки дар асл шуморашон дар қаламрави забону фарҳанги форсӣ - тоҷикӣ садчанд буд. Яъне ин шумори беҳудуди орифон, шахсоне буданд, ки ба роҳи коштани боварии бефоида будани дунё, даст шустан аз хушиҳои рӯзгор, худро худо донистан ва монанди он боварҳо ҷавононро аз роҳҳои эҷоду созандагӣ боздошта, ба гӯшанишинӣ ва ҳарзаофаринӣ ихтиёр кардан вомедоштанд:

Абуҳошим Сӯфии Кӯфӣ, Абулқосим Башр Ёсин, Абулқосими Ҳакимӣ, Абуалии Формадӣ, Абуалии Ворицӣ, Абуамри Зуҷоҷӣ, Маъруфи Кархӣ, Фузайл ибни Аёз, Ҳориси Мусоҳибӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Зунуни Мисрӣ, Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ, Абубакри Шиблӣ, Абубакри Воситӣ, Абубакри Китобӣ, Абубакри Фавтӣ, Абумуҳаммади Рӯям, Абуалии Рӯдборӣ, Абуалии Даққоқ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Хафиф ибни Исфакшоди Забӣ, Абунасри Сарроҷи Тӯсӣ, Абулфазли Сарахсӣ,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Абутолиби Маккӣ, Абулҳасан Ҳусрӣ, Абулҳасани Харақонӣ, Абусаъиди Абдулхайри Нишопурӣ, Абуалӣ Дақоиқи Нишопурӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Усмони Ҳаҷвирӣ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Абдулқодири Гелонӣ, Абумузаффари Хавофӣ, Абуҳафзи Ҳаддоди Нишопурӣ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ, Шайх Наҷмиддини Куброи Хоразмӣ, Шайх Шаҳобиддини Суҳравардӣ, Иброҳими Шаббок, Ибн - ул - Форизи Мисрӣ, Муҳиддин Арабии Ҳотамии Тоии Андалусӣ, Ҳасани Басрӣ, Молик ибни Динор, Иброҳим ибни Адҳам, Робеъаи Адавия, Садриддин Муҳаммади Қунавӣ, Фахриддин Ироқии Ҳамадонӣ, Алоуддавлаи Симнонӣ, Абдураззоқи Кошонӣ, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ, Сайид Ҳайдари Омулӣ, Абдулкарими Ҷулӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Муаммали Ҷассос, Ҳофиз Абинаим, Луқмони Сарахсӣ, Соиниддин Алии Таркаии Исфаҳонӣ, Муҳаммад ибни Ҳамзаи Фанории Румӣ, Заҳируддин Абдурраҳмон ибни Базғаш, Шамсиддин Муҳаммади Лоҳиҷии Нурбахшӣ, Рӯзбеҳони Буқлӣ, Усмони Сарахсӣ. Ҳориси Мусоҳибӣ... Ин ҳама ҷуз аз Шайх Аттору Абдуллоҳи Ансорӣ, Сарии Сақатӣ, Муҳаммаду Аҳмади Ғаззолӣ ва ғайраҳо.

Он чӣ аз навиштаҳо пайдост ин шумори бешумори орифон, ки ҳар яке садҳо муридон доштанд, ҷуз фалсафафурӯшӣ пардаи ғафлатро дар пеши чашмони авом густурда, ба пиндоштҳои динии онҳо бофторҳои дурӯғини каромот унвон додаи хешро меафзуданд.

Равшан аст, ки пас аз чирамандии араб усули омӯзишу парвариш бар пояи дин ва такя бар идеологияи он зада буд. Шогирди мадрасаи ибтидоӣ барои саводомӯзӣ, ҳатто ҳангоми азбар кардани алифбо ифодаи савту гӯиши арабиро қориазёд мекард, сипас ба омӯзиши «Чаҳор китоб» ва ояҳои Қуръон . (Ба сони «итқи», «изғи», «суод», «зуод», яъне то, зо, сод, зод). Фанҳои дақиқро -

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

кашфиётҳои олимони риёзидони тоҷику форсро дар Аврупо китобҳои дарсӣ карда буданд, вале дар ватани он донишмандон дарси мадраса асосан аз фиқҳ буд ва фақеҳон ба хурдтарин дигарандешӣ вокуниши сахт нишон дода, донишмандони фанҳои дақиқро ба таъқибу таҳқир гирифтор мекарданд. Ҳамон гуна ки пайкари поки Ҳаким Фирдавсиро барои сароиши саргузашти фаротаърихии эронитаборон дар гӯристони мусалмонон роҳ надоданд ва ин пайғамбари

сухани порсиро дар боғи падариаш ба хок супурданд. Ва ё Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигар бузургонро пас аз марг такфир кардаанд.

Шоёни гуфтан аст, ки муллоёни андакхондаи замонаҳо аз ин ки ба ҳазорон печидагиҳои замину замон бо забони илм наметавонистанд гуфтугӯ дошта бошанд ва ҳанӯз ҳам чун аз тавоноии посухҳои илмӣ бенасибанд, ҳамсуҳбатони худро, ба вижа навҷавонони акнун ба шинохти одаму олам камар бастаро, ба раҳгумӣ мебаранд. Бад - он сон ки ҳангоми пурсиши падидаҳои шигифтбарангези физикиву кимиёӣ, умуман қонунҳои табиат, бо нидои «шак наёр», «куфр нагӯ», «ин саволат ширк аст, пагоҳ дар оташи дӯзах хоҳӣ сӯхт» ва монанди он, ҷавононро аз донишандӯзӣ, фаҳми дурусти ҳазорон дарёфтҳои илмии олимони Ғарб, бозмедоранд.

Баҳсу зиддиятҳо дар ҳама давру замон миёни фақеҳону хатибони дин ва фарҳехтагони илм ба таври фаровон ҷой дошт. Намунаи равшани ин кӯрии андешаро метавон дар саргузашти болотар ишора кардаамон оид ба такфири биниши илмии Ибни Сино, ки 450 ҷилд китоб дар заминаи гуногун навиштаву бештари он осор дар мавриди наҷоти мардумон аз бемориҳо мебошад ва новобаста бар ин гунаҳкор ба куфру бединӣ эълом намудани ӯ аз тарафи Имом Муҳаммад Ғазолӣ (вафот с. 505/1126) дид.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Масъалаи асосие, ки хашми Ғазолиро барангехта буд, назари Ибни Сино (дар китоби «Шифо»), пиромуни бозгашти ҷисмонӣ (ё худ маъоди معاد ҷисмонӣ) дар охират буд. Ин савол дар миён будааст, ки оё инсон ҳангоми бозгашт (рафтан ба он дунё, ё маъод), бо ҳамин ҷисми худ маҳшур мешавад (ҳашр мешавад, яъне барангехта мешавад) ва азобу подоши рӯзи қиёмат ҳиссӣ аст ва ё он ки инсон танҳо бо рӯҳи худ маҳшур шуда (барангехта шуда), мавриди азоб ва ё подоши рӯҳонӣ қарор мегирад. Аз он ҷо ки дар зоҳир оятҳо ва ривоятҳо асосан ба бозгашти ҷисмонӣ таъкид мекунанд, Ғазолӣ бо пофишорӣ ба бозгашти ҷисмонӣ ба Ибни Сино ҳамла карда, ӯро кофир мехонад. Яъне Абуалӣ ибни Сино, ки донишманди беҳамтои чӣ илмҳои дунявӣ ва чӣ илми динӣ буд ва бо такя ба илмҳои анатомия, физиология, химия, фармакология ва илмҳои дигар, пайкари инсонро омӯхта, натиҷагирӣ карда буд, таркиби инсон асосан аз маводи кимиёӣ иборат буда, пас аз он ки дил аз кор ва гардиши хун дар шараёнҳо бозмонд, колбуди инсон оҳиста - оҳиста ба мушти хоке табдил хоҳад шуд. Чун барои донишманди ботингаро (дар муқобили Ғазолии зоҳиргаро) равшан буд, ки пайкари хокистаргаштаи инсон ва дар дарозои ҳазорсолаҳо бо хоку бод даромехтаро баргашти дубора ба колбуди хостгори айшу нӯш ва истеъмоли ғизову ҳазми он ба мантиқ дуруст нест, пиндореро ба миён мегузорад, ки бозгашти инсон дар шакли рӯҳ хоҳад буд, на ҷисм ва бинобар ин азоб, ё подоши зиндагиро рӯҳ хоҳад дид. Аммо Имом Муҳаммад Ғазолӣ, ки танҳо пobанди донишҳои динӣ буд, албатта намепазируфт, ки ҷисми инсон аз ҷамъи маводи кимиёвӣ аст ва реаксияҳои кимиёвӣ барои пайдо шудани ҳаракатҳо ва эҳсосоти одамон сабабгор мебошанд. Ҳамчунон омӯзаҳои динӣ ба раванди (протсесси) пӯсиш, микробҳо, кирмҳо, қонунҳои аз як шакл ба шакли дигар мубаддал гаштани ҷисмҳо ва монанди он кор надоранд ва

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

баҳсу музокираҳоро дар ин маврид ширку гуноҳ мегуморанд.

Ибни Сино дар рисолаи дигар бо унвони «Азҳавия» («اضحویه») , ки онро ба муносибати иди Қурбон навиштааст, баргашти (маъоди) ҷисмониро ба шакли дигаре шарҳ додааст. Донишманди бузург дар ин рисолаи хеш дар пиромуни баҳси баргашт дар қиёмат (маъод) навиштааст, ки баргашти ҳақиқӣ баргашти рӯҳонӣ мебошад, аммо бинобар он ки оммаи мардум наметавонанд лаззат (и биҳишт) ва азоб (и дӯзах) - ро дар сурати рӯҳонӣ дарк кунанд, худованд ин корҳоро ба шакли эҳсосот, яъне лаззатҳову азобҳои ҳиссӣ ташбеҳ додааст, то тамоми мардумон ба онҳо таваҷҷуҳ дошта бошанд.

Дар баргардони ин рисолаи Ибни Сино аз арабӣ бо забони форсӣ, ки дар асри XIV ба даст омада буд, Ибни Сино навиштааст: «Худованд маъоди рӯҳониро ба ваҷҳе баён кардӣ, ки авом фаҳм кунанд ва бидонанд ва рағбат намоянду битарсанд... Аз барои он ки саодати ҳақиқӣ ва лаззати рӯҳонии эшонро мафҳум нест ва дар ваҳми эшон наёяд...., балки муҳол шиносанд ва агарчи баъзе мардум ба забон гӯянд, ба дил эътиқод надоранд».[267] Яъне он чӣ дар Қуръон омадааст барои мардумони нахондаву андакхонда (авом) нигаронида шудааст, ки онҳо нозукиҳои рӯҳу ҷисм ва дар он дунё азнав зиндашавии одамонро ба шакли рӯҳ наметавонанд дарк кунанд.

Донишманди дигари бузурги тоҷик Закариёи Розӣ (864 – 925) нахустин шуда як силсила асрори кимиёвиро кашф кардааст, ки кашфи бархе аз онҳо то замони мо ба инсонҳо ёрӣ мерасонанд. Аз ҷумла кашфи алкул (спирт), оксиди сулфур, аз таъсири оби оҳак бар навшодир ҳосил кардани хлориди амоний, аз роҳи таъсир расондани сирко

[267] Саъид Анворї - سعید انواری, маљаллаи «Тобистон», Тењрон 1391/2012 м., №52.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

бо мис тахия намудани зангор (маргантсовка), ки бо он захмҳоро шустушӯ мекунанд.

Донишманди беҳамто дар китоби «Сирр – ул – асрор» маводро ба ду даста – филиз (метал) ва монанд ба филиз (ба гуфтаи ӯ ҷасад ва рӯҳ) тақсим мекунад. Чуноне ки ӯ симобро монанди филиз медонад, дар сурате, ки филиз будани симоб акнун дар замони мо ошкор гаштааст.

Закариёи Розӣ файласуфи бузурге низ буд, ки андешаҳои хоси худро дошта, ба андешаҳои фалсафии замони худ, ки асосан иборат аз андешаҳои фалсафии арастуӣ – афлотунӣ буд, пайравӣ намекард. Ҳамин буд ки андешаҳои ӯ мавриди бадгӯии файласуфони замонааш гардид. Закариёи Розӣ бо вуҷуди ба худо ва боварҳои фаротабиъӣ эътиқод доштан, нубувват (пайғамбарӣ) ва вайҳро инкор мекард ва зарурияти онро намепазируфт. Дар таълимоти ӯ омадааст, ки одамон барои ҳидоят шудан ба раҳбарони динӣ ниёз надорад. Ин андешаҳои Закариёи Розӣ боиси хашми олимони исломӣ бар зидди ӯ шуд ва ӯро мулҳиду нодон хонда, осорашро ба оташ афкананд.

Дар миёни донишмандони фарҳехтаи андешаҳои илмиро аз боварҳои динӣ дар фосила дониста, ки гирифтори ҳамлаи зоҳириёни ифротгаро гаштаанд, Ибни Сино ва Закариёи Розӣ танҳо набуданд. Пас аз онҳо Шаҳобиддини Суҳравардӣ (Шаҳобиддин Абулфутуҳ Яҳьё ибни Ҳабаш Суҳравардӣ;(1154 - 1191), Умари Хайём (1048 - 1131) ва равшанбинони бешуморе зери ҳукми зоҳирбинони кӯрандеш гаштанд.

Паёмади мубоӣризаи фақеҳон ва рӯҳониён бар зидди андешаҳои даҳриву дунявӣ (ба истилоҳи онҳо моддигароён), он буд ки чуноне дар пеш гуфта шуд, кашфиёти илмҳои дақиқи олимони риёзидони тоҷику форсро дар Аврупо ба сурати китобҳои дарсӣ ба ҷавонону наврасон меомӯзонданд, вале дар ватани он донишмандон

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дарси мадраса аз фиқҳу илоҳиёт ва як каме ҳандасаву ситорашиносӣ беш набуд.

Дар ин росто мехостам ба таври фишурда ба бардоштҳо аз бозгуфтаҳои донишманди тоҷики риёзидон, муаллифи назарияи «Теоремаи Табарӣ», доктори илмҳои физика ва математика, Табарӣ Абдулло Ҳабибулло, рӯ оварем: «Аз таърих огоҳем, ки мафҳуми «адад» пояи асосии илми риёзӣ мебошад ва донишмандони форсу тоҷик дар рушди илми ҳисоб овозаманд буданд. То замони Насираддини Тӯсӣ касе аз илми риёзӣ хабари дуруст надошт. Насираддини Тӯсӣ нахустин донишманде буд, ки таърифи илми ададиро бо бузургиҳои якҷинса (ҳамченак ва бидуни ҳамченакӣ) баён кард. Бо пайравӣ аз Насираддини Тӯсӣ пас аз 320 сол риёзидони нидерландӣ Симон Стевин (1549 - 1620) ва пас аз 500 сол яке аз бунёдгузорони илми табиатшиносӣ Исаак Ниютон (1642 - 1727) таърифи ёдшударо бозгуфт. Нахустин баёни даҳ рақами ҳиндӣ ва системаи позитсионии даҳӣ барои ададҳои бутун ва ғайрибутуни мусбатро донишманди риёзидони гелонӣ Кушёр ибни Лаббан Ҷилӣ (966 - 1029) дар рисолаи хеш унвонии «Оид ба ҳисоби ҳиндӣ» таҳқиқ карда буд. Бузургтарин асари Ибни Сино «Арсимотайқӣ», бо пайравӣ ба асари Уқлидус «Китоби ҳисоб» ва «Алфахрӣ» - и Абубакри Караҷӣ таълиф гардидаанд. Ҳанӯз дар асри XV Ғиёсиддин Кошонӣ (ал Кошӣ) дар асарҳои «Мифтоҳ - ал - ҳисоб» ва «Рисола доир ба давра» назарияи мукаммали ададҳои касриро кор карда буд. Ҷолибтарин падидаи илмии донишмандони Варорӯд он буд, ки илми Алгебраро ҳамчун илми мустақил рӯи кор оварданд. Донишманди барҷаста Муҳаммад Мусо ибни Хоразмӣ дар ҷаҳони илм бо асари «Ҳисоби ҳиндӣ» овозаманд гардид ва ин донишманди беҳамто нахустин бор дар асари худ унвонии «Китоби мухтасар дар бораи ал ҷабр в - ал муқобила» дар мавриди вижагиҳои ин илм

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

изҳори назар кардааст. Асари номбурда дар асри XII, ба лотинӣ баргардон гашта, дар зимн олимони Аврупо ба ҳисоби рақамҳои арабӣ унвон гузоштанд. Китобҳои Хоразмӣ аз забони лотинӣ ба забонҳои аврупоӣ баргардон шуда, ҳамчун китоби дарсӣ дар мактабҳо ба кор бурда шуданд. Ин кашфиёти беҳамто ба илмҳои дигар асаргузор гашта, сарчашмаи пешравиҳои илм гардид. (Аммо дар омӯзаҳои мадрасаҳои мусалмонон танҳо фиқҳи ислом ва мантиқ омӯзонда мешуд. Ин кашфиёти замонасози порсиёнро олими овозаманди амрикоӣ Ҷорҷ Сартон (асри XX) «Ибтидои алгебраи аврупоӣ» унвон карда буд.

Ҳанӯз Умари Хайём дар китоби «Доир ба исботи масъалаҳои ал ҷабр в - ал муқобила» ба усули умумии геометрии ҳалли муомилаҳои кубӣ таваҷҷуҳи вижа дода, нуздаҳ намуди ин гуна муодилаҳоро таҳқиқ намуда, дар ҳалли муодилаҳои алгебравӣ ба илми геометрия бартарӣ бахшид. Баъзе доишмандон тахмин мезананд, ки Ғиёсиддини Кошонӣ 400 сол пеш аз Умари Хайём ва 600 сол пеш аз Исаак Ниютон ҷудосозии биномро ошкор намуда буд.

Дар дарёфтҳои Кушёр ибни Лабан Ҷилӣ усули аз решаи квадратӣ баровардани квадратро мушоҳида намудан мумкин аст, ки кашфиёти Руфинер - Ҳорнер (асри XIX) ҳамсони дарёфтҳои ӯ мебошанд.

Бунёнгузори илми мусалласат (тригонометрия) донишмандони форс - тоҷик буданд. Чуноне ки Аҳмади Марвазӣ (202 - 292 қамарӣ / VIII - IX) нахустин донишмандест, ки мафҳумҳои тангес ва котангесро ҷорӣ намуда, ҷадвали онро тартиб дод. Дар ин ришта донишманди дигари барҷаста Абулвафо Муҳаммад ибни Аббоси Бузаҷонӣ (939 - 998) нахустин донишмандест, ки ба бори нахуст радиуси давраи тригонометриро ба воҳид баробар қабул кард. Шогирди ӯ Абдураҳмон ибни Юнус таълимоти устодашро - исботи теоремаҳои синусҳо,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

теоремаи тангенсҳо барои секунҷаи сферикӣ ва монанди онро дар доираи илмӣ густариш дод. Донишманди дигари намоён Ҳомид ибни Хизр Абумаҳмуди Хуҷандӣ (ваф. соли 1000) назарияи тригонометрияи сферавӣ ва ҳалли муодилаҳои номуайянро густариш дод, ки он ҳолати хусусии теоремаи Ферма мебошад.

Кашфиёти донишмандони форс - тоҷик, ки ба инкишофи илми математикаи Аврупо таъсири бузург расонд ин офаридаи бузурги Насираддини Тусӣ аст, зери унвони «Рисола дар бораи чортарафаи пурра» мебошад, ки сонияи ба яке аз фанҳои мустақил табдил ёфт. Ончуноне аз сарчашмаҳо ҳувайдост дар давоми ҳашт аср (байни садсолаҳои IX - XVII) танҳо дар Варорӯд беш аз сад ҷадвали тригонометрӣ (бо дақиқии ниҳоят зиёд), ба тартиб расидааст».[268]

Кашфиёти дар боло оварда, бахши хурде аз дарёфтҳои беҳамтои донишмандони донои форс - тоҷик буданд, ки пас аз гузашти солҳо аврупоиён бо коргириву албатта инкишофу густариш онҳо мошинсоз, нерӯи баркдеҳ, ҳавопаймосозу дорои илми ҷаҳонгир шуданд. Аммо бартарибахшиҳо ба илми фиқҳ ва ирфони исломӣ, суханбозиҳои беҳудуди васфи маю маъшуқа, гузашта бар ин дар рамзи зулфу хату холи маъшуқа дидани худо ва пандуандарзсароиҳои саросарӣ, ҳамчунон даҳони мадеҳсарову суханбозонро «пур аз дурру гавҳар кардан» - и шоҳону хонҳо ва кашфи олимони барҷастаро ба як пули сиёҳ нахаридани онҳо, ҷомеаи эронитаборонро дар торикиҳои ибтидоӣ монданд.

Магар ин ҳама ошуфтасозиҳои илмҳои дақиқ ва дар ҷомеа беарзиш намоёндани кашфиётҳои донишиёни жарфандеш паёмади вопасмонии ҷаҳони Шарқи мусалмон

[268] Табарї Абдулло Њабибулло, Нигоње ба ошуфтагињо дар таърихи илм, Рўзномаи «Љумњурият», 10 марти с. 2021, №№ 50 – 51 (24 – 137, 138).

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

нест?! Мехостам дар ин маврид фасли алоҳидаеро бибахшоям.

Даҳсолаҳои ахир равшанандешони кишварҳои эронитабор пурсишеро ба гунаи «Чаро Шарқи мусалмон вопас монд ва Ғарб пеш рафт?», ба миён гузошта мекӯшанд, ки ба он посухи рост пайдо кунанд. Ва ба ростӣ ҳам чунин пурсиш мебояд ҳар як меҳанпарасти андешаманд ва бонангу номусро ором нагузорад. Чаро мо шарқиҳои мусалмон на барқ, на мошин, на мотор, на ҳавопаймо, на сементу бетону асфалт, на ҳатто тӯпу туфанг, боруту гӯгирд, на корхонаи собунпазӣ ва садҳо ҳазор олаву асбобҳои рӯзгорро натавонистем кашф кунем? Ба чӣ андешаҳо банд буд мағзи сари як шарқии аммомабасари дар зоҳир хираднамо?

Гуфтему бозмегӯем, ки дар Шарқи мусалмон посухи тамоми саволҳои фалсафиву илмӣ аз тарафи дастгоҳи қудрат ба рӯҳониён дода шуда буд ва ниёзе ба тафаккури инсонӣ боқӣ намемонд. Фалсафаи исломӣ фақат таҳқиқу ҷустуҷӯҳои илмиро дар чорчӯби усули дин иҷоза медод. Доноён бар онанд, ки андешаи исломӣ таъақулгаро набуд ва яке аз сарчашмаҳои бузурги ақибмондагии Эрону Варорӯд ва соири кишварҳои исломӣ пеш аз ҳама саркӯби андешамандон, рақобати ҳокимони маҳаллӣ барои нишон додани садоқати худ ба халифаҳои исломӣ, дар зимн таъқиби равшангарон бо номҳои «зандиқа» ва «қарматия», вазъи бади иқтисодӣ буд. Воқеан, имрӯз низ андешаи аз омӯзиши ҳисобу ҳандасаву риёзиёт даст кашидан дар миёни рӯҳониёни мутаассиб ҷой дорад. Чунон ки яке аз тақводорони имрӯз ки худ доктори риёзӣ аст, гуфтааст: «Бисёре аз мавзӯъоти риёзӣ барои духтарон лозим нест, ҳамин ки битавонанд бачаҳоро бишуморанд, кофист аз теъдоди бачаҳо, ки интеграл намегиранд». (Барои эҳтиром ба зодбуми ин фақеҳ, аз навиштани номаш худдорӣ мекунам.)

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Воқеан, китобе рӯйи даст дорем, зери унвони «Хайём ва Хайёмӣ», ки дар он кӯшидаанд Хайёми шоирро аз Хайёми олим ҷудо нишон диҳанд. Муаллифи ин китоб, ки худ аз аҳли фиқҳу тақво мебошад, фасли нахустини китоби номбурдаро «Ҳаким Умари Хайёмӣ ва на Хайём», унвон гузошта менависад: «Ва дар садаи панҷӯми ҳиҷрӣ , ҳакиме риёзидон ва машҳур ба номи Умар бинни Иброҳим Хайёмии Нишобурӣ ва шоири форсигӯ ба номи Алӣ бинни Муҳаммад, бинни Аҳмад, бинни Халаф, маъруф ба Хайём дар Хуросон мезистаанд. Шуҳрати Хайёмии ҳаким ва олими риёзӣ дар маҳофили ховаршиносиву илмии мағрибзамин аз 1851 бо интишори рисолаи «Ҷабру муқобила» - и ӯ, бо тарҷумаи фаронсавии он сурат гирифт ва ошноии маҳдуде, ки аз 1700 мелодӣ бо муаррифии ӯ дар китоби «Таърихи мазоҳиби Эрон», таълифи Томас Ҳойд оғоз шуда буд, дар мақоми як мунаҷҷими шарик дар ислоҳи тақвим ва таърихи Маликшоҳӣ, бо нашри ин рисола ба авҷи камоли худ расид..». Муаллифи китоби номбурда кӯшиши фаровон кардааст, ки барои ҳар чӣ бештар Умари Хайёми ситоишгари «майпарастиро» зодаи Бухоро ва бузургии Умар ибни Иброҳими Хайёми Нишобуриро, ки ситорашиносу риёзидон буд, дар имому шайх буданаш нишон диҳад. Барои ин аз китобҳои арабӣ иқтибосҳо оварда, донишмандони Ғарбро сабабгори нашинохтани як майпарасти сухансарое, ки мегуфт:

Ман домани зуҳду тавба тай хоҳам кард,<br>
Бо мӯйи сапед қасди май хоҳам кард,

бо шайхи риёзидон, намоёндаанд: «Абдураҳмони Хозанӣ дар муқаддимаи китоби худ меоварад: «Дар ҷойи дигар ӯро Имом Умар бини Иброҳими Хайёмӣ ва дар боби ҳаштум аз мақолаи хеш онро Қистос - ул Мустақим ал - шайх ул имом Умар бинни Иброҳими Хайёмӣ мегӯяд».

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ҳамчунон далел овардани мешавад, ки Низоми Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» як ҷо ӯро Ҳуҷҷат - ул - ҳақ Умар, ҷойи дигар Хоҷа Имом Умар ва дар достони сеюм Хоҷа Имом Умари Хайёмӣ ва дар иборати дигар Ҳуҷҷат - ул - ҳақ Умар мехонад..»[269]

Гуфтан ба маврид аст ғолибан сӯфиён ва гаҳе муфассирини адабиёти форс - тоҷик ҳангоми тафсири сурудаҳои Ҳофиз ва дигар шоирони риндгӯ, бо як маҳорати вижа ошиқонасароиҳову риндситоиҳои онҳоро ба ишқи Худованд пайваста, бад - ин васила андешаи берун аз динро низ тобиши динӣ бахшидаанд. Дар ин бора ҳикоятеро ёдовар мешавем, ки баёнгари гуфтаи боло мебошад: «Яке аз шогирдони Охунд Мулло Алии Нӯрӣ аз маонии ин байти Ҳофиз пурсид аз Охунд:

Майи дусолаву маҳбуби чордаҳсола,
Ҳамин бас аст маро сӯҳбати сағиру кабир.

Зеро шунида буд, ки баъзе урафо (орифон) мегӯянд, ки «муроди Ҳофиз аз маҳбуби чордаҳсола паямбари ислом аст, ки дар чиҳилсолагӣ мабъус (барангехта) шуда ва чаҳор то даҳ сол низ чиҳил аст ва муродаш аз майи дусола, «Қуръон» аст, ки дар ду сол амри нузули оёташ бар паёмбар сомон гирифта. Охунд Мулло Алӣ дар ҷавоб навишт: Эй, нури ҳар ду чашми ман! Маънии майи дусола он шаробест, ки ду сол монда бошад ва аҳли нишоти бода гӯянд таъсири чунин шаробе барои мастӣ бештар аз шаробҳои дигар аст ва мурод аз маҳбуби чордаҳсола низ душизаест, ки ба синни чаҳордаҳ бошад. Ҳамин асту бас ва Ҳофиз ғайр аз ин маънӣ иродат накардааст. Он чи урафо тавҷеҳ ва таъвил (таъбир) мекунанд, ашҳадду биллоҳ,

[269]Муњаммад Муњит Таботабої, Хайём, ё Хайёмї, Т., 1380/2001м.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

воллоҳу таоллоҳ, ки хилоф аст ва муроди Ҳофиз набуда, набуда ва набудааст. Вассалому нома тамом».[270]

Зарбаву осеби рӯҳиву фарҳангии ба сари мардуми мо ба боровварда беш аз харобиҳои физикиву хисороти иқтисодии он буд. Дар Эрону Хуросон дини фарогири ҳамакасу ҳамачиз ҳамчун бахши ҷудоинопазири ҳукумат боқӣ монда, фалсафаи ақлӣ ба ирфон олӯда шуда, аз фардгароӣ фосила гирифт, ки далели он ҳампайвандии дин ва давлат буд. Имрӯз низ назарияпардозони казоӣ аз кишварҳои мусалмонии гирифтори таассуб, аз роҳи пахши барномаҳои телевизионӣ, интишори маводи интернетӣ, чоп намудани адабиёти исломгароӣ, ба хаёли ҷавонони мо андешаҳои иртиҷоъиеро мекоранд, ки обишхӯри кайҳоншиносии динӣ ва фалсафаҳои динӣ буда, зимоми ҳукумат дар дасти созмонҳои динӣ буданро ташвиқ мекунанд ва бо таассуф ба чашм мехӯрад, ки дар миёни иддае аз ҳамдиёрони ба донишварзиву донишҷӯӣ сару кор дошта, назарияҳое ба сони хуршедмарказӣ (системаи офтоб), офариниши ҷаҳон , такомули табиъӣ (эволютсия) ва соири дарёфтаҳои донишмандони Ғарбро зери тозиёнаи интиқод ва инкори қатъӣ қарор медиҳанд. Чуноне дида шуд, бархе ҷавонони донишпажӯҳ дар ёддоштҳои компутерии худ тамоми асарҳои пажӯҳишгари иртиҷоъии Туркия, Аднан Октар (Бо тахаллуси Ҳорун Яҳё) - ро, ки бо забони русӣ баргардон шудааст, гирд оварда, пайваста азбар мекарданд, дар сурате ки ин асарнависи тундгаро тамоми назарияҳои фалсафии равшангароии Ғарб ва кашфиётҳои созандаи илмҳои табиъиро бепоя арзёбӣ намуда, нигари ҷавонони акнун ба кофтуковҳои илмӣ пардохтаро ба андешаронии ҷазмиву хаёлии асрҳои миёнаи Шарқ банд месозад. Ва пайдост, ки ҳадафи ниҳонии Ҳорун Яҳё дар ситоиши ақидаҳои вопасмондаи

---

[270]«Ќиссас-ул-уламо»., Т.,Ширкати интишороти илмї ва фарњангї, 1386/2007, с.322

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

асримиёнагӣ ва макрӯҳ эълом доштани кашфиёти андешапешагони бузурги Ғарб, обишхӯри стратегияи бузургихоҳии пантуронизм мебошад, ки таассубгароёни пантуркист солҳост дар дил орзуи кишвари Туркияро дубора маркази хилофати усмонӣ дидан мепарваранд.

## Боззоии (Ренесанси) нокоми эронитаборон

Иддае аз донишмандони тоҷик, ки дар дил меҳри бепоён ба миллати худ мепарваранд, ҳанӯз ҳам ба чунин хушгумониҳо моиланд, ки илму фарҳанги гузаштагонамон ҳанӯз дар садсолаҳои X - XI мелодӣ пеш аз аврупоиён замони боззоӣ (эҳёгарӣ, таҷаддуд - ренесанс) - ро сипарӣ кардаанд. Ғолибан аз забони хушгумонон ба гунаи «аврупоиҳо илмҳоро аз мо рабуданд ва садди роҳи пешравиҳои саноатиамон гаштанд....», посухе мегирем, ки бемояву бепоя аст.

Гарчи чанде аз донишмандони мо он инқилоби аз ҳалокати маънавӣ раҳо додаи аврупоиҳоро (яъне ренесанси аврупоиҳоро) бо замони кашфиётҳои Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ҳаким Умари Хайём ҳамсон дониста, ба ин нукта дарнамераванд, ки таҷаддуди (ренесанси) Аврупо ҳамон раҳоиши ҷомеа аз қайди таассуби динӣ (аз ҷумла инкивизитсия), манъи мудохилаи калисо ба илму дониш ва зиндагии даҳрии (дунявии) мардумон буд. Кӯшиши

эҳёгарӣ -таҷаддуд (ренесанс) дар ҳарими ҳарами Авасто, дар батни модар буғӣ карда, кушта шуд.[271]

Албатта дар замонҳои дури зиндагии бузургони ёдшуда баъзе оҳангҳои эҳё намудани ҳувияти миллӣ, бозшинохти ҳазораҳои фаротаърихӣ пай бурда мешуд. Ҳамон гуна ки он бузургон кӯшида буданд, илму эҷодгарии фаниро дар ҷудоӣ бо омӯзаҳои динӣ намоён созанд. Ҳаким Фирдавсӣ барои худро дар оинаи андешаҳои гузаштагони ориёиҳо дидан, 35 сол заҳмат кашида «Шоҳнома» - ро офарид. Закариёи Розӣ бо вуҷуди ба худо ва боварҳои фаротабиъӣ эътиқод доштан, нубувват (пайғамбарӣ) ва вайҳро инкор мекард ва зарурияти онро намепазируфт. Дар таълимоти ӯ омадааст, ки чуноне дар боло ёдовар шудем, одамон барои ҳидоят шудан ба раҳбарони динӣ ниёз надоранд. Ин андешаҳои Закариёи Розӣ боиси хашми олимони исломӣ бар зидди ӯ шуд ва ӯро мулҳиду нодон хонда, осорашро ба оташ афкананд ва шайх Ғазолӣ дарёфтҳои илмии кимиёию физиологии Ибни Синоро инкор карда, худи ӯро мулҳид ва кофир эълон кард.

Чунин мепиндорам, ки барои беҳтар арзёбӣ кардани ҳаракати Ренесанс ва аз ҳад беш ба худбузургбинӣ нарафтанамон, мебояд саргузашти фишурдаи он ҳаракати зиндагисозро пеши дидор овард.

Модари боззоии (таҷаддуди) классикӣ Италия мебошад, ки дар садсолаҳои XIV-XV мелодӣ он ҳаракат оғоз ёфтааст. Ин ҳаракати markup азнавсозии мафкураҳо дар Аврупо, дар асри XVI ба замони шикасти муносибатҳои феодалӣ ва пайдоиши капитализм бо пурзӯр гаштани

---

[271] Ба гуфтан меарзад, ки нависандаи ин сатрњо ба њангоми сафари кории Президенти Љумњурии Тољикистон Пешвои миллат муњтарам Эмомалї Рањмон ба шањри Кўлоб, дар вохўрии Он кас бо фаъолони шањр, мавзўи ёдшударо ба миён гузошт ва аз њамандеша будани Сарвари давлат бо ин гуфтор нињоят болидахотир гашт.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

идеологияи буржуазӣ, танқиди калисо ва бознигарии таълимоти динӣ вобаста мебошад.

Ҳаракати Ренесанси Аврупо решаву поя дар истифодаи анъанаҳои бостонӣ - фаротаърихӣ (атиқӣ), заковати бостонӣ ва забонҳои куҳани бостонӣ дорад. Бо коргирӣ аз сарчашмаҳои инсонпарварии фаротаърихӣ, Ренесанс хати ҳаракати дуняviро дар фарҳанг пурзӯр намуд. Боззоӣ, ё Ренесанс тавонист тамаддуни бостониро сарчашмаи фарҳанги навин кунад.

Таҳлилгарони ренесанси Аврупо дарёфтаанд, ки маҳз гуманизм - инсонпарварӣ барои ислоҳотгароён роҳро пок кард. Ҷараёнҳои ислоҳсозӣ таҷрибаи андешамандони бостонро омӯхта, азнав бозбинӣ намуда, анъанаҳои таърихиро бо рӯзгорони худ муқоиса карда, аз тафаккури гузаштагони дур ёрӣ ҳосил карданд. Боззоӣ, ё дуборазиндашавӣ вобаста ба баланд бардоштани моҳияти арзишҳои бостонӣ ва барқарор сохтани паҳлӯҳои ба каживу норостиҳо бурда мебошад. Яъне он арзишҳои хирадгаро ва созандаи замонаҳои бостонро, ки пасомадагон кажу воруна намоён карда буданд, бозбинӣ ва азнав рост карданд.

Ҳаракати Ренесанс, ки моҳиятан барои эҷоди ҷомеаи дунявӣ равона буд, дар чаҳорчӯбаи принсипҳои насронӣ - католикӣ қарор гирифта, иртиботашро аз он гусаста накард, гарчанде дар бисёре аз мавридҳо он принсипҳоро аз дохил бошуурона вайрон намуд. Боззоӣ - эҳёгарӣ (дар кишвари мо расм шудааст барои ифодаи ин маънӣ аз вожаҳои арабии «эҳёгарӣ» ва «таҷаддуд» кор гиранд), ба анъанаҳои фарҳанг ва ахлоқи асримиёнаӣ ислоҳот даровард.

Ба ёд меоварем замони фармонравоии подшоҳони Каёниро, ки ба ҳангоми табақабандии ҷомеа ба шохаҳо, дар баробари кишоварзон, касабакорон чорводорон, артишторон (низомиён), лояи хунёгарон низ вуҷуд дошт.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Ҳамчунон арҷгузории Хусрави Парвиз ба Борбади Марвазӣ ва дар марги дӯсташ шоҳ順шоҳ Хусрав панҷаҳои хешро бо шамшер захмӣ карданро.

Ва онҷуноне доноён пай бурдаанд, Ҳаким Фирдавсӣ хостааст андеша ва рафтору кирдори эронитаборонро ба замонаҳои дуродури фарҳанговарии Ҷамшед ва дигар шоҳони Эронзамин равона сохта, мардумро аз арабгароии бефарҳангӣ раҳо кунад. Чунин бинишро хушбахтона як идда аз донишмандони Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҳфили «Ҷаҳони андеша» бо корбарии устод Комил Бекзода, пас аз таҳлилҳои поядори заминӣ ба натиҷагириҳои бебаргашт расидаанд. Бояд бигӯям, ки мо низ солҳо дар талоши ин нуктаҳои бозовардаи донишманди барҷаста устод Комил Бекзода будаем ва боре дарёфтҳои хешро дар ин росто ба қалам овардем, ки бознависии он гуфтаҳоро дар ин бахши китоб баҷо мепиндорем. Ва ин аст он навиштаҳо: «Бо эҳтимоми Президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон донишманди фарҳехта ва ватанпарасти содиқ, муҳтарам Фарҳод Раҳимӣ дар назди Академия чандин сол аст маҳфили фалсафие унвонии «Ҷаҳони андеша», дар ҷараён аст. Ин маҳфили андешамандонро донишманди камёфту пуркор, тоҷику ориёии асил, доктори илмҳои фалсафа Комил Бекзода сарварӣ мекунанд. Дар ин конуни худшиносии миллӣ бинишварони меҳанпараст ва таҳлилгарони ноёб гирд омадаанд. Онҳо донишу дарёфтҳои илмии худро саросар ба мавзӯъҳои дӯстдории арзишҳои миллӣ ва худогоҳии ҳаммеҳанонамон бахшидаанд. Мо ҳар бор, ки китобу мақолаҳои онҳоро меомӯзем, як дилгармие ба ояндаи илми тоҷик эҳсос мекунем. Устод Комил Бекзода дар пешгуфтори худ ба китоби «Ҷаҳонбинии оянда ва бархурди андешаҳо», зери унвони «Мафҳумҳои «Истиқлолият» ва «Дунявият», аз дидгоҳи китоби «Ҷаҳонбинии оянда», суханони

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

фишурдаеро овардаанд, ки барои эҷоди худёбӣ ва худогоҳии миллӣ ва посухгӯи андешаи миллӣ - шуури миллӣ, омӯзанда мебошанд. Чунинанд порчае аз он дарёфтҳои пурарзиш:

«Истиқлол ва дунявият аз нигоҳи фарҳангӣ ба ин маънost, ки мардуми тоҷик дар оянда бояд ба фарҳангӣ Ҷамшедӣ рӯ оваранд. Чуноне ки урупоиён дар давраи Ренессанс ба фарҳанги Юнони қадиму рими қадим рӯй оварда буданд. Ренессанси халқи мо аз андешаҳои Ҷамшедӣ оғоз мегардад, на аз низоми исломӣ ва на аз низоми коммунистӣ».[272]

Ва аммо бостонгароӣ (бар хилофи Аврупо) дар Эрону Варорӯд ба сони дарёфтаҳои Ҳаким Фирдавсӣ ва кашфиётҳои Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ибни Сино, ки такфиру таъқиб шуданд, писандида нашуд, зеро фарҳанги арабӣ бо сарварии дини нав, на танҳо бурдбории мафкураҳои даҳриву дунявиро надошт, балки ҳар он чиро берун аз таълимоти ислом медид, гуноҳи бузург шумурда, офарандагон ва ҷонибдоронашро таъқибу нест мекард.

Замоне, ки Аврупо дар пайи ақлро бар тахти қудрат нишондан буд, эронитаборон роҳи дигареро барои худ интихоб карданд; ба хурофот либоси илм пӯшондан. Ва ин роҳро ба зудӣ барои паймудани оммаҳо пешкаш карданд. Пешрафт, инкишоф, бозсозии ҷомеа ва сарвариро ба дасти қувваҳои фаротабиъӣ дода, таваккул ва қазову қадаре манфӣ, посухгӯи ҳама пурсишҳо ва муаммоҳои зиндагӣ гардид.

Ҷойи хирад, дониш, шуур, интихоби иродаро ҷаҳлу хурофоти мазҳабӣ, сунати қазову қадарӣ ва тарс дар пеши неруи осмонӣ гирифт. Илмҳои замона иборат буданд аз

---

[272] Комил Бекзода, «Истиќлол ва дунявият аз дидгоњи китоби «Љањонбинии оянда ва бархурди андешањо», дар сарсухани китоби номбурда, Душанбе «Дониш», 2015, с. 5

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

тумору таштобнависӣ, одоби таҳорат, мубориза бо ҷину париҳо ва монанди он.

Дар бораи мухолифати рӯҳонигарӣ бо донишу доноӣ, бо якчанд намуна рӯ меоварем, ки баргирифта аз андеша, боварҳо ва суханони бузургони рӯҳоният мебошанд:

Шофеъӣ – фақеҳи маъруф ҳукм дод, агар бандае дар улуми ғайришаръӣ назар кунад, ононро тозиёна бизананд ва дар миёни ашоир ва қабоил бигардонанд ва бигӯянд: «Ин сазои касест, ки китобу сунатро раҳо кард ва ба улуми ақлӣ рӯй овард».

Ибни Ҷузӣ – фақеҳи ҳанбалӣ дар «Талбиси иблис» худи ин қабил уламоро гурӯҳе муаррифи кард, ки иблис ононро фирефта кардаст. Иблис дар фирефтани инон аз ин роҳ қудрат ёфтааст, ки онон барои дарки ҳақоиқ танҳо ба ақли худ рӯ оваранд.

Ҳатто Ғазолӣ бо ҳама нубуғи худ ба соиқаи (бурҳони) таассуби мазҳабии хеш навишт: «Хавз (ба андеша рафтан, фикри жарф доштан ) дар риёзиёти мусалмон мӯъминро ба куфр мекашонад ва назар дар илми Уқлидус ва таамуқ дар ҳисобу ҳандасаро мояи фасод донист.»

Аммо «Закариёи Розӣ бузургтарин пизишки таърихи ислом дар синни пирӣ бар асари он ки китобҳои ӯро бар сараш кӯбиданд, биноии худро аз даст дод. Ибни Сино шайхурраиси ҷаҳони дониши исломӣ, муаллифи Қонун ва Шифо ва беш аз 120 китобу рисолаи дигар, ки осори тарҷума шудаи лотинии ӯ то чандин қарн баъд аз худаш аз муҳимтарин китобҳои дарсии донишгоҳҳои аврупоӣ буд аз ҷониби фуқаҳо ва муташаръини асри худ, зиндиқ ва мулҳид эълом шуд ва «илми дурӯғину фиребандааш» мояи гумроҳии халқ ва дур кардани онон аз роҳи ҳақу ҳақиқат

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

ба шумор омад. Ва ба амри халифа Алмуначид Биллоҳ китобҳояш дар соли 555/1176 сӯзонида шуд».[273]

Ва низ дар рӯзгорони мо ифротгароёни динӣ дар кишварҳои арабшудае чун Сурия, Ироқ, Миср, Яман ва Афғонистон, ки фарҳанги куҳани ноёб доранд, бозёфтҳои ҳафриётӣ ва мероси бебаҳои фарҳанги пешазисломиро тарконда, аз саҳифаи таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ нобуд мекунанд ва ин нишонаи он аст, ки ҳанӯз ҳам гусаста сохтани фарҳанги бостон аз тамаддуни ҳозираи кишварҳои исломӣ дар он фалот идома дорад. Ин падидаи ваҳшиёнаро баъзе донишмандони кишварҳои мусалмонӣ низ таъйид мекунанд, вале сабабгори вопасмониҳоро на хурофот, балки сиёсати кишварҳои Ғарб медонанд. Чуноне ки Ҳайдар Пири Алил навиштааст: «Мутаассифона вақте дар баёни иллатҳои ақибмондагӣ дар гузаштаи мусалмонон диққат мешавад, мебинем имрӯза давлатҳои арабӣ тамоми ҳиммати хешро дар идомаи такрори ҳаводиси талхи гузашта ҷиҳати ақиб нигаҳ доштани мусалмонон дунбол мекунанд. Чунон ки тамоми кишварҳои исломиро ба наҳве бо заминаҳои ғалати сиёсӣ ва фикрӣ ба ҷони ҳам андохтаанд, ки ҷангҳои дохилӣ дар Ироқ, Сурия, Яман, Афғонистону Миср аз ин намунаҳост. Ҷолиб ин ки ҳама ин кишварҳо аз марокизи умдаи тамаддунҳои бостонии ҷаҳон ҳастанд....»[274]

Барои исботи дигари сабабҳои вопасмонии Шарқи мусалмон аз Аврупо, ки реша дар ҳамлаи араб ба сарзамини Эрон, Хуросон ва Варорӯд дорад, ин суханони донишманди бузурги тоҷик Ҳақназар Назаровро ба ёд меоварем: «Вслед за нашествием тюрков последовало

---

[273] Амир Њусайни Лодан, Худосолорї ва дармондагї, Лос Анљелес Ширкати Китоб, 1393/2014, Kitob1@ Kitob.com

[274] Њайдар Пири Алил, Назарияи тамаддун дар ислом ва сабабњои ќафомонии мусалмонон, тарљумаи Рамазон Ризої, Нашри Ахтар 1394/2015, с. 68

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

арабское завоевания Ирана, Хорасана и Мавераннахра. Оно имело ещё более тяжёлые и трагические последствия для этих народов, так как арабы помимо захвата земель посягали на их историю и культуру. Возникала угроза их ликвидации, как стран с богатейшей и древнейшей историей и культурой. Народы этих стран более 200 лет стойко и мужественно боролись отстаивая свою свободу ин независимость».[275] (Аз пушти ҳамлаи туркҳо бар сари Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр истилои арабҳо сар зад. Ин истило бар сари он мардумон боз ҳам вазнину фоҷеабортар буд, зеро арабҳо ҷуз забти заминҳо ба таъриху фарҳанги онҳо даст бурда буд. Хатари аз байн бурдани он таъриху фарҳанги пурмояву пешинаи бостонии ғанӣ дошта ба миён омада буд. Мардумони ин кишварҳо беш аз 200 сол устувору мардонавор озодӣ ва истиқлолияти худро нигоҳ медоштанд.)

Мо нақши хурофотгароиро дар пешгирии пешрафти илми дунявӣ, ба хурофоти саросарӣ кашидани андешаҳои донишварзон ва дармондагии онҳо аз ирфону тасаввуф, гуфтаҳои фаровони пурарзиши доноён ва омӯхтаҳои худро пеши рӯйи хонандаи гиромӣ овардаем ва мехоҳем чанд сухане дар мавриди пайдо шудани нишонаҳои Ренесанси тоҷикон дар рӯзгорони мо якчанд корҳои анҷомдодаи зиндагисозро ба ёд оварем.

Пеш аз ҳама ба ин нукта аз назарияи дар боло ёдшудаи таҳлилгарони Ренесанс бозменигарем ва кӯшиш мекунем, ҳамсониҳоеро дар он назария ва давлатсозии имрӯзини тоҷикон дарёбем. Чуноне гуфта шуд « Ҳаракати Ренесанси Аврупо решаву поя дар истифодаи анъанаҳои бостонӣ - фаротаърихӣ (атиқа), заковати бостонӣ ва забонҳои куҳани бостонӣ дорад. Бо коргирӣ аз сарчашмаҳои инсонпарварии фаротаърихӣ, Ренесанс хати

[275] Х. Н. Назаров, От древних арийцев до нашествия тюрок, ж. Ирано - Славика, М.,2005, 2 (6), стр. 14

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ҳаракати дунявиро дар фарҳанг пурзӯр намуд. Боззоӣ, ё Ренесанс тавонист тамаддуни бостониро сарчашмаи фарҳанги навин кунад.» Акнун бояд дид, ки ин рукни ҳаракати Ренесанс дар замони мо, ба вижа давлатсозии навини тоҷикон ҷой дорад, ё не?!

Шоистаи гуфтан аст, ки яке аз сабабҳои ба дарозо кашидани гуфтушунидҳои Ҳукумати қонунӣ бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва гурӯҳҳои оппозитсионӣ бо роҳбарии мулло Абдуллоҳи Нурӣ масъалаи Дунявият дар сохтори давлати тоҷикон буд. Мухолифони Ҳукумат ҳар чӣ талош доштанд, ки аз нуктаи асосии Созишномаи ҷонибҳо вожаи «дунявият» бардошта шавад. Сарвари давлати тоҷикон ин пофишории мухолифонро қатъиян напазируфт, зеро бо як хиради хоси пешвоӣ дарк мекарданд, ки дар сурати пазируфтани ин нукта қадами дигари оппозитсия ба сӯйи сохтани давлати динӣ хоҳад буд. Ва ба шахсияти сиёсатмадору ҷаҳоншинос ва таҳлилгари аналитикӣ чун муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ошкор буд, ки дар сурати бунёди давлати динӣ, Ватанаш арсаи доимии гирудорҳо ва нокомиҳо хоҳад гашт. Ва давлати навин аз рӯзҳои нахустин ба боззоӣ - азнавзиндасозии тамаддуни бостонӣ иқдом намуда, решаву пояи давлатро дар истифодаи анъанаҳои бостонӣ - таротаърихӣ (атиқа), заковати бостонӣ сабзонда, хати ҳаракати дунявиро дар фарҳанг пурзӯр намуд ва ба тамаддуни бостониро сарчашмаи фарҳанги навин кардан пардохт. Ҳамин буд, ки моҳи марти соли 1994, бо вуҷуди ҳанӯз ҳам ноором будани кишвар, ҷашни миллии аз бостон ба мерос омадаамон - Наврӯз бо як шукӯҳи вижа дар сатҳи давлати миллӣ ҷашн гирифта шуд. Ҳамчун ҷашни давлатӣ рӯзҳои Наврӯзӣ истироҳат эълом гардид. Сипас ҷашнҳои бостонии тоҷикон Сада, Меҳргон ва Тиргон ҷашнҳои миллию давлатӣ хонда шуданд ва андешаи фарҳангии

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

беҳтарини ориёиён - гиромидошти ҷашни Наврӯз то ба сатҳи байналмилалӣ боло бардошта шуд.

Бисёранд шахсҳое, ки дар пиромуни масъалаи ҷойгоҳҳои таърихӣ, аз ҷумла бозмондаҳои шаҳрҳову қалъаҳои бар асари оташзаниҳову валангорсозиҳои ҳамлаварони бешумор, андеша карданро намепазиранд. Равшан аст, ки ҳамлаварони бешумори таърих кӯшидаанд, аз фарҳанги мо, хосакориҳои меъморӣ ва дигар дастовардҳои илмиамон осоре боқӣ намонад ва ин аст, ки онҳо ҳар чиро тавонистанд бо худ бурданд, вале он чиро ки бурда намешуд, зери хок нобуд сохтаанд. Чун бошандагони қалъаву шаҳристонҳо гирифтори қатли ом гаштанд ва гӯрондани анбӯҳи ҷасадҳо номумкин буд, он зистгоҳҳо, шаҳристонҳо ба гӯристон табдил меёфтанд ва бо гузашти садсолаҳо хокбоди таърих рӯяшонро мепӯшонд. Мо, ки пас аз гузашти дурудароз акнун давлат месозем бояд нахуст гузаштаамонро ба худ ва дигарон бишиносонем. Ба саволи «куҷост он шаҳрҳоятон?», бояд осоре аз онҳоро дошта бошем, ки ангушти ишорат ба сӯяшон бибарем. Гувоҳи бечунучаро аз хирадмандӣ ва оянданигарии Сарвари ба тозагӣ интихобшудаи тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, новобаста ба душвориҳои иқтисодӣ ва садҳо печидагиҳои дигари сиёсӣ, иҷтимоӣ, дар солҳои нахустини ба курсии Сарвари Тоҷикистон нишастан, ба бозбунёди (реставратсияи) ҷойҳои таърихӣ иқдоми ҷиддӣ намуданд. Дар як муҳлати на чандон зиёд қалъаҳои барои равшансозии таърихи тоҷикон - Истаравшан, Ҳулбук, Кӯлоб, Хуҷанд, Ҳисор, Панҷакент ва дар охир Саразм, бозбунёд гаштанд. Осорхонаи пуршукӯҳе бунёд гардид, ки дар қиёс бо осорхонаи замони пеш аз Истиқлолияти давлатӣ, ба истилоҳ аз Замин то Осмон фарқ мекард. (Воқеан, экспонатҳои осорхонаҳои пештараи мо аслан аз зарфҳои сафолин ва олаву асбобҳои кишоварзии қадим иборат буданд.) Ҳоло дар ҳама шаҳру деҳоти

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

кишвар осорхонаҳои гӯёи таърихи тоҷикон бунёд шудаанд, ки акнун имкон дорем сайёҳони хориҷиро бо фарҳанги куҳанамон ошно созем.

Бо раҳнамоии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як силсила тадбирҳои хирадмандонае роҳандозӣ шуданд, ки дар пайвандсозии гузаштаву имрӯзаи тоҷикон, ба устуворсозии пояҳои давлатдорӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои меҳанпарастӣ нақши арзандаро иҷро кардаанд. Ба сони ҷашнгириҳои пуршукӯҳи 1100 - солагии давлати Сомониён, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700 - солагии китоби «Авасто», 2500 - солагии шаҳри Истаравшан, 2700 - солагии шаҳри Кӯлоб, 3000 – солагии шаҳри Ҳисор, 5000 - солагии Саразм, 1310 - солагии Имоми Аъзам (Абуҳанифа), 1000 - солагии Носири Хусрав, 650 - солагии шоиру орифи бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 800 - солагии Ҷалолиддини Балхӣ, 1150 - солагии падари адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 100 - солагии академик Бобоҷон Ғафуров тадбирҳои расое буданд, дар роҳи барқарор кардани хотираи таърихии мардум. Бечунучаро метавон гуфт ин ҷашнгириҳо тавонистанд то ҳадде моро бо мероси маънавию фарҳангиамон ошно карда, ҳисси ифтихори миллиро бедор созанд.

Яке аз рукнҳои дигари расидан ба роҳи эҳёгарӣ омӯзиш ва доштани тасаввуроти боиста аз саргузашт, ё таърихи этнос мебошад. Худогоҳии миллӣ дар офаридаҳои миллат, дар муқовиматҳои он рӯбарӯи ҳамлаваронон, дар маниши (характери) миллии он, шеваи андешаронӣ ва рӯҳии он, анъанаҳои ҳазорсолааш муайян мегардад.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Худбузургбиниҳои мо

Ба ҳама равшан аст, ки тоҷикон ҳамчун мардумони ориёитабор дар гузаштаҳои дур ба тамаддуни ҷаҳонӣ чеҳраҳои тобнокеро бахшидаанд ва дар кашфи асрори ҷаҳон то андозае пешгом будаанд. Аммо онҳо натавонистанд аз ин дастовардҳои назариявии донишмандони худ комбардорӣ карда, сарзамини хешро ба ҷойгоҳи тавлидгарони мошину олоти киштварзиву саноатӣ, роҳкушоиву борбарӣ, тӯпу борутсозӣ табдил диҳанд. Бодиянишинони нодидаву айшунӯшхоҳ, пас аз чирамандӣ ба алафчарҳову обшорони густурда ва мардумони андешаварзи ин сарзамин, боварҳои дини исломро барои сарвариву осудагии бегазанди худ, гирдоварии сарват ба кор бурданд ва дар дарозои ду - се садсола ҷаҳонбинии аксари озодзодагонро ба сатҳи ибтидоӣ бозгардонданд. Ва мутаассифона то ҳануз ҳам «аллома» - ҳои дингарои замони мо пешравиҳои аврупоиёнро «модигароӣ» ва ё баргирифта аз донишҳои исломӣ арзёбӣ мекунанд ва сад дареғ иддае аз ҷавонони мо, ки ғолибан ба пажӯҳишу донишварзӣ сару кор

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

гирифтаанд, он пиндорҳои пуриштибоҳро бо шеваи худбузургбинӣ нек дармеёбанд.

Яке аз он алломаҳо, ки берун аз кишвари мо зистааст ва намехоҳам номашро ошкор кунам, пиндорҳои ба истилоҳи худашон мағлатаро назарияи исломӣ унвон карда ба яке аз мунаққидони худ чунин дарафтодааст: «Тибқи изҳороти ин бехирадон эронӣ аз тарс хатти қадими худро раҳо карду хати арабиро ба кор бурд, аз тарс ба забони арабӣ беш аз забони форсӣ аҳамият доду барояш фарҳангу қоидаю дастур навишт, аз тарс таълифоти худро ба забони арабӣ навишт, аз тарс ба бачаҳои худ забони арабӣ меомӯхт, аз тарс мафоҳими исломиро дар дили адабиёти худ ҷой дод……» Ва он «аллома» барои зарба задан ба нигорандагони суханони боло ва пешравиҳои ғарбиёни ғайримусалмон ин гуфтори яке аз ҷонибдорони хешро пешниҳод кардааст: «Одами ғарбзада ҳурҳуримазҳаб аст, ба ҳеҷ чиз эътиқод надорад, аммо ба ҳеҷ чиз ҳам беэътиқод нест, як одами исқотист, нон ба нархи рӯзхӯр ва ҳама чиз бараяш аласcавия аст. Худаш бошаду хараш аз пул, дигар буду набуди пул ҳеҷ аст. На имоне дорад, на маслаке, на мароме, на эътиқоде ба Худо ё ба башарият. На дар банди таҳаввули иҷтимоъист ва на ҳатто дар банди ломазҳабию бединӣ. Албатта гоҳе ба масҷид меравад, ҳамон тавр, ки ба маҷлиси ҳизб меравад ё ба синамо, аммо ҳама ҷӣ фақат тамошочист, дуруст мисли он ки ба тамошои бозии футбол рафтааст, ҳамеша канори гувд (чуқурӣ) асту ҳич вақт ӯро васати гувд намебинӣ, ҳеҷ вақт аз худаш моя намегузорад, ҳатто ба андозаи нами ашке дар марги дӯсте, ё таваҷҷуҳе дар зиёратгоҳе, ё тафаккуре дар соати танҳоӣ… Одами ғарбзада роҳатталаб аст, дамро ғанимат медонад ва на албатта ба таъбири фалсафа одами ғарбзада шахсият надорад, чизест беасолат……» Нигорандаи навиштори боло китобе унвонии «Ғарбзадагӣ» ба чоп расонда фасоди Ғарбро дар «мошинисм» низ дидааст. Чуноне дида

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мешавад рӯҳониёни имрӯз низ аз дастовардҳои техникии садсолаҳои аврупоиёну чиноиҳову ҷопониҳо бо нафрат менигаранд, вале дар ҳавопаймову мошинҳояшон, сайр карда, аз афзорҳои барқиву васоити дигари кашфкардаашон роҳат мекунанд. Ин носипосии онҳо обишхӯри пиндорҳои тасаввуфӣ ва дар пеши андешаҳои техникии садсолаҳои ахир лол монда, шарм карданашон мебошад. Аммо бадкориашон дар он аст, ки ҷавонони ноогоҳи дур аз биниши таҳлилӣ ва ноком аз мутолиаи дуруст, метавонанд ба гуфтаҳояшон бовар карда, аз созандагиву эҷодгариҳои Ғарб худро дар дуриҳо ҷой бидиҳанд. Ноогоҳон дарнамераванд, ки Худованд ба онҳо заминҳои киштбоби зиёд ато кардааст, вале наметавонанд худро бо хӯрока, аз ҷумла гандум таъмин кунанд. Монанди он ки Русия аз киштзорҳояш 95 миллион тонн гандум истеҳсол мекунад ва 59 миллион тоннаи онро кишварҳои Арабистони Саъудӣ, Миср, Покистон, Бангладеш, Эрон (18 миллион тонна) мехаранд.

Намедонам он таассубгароён, ки аврупоиёнро «….дар банди таҳаввули иҷтимоъӣ набудан» гунаҳкор медонанд, чӣ посух хоҳанд дод, ки чаро даста - даста одамони кадом мардум, бовармандони кадом мазҳабу дин барои раҳоӣ аз гуруснагиву беморӣ, беҳуқуқиву зачру ранҷи кӯдакони хеш, барои наҷот ҳангоми убур аз дарёву баҳрҳои самти Аврупо ҷон медиҳанд, дар марзҳои Аврупо дар сардиҳои сахти зимистон, пушти симхорҳои марзбонӣ дастҳои кӯдаконро кафчаи гадоӣ кардаанд. Кадом сармоядори Арабистони Саъудӣ, Дубай, Малайзия ва дигар кишварҳои мусалмонии дорандаи сармояи бешумор, як пули сиёҳе ба гуруснагони кишварҳои Афғонистон, Сурия, хайр кардааст, аммо сармоядори овозаманди аврупоӣ - Бил Гейтс ҳар сол понздаҳ дар сади даромадашро ба ятимон, беморони саратон ва дигар дармондагон мебахшояд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Мардумони кадом кишвари аврупоиву яҳудӣ, ки муқаддасоти динниаш дар он сарзамин ҷойгир аст, аз ҳаҷгузорон ҳатто барои як коса об пули ҳангуфт ситонда, гузаргоҳҳои паямбаронашонро мояи тиҷорат қарор додаанд?

Китобе дар хазина дорам, унвонии «Саргузашти Ҳоҷӣ Бобо Исфаҳонӣ», ки соли 1826 бо хомаи Ҷеймс Юстиниан Мориер, дар ибтидо ёвари сафир, сипас дабири сафорат ва ахиран сафири Британияи Кабир дар Теҳрон, нигошта шуда, онро соли 1831 ховаршиноси шинохта О. Сенковский ба забони русӣ баргардон карда, зери унвони «Сайёҳати Мирзо Ҳоҷӣ Бобо Исфаҳонӣ дар Форс ва Туркия», ба чоп расондааст. Мориер дар китоби худ саргузашти ҷавонеро бо номи Бобо нақл мекунад, ки номи ӯ «Ҳоҷӣ» аст. Ӯро ба он хотир Ҳоҷӣ номида буданд, ки ба ҳангоми дар сафари Макка будани падари сартарошаш, дар хонаи падарӣ зода шудааст. Ҳоҷӣ Бобо ночор (аз пушти чаповулгарони туркман) аз дасисаҳои замони носозгор гирифтори сафарҳои пурхатар гардида, аз нокомиҳо пандҳо андӯхта, дармеёбад, ки аз печу хами рӯзгори носозгор танҳо метавон бо макру ҳила ва дурӯғбофиҳо раҳоӣ пайдо кард. Ӯ бо вуҷуди бесаводӣ бо ҳилаву найрангҳо аз нотавониҳои мансабдорони чун ӯ бесавод, duздони хазинаи давлатӣ ва ришватситонон кор гирифта, гаҳе пизишки овозаманд, гаҳе ба мартабаҳои ходими давлативу дипломатӣ мерасад. Мо шарҳи ин асари ҷолибро дар ин фурсат лозим намедонем ва як - ду порчаеро аз баргардони русиаш бозоварда, таваҷҷуҳи хонандаро бештар ба он саҳнаҳое ҷалб карданием, ки чӣ гуна мардумони форс англисҳоро «кофирони чиркини беақл» гуморида, ба сару либос, ришҳои тарошида ва шеваи зиндагиашон бо тамасхуру истеҳзо менигаранд. Гарчи аврупоиҳо пиндори камақлонаву худситояндаи шарқиёнро медонистанд, бо лабханду писханд ва бо хандахариши

танзомез худро нодону гул нишон медоданд. Инак порчае аз он китоб:

«После некоторого молчания он вынул часы, не для того чтобы знать течение бесполезного для него времени, но чтоб похвастать ими передо мною. Я воспользовался этим случаем и завел с ним разговор о своём деле.

- Это франкские часы, не правда ли? - спросил я.
- Настоящие франкские! - отвечал он с важностью, передавая их мне для осмотрения.
- Других таких часов нет в целом мире.
- Удивительно - воскликнул я. Эти франки, должно быть, народ необыкновенный.
- Конечно, но что проку? - сказал писец. Все они кяфиры, народ тьмы и проклятия.
- Ради имени аллаха! - прервал я вежливо втыкая ему в зубы отнятую от собственных губ трубку, - порасскажите мне что - нибудь о них. Обширна ли страна Фарангистан? Где живёт царь франков?
- Что вы говорите, друг мой, обширна ли страна? - возразил он.
- Фарангистан, то есть Аврупа, обширнее всего света; и царь там не один, а пропасть султанов, королей, герцогов, так что и во сто лет их не пересчитать
- Но раб ваш слышал, что все франки принадлежат к одному племени и только разделяются на разных поколениях и улусы, управляемые особыми ханами.
- Святейший наш пророк сказал, что все неверные составляют один народ; и это совершенная правда. Извольте видет: все они одинаково бреют щеки и оставляют волосы на голове, носят черные колпаки и наряжаются в узкое и короткое платье; все пьют вино, едят свинину. Поэтому - то страна

их называется у нас общим именем: «Дом вражды и подвизания за веру». Но в том нет сомнения, что они разделены между собой на многие государства....

- На что вы напрасно об них беспокоитесь? Все они одинаковые псы и, буде угодно аллаху, вскоре сгорят в аду, так что и помину о них на земле не будет». Баргардони матни боло:
- Ин соати фарангӣ аст, ҳамин тавр не? - пурсидам ман.
- Фарангии ҳақиқӣ! Ҷавоб дод ӯ бовиқор ва соатро барои тамошо кардан ба ман дода гуфт: Чунин соати дигар дар саросари ҷаҳон нест.
- Аҷабо,- гуфтам ман. Ин фарангиҳо гумон меравад бояд халқи ғайриоддӣ бошанд?
- Албатта, аммо чӣ суде аз ин - гуфт котиб. Онҳо ҳама кофиронанд, халқи торик ва лаънаткардаҳо.
- Ба номи аллоҳ! - ягон чизе ба ман дар бораи онҳо нақл кунед. Оё кишвари Фарангистон паҳновар аст? Подшоҳи фарангиён дар куҷо зиндагӣ дорад?
- Чиҳо мегуед шумо, дӯсти ман, кишвари онҳо густурда аст? - бо эътироз гуфт ӯ. Фарангистон ва ё Аврупа аз ҳама дунё густурдатар аст ва дар он ҷо подшоҳони зиёд, як дунё султонҳо, қайсарон, мулкдорон фармонравоӣ мекунанд, ки дар сад сол онҳоро шумурда намешавад.
- Аммо ин ғуломи шумо шунида будам, ки ҳама фарангиён ба як қавм мансубанд, вале ба улусу қабилаҳои гуногун фасл гашта, аз тарафи хонҳои махсус идора мешаванд.
- Пайғамбари муқаддаси мо гуфтааст, ки ҳама мушрикон як халқро ташкил мекунанд; ва ин ҳақиқати мутлақ аст. Бифармоед, мулоҳиза кунед: ҳамаи онҳо якхела рӯйҳояшонро метарошанд ва

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мӯйҳои сари худро наметарошанд, ба сар кулоҳҳои сиёҳ мемонанд ва либосҳои тангу кутоҳ ба бар мекунанд, ҳама май менӯшанд, гӯшти хук мехӯранд. Барои ҳамин ҳам номи кишварашон барои мо унвони ягона дорад: «Хонаи хусумат ва фаъолият барои дин…..».

- Аммо чӣ шумо беҳуда дар бораашон ташвиш мекашед? Ҳамаашон сагҳои якхелаанд ва ба аллоҳ маълум аст, ки ба наздикӣ дар дӯзах хоҳанд сӯхт ва ёдкарде дар бораашон рӯйи замин нахоҳад боқӣ монд…[276]

Муаллифи китоби номбурда, дар саҳнаҳои ҷолибе бо як ҳунари баланди танзу истеҳзо бепарвоии сарвазир ва шоҳро дар нисбат ба сарнавишти раъият бозтоб мекунад. Чуноне ки ҳангоми хуруҷи бемории «гул» (оспа, ки дар Аврупо аз роҳи сӯзандору онро аз байн бурда буданд), дар кишвар маргу мири мардум, ба вижа кӯдакон ниҳоят авҷ гирифта буд, сафорати Англия пешниҳод мекунад, ки ваксинаи «гул» - ро гузаронанд. Аммо шоҳ бо виқор изҳор медорад: «Ман намегузорам, ки ба хуни поки миллати ман доруҳои ҳароми инглисиро бикоранд». Англисҳо дар шигифт намедонанд чӣ гуна шоҳро барои раҳонидани мардумонаш аз маргумири саросарӣ, ба ризоият дароваранд. Вале аз роҳи машварат бо дипломати маҳаллӣ дармеёбанд, ки шоҳ матоъи моҳутро бисёр дӯст медорад ва метавон бо туҳфа кардани ду - се баста аз он матоъ иҷозаи шоҳро гирифт. Ҳамин тавр чораро аз роҳи туҳфаи се баста моҳут пайдо карда мардумро аз марг раҳоӣ мебахшанд.

Соле пас аз ин дар кишвар бинобар сабаби хушксолиҳои пайдар пай гуруснагӣ ба миён меояд. Англисҳо пешниҳод мекунанд, агар шоҳ иҷоза диҳанд онҳо аз Аврупо тухмиеро меоранд, ки ба замин кошта

---

[276] Джеймс Мориер, Похождения Хаджи Бабы из Исфагана, Москва, 1989, стр. 392

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

шуда, ҳосилаш на камтар аз гандум одамонро мехӯронад. Ба ин пешниҳоди онҳо шоҳ мегӯяд, ки «ман намехоҳам, ки дар замини муқаддаси ман, тухми зироати кофирӣ корида шавад». Ва ин бор низ шоҳро аз роҳи подоши панҷ баста матоъи моҳут, барои кишти зироати инглисӣ, розӣ мекунанд. Мардуми маҳаллӣ ин зироатро (яъне картошкаро) «себи заминӣ» унвон мегузоранд.

Боре вазир ба Ҳоҷӣ Бобо мегӯяд: «Франки толкуют о каких - то гражданских добродетелях, любви к отечеству, заботливости о благе общем, - молвил везир далее, у нас этого никто не понимает. Это должны быть особенные западные аллегории. Какое нам дело до отечества, или до общего блага? У нас отечество там, где живут мусулмане..» (Джеймс Мориер, Похождения Хаджи Бабы из Исфагана, Москва, 1989, стр. 411)

Баргардони матни боло:

Фарангиҳо дар бораи кадом як накӯкориҳои шаҳрвандӣ, меҳр ба Меҳан, ғамхорӣ барои осоиши ҳамагонӣ, ҳамеша суханронӣ мекунанд, аммо ин ҳамаро касе намефаҳмад. Гумон меравад ин гуфтор ташбеҳоти хоссаи ғарбиҳо мебошад. Мо чӣ кор дорем ба Меҳан ва ё хушрӯзгории мардум? Барои мо Меҳан он ҷоест, ки дар он мусалмонон зиндагӣ доранд.

Дар ҷойи дигар қаҳрамони асар қавми худро бо аврупоиён муқоиса карда, бартариҳои ҳамқавмони худро муайян мекунад: «Правда, что в сравнении с нами, они казались тварями гнусными, созданными единственно на щепу для адского пламени и, вероятно завидовали нашему перед ними превосходству.....»[277]

Баргардони матни боло:

Ба ростӣ ҳам дар муқоиса бо мо онҳо ҷонварони нафратангезу нопоке мебошанд, ки танҳо ҳамчун тароша

[277] Джеймс Мориер, Похождения Хаджи Бабы из Исфагана, Москва, 1989, с. 412.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

барои алангаи оташи дӯзах офарида шудаанд ва гумон аст, ки ба бартариҳои мо дар нисбат ба худашон рашк мебаранд.

Муаллиф дар ҷойи дигари китоби худ одати ташрифоти расмии англисҳоро аз нигоҳи як форс бефарҳангӣ арзёбӣ намуда бо тамасхур чунин тасвир кардааст: «Так, например, посол никак не хотел сидеть перед шахом на земле, с поджатыми под себя ногами: он непременно требовал для себя кресел, да ещё чтобы они были поставлены в таком - то, а не ином растоянии от трону. Он объявил решительно, что во дворец не пойдёт босиком по мостовой и даже не наденет красных чулок, а предстанет перед церемонии в башмаках, точно как в конюшне. Мы настаивли, чтобы, по крайней мере, он не снимал своего колпака, из уважения к высокому сану Средоточия вселённой, но он и на то не согласился, не понимая видно, того, что образованные люди только в бане сидят с открытою головою. Статья о церемониальной одежде подала повод к самым жарким прениям. Мы представляли послу, что в платье, сквозь которое все части тела рисуются почти нагими, он не может и на глаза шаху показываться. Тот, с своей стороны, утверждал, что не иначе предстанет перед шахом, как в том же самом наряде, в которм он к своему государю...»[278]

Баргардони матни боло:

Бад - он сон, ки чуноне сафир ҳеҷ намехост дар назди шоҳ чорзону рӯйи замин нишинад: вай талаби қатъӣ намуд, ки барояш курсиҳо оваранд ва курсиҳо аз тахти шоҳ ба шакли хостаи онҳо, на ба сурати дигар ҷойгир бошанд. Вай қатъиян изҳор намуд, ки ҳаргиз аз ҷодаи сангфарш побараҳна ба қасри шоҳӣ нахоҳад рафт ва ҳатто ҷӯробҳои қирмизӣ нахоҳад ба пой кард ва дар маросими

[278] Джеймс Мориер, Похождения Хаджи Бабы из Исфагана, Москва, 1989, стр. 404

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

пазироии шоҳ бо пойпӯш чуноне, ки дар саисхона бошад, ҳузур хоҳад дошт. Мо пофишорӣ накардем, ки ахиран аз рӯйи эҳтиром бар мақоми Маркази Олампаноҳ (яъне шоҳ) кулоҳи худро аз сар барнадорад, аммо ӯ ба ин ҳам розӣ нашуд, ки ба гумонамон дарнамерафт, ки шахсони бодониш танҳо дар ҳаммом бо сари бекулоҳ менишинанд. Нуктаи либоси маросимӣ баҳсу мунозираҳои гарму ҷӯшонро сабабгор гашт. Мо ба сафир равшан карданӣ будем бо либосе, ки аз зераш тамоми қисматҳои бадан урён менамоянд, вай наметавонад ҳатто ба чашми шоҳ намоён гардад. Вай дар навбати худ таъйид мекард, ки ба ҳузури шоҳ дар либоси дигаре ҳозир нахоҳад шуд, ҷуз либоси дар назди подшоҳи худ ба бар карда.

Диншиносии садсолаҳои ахир аз диншиносии асрҳои миёна, бар асари кашфиёти навини дусад соли ахир, каме тафовут пайдо кардааст. Яке аз сабабҳои ба ифротгароӣ пайвастани ҷавонон ва баъзе динпаноҳону дингустарон надидани пешравиҳои илми дунявӣ, шаку тардид бар дарёфтҳои навин ва тавсифу худбузургбинии дарёфтҳои донишмандони ҳазорсо-лаҳои пешин мебошад.

Имрӯз иддае аз ҷавонони мо дар зери таъсири томгароёни динӣ бар он боваранд, ки ҳама кашфиёти замонаҳо ҳанӯз дар китоби осмонии «Қуръон» дарҷ гардидааст ва аврупоиён кашфиёти худро саросар аз китоби мусалмонон баргирифтаанд. Чунин худбузургбиниҳо бархоста аз кӯрии андеша ва ё обишхӯри дастгоҳҳои нифоқпешаву дасисакори хориҷӣ мебошанд. Лозим ба ёдоварист, ки ҳадаф аз нозил гаштани «Қуръон» интишори омӯзаҳоест, барои баровардани мардумон аз ҷаҳолати сиёҳ (ба вижа ҷаҳолати арабони кӯчӣ) ва тарбияи ахлоқии инсонҳо. Ва олимони илми динӣ, ки ба пиндори «ҳама кашфиёти замонаҳо дар Қуръон дарҷ гардидааст» бовар дошта, бояд дархӯри фаҳме бошанд, ки мебояд дарёфтҳояшонро бар пояи илм пеши рӯ оваранд, на

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

тахминҳо, зеро он кашфиёт шомили далелҳои бешуморе мебошанд дорои ҳисобу рақамҳо ва формулу баҳам пайваста будани омӯзаҳо. (Яъне агар сухан аз қонуни ҷозибаи ҷаҳон, гравитатсия дар миён бошад, боясти он дарёфтаи қуръониро бо дарёфтҳои озмоишгоҳӣ (лабораторӣ) ва таҷзияҳои фаннӣ таҳлил намуд.)

## Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба марҳилаи Ренесанс.

Ҳаракати Ренесанс дар ҳама кишварҳои пешрафтаи имрӯз пешво, сарвар, доҳӣ доштанд, зеро бидуни шахсияти раҳнамои жарфандеш таъмини ягонагии мардумони як кишвари беҳтарин арзишҳои миллии ориёии худро чун тоҷикон аз даст дода, душвор ва ношуданист.

Лозим ба таъкид аст, ки дар раванди бозбинии мафкураи миллӣ, бо пешниҳоди Пешвои миллат натиҷагирӣ гардид, ки тоҷиконро мебояд ба расму оинҳои дар дарозои ҳазорсолаҳо аз ҷониби бегонагон ба замирашон ҷой гирифта, бознигарӣ зарур аст. Аз замонҳои қадим то имрӯз мардуми тоҷик соҳиби расму оин ва маросимҳои гуногун буданд, ки аксари онҳо дорои

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

хусусияти ахлоқию маънавӣ мебошанд. Боиси таассуф аст, ки мардум ба қадри ин расму оинҳо нарасида, дар дарозои асрҳо дар зери таъсиру фишори бегонгон ба онҳо тағйироти зиёде ворид кардаанд, ки дар натиҷа асолат ва моҳияти маънавии онҳо аз байн рафта, ба маросимҳои душвору маъракаҳои исрофкорӣ ва худнамоӣ табдил ёфтаанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъияти ба миён омадаро дар сари маврид таҳлилу баррасии амиқ намуда, таъкид карданд: «То расму оин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем».

Чун саҳифаҳои таърихро такурӯ мекунем мебинем, ки давлатмардон қонунҳои ба сони аз байн бурдани хурофоти садсолаҳо ба ин тараф дар пайкари мардум ҷо гирифтаро, аз ночорӣ ба тадвин меоваранд. Чун ҷомеаеро, ки барояш сухани ҳикматомез ба кирдори бозӣ бошад, гаҳе ночор мебояд рӯ ба сухани қонун овард.

Ҳамон гуна ки подшоҳи Русия Пётри I ҳамаи боярҳоро (сармоядорони ашрофзодаро) дар майдон гирд карда, амр мекунад, ки ришҳояшонро битарошанд, либосҳои дарози ба кашишҳо монанди худро, ки ба ҳаракат халал меоварад аз тан бадар карда, либоси аврупоии сабуку шинам, бипӯшанд. Ӯ боярҳои сарватмандро бо амри қатъӣ вомедорад, то фарзандони хешро барои омӯзиши касбу ҳунар ба донишгоҳҳои Аврупо бифиристанд. Яъне сармояи ҳангуфти гирдовардаи худро дар роҳи саводомӯзӣ ва коршинос гаштани фарзандонашон сарфу харҷ намоянд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Бояд донист миллате, ки дар дарозои таърихи бохтҳои ҳазору чаҳорсадсолаи хеш маниши миллӣ аз даст дода, шеваи андешидани биёбонгардони тозӣ ва рамагардони бодиягардро пазируфтааст, чӣ гуна метавонад расму оини миллии худиро аз бегона ташхис кунад.Чи гуна метавон ба омма фаҳмонд, ки «қалинг» ро (вожаи қалинг худ аз забони туркӣ гирифта шудааст) аз қавми рамгард баргирифтаем, ки онҳо тамоми зиндагии худро, муносибатҳои ҳамдигарро бо муомилаи гӯсфанд варандоз мекарданд. Бо додани 10 сар гӯсфанд, яъне «қалинг», духтареро аз хаймаи (юрти) ҳамсоя, ба никоҳ медароваранд. Ё бинобар дар хоб дидани падару модари худ, забҳ кардани гӯсфанд ва нони худоӣ додан, расми биёбониҳои хурофотӣ мебошад, зеро ба вижа арабҳои замони пешазисломӣ он қадар хурофотӣ буданд, ки дар ҳама корҳо таъсири ҷину париро медиданд. Ҳатто мепиндоштанд, ки ҷон аз тани ба хоб рафта метавонад берун баромада, дигар барнагардад, бинобар ин пойи шахси хобидаро бо ресмон ба мех гир карда, намегузоштанд касе наздикаш ояд. Ҳамин гуна ба модари фарзандмурдаи аз таваллуд бозмонда мефармуданд, то пораи хурди гӯшти аз гӯши фарзанди зинда мондаашро бурида, бихӯрад ва он гӯшро сӯрох карда гӯшвора овезад. Даҳҳо чунин оинҳои аз араб баргирифтаро либоси динӣ пӯшонида, то ҳанӯз риоя мекунанд.

Ҳамчунон маросиму дастархонороии «ҷавонмардона» ро дар замони шӯравӣ, аз кирдорҳои намоишкоронаи мардумони Қафқоз баргирифтаем; бо соқии (тамадаи) суханпардоз ва рақсу мусиқӣ ва таронасароиҳои гӯши фалакро кар кунанда. Ин худнамоиҳои «дӯстону хешовандонро ба ҳасад оваранда» ва «душманонро кӯр кунанда» солҳои ахир бад – он сон ривоҷ пайдо кард, ки ҷавони тоҷик се сол дар Русия мардикорӣ карда, бо душворӣ, ба истилоҳи мардум «тин

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

болои тин гузошта», маблағи қалинг, гов ва сарояндаву раққосаро ҷамъ мекунад. Дар ин сабқати ноҷавонмардона касоне пайдо шуданд, ки барои нишон додани тавоноии худ ва нотавон бознамоёндани ҳамсоягону рақибони худ, дар ҳамкорӣ бо ҳангомахоҳону муллонамоён, чандин расму оинҳои серхарҷи навро, ба монанди «чодарканон», «хусурталбон», «домодталбон» ва монанди он эҷод карданд. Расми дигаре, ки баргирифта аз русҳову аврупоиҳо мебошад, ҷашнгирҳои зодрӯз аст, ки хоси мардумони мо нест ва барои тоҷик дар нисбат ба аврупоиҳо камаршикан аст. Русҳову аврупоиҳо як – ду фарзанд доранд ва ҳар сол бо назардошти ҷашнгирии зодрӯзи падару модар 5 – 6 бор зодрӯзҳоро ҷашн мегиранд. Аммо тасаввур кунед ҳоли як тоҷики миёнаро, барои гузаронидани зодрӯзи аҳли хонадонаш ва бо тухфаҳо рафтан ба зодрӯзу арӯсиҳо ва дигар маросимҳои ҳамкорон, хешовандон ва ҳамсоягону ва.... ва..., ки зиндагии инсонро дар қафаси «ҳали проблемаҳои беҳуда» гирифтор месозад.

Дар боло ишора ба оини бегонагон ва хурофотпарастон будани расми забҳи чорво дар маросимҳои «сари тахта», «ҳафта», «чилум», «шаш моҳагӣ» ва «сари сол» кардем ва дар ин ҷо саргузашти фарҳанговарии бостонро ёдовар мешавем, ки аждодони мо оинҳои нахуст Зарвонӣ ва Меҳрро, сипас Зартуштиро мепарастиданд ва ба забҳи чорво танҳо як бор дар фасли тирамоҳ, пеш аз фарорасии мавсими сармо иҷоза медоданд. Ин талошу кӯшишҳои Роҳбари давлат сухани яке аз ҳуқуқшиносони Амрикоро ба ёд меоварад, ки гуфтааст: «Ман на танҳо ҳуқуқҳо, балки шуури халқи Амрикоро низ ҳимоя мекунам».

Роҳбари давлат на танҳо ба бозбинии мафкураи худогоҳии миллӣ пайваста таваҷҷуҳ доранд, балки ҳамчун пешвои миллат ҳамвора ғами тандурустӣ ва рушди ҷисмонии ҳамдиёронро аз зеҳни хоссаи худ берун

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

намегузоранд. Ёдам меояд, ки чанд сол пеш ба ҳангомӣ мулоқот бо донишҷӯён ва омӯзгорони Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино бо муроҷиа ба ҷавонон гуфта буданд: «...миллати мо, ки аз ориёитаборон аст, бояд наслеро ба воя расонад, ки чун аждодони дурамон қоматбаланд, қавипайкар, зебочеҳра ва донову андешагаро бошанд. Пизишкони оянда бояд ин паҳлӯи рушди миллатро аз назар дур надошта бошанд». Дарёфти хирадмандонаи Пешвои миллат дар мавриди пеши роҳи заношӯӣ бо хешовандонро гирифтан зоҳиран оддӣ менамояд, вале набояд ба он сарсарӣ нигарист, зеро дар натиҷаи никоҳи хешутаборӣ кӯдакони маъюб ба дунё меоянд.

Дар ин амр ҷавҳари миллатсозии солим нуҳуфта аст. Шумо боре аҳамият бидиҳед ба андоми духтарони тоҷик, ки бубахшоянд маро душизагон, ғолибан қоматпасту каҷпову ба истилоҳи пизишкон дар кӯдакӣ «рахит» будаанд. Яке аз зани мубориз фаронсавӣ Жана де - Арк занро «дастгоҳи тавлиди миллат» номидааст, ки интиқомгирандагонро барои баромадан ба арсаи муборизаи ватанхоҳӣ таҳия менамояд.

Дар роҳи тарбияи ҷисмонии ҷавонон имрӯз шароитҳое фароҳам оварда шудааст, ки дар замони давлати пурзӯри Шӯравӣ онро давлатсозон орзу мекарданд. Чунончи дар он замон қарори махсуси Кумитаи марказии Ҳизби коммунист ва Шӯрои вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ ба гунаи «Дар бораи муассиаҳои маданӣ ва иншоотҳои варзишӣ» қабул шуда буд, ки масъулон ҳар се моҳ аз рафти иҷрои он ҳисобот медоданд. Мо ки дар он замон масъулияти иҷрои чунин қарорҳоро доштем, чизе гуфта наметавонистем, зеро ҷамоату вазоратҳо тавоноии сохтани иншоотҳои номбурдаро надоштанд. Ҳоло дар зарфи 2 - 3 соли ахир ҳам аз ҳисоби буҷа ва ҳам бо дастгирии тоҷирону соҳибкорон ҳазорон варзишгоҳҳову

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

майдончаҳои варзишӣ бунёд ёфтаанд ва дида мешавад, ки ҷавонони шаҳру деҳот то поси шаб ба варзишу мусобиқаҳо машғуланд. Воқеан дар пиромуни дастгирии тоҷирону соҳибкорон ёдкарди ин нуктаро лозим медонам, ки кордонии Роҳбари давлат дар ин росто ниҳоят беназир аст. Бо амри он кас соҳибкорон то ба кор даромадани корхонаву коргоҳи сохтааш аз андозҳо озоданд, ки ин дастгирии дар ҷаҳон бемонанд мебошад. Дигар ин ки соҳибкорони кишварҳои Аврупову Амрико ба ҳангоми ҳосил кардани даромади беш аз 0,5 миллион доллар, 45 дар сади даромадашонро ба андози давлат месупоранд. Соҳибкорони мо аз он андозҳо озоданд ва ба бунёди иншооте водошта мешаванд, ки барояшон дар оянда (реинвеститсия) сарчашмаи даромад хоҳад гашт.

Чуноне пайдост барои Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳае нест, ки аз пеши назарашон дур монда бошад ва ҳамин аст рисолати Пешвое, ки дар пайи бозовариву боздеҳии истеъдодҳои миллат мебошанд. Нигаҳдошти анъанаҳои беҳтарини эҷодиёти халқ ва санъати касбии тоҷик ба сони таронсароиҳои «Шашмақом» ва «Фалак» ҳамчун сарвати фарҳанги миллӣ аз дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ бархурдор аст. Ҳамзамон бо роҳнамоии Сарвари давлат ба санъати касбии Аврупо, аз ҷумла ба сароиши опера, балет, оркестри асбобҳои симфонӣ аҳамияти шоиста бахшида дар кишвар ин риштаи ҳунари умумиҷаҳонӣ бештар ривоҷ меёбад. Дар пойтахти кишвар асбоби ягонаи арғунун (орган), пас аз таъмир дубора ба оҳангпардозӣ оғоз кард.

Ташаббуси дигари Сарвари ватандӯст, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи марти соли ҷорӣ ҳангоми вохӯрӣ бо кормандони илму маориф ва зиёиёни кишвар зоҳир гардид, ки дар роҳи раванди инқилоби маданӣ боз як қадами ҷиддӣ ва устувор ба шумор меравад.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

«Рӯ овардан ба китоб, мутолиаи ахбори нав, фаъол гаштани ҷомеа дар ин самт ва баргузор намудани озмунҳои ҷумҳуриявӣ ба оғоз гардидани давраи дуюми инқилоби маданӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд».[279]

Иқдомҳои Роҳбари давлати тоҷикон аҳамияти бузурги миллатсозӣ дошта, даъват ба бозёбии фарҳанги гумкардаи худ, дарёфти салиқа ва табъу завқи баланди ҷавобгӯ ба хостҳои ҷаҳони муосир дорад.

Лолазор сохтани пойтахт ва чаманороиҳои шаҳру деҳоти кишвар ба парвариши табъу салиқаи мардум нигаронида шудааст, ки мардуми мо садсолаҳо ба ин тараф гулпарастиро бештар дар номгузории духтарон дида, аз подоши гул ба модару дилдодаи худ фаромуш кардаанд.

Акнун бингаред, ки аз хориҷи кишвар - Аврупову Осиё навъҳои зиёди гулҳои аҷибу ғарибро ба чорбоғҳову чаманзорони кишвар оварда, кӯч созанд.ки номҳояшон дар адабиёти классикии форс - тоҷик ба мерос боқӣ монда, худашон ба нобудӣ расида буданд. Ба монанди «Гули Атлас», «Гули Ноз», «Сунбул», «Патуни», «Бунафша», «Гули Шаббӯ», «Гули Лодан», «Гули Занҷабил», «Гули Занбағ», «Гули Мино», «Гули Савсан», «Гули Шабафрӯз», «Гули оташӣ» ва чандин гулу гулбунҳое, ки дар рангу атрҳояшон достонҳои шоирона ниҳон доранд. (Воқеан, дар барномаҳои телевизионӣ аз надонистани барномасозону гулкорон, бинандагонро бо номҳои русии гулҳо ошно месозанд.

Ватанпарастии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳатто аз ғамхориҳояшон барои зиндасозии дарахтони нобудшуда, яъне бо сад душвориҳо аз хориҷ овардани навниҳолони камёфт, метавон пай бурд.

---

[279] Абдуљаббор Рањмонзода, сайти рўзномаи «Љумњурият», № 196, 06. 10. 2020

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Камаҳамиятии мақомоти вобаста ба нигаҳбонии ҷангалистонҳо ва дар натиҷа буридани ваҳшиёнаи дарахтони сарсабз дар солҳои пешин ба он ҳолати ҳузнангез расонд, ки дигар дарахтони сарву санавбар, тӯсу булуту шоҳбулут аз рӯйи замини тоҷикон нест шуданд.

Дар баробари дарахтон як идда ҷонварони кӯҳиву ҷангалӣ низ рӯ ба нестшавӣ овардаанд. Аз дасти шикорчиёни бераҳм ва боз ҳам бемасъулиятии нигаҳбонони ҷангалҳо, чӣ ғизолону оҳувони кӯҳӣ, ва чӣ паррандагони саҳроиву кӯҳӣ гӯё аз сарзамини мо қаҳр карда, ба кишварҳои дигар гурехтаанд. Акнун бо дастури Роҳбари давлат аз хориҷ ҷуфтҳои ҷонварони рӯ ба нестиро харида дар ҷангалҳои кишвар сар медиҳанд. Ҳатто аз Вилояти Бадахшон говҳои нодири қутосро ба кӯҳсорони Шаҳристону Фалғар интиқол медиҳанд, то ки ин намуди ҷонвари аҷибу камёфт дар ҳама кӯҳсорони сарзаминамон паҳн гардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 - ӯми декабри соли 2018 гуфта буданд, ки «Соли 2021 мо ҷашни бузурги 30–солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамонро таҷлил мекунем. Мо барои истиқболи шоистаи ин ҷашни муқаддасу муборaки миллӣ корҳои зиёди ободониву созандагиро ба нақша гирифтаем. Дар ин марҳалаи барои ояндаи кишварамон сарнавиштсоз ҳар яки мо - аз Роҳбари давлат, аъзои Ҳукумат ва вакилони парламент сар карда, то роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва хизматчиёни давлатӣ вазифадорем, ки як масъалаи муҳимро ҳамеша дар хотир дошта бошем: тибқи Конститутсия халқ сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, яъне ҳокимият ба халқ тааллуқ дорад».

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Барои пешвози шоистаи ин ҷашни бузург дар муддати кутоҳ садҳо муассисаҳои томактабӣ ва умумӣ, қасрҳои зебои фарҳангӣ, китобхонаҳо, марказҳои саломатӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, беморхонаҳо, дармонгоҳҳо, марказҳои тиҷоративу савдо, корхонаҳои хурду миёна бунёд шуданд ва ҳар кадоме аз онҳо симои шаҳру деҳотро дигаргун сохта, ба инкишофи Ватан таъсири амиқ гузоштаанд. Мардумони кишвар пешниҳоди зиндагисози Пешвои хирдманди худро дар мавриди ободу зебо гардонидани Ватан самимона пазируфта хурду бузург дар пайи амалӣ гардонидани он мебошанд.

Бахшида ба пешвози шоистаи 30 ва 35 солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷиикстон дар тамоми вилоятҳо шаҳрҳову навоҳӣ ва деҳоти кишвар як силсила тадбиру чораандешиҳо ҷараён гирифтаанд, ки такрори эҳёгарӣ, ё таҷаддуди (ренесанси) Аврупоро мемонад.

Мо дар ин ҷо аз номбарии пурраи дастовардҳои бешумори соҳаи иқтисодиёт, бунёди шаҳрҳову деҳоти нав, сохтмони ҳазорон муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ, роҳҳои автомобилгарди замонавӣ, дар зимн баромадан аз бунбастҳои коммуникатсионӣ, сохтмон ва азнавсозии неругоҳҳои барқи обӣ, ба вижа сохтмони босуръати нерӯгоҳи азими Роғун ва таъминоти пурра бо барқи худӣ, ҳамзамон фурӯши барқ ба кишварҳои дигар, таъмини ниёзмандиҳои дохили мамлакат бо семент ва содироти он ба хориҷ, тавлиди оҳан, арзиз (алюмини) ва як идда канданиҳои фоиданок, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ба таври умда пурзӯрсозии потенсиали содиротии кишвар ва талошҳои пайгир барои саноатисозии Тоҷикистон муфассал сухан намегӯем. Ин ҳама пайваста дар саҳифаҳои матбуот ва дигар расонаҳои хабарӣ интишор меёбанд.

Бидуни камтарин дудилагӣ метавон изҳор дошт, ки ҳамон орзуҳои тоҷикон барои расидан ба оғози асри

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

боззой, таҷаддуд (ренесанс), ҳамин 30 соли давлатсозиву миллатсозӣ бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Президенти Шӯрои Аврупо оид ба равобити байналмилалӣ Антон Караҷа дар маросими сарафроз намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо унвони баланди «Пешвои асри XX», чунин изҳори андеша намудааст: «... Мо ҳамагон, дӯстони башарият, пайи суроғи шахсиятҳои фарзонае ҳастем, ки қарни моро дигаргун сохта, бо амал, идрок ва неруи ҳастии худ суботи ҷаҳонро барои мову шумо таъмин менамоянд. Мо ба он мақсад омадаем то ба «Пешвои асри XX», ба марде ки дар мавриди низоъу ҷанги шаҳрвандӣ роҳи сулҳу субот ва ваҳдату ягонагиро барои кишвараш интихоб намуд, марде, ки дар замони таназзулу буҳрон пешрафту шукуфоии мамлакаташро таъмин кард, марде, ки дар ҳамдастӣ ва ҳамзистӣ бо мардуми худ дар кори эҷоди ояндаи неки кишвар, минтақа, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва инсоният талошҳои хастанопазир меварзад, изҳори қадрдонӣ намоем. Ин шахс Президент Эмомалӣ Раҳмон мебошад».

Дар ҳақиқат Пешвои миллати мо на танҳо Пешвои асри XX - XXI мебошанд, балки Пешвои Ренесанси тоҷикон низ ҳастанд.

## Чаро Шарқ вопас монду Ғарб пеш рафт?

**«Дарди ман танҳой нест, балки марги миллате аст, ки гадоиро қаноат, беарзиширо сабр ва бо табассуме бар лаб, ҳамоқатро**

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

**ҳикмати Худованд номад». (Мҳабхата Ганди)**

Мо дар фаслҳои болои навишторамон кӯшидаем то андозае ба ин пурсиш посух пайдо кунем, вале чун ба мавзӯи «чаро Шарқ вопас монд?», сиёсатпешагон ва донишиёни номӣ асарҳои пурҳаҷме навишта, сабабҳои гуногуни ин падидаи сиёсию иҷтимоиро ба гунаҳои гуногун арзёбӣ кардаанд, ки ба таври гузаро пеши рӯ овардани гуфтаҳои онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Гуфтан ба маврид аст муаллифони мақолаҳое, ки дар он сабабҳои вопасмонии Шарқро ҷустуҷӯ кардаанд, аксаран таркиби «Шарқи мусалмон» - ро ба кор бурдаанд. Шояд ба он сабаб, ки дар садсолаҳои гузашта мамлакатҳои шарқие чун Ҷопон, Ҳинд, Чин аз вопасмониҳо раҳида ба давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон табдил шудаанд, вале кишварҳои мусалмонӣ аз прогресси илмӣ - техникӣ ва болоравиҳои фарҳанги муосир бенасиб мондаанд. Тафсири ин масъалаҳоро беҳтараш аз чакидаи қалами доктор Козим Аламдорӣ (соли таваллуд 1949) дархоҳем ёфт, ки навиштааст: «Ҳуҷуми қабоили ҳамсояи араб ва туркону муғулон ба Эрон нақши бисёр муҳиме дар ақибмондагии Эрон доштаанд. Дар Эрон ҷое барои хостаҳои шахсӣ ва гароишҳои фардӣ боқӣ намемонд. Дар Шарқ дину давлат ду рӯйи як сикка ҳастанд. Бо вуруди аъроб ба Эрон тафаккури эронии исломӣ аз ҳамон оғоз ба бероҳа рафт ва фалсафаи ақлии юнонӣ натавонист дар Эрон реша бигирад. Мутафаккирони фалсафаи эронӣ аз Форобӣ то Ибни Сино ва Берунӣ ва Мулло Садро олуда ба ваҳйу ирфон шуд, ба тавре ки ақли юнонӣ дар тафаккури онҳо мағлуби вайҳи исломӣ шуд. Иттиҳоди арабу туркон дар Эрон заминасози ақибмондатарин таъобир аз исломи суннатӣ шуд. Дар Эрон ислом ҳам монанди ҳар дини дигаре дар хидмати султагароёнаи аъроб ва туркон қарор гирифт. Агар ҳуҷуми

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

маргбори аъроб ва туркону муғулони ақибмонда ба Эрон вуҷуд надошт, ҷомеаи мо хеле зудтар аз ҷомеаи аврупоӣ ба даврони буржуазӣ ва пешрафт гом менихӯд. Замоне, ки муғулон ба Эрон мусаллат шуданд, офати амиқи фарҳангӣ, илмӣ ва фалсафӣ бар Эрон ҳоким шуд ва сипас ба ҷойи тафаккури илмиву фалсафӣ, панду андарзнависӣ роиҷ шуд».[280]

Донишманди дигар Алии Мирфатрус дар китоби «Мулоҳизоте дар таърихи Эрон» фасли алоҳидаеро зери унвони Илали таърихии ақибмондагии ҷомеаи Эрон бахшида, зимнан гуфтааст: «... миёни дин ва таамаддун ҳеҷ муғойират ва зиддияте вуҷуд надорад ва ин ки дар нигоҳ ба тамаддуни исломӣ ва тамаддуни Ғарб авомили зиёдеро бояд канори ҳам қарор дод». Ба пиндори Мирфатрус «Боварҳои равшанфикрони динӣ дар тӯли бист соли ахир тағйироти зиёде ба худ дида бошад. Аз ҷумла ин ки онон аз ҳукумати динӣ ҳамвора бештар фосила гирифтаанд».[281]

Мирфатрус дар муборизаҳои равшанфикрони машрутахоҳи (ҳукумати конститутсионӣ) ибтидои асри XX- и Эрон ҷунбиши он лояи ҷомеаро дидааст, ки талош барои баромадан аз вопасмонӣ доштанд: «Равшанфикрони ҷунбиши машрутият (конституси-яхоҳӣ) асосан дар пайи касби қудрати сиёсӣ набуданд, балки зимни хости кунтрули қудрати сиёсӣ ба дунболи густариши омӯзишу парвариш ва истиқрори ҷомеаи маданӣ буданд. Онон бештар таҳти таъсири андешамандони либерали аврупоӣ, монанди Волтер, Жан Жак Руссо ва Монтаскье қарор доштанд».[282]

[280] Акбар Ашрафї ва Козим Аламдорї, «Наќд ва муаррифии китоби «Чаро Эрон аќиб монда ва Ѓарб пеш рафт?», http://ensani.ir/fa/article/154675/

[281] Алии Мирфатрус, «Мулоњизоте дар таърихи Эрон», mirfetros.com

[282] Мулоњизоте дар таърихи Эрон, Олмон,1988, с. 9 - 11

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Донишманди барҷаста Амир Ҳусайни Лодан дар китоби худ зери унвони «Худосолорӣ ва дармондагӣ» бо дарду ҳасрат менависад: «Олмон ва Ҷопон кишварҳои шикастхӯрда пас аз Ҷанги ҷаҳонии дуввум ҳама чизи худро аз даст дода буданд. Махсусан Олмон вазъи ҳалокатборе дошт. На танҳо корхонаву коргоҳе қобили мулоҳизае, ки солим монда ва тавлидоте дошта бошад, намонд, балки хонаҳои маскунии мардум зери бомбаборон аз байн рафта ва ба тали хоке табдил шуда буд. Харобае буд, ки дар он қаҳтиву гуруснагӣ бедод мекард. Амрикои сарватманд тоҷири маслак ба номи кӯмак ба мардум ва ба номи таҷдиди иқтисодӣ, аммо дар ҳақиқат агар нагӯем сад дар сад, вале мусалламан ба ангезаи нафъталабӣ дар Олмону Ҷопон сармоягузорӣ кард, то аз коргарони арзонқимати он кишварҳо истифода кунад. Бозори онҳоро шояд барои масрафи маснуъоту маҳсулоти худ қабза намояд ва дар зимн миллати серу қавӣ дар баробари коммунизми шӯравӣ алам кунад. Сарфи назар аз ҳар навъ ангезае, ки Амрико барои ин кор дошт, баъд аз гузашти муддати ночизе дар баробари таърихи миллатҳо ин ҷопониву олмонӣ буд, ки амалан аз сармоягузории он кишвар баҳра бурд ва худро аз хоки мазаллат берун кашид ва гарду ғубори фақрро аз сару рӯи хеш зудуд ва имрӯз ҳар ду ин кишвар аз руқабои (рақибони) бисёр сарсахти иқтисоди Амрико ба шумор меравcovering. Дар ҳоле, ки дар тамоми муддати баъд аз ҷанги ҷаҳонӣ то қабл аз инқилоб, ба истиснои солҳои охир, он ҳам ҷузъӣ, Амрико дар Эрон сармоягузории қобили мулоҳизае надошта ва дар натиҷа коргарони эрониро истисмор накардааст». [283] Ин донишпажӯҳи тавоно дар мавриди вопасмонии Шарқ дар нисбат ба пешравиҳои Ғарби ба марҳилаи Ренесанс оғоз карда афзудааст: «Дар асри сафавиён ҷуҳалои муаммам

[283] Амир Њусайни Лодан, Худосолорї ва дармондагї, Лос Анљелес, Ширкати Китоб, 1393/2014, с. 306

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

фузалои мамлакат шудаанд ва фузалои воқеъиро ба самти ҷуҳало мавсум медоранд. Лоҷарам аксари билод аз аҳли фазл холӣ шудаанду аз аҳли ҷаҳл мамлу». Он донишманд барои далели гуфтаҳои боло аз асарҳои пажӯҳишгарони дигар иқтибосҳо овардааст. Чуноне ки Исои Сиддиқ дар «Таърихи фарҳанги Эрон», менависад: «Сиёсати мазҳабии давлати сафавӣ, ки мақорин бо даврони бедории Аврупо ва наҳзати азими фарҳангии Ренесанс ва таҳаввулоти шагарфи асри ҷадид буд, Эронро аз улуму саноеъи навини Аврупо бенасиб кард ва аз корвони тамаддуни ҷаҳон дур сохт ва бад- ин тартиб Эрон рӯз ба рӯз бештар ба сӯи инҳитоти (изолятсияи) илмӣ савқ дода шуд».[284]

Муаллифи номбурда як силсила гуфтаҳои фақеҳони дирӯзу имрӯзро бозоварда, сабабгори қафомонии мардумро аз ҷумла дар он пиндорҳо дидааст: «Дар робита бо баробарии зан ва мард- Мулло Садро муътақид аст, ки худованд занро ба сурати як васила ва абзор ва ба ҳадди ҳайвонӣ барои баҳрабардории мард офаридааст.

Сайид Ҳасани мударрис мегӯяд: Худованд қобилият дар занҳо надодааст, ки лаёқати интихоб карданро дошта бошанд. Инҳо аз он зумраеанд, ки уқулашон истеъдод надорад ва дар ҳақиқат тахти қиюмат қарор доранд. Чӣ тавр мумкин аст ба эшон ҳаққи интихоб кардан дода шавад?»

Дар робита бо донишу хирад яке аз рӯҳониёни машҳури замони имрӯз мегуфт: **«мо мутахассис намехоҳем, мутаъаҳид** (яъне бо мо аҳд баста - тарафдор) мехоҳем. Дар ислом таассуб бар тафаккур тарҷиҳат (тарҷеҳ, бартарӣ) дорад». Дигаре дар мавриди омӯзишу парвариш гуфт: «дар ҷомеаи вилояти фақеҳ як донишгоҳ дар дараҷаи аввал, як маркази тадриси шариъат ва парваришгоҳи «халифатуллоҳ» шинохта мешавад, ки дар он омӯзишҳои илмӣ дар ҳар мавриде ва дар ҳар сатҳе дар

---

[284] Њамон љо с. 311 - 312

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дарачоти баъдии аҳамият қарор доранд ва гоҳ низ усулан аҳамияте надоранд». Дигаре мегӯяд, ки барои занон донистани фанҳои ҳисобу ҳандаса ҳеҷ зарурияте надорад. Онҳо донистани интегралро чӣ мекунанд? Онҳо бояд ҳамон қадар ҳисобро бидонанд, ки фарзандони худро шумурда битавонанд».

Ин ки дар боло баргирифтаҳоеро аз шарҳу дарёфтаҳои донишмандон ба иқтибос овардем, натиҷагирӣ аз таҳлили мӯбинонаи онҳост, вале ба назар менамояд, агар чун намуна корҳои амалии ҷонкоҳи шахсияти давлатманди таърихӣ Амири Кабирро ба ёд оварем, яке аз сабабҳои асосии вопасмонии Шарқ равшантар хоҳад шуд.

Номи аслии Амири Кабир Мирзо Муҳаммад Тақихони Фароҳонӣ дар замони Носируддиншоҳи Қоҷор муддати се солу се моҳ сарвазири кишвар буд ва дар ин муддати кутоҳ корҳои зиёдеро анҷом дод. Дар баробари эҷоди амният, артиши Эронро ба тарзи аврупоӣ аз нав сохт, деҳқононро аз андозҳои камаршикан озод ва соҳаи кишоварзиро ҳавасманд намуд. Зимни сафараш ба Русия Амири Кабир ба муассисаҳои фарҳангӣ, ҳарбӣ ва иҷтимоии он ҷо ошиқ шуд ва ба хулосае омад, ки роҳи пешрафт дар Эрон доштани донишгоҳҳо мебошад ва нахустин Дорулфунунро барои таълим додани илмҳо ва технологияҳои нав дар Теҳрон таъсис дод.

Амири Кабир ҳамчун сарвазир назди равшанандешон ин пурсишҳоро ба миён мегузошт, ки ниҳоят ҷолиб ва ҷавобгӯи талошҳои ӯ барои берун баровардани ҷомеа аз ҷаҳолати асримиёнагӣ мебошад:

- Кай ва дар куҷо дар дини Худо гуфта шудааст, ки «тақлид» ҷойи «андеша» - ро гирифтааст? Шумо ҳатто намедонед, ки «фикр» чӣ маъно дорад.
- Ё бигӯед ва бипурсед, кай ва дар куҷо дар дини Худо гуфта шудааст, ки ба ҷойи кор ва заҳмат дасти худро ба осмон бардоред ва намоз хонед.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

- Аз як тараф ба ҷойи андеша ва мулоҳиза шумо ҳаёти худро ба тақлид мегузаронед.

Дар пиромуни андешаҳои созандаи ин донишманд ва давлатсози барҷаста, фозили нуктабин Фаридуни Одамият дар китоби «Амири Кабир ва Эрон» мегӯяд: «Дини ислом барои эҷоди марказият дар як ҷомеаи ибтидоӣ мисли Арабистон комилан зарурӣ буд, ба ҳамин далел ҳам зуҳур кард. Ин мазҳаб, ки маъҷунӣ (омехта аз чанд биниш) буд, аз афкору адёни собиқи он шибҳи ҷазира (нимҷазира) ва ҳовии таъолими ду паҳлӯ ва кашдор пас аз вуруд ба Эрон як инҳирофи (ба бероҳа бурдани) ногаҳонӣ дар сайри иҷтимоъии ин кишвар ворид овард ва ба ҳамон андоза, ки барои як иҷтимоъи ибтидоӣ мисли Арабистон муфид воқеъ гардид, маншаи осори шуму мухарриб (харобиовар, вайронгар) - е дар Эрон гашт.) Эрониён низ ба навбаи худ бекор нанишастанд ва муддати буҳту (даҳшат, шигифт) ҳайрату замони тамошои онон кам тӯл кашид ва аз ҳар тараф нағмаҳои мухолифсоз намуда ва ғолибан тариқаю машйи (роҳу равиши) худро бо оёти носиху мансухи (ботилкунандаи) Қуръон мудаллал (далелнок) мекарданд. Вале рафта - рафта дар натиҷаи интишори русухи (устувори) он қисмат аз таъолими ислом, ки дунёро ҷифаи фонӣ (ҷасади пажмурдаи оянда) ва зиндони мӯъмин (дар назар гирифтааст ин гуфтаи Қуръонро «Ад дунё сиҷин ул муъминин ва ҷаннат - ул куффори», яъне дунё дӯзахи мӯъминон ва ҷаннати кофирон мебошад. З. М.), медонист ва ривоҷи фалсафаи ҳиндӣ ба он усули манфию фанои филлоҳӣ, миллати Эрон ба як беалоқагӣ ба зиндагонии моддӣ хугар шуд (одат кард), ки тасаллибахши андешаи чораҷӯи ӯ буд. Бад - ин тартиб мебинем, ки таъолими Ислом мисли гуноҳ шумурдани ҷамъи сарвату мол, таҳрими саноеъи мустазрифа (зариф, зебо), рӯзиро мақсум (қисмат шуда) ва сарнавишти башарро муқаддар (насибу қисмат) ва маҳтум (ҳатмӣ) шумурдану мутавассил

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

(дастовезкунанда) бо қазою қадар шудан бо фалсафаи ишроқ ва усули тасаввуф, ки дар бадви (оғози) амр ба сурати як муқовимати манфӣ аз тарафи мухолифини Ислом, ҷилвагар шуда буд, дарҳам омехт. Эътиқод ба фалсафаи тақдир дар Эрон ривоҷи бисёр гирифт ва дар натиҷаи он ҳаёти моддии Эрон ба парешонию вайронӣ гароид. Қатъи алоиқи дунявӣ, танбалӣ, вайронанишинӣ, хароботигароӣ, гадоию, дарюзагӣ ҳама натоиҷе буд, ки дуруст, ё нодуруст аз мазҳаби Ислом гирифтанд. Ин таълим дар Эрон равнақ ёфта , муқаддимаи як инҳитоти иҷтимоъиро фароҳам менамуд».[285]

Фарҷоми зиндагӣ ва навсозиҳои Амири Кабир фоҷеабор буд. Ҳузури Амири Кабир дар дарбори Носируддиншоҳ ба хешовандони шоҳ нохушоянд буд. Кӯшишҳои ин одамон ва дарбориёни дигар дасисаҳоро то ҷое расонданд, ки Амири Кабир 20 декабри соли 1851, дар синни 43-солагӣ, бо фармони Носируддиншоҳ дар Батни Кашон кушта шуд. Амири Кабир ахиран дархосте мекунад, ки ӯро дар гармхонаи ҳаммом ба қатл расонанд. Бо хоҳиши худаш ҷаллодони шоҳ ду раги дасташро мебуранд ва хуни ноороми ӯ, ки ҷуз истиқлолият ва бузургии Меҳан дигар чизеро намехост, аз рагҳо фаввора зада ба фарши ҳаммом ҷорӣ шуд.

Чунин гумоне низ ҷой дорад, ки яке аз сабабҳои ба қатл маҳкум гаштани Амири Кабир дар баробари гуфторҳои ба аҳли тақво номақбулаш, ин суханон бештар нораво шумурда шудааст: «Даврони ақибмондагии мо замоне шурӯъ шуд, ки ҷойи андешиданро «тақлид», ҷойи талошу кӯшишро «дуо», ҷойи фикр кардан ба орзӯҳои бузургро «қаноат» ва ҷойи иродат ба рафтану расиданро «қисмат» ва ҷойи тасмими ақлониро «истихора» (талаби хайр – орзу кардани фоли нек) гирифт».

---

[285] Муртазо Мутањаррї, Хадамоти мутаќобили Ислом ва Эрон, Душанбе, 2007, с. 116

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ба ростӣ ҳам Амири Кабир як сарвазири донишманд, ки мехост бо шеваи ислоҳотсозӣ ватанашро аз вартаи вопасмонии асримиёнагӣ раҳонад, хубтар аз дигарон медонист, ки миллаташ саросар дар кӯрароҳи ҷаҳолат раҳгум аст ва баромадан аз он танҳо ба василаи ҳар чӣ бештар омода сохтани равшанандешони ислоҳотхоҳ имкон дорад. Аммо чуноне гуфта шуд маҳв сохтани ҷаҳолат кори хатарбор буда, некхоҳи мардумро аз зиндагиаш маҳрум месохт.

Ба гуфтан меарзад, ки ҷаҳолат ва кӯрандешӣ дар миёни тоҷикони мо то рӯзгори наздик идома дошт ва акнун, ки ба он гузаштаҳои на чандон дур менигарем, хандаву тамасхур фарогирамон мешавад. Бад - он гуна ки дар ибтидои замони шӯравӣ, гарчи муллоҳои омӣ дигар ба афкори мардум нақши камтаре доштанд, аммо меваи заҳрогини кoштаашон акнун ҳам хушк нашудааст. Дар солҳои нахустини шӯравӣ тракторро «хари Даҷҷол», велосипедро «шайтонароба», поездро «оташароба» ва бисёре аз василаҳои техникиро «ҷодуи кофирон» мехонданд ва ҳамон гуна ки мепиндоштанд танҳо идораву хонаҳои зисти кофирон бояд бо оҳак сафед шуда бошанд ва дар ин росто ҳатто маҳкама - зиндони ҳукумати шӯравиро «хонаи сафедак» ном ниҳода буданд. Ёдам меояд, ки дар солҳои 50 -ӯми садсолаи гузашта, дар байни ҳама сокинони маҳаллаамон хонаи моро устои рустабор бо номи Талаков бо оҳак сафед карда буд ва ин сафедкории мо ба ҳама ҳамсояҳову хешовандон хуш намеомад ва мегуфтанд «шумо хонаҳоятонро ранги хонаҳои урусҳо кардед. Аз чунин хона малоикаҳо мегурезанд». Ё падару модарам нақл карда буданд, ки аз деҳаи Теғучаки Баландсар ба маркази ноҳияи Ховалинг (16 км) соли 1939 модаркалонамро ба ҷойи кори падарам нақли макони зист карданд. Боре ҳангоми саҷдаи намозхонӣ чашми модаркалонам ба оинаи дар девор овезон мехӯрад ва чун ӯ

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ба андозаи аз кафи даст калонтар худро дар оинае надида буд, якбора тарсида бо суханони «ло ҳавлу ва ло қувата ило биллоҳ» беҳуш меафтад. Модарам давида аз ҳоли пиразан огоҳ мешавад ва як панҷа об ба рӯяш мепошад. Модаркалонам ба ҳуш омада мегӯяд: «як аҷуз аз пушти девор ба ман нигоҳи ғазаболуд зад, сахт тарсидам».

Огаҳон медонанд, ки то охирҳои солҳои 50 - ӯми асри гузашта ронандагони автомашинаҳо аксаран русҳо, осетинҳо ва дигар ғайритоҷикон буданд ва то солҳои наздик ҳавонавардони (халабонҳои) тоҷик дар саросари ҷумҳурӣ ду - се нафар, ба шумули Мирзо Мастонгулови дар ятимхона бо кӯдакони рус калон шуда, беш набуданд.

## Хуросон – Афғонистон

Мо дар бораи вопасмонии Шарқи мусалмон гуфтугӯ карда, мебояд Хуросон (Афғонистони имрӯзин), сарзамин ниёконамонро ба ҳеҷ ваҷҳ аз ёд набарем.

Гуфтан ба маврид аст, ки тоҷикони ин кишвари беш аз ориёиҳои дигар осеби сахт дидаро нависандаи сатрҳои дар пеши рӯятон буда қаҳрамонони сарсупурдаи нигаҳдошти асолату ҳувияти ориёӣ медонам. Мехоҳам таъкид кунам, ки таърихнигорони сиёсатзада ва ба дасисаву фиребҳои ҳувиятсозони беҳувият дода шуда, ғолибан марзҳои Эрону Турони таърихиро дониставу ҳадафманд рӯди Ому эълон карда, бад - ин иддаои бемоя

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

тоҷикони дар ду соҳили ин рӯд ҳазорсолаҳо ҷойгоҳ доштаро азҳам ҷудо нишон доданӣ мешаванд. (Мо дар боло пиромуни марзҳои Эрон ва Турон фасли алоҳидаеро бахшидаем.) Ин бас набуд, ки дар ибтидои садсолаи XVIII (бо ёрии мустамликадорони англис) номи онро бо номи қабилаҳои муҳоҷири кӯчандаи паштунистон - «афғон» унвон гузоштанд.

Лозим ба ёдоварист, аз ин ки моро ба мудохила ба сиёсати дохилии давлати ба мо ҳамсоя Афғонистон гунаҳкор нашуморанд, аз шарҳу тафсири шароити қавму қабилаҳои он кишвар худдорӣ карда, таваҷҷуҳи хонандаи гиромиро ба навишторҳои донишмандон ва сиёсатмадорони афғонистонӣ, аз ҷумла собиқ вазири адлия ва прокурори генералиии Афғонистон Муҳаммад Башири Бағлонӣ, профессор Расули Раҳин ва ҳамчунон бозовардаҳои онҳоро аз пажӯҳишҳои Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор ва Мир Муҳаммад Сиддиқи Фарҳанг ҷалб менамоем.

Пеш аз рӯйоварӣ ба матлаби асосӣ лозим медонем, дар мавриди ҷойноми Афғонистон аз пажӯҳиши поядори Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор чанд сатреро, ки профессор Расули Раҳим иқтибос овардааст, бознависӣ кунем: «Ҳангоме ки Шоҳ Шуҷоъи Абдолӣ, подшоҳи махлуъи (аз тахт барканоршудаи) Афғонистон дар Панҷоб муқим ва барои тасоҳиби дубораи тоҷу тахт бо давлати Сикии Панҷоб ва ҳукумати Ҳинди Британиявӣ гуфтугӯ дар бораи муъоҳидаи машҳур, таърихии июни соли 1838 мелодӣ, Лоҳур гардид ва мутаоқибан матолиби худашро тавассути ду ёддошт ба зариъаи Макнотен - намояндаи англис ва мистер Вайд -агент барои ҷенерол -губернатори Ҳиндустон Лорд Эклин фиристод, лорд дар таърихи 16 августи соли 1838 ҳаққи худаш роҷеъ ба модаи сеюм пешниҳоди Шоҳ Шуҷоъ чунин навишт: «Ихлоси гузинро ба хушӣ ва рағбат ин маънӣ манзур аст, ки дар миёни

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

англисҳо ва мардуми вилояти Афғонистон чӣ аз сипоҳ ва чӣ аз раъият бидуни марзӣ ва салоҳи он хонадон аззу ило амре ба вуқӯъ наояд». Зоҳиран ин аввалин бор дар макотиби расмӣ ва сиёсии Афғонистон ва англис аст, ки номи Афғонистон дар ивази Хуросони давраи исломӣ зикр ва қайд гардидааст. Аз ин таърих ба баъд аст, ки расман исми Афғонистон дар мавриди Хуросон итлоқ ва то имрӯз номи кишвари мо мешавад.[286]

Бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз ҳам дар байни сиёсиёни Афғонистон мавзӯи номи кишвар дар миён аст. Чуноне ки ҳангоми ба роҳбарии Афғонистон таъин шудани Ҳамид Карзай, иддае аз равшанандешон тақозо доштанд, дар Қонуни асосӣ кишварро дорои ду ном Хуросон ва Афғонистон гардонад, то ки тамоми ақвоми кишвар баробар худро дар Хуросони бостонӣ бубинанд. Чуноне дар ин маврид профессор Расули Раҳин нигоштааст: «Гуфтанист, ки ҳамин акнун мавҷудияти номи Афғонистон бар кишваре дорои ақвоми мухталиф ва фарҳанге густурдаи ориёӣ, яке аз мушкилоти оштинопазири қавмӣ ва нороҳатиҳои зотулбайнӣ ва наърахои адами иттиҳоди органикӣ байни ақвоми кишвар, зери чатри ваҳдати миллӣ дар лои ҳамин калимаи истеъмории «Афғонистон» мебошад, ки тавассути кишвари истеъмории англис гузошта шудааст ва дастнишондеҳҳои куҳнакору нотавони он, ки бақои беморгунаи худро дар он мушоҳида мекунанд, намегузоранд, ки кишвардорӣ номе гардад, ки ҳама бошандагони он розӣ буда, худро мутааллиқ ба он бидонанд».[287]

Вале он вайрониҳое, ки фармондеҳи қушуни нахусти Аҳмадхони Абдолӣ, Шоҳ Валихон дар мутасаррифоти худ

---

[286] Мир Ѓуломмуњаммади Ѓубор, маљаллаи «Ориёно», с. 1326/1947), № 64

[287] Расули Рањин, Ягонагии забони форсї дар дењкадаи љањонї, Шўрои фарњангии Афѓонистон, Стокголм, Шведсия, 1389 /2010, с. 91

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

дар ҳошияи шимоли кишвар анҷом дод, яъсовар мебошад. Аҳмадхони Абдолӣ дар гӯшаву канори Балх ва Бадахшон даст ба беҷо кардани мардуми бумии он манотиқ зад ва то ҷойе, ки имкон дошт ситам бар мардумони ҳошияи шимоли Хуросон ва бар тоҷикони он сарзаминҳо ворид овард.

Кори дигаре, ки фармондеҳи шуҷоъ ва далери ӯ Шоҳ Валихон дар самти Шимол анҷом дод, рондани деҳқонони ғайрипаштун аз арозӣ ва хонаҳояшон буд. Ӯ ба ҷойи онон паштунҳо ва рикоби лисони худро ҷобаҷо сохт. Аҳмадхони Абдолӣ дар шаҳрҳои Шимоли кишвар молия бар заминро болои тоҷикони бумии он сарзамин издиёд бахшид. Ӯ дар ҳоле, ки молия бар мавошии тоҷикон чандинмартаба баланд бурд, дар муқобили молиёт бар замин, паштунҳоро тахфиф дод. Сарони қабоили паштун деҳқононеро, ки тавоноии пардохти молиёти сангин ва боҷдеҳии масорифи лашкаркашии паштунҳоро надоштанд замину боғашонро ба тасарруфи худ дармеоварданд. Ба ин тартиб Аҳмадхон деҳқонони тоҷиктабори он диёрро модомуламр маҷбур сохт бо зану фарзанди худ дар заминҳои хонҳои қабила бегоркорӣ (чоряккорӣ) кунанд. Аҳмадхони Абдолӣ заминҳои рустоиёни порсизабони Кӯҳдоман, Тагоб, Ҷалолобод, Арғистон, Хокрез ва заминҳои зироатии байни Кобул ва Кандаҳорро мусодира ва ба қабоили мухталифи паштун бахшид ва чунон ки гуфтем бо кӯчонидани ақвоми бумии он сарзаминҳо барои аввалин бор дар таърихи Хуросони бохтарӣ бо Афғонистони кунунӣ, ба тағйири таркиби қавмӣ ва иҷтимоӣ дар Шимоли кишвар мубодират варзид.

Яке аз дигар амирони хунхори пашту Амир Абдураҳмонхон ҷараёни куштори бераҳмонаи мардуми Бадахшонро он ҳам бо равиши ҷунуномези садистие ба «даҳани тӯп гузоштан», худ чунин тавсиф кардааст: «Касонеро, ки асир мешуданд ман ба даҳани тӯп

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мегузоштам. Дар муддати се соли иғтишош дар Бадахшон теъдоди касоне, ки ба ин қисм ман куштаам, тақрибан панҷ ҳазор нафар мешуд ва теъдоди касоне, ки аз дасти лашкари ман кушта шуданд, даҳ ҳазор нафар буданд».[288]

Туҷҷори Бадахшонро, ки 50 нафар буданд, вале ман ҳукм додам ҳамаи онҳоро ба даҳани тӯп гузоштанд. Амир Абдураҳмон дар ҷавоби қосиди Мир Ҷаҳондор, ки пурсида буд чаро раъоёяшро ҳабс намудаам, ман бидуни такалуме ба навкарҳоям ҳукм додам ришу сабили ӯро бикананд ва баъд ӯро ҷойе, ки бақияи устухонҳои аҷсоди туҷҷор афтода буд бо худ бурда нишон додам.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҷаҳолату зулми амирони афғон ва гумоштагони қабиласолори онҳо мардумони ҳазорсолаҳо дар сарзамини Хуросон зистгоҳ доштаро барои баёни норизоияти худ бармеангехт ва мардум, ба вижа бошандагони Панҷшер ва қавми ҳазора борҳо рӯйи по бархоста барои озодӣ ва додхоҳӣ ҷон нисор кардаанд. Чуноне ки деҳқонони тоҷики Кобул, Парвон ва гирду атрофи он бо сарварии «... рустозодаи калаконӣ даст ба қиём заданд ва бори дигар оини айёрии Абӯмуслими Хуросонӣ, Тоҳирӣ, Саффорӣ, Сомонӣ, Ғуриро дар сарзамини ниёкони худ барафроштанд. Дар оғоз қиёми деҳқонӣ, ки зери таъсири дифоъ аз ислом ва оини динӣ шурӯъ шуда буд, рӯҳониёни муртаҷеъ ба хотири манофеъи худ дар он ширкат карда буданд, вале баъд аз гирифтани дастур аз валинеъмати худ - англис аз қиёми деҳқонии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ ҷудо ва бар зидди он пайвастанд. Қиёми тоҷикон бино ба далоиле шикаст хӯрд ва амру наҳйи сиёсии кишвар ба дасти хонаводаи ғаддори се бародар афтод. Тоҷикони Кобул, атрофи он ва Шамолӣ (Парвон), ки ду бор шикасти муфтазеҳонаро насиби

[288] Ѓуломњайдар Љамолї, Насби Абдурањмонхон бар арикаи ќудрат ва ќиёми њазорањо, Кобул,1378 с.48, Амир Абдурањмонхон Таърих - ут - таворих, с. 155

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Бритонияи Кабир намуда буданд, мавриди кинаи сахти мирғазабони Нодирхонӣ ва Ҳошимхонӣ қарор гирифтанд ва озодмарди рустоӣ зери таъсири васвасаҳо ва талқини рӯҳониёни динфурӯши вобаста ба Бритонияи Кабир ва механизмияти бехосияту беҳувият - ҷосусон қарор гирифт ва ба дарбор барои оштию сулҳ ҳозир шуд. Вале хилофи тамоми мавозини инсониву исломӣ бо ҳамроҳони далери худ дар бадали эътиқод ва каломи осмонӣ даст баста ба ҳашариҳои он тарафи хати Дюранд[289] супурда шуд. Ҳатто ҷасади айёрон низ имрӯз мафқуд мебошад. Баъд аз шаҳодати Ҳабибуллоҳи Калаконӣ тоҷикони шимолӣ ба кайфари гуноҳони нокарда аз ҷониби давлати вобаста ба истеъмори англис ба чуқаҳои эъдом супурда

[289] Марзи Дюранд (Ли́ния Дюра́нда), ё ба аќидаи давлати Афѓонистон Хати Дюранд (خط دیورند) ба дарозои 2640 километр марзи Афѓонистонро аз Покистон људо мекунад. Ин марз соли 1893 мелодї дар замони њукмронии Абдурањмонхон байни Афѓонистон ва Њиндустони мустатамликаи Британияи Кабир, бо намояндагии Мартимар Дюранд таъин шуд. Солњои баъд, пас аз истиќлоли Њинд ва ба ду давлат таќсим шудани Њинд ва таъсиси давлати Покистон, ин минтаќа ба унвони минтаќаи худмухтори ќабоили ќарордодї дар хоки Покистон шинохта шуд. Пас аз Абдурањмонхон њокимони Афѓонистон, ки аслан аз ќабилањои паштутаборон буданд, мухолифи ба расмият шинохтани марзи Дюранд буданд. Чандин дањсолањо мардуми ду тарафи марзи мазкур, бидуни виза метавонистанд ба он тарафи марз бираванд. Аммо акнун бо имзои ќарордодњое, ки дар замони Њомид Карзай ва Ашраф Ѓанї бо Покистон тасдиќ шуд, Покистон бо њимояти Созмони Милали Муттањид ва Америка барои назорати убуру мурур дар ин марзи симхордору дарвозадор, хоњишмандонро танњо бо доштани виза иљозаи убур аз марз медињанд. Ин марз сабаби ихтилофот байни Афѓонистон ва Покистон шудааст. Давлати Покистон марзи Дюрандро ба унвони марзи байналмилалї байни ду кишвар ба расмият мешиносанд. Ин марз паштунњои ду тарафи марзро азњам људо кардааст. Аммо дар Афѓонистон як рўзи солро ба унвони Рўзи Паштунистон љашн гирифта, бахше аз сиёсамадорони ќабилавї то њанўз умеди бартараф кардани марз ва пайвастани Паштунистонро бо Афѓонистон дар дилу забон мепарваранд.

шуданд. Касоне, ки зинда монда буданд ба зиндонҳо ва шиканҷаҳои махуфи истеъмории ҳукумати се бародар кашида шуданд. Занони асир ва аз тарафи лашкари ҳашрӣ ва қавмии он тарафи Дюранд ғанимат бурда шуданд.

Рӯҳониёни динфурӯш, ки динро бо мақосиди (мақсадҳои) сиёсиву ширакашии иқтисодӣ ба гаравгон гирифта буданд, худ дар саркӯби тоҷикони бедифоъ ширкат карданд ва ҳазорон фатвои диниро мабни бар кофир будани тоҷикони Шамолӣ (Парвону Чорикор) содир карданд. Муллоҳои мансуб ба қабоилу вобаста ба дастгоҳи ҷосусии англис бо нашри мавоъизи (мавъизаҳои) динӣ, тоҷикони асиршударо муставҷиби (воҷиби) эъдом ва воҷибул қатл эълом карданд. Ҷамъиятулуламо низ фатво содир кард, ки мардуми Шамолӣ кофиранду воҷибулқатл. Мутобиқи ин фатво сари тоҷикони озодаро аз баданашон ҷудо мекарданд то адолати исломӣ ва ваҷоиби шаръӣ татбиқ гардад.

Ба дунболи саркӯби қиёми озодагони шимолӣ, молу дороии тоҷикони атрофи Кобул ва Шамолӣ тарака гардид ва то охирин дорунадорашон ба тороҷ рафт. Баъд аз ин лашкариёни ҳашарии қабоил тамоми замин, боғҳо ва хонаҳои тоҷикони бедифоъро ба моликияти худ даровroutанд. Барои гирифтани зевароти занон, пистонҳои онҳо бурида шуд. Муҳаммадгули Муъманд ба тақлид аз англис шаҳрҳои Чорикор, Кописо, Саройхоҷа, Калакон ва деҳкадаҳои Шимолиро ба оташ кашид. Садҳо тоҷик бидуни барпои маҳкама аз ҷониби Муҳаммадгули Муъманд эъдом шуданд. Танҳо дар як рӯз дар Кобул панҷоҳуяк тан аз тоҷикони далеру озодаи Шамолӣ эъдом шуданд. Муҳаммадгули Муъманд ҳазорҳо асири тоҷики Каписоӣ ва Парвонии бедифоъро, ки аз хонаҳояшон ҷамъоварӣ карда буд, ба номи қавми Амир Ҳабибуллоҳи Калаконӣ дар ғулу занҷир ба зиндонҳои Кобул таслим дод ва дороии онҳоро ба лашкари қавмии худ мубоҳ эълом

намуд. Давлат барои ҳар сари бурида шудаи тоҷик якҳазор афғонӣ инъом таъин кард, ки баъд аз ин тасмими ғаддорони таърих, тоҷикон имкони зиндонӣ шуданро низ аз даст доданд, зеро нисбат ба таслим кардани зиндаи тоҷикон таслим кардани сари онҳо манфиати иқтисодии бештар дошт. Баъд аз торумори тоҷикони Шамолӣ навбат ба мардуми устонҳои шимоли кишвар расид. Равшанфикрон, нависандагон ва шоирони форсизабон, ки аз зери теғи ҷаллодон то ҳол ҷон ба саломат бурда буданд, ин бор теъдоде ба дор кашида шуданд, теъдоде ҳам ба зиндонҳои махуф ва шиканҷагоҳҳои қуруни вусто (асримиёнагӣ) ҳабс шуданд. Аз он ҷумла Муҳаммад Валихони Дарвозӣ ноҷавонмардона эъдом шуд. Чеҳраҳои мубориз ва равшанфикри форсизабони дигар, монанди ҷенерол Панинбек, Мирзо Муҳаммадихон, Нозир Муҳаммад Сафархон, Мирзо Муҳаммад Акбархон, Султонмуҳаммад Мурохонӣ, Муҳаммадамини Бадахшӣ, Файзмуҳаммади Борутсоз, Тоҷмуҳаммади Пағмонӣ, Муҳаммадсаъиди Бадахшӣ ва садҳо тани дигар эъдом шуданд.»

Навиштаҳои Муҳаммад Башири Бағлонӣ бар пояи пажӯҳишҳои таърихнигори Афғонистон, Мир Муҳаммад Сиддиқи Фарҳанг ва чандин таърихнигорони дигари афғонистонӣ ва аврупоӣ бо навишторҳои профессор Расули Раҳин ҳамсон аст, барои муқоиса порчае аз онҳоро пеши рӯ меоварем: «Дар соли 1747 Аҳмадхони Афғон, ки яке аз ҷенералҳои муқариби Нодири Афшор - Султони Сафавӣ буд, баъд аз марги ӯ дар бахше аз тасарруфоти арбоби худ дар Қандаҳор бо файсалаи (ҳалли) Ҷиргаи (шӯрои) суннатии қабилавӣ худро подшоҳи Хуросон эълон кард ва дар арозии имрӯзи кишвар зиёд футуҳот кард ва ба таҳкими қудрат ва густариши қаламрави давлаташ ба сӯйи Ҳинд лашкар кашид ва Деҳлиро тасхир намуд. Номи расмии давлати Аҳмадшоҳ, бино ба тасреҳи аксарияти

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

қариб, ба иттифоқи муаррихони Хуросон буд. Қандаҳор маркази давлати Абдолиро Хуросон мехонданд.

Баъд аз марги Аҳмадшоҳ ихлофаш бо беназмии сиёсӣ бар ҳар кадом, ки ба даври ҷонишинии ӯ ва афзун бар он қабилаҳои дигар барои касби қудрат ва тақсими он миёни худ кашмакаш ва ихтилофи зиёд доштанд ва ҳар кадом, ки ба даврон омад ба зӯри теғу тозиёна бо инҳисори қудрат ва табъизи нажодиву шоҳии мутлақа то даҳаҳои ахири асри xx ҳукм ронданд.

Дигар ақвом ва миллиятҳои бошанда дар ҳаёти сиёсии кишвар ҳуқуқи баробари инсонӣ надоштанд ва доъияи ҳаққхоҳияшон бераҳмона саркӯб шудааст.

Салотини мустабъиди диктатурӣ баъзан бесаводи пашту (афғон) дар дуввуним қарни зимомдорӣ амдан (қасдан) қавми наҷиб ва силаҳшӯри саҳронишини заҳмакткаши худро пойбанди суннатҳои қабилавӣ берун аз шаҳр ва дур аз мактабу мадрасаву маданият, зери фармон нигоҳ доштааст ва бахши зиёди онро дар арозии (заминҳои) мафтуҳа, хусусан дар манотиқи марзии Шимол, Шимоли ғарб ва марказии шаҳрҳо сокин сохта, чарогоҳҳо ва заминҳои ҳамвори зироати мардумони бумиро ба лашкари фотеҳи худ подош дода бо фармони шоҳона санади мулкият содир кардааст, ки доим ба масобаи пояи қавмӣ ва лашкари мудофеъи давлати марказӣ ва арбоб дар маҳаллот ҳузури фаъол дошта бошанд ва дар замони зарурат ҳамчун абзори саркӯб алайҳи ақвоми бумии маҳал истифода шаванд. Дар ин ҷо иштибоҳ нашавад рӯйи сухан комилан мутаваҷҷеҳи шоҳон ва маҳофили ҳокимаи айём аст, ки аз мақоми қудрат бо иродаи озоди худ ба мардуми кишвар нораво ва ҷафо кардаанд, халқи заҳматкаши паштун ва ё афғон дар амалкардҳо бо иродаи озоди худ шарик набудаанд, масъул нестанд.

Шоҳони баъдиро (афғон ё паштун), ки бо пуштгармӣ ва ҳимояти истеъморгарони куҳан ҳукмфармо буданд ва ё

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ба фармонравоӣ расиданд, сиёсати «тафриқа андозу ҳукумат кун», шеваи корашон буд».

Дар ҳамин даврон дар ҷомеаи касирулмиллият, (бисёрмиллат) ба хотири ташдиди таззод номи кишвар ба номи як қавм ба Афғонистон иваз шуд. Истеъморгарон ба масобаи минтақаи «ҳоил» миёни қушунҳояшон сарҳадоти онро хаткашӣ намудаанд. Ақвоми бумии бошандаи онро дар Шимол, Шимоли ғарб ва ҷануб порча сохтанд ва доъияи ҳаққхоҳии мардумро ба зӯр хомуш ва бар он сарпӯш гузоштанд. Таззод ва ошуфтагиҳои миллӣ, гурӯҳбозиҳои қавмӣ - сиёсии сахтҷони кунунии ҷомеа ва даъвои илҳоқталабии марзии якҷонибаи дар ҷануб реша дар фаҷоеъи хунини гузашта ва вуҷуди табъизу амалкарди бади шоҳони қабоилӣ ва маҳофили муздур истеъмори куҳан дорад. Хонанда метавонад нақши шармовари шоҳони афғон - паштунро, ки дар муоҳидоти 12 гона бо Инглистон ва Русия аз соли 1809 - 1921 сурат гирифта ва низ таъини сарҳадот дар онҳо баён шудааст.[290]

Тағйири номи кишвар бо ангезаи нажодпарастона бо ҳувияти яке аз ақвом, ҳувияти миллиятҳои дигарро дар соя қарор додааст, талоши физоянда ва давомдори давлатҳо ва бархе гурӯҳҳои қавмгаро барои истиҳола ва нобудии ҳувияти миллӣ ва фарҳангии ақвом ва миллиятҳои дигар ва канор задани забони форсӣ, ё дарӣ сурат гирифт ва то ҳол идома дорад. Онҳо, ки тафаккури нажодпарастии андешаи ақибмондаи ибтидоии таърих аст, ба ҳамин хотир дар дуюним аср ҳукмронӣ дар эҷоди ваҳдати миллӣ ва миллатсозӣ ва офариниши тамаддун ва пешрафт дар кишвар муваффақ набудааст. Ба қавли Вил Дюрант дар таърихи тамаддун «нажод созандаи тамаддун нест, тамаддун аст, ки созандаи як миллат аст.»

---

290 Мирмуњаммад Сиддиќи Фарњанг, «Афѓонистон дар панљ ќарни ахир» љ. 2, сањ. 813 - 835

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ёдоварии ин нукта лозим дониста мешавад, ки мавзӯи забони давлатӣ, ё бартарии забони пашту дар нисбат ба забони форсӣ, ё «дарӣ» унвон додани он, аз рӯзҳои кӯчбандии қабилаҳои афғон - пашту ба марказ ва шимолу шимоли шарқии кишвари Хуросони ба Афғонистон табдил гашта, баҳсбарангез буд ва ҳоло низ ҳалнагашта боқӣ мондааст.

Ин ки Хуросону Варорӯд маҳди забони форсӣ буд ва ин забони аҳуроӣ аз ин сарзамин ба Эрони имрӯзин ворид гаштааст, ба огаҳони таърихи забони форсӣ равшан аст. Ҳама медонанд, ки забони форсӣ, ки дар сайри таърихии дуру дарози хеш бо эҷоди ҳазорон осори беҳамтои адабӣ сарвати бебаҳои сухангустариро гирд овардааст, садҳо сол забони давлатии кишварҳои Ҳинд ва Туркия низ будааст. Дар қиёс бо он пашту забони танҳо кӯҳнишинони қабиласолор буда, адабиёти пашту пешинаи беш аз садсола надорад. Соҳибони забони форсӣ, ки ба гурез аз ин ном, дар Афғонистони имрӯзин онро дарӣ унвон кардаанд, барои нигаҳбонии забони ниёкон ба тағйир ворид кардани ҳар як вожаи он сина сипар кардаанд. Бад - он сон ки барои бардоштани вожаи «донишгоҳ» ва дар ивазаш кор бурдани вожаи «пуҳантун», чанд сол пеш, донишҷӯёни Донишгоҳи Кобул рӯйи по бархоста нагузоштанд забони модариашон олуда гардад.

Дар ин маврид Муҳаммад Башири Бағлонӣ навиштааст: «Метавонам бигӯям, ки агар гаҳвораи парвариши қаламрави забони дарии форсиро маҳдуд ба Афғонистони кунунӣ бидонем, иштибоҳ мекунем ва агар ба Хуросон бипазирем, Афғонистони кунунӣ, Мовароуннаҳр ва то Нишопури Эрони кунунӣ, ки аз шаҳрҳои машҳури Хуросон будааст, ҳамаро дар бар мегирад ва баъдан дар шабаҳи қораи Ҳинд ва ҷоҳои дигар маъмул шудааст. Равшан аст, ки баъд аз авҷгирӣ ва тавсеъаи тадриҷӣ, ки ҷунбишҳои озодихоҳӣ дар ҷуғрофиёи

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Хуросони даврони исломӣ ки ба шикасту қайду басти сиёсиву фарҳангии аъроб мунҷар гардид, забони форсии дарӣ бори дигар аз замони сарсилсилаи саффориён ҷавлонгоҳу ҷойгоҳи баланду фарох ёфт, ки баъдан василаи омӯзиши улуми табиъӣ, таърих, риёзиёт, физик, кимиё, ҳикмату фалсафаи назариву илмиву ирфонӣ буд, ки дар ҳамсӯйии назар ва тақвияи муносиботи инсонӣ ва таҳкими ҳамбастагии ақвоми бошанда дар минтақа нақши муҳиму муфид анҷом медод ва дар қарни XVIII ба вуҷуд омадани низоми қабоилии ҷангҷӯ, чӣ бо ангезаи кишваркушоӣ ва футуҳот дар заминҳои ҳамҷавор ва чӣ бар пояи ихтилофот миёни хонаводагӣ ва қабилавӣ, бар сари тақсими қудрат аз як сӯ ва аз сӯйи дигар ихтилоф ва рақобати сиёсиву низомии истеъморгарони куҳнаи форси Шарқу Ғарб дар қарни XIX, ба хотири ҳадафҳои тавсеъаталабона, зуҳури офату балои бузурге буд, ки маҳди парвариш ва қаламрави роиҷи забони форсии дариро дарҳам кӯбид. Саранҷом бисоташро аз Ҳинд, Осиёи Сағир ва Осиёи Миёна барчид.

Дар моддаи 35 тарҳи Қонуни Асосии соли 1343 (1964) – и Муҳаммад Зоҳирхон дар Лӯйи Ҷирга (Шӯрои Олӣ), бо ин баён, ки аз ҷумлаи забонҳо «забони пашту забони миллӣ бошад» пешкаш гардид, ки бисёр баҳсангез воқеъ шуд ва мухолифати шадиди аксарияти намояндагони ғайрипаштунро барангехт. Саранҷом бо мудохилаи подшоҳ, ки меҳвари қудрат буд, бад – ин гуна дар Қонуни Асосӣ тасҷил шуд: "Давлат муаззаф аст программаи муассире барои инкишоф ва тақвияти забони миллии пашту вазъ ва татбиқ намояд. Додани имтиёз ба забони пашту тавъам бо пуштивонаи сиёсиву иқтисодӣ вуҷуди бартарихоҳӣ, табъизу нобаробарии забониву миллӣ, демократияи тоҷдори шоҳро нишон медод».[291]

291 Муњаммад Башири Баѓлонї, Дар бораи забони дарии форсї ё форсии дарї. www. ariaye.com

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Профессор Расули Раҳин ёдовар мешавад: «Маҳмуди Тарзӣ (шоири афғон) муътақид буд то мавқеъияти забони паштуро дар муқобили забони форсӣ, ки Тарзӣ ва ҳамкоронаш забони паштуро забони афғонҳо мехонданд тақвият ёбад ва мегӯяд: пашту, афғонӣ табалури (намоёнгари) ғурури миллӣ ва «аҷдоди забонҳо» ва забони воқеъии миллӣ пиндошта шавад. Аз ин лиҳоз ин забон бояд ба тасмими гурӯҳҳои қавмии Афғонистон омӯзиш дода шавад. Заъф ва иштибоҳи дигари изҳороти Тарзӣ дар мавриди забони форсӣ ин буд, ки ӯ расмияти забони форсии дариро дар Афғонистон ёдгори ҳукумати собиқаи Эрон талаққӣ мекард. Ба гуфтаи ӯ «Ҷаҳониён миллати моро Афғонистон ва моро афғон мегӯянд». Ӯ ҳамчунин иддао мекунад, ки «адабиёти миллии форсӣ» ориятӣ буда, бояд адабиёти миллии афғонӣ расмӣ карда шавад». Соли 1936 Зоҳиршоҳ дар бораи забони пашту фармоне баровард, ки дарсомӯзӣ дар мактабҳои Афғонистон бо забони пашту амалӣ гардад. Дар ин маврид профессор Расули Раҳин чунин менависад: «Тадриси ҳама мазомини дарсӣ ба забони пашту оғоз шуд, ки тақрибан даҳ сол идома ёфт ва натоиҷи манфии он наздик буд низоми маорифи кишварро бо сукут мувоҷеҳ кунад, зеро чунончи гуфта шуд, забони форсӣ забони қабулшудаи омӯзиш барои ҳама ақвоми кишвар ва ҳатто берун аз ҷуғрофиёи кишвар буд». [292]

Дар Афғонистон ҳанӯз дар солҳои 1963 ҳизби миллатгароӣ ва навфошистии «Паштун миллат» амал мекард, ки маҷаллаи «Тулӯъ афғон» - ро солона чопу паҳн мекард. Дар яке аз шумораҳои он шеъри профессори Донишгоҳи Кобул Абдулҳай Ҳабибӣ ба чоп расида буд, ки аз қавми паштун талаб мекард, то барои фарогирии паштунӣ аз шамшер кор бибаранд:

[292] Расули Раћин, Ягонагии забони форсї дар дењкадаи љањонї, Стокголм, Шведсия, 1389/2010, с. 199

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Қавми ман эй тудаи волонажод!
В-эй ниёкони ғаюрат марду род!
Бо ту дорам гуфтугӯи маҳрамӣ,
То зи асрори ҳаёт огоҳ шавӣ.
Бишнав эй паштуни босидқу сафо,
Ҳофизи куҳсору қалби Осиё.
Гар бузургӣ хоҳиву озодагӣ,
Бо чу ислофи ғаюрат зиндагӣ.
Аввалан пашту лисонат зинда соз,
Ҳам бар ин шолуда кохат барфароз.
То тавонӣ такя бар шамшер кун,
Қасри миллатро бар он таъмир кун![293]

Набояд нодида гирифт, ки ин баҳсу музокираҳо ҳанӯз ҳам аз минбарҳои сиёсии кишвари Афғонистон, ба вижа аз забони шоир ва сиёсатманди шинохта Латифи Пидром пайваста садо медиҳанд ва гумон намеравад, ки ба зудиҳо ин бомбаи дерамали империалистӣ аз сарзамини ошуфтабори Хуросони аҳуроӣ берун ва безарар гардад.

Хешёбӣ ва худковие, ки дар пиромуни Афғонистон ва тоҷикони он ҷо кардем, пеши мо пурсишеро мегузорад, ки киҳо ва чаро ба сони Хуросонро ба Афғонистон тағйири ҷойном карданд, ба зистгоҳи мо замоне ҷойноми «Мовароуннаҳр» ва замони дигар «Туркистон» - ро часпонданд? Бо таассуф мебояд ёдовар шуд, ки посухе бар ин пурсиш на дар омӯзаҳои мактабӣ ва на дар андаруни барномаҳои омӯзишии донишгоҳӣ пайдо карда наметавонем. Яъне як тоҷикро аз навҷавонӣ то синни муайян, на дар мактаби миёна ва на дар мактаби олӣ намефаҳмонанд, ки зодбумаш чӣ ном дошт ва он номро кӣ ба забони бо ӯ бегона унвонгузорӣ кардааст. Аммо ин ҳамаро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

[293] Абдулњай Њабибї, мудири «Тулўъ афѓон» с. 1317/1938

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

сиёссати давлатсозӣ вобаста ба хештанёбӣ ва худшиносӣ пайваста таъкид мекунанд.

Ҳама медонанд, ки ҷойноми Мовароуннаҳрро арабҳо ҳамчун истилоҳи этнодавлатӣ пас аз забти Варорӯд дар садсолаи 7 мелодӣ номгузорӣ кардаанд, ки маънияш «он тарафи дарё» мебошад. Дар бораи ҷойноми Мовароуннаҳр ховаршиноси номӣ В.Д. Бартольд (1869-1930) гуфтааст, номи вилоятҳои кишоварзии шимоли дарёи Омӯ, ки аз тарафи арабҳо ишғол шуда, ба ислом тааллуқ доранд. Марзҳои Мовароуннаҳр дар самти шимолу шарқ дар он ҷойе интиҳо меёбад, ки таъсири дини ислом ба поён расад. Ин ҷойном аз роҳи адабиёти арабӣ ба забони форсӣ роҳ ёфта, то ҳанӯз ба кор меравад. Дарвоқеъ, вожаи арабии Мовароуннаҳр тарҷумаи тоҷикӣ - форсии Варорӯд , Фарорӯд, Варзрӯд, Варазрӯд, яъне он сӯйи рӯд мебошад.

Акнун бубинем, ки сарзамине, ки ҷойноми фаротаърихиаш Ориёно, Ориёнвиҷ ва замоне Хуросон буд, пас аз забти араб Мовароуннаҳр ва сипас Туркистон ном гирифт. Чаро ва кӣ ин номгузориро пазируфт?

Ба гумони мо ин номро ба сарзамини Варорӯд пеш аз ҳама дарбориёни Русияи подшоҳӣ нисбат додаанд. Шояд бо назардошти он ки чиноиҳо (хитоиҳо) вилоятҳои турктабори Ғарби Хитойро «Туркистон» унвон карда буданд, русҳо низ ба мустамликаи нави худ ин номро раво дидаанд. Дар адабиёти классикии форс - тоҷик номи Туркистон ҳамчун музофоти дар кишвари Чин ҷой дошта ба чашм мехӯрад. Ба ёд меоварем ин байтро аз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ:

> Тарсам нарасӣ ба Каъба эй, аъробӣ,
> Ин роҳ, ки ту меравӣ ба Туркистон аст.

Аммо дар ибтидои асри 20 ховаршиносон, аз ҷула М. Хартманн дар мақолаву пажӯҳишҳои худ таъйид карданд,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ки ҷойноми Туркистонро ба Мовароуннаҳр нисбат додан нодуруст аст. Бартолд пиндорҳои болоро напазируфта такя бар он дошт, ки ҷойноми «Туркистон» ба истилоҳоти илмӣ пас аз номгузории англисҳо ривоҷ пайдо кардааст ва дар навбати худ онҳо ин номро аз эрониҳову афғонҳо баргирифтаанд. Бо ин ҳама дар мавриди ҷойноми Туркистон донишманди шинохта натавонист далели поядореро намуна оварад.

Дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гарчи ба фалоти Варорӯд бештар истилоҳи ҷуғрофиёии Осиёи Миёна, ё Осиёи Марказиро (Средняя Азия, Центральная Азия) ба кор мебурданд, вале вожаи Туркистон дар унвони округи ҳарбӣ, ба гунаи «Округи ҳарбии Туркистон», («Туркестанский военный округ») то пошхӯрии кишвари шӯроҳо ривоҷ дошт.

Ногуфта нагузорем, ки дар рӯзгори мо низ ҳастанд сиёсатпешагоне, ки мехоҳанд ҷойноми «Туркистонро» дубора ба расмият дароваранд. Аммо хушбахтона мо Сарваре дорем дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомлӣ Раҳмон, ки он туркистонгароёни дигаргунсози харитаи ҷаҳонро, обурӯи ҷаҳонӣ ва сухани поядору қатъияшон садди роҳи онҳо мебошад.

То ки ин навишторҳоро барои чоп омода мекардем, томгароёни худро «Толибон» унвон дода саросари кишвари Афғонистонро ба даст даровара, ба куштори тоҷикон пардохтанд. Ба зудӣ меҳани Ҳанзалаи Бодғисӣ, Робиаи Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Соми Наримон, Рустами Дастон ва ҳазорон сухансароёну родмардон куноми лошахорону шағолон гардид. Забони дарӣ аз корбурди расмӣ, аз минбару саҳна барканор гардид. Ончуноне дар Афғонистон шунида будам дар солҳои фармонфармоии Муҳаммад Зоҳиршоҳ (соли 1964) «Луйи Ҷирга» (Шӯрои Олӣ) кароре тадвин кард, ки аз рӯи он забони давлатии

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

кишвар танҳо забони пашту эълон гардад. Ҳамон рӯз чаҳор ҳавопаймои ҷангии «Ҷит» - и кишвари Эрон дар болои Кобул чанд бор чарх зада, болафшонӣ карданд. Ҳангоме ки вазорати корҳои хориҷии Афғонистон ба шоҳи Эрон эътироз фиристод, посух гирифт, ки «...ин ҳушдор буд, бар он ки забони форсиро аз мақоми давлатӣ маҳрум кардед». **Ин бор дар рӯзгори мо танҳо як шахсияти сиёсӣ - Пешвои миллати тоҷик Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон генотсиди тоҷиконро дар кишвари ҳамсоя маҳкум кард ва аз ҷониби миллатгарои фошистмаоб, узв ва яке аз созмонгари ҳизби «Паштун миллат», Гулбиддини Ҳикматёр посух расид, ки гӯё Сарвари Тоҷикистон ба корҳои дохилии мамлакати онҳо мудохила мекунад.**

Нависанда ва публитсисту адиби нуктабин Дорои Дӯст дар пурсишу посухе бо устод Акбари Турсон дар баробари нуктаҳои зиёди равшангар ин сатрҳоро дар пиромуни забони дарӣ дар кишвари Афғонистон бозовардааст, ки ниҳоят омӯзанда мебошанд: «Аксарияти мутлақи васоили иттилооти ҷамъӣ ба забони дарӣ чоп мешуд. Ҳатто бештар ё гоҳо ҳамаи матолиби расонаҳои гурӯҳии муҷоҳиддин-аз шабномаҳо гирифта то маҷаллаҳо ба забони дарӣ буд. Ба нохости даврони оташу хун нашри китоб, аз ҷумла китобҳое, ки аз ҷойгоҳи шоистаи забону фарҳанги тоҷик ба дарозои таърих дар он хоки обоияш ҳикоят мекарданд ва ба худ бастани омадаҳои озманд, он фарҳанги дурахшону сарзаминро пас мезаданд, ба масал, пажӯҳиши устод Ғубор «Афғонистон дар масири таърих» ба забони дарӣ афзуда буд.

Бо омадани мучоҳиддин ба сари қудрат ва дар аҳди ҳукумати устод Бурҳониддини Раббони ва сипаҳсолори зинданом Аҳмадшоҳи Масъуд суруди миллӣ тоҷикӣ шуд. Аммо дар даврони раёсати овардаву нишондаи Амрико ҷаноби Ҳамид Карзай дар пуштибонӣ аз андешайи

ғаразманду дигарситези паштунсолорӣ суруди миллӣ дубора паштунӣ гардид. Акнун кор то бад-он ҷо расид, ки навиштану корбурди вожаҳои ноби тоҷикӣ-донишгоҳ, донишкада, донишҷӯ, донишёр ва ҳарчи ба дониш пайванд дорад, дар овезаҳо ва санадҳои расмӣ сарпечӣ аз қонун эълон шудааст. Вале забони пашту бо вуҷуди забони аксарияти ҳоким буданаш ба пояи забони муоширати қавмҳои гуногуннажоди кишвар-тоҷикӣ-дарӣ расида натавонист...»[294]

Дар поёни ин бахши навиштори худ мехоҳам боз ҳам ёдовар шавам, ки ин бор низ миллатгароёни паштутабор дини исломро шиори хеш карда, бо нидои «Аллоҳу акбар» ҳокимиятро ба даст оварда, аз пайи нест кардани бинишварони тоҷик ва забони дарӣ гаштанд. Як бародари афғонистонӣ ба инҷониб гуфт: «агар дин набуд толибон бар сари мардуми тоҷик чираманд шуда наметавонистанд. Дар дини ислом ҳар чӣ садоқат нишон диҳӣ дар чашми араб ҳеҷ менамояд, магар он ки дороиҳоятро барои сафари ҳаҷ харҷ кунӣ, зеро пулҳои ту ба хазинаи араб ҷамъ мешаванд. «Ихвон - ул - муслимин», яъне бародарони ислом, «Толибон», яъне талабагони ислом, ё мусалмонихоҳон, Аморати ислом, Ҳаракати ислом, Ҷомеаи исломӣ.... Бубинед, дар ин истилоҳот чӣ андоза макру ҳиларо ҷой додаанд, барои лагом задан бар даҳони порсигӯён ва ориёитаборон.

[294] Дорои Дӯст, Аќл ва адл, (Аз силсилаи гуфтугўњои Дорои Дўст бо донишманди барҷастаи тоҷик, Акбари Турсон), Душанбе, 2008; Дорои Дўст огоњона бандаки изо «и» - ро ба гунайи «йи» овардааст, ки  нависандаи ин китоб чунин шеваи баёни банда изофиро дуруст мегуморад. Ин ба он ишора мешавад, ки имлои нав њам ба ислоњ ни дорад. Моро мебояд дар ин росто ба ифодаи забони адабии тољикї, ки онро алифбои ниёкон таври боиста намоён месозад, ањамият бидињем. Яъне дар хондани ин сатри Турсунзода «Хонайи мо он ќадар њам дур нест..», ба сурати «Хонаи…» хонда шавад оварда мешавад.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

## Имрӯз чӣ гуна ҳастем?

**Чӣ паёмаде аз се шикасти маргбор бар пайкари афгори ориёиямон дорем? Оё тоҷикон метавонанд андешаҳои рабудаашонро бозёбӣ кунанд?**

Ба ростӣ ҳам имрӯз мо тоҷикон яке аз бозмондагони мардумӣ ориёӣ, чӣ гуна ҳастем? Аз он шикастҳои маргбори ҳазорсолаҳо ибрат гирифтаем?

Барои бозёфтани гумкардаҳои худ чӣ мекунем?

Пеш аз ҳама ба гузаштаҳои ҳазорсола ва гузаштаи на чандон дури худ (30 сол пеши худ) нигариста бидуни хурдтарин тавсифи ботантана ба Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои миллат самимона арҷ бигзорем. Ҳар гоҳ рӯ ба қибла оварда ба гузаштаи ҳафт пушти кадом авлиё раҳмат мефиристем, пеш аз он ба ҳафт пушти Эмомалӣ Раҳмон ситоишу омурзиш бихонем, ки дар лаҳзаҳои нестшавии миллати тоҷик рӯйи саҳнаи сиёсӣ баромада, бидуни иштибоҳ роҳеро пайдо мекунанд, ки миллати тоҷик аз ботлоқи маргбори абадӣ берун бароянд.

Бояд ба гирду атрофи худ бо чашми кушода ва зеҳни таҳлилӣ бингарем, ки масалан наздик ба 300 сол инҷониб тоҷикони он соҳили рӯди Ому, ки шуморашон на кам аз 20 миллион нафар аст, тоҷик будани худро рӯшод нишон намедиҳанд ва ҳар сол 10 - 20 ҳазор ҷавони худро бо дасти бегонагон ба куштан медиҳанд, ё ба тарки ватан вомедоранд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Бояд росту дуруст гуфт, набояд хушбину худбузургбин буд ва пеш аз ҳама боясти танбалии зеҳниро аз байн бурд. Пас аз шикастҳои маргбори таърихӣ, тоҷики моро танбалии зеҳнӣ дар ҳама ҷо чун соя ҳамроҳӣ мекунад. Хоҳ дар корбурди порчазамини назди ҳавлиаш, хоҳ дар коргирӣ аз забони поки модарӣ, хоҳ дар омӯзиши гузаштаи дураш, ба вижа дар ҷудо кардани сухани рост аз нcorrect.

Ин танбалӣ дар ҳазорон ҳолатҳои дигар тоҷикро ба иштибоҳҳо, нокомиҳо, ҳамдигарро нафаҳмиданҳо мебарад. Барои устуворсозии баёни боло басанда аст панҷаи шикастбори солҳои 1992 - 95 ро бар сари тоҷикон, ки шояд шикасти чорӯм ва поёни номи тоҷик буд, ёдовар шавем.

Чӣ водошт тоҷикро, ки киштзори заминҳои зархез, кӯдакони ба омӯзишу парвариш ниёзманд ва даҳҳо корҳои зиндагисозро ба канор гузошта ба даст силоҳи ҳамдигаркушӣ бо иродаи ду муллояки андакхондаи аз дунё бехабар дар сангарҳо макон гирад? Резондани хуни ҳазорон ҷавонони созмондеҳи генофонди миллатро дар саводи сари роҳ, натиҷаи танбалии зеҳнӣ нест? Магар ин ҳама паёмади рабудани андешаҳои пиндору кирдори неки тоҷикон аз ҷониби ифротгароён нест? Магар ин захми миллие набуд, ки бар рӯи захмҳои ҳанӯз дармоннаёфтаи таърих илова шуд?

Шоири бузурги мо Мӯъмин Қаноат бо як таассуфи хирадмандонаву зиракона решаи маънавии фоҷеаи солҳои 90-ро баён кардааст:

Зи Вахшу зи Панҷу зи шаҳри Қубод
Буни тоҷиконро баровард бод.
Ва ин бодро ҷаҳл бунёд буд.

Мо аз замонҳои истилои арабу турку муғул достонҳое механем, ки ҳар яке мояи шигифт ва афсӯс

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

мебошанд. Барои он ки хонанда гумон накунад ҳар намунае меоварем дарёфти худи муаллифи ин сатрҳост, рухдоди бунёди мадрасаи Бағдодро дар садсолаи 13 мелодӣ ёдовар мешавем. Алмустансир биллоҳ пас аз ниёиш ба тахти хилофат нишаст ва он мадрасаро дар Бағдод ҳафт сол пас аз бозгашти Чингизхон оғоз кард ва ганҷинаи бисёре дар роҳи он ба кор бурд ва чун дар соли 631/1252 сохтмони мадраса поён ёфт, бо шукӯҳи бисёре онро бикшод ва бар ивази омӯзондани илми ҳарб, шинохти асрори муҳандисӣ ва худшиносӣ, чандсад фақеҳу чандсад сӯфиро дар он ҷо нишонд, ки хӯроку пӯшоку дигар заруриятҳои зиндагиро барояшон таъмин мекарданд. Халифа ба зудӣ фаромуш карда буд, ки муғулон бо онҳо чӣ бераҳмиҳоро раво дида буданд. (Яқин аст, ки халифаи араб ниёзе ба омодасозии донишманди ҷаҳонбин надошт. Барои ӯ ба воя расондани фақеҳону дингароён бартар аз созандагони пулу роҳҳо, силоҳсозону донишварони дигар бахшҳои зиндагии мардумон буд. Ҳамон гуна, ки охунди баландмартабае дар замони мо гуфтааст, «.. мо аз он хушнуд нестем, ки ҳамватанамон муҳандиси хуб аст, ё сайёраеро кашф мекунад, барои мо муҳим он аст, ки ҳамватанамон динашро бипарастад, барои арзишҳои дини ислом ҷони худро дареғ надорад.»)

Оё пас аз ин достон тоҷикон, ё мусалмонон чӣ боясти кунанд? Оё набоясти аз гузашта панд гирифта бинишинанду (ба монанди русҳо) биандешанд, ки мояи ин бадбахтиҳо чӣ будааст ва барои оянда чӣ бояд кард? Оё набоясти бидонанд, ки муғулсириштон ва ё ифротгароёни фошистмаоби динӣ дубора хоҳанд омад ва дар андешаи чора бояд бошанд?! Вале таърих нек нишон медиҳад, ки мардум парвое намедоштанд, ва он достонҳои хунрезонаро фаромуш карда, ҳар гурӯҳе дар пайи зиндагии худ мебуданд.

Паёмади ин се шикасти маргбор ҳанӯз ҳам дар колбуди тоҷикон ҷой дорад. Бо оне ки шикасти чорумро миллати тоҷик маҳз бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон худ пешгирӣ кард, оҳангҳои шикастбор бо шеваҳои гуногун ҳанӯз ҳам дар фазои ҷомеа аз худбохтагиҳои ин мардум хабар медиҳанд; дар либоси олимиву пажӯҳандагӣ осори файласуфону адибони адабиёти классикии форс - тоҷик, аз ҷумла сӯфиёни дунёбезорро сутуданҳо, сатрпӯшондани занону ришмонии ҷавонон ва носростиҳои зиёде дар шинохти ҳамдигарону хештани хеш.

Шоиста ба гуфтан аст, ки намунаи оғози худбохтагии тоҷиконро метавон дар баёни номҳои тоҷикӣ дар китоби «Таърихи Табарӣ» дид, ки муаллифи он имом Муҳаммад ибни Ҷарир ат – Табарӣ (838 – 923), ҳанӯз дар охирҳои дусадсолагии чирамандии араб ба Эрону Хуросон, номҳои шоҳони замони пешдодиёнро, ки ҳазор сол пеш аз ҳамлаи араб зиндагӣ доштанд ва бо тозиён гарде ҳам пайвастагӣ надоштанд, бо пасвандҳои хонаводагии арабӣ, ба гунаи «Манучеҳр **ибни** Эраҷ **ибни** Фаридун», унвон гузоштааст.

Аз навишторҳои донишмандони номшинос дарёфтаем, ки номҳо нишонгари нажоду фарҳанг ва манишу ҳунари мардуми як сарзамин ё кишваранд ва шиносномаи фарзандони ҳар марзубум хонда мешаванд ва нишонгари он низ аст, ки соҳиби ном дар кадом сарзамин ё дар кадом фарҳанг зода шудааст. Ва яке аз рукнҳои миллатсозӣ вижагиҳои этнооқомастикии миллат мебошад, ки мутаасифона ба он вижагӣ дар ҷойҳо эътибор надода, ҳамзамон дастурҳои Пешвои миллатро дар ин росто амалӣ намекунанд.

Ва бо гузоштани номи бегона бар фарзанди худ, як вожаи муҳими бегонаро дар синаи фарҳанги худ ҷой медиҳем ва худ ба худ, ноогоҳона бегонапарастӣ мекунем ва ин фарҳанги чандҳазорсолаи аз бобоён ба мерос гирифтаро доғдор мекунем. Ва бо ном гирифтани номҳои

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

тоҷикӣ - ориёӣ дар фарҳанги номҳо, рози сухани модарӣ бозтоб мегардад. Чуноне ки мо агар бигӯем «Рустам», ҳатман родмарди меҳанпарварамонро ба ёд меоварем, ё агар бигӯем Манучеҳр чеҳраи равшани биҳиштиеро пеши рӯ меоварем ва ё агар номҳои духтаронамонро ёдовар шавем покию зебоӣ, лабханду дурахшонии чеҳраи бонуе пеши чашм меояд.

Ончуноне ҳама огаҳӣ доранд раванди бегонасозии номҳои тоҷикон дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ низ давом дошт. Аммо агар дар замони шӯравӣ танҳо пасовандҳои хонаводагиро (ба гунаи «ов» «вич») иваз карда бошанд, арабҳои фарҳанграбо тамоми номҳоро ба арабӣ баргардонда буданд. Яъне дар замони шӯравӣ тоҷике ба унвонҳои русии Николай, Валерий, Татяна, Ефросиня анқариб дида намешуд, аммо пас аз ҳамлаи араб, дар як замони кӯтоҳ номҳои сирф арабии Абуабдуллоҳ, Абулқосим, Хадичаву Кибриё ва монанди он ба ҳувияти тоҷикон ва соири ғайриарабҳо чиранд шуданд. Азхудбегонасозони замони шӯравӣ танҳо даст ба дигарсозии пасвандҳои хонаводагӣ бурда, онҳоро ба гунаи русӣ барсохта буданд. (Ба монанди Рустам Суҳробович, Бахтиёр Баҳромович...) Аммо агар бегонасозони шӯравӣ чун араб ҳама номҳоро ба шакли русӣ бармегардонданд, (ба сони Алексей, Николай, Ефросиня ..... ), дар он сурат тоҷикон чунин ному насаб пайдо мекарданд: Алексей Аллоҳуддинович, Николай Шамсуллоевич, Ефросиня Қудратуллоевна ... Вале арабҳо дар нисбат ба русҳо ки истилогартар ва фошистпеша низ буданд, барои тоҷиконро ба гунаи Сайфиддин валади Саймунтақим ибни Абуало, ё Абумустақим валади Қутбуддин ибни Абуаловуддин унвон гузоштан, комёб шуданд ва тоҷик чунин номгузории бегонаро ҳамчун як падидаи воқеӣ пазируфта, ба сар заррае ҳам андешаи бохтани асолати миллии хешро ҷой надод.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Пас аз истиқлолияти давлатӣ ба даст овардан, на танҳо андешаваронy донишиён, балки кишоварзону пешаварон низ рӯ ба гузаштаи таърихии миллати худ оварда, номҳои асили тоҷикиро барои фарзандону наберагони хеш мепазируфтанд. Аммо солҳои ахир тоҷикони зудбовари мо, дингароёни ба коми хирадбохтагӣ фурӯ рафта ба таблиғоти мутаассибони куҳанкор, ки тухми заҳрпечаки ақидаҳояшон аз Нимҷазираи Араб ба кишвари форсигуфторон кошта мешавад, гӯш фаро дода, на танҳо рӯ ба номгузории арабӣ овардаанд, балки номҳои тоҷикии поке, чун Ҷамшед, Фаридун, Сиёвуш, Исфандиёр, Рустам, Суҳроб, Курӯш, Дориюш, Фарҳод, Ораш, Аршак, Аршом, Меҳнӯш, Фараҳнӯш, Фараҳноз, Аноҳид ва монанди онро, ки гӯёи ростиву дурустӣ, меҳрварзиву дурахшандагӣ, тавоноиву родмардӣ, зебоиву дӯстӣ мебошанд, ба тағйир додан бо номҳои иқтибосӣ аз саргузашти миллатсозони яҳудӣ, монанди Иброҳим (Авраам), Исмоил (Самуэл), Мусо (Моисей - Моше), Исо (Иусус), Довуд (Давид), Сулаймон (Соломон) ва ғайра оғоз намуданд. Арабисозони номҳои тоҷикӣ рози худбохтагии миллиро дар пушти пардаи худоҷӯӣ ва динпарастӣ ниҳон дошта, бештари онҳо ин корро ноогоҳона ва ё дар зери таъсири таблиғоти миллатгароёни араб ба анҷом мерасонданд ва ҳоло низ чунин мекунанд. Онҳо ба ин воқеъият дарнамераванд, ки арабҳо ба номҳои миллии худ ҳассосияти сахт дошта, ҳатто мақомоти расмии давлатиашон роҳ намедиҳанд, ки шаҳрвандон ба фарзандони хеш номҳои форсӣ – тоҷикӣ гузоранд. Ончуноне аз расонаҳои хабарӣ огоҳ шудем, як шаҳрванди Арабистони Саъудӣ, бо номи Аҳмад Шафиқ дар шаҳри Мадина номи фарзандашро Дориюш гузоштааст ва бо интиқоди сахти мақомоти давлатии Арабистони Саъудӣ гирифтор шуд ва фарзандаш аз хуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум гардид. Бо дастури мақомоти судии Арабистон, Дориюшро аз тамоми имтиёзҳое, ки ба як шаҳрванди

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

арабистонӣ дода мешавад, маҳрум намудаанд. Мақомоти судӣ гуфтаанд Дориюши Шафиқ дар он сурат аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ бархурдор мешавад, ки номи худро тағйир дода, номи арабӣ интихоб кунад, зеро арабҳо аз номи форсӣ ба фарзандони худ гузоштан, нанг доранд. Аммо чуноне ба чашм мехӯрад тоҷикони мо бо як ифтихори ноогоҳона ба фарзандонашон номҳои арабӣ мегузоранд ва бештари онҳо аз надонистани таърихи номгузории арабҳои бодиягард ва дарнарафтан ба маънии номҳои арабӣ, ин корро мекунанд. Набояд аз дида дур дошт, ки номи арабӣ каси огоҳу китобхондаро ба гузаштаи таърихии мардумони аз мо дар дуриҳо ҷой дошта, ба нимҷазираи Синой (зистгоҳи арабҳо ва яҳудиҳо) мебаранд.

Арабҳои пешазисломии ниҳоят ҷоҳилу бефарҳангу хурофотӣ, гумон доштанд, ки агар номҳои фарзандонашонро бо унвони ҷонварон бигзоранд, ҷину париёнро гумроҳ сохта, аҷалро аз онҳо дур мекунанд. Ҳамон гуна ки дар миёни онҳо номҳои Абӯҳурайра (ابوحریره), яъне падари пишак (гӯрба), Усмон (عثمان) – бачаи мор, Осия (عاصیه) – зани гунаҳкор, саркаш, исёнгар (зани Фиръавн - Фараон), Сумайя (سمیه) – гӯшвазнину кар, Аббос (عباس) – баргирфта аз абас (абус), ба маънои ахму, бисёр туршруву тарснок ва монанди он фаровон ҷой дорад. Афзун бар ин мебояд донист, ки зиндагии биёбонгардии араб пайвастагии сахт ба шутур дошт, бинобар ин маънии бисёре аз номҳои арабӣ ба вижагиҳои шутур ишора доранд. Чунончи Ҷаъфар (جعفر) – шутури пуршир, Фотима (فاطمه) – бачаи шутури зард, ҳамчунон бачаи шутури модае, ки аз шири модар ҷудо шудааст, Хадиҷа (خدیجه) – бачаи шутуре, ки пеш аз вақти таваллуд ба дунё омадааст (ба забони русӣ «выкидыш»), Забеҳ (ذبیح) - чорпое, ки сарашро буридаанд. Ногуфта нагузорем, ки араб ба бегонагони зери асораташон афтода, қасдан номҳои таҳқиромез низ мегузоштанд ва тоҷикону ғайриарабҳо аз нодониву ночорӣ

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

он номҳоро мепазируфтанд. Ба монанди Руқия – (رقيه ), соҳир, ҷодугар, Ғулом – ( غلام), барда, ё асири ҷанг ва маҳрамбача, Буқайра (بقيره) – модагови беарзиш ва монанди он. Ногуфта намонем, ки ягон араб, на дар замони пеш ва на ҳоло Ғулом ном надорад, зеро ғулом аз калимаи «ғулм - غلم» меояд, ки маъниаш бахраварии ҷинсӣ аст ва арабҳо ба писарбачаҳое мегуфтанд, ки аз онҳо сӯъистифода мекарданд. Шоири шинохта Суҳроб Сипеҳрӣ дар ин росто бо кароҳат гуфтааст:

Ман, ки номам номи тозӣ гаштааст,  
Гоҳ ғуломи ину гоҳ он гаштааст.

Боясти аз ёд набурд, ки араб бо номгузории худ ҳадафи асосиашро ба даст овард, зеро дигар имрӯз донишмандони барҷастаи ҷаҳон, ки кошифони як идда қонунҳои физикаву кимиёву тиб мебошанд, дар ҷаҳони тамаддуни рӯзгорони мо, бо унвони «олимони мусалмон» (мусульманские ученые) ёдовар мешаванд ва бо вожаи «мусалмон» онҳо бештар арабро дар нигар доранд. Бад – он сон ки дар ҳафтаномаи русие хонда мешавад: «Знаменитый европейский ученый Жак Рислер утверждал, что «учителями математики нашего Возрождения были мусульмане». Основоположник алгебры Хорезми (780–850**)** впервые использовал цифру ноль. Он написал первую книгу по ал – гебре под названием «Аль-Джабр ва аль-Мукабиле». Слово «Аль-джабр» из названия книги, подвергшись изменению в произношении западных ученых, стало звучать как «Алгебра». («Донишманди овозаманди аврупоӣ Жак Рислер бар он аст, ки «устодони илми математикаи давраи Боззоӣ мусалмонон буданд». Асосгузори илми алгебра Хоразмӣ ба бори нахуст рақами сифр (нол) ро ба кор бурдааст. Ӯ нахустин китоби алгебраро зери унвони «Ал ҷабр в – ал Муқобила»,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

навиштааст». Вожаи «Ал ҷабр» аз номи китоб баргирифта шуда, бо тарзи гӯиши донишмандони Ғарб, ҳамчун Алгебра баён гардидааст».)

Ҳамин тавр донишмандони бузургеро чун Абул Вафо (940–998), Ҷобир ибни Афлоф, Исмоил ал Ҷазоирӣ (вафот соли 1206), Насираддини Тусӣ (1201–1274) ва чанди дигареро ҳар тоҷик бо худ ҳамсиришт буданашонро пай намебарад. Ва бисёр дидаем, ки аврупоиҳо, бинобар арабӣ будани номҳояшон, ба тоҷику форс будани Ибни Сино ё Абурайҳони Берунӣ бовар накарда, онҳоро араб гуморидаанд. Ва боясти дар нигар дошт, ки мо таркибҳои дар боло ишора шудаи «олимони мусалмон» (мусульманские ученые), «тамаддуни мусалмонӣ» (исламская культура) – ро бипазирем, аз фарҳанги миллии худ фосила хоҳем гирифт.

Мо дар мавриди номҳо суханронӣ карда мехостем ба мавзӯи номгузории миллӣ рухдоди нави дигареро ёдовар шавем, ки метавон гуфт баёнгари нохудогоҳӣ ва ё худбохтагии миллии он ҳамвандонамон мебошад, ки дар умури идории ҳукумат, маҳз сабти ҳолати шаҳрвандӣ кор мекунанд. Ва ё шояд дар байнашон арабгарову туркгароён ҷой пайдо карда бошанд. Дӯсти дар шаҳри Душанбе зистгоҳ дошта бо дард ба ман гуфт, ки бо пайравӣ ба Шумо хостам набераамро Дориюш ном диҳам, аммо маъмури шуъбаи сабти ҳолати шаҳрвандӣ бо баҳонаи набудани чунин ном дар феҳристи расмии номҳои тоҷикӣ[295], ба мо шаҳодатнома надод. Мо ба назди мудири он шуъба рафта як соат барояш аз таърихи тоҷикон гуфугӯ доштем ва чуноне он бонуи давлатӣ изҳор доштанд «танҳо аз хотири устод - яъне инҷониб номи навзодро Дориюш хоҳад навишт, вале бим дорад, ки ягон рӯз санҷишгарон барои ин хилофрафторӣ ӯро ҷазо муқаррар хоҳанд кард».

---

[295] Бояд гуфт, ки баъдҳо - ду сол пеш номҳои Дориюш, Аршак ва Аршомро ба феҳристи номҳо ворид карданд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Хеле таассуфовар аст, ки муаллифи феҳристи номҳои тоҷикӣ ё аз фарти камсаводӣ, ё аз нописандӣ ба гузаштаҳои миллат, аз ҷумла надонистани таърих ва ё шояд бадбинии гузаштаи пурифтихори тоҷикон, дар китоби беарзиши худ, номҳои зиёди пурифтихори тоҷиконро ба сабт нарасондааст. Бубинед, надонистани саргузашти Дориюши Бузург, ба сони Куруши Бузург то чӣ андоза як тоҷикро ба худноогоҳӣ бурда, аз гузаштаи пурифтихораш гусаста месозад. Аммо;

Дориюш яке аз шоҳони бузурги ҳахоманишиён буд, ки таърихи ҷаҳон ба ӯ низ ҳамчун ба бобозодааш Куруш унвони «Бузург» нисбат додааст. Дориюш давомбахши корҳои Куруши Бузург буд.

Роҳҳои дар замони Ҳахоманишиён сохта, аз ҷумла дар замони ҳукуматронии Дориюши Бузург аз Тахти Ҷамшед то Хоразм дарозӣ дошт, ки байни масофаи ҳар 24 километр истгоҳе вуҷуд дошт бо меҳмонсарой, тавилаи дорои чандин сар асбҳо, ба хотири иваз кардани он асбҳое, ки дар роҳ ба иллате гирифтор шудаанд. Ин истгоҳҳо нуқтаҳои мухобира (алоқа - почтаи давлатӣ шуморида мешуданд.) Чуноне таърихнигорон овардаанд, аз пойтахти Ҳахоманишиён то Хоразм 300 истгоҳ хидмат мерасонд ва масофа байни пойтахт ва Хоразм 7200 километрро ташкил медод.

Дар замони шоҳии Дориюш ба дарозии 2500 километр хати обрасонӣ ва ташноб (канализатсия) кашида шуда буд.

Таърихшиноси америкоӣ Девид Стронг мегӯяд, ки системаи каналҳои зеризаминии Дориюш дар сатҳи муҳандисии имрӯза сохта шуда буданд. Аксаран аз сарчашмаи обҳо то ба масофаи 20 ва 40 километр каналҳои зеризаминӣ (корезҳо) канда шудаанд ва шигифтовар он аст, ки зовияи тамоюли каналҳои зеризаминии обгузар дар нишебии 25 то 50 миллиметриро ташкил медоданд. Ин бар

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

он маънӣ мебошад, ки канал аз сарчашма то ҷойи обрасонӣ пайваста рӯ ба нишебӣ нигаронида шудааст ва зовияи нишебӣ на он қадар зиёд аст, то ки об ҷамъ шуда, деворҳои нақбро шуста набарад. Ин ҳунари баланди иженерие аст, ки коршиноси имрӯзаро дар ҳайрат мегузорад. Гуфтори Девид Стронгро инҷониб аз намоиши телевизионии шабакаи РТР (Русия) шунавида будам. Боиси ифтихор аст, ки ӯ ҳунари обрасонии гузаштагони дури мо, аз ҷумла Дориюши Бузургро баҳои баланд дода буд ва тарҷумон он гуфторро ба русӣ чунин баргардон кард: «Умение перебрасывать воду дало персам преимущество. Инженеры Дария очень грамотно владели системой дренажа. За 2000 лет до римских акведуков в сухом, персы перебрасывали огромные количества на значительное расстояние в жарком климате». («Ҳунари интиқол додани об ба форсҳо бартарӣ бахшид. Муҳандисони Дориюш ниҳоят коршиносона аз усули дренаж огаҳӣ доштаанд. «Ду ҳазор сол пеш аз акведукҳои римиҳо дар шароити хушкӣ, форсҳо ҳаҷми бузурги обро дар иқлими гармо ба масофаи чашмгир интиқол медоданд».) Ногуфта нагузорем, ки ёдгориҳои таърихии системаи обгузаронии Дориюши Бузург - корезҳо то имрӯз дар кишвари мо боқӣ мондаанд. Дар Кӯлоби бостонӣ ду маҳаллаи атрофи он бо номҳои Корези Боло ва Корези Поён ҳанӯз ҳам ёд мешаванд.

Пас аз он номгузории Дориюш ба феҳристи номҳои тоҷикӣ аҳамият додам ва пай бурдам, ки номҳои бостонии сирф тоҷикӣ - ориёӣ вуҷуд надоранд. Чунончи номи Аршак - шоҳе, ки давлати селевкиёнро дар Марв барҳам дода худ бар тахти сарварӣ нишаст. Он муаллифи ноогоҳ, ё ғараздор дар зери номҳои бо ҳарфи А оғоз ёфта, номеро ба гунаи Аршад овардааст, вале на Аршак. Шояд дидаву дониста чунин карда бошад, зеро Аршад вожаи арабӣ буда, маъниаш «калон» мебошад, яъне рашид. Ҳамчунон дарёфтам, ки номи Аршом низ аз пеши назари муаллифи

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ноогоҳ афтидааст, ҳол он ки Аршом падари Ҳахоманиш, сарвари сулолаи ҳахоманишиён мебошад. Ва ё то ҳанӯз набераи нависандаи ин сатрҳоро, ки Аноҳид номаш гузоштаам, ходими Идораи сабти шаҳрвандӣ, беҳтараш ЗАГС бо якравӣ иддао дорад, ки Аноҳид номи тоҷикӣ нест, гарчи хостем бифаҳмонем, ки Аноҳид ҳамон Зуҳраи арабӣ мебошад ва он ном дар забони русӣ ва аврупоӣ Венера мебошад.[296] Ҷойи гуфтан аст, ки маъмурони давлатии вобаста ба номгузории миллӣ аз сиёсати миллатсозии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бехабаранд, зеро Пешвои муаззами миллат дар раванди миллатсозӣ ба яке аз вижагиҳои миллатсозӣ ҷанбаҳои ономастикаи миллӣ - (этнооностикӣ) - ро дар ҷойи намоён гузоштаанд.

Чуноне дида шуд худбохтагӣ ва худфаромушии асолати ориёии тоҷикон то ҷое расидааст, ки номи Дориюш, ки императории Ориёноро бунёд гузошта буд, ба фаромушӣ супорида шудааст ва касе, ки бихоҳад фарзандашро бо номи бобокалони бобояш номгузорӣ кунад намепазиранд, ба монанди Аршом (падари Ҳахоманиш), Аршак сарвари сулолаи ориёӣ, аммо агар бихоҳад ба ӯ номи Искандар, Асад бини Абдуллоҳ, Аббос, Ваққос, Темурхон ва ҳатто Чингиз бибахшояд, маъмурони сабти ҳолати шаҳрвандӣ номи он қотилони гузаштагонамонро бо хушнудӣ мепазиранд. Бубинед, магар як рус метавонад фарзандашро бо номҳои Адолф, Гитлер, Гебелс, Бендер, Батий, Нанай ва монанди онҳо номгузорӣ кунад. На ҳаргиз! Ҳатто кӯдаке бо чунин ном,

[296] Дар рӯзҳои чопи ин китоб вақти пурарзиши Вазири муҳтарами адлияи Тоҷикистон ва худро дареғ надошта, ба қабули он кас рафта, арзамро баён кардам. Вазири муҳтарам бо як кордонӣ ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон телефонӣ гуфтугӯ карданд. Ба Кумитаи забон рафта бо коршиноси бодониши он ниҳод суҳбат доштем, ки пас аз ҷаласаи машваратӣ, номи Аноҳид ба Феҳристи номҳои тоҷикӣ афзуда шуд.

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

дар байни ҳамтоёни худ наметавонад осуда бошад, зеро ба масхараи дигарон гирифтор хоҳанд гашт.

Гузашта аз ин моро ончунон худбохта кардаанд, ки тамғаи нангбори бар пешониамон куфтаи арабро ҳазоруанд сол нигаҳ дошта, гоҳе аз он бо боландагӣ ёд мекунем. Сухан дар бораи вожаи «АҶАМ» меравад, ки маъниаш кару гунг буда, аз нафаҳмидани забони арабони ишғолгар, ҳамлаварон моро чунин ном ниҳода буданд.

Бо такя ба донишномаи Британика калимаи «аҷам» дар забони арабӣ ишорае бахусус ба форсизабонон аст ва ба маънои фардест, ки тавоноии гуфтори дурусту саҳеҳро надорад, яъне гунгу кар аст. Монанди калимаи «немой» - лол, хомуш, дар байни славянҳо, ки ишораест ба олмониҳои бегона бо забони русӣ, яъне немец - кару гунг. Дар ҳақиқат аҷам дар муқобили маънои гуфтори дурусти забони арабӣ аст.

Аҷам реша дар م - ج - ع дорад ва ба маънои новозеҳ, мубҳам, ғайриқобили дарк аст. (Яъне аблаҳу кундзеҳн.)

Вожаи «аҷам», ба таври махсус ба эрониҳо ва тоҷикон гуфта мешуд. Аҷам дар лафзи араб, ба маънии «гунгзабон» аст. Аз ин рӯ онҳо аҷамро муқобил бо забони арабӣ, яъне «фасҳа», ба маънии «холис, дуруст» қарор доданд. Ин лафз ҳаммонанди лафзи «барбар» - и юнонӣ аст, ки ҳангоми асир кардан, ба фарди мағлуб (ки ваҳшӣ талаққӣ мекарданд), гуфта мешуд. Ба таври куллӣ, ин лафз гӯиши таҳқиркунанда дар забони араб аст, то бартарии сиёсӣ - иҷтимоии худро ба рухи дигарон бикашанд.

Гумон мекунам дигар акнун як ориёинажодро бояд нангаш ояд, ки худ ва меҳанашро чаповулгарон ба ҳақорат чунин ном мегирифтаанд ва ин аз ночориву нотавонии зери юғи бегонагон будан сар зада буд, аммо ҳоло ки аз зери он юғи нангбор озодем, чаро шоиру суханваронамон, тахаллуси «аҷамӣ» - ро ба худ раво медоранд ва ҳатто бо овардани ин тамғаи нозебо ифтихор ҳам мекунанд?

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Арзиши бозгуфтан дорад, ки ягон олмонӣ худ ва миллати хешро «неметс» (гунг) намехонад.

Дар оғози ин фасли навишторамон пурсишҳоеро ба миён гузоштем ба сони «Акнун ҳоло мо чӣ гуна ҳастем?», «Аз шикастҳои ҳазорсолаамон ба натиҷаи росту дуруст расидаем?». Мо метавонем посух бидиҳем, ки «Мо ҳоло ба пуррагӣ дигаргунаем. Дӯстро аз душман мешиносем. Динпарастии мо барои эътиқодамон аст, аммо дар маркази талошу кӯшишҳои мо бодонишу боҳунар ва андешагаро кардани фарзандонамон буда, нигаҳбонии муқаддасоти миллиамон ва озодиву пешравии Тоҷикистон аз ҳама арзишҳо болост. Аз шикастҳои таърихиамон панд гирифтаем ва ҷони худро барои такрор наёфтани иштибоҳҳои таърихиамон дареғ нахоҳем дошт». Хуб, инҳо пиндори худи мост, аммо бубинем, дӯстони ҳамзабонамон, ки дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо зиндагӣ карда, аз боло ба рӯзгори мо нигаристаанд, чӣ гуна моро дарёфтаанд. Боиста медонам гуфтаҳои се - чор сол пеши донишманди фарҳехта, пизишки номӣ ва раиси Анҷумани Рӯдакӣ, ки дар Фаронса зистгоҳ дорад устод Масъуди Миршоҳиро ҳамчун намуна меоварам, ки аз гуфтугӯи рӯзноманигорони ҳафтаномаи «Тоҷикистон» бардошта шудааст. Устод Масъуди Миршоҳӣ:

«Боре аз хонуми сураткаше, ки муддати зиёд дар Тоҷикистон будубош дорад, пурсидам:

- Фарқ миёни Тоҷикистон ва Эрон дар чист?

Хонум гуфт:

-Ҳукумати Эрон динӣ ва хурофотист, аммо мардумаш фарҳангӣ, Ҳукумати Тоҷикистон демократӣ ва дунявист, аммо мардумаш динӣ ва хурофотӣ…

-Ин гуфтаи хонум ҳақиқат дорад. Воқеан, ҳукумати Эрон исломист. Ба наздикӣ як шоирро 20 сол зиндонӣ карданд, ба хотири як афсонааш. Аммо мардуми Эрон фарҳангӣ ҳастанд. Дар Эрон мазҳаб бори сангинест, аммо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

мардум зери он ҳар коре, ки хоҳанд мекунад. Махсусан, хонумҳои эронӣ бар зидди зулму истибдод, шадидан мубориза мебаранд. Ҷавонони эронӣ ҳам хело фарҳангӣ ҳастанд. Бо кумаки бевоситаи ман онҳо дар Париж Анҷумани «Ҷашни байналмиллалии Наврӯз»-ро ташкил карданд. Ҳамасола дар маркази Париж панҷ рӯз чорабинӣ мегузаронанд, барнома дуруст мекунанд. Дар гузаронидани ин чорабинӣ тамоми эрониҳои аврупоӣ ширкат меваразанд, даст мегиранд, аммо як афғон ё як тоҷик на ширкат мекунанд на дастгир. Агар ҳам ягон тоҷик ширкат кард, кораш дар гӯшаи майдон истодан ва ба рӯзноманигорон ҳамсуҳбат шудан аст. Дар мавриди Тоҷикистон, мардум воқеан зери таъсири хурофот мондааст. Ман мефаҳмам, шумо нав аз зери истибдоди Шӯравӣ наҷот ёфтед. Гарчанд, агар Шӯравӣ намебуд, тақдири шумо имрӯз мисли Афғонистон мешуд.

Мардуми эронинажод меъдаи калон доранд, ҳама чизро ҳазм мекунанд. Ба ин сарзамин ҷангҷӯҳо омаданд, Шоҳрухмирзо ҳам омаду Улуғбек ҳам, аммо натавонситанд ба фарҳанги ин мардум сарпӯш гузоранд. Баръакс, худашон дар такя ба фарҳанги ориёиҳо қомат рост карданд. Улуғбек, то замоне, ки дар дасти эрониҳо буд, ситорашинос буд, вақте ба дасти худашон афтод, аз ҷониби писараш кушта шуд. Онҳо бо сари худашон ҳеҷ гоҳ рушд намекунанд, пеш намераванд. Ҳатто арабҳо ҳам бе мо пеш намерафтанд. Аммо, мутаассифона, имрӯз мардуми бесавод зери таъсири онҳо монданд. Мисли ҳамин, мазҳабиён монеъи рушди эронинажодон шуданд. Эрон мамлакате буд, ки бо Аврупо таъна мезад, ба чӣ ҳол уфтод, сад сол қафо монд. Тоҷикон ҳам зери таъсири мазҳабиён мондаанд.

Бубинед, устоде дар донишгоҳи тиббии шумо ба ман мегӯяд, ки «Кимиёи саодат»-и Ғаззолиро ба донишҷӯён тарғиб мекунад.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

- Тарғиб карданаш чӣ бадӣ дорад. «Кимиёи Саодат»-ро чун як дастоварди нодири фарҳангӣ мешиносанд. Ба наздикӣ Академияи илмҳои Тоҷикистон онро дар 8 ҷилд бо сифати баланд нашр кард.
- «Кимиёи саодат» моли Ғаззолист. Ҳамин шахс мегӯяд, ки яке аз офаридаҳои наҷис дар дунё зан аст. Ӯ тақсимбандӣ кардаасту пас аз харгӯшу хук занро гузоштааст. Боз шумо онро тарғиб мекунед. Касе суол намекунад, ки ин мард модари туро, хоҳари туро пасттар аз ҳама ҳайвонҳои наҷис гузоштааст. Боз мардуми шумо, бахусус, уламо, ба ин китоб ихлос доранд. Аз рӯйи гуфтаҳои онҳо амал кунед, тақдиратон беҳтар аз Сурия нахоҳад шуд.

Шукр, ки эронинажодон дар тӯли 1400 сол мисли гуфтаи онҳо накардаанд. Агар дақиқ назар андозед, дар Сурияву Лубнону Либиё ҳеҷ арабе вуҷуд надорад, аммо онҳо, ки тамоми оинҳои бостониашонро аз даст додаанд, мисол дар Миср, бо доштани он ҳама Аҳромҳо ва тамаддуни пеш аз милодӣ думболи як хар ҳастанд ва ҳеҷ асолат надоранд. Мо бо кӯшиши фарҳехтагонамон ҳеҷ гоҳ хору залил нашудем, аммо як суриягии бадбахт, ки араб нест, ба унвони як араб рӯзаш сиёҳ аст. Мо ҳам агар аз асолатҳоямон дур шавем, араб мешавем, чун мазҳабӣ ҳастем, чизе беш аз Сурия нахоҳем шуд. Суриягиҳо бисёр мардуми босавод ҳастанд ва сатҳи саводашон аз тоҷикҳо ба маротиб баландтар аст. Аммо ҳозир дарбадаранд. Тамоми барномаҳое, ки муллоҳои шумо ин ҷо роҳандозӣ мекунанд, қадам мондан ба тақдири Сурия аст. Инҳо мардуми бисёр хавфнок ҳастанд. Масҷиде, ки арабҳо дар Исломобод сохатанд, сабаб шуд, ки ду кишвар - Покистону Ҳиндустон 40 сол боз дар ҷанг биҷӯшанд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

- Ҳастанд кишварҳое, ки аз ҳисоби ҳоҷиёнашон фисаде аз Арабистони Саудӣ бихоҳанд?
- Ҳаст, Эрон. Эрон мегӯяд, ки агар ин хонаи Худост, бояд мисли Ватикан шавад. Ватикан беморхона месозад, мактаб месозад, аммо дар ҳеҷ куҷо калисо намесозад. Пули Ватикон кумакпулӣ мешавад, дору мешавад, ваксина мешавад, аммо аз Макка харҷи истироҳати шайхҳо.

Мо дар Фаронса, дар як ҷашн ширкат кардем. Бачаи араб, ки пули ҳаҷи шуморо мегирад, як бутили 5 ҳазор доллараи шампонро ба хонанда (ҳофиз) медиҳад. Хонанда, онро мекушояду ба сару гардани мардум мерезад. Ё ҳама арабҳо, ки Фаронса меоянд, мошинҳои 2 миллиондоллара доранд. Аз куҷо? Аз пули ҳаҷи шумо. Подшоҳи Арабистони Саудӣ бо 600 нафар меояд ва 2 км соҳили баҳрро барои истироҳат ду ҳафта бо харҷи 60 -70 млн доллар банд мекунад. Мардум бояд фикр кунанд, ки пули онҳо куҷо меравад. Хонаи Худо бояд маҷҷонӣ (бепул, ройгон) бошад. Агар Худо дар биёбони араб нафтро фаровон кардааст, чаро Арабистони Саудӣ намегӯяд, ки биёед хонаи Худоро бе пул зиёрат кунед? Агар як сенти пулатон камӣ кунад, шуморо аз он ҷо бармегардонанд.

- Баъзе ашхос гумон доранд, ки Анҷумани шумо ҳам барои тарғиби ғояҳои Зартуштӣ фаъолият дорад?
- Ин чизро муллоҳои шумо шояд гӯянд. Наврӯз пеш аз Зартушт вуҷуд дошт, Меҳргону Обпошон ҳам. Маҳмуди Ғазнавӣ ҳам ҷоҳил буд, мисли ДИИШ мардумро мекушт, вале Садаро ҷашн мегирифт. Корҳое, ки мо мекунем, рабте ба Зартушт ва дин надорад. Бояд донед, ки шахсоне, ки аслан барои рушди фарҳанги мо кор мекунанд ё аслан бедин ҳастанд ё воқеан зартуштӣ, аммо онҳо ҳеҷ вақт намегӯянд, ки мо ин ҷо оему оташгоҳ дуруст

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

кунем. Мисол фарҳангсарои Истаравшан чӣ иртибот ба дин дорад? Таълимоти одии зартуштӣ: гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек ҳам як чизи одӣ аст, ки аз расму русуми қадими ориёиҳо тариқи андарзномаҳо ба мо мондааст. Мисол, дар Балх ҳам андарзномаҳои зиёде буд, чун мардум напазируфтанд, онҳоро ҳадис ном гузоштанд ва боз ки қабул накарданд, гуфтанд онҳоро ҳазрати Муҳаммад гуфтааст. Аслан худи зартуштиҳо дӯст намедоранд, ки касе ба мазҳаби онҳо дарояд. Ман инро бо он сабаб мегӯям, ки муллоҳои шумо роҳат бошад.

- Устод, мо мехостем андешаи Шуморо атрофи як масъалаи пурсарусадои солҳои охири ҷомеаи Тоҷикистон бипурсем. Ин ҳам мавзӯи бозгашт ба хати ниёгон аст. Баъзе аз зиёиёни мо ду пойро ба як мӯза андохта исрор мекунанд, ки мо бояд аз хати сирилик даст кашида, ба хати арабиасоси форсӣ рӯй орем. Шумо чӣ андеша доред?
- Ман фикр мекунам, ки ҳар бор, ки хате дар кишваре иваз шавад, мардум ҳамон рӯз бесавод мешаванд. Аммо омӯхтани хат ба касе зарар надорад. Чи ишкол дорад, ки ҳар одам ҳам хати сиррилик, ҳам ниёкон хонад. Агар баргаштан хоҳед, бояд ба паҳлавӣ баргардем, аммо ин корро касе намекунад. Агар ҳам касе тасмими бозгашт ба хатро гирифт, ин як намуд хиёнат ё зулм барои тоҷикистониён хоҳад шуд.
- Нахустшиносоии Шумо бо Тоҷикистон ва фарҳанги мардуми точик чӣ гуна сурат гирифт?
- Ман аслан эронии машҳадӣ ҳастам, мутаввалиди Нишопур. Дар ҷавонӣ дӯст доштам, ки тариқи радио тарона гӯш кунем. Як рӯз соати нӯҳи вақти Эрон гӯши радиоро тоб медодам, ки садои хонуме

баланд шуд: -«Салом, ин ҷо Душанбе». Шаби дигар дар ҳамин вақт радиоро тоб додам боз ҳамин «Ин ҷо Душанбе». Шаби севвум ҳам. Аз падар пурсидам, ки чаро имрӯз чоршанбе асту ин хонум душанбе мегӯяд? Падарам гуфт, ки ин шаҳр аст, пойтахти Сомониён. Пурсидам: «-Чаро Душанбе? Ӯ гуфт: «Он ҷо ҳар душанбе бозор мешудааст». Аз ҳамон замон, ки ман фаҳмидам, пойтахти Сомониён ин ҷост, диққати маро Душанбе ҷалб мекард. Ва кофтуков кардам. Тоҷикистон барои эрониён ҳамон андоза муқаддаст аст, мисле, ки одамони мазҳабӣ ба давлатҳои араб эҳтиром доранд. Вақте мо Анҷумани Рӯдакиро таъсис додем, дар Аврупо Тоҷикистонро касе намешинохт ва ман як китоб нашр кардам ба исми «Тоҷикистон». Баъди ин ҳам, солҳои 2002- 2004 дар ҳамадастӣ бо академик Муҳаммадҷон Шакурӣ ду китоб нашр кардам...

- Аслан, самти фаъолияти Шумо фарҳанг ва эҳёи фарҳанги бостон аст?
- Бале. Дигар самти коре, ки дар сар то сари дунё анҷом медиҳем, ин пажӯҳиш дар самти фарҳанги бостон ва ниёгон, бидуни назардошти марзи сиёсӣ мебошад. Ҳадафамон ба ҷомеаи ҷаҳон нишон додан аст, ки Тоҷикистон мисли Афғонистон нест, Тоҷикистон дигар аст, ин ҷо ҳам ашхоси фарҳехтаву фарҳангии зиёд дорад. Чун мо дар Афғонистон бисёр мехостем, корҳоеро пеш барем, аммо бо сабабҳои маълум нашуд. Мо коре, ки дар Афғонистон, кардем, ин ҳам дар тӯли 4 сол 6 мактаби якҷояи духтаронаву бачагонаро кушодем. Ин кумаке аз ҷониби мо буд барои духтарони зери чодар, ки мактаб намераванд. Барномаи фарохеро бо номи «Чеҳраи пинҳони зани Афғонистон»

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ташкил кардем. Ман маҷмӯаи шеърҳои занони афғонро ҷамъоварӣ карда, бо унвони «Шеъри занони Афғонистон» нашр кардам, ки бо инглисиву фаронсавӣ ҳам тарҷумаву нашр шуд. Ин маҷмӯа далели он буд, ки ин занони зери чодари афғон, ки ҳатто аз нури Хуршед баҳравар нестанд, одамони фарҳехтаву тавоно ҳастанд, бесаводу ваҳшӣ нестанд, инҳо касонеанд, ки базӯр ин чодарро ба рӯяшон кашидаанд ва мо тавонистем фарёд ва интизориҳои ин занонро ба гӯши ҷаҳониён бирасонем.

- Дар дигар кишварҳо ҳам чунин барномаҳо роҳандозӣ мешавад?
- Ҷомеаи форсизабон ба таҳаллука афтодааст, ки забони тоҷикӣ дар Самарқанду Бухоро маҳдуд мешавад. Ман худам он ҷо сафар кардам, ҳама мардум бо тоҷикӣ гап мезананд, аммо давлат ҳама чизро маҳдуд кардааст. Зимни сафар ба Самарқанду Бухорову Бойсун, ки ҳама тоҷику тоҷикзабонанд, маро бо лаҳни тоҷикӣ «Хуш омадед ба сарзамини бобоиятон» истиқбол мегирифтанд. Баъди сафар монанди Афғонистон, маҷмӯаи шеъри бонувони Ӯзбекистонро бо номи «Дури- дарӣ дар Самарқанду Бухоро» ҷамъоварӣ ва мунташир кардам. Ҳанӯз интернет, ки ҳаст бояд забони тоҷикӣ он ҷо тарвиҷ шавад».[297]

Ногуфта нагузорем, ки шоири овозаманди тоҷик, меҳанпарасти фақид Бозор Собир ба ҳангоми бозгашташ

[297] (Баргирифта аз аз рӯзномаи “Тоҷикистон”, 29 октябри 2015, № 43 (1137) ва сомонаи рӯзномаи “Тоҷикистон”, 2 ноябри 2015. Шариф Ҷамдампур ва Одили Нозир,http:// www. pressa.tj /article/tochikoni-hurofoti-va-eroniyoni-farkhangi)

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ба Душанбе, бидуни огаҳӣ аз гуфтаҳои хонуми сураткаш, суханони ҳамсонеро баён дошта буд:

«Имрӯз ҳама динзада шудаанд. Нависандаву шоир ҳам аз дин менависад ва олим ҳам аз дин чақ-чақ мекунад.

Ман инро мебинаму ваҳшатзада мешавам. Артист ва шоири халқӣ меравад ҳаҷ, олим меравад масҷид. Ман инро мебинаму мегӯям, охир ин фоҷиаест, ки саросари Тоҷикистонро фаро гирифтааст. Олим, профессор меравад масҷид, о ин яъне чӣ? Инҳо баъд зиёӣ ҳастанд? На, инҳо пас ҳичӣ нестанд.

Шоирон дин менависанд. Духтарчааш ҳам дин менависад, муйсафедаш ҳам аз дин менависад. Ҳама динсароӣ мекунанд. Ман дигар чизе дар онҳо намебинам. Ҳоло идеали онҳо дин аст.

Ҳазору панҷсад сол ҳама динсароӣ буд. Аз Кашмир то Бағдод куҷое, ки шоиру қаландару дарвешу суфӣ буд, ҳама динсароӣ мекард. Ва боз дубора ба ҳамин мурдарег баргаштан чӣ аст? Камоли ҷаҳолат аст!»

Тоҷикони моро бад - он сон аз худ бегона сохтанд, ки дигар барояшон ҷуғрофиёи таърихӣ вуҷуд надорад, барояшон тафовут надорад, ки ӯро афғон мегӯянд, турк мегӯянд ва ё эшону саидзодаи араб.

Воқеан, вожаи «эшон» таърихчае дорад, ки бо шунидани пешинаи пайдоиши ин лақаб эшонзодагон шахси равшанандеш шуморида шаванд ҳам, сахт меранҷанд. Инҷониб навишторееро хонда будам, ки лашкари араб чун то кӯҳҳои нӯктези Ҳиндукуш мерасанд, ба сабаби кӯҳҳои касногузар, пайраҳаҳои душворгузар дигар наметавонистанд ҷангиёни алилу ҷароҳатбардоштаи худро ба аробаҳо бор карда, ба ватанашон бозпас бифирстанд. Онҳо рӯ ба ҳилаҳои борҳо корбурдаи хеш оварда, ба аҳолии сари роҳи худ мегӯянд, ки ин ҷароҳатмандон аз дудаи ҳазрати паямбар мебошанд. Барои инҳо хона бисозед, дармон бибахшоед ва аз ҳосили

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

бардоштаи заминҳоятон ва саршумори чорвоёнатон зиндагии хубашонро таъмин кунед. Мардумони таҳҷоӣ аз бими ҳамлаварон он талаботро бароварда сохта, онҳоро бо эҳтиром «эшон» мехонданд. Эшонҳо аз ҳисоби занони таҳҷоӣ хонадор мешаванд, дар зарфи садсолаҳо ҷуз лақаби эшон аз арабияташон нишоне намемонад, аммо мақоми худро дар ҷомеаи имрӯза низ мехоҳанд поядор созанд.

Тоҷикони Афғонистон мегӯянд, мо беш аз 20 миллионем дар сарзамини бобоён зода ва раста шудаем. Маҳди ниёкони мову шуморо нигаҳбонӣ мекунем. (Яъне Балхи бомиву Зобулистону Самангони Рустам, Бомиёну Бағлони кӯшониён, Ҳари, Кописову Парвони Хуросонро.) Дар ватани худамон миллатгароён «ту тоҷикӣ, бирав ба Тоҷикистонат», ба Тоҷикистон меҳмонӣ меоем моро «афғон» мегӯянд. Дигар намедонем куҷо бошему худро чӣ унвон бидиҳем?

Сипос ба Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон, ки пас аз ба дасти Толибон афтидани идораи ҳукумати Афғонистон ғами ин мардумро мехӯрад ва изҳор низ медорад, ки беш аз 45 дар сади аҳолии кишвари Афғонистонро тоҷикон ташкил медиҳанд.

Аммо каманд тоҷиконе, ки дардашон бикунад аз фоҷиаи бар сари ҳаммиллатонашон дар он сӯйи рӯди муқаддаси Омӯ рехта ва аксаран пай намебаранд, ки имрӯз дар он ҷо ҳамон генотсиди миллати тоҷик идома дорад. На ҳама огоҳанд, ки тоҷикон ғолибан кунияту ҳувияти миллии худро гоҳе чун яҳудиён пинҳон медоштанд ва аммо чун роҳкушоиҳо ва миллатсозиҳои Эмомалӣ Раҳмонро мебинанд, бо ифтихор мегӯянд, мо ҳам тоҷикем. Борҳо дидаам, ки бо тамошои симои ориёии Ҳошим Гадо дар накшҳои синамоӣ, афғонистониён, ё ӯзбекистониҳое мегуфтанд «мо тоҷикем!»

Бояд тоҷик бо тамоми ҳастӣ худнашинохтанҳои дар пайкараш ҷой гирифтаро варандозу тамиз карда битавонад.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дар ин ҷо андешаеро мехоҳам ёдовар шавам, ки тоҷик метавонад бо зудбоварии худ фарҳанги падаронро, ки ба нангу номуси ватандорӣ нигаронида шудааст, ба фаромушӣ супорида, онро ба оҳанги нотавонӣ дар назди душман ва ночорӣ дар пеши қазову қадар бознамоён созад. Ҳамон гуна ки худи тоҷикон офаридаи бемонанди «Фалак» - ро оҳанги гиряву зорӣ ва ночориву нотавонии тоҷикон арзёбӣ мекунанд, на наъраву фарёди як марди тоҷики кӯҳнишин, ки дар пушти сахраҳои баланд ва рӯдҳои пурҷӯши касногузар, дигаронро бохабар месозад, ки душман ӯро бо ҳамтоёнаш ҳаргиз зинда дастгир натавонад кард ва дар оғози фалаксароӣ ин сатрҳоро ҳамчун сарахбор месароянд:

Мо чор бародарем, як бобои пир,
Дар об шиноварем, дар кӯҳ нахчир.
Ҳар чор камон дорем як халтаӣ тир,
Дар ҷанг диловарем, дар марг асир.

Яъне душман моро танҳо пас аз маргам метавонад асиру бандаи худ кунад.

Ва ё дар ин дубайтӣ бо ғурур сароида мешавад, ки «чун мардбача будам аз ҳамлаи муғул гурехтанро нанг донистам ва занҷири муғулро дар гардан пора карда хуни ҷигарамро дар сари ҳар санг резондам»:

Дар дашт будум зилозили занг омад,
Мардбача будум гурехтанум нанг омад.
Занҷири муғул ба гардану танг омад,
Хуни ҷигарум ба ҳар сари санг омад.

Ин сатрҳои халқ офарида бо як самимият ва маҳорати баланд суруда шудаанд, ки на ҳар шоири баркамол аз чунин тавоноӣ дар баёни мавзӯи нигаҳбонии Меҳан

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

бархурдор аст. Афсӯс, ки фалаксароёни имрӯз он офаридаҳои халқиро announcement мeписанданд, ки дорои рӯҳияи пессимистӣ ва вобаста будан ба «қазову қадарро» ба истилоҳ тараннум мекунанд.

Ба гуфтан меарзад, ки нависандаи ин сатрҳо яке аз нахустинҳоям, ки дар бораи нақшҳои миллии «чакан» ва обишхӯри замони меҳрпарастӣ будани косагулҳои он, мақолаҳо ба чоп расонда, чунин далелҳои бар пояи илм устуворро пешниҳод намудам. Борҳо гуфтаем ва бозхоҳем гуфт, ки вожаи «чакан» - ро фарҳангномаҳои муътабартарини кӯҳани мо, чун «Бурҳони қотеъ», (соли 1652), «Ғиёс-ул-луғот» (соли 1827), «Фарҳанги Рашидӣ» (соли 1653), «Кашф» (соли 1780) шарҳ додаанд. Ин мафҳум аз ҷумла дар «Бурҳони қотеъ» ба шакли «чакин», «чикин» ва дар « Ғиёс-ул-луғот» ба шакли «чикин» омадааст. Шарҳи ин вожа дар «Бурҳони қотеъ» чунин аст: «навъе аз кашида ва заркашдӯзӣ ва бахиядӯзӣ бошад ва ҷомаву қабоеро, ки чунин дӯхта бошанд, «чакиндӯзӣ» гӯянд….»

Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» бошад, ин вожаро ба шакли «чикин» оварда, «навъе аз кашида, ки решми (абрешими) алвон бар ҷома ва ғайра нақш кунанд», тафсир намудааст. Ӯ барои исботи ин далел фарҳангономаҳои «Рашидӣ», «Мадор», «Бурҳони қотеъ» ва «Кашф» - ро мадраки тафсири худ қарор додааст. Ва он гуна, ки пайдост нигораҳои чакан ҳамчун бозтоби андешаҳои бостонии миллатамон, нақши натуралӣ, ё худ копикунии оддии гулҳо набуда, характери онтологӣ - ташбеҳӣ доранд. Ҳамон гуна, ки зебоишиносон гуногунрангии консепсияи назариявии зебоиро ба чор парадигма (ҷадвали шаклҳои калимаҳо) фасл кардаанд, ки парадигмаи аввали онҳо ба арзёбии нақшҳои чакан наздик аст. Ҷонибдорони ин парадигма Афлотун (427 – 347 п.м.), Тертуллиан Квинт (155/165 — 220/240), Фома Аквинский (1225 - 1274),

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Фридрих Гегель (1770 - 1831) андеша доштанд, ки зебоӣ ин нақш ё таҷассуми худованд (ё идеяи мутлақ) дар ашёҳои мушаххас (конкретӣ) мебошад. Чунон ки медонем тоҷикону эронитаборон пеш аз ислом пазируфтан ва пеш аз гаройиш ба оини Зартушт, ҳанӯз 6 – 7 ҳазор сол пеш, меҳрпарастӣ (хуршедпарастӣ) ихтиёр доштанд. Ва ҳатто дар замони боварҳои зартуштӣ оини меҳрпарастиро тарк накарда буданд.

Зиндагии гузаштаҳои дури мо ва як идда қавмҳои дигари ориёӣ саросар ба хуршед (офтоб) пайвастагӣ дошт, зеро чун гузаштагонамон нахустин деҳқонони киштварз буданд, ҳама пиндору боварҳояшонро ба гардиши солонаи офтоб ва дигар ҷурмҳои осмонӣ пайваста медиданд. Дар замони Ардашери Бобакон (220/24 - 224/39 ) парастиши офтоб (меҳр) дини расмии давлат будааст. Дар сангнабиштаҳои аз замони Сосониён бозмонда (аз соли 224 то соли 651 мелодӣ) омадааст, ки «Хуршед худои бузург аст ва ба он савганд мехӯрданд».

Аз рӯи оинҳои суғдиён арӯсу домод дар пеши ҳайкали Меҳр савганд ёд мекарданд, то онҳо бо ҳам дӯстона зиндагӣ кунанд.

Пай бурдан душвор нест, ки нигораҳои чакан на танҳо дар рӯи порчаи матоъ, балки дар ҳунарҳои нонпазӣ, чӯбкорӣ, оҳангарӣ низ ба чашм мехӯранд. Нону кулчаҳо, ки ба шакли доира ва бо муғпар[298] нақшунигор дар рӯяшон ороста мешаванд, ба ҳамон нигораҳои чакан далолат мекунанд ва танури нонпазии тоҷикон чун офтоб гирду гарму сӯзон аст. Ҳатто бар рӯи рафидаи нонпазӣ низ нигораҳои чаканро метавон дид. Дар чӯбҳои гаҳвора, досу теша ҳаккокии нақши хуршедро метавон мушоҳида кард.

[298] Муѓпар - мъхпар - афзори ороиши нону кулча, ки аз чўб ва пари мурѓ тањия шудааст. Кадбону хамирро тунук карда ба он шакли дилхоњи гирд медињад ва аз роњи куфтани наќшњо бо муѓпар бар рўи кулча (нону фатир) ороиши офтобгунаеро њосил мекунад.

Қуфли гиребон (зиреҳи гиребон) ба сурати офтоб таҳия гашта, гиребони бонувонро мебандад.

Бо жарфнигарӣ ба дарунмояи нигораҳои чакан ва умуман офаридаҳои гузаштагон метавон ба натиҷае расид, ки онҳоро набояд соддаву омиёна дид. Дар нақшҳои чакан дидани гулҳои баҳорӣ ё рангҳои рангинкамон хеле биниши сарсарӣ ва омиёна аст. Мутаассифона ин бегонагӣ ба гузаштаҳои дур ва хулосабарориҳои ғайриилмӣ, андешаҳои жарфи фалсафии як миллатро камарзиш бозтоб мекунад. Боясти ёдовар шуд, ки мо борҳо дар ин бора бо навишторҳо ва гуфтумонҳои телевизионии худ ишораҳои поядор кардаем, вале чун дастандаркорони фарҳангу маориф аз биниши фалсафии гузаштагони дурамон огоҳии боиста надоранд, ғолибан ин офаридаҳои маънавиву фарҳангии мардумамонро соддаву бемоя бозгӯ мекунанд. (Чуноне фарз кунем, ки раҳнамои туристие ба сайёҳон бифаҳмонад, ки мо тоҷикон яке аз нахустин кишоварзон будем, ки дар нисбат ба чодарнишинону саҳронавардон, ғорнишинону ҷангалнишинон худро деҳгонон ва шаҳрнишинон медонистем. Мо ба гандум ва маҳсулоти аз гандум омода шуда ҳанӯз ҳам арҷ мегузорем ва бо нон савганд мехӯрем ва гарди нони дар замин афтодаро бардошта бӯса карда, аз зери пои мардум дар канора мегузорем. Бар рӯи нону кулчаҳои гирд нақшунгор мекашем ва ин арзи сипос ба доди худованди Меҳр буд, ки аз бостон то остон ба мерос омадааст. Гумон мекунам, ки гардишгари (сайёҳи, туристи) каме биниши фалсафӣ дошта, дар шигифт хоҳад монд, ки ин мардуми аз марказҳои фарҳангии ҷаҳон дар дурӣ зиста чунин андешаву ҳунарҳои ҷолибу хирадмандона доранд.....)

Ҳамчунон бояд ҳамеша дар ёд дошт, ки ҷашнҳои бостонии мардуми мо Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон ба гардиши офтоб ишора доранд

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Вале чуноне пай бурда мешавад, мардуми мо ба вижа бинишварону дастандаркорони илму фарҳанг, шояд боз ҳам ба сабаби бегонагиҳо бо гузаштаи фаротаърихии тоҷикон ва ба сарчашмаҳои таърихӣ бегона ин дарёфтҳоро намепазиранд. Пиндошта шавад, ки боз ҳам як раҳнамои гардишгарони (туристҳои) хориҷӣ ва ё дохилӣ рамзҳо ва фалсафаи дар нақшҳои чакан ҷой доштаро, ки ба гузаштаи беш аз 8000 солаи тоҷикон ишора дорад, бозгӯ кунад. Ин гувоҳ бар он аст, ки тоҷикон аз бостон мардумони андешаманд буда, дар бунёди фарҳанги ҷаҳонӣ ҳиссаи равшан гузоштаанд. Овардани ин гуфтаҳоро шоиста медонам, ки мо бо тавоноии хоксоронаи худ дар рӯзномаву ҳафтаномаву моҳномаҳо ба паҳлӯҳои гуногуни андешаронӣ ва саргузашти фарҳанговарии тоҷикон беш аз сад мақолаҳо ба чоп расондаем. Мурод аз ин кундуковҳо ва навишторҳо дар худшиносии миллӣ ва худогоҳии табории ҳаммеҳанонамон ёрӣ расондан ва ба вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамёрӣ кардан мебошад. (На сила, на унвон ва на ҷоҳу ҷалол.) Аммо мутаасифона он гуфтаҳои моро зери миз гузошта, бофторҳои хурофотиву аз андешаи як муллои андакхонда берун баромадаро, илмигуна намоён месозанд. Ҳамчун намуна дар мавриди яке аз ҷойҳои аҷибу ғариби (экзотики) ноҳияҳои Ховалинг ва Мӯъминобод бо номи Сангтӯда ва Чилдухтарон (ва чандин ҷойҳои дидании дигар) бо ёдкарди достонҳои халқӣ навишта будем, ки душман барои азхуд кардани кони тиллои Шукнов ба дежи устувори (қалъаи) Мунк ҳамлавар мешаванд. Ноёни (сарлашкари) онҳо амр мекунад, ки ҳар сарбоз аз сангоби лаби рӯд сангеро бардошта дар сари роҳи деж бигзоранд, то аз сангҳои сангоб теппа бунёд шавад. Бо баргашт аз забти шаҳр, ҳар лашкарӣ як сангро бардошта ба лаби рӯд бипартояд, то шуморида шавад, ки шумори кушташудагон чанд аст. Ва ин тӯдаи сангҳо гувоҳ аз шумораи кушташудагони

лашкари муғулон аст. Яъне ин достони офаридаи халқ барои тарбияи ватандӯстии кӯдакону ҷавонон равона карда шудааст ва онро бояд ба ҷавонони худӣ ва меҳмонони гардишгар ҳикоят кард. Чунин достонҳои содда ҳам мардумро дар тарбияи меҳанпарастии фарзандонашон ёрӣ мерасонанд ва ҳам гувоҳи арҷгузории тоҷикон ба марзубуми аз ниёкон ба мерос гирифтаи худ, мебошанд.

Ва ё достони 40 духтаре, ки сари роҳи душманони ишғолгарро гирифта, то холӣ шудани тирдонҳо ва шикастани найзаву шамшерҳо чун гурдони «Шоҳнома» бо ҳамлаварони муғул меразманд. Чун мебинанд, ки дар ин ҷанги нобаробар дар иҳотаи лашкариёни душман меафтанд, даст ба дуо бардошта худовандро зорӣ мекунанд, то онҳоро ба санг табдил диҳад. Кӯҳсангҳо аз масофаи дур касро вомедоранд, ки дар сахраҳо пайкари душизагони ҷанговар дида шавад.

Аммо дареғ, ки чун аз телевизион ва навишторҳои рӯзномаҳо бармеояд, (аз гуфтори унвондорон мешунавем) ин достонҳои офаридаи мардумро хурофотигуна бозгӯ карда, ба он тобишҳои динӣ мебахшоянд. Гумон ба яқин аст, ки дастандаркорони ба тарбияи ватанпарастӣ вобаста, ба ин ҳикмати офаридаи халқ бо чашми дигар менигаранд.

Гумон мекунам барои омӯзондани вижагиҳои илмии фарҳанги тоҷикон моро мебояд донишмандони доноро водор сохт, то ба пажӯҳишҳои пурмоя шуғл варзида, бо тарбиятгарони мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои шаҳрҳову деҳот ва рӯзноманигорону кормандони телевизион корҳои боиста бибаранд.

## Зиндагиномаи фишурдаи муаллифони бозовардаҳо;

## Амири Кабир

Носируддиншоҳи Қоҷор соли 1264 ҳиҷрӣ (1885 м.) ба Теҳрон омада бар тахти шоҳӣ нишаст ва ба Мирзо Тақихон (номи аслии Амири Кабир) унвони ректори аъзамро дод. Ҳамин тариқ, дар як муддати кӯтоҳ ба ӯ лақаби Амири Кабир дода шуд ва Носируддиншоҳ ӯро ба вазифаи канслер (сарвазир) пешбарӣ кард. Амири Кабир дар тӯли як муддати кӯтоҳи ректорӣ бо нобиға ва эҳсосоти ватандӯстонаи ватаниаш тавонист барномаҳоеро амалӣ кунад, ки аҳамияти онҳо барои пешрафти Эрону эрониён раднопазир аст.

Дар замони сарвазир будан, Амири Кабир вазъи ғайримуқаррарии кишварро дарк карда, ба тоза кардани дастгоҳи ҳукумат оғоз кард ва кӯшиш кард, то одамони соҳибихтисосро ба корҳои гуногун ҷалб кунанд. Бо бекор кардани баъзе андозҳои иловагӣ, ӯ ҷамъоварии андозҳоро ба низоми мувофиқ ва мушаххас табдил дод. Вай инчунин маоши бениҳоят зиёди дарбориёнро коҳиш дод ва аз хароҷоти фаврӣ дар буҷаи давлат пешгирӣ кард .

Амири Кабир инчунин асосгузори мактаби Дорулфунун (Университет) буд, ки бо фармони ӯ дар Теҳрон таълим додани илмҳо ва технологияҳои нав таъсис дода шуд. Илова бар ин, нашри рӯзномаи «Воқеияти Иттифоқия», яке аз амалҳои пурарзиши Амири Кабир мебошад.

Амири Кабир барои аз ҷаҳолати асримиёнагӣ баровардани халқ тамоми ҳастии худро бахшида буд.

Боре Мирзо Оғохон, яке аз надимони шоҳ ба утоқи кории Амири Кабир ворид шуд ва дид, ки ӯ дар ҳоли гиристан аст. Иллати гиристанро пурсид ва мулозимони Амир гуфтанд, ки ду кӯдаки ширхори порадӯз ва баққоле аз бемории обила (оспа) мурдаанд. Мирзо Оғохон бо шигифтӣ гуфт: « Аҷаб ман гумон кардаам, ки писари Амир мурдааст, ки ӯ инчунин ҳой - ҳой мегиряд». Сипас ба Амир наздик шуд ва гуфт: «Гиристан он ҳам ба ин гуна барои ду

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

бачаи ширхор дар шаъни Шумо нест». Амир сар бардошт ва бо хашм ба ӯ нигарист, ончунон ки Мирзо Оғохон аз тарс ларзид. Амир ашкҳояшро пок кард ва гуфт: «Хомӯш бош! То замоне, ки сарпарастии ин миллатро бар ухда дорем, масъули маргашон низ ҳастем. Мирзо Оғохон оҳиста гуфт: **«Вале инон худ дар асари ҷаҳолат обила накуфтанд (ваксина накарданд)». Амир бо садои расо гуфт: «Ва маҳсули ҷаҳлашон низ мо ҳастем. Агар мо дар ҳар русто ва кӯчаву хиёбоне мактаб бисозем ва китобхона эҷод кунем, дуонависҳо бисоташонро ҷамъ мекунанд. Тамоми эрониҳо авлоди ҳақиқии ман ҳастанд ва ман аз ин мегирям, ки чаро ин мардум бояд ин қадар ҷоҳил бошанд, ки дар асари накӯбидани обила (ваксина) бимиранд».**

Амири Кабир 20 декабри соли 1230, дар синни 43-солагӣ, бо фармони Носируддиншоҳ аз дасисабозиҳо ва туҳмати дарбориён кушта шуд. Ҷараёни қатли ӯро дар ҳаммом ҳолнигорон чунин навиштаанд: «Пас Амир аз ҷой бархост ва оббозӣ кард ва дар миёнаи гармхона нишаст ва азбаски ба рагҳои хунгард ва хунрезӣ одат карда буд, фармуд, ки ду раги дасташро буранд ва дастҳояшро ба замин гузошт ва шоҳид шуд фаввораи хуни гарм ва ноороми буд, ки онро ҷуз истиқлолият ва бузургии кишвар чизе сабук карда наметавонист».

## Алии Мирфатрус

Алии Мирфатрус, нависанда ва таърихнигори эронии муқими Фаронса, соли 1329 /1950 таваллуд шудааст.

Бино ба навиштаи сайти Мирфатрус дар Донишгоҳи миллии ҳуқуқи Теҳрон таҳсил кардааст. Ӯ дар соли 1992 мелодӣ бо ёрии донишманди эронӣ Эҳсон Ёршотир бо яке

аз эроншиносони фаронсавӣ Жан Робо ба Донишгоҳи Сорбонаи Париж муаррифӣ мешавад ва то соли 1994 давраи пешдоктриашро дар он ҷо мегузаронад.

Ӯ дар замони Ризошоҳи Паҳлавӣ барои чопи андешаҳои сиёсии худ аз донишгоҳи Табрез хориҷ гардида, ба хизмати сарбозӣ фиристода мешавад. Пас аз чанде ба далели фаъолиятҳои чапгароёнааш ба муддати се сол ба зиндон маҳкум мешавад.

Алии Мирфатрус соли 1995 рисолаи доктории худро унвонии «Ҷунбишҳои иҷтимоии Эрон дар садсолаҳои XV - XVI мелодӣ» бо забони фаронсавӣ дар Донишгоҳи Сорбонаи Париж ба чоп мерасонад. Асарҳои ӯ дар миёни сиёсатшиносону таърихнигорон пайваста баҳсу мунозираҳои илмию сиёсиро эҷод мекард. Чуноне ки асари ӯ дар мавриди корномаи вазири ислоҳотхоҳи Эрон Муҳаммад Мусаддиқ, бо номи «Осебшносӣ, дар байни мунаққидону мувофиқони андешаҳояш баҳсу мунозираҳои пурдавомро ба миён овард». Ӯ аз ҷумла навиштааст: «Мо меросхори як таърихи асабӣ ва асабонӣ ҳастем ва ҷӣ басо, ки ҳол(о) ваояндаро фидои ин асабияти вайронсоз кардаем. Таърихи иҷтимоӣ ва сиёсии мо умуман бозтоби асабиятҳову асабониятҳост».[299]

## Аҳмади Касравӣ

Сайид Аҳмад Касравии Табрезӣ — таърихнигор, забоншинос, пажӯҳишгар, ҳуқуқдон, андешапешаи тавоно, ислоҳотгари дин ва иҷтимоиёт, муаллифи китобҳо дар пиромуни таърихи Эрон ва Фароқафқоз, соли 1890 дар Табрез таваллуд шуда, соли 1946 бо дасти мутаассибин дар Теҳрон кушта шудааст.

[299] mirfetros.com

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

Касравӣ забонҳои арабӣ, англисӣ, русӣ, арманӣ, туркӣ, эсперантой ва забонҳои мурдаи паҳлавӣ, озарӣ, хоразмиро хуб медонист ва бо ин забонҳо мақолаҳои бешумор ба чоп расондааст.

Мақолаҳои бо забони арабӣ нигоштаи Касравӣ дар нашрияҳои мӯътабари кишварҳои арабии онвақта чоп мешуданд. Тарҷумаҳои Касравӣ аз матнҳои паҳлавӣ ва осори ӯ дар бораи таърихи Эрон аз сарчашмаҳои мӯътабари академикӣ мебошанд ва ду китоби ӯ дар бораи таърихи конститутсионӣ аз мӯътабартарин матнҳо ва сарчашмаҳои истинодӣ ва ҳамаҷонибаи инқилоби конститутсионӣ дониста мешаванд.

Аҳмади Касравӣ дар риштаҳои гуногуне чун таърих, забоншиносӣ, адабиёт, улуми динӣ, рӯзноманигорӣ ва сиёсат фаъолият дошт. Ӯ бунёнгузори ҷунбиши сиёсӣ - иҷтимоие бо ҳадафи сохтани як ҳувияти эронии секулярӣ, бо номи ҷунбиши «Покдинӣ», дар давраи ҳукумати Паҳлавӣ, буд. Касравӣ хостори мубориза бо «вопасмондагии фикриву илмӣ ва равшангарӣ», дар тамоми паҳлӯҳои зиндагонӣ буд. Мавзеъгириҳояш дар баробари кешҳову боварҳои маъмулӣ, ниҳодҳои мазҳабӣ, интиқоди сахти боварҳои динӣ, боиси барангехтани зиддиятҳои бисёре алайҳи ӯ гардид.

Осори Аҳмади Касравӣ беш аз 70 ҷилд китоб ба забонҳои форсӣ ва арабӣ аст. Касравӣ дар китоби «Озарӣ, ё забони бостони Озарбойҷон ба нахустин бор ин назарияро матраҳ кард, ки забони таърихии минтақаи Озарбойҷон, пеш аз роиҷ шудани забони туркӣ, озарбойҷонӣ, ки търихдонон аз он ба номи «озарӣ» ёд кардаанд, забоне аз хонаводаи забонҳои эронӣ будааст. Ин назария имрӯз дар байни донишмандони ҷаҳон пазируфта шудааст.

Ӯ бар он бовар буд, ки шарқшиносон ва дигар аврупоиҳо ба адабиёти форсӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, зеро ба андешаи ӯ, агар ҳадафи асосии онҳо гумроҳ

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

кардани ҷавонони эронӣ набуд, онҳо ба ин гуна «сафсатаҳо» аслан эҳтиром намегузоштанд.

Аҳмади Касравӣ соли 1946, дар синни 55 солагӣ «..дар утоқи бозпурсии сохтмони Кохи додгустарии Теҳрон (ӯ вакили ҳуқуқ буд), ба зарби тири тапонча ва 27 зарбаи корд, террор шуд.» Террористони қотили ӯ пас аз чанд моҳ аз зиндон озод шуданд.

## Бузург Алавӣ

Оқо Бузург Алавӣ соли 1283 / 1904 дар Теҳрон зода шудааст. Дар синни 17 солагӣ ҳамроҳи якчанд ашрофзодагони кишвар ва падараш ба Берлин сафар кард. Забони олмониро ба зудӣ омӯхта, бо як ташнагӣ ба хондани намоишномаҳои Шиллер бо забони олмонӣ оғоз кард. Сипас офаридаҳои бузурги Аврупо Мюллер, Шекспир, Гётеро бо гуфтаи худаш дар як замони кутоҳ «булъид, яъне фурӯ бурд». Романи Достоевский «Ҷиноят ва ҷазо» - ро як шаб то бомдод хонд. Албатта забонҳои англисӣ ва фаронсавиро дар ҳамин давра фарогир шуд. Вай забони душвори олмониро дар сатҳи баланде омӯхт, ки бо он забон асарҳо меофарид. Аз адабиёти Аврупо огоҳии шоиста пайдо кард ва як силсила асарҳои адибонро ба забони форсӣ баргардон кард. Пас аз шаш сол дар синни 24 солагӣ ба Эрон бозгашт. Ӯ дар бозгашти худ дар чандин муассисаҳои таълимӣ кор карда, ба офариниши асарҳо ва баргардони адабиёти классикии Аврупо пардохт. Мояи асосии фаъолияти худро зинда кардани таърих ва фарҳанги Эрон медонист. Соли 1310/1931 бо ҳамкории нависандаи бузурги Эрон, Содиқ Ҳидоят китоби «Анирон» - ро навишта ба чоп расонд. Дар ин китоб Содиқ Ҳидоят аз тозиши муғул ва Оқо Бузург Алавӣ аз тозиши тозиён ба Эрон навишта буданд. Оқо Бузург Алавӣ гумон мекард, ки бо навиштан ва чоп кардани китобу мақолаҳо метавон

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

зиндагии мардумони ватанашро беҳбудӣ бахшид, аммо чун дид аз ин натиҷае ба даст намеояд, бо ҳамдастӣ бо доктор Аронӣ, ба муборизаи сиёсӣ оғоз кард. Зиндагии сиёсӣ сабаби ба зиндон афканданаш, дарбадарӣ, ғурбат, бехонумонӣ ва ноумедӣ гардид. Моҳномаи «Дунё» - ро таъсис дода, дар саҳифаҳояш мақолаҳои сиёсӣ ва дар мавзӯи поксозии забони порсӣ аз вожаҳои арабӣ мақолаҳои зиёдеро ба чоп расонд. Бо як духтари яҳудии олмонӣ, ки оилааш ба Эрон кӯчида буд, издивоҷ кард. Пас аз як солу чанде ба сабаби пешбурди корҳои сиёсӣ дастгир шуда ба занаш низ озорҳое расид. Ӯ дар зиндон чоруним сол ба шиканҷа гирифтор гардид. Соли 1332/1953 ба Вена рафт ва ба ҷоизаи байналмилалии Сулҳ ва медали Сулҳ сарафроз гашт. Соли 1954 ба Олмон омад ва дар Донишгоҳи Ҳумболт ба омӯзгорӣ пардохта, унвони докториро гирифт. Зани дуввуми ӯ низ олмонӣ буд ва ба кори эҷодиву зиндагии андешагароияш коре надошт. Бузург Алавӣ китобхонаи калоне дошт, ки бо машварати зан онро фурӯхт ва хонааш тиҳӣ гашт. Дар он миён китобҳои дӯсташ Содиқ Ҳидоят ва дигар дӯстонаш бо соядастҳои хотирмони дар умри дароз гирдоварда ҳам фурӯхта шуданд. Бузург Алавӣ дар хамушӣ фурӯ рафт ва ба фурӯш рафтани китобҳо боиси аз по дарафтоданаш гашт.

Оқо Бузург Алавӣ соли 1375/1996 дар синни 93 солагӣ дар Берлин даргузашт. Мегуфтанд, ки Оқо Бузург аз ҳамон даме, ки китобҳояшро бурда буданд, мурда будааст.

Сарнавишти бисёре аз андешамандони эронӣ бо сарнавишти дарбадарии Оқо Бузург Алавӣ ҳамсон будааст.

## Козим Аламдорӣ

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Козим Аламдорӣ, зодаи шаҳри Дамованди Эрон. Нависанда, ҷомеашинос, ва ҳоло устоди Донишгоҳи Калифорнияи Иёлоти Муттаҳидаи Америка. Муаллифи 5 китоб бо забонҳои форсӣ ва англисӣ ва беш аз сад мақола дар мавзӯъҳои терроризм, иқтисоди сиёсӣ, нақши динҳо дар ҷомеа ва ҷунбишҳои ичтимоӣ ба чоп расондааст.

Козим Аламдорӣ соли 1351/1972 дипломи коршиноси соҳаи равоншиносиро дарёфт намуда, барои идомаи таҳсил ба ИМА рафтааст. Соли 1981 унвони «доктори риштаи ҷомеашиносӣ» - ро азхуд карда, то ҳоло дар Донишгоҳи Калифорния дарс мегӯяд.

Китобҳои ба чоп расондаи ӯ:

- Чаро Эрон ақиб монда ва Ғарб пеш рафт?
- Бухрони ҷаҳонӣ: Нақде бар назарияи бархӯрди тамаддунҳо ва гуфтугӯи тамаддунҳо
- Чаро Ховари Миёна ақиб монд?
- Чаро ислоҳот шикаст хӯрд?

## Маликушшуаро Баҳор (Муҳаммадтақӣ Баҳор)

Маликушшуаро Баҳор яке аз адибону донишмандони бузурги Эрони садсолаи XX мебошад. Девони ашъори ӯ дорои 20 ҳазор шеър - маснавиҳо, қасида, ғазал, қитъа, рӯбоӣ аст. Баҳор дар фанни шеър, таърихи адабиёти классикӣ, забони форсӣ пажӯҳишҳои барҷаста дорад. Мавзӯи ватан ва нигаҳдории он аз истеъмори англисиву америкоӣ яке аз мавзӯъҳои вижаи офаридаҳои ин адибу донишманди барҷаста мебошад. Баҳор бо офаридаҳои хеш ба дастандаркорони замон, аз он ҷумла ба шоҳи онвақтаи Эрон, Ризошоҳи Паҳлавӣ хитоб карда талаб мекунад, ки ҳамеша аз армони эрониён ҳимоят кунад ва фирефтаи ваъдаҳои бегонагон, ки дар пушташон фитнаҳо ниҳон аст,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

нагарданд. Яке аз осори барҷастаи Маликушшуаро Баҳор, ки «Чаҳор хитоба» ном дорад, ба шоҳи Эрон Ризошоҳи Паҳлавӣ нигаронида шудааст.

Мирзо Муҳаммад Тақӣ Баҳор декабри соли 1265/1886 дар Машҳад (Эрон) зода шудааст. Баҳор адабиёти форсиро нахуст пеши падараш омӯхт ва аз ҳафтсолагӣ оғоз ба сурудани шеър кард. Ду сол пеш аз марги падар дар соли 1324/1945, машрутият (ҳукумати конститутсионӣ) дар кишвари Эрон барпо гардид ва Баҳор ба ҷамъи машрутахоҳони Хуросон пайваст. Баҳор дар ҳафтсолагӣ «Шоҳнома» - ро назди падар омӯхт ва аввалин шеъри худро дар ҳамин давра суруд. Баҳор бо дигар шоирони равшанфикри асри машрутият, ба вижа Мирзода Ишқӣ дӯстиву равобити самимона ва наздик дошт. Он ҳар ду маснавии маъруфи «Ҷумҳуринома»-ро дар мухолифат бо ҷумҳурии Ризохонӣ суруданд. Баҳор дар соли 1328/1949 рӯзномаи «Навбаҳор»-ро, ки нашири афкори ҳизби демократӣ буд, мунташир кард. (Фаъолияти ин рӯзнома пас аз чанде бо далели мухолифат ба ҳузури қувваҳои Русия бо пофишории консули Русия баста шуд.) Ӯ рӯзномаи «Тозабаҳор» - ро таъсис дод. Интишори «Навбаҳор» борҳо манъ ва дубора озод шуд.

Муҳаммадтақӣ Баҳор дар баробари фаъолияти сиёсӣ ба корҳои илмӣ ва омӯзишӣ рӯ оварда дар баробари Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Бадеъузамон Фурӯзонфар ва Содиқ Ризозода Шафақ дар донишкадаи омӯзгорӣ ба тадрис пардохт. Пас аз соле ба гуноҳи мухолфатҳои пинҳонӣ ба сиёсати Ризошоҳ барои чанд моҳ ба зиндон афтод. Ба воситаи дастгирии дӯстон барои ширкат дар ҷашнҳои ҳазораи Ҳаким Фирдавсӣ ба Теҳрон фарохонда шуд. Дастовардҳои адабии ӯ дар ин давра иборат аз тасҳеҳи матнҳо, тарҷумаи осоре аз паҳлавӣ, таълифи сабкшиносӣ ва аҳволи Ҳаким Фирдавсӣ бар пояи «Шоҳнома» буд. Дар соли 1316/1937 омӯзгориро ҳамчун доктори адабиёти

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

форсӣ ба ухда гирифт. Бо сукути Ризошоҳ дубора ба фаъолияти сиёсӣ идома бахшида, раисии Анҷумани равобити фарҳангии Эрон ва Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳамзамон раисии Кунгураи нависандагони Эронро ба ухда гирифт. Дар Кунгураи ҳизби демократи Эрон ширкат кард ва дар кабинети вазирон вазири фарҳанг шуд. Ӯ меҳри вижае ба Иттиҳоди Шӯравӣ дошт ва дар мақолаи машҳури хеш, унвонии «Ленини бузург» доҳии мазлумони ҷаҳонро сутудааст.

Маликушшуаро Баҳор дар хонаи худ дар Теҳрон апрели соли 1330/1951 зиндагиро падруд гуфт.

Баҳор бо духтаре аз хонадони ашрофзодагон бо номи Судоба Сафдарӣ хонадор мешавад. Ҳосили ин хонадоршавӣ ба дунё омадани фарзандоне бо номҳои Ҳушангмалик, Моҳмалик, Маликдухт, Парвона, Меҳрдод ва Чеҳрзод гардид.

Баҳор нависанда, шоир, забоншинос, адабиёт-шинос, китобшинос, таърихнигор, сиёсатмадор буд ва чуноне гуфта шуд, аз худ осори назму насрии гуногуни бебаҳо гузоштааст. Адабиётшиносон бар онанд, ки пас аз Ҷомӣ дар равонии табъи шоирӣ ҳампояи Баҳор надорем. Донишманди барҷаста Парвиз Нотили Хонларӣ вайро охирин адиби бузурги Эрон номида буд.

Дар ин ҷо як порча шеъре (мустазоди) аз офаридаҳои Муҳаммад Тақӣ Баҳор - Маликушшуаро Баҳор меоварем, ки писанди равшанандешони Эрон буд:

Аз авом аст ҳар он бад, ки расад бар ислом,  
Дод аз дасти авом!  
Кори ислом зи ғавғои авом аст тамом,  
Дод аз дасти авом!  
Дили ман хун шуд дар орзуи фаҳми дуруст,  
Эй ҷигар навбати туст!  
Ҷон ба лаб омаду нашнид касе, ҷони калом,

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Дод аз дасти авом!

Пеши ҷуҳҳол[300] зи дониш масароед сухан,
Панд гиред зи ман!
Ки ҳаром асту ҳаром асту ҳаром,
Дод аз дасти авом!

## Насираддини Тусӣ
(خواجه نصیرالدین طوسی)

Насираддин Абӯҷаъфар Муҳаммад бинни Муҳаммад бини Ҳасани Тӯсӣ

Соли 579/1200 дар Тӯс таваллуд ёфта соли 653/1274 дар Бағдод даргузаштааст.

Ӯро гаҳе Насири Тӯсӣ, гаҳе Хоҷа Насир низ гуфтаанд.

Ҳамачиздон - энсиклопедист, файласуф, риёзидон, ситорашинос, пизишк, меъмор, шоир, суханшинос, механик, мусиқишинос, ҷуғрофиядон китобҳои бешуморе дар илмҳои тиб, мусиқӣ, ситорашиносӣ, фалсафа, оптика, минералогия, муҳандисӣ навиштааст. Чун бар тамоми илмҳои замона чиранданд буд, ба номҳои баланди ифтихории «Муҳаққиқи тӯсӣ», «Устод - ул - башар», «Хоҷа» сазовор гардидааст. Ибни Халдун (1332 - 1406) Хоҷа Насираддинро бузургтарин донишманди порсии Эрони пас аз ислом донистааст. Ҳамчунин донишмандон бар он эҳтимоланд, ки назарияи хуршедмарказиии Коперник, зери таъсири дидгоҳҳои Насираддини Тӯсӣ, ба миён омадааст.

Хоҷа Насираддини Тӯсӣ дар замони чирамандии муғулон зиндагӣ кардааст ва чуноне таърихнигорон ёдовар шудаанд, ӯ дар қалъаи Қаҳистон, ки бештари исмоилиён он

[300] Љуњњол - аз љањл, љоњилон, нодонњо, беаќлњо

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

ҷо қарор доштанд, зиндагӣ мекардааст ва ба ҳангоми ҳамлаи муғул, аз ин ки нобаробарии неруҳои муқовимат ва ҳамлаварони пурзӯрро медонист, қатлиому хунрезиҳои мардумро пешгирӣ карда назди мардум ва хони муғул эҳтиром ва мавқеияти вижа ҳосил кард. Бо вуҷуди ин Ҳалоку ҳама ҳамраҳони ӯро ҷуз ду пизишк ба қатл расонд. Зинда мондани Насираддини Тӯсӣ ба он далел буд, ки Ҳалоку аз ҷойгоҳи илмиву фикрии ӯ огоҳӣ дошт. Пас аз ин Ҳалоку ӯро ҳамчун мушовир ҳамроҳ мегирифт ва дар оянда мақоми баландеро сазовор гашт, ки хон бидуни машварат бо Хоҷа ҳеҷ тасмиме намегирифт ва ҳеҷ ҳукме намебаровард ва ба ҳеҷ сафаре намебаромад.

Ҳамин аст, ки баъзе нависандагон нигоштаанд, ки ташвиқгари ҳамлаи Ҳалокухон ба Бағдод, куштани халифа ва барандохтани аббосиён аз ҳукуматронӣ, Насираддини Тӯсӣ будааст. Ва ба пиндори ҳамзамонон халифаи охирини Аббосӣ Мустаъсим дар даврони ҳукумматронии худ бо баҳонаи шиъигариву сунигарӣ кушторҳои зиёд кардааст.

## Поризӣ - Бостонӣ
## محمدابراهیم باستانی پاریزی

Муҳаммад Иброҳим Бостонӣ-Поризӣ соли 1304/1925 дар Пориз, устони Кирмон зода шудааст. Ӯ таҳсилоти ибтидоии худро дар Кирмон гузаронида, соли 1325/1946 барои идомаи таҳсил ба Теҳрон рафт ва дар соли 1947 дар риштаи таърихи Донишгоҳи Теҳрон донишомӯзии худро пай гирифт. Соли 1956 Донишгоҳи Теҳронро ба поён расонда, ба Кирмон баргашт. Соли 1958 бо бону Ҳабиба хонадор шуд. Поризӣ Бостонӣ дар Теҳрон унвони доктории худро дар бораи Ибни Асир дарёфт кард.

Нахустин китоби ӯ «Пайғамбари туздон» ном дорад, ки номаҳои танзгунаи шайх Муҳаммади Зайдободӣ аст ва ба бори нахустин соли 1955 дар Кирмон ба чоп расида буд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Вай дар муддати ҳаёти худ беш аз шаст унвон китоб ва ё ҳамчунин тарҷума ба таълиф расондааст. Бостонӣ табъи латифу мавзун дошт, ки ба ҷуз мақолаҳо шеър ҳам менавишт.

Бостонӣ Поризӣ соли 2014, пас аз як моҳ бемории ҷигар дар бемористони Меҳри Теҳрон дида аз ҷаҳон фурӯ баст. Ӯ дар канори ҳамсараш ба хок супурда шуд.

## Пури Довуд Иброҳим
## ابراهیم پورداوود (Иброҳим Пури Довуд)

Иброҳим Пури Довуд (Пурдовуд) соли 1886 дар Рашти Эрон зода шуда, соли 1968 дар Теҳрон ба хок супорида шудааст. Пури Довуд таҳсилкардаи Донишгоҳи Париж, устоди фарҳанги бостон ва забони авастоӣ дар Донишгоҳи Теҳрон буд. Ӯ нахустин донишманде буд, ки китоби

«Авасто» - ро дар 6 ҷилд ба форсӣ баргардон кардааст.

Пури Довудро бунёдгузори эроншиносӣ дар сарзамини Эрон ва зиндакунандаи фарҳанг ва забонҳои эрони бостон донистаанд. Вай аз кӯдакӣ ба донистани авзоъи Эрони қадим алоқаманд буд ва чун ба синни баркамолӣ расид мутолиаи китобҳоеро, ки роҷеъ ба Эрони бостон буд, бар мутолиаи китобҳои дигар тарҷеҳ дод ва бахусус китобҳои марбут ба дини зартуштӣ беш аз ҳама таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб кард ва солҳост бар асари кӯшишҳои пайгири ӯ эрониён метавонанд Авасторо бо забони содаи имрӯзӣ мутолиа кунанд ва аз расму ахлоқ ва ҳикматҳову боварҳои динӣ, ривоятҳои таърихӣ ва асотирии ниёкони худ огоҳӣ ёбанд. Ин кашфиёти ӯ ҳамсон ба хидмати бузурги хатшиносони фаронсавӣ дар садсолаи XIX Дониста шудааст, ки алифбои мехиро кашф карда, бад

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

- ин васила ҷаҳонро аз таърихи қавми ориёӣ ва Эрони Ҳахоманишӣ огоҳ сохтанд

## Умар Замахшарӣ

Абулқосим Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ - фақеҳи Қуръон, соли таваллудаш 1075 мелодӣ мебошад. Замахшарӣ дар Хоразм таваллуд шуда соли 1144 дар Гургони Эрон вафот кардааст. Ӯ дар миёни фақеҳони замонаҳо бо лақаби Ҷоруллоҳ шуҳрат ёфта буд. Замахшарӣ барои омӯзиши илмҳо бисёр сайр мекард ва ҳангоми сафараш ба Бухоро аз улоғаш афтида пояш мешиканад. Ӯ маҷбур мешавад, ки пояшро қатъ карда, ба ҷояш пойи чӯбин часпонад. Дар пирсолӣ аз роҳи Бағдод ба Макка сафар кард. Замахшарӣ пайрави муътазилиён буд. Осори бешумори ӯ бо забони арабӣ навишта шудааст.

## Охирсухан

Инак бахше аз дарёфтаҳои худро, ки аз паёмади ҷусторҳову кундуковҳои зиёди саргузашти тоҷикон сарчашма гирифтаанд, пеши дидори хонандаи гиромӣ гузоштем. Бояд бечунучаро гуфт, ки шумори зиёди ҳаммеҳанонамон ба нуктаҳои бешумори навишторҳои мо ҳамандеша нестанд ва гузашта аз ин омодаанд, ки ба гуфтаҳоямон бо овардани даҳҳо хирвор далелҳои казоии худ дарафтанд. Зиёданд, касоне, ки хешро ҳомии дин гуморида, ба ошуфтагиҳои дингароии таассубангез дарнамераванд ва бо бинишҳои аз ҷаҳони навини бераҳм вопасмонда, ҷавонони нохудогоҳро ба сӯйи ифротгароии зиддимиллӣ равона месозанд.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Касеро аз он миён надидаем дарбиравад, ки мусалмонии мо, намози мо дар асри бераҳми нобудсозии кишварҳои хурд, боясти мусалмонии тоҷиконае бошад, намозгузоронаш дар баробари бозоварии номи худо, гиромидошту нигаҳбонии ҳар ваҷаб хоки Ватанро бо овози баланд дар навбати аввал ба лаб оваранд. Дӯстро аз душману бадхоҳони хеш тамиз карда битавонанд.

Инҷониб огаҳам, ки адабпарваронамон, ба вижа азизоне, ки бо сад ранҷ дар забону адабиёти тоҷик пажӯҳишҳои илмӣ бурда, рисолаҳои баландмазмун навиштаанд, ба навишторҳои мо бо чашми интиқод низ менигаранд, ки мо каме ҳам малол нахоҳем шуд. Бароямон равшан аст, ки мардумони моро дар ин ҳазоруанд соли пешинааш, фаҳмишу биниши бегонагон раҳнамоӣ мекард ва боварҳои содаамон оҳиста - оҳиста моро ба водии худбегонагӣ расондаанд. Ҳамин буд, ки беш аз ҳазор сол тоҷикон барои бегонагони аз дуриҳои дури биёбониву даштҳои беоб ба ин сарзамин сарозер гаштаву дар ин ҷо макони охират ёфта, марқадҳо сохтаанд, аммо барои пайкари бузургони худӣ, хоки мазорро дареғ доштанд. Чуноне ки мо намедонем гӯри Темурмалику Муқаннаъ ва Восеъу дигар шермардони меҳанпараст дар куҷо зери хок хуфтаанд. Ва мо ҷараёни зиндагии бузургонамонро аз сатрҳои кутоҳи худи онҳо ва тахминҳои тазкиранависони дар зери таъсири бегонагон буда омӯхтаем. Чунончи намедонем Фирдавсии бузургвор чӣ сон ҷавониашро гузаронд ва чӣ гуна зиндагии шоҳону сипаҳсолорони ҳазорсолаҳои гузаштаро бозовард. Зиндагии шахсии Ҳофизи ҷаҳоноро чӣ гуна буд ва дилбари ӯ ҳамон сиёҳчурда буд ва ё Шохи набот, ки номи онҳоро низ аз рӯи ғазалҳояш тахмин мезанем. Касе пайдо нашуд, ки қалам ба даст гирифта, зиндагиномаи он бузургонро барои имрӯзиён ба мерос гузорад.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Ин нукта низ ошкор аст, ки ба чанде аз хонандагон шева ва забони баёни нависандаи ин сатрҳо писандида нест ва бо баҳонаи эрониву афғонистонӣ будани он, чизеро барои худ намехоҳанд бардоранд. Бояд бигӯям мо пайваста кушидаем дар навишторҳои худ, аз вомвожаҳову зӯрвожаҳои арабиву туркӣ ниҳоят кам кор бигирем, зеро зӯрвожаҳои арабӣ (яъне вожаҳои ба зурӣ ба форсиву тоҷикӣ ба бор оварда), ки бо овоҳои хашени сомӣ (арабӣ), ба сони айн (ع), ҳе (ح), қоф (ق) баён мешаванд, ба навои забони тоҷикӣ халал меоваранд. Ҳамзамон аз вожаҳои бо пасовандҳову пешовандҳои гумшудаи тоҷикӣ суханоройи шуда, кор бигирем. (Чуноне ки ба ҷойи «фаҳмидан, ё нафаҳмидан» мо менависем «даррафтан», ё «дарнарафтан», ба ҷойи «аз нав гуфтан», мо менависем «бозгуфтан», ба ҷойи «муҳаққиқ», ки дар ҳашт овоз се тояш «қ» мебошад, «пажӯҳишгар», ё «пажӯҳанда», ба ҷойи «қарн», ки ба гӯш монанди қар - қар меояд, «садсола», ба ҷойи «дубора дида баромадан», менависем «бозбинӣ» ва монанди он). Ин ҳама гуфтаниҳо дар осори бузургонамон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав фаровон ба кор бурда шудаанд ва дар гӯиши тоҷикони Афғонистону Эрон ниҳоят кам ба кор бурда мешаванд.

Хонандаи гиромӣ гумон набарад, ки ба ҳангоми овардани намунаҳо аз сурудаҳои бузургоне чун Низомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ, ки вомвожаҳои арабиро фаровон ба кор бурдаанд, ҳунари бемонанди сухансароии он нобиғаҳоро кам донистаем. Гуфтаҳои мо ишора бар он доранд, ки бубинед, то чӣ андоза гӯишгарони арабии аз фаросӯи рӯдҳо сарозер шуда кӯшидаанд то ҷойи забони форсӣ - тоҷикиро бигиранд, вале гарчи бузургонамон дар он замони чирамандии фарҳанги арабӣ, олудагиҳои бешумори забонро сайқалу полоиш дода андешаҳои ноб сурудаанд. Бо ин ҳама рӯҳи миллӣ бад - он сон рабуда шуда буд, ки беҳтарин нобиғаҳои тоҷику форс пай

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

намебурданд, ки ҷилави андешаи онҳо дар панҷаи бегонагони биёбонгард ва худиҳои асолатбохта буданд.

Диншиносии садсолаҳои ахир аз диншиносии асрҳои миёна, бар асари кашфиётҳои навини дусад соли ахир, каме тафовут пайдо кардааст. Яке аз сабабҳои ба ифротгароӣ пайвастани ҷавонон ва баъзе динпаноҳону дингустарон надидани пешравиҳои илми дунявӣ, шаку тардид бар дарёфтҳои навин ва тавсифу худбузу-ргбинии дарёфтҳои донишмандони ҳазорсолаҳои пешин мебошад.

Имрӯз иддае аз ҷавонони мо дар зери таъсири томгароёни динӣ бар он боваранд, ки ҳама кашфиёти замонаҳо ҳанӯз дар китоби осмонии «Қуръон» дарҷ гардидааст ва аврупоиён кашфиёти худро саросар аз китоби мусалмонон баргирифтаанд. Чунин худбузургбиниҳо бархоста аз кӯрии андеша ва ё обишхӯри дастгоҳҳои нифоқпешаву дасисакори хориҷӣ мебошанд. Лозим ба ёдоварист, ки ҳадаф аз нозил гаштани «Қуръон» интишори омӯзаҳоест, барои баровардани мардумон аз ҷаҳолати сиёҳ (ба вижа ҷаҳолати арабони кӯчӣ) ва тарбияи ахлоқии инсонҳо. Ва олимони илми динӣ, ки ба пиндори «ҳама кашфиёти замонаҳо дар Қуръон дарҷ гардидааст» бовар дошта, бояд дархӯри фаҳме бошанд, ки мебояд дарёфтҳояшонро бар пояи илм пеши рӯ оваранд, на тахминҳо, зеро он кашфиёт шомили далелҳои бешуморе мебошанд дорои ҳисобу рақамҳо ва формулу баҳам пайваста будани омӯзаҳо. (Яъне агар сухан аз қонуни ҷозибаи ҷаҳон, гравитатсия дар миён бошад, боясти он дарёфтаи қуръониро бо дарёфтҳои озмоишгоҳӣ (лабораторӣ) ва таҷзияҳои фаннӣ таҳлил намуд.) Мо дар замоне зиндагӣ ба сар мебарем, ки дониши мардуми Аврупо бо суръат пеш меравад. Ҳоло онҳо озмоишгоҳе ба дарозии 4 километр сохтаанд, ки афзорҳои дар он ҷойгиршуда лаппишҳои хурдтарини гравитатсиониро эҳсос мекунанд ва дар зимн таркиши нахустин, таърихи

космология, пайдоиши зиндагиро, эволютсияи системаи хуршедиро меомӯзанд. Дар назди худ пурсише гузоштаанд, ки чӣ гуна галактика ташаккул ёфтааст ва боз ба садҳо муаммоҳои офариниши курраи Замин посух меҷӯянд. Рӯзгоре дур нест, ки колайдери онҳо аз сатҳи болоии Замин то ба қаъри он расида, аз он тарафаш берун мебарояд. Аммо биниши динӣ ин ҳамаро инкор карда, ба асрори офариниши Замин тарҳи омиёна мебахшанд.

Нуктаи дархӯри таваҷҷуҳ ин аст, ки дини мо ба навсозӣ ва бозсозии ҳувияти миллӣ, гузашта аз ин ба бозёбии фарҳанги асили миллӣ коре надорад, бинобар ин моро мебояд боварҳои динии худро рангомезӣ карда онро бо арзишҳои давлатсозиву миллатсозӣ созгор кунем. Бояд аз ҷодуи истибдоди фикрӣ ва пиндорҳои дар замони имрӯза гумроҳибахш берун баромада дар пайи андешаи раҳоиш аз гиреҳҳои сарбастаи садсолаҳои 21 - 22 гашт. Ҷомеасозони ҳазоруанд сол пеш, ки бо номи калимаи «шариат» шеваи зиндагии мардумонро дар чаҳорчӯбаи биниши худ мехостанд ба назм дароваранд, барои зиндагии шоиста дар рӯзгорони мо ба як даста ноҳамгуниҳо роҳ додаанд. Бахше аз он ошуфтагиҳо аз маниши арабҳои биёбонгарди тоисломӣ бархоста, бахши дигарро фақеҳон ҳангоми шарҳи ояҳои муқаддас, аз рӯи диди худ берун баровардаанд. Чунончи кӯдакро (духтару бачагонро) аз хурдсолӣ ба ҷинсияташон ишора карда, духтаронро дар инҳитот (изолятсия) ҷой медоданд. Ва дар фарҷом зан дар он ҷомеа танҳо василаи айши мардон ва зояндаи фарзандон буд. Ҳамин аст ки ин ҷудоии аз ҷомеасозӣ дар канор мондани зан яке аз омилҳои вопасмонии Шарқи мусалмон аз кишварҳои Ғарб гардид. Ин ҳақиқат низ бояд гуфта шавад, ки ба никоҳ даровардани то чор зан на танҳо таҳқир ба эҳсоси занон мебошад, балки душворении равонӣ ва нобаробарии иҷтимоиро ба бор меоварад. (Агар баробарии иҷтимоиро

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

гиромӣ дошта ва низ биҳиштро зери пойи занон бигзорем, пас мебояд иҷоза дод, ки занон ҳам барои чор шавҳар доштан озод бошанд.)

Мо дар боло пиромуни бозтоби симои Искандари Макдунӣ дар адабиёти форс - тоҷик ба дарозгӯӣ роҳ додем ва ин дуруст аст. Инҷониб миллатеро надидаам, ки дар омӯзаҳои мактабиву донишгоҳии худ пайваста симои таърихии аҳриманиеро, ки ба Ватан ҳамла оварда занону кӯдаконро кушта, ба асорат бурда бошаду адибони фарҳехтаашон ба ситоиши ӯ садҳо вараќи китобро бахшида бошанд. Ин аз хомаи шахсе метавонад бичакад, ки дар банди занҷири ишғолгарон буда, зери шиканҷаи душманон аз ночорӣ сухангустарӣ карда бошад. Ё чунин корро адибе метавонад ба қалам оварад, ки ёде аз зодбуми падарӣ надошта ин мардум ва ин сарзаминро ба худ бегона дарёфта бошад. Ва ин пурсише ба устод аз шогирде буда метавонад ба гунаи «магар шоири адабиёти классикии мо душманпарвар буд, ки сарлашкари ҳамлаваронро ин қадар сутудааст?!» Гумон мекунам барои посух ба он шогирд, устод душвории ҷиддӣ хоҳад кашид.

Аммо бояд одамонро барои парастиши Ватан омӯзонд! Аз гаҳвора бояд омӯзонд! Барои ин овардани ҳикмате чун «Дӯстдории ватан ҷузви имон аст» (Ҳуб - ул - ватан мин ал имон), хеле кам аст. Мо Ватанро бо ҳарфи калон менависем, зеро Ватан Тоҷикистон аст. Ба ростӣ пас аз Ҳаким Фирдавсии ифтихори Ватан, дигар офарандагони сухан дар адабиёти классикии форс - тоҷик ҷойи ночизеро барои бузургдошти ватан мондаанд. Имрӯз низ омӯзиши «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ - ин саргузашти қаҳрамониҳои падарони мо, ин дастури меҳанпарастии моро гаҳе дар сафи дуюму сеюми андешаҳои ватанпарварӣ мегузоранд. Аммо то ҳанӯз касе аз адибони пешина ва имрӯзаи мо ба сони ин сатрҳои он нобиғаи даҳр насурудааст:

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш,
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем!![301]

Суруди ба Ватан бахшида бояд аз жарфнои дил баромада дилҳои дигаронро такон диҳад. Дар сархати ҳар андеша, ҳар гуфтору навиштор мебояд аз бузургдошти Ватан ёд кард. Америкоиҳо ҳатто дар сохтани бозичаҳои кӯдакон нақши ватанашонро ҷой медиҳанд. Русҳо на танҳо ишора ба ҳар дашту ҷангалу рӯду баҳру дарёчаи худ, балки ба ҳар дарахту буттаи ватанашон (берёза, калина, дуб, тополь, клён, ясень, черёмуха) таронаҳои ватандорӣ бахшида, ҳатто дар маъракаҳои шахсӣ онро месароянд. Руҳи русӣ ҳамеша онҳоро ҳамроҳ аст, ҳатто дар ибодаткадаашон усқуф пеш аз ҳама аз меҳри ватан ёдовар шуда, кишварашонро «Святая Русь» - Руси муқаддас ном мебарад.

Хеле хушнуд шудам, ки чанде пеш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба тасвиб расид. Ин қонуни сарнавиштсоз аст ва боясти татбиқи онро пайваста аз сарварони маориф, ҳама муассисаҳои таълимии миёна, олӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳову ноҳияву деҳот талаб кард.

Пешвои миллат мехоҳанд андешаи муҳандисӣ (инженерӣ) дар зеҳни ҷавонон ҷойгир шавад ва неруҳои истеҳсолӣ босавод гарданд, зеро бидуни ин саводнокӣ мо наметавонем барои ояндаи фарзандонамон замина гузорем.

Дар он рӯзгоре, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҳама вопасмониҳои андешаи

[301] «Шоњнома» (чопи форсї), љ. 3, с.261

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

муҳандисӣ - техникиро зери таҳлили мӯбинона қарор дода, биниши мардумро дар ду даҳсолаи оянда ба саноатӣ сохтани мамлакат равона кардааст, ҳанӯз ҳам тангназарони зиёде дар минбари омӯзишу парвариш ҷой гирифта, ба ҷойи омӯзондани дастовардҳои андешамандони Аврупо, ба сони микроэлектроникаи муосир, системаи магнитии стеллатор, сохтмони метатаҷҳизот, физикаи плазма, синтези термоядроӣ, телескопҳои кайҳонӣ, теодолити лазерии дорои 80 миллион дараҷа ҳарорати гармӣ, ва садҳо кашфиёти дигари садаи XXI, ҳуши ҷавононро ба «ирфонситоӣ», фалсафаи «қазову қадар», «тасаввуф бо шатҳиёти он» ва бофторҳои шохдор дар саргузаштҳои дурӯғини авлиёҳо, ба канор мебаранд.

Пеш аз анҷоми ин гуфторҳо мехоҳам биниши хонандаи гиромиро ба нуктаҳои дар мақолаи дар боло ёдшудаи профессор Саймумин Ятимов ҷалб намоям, ки хеле омӯзанда мебошад: «Агар мардум, аъзои ҷомеа дар муқобили эҳсосот ва андешаҳои бегонапарастӣ, ҳувияти миллӣ пайдо накунад, ба таърихи гузаштаи хеш, эътиқод ва эҳтироми фавқулода нагузорад, маҳз бар давлатдории миллӣ афзалият набахшад, оқибат бозичаи дасти бегонагон хоҳад гашт».[302]

Ҳамзамон аз худ мепурсем, ки ифротгароии динӣ магар идомаи ҳамон амри садсолаҳои рукуди маънавӣ нест, ки иддаи зиёди донишмандону унвонхоҳони донишсароҳои давлати дунявӣ дар тавсифи сӯфиёни хонақоҳӣ ва шайхони гумроҳ, андешаҳои ҷавононро аз биниши фанниву техникӣ ба канор мебаранд?!

Ин ҳақиқат низ бояд гуфта шавад, ки мо ҳанӯз ҳам натавонистаем андешаҳои илмиро аз биниши динӣ ҷудо кунем. Ҳанӯз ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ зиёданд омӯзгорони ба омӯзиши навҷавонон сарукор

---

[302] С. Ятимов, «Тавоно бувад, њар ки доно бувад», «Љумњурият» рўзномаи расмии давлатї, № 19 (24 630), 18 январи соли 2023, с.4

Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст

дошта, ки худ ғарқи таассуби динӣ мебошанд ва ба камтарин гуфтори ҷудо кардани боварҳои динӣ аз дарёфтҳои илмӣ, вокуниши бехирадона нишон медиҳанд.

Ҳамин буд сухани поёни нависандаи ин сатрҳо ва боварам бар он аст, ки ҷавонони донишхоҳ аз хондани навишторҳои пеши рӯ доштаашон, нуктаҳоеро барои худ бархоҳанд дошт.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Вожаҳо

**А**

| | | |
|---|---|---|
| **афоф** | | - покдоманӣ, бозистодан аз кори бад |
| **афвоҳ** | | - даҳонҳо, аз забон ба забон паҳн гаштани хабаре |
| **асмо** | اسماء | - ҷамъи исм, номҳо |
| **анфос** | | - ҷамъи нафс, нафсҳо |
| **эдғом** | | - иқрор гаштан |
| **ақтор** | اقطار | - ҷамъи қутр, ба маънии иқлим, ноҳия |
| **амсила** | | - мисол, ба маънии қисса, масал |
| **аёдӣ** | | - аз ядд, даст - дастҳо |
| **ахмосу** | | - панҷ шудан (аз хамс, яъне панҷ) |
| **аъшор** | | - аз ушр, яъне даҳяк |
| **амолат** | | - пас гардонидан, майл додан |
| **аҳвал** | | - каҷчашм, олӯс |
| **аҷам** | | - кару гунг, он ки арабӣ надонад |
| **аласcавия** | السويه | - баробар, яксон, бетафовут |

**Б**

| | | |
|---|---|---|
| **баъдулявм** | | - баъд аз, пас аз (гузашти чанд вақт) |
| **бақоъ** | | - пойдор мондан |

**Г**

| | | |
|---|---|---|
| **гувд** | كود | - амиқ, жарф, чуқур (гувдол - чуқурӣ) |

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

**Д**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **доъӣ** | | - | дуокунанда, талабкунанда, хоҳанда |
| **доъия** | | - | сабаб, ангеза, хоҳишу ирода |

**З**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **зироъ** | زراع | - | воҳиди андозагирии қадим аз оринҷ то сарангушти мард. |

**И**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **итлоқ** | | - | таалуқ, пайвастагӣ доштан, алоқа доштан |
| **иҷобат** | | - | посух додан, ҷавоб додан |
| **изъоф** | اضعاف | - | заъиф, сустӣ |
| **Иъонат** | اعانت | - | ёрӣ кардан, ёрӣ додан |
| **итроъ** | اطراء | - | муболиға кардан дар мадҳи касе |
| **истишора** | | - | машварат кардан |
| **истишъор** | | - | пинҳонӣ дар дил тарсиданистихшош |
| **истихшош** | | - | ғашдор, омехташуда, ғайрихолис |
| **истихфоф** | | - | аз хафиф, сабукӣ хостан |
| **истихора** | | - | беҳбудӣ хостан аз худованд |
| **истиҳола** | | - | талаби муҳол кардан |
| **иҷтиноб** | | - | дур гирифтан, дурӣ ҷустан |
| **иқтидо** | | - | пайравӣ кардан, тақлид, аз пушти касе намоз гузордан |

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

| | | |
|---|---|---|
| **иртиҳол** | | - реҳлат кардан, кӯч кардан |
| **истинод** | | - баргирифта аз санад, такя кардан бар чизе, санаде |
| **инқизо** | انقضاء | - сипарӣ шудан, нобуд гардидан |
| **истеҳқоқ** | **استحقاق** | - ҳақ доштан, сазовор шудан |
| **исқот** | **اسقاط** | - афкандан, партофтан, ҳар чизи бекораву куҳна |
| **интисоқ** | | - назм пазируфтан, пароканда шудан, муназзам шудан |
| **интисоб** | | - барпо хостан, барқарор шудан |
| **инҷимод** | | - ҷомид шудан, ях бастан, баста шудан ба касе ё чизе |

Л

| | |
|---|---|
| **лоянсараф** | - сарфнашаванда |
| **лаҳаб** | - шӯълаи оташ |

**М**

| | |
|---|---|
| **маҷомеъ** | - ҷамъи маҷмаъ |
| **малакут** | - олами ғайб |
| **маъоф (муъоф)** | - баргирифта аз афв, бахшудан |
| **мавоид** | - хони пуртаом |
| **марфуъуттабъ** | - табъи баланд |
| **маслубуляд** | - дасти гиро, дасти тавоно |
| **мусораъат** | - шитоб кардан |
| **масқитурраъс** | - ватане, ки дар он ҷо |

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | таваллуд шуда бошад |
| **маъҳуд** | | - | қадим, куҳна, паймон карда, аз аҳд |
| **маношир** | | - | фармонҳои шоҳӣ |
| **маҳови** | | - | дарбар гирифтаҳо, фаро гирифтаҳо |
| **маҳзур** | | - | ҳозир шудан, ба ҷойи муайян омадан |
| **мулотафат** | | - | бо касе некӯӣ кардан |
| **мурравеҳ** | مروح | - | бодзананда, марваҳа |
| **мутақассим** | | - | тақсим шуда |
| **мунқатеъ** | | - | ҷудо, қатъ, бурида шуда |
| **мустазид** | مستزد | - | зиёд шудан, афзун гаштан |
| **машоҳир** | | - | ҷамъи машҳур, машҳурон |
| **муштамир** | | - | ба шумор гирифта |
| **муштаҳар** | | - | шуҳратёфта, шуҳратёр |
| **маъдуд** | | - | шумурда шуда, шуморида |
| **маъсур** | | - | душвор |
| **мидҳат** | مدحت,مدح | - | он чӣ бо он касеро биситоянд - ситоиш |
| **маъраз** | | - | ҷойи нишон додани чизе, намоишгоҳ |
| **мафқуд** | | - | гум шуда, гум карда, нопадид |
| **мудово** | | - | дармон, даво кардан |
| **муртафеъ** | | - | иртифоъ, баландӣ |
| **муставлӣ** | | - | чираманд, касе, ки бо чизе дастрасӣ ёбад |

**Н**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **наҳв** | | - | мисли, монанди, илми |

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | нахв |
| **нахвӣ** | | - | донандаи илми нахв |
| **ориза** | عارضه | - | он чӣ ки барои инсон пеш ояд (беморӣ, ҳодиса) |
| Р | | | |
| **росих** | | - | устувор, побарҷо |
| **С** | | | |
| **саъб** | | - | душвор, мушкил |
| **сатр** | | - | пӯшида, пардапӯш |
| **суъуд** | | - | ҷамъи саъд, муборак, хуҷаста |
| **силлот** | | - | ҷамъи сила, яъне ҷоиза, эҳсон кардан |
| **Т** | | | |
| **табъиз** | | - | баъзеро ба баъзеи дигар бартарӣ бахшидан, ҷудо кардан |
| **такаллуф** | | - | ба худ ранҷ додан, коре ба машаққат кардан |
| **тарҳиб** | | - | марҳабо гуфтан, хуш омадед гуфтан |
| **тарҳим** | | - | меҳрубонӣ кардан |
| **тақоъуд** | **تقاعد** | - | аз коре бозмондан, бознишастагӣ |
| **тафаҳҳус** | **تفحص-** | - | ҷустуҷӯ кардан |
| **тафарруҷ** | | - | аз тангиву душворӣ раҳоӣ ёфтан |
| **таҷаннуб** | | - | дур шудан, дурӣ ҷустан |
| **талаққӣ** | | - | мулоқот кардан, пазируфтан |
| **тамвиҳот** | **تمويهات** | - | суханҳои тамаллуқ ва фиреб гуфтан |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **тавқеъот** | | - | ба маънии дастхат ва нишонии подшоҳ |
| **тазйин** | | - | зиннат, ороиш додан |
| **тачаллиёт** | | - | аз чило |
| **Ш** | | | |
| **шаворид** | | - | парешониҳо, рамандагон |
| **шеёф** | | - | доруи чашм |
| **шуун** | **شئون** | - | мақом, мартаба, оин |
| **шуҳур** | | - | моҳҳо, шаҳрҳо |
| Ғ | | | |
| **ғавот** | | - | гумроҳон |
| **ғамом** | | - | абр, саҳоб, абри сафед |
| **Қ** | | | |
| **қосир** | | - | кутоҳкунанда, гунаҳкор, айбдор |
| **қоси** | **قاسی** | - | сангдил, бераҳм |
| **Ч** | | | |
| **чуқа (чуқа, чуха)** | | - | даста, гурӯҳ |
| **Ҳ** | | | |
| **ҳарам** | | - | гирдогирди хонаи Каъба, андаруни хонаи ашрофон |
| **ҳиял** | **حیل** | - | чамъи ҳила, макр, дасиса |
| **ҳубут** | | - | фуруд омадан, монанди ҳубути офтоб, ҳубути моҳ |
| **ҳибола** | **حباله** | - | банд, ҳиболаи никоҳ, қайди заношӯӣ |
| **ҳижабр** | | - | шер |
| **ҳучарот** | | - | чамъи ҳучра, ҳучраҳо |

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

# Феҳристи сарчашмаҳо;

1. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост, Душанбе, Шарқи озод, 2001
2. Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикон дар оинаи Таърих. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, 2009
3. Б. Г. Гафуров, «Таджики», Москва, издательство «Наука», 1972
4. Абдулҳусайни Зарринкӯб, Ду қарни сукут, Теҳрон, Интишороти Амири Кабир.
5. Абулқосим Фирдавсӣ, «Шоҳнома», Душанбе «Адиб», 1991, ҷ.I - IX.
6. Абурайҳони Берунӣ, «Осор-ул-боқия», Д. 1990
7. Абубакр Муҳаммад Наршахӣ, Таърихи Бухоро, Теҳрон, 1387/2008
8. Абуисҳоқ Иброҳим ибни ал - Истахрӣ, «Китоб ал-масолик ва-л-мамолик», ба эҳтимоми Эраҷ Афшор, Т.,1368 /1989.
9. Абулкаломи Озод, «Куруши кабир - Зулқарнайн» - (ба хати тоҷикӣ баргардони профессор Раҳмоналӣ Мирализода), Душанбе Адиб, 2019.
10. Абусаиди Гардезӣ, «Зайн - ул- ахбор, тарҷума ва тасҳеҳи Абдулҳай Ҳабибӣ, Теҳрон Дунёи китоб 1363/1984.
11. Авасто, тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошим Разӣ, Теҳрон, интишороти Беҳҷат, соли 1388/2009.
12. Алии Мирфатрус, Мулоҳизоте дар таърихи Эрон, Париж, 1988
13. Алиакбар Сарфароз, Бахман Фирӯзмандӣ, «Мод, Ҳахоманишӣ, Ашконӣ, Сосонӣ», Т., 1373 /1994.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

14. Артур Кристенсен, «Эрон дар замони Сосониён», тарҷумаи Рашид Ёсумӣ, Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1367/1988.
15. Артур Кристенсен, Маздопарастӣ дар Эрони қадим, тарҷумаи доктор Муссафо, нашри Теҳрон Чашма, с. 1380/2001.
16. «Асрор – ул – тавҳид фи мақомот ашшайх Абисаъид Муҳаммад бини Мунаввар, Т. 1342/1963.
17. Аҳмад бинни аби Яъқуб, Таърихи Яъқубӣ, Т.,1341/1962.
18. Аҳмади Касравӣ, Сӯфигарӣ, Т. 1323/1944.
19. Аълохон Афсаҳзод, Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - и Абдураҳмони Ҷомӣ, Душанбе «Дониш», 1970.
20. Балъамӣ, Таърихи Табарӣ, таҳияи. М.Умаров, Ф. Бобоев, Д. Қаноатов, Душанбе «Паёми ошно», с. 2001
21. Бартольд В. В. «Обёрӣ дар Туркистон», тарҷумаи Карими Кишоварз, Т.1350/1971.
22. Бартолд, Таърихи муғул дар Эрон, тарҷумаи Маҳмуди Мирофтоб, Теҳрони илмӣ ва фарҳангӣ, чопи 9, соли 1376/1997.
23. Бобо Назар Ғафор, Кеши Зардуштӣ, Маҷмуаи мақолаҳо дар зардуштизм ва масоили марбути он, Душанбе «Ирфон», 2001
24. Бузург Алавӣ, Таърих ва таҳаввули адабиёти ҷадиди Эрон, Муассисаи интишороти Нигоҳ, Т. 1386/2007
25. Вольдемар Балязин, «Мудрость тысячалетий», Энциклопедия, М., 2001, стр. 88
26. Гумилёв Лев Николаевич, Древняя Русь и Кипчакская степь в 945 - 1225 гг., Тезисы докладов и сообщений географической конференции - Алма Ата, 1980.
27. Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Тазкиратушшуаро»,Теҳрон Чопхонаи Ховар, 1338/1959.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

28. Дастғайб Абдулалӣ, Ҳуҷуми урдуи муғул ба Эрон, Теҳрон Илм, с. 1367/1988.
29. Джеймс Мориер, Похождения Хаджи Бабы из Исфагана, М, 1989.
30. Иноятулло Ризо, «Эрон ва туркон дар рӯзгори сосониён», Т.1381/2002
31. Комил Бекзода, «Истиқлол ва дунявият аз дидгоҳи китоби
«Ҷаҳонбинии оянда ва бархурди андешаҳо», дар сарсухани китоби номбурда, Душанбе «Дониш», 2015
32. Куруши Ҷаннатӣ, Вомвожаҳо ва зӯрвожаҳо, azdaa@parsianjoman.org, 2014/11/06
33. Литвинский Б. А. «Саки, которые за Согдом», Труды А.Н. Тадж. ССР, 1960, том 120.
34. Мансур Растагори Фасоӣ, «Фирдавсӣ ва ҳуввиятшиносии эронӣ», Теҳрон 1381/2002.
35. Манучеҳри Муртазавӣ, «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома», Т.1382/2003.
36. Морган Девид, Эрон дар қуруни вусто, тарҷумаи Аббоси Мухбир, Теҳрон, Тарҳи нав, 1373/1994.
37. Матҳар бинни Тоҳири Муқаддисӣ, Офариниш ва таърих, (бо тарҷумаи Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ), Т., 1390/2011.
38. Маҳмудии Бахтиёрӣ, «Шоҳнома» обишхӯри орифон, Т.1377/1999
39. Муртазо Мутаҳаррӣ, Хадамоти мутақобили Ислом ва Эрон, Душанбе, 2007.
40. Муҳаммад бинни Ҷарири Табарӣ, «Таърихи Табарӣ», ҷ. II, аз арабӣ баргардони Абулқосими Поянда, интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, Теҳрон, 1352 /1973.


*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

41. Муҳаммад Форуқи Фарқонӣ, Муқоисаи авзоъи шаҳрҳои Хуросон дар қабл ва баъд аз ҳамлаи муғул, Теҳрон Донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ 1379/1990.
42. Муҳаммад Алии Саҷодия, «Пажӯҳише дар табори муштараки эрониён ва турониён», Т.1378 /1999.
43. Муҳаммад Ҷаводи Машкур, «Ҷуғрофиёи таърихии Эрон», Т.,1371/1992.
44. Низомии Ганҷавӣ, Хамса, Душанбе «Адиб», 2012
45. Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX - XIV, «Амри илм», 1999.
46. Пигулевская Н.В., Якубовский А. Ю, Петрушевский И.П., Беленитский А М., Таърихи Эрон, тарҷумаи Карими кишоварз, Теҳрон, 1363/1984.
47. Плано Карпини, История Монгалов, Москва «Мысль», 1997.
48. Пьянков И. В., «Бактрия в античной традиции», Д. 1982.
49. Расули Раҳин, Ягонагии забони форсӣ дар деҳкадаи ҷаҳонӣ, Интишороти Шифо, 1389/ 2010.
50. Рене Гроссе, «Императории саҳронавардон», Т. 1368/1989.
51. Ричард Фрай, Наследие Ирана, Москва Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 2002.
52. Савфавӣ Саид Ҳасан, Искандар ва адабиёти Эрон, Теҳрон нашрияи Амири Кабир, соли 1364/1985.
53. Саймӯмин Ятимов, Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад., (Андешаҳо пиромуни Паёми Пешвои миллат), рӯзномаи расмии «Ҷумҳурият», № 19 (24 630), 18 январи соли 2023.
54. Сайид Муҳаммад Дабир Сиёқӣ, Зиндагиномаи Фирдавсӣ ва саргузашти «Шоҳнома», Теҳрон Нашри Қатра, соли. 1383/2014.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

55. Сайид Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ, Достонҳои паёмбарон, ё Қиссаҳои Қуръон аз ҳазрати Одам, то ҳазрати Муҳаммад - Қиссас - ул - анбиё, Т., 1380/2001.
56. Струве В. В., «Поход Дария на саков - масагетов», М., 1959.
57. Табарӣ Абдулло Ҳабибулло, Андешаҳо: таълифоти пажӯҳиши илмӣ ва таҳқиқотӣ, Душанбе «Промэкспо», 2020.
58. Табарӣ Абдулло Ҳабибулло, Нигоҳе ба ошуфтагиҳо дар таърихи илм, Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 10 марти с. 2021, №№ 50 – 51 (24 – 137, 138).
59. «Таърихи Ҳеродот», тарҷумаи Ваҳид Мозандаронӣ, Т.1324 / 1945.
60. Хондамир, Таърихи Ҳабиб - ус - сияр, ҷ. I - IV, зери назари доктор Дабир Сиёқӣ, Теҳрон, Интишороти Хайём, 1380/2001
61. Фарид-ад-дин Муҳаммад бинни Иброҳим Аттор, «Тазкират – ул – авлиё», Т. 1395/2016.
62. Шарафиддини Яздӣ, «Зафарнома», ҷ. I - II, Т.1381/2002.
63. Шафеъи Кадканӣ Муҳаммад Ризо, Навишта бар дарё. Аз мероси ирфонии Абулҳасани Харақонӣ, Теҳрон Сухан, 1384/2005.
64. «Шоҳнома» и Фирдавсӣ, (ба тасҳеҳи Жул Мул), Теҳрон интишороти «Мелод», 1379 /2000.
65. Шоҳрухи Максуб, Ҳамосаи дод, Т., 1384/2005.
66. Шуховцев В., «Туран» (К вопросу о локализации и содержании топонима.), Сойти итернетӣ: «Литературный словарь».
67. Ҷалол Холиқии Мутлақ, «Гулранҷҳои куҳан» (Баргузидаи мақолот дар бораи «Шоҳнома» и Фирдавсӣ), Теҳрон нашрияи «Сулс», 1388 /2009.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

68. Ҷалилов А., Суғд дар арафаи ҳамлаи арабҳо, Сталинобод, 1960
69. Ҷувайнӣ Атомалик, Ҷаҳонкушой, тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ, Теҳрон Дунёи китоб, с. 1385/2006.
70. Ҳақназар Назаров, К истории происхождения и расселения племён и народов Центральной Азии, Душанбе 2004.
71. Ҳошим Разӣ, «Зартушт ва таъолими ӯ», Т.,1360 /1981
72. Ҳусайн Каримон, «Пажӯҳише дар «Шоҳнома», Т.,1379/1980.
73. Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ, «Марзҳои Эрон ва Турон», Т.1376/1997.
74. Ҳайдар Пири Алил, Назарияи тамаддун дар ислом ва сабабҳои қафомонии мусалмонон, тарҷумаи Рамазон Ризоӣ, Нашри Ахтар 1394/2015.
75. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, Таърихи гузида, Теҳрон, 1387/2008.
76. Ғолиб Ғоибов, Таърихи Хатлон. Аз оғоз то имрӯз, Душанбе Дониш, 2006.
77. Ғуломҳусайн Бегдилӣ, «Чеҳраи Искандар дар «Шоҳнома» и Фирдавсӣ ва «Искандарнома» - и Низомӣ, Т.1369/ 1991.
78. Эдвард Браун, Таърихи адабиёти Эрон аз Сафавия то ҳозир, ҷ. IV, Теҳрон Марворид, 1375 /1996.
79. Эҳсон Ёршотир, «Сарзамини моро «Форс биномед, на Эрон», баргардон ба забони форсӣ Муҳаммадсолими Спартак, «Торнамои Ховарон».
80. Юсуфшоҳ Яъқуб, Религия древнего Согда, Душанбе Дониш, 1996.
81. Яздонпараст Ҳамид, Фарҷом ва паёмади ийлғори муғул, Маҷаллаи «Кайҳони сиёсӣ - иқтисодӣ», 1390 / 2001.

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

82. Ҳомиди Қаннодӣ, Даромаде бар полоиши забони порсӣ, Порсӣ Анҷуман, Сайти интернетӣ azdaa@parsianjoman.ir

Муҳаррири китоб Зайдуллоева Бахтиҷамол.

Расcом - рассоми халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаҳои Шӯрои вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷоизаи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Сабзаалӣ Шарифзода

Ба чоп…...2023 имзо шуд.
Андозаи …………..
Нашриёти ………..
ш. Душанбе, ……..

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*

*Ин китоб аз сомонаи kitobkhon.net боргирӣ шудааст*